АХЛОҚИ МЎҲСИНӢ

САРГУЗАШТИ ҲОТАМ

ТЎТИНОМА

ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ЭНСИКЛОПЕДИЯИ НАСРИ ТОҶИКУ ФОРС



САРРЕДАКСИЯИ ИЛМИИ ЭНСИКЛОПЕДИЯИ МИЛЛИИ ТОҶИК
ДУШАНБЕ 2009

ББК 83. 3 (0) 9+83. (2 тоҷикӣ) + 92Я2
Э – 60



Нусхаи ҳатмӣ

Масъули нашр
Аличон Курбонов

Муҳаррири масъул
Баҳодур Раҳматов

ЭНСИКЛОПЕДИЯИ НАСРИ ТОҶИКУ ФОРС
(«Ахлоқи Мӯҳсинӣ», «Саргузашти Ҳотам», «Тӯтинома»)
Иборат аз як китоб. Душанбе. Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, с. 2009. 404 сах.

АЗ НАШРИЁТ

Китоби нав аз силсилаи «Энсиклопедияи насри тоҷику форс» бо фарогирии китобҳои панду ахлоқии «Ахлоқи Мӯҳсинӣ», «Саргузашти Ҳотам» ва «Тӯтинома» ба табъ расид, ки бехтарин намунаи насри классикии тоҷику форс буда, осонфаҳм, равон, дилрас, ҷаззоби пандомез аст.

Китоб аслан аз рӯи нашрияҳое, ки солҳои пешин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида буданд, рӯнавис шуда дар дигар сохту андоза муқовабандиву саҳҳофӣ гардида баъзе иштибоҳҳои нашрҳои пештара ба тавассути мукоисаву мукобала бо дигар нашрҳо ва минҷумла нусхаҳои хаттии форсӣ ҳадалимкон ислоҳ карда шуданд.

Ҳамчунин дар тадвину таҳияи матн қоидаҳои нави имлои забони адабии муосири тоҷик риоя гардиданд.

Китоб хосатан барои хонандагони макотиби Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия мешавад.

ISBN 978-99947-33-24-8

©САРРЕДАКСИЯИ ИЛМИИ ЭНСИКЛОПЕДИЯИ МИЛЛИИ ТОҶИК

БА ҶОИ САРСУХАН

Ҳанӯз аз ибтидои солҳои 80-уми асри гузашта Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик ба тадвину тахияи силсилакитобҳои Энсиклопедияи насри форс-тоҷик ба забони русӣ пардохта буд. Ин амали нек ду ҳадаф дошт: аввалан тавсеаи фаъолияти Сарредаксия бо дарназардошти маъруфияти он ва дигар ҷиҳати огаҳии бештари алоқамандони адабиёти форсӣ-тоҷикии русзабон аз намунаҳои насри классикии тоҷику форс. Дар ин росто ду китоб, ки ҳар яке дар чилди хеш се китоб дошт, аз қабили «Қобуснома»-и Унсурулмаолӣ Кайковус, «Синбоднома»-и Муҳаммад Заҳири Самаркандӣ, «Афсонаҳо» ё ҳуд «Саргузашти Ҳотам», «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Баҳористон»-и Ҷомӣ ва «Тӯтинома»-и Зиёуддини Нахшабӣ бо теъдоди бисёр аввалан дар шаҳри Москва ва сипас дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон ба чоп расида дар андак муддат хеле машҳур гардиданд.

Ба идомаи ин ибтикор Сарредаксия тасмим гирифт, ки ҳамин китобҳо ва дигар китобҳои ҳаммонандро минбаъд ба забони тоҷикӣ дар ҳамон силсила ба табъ расонад. Ин буд, ки аввал ҳафт қисми (китоб) «Самаки айёр» дар ду мучаллад ва чор китоби «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ дар як чилд аз нашр баромаданд. Инак, Сарредаксия «Ахлоқи Мӯҳсинӣ», «Саргузашти Ҳотам» ва «Тӯтинома»-ро низ дар як чилд барои нашр омода намудааст.

«Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ дилангезтарин ва маъруфтарин асари андарзист. Он соли 1500 эҷод шуда ба Абдулмӯҳсин Мирзо – писари Ҳусайн Бойқаро бахшида шудааст.

«Ахлоқи Мӯҳсинӣ» аз чил боб иборат буда, бобҳояш дар мавзӯъҳои ибодат, ихлос, шукр, сабр, ризо, таваккул, ҳаё, иффат, адаб, ҳиммат, азм, чидду чаҳд, субот, адл, афв, ҳилм, некӣ, шафқат, саховат, эҳсон, тавозӯъ, эҳтиром, вафо ба аҳд, дурандеш ва амсоли инҳо ҳикоятҳои андарзомези ҷолиб доранд.

«Саргузашти Ҳотам» намунаи ниҳоят хуби насри ривоятии тоҷик буда, бо номҳои «Қиссаи ҳафт сайри Ҳотами Тойӣ» ва «Ҳафт саргузашти Ҳотам» низ дар байни мардуми Осиёи Марказӣ маъруфу машҳур аст. Ин китоб дар масири асрҳои XVIII – XIX ба аксари забонҳои Шарқи Наздику Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ба забонҳои ҳиндӣ, урду, туркманӣ, ӯзбекӣ тарҷума шудааст. Ҳамчунин дар Европа ба англисӣ ва порчаҳои алоҳидаи он ба русӣ низ тарҷума шудаанд.

Аэбаски дар байни таҳрирҳову ривоятҳои гуногуни «Тӯтинома»-и Нахшабӣ машҳуртаринашон «Тӯтинома»-и Муҳаммад Худованд Қодирӣ мебошад ва он маъруфтарин «намуди тоҷикии» (таъбири донишманд А. Алимардонов) асари Нахшабист, интихоб низ ба ин китоб қарор гирифт. Вале «Тӯтинома»-и Қодирӣ бо вуҷуди таҳрири бевоситаи асари Нахшабӣ буданаш, бо баъзе хусусусиятҳояш аз он фарқ дорад. Китоби «Тӯтинома» монанди як қатор асарҳои насрии ривоятии дигар ба тарзи «достон дар достон» ё «ҳикоят андар ҳикоят» мураттаб гардидааст.

«Тӯтинома»-и Қодирӣ бо забони содаву оммафаҳм ва дар шакли ҳикоятҳои хурд-хурди дилангез таълиф гардидааст, ки зуд ба дили хонанда роҳ меёбад.

«Тӯтинома»-и Қодирӣ низ мисли китобҳои фавқуззикр ҳанӯз аз ибтидои асри XIX ба чандин забонҳои дунё, аз ҷумла ба забонҳои ҳиндӣ-урду ва бенголӣ, пушту, ӯзбекӣ, туркманӣ, англисӣ, франсузӣ, немисӣ ва русӣ борҳо тарҷума гардидааст.

Сарредаксияи илмии
Энсиклопедияи Миллии Тоҷик

АХЛОҚИ МЎҲСИНӢ



ДАР ШУКР

Он (шукр) сипосу ситоиш бошад ҳар мунъимро, чун салтанат бузургтарин неъматҳост, пас султон бояд, ки ба шукргузорӣ ва сипосдории ин неъмат киём намояд ва шукр ҳам ба дил бошаду ҳам ба забон... Ҳар узверо аз аъзо ва тоате, ки бад-он узв махсус аст, машғул гардонад: масалан, тоати чашм он аст, ки назар дар мухолифот ба ибрат кунад ва дар уламову сулаҳо (некмард) ба назари ибрат бингарад ва дар заифону зердастон ба шафқат нигоҳ кунад. Тоати гӯш истимои калом ва ахбору қисаси акобирон ва панду насоеҳи машоих ва аҳли яқин аст. Тоати даст эҳсон ба фақирону мӯҳточон. Тоати пой рафтан ба мавзеи дарвешону гӯшанишинони бетамаъ ва зиёрати уламо мебошад. Шукргузорӣ сабаби зиёдии неъмат аст:

Шукр сӯи шаҳри саодат барад,
Ҳар кӣ кунад шукр зиёдат барад.

Овардаанд, ки Султон Санчари мозӣ (гузашта) дар дехе мегузашт, хирқапӯше бар сари роҳи ӯ истода буд, салом кард ва Султон чизе мехонд сар чунбонд ва ба забон чавоби вай нагуфт. Дарвеш гуфт: – «Салом кардан суннат аст ва чавоб додан фарз. Ман суннат ба ҷой овардам, ту чаро тарки фариза кардӣ?» Султон аз рӯи инсоф ва салобат инон баркашид ва баэътироз даромада фармуд, ки эй дарвеш, ба шукргузорӣ машғул будам аз чавоби ту ғофил гаштам:

Аз мох то ба моҳиву аз арш то ба фарш,
Ҳар заррае ораз шуда мустағриқи наим.

Дарвеш пурсид, ки ба чӣ навъ шукр мегуфтӣ? Султон чавоб дод, ки шукри чамии неъматҳо мекардам. Дарвеш гуфт: – «Эй султон, ту тариқи сипосгузорӣ намедонӣ ва вазифаи шукргузорӣ ба ҷой намеорӣ, ки рӯзгори давлати туро ҳосилу айёми шавкати туро шомил аст ва шукр на ҳамин бошад. Шукр он аст, ки ҳар чӣ дорӣ, шукре, ки муносиби он аст, ба ҷой орӣ.» Султон Санчар илтимос намуд, ки маро бар он мутталеъ (вокиф) гардон ва дарвеш гуфт: – «Шукри салтанат адл аст бар умуми оламиён. Эҳсон бо чамии одамиёну тамаъ накардан дар амлоки раият ва шукри фармонравоии ҳақ хидмати фармонбарон шинохтан ва шукри баландии бахту бисёрии иқбол бар афтодагони хоки манзалат раҳм кардан ва шукри маъмурӣ хазонаи садақоти хайротро чихати аҳли истеҳқоқ муфрад доштан ва шукри қудрату қувват бар очизон ва заифон бахшудан, шукри сӯҳбати беморони ситамрасидаро аз қонуни адл шафоат фармудан ва шукри бисёрии лашкару сипоҳ осеби эшон аз мусулмонон дур сох-

тан, шукри иморатҳои олӣ ва боғҳои биҳиштоин масокину мазомини раиятро аз нузули (фуруд омадан) ҳаламу ҳашам маоф доштан ва хулоса, шукргузорӣ он аст, ки дар ҳоли ҳашму ризо чониби ҳак фурӯ нагузорӣ ва осоиши халкро бар осоиши худ мукаддам дорӣ:

Наосояд андар диёри ту кас,
Чу осоиши хеш хоҳию бас.

Султон завқи суханони он дарвеш дарёфта, хост, ки аз маркаб фуруд ояд ва вайро зиёрат кунад, чун нек нигарист ҳеҷ чо дарвешро надид ва касе аз вай нишоне надод. Бифармуд, то ин калимотро ба оби зар навиштанд ва дастуруламали рӯзгори худ сохт:

Панди ҳаким сайқали сонаи дил аст.
Максуди ҳар ду олам аз он панд хосил аст.

ДАР САБР

Сабр сифати багоят мақбул аст. Таърифи сабр ҳамин аст, ки ба мазмуни он дар ахбор омадааст...

Сабр бехтар мардро аз ҳар чй хаст,
То биёбад бар муроди хеш даст.

Ҳар кй дар тирборони ҳаводис сипари сабр дар сар кашад, зудтар ҳаданги умедаш ба ҳадафи мурод бирасад. Зеро ки сабр мифтоҳи кор аст ва дари хонаи роҳаш чуз ба-д-ин калид накушоянд. Дар калимоти мулуки Туркистон овардаанд, ки Афросиёб мардуми худро гуфт, ки ба ҳайсияти шафқати эшон фирефта машавед ва ба лофе, ки зананду даъвое, ки кунанд, мағрур магардед, то вақте ки эшонро биозмоед ба сабру пойдорие, ки агар бар маҳаки сабр тамоми айёрандешонро ба мардонагй эътибор кунед:

На ба даъвоет кадру қимати мард,
Қимати мард сабр донад карл.

Овардаанд, ки рӯзе яке аз умаро пеши подшоҳе истода буд ва шоҳ ба ӯ дар муҳиме мушоварат мефармуд. Қазоро каждуме дар пероҳани ӯ афтода буд ва ҳар соат амирро мегазид ва ба неши захролуди худ зарар мерасонд, то вақте ки неши вай аз кор биафтод ва ҳар заҳре, ки дошт ба кор бурд. Ва он амир мутлақан дар он мушоварат қатъи сухан накард ва тағйире дар ӯ зоҳир нашуд ва суханаш аз конуни ақлу ҳукумат инҳироф наёфт. То ба хона омад ва он каждумро аз чома берун кард. Ин хабар ба подшоҳ расид, мутааччиб ва мутаҳайир гашт. Рӯзи дигар, ки амир ба мулозимати султон омад, фармуд, ки дафъи зарар аз нафс воҷиб аст. Ту чаро дирӯз озори акрабро аз худ мундафеъ насохтй? Ҷавоб дод, ки ман он наям, ки шарафи муколамаи чун ту подшоҳеро ба сабаби алами захри каждуме катъ кунам ва агар имрӯз дар мачлиси базм бар неши каждуме сабр натавонам кард, фардо дар маъракаи разм ба теги захробдодан душман чй гуна сабр тавонам кардк?

Подшоҳро ин сухан хуш омад ва мартабаи ӯро баланд гардонд ва ба-д-он миқдор сабр, ки кард, ба муроду максад расид:

Гарат чу Нухи Набӣ сабр ҳаст дар ғами тӯфон,
Бало бигардаду коми ҳазорсола барояд...

ДАР ТАВАККАЛ

Он (таваккал) дил бардоштан аст аз асбоб ва таваччуҳ намудану кифояти корҳои худро талабидан. Ҳар кӣ кори худро батаваккал гузорад, ҳама кори ӯ ба равнақи дилхоҳ сохтаву пардохта гардад.

Подшоҳро лозим аст, ки дар ҳама ҳол расми таваккал фаро нагузорад...

Овардаанд, ки рӯзе подшоҳе аз олиме пурсид, ки нусрати аҳли имон дар чанд чиз аст? Гуфт: – «Дар ду чиз аст, яке дар адои намоз ва яке таваккал бар карами корсоз.» Подшоҳ бинои кори худ ба-д-ин ду чиз ниҳод ва ин ду хислатро одат кард. Ногоҳ ӯро душмане падид омад ва бо лашкари гарон рӯй ба дорулмулки вай овард. Ӯ низ бо сипоҳе, ки дошт, мутаваччеҳи хасм шуд. Чун наздики якдигар расиданд ва муҳим бар ҳарб қарор гирифт, шабе, ки рӯзи он масоф муқаррар буд, он подшоҳ ҳама шаб намоз мекард ва яке аз ургони (ходимони) давлат гуфт: - «Ин замон биосой, ки фардо рӯзи масоф аст.» Гуфт: – «Ман имшаб кори худ мекунам ва фардо кор ба таваккал аст. Маро бо он хеч нест ва дар он ҳеч гуна ихтиёре на.» Гуфт: – «Пас, таҳияи асбоби ҳарб кун ва маъракаи қаттолро омода бош.» Гуфт: – «Зиреҳи таваккал пӯшидаам ва кори худ ба вакили лутфи ҳақ боз гузоштаам...»

Субҳ, ки сафи масофро рост карданд ва ҳар ду лашкар дар баробари якдигар саф кашиданд. Дарҳол, ки чашми сипоҳи хасм бар чатру дирояти (зиракӣ) подшоҳи ботаваккал афтод, инони ихтиёр аз қабзаи иқтидори эшон бурун рафта, ҳазиматро ғанимат шумурда, рӯй ба гурез ниҳоданд:

Субҳи зафар аз машриқи уммед баромад,
Асҳоби ғаразро шаби савдо ба сар омад.

ДАР ҲАЁ

Он (ҳаё) хислати шариф ва сирати мақбул аст. Ҳаёро шохе аз дарахти имон гуфтаанд, ҳаё аз шароити назми олам аст. Агар сифати шарм аз миён барафтад ва ҳеч касро аз ҳеч кас шарм набошад, низоми ҷаҳон халал пазирад ва масолеҳи халоиқ аз якдигар фурӯ резад. Аммо сифати ҳаё намегузорад, ки ҳар кас ҳар чӣ хоҳад, бикунад:

Сафшикани қалби маноҳӣ[1] ҳаёст,
Роҳзани ҳайли малоҳӣ[2] ҳаёст.

Пас, маълум шуд, ки хосу омро аз ҳаё фоидаи тамом аст. Вай тоби офтоби ҳаё, самароти ахлоқи норасида ва хом:

Гар ҳаё набвад барафтад расми исмат аз миён,
В-ар ҳичобе дар миён аст, аз тақозои ҳаёст.

Яке аз аксоми ҳаё – ҳаёи чиноят аст. Яъне гунаҳгор аз кирдори худ шарм дорад... Ки гар гуноҳ набахшанд шармсорӣ ҳаст...

[1,2] Маноҳӣ ва малоҳӣ – бозихои айшу ишратии манъкардашуда, бозихои гайримашрӯъ.

Қисми дигар ҳаёи карам аст, ки карим шарм дорад, ки хох[illegible]ае аз дар-гохи ӯ хичил боз гардад.

Мухол аст агар сар бар ин дар ниҳй,
Ки боз оядат дасти хочат тихй.

Нихояти карам он аст, ки соилро (гадо) аз назди худ шармс[illegible] мунфаил бозгардонад ва чунончи дар ахбор омада, ки дар ахди Маъмун [illegible]обие буд, ки дар шӯразоре нашъунамо ёфта, чуз оби шӯру талх надида ва [illegible]ашида:

Мурге, ки хабар надорад аз оби зулол,
Минкор дар оби шӯр дорад хама сол.

Вакте ки дар кабилаи аъробй кахтй афтод ва ба зарурат чих[illegible] тахсили (дарёфт) тӯша аз ватан берун омад. Чун аз шӯристон даргузашт[illegible]ар мавзее афтод, ки хоки покаш солехи зироат буд. Горе дид, миқдори оби [illegible]рон дар ӯ чамъ шуда ва гиёху хасу хошок болои он пӯшида...обе дар гоят[illegible]афову ла-тофат ба назари вай даромад. Араб ҳеч бор об бар рӯи замин ч[illegible]н надида буд ва мутааҷҷиб шуда, пеш омада кадре аз он об бичашид ва [illegible]назараш басе ширину хушгувор намуд. Ба худ гуфт, ки ман шунидаам, ки [illegible]бихишт оби бориди (хунуки) ширин, ки таъми он ҳаргиз мутағайир нагарда[illegible]гар галат накунам ҳактаоло бар фақру факои ман бахшида ва ба музди [illegible]уснагиву бечорагии ман ин об аз бихишт ба дунё фиристод. Ҳоло маслихат[illegible]р он аст, ки кадре аз ин об бардошта назди халифаи рӯзгор барам ва ӯ х[illegible]ина дар мукобалаи ин хидмат дар бораи ман эҳсоне фармояд. Ва ману ахл[illegible]айти ман ба баракати инъоми халиф аз кахтй бозрахем. Пас, машке ки хамр[illegible]дошт, аз он об пур сохта, роҳи Бағдод пурсид ва рӯй ба дорулхилофат н[illegible]д. Ханӯз миёни аъробй ва Бағдод масофате монда буд, ки кавкаби хашма[illegible]а дабда-баи азамати Маъмун расид. Аъробй маълум кард, ки ин халифа [illegible]ва азми шикор дорад. Дархол бар сари роҳ омад ва забон ба дуогӯиву сан[illegible]ий бику-шод. Маъмун ба-д-ӯ мутаваҷҷех шуда пурсид, ки эй аъробй, аз [illegible]о меой? Гуфт: – «Аз фалон бодия, ки ахли он ба гуссаи кахту балое дар[illegible]лаанд.» Гуфт: – «Ба кучо меравй?» Гуфт: – «Ба даргоҳи ту омадам ва дастт[illegible]нестам, балки тӯҳфа дорам ва ҳадя овардаам, ки дасти орзуи ҳеч кас ба до[illegible]ни висо-ли ӯ нарасида ва дидаи таманнои ҳеч махлуке чилваи чамоли ӯ н[illegible]да.» Ха-лифа мутааҷҷиб шуд, гуфт: – «Биёр, то чй овардай.» Аъробй машк[illegible]ш овард ва гуфт: – «Ин оби биҳишт аст, ки дар ин олам касе надида ва на[illegible]ида.»

Об магӯ шираи шохи набот,
Дар маза хамшираи оби хаёт.

Маъмун рикобдорро фармуд, то кадахе аз он об ба зудй оварад[illegible]обе дид мутағайируллави ва машки аъробй дар вай асар карда ва рангу бӯ[illegible]н тағй-ири ачиб ёфта. Халифа кадре аз он бичашид ва ба фаросат дарёфт, [illegible]сурати вокеа чист. Шарми карам рухсат надод, ки парда аз рӯи кори вай [illegible]рдорад. Гуфт: – «Эй аъробй, рост гуфтй ин ачаб обе латифу шурбате гариб[illegible]т. Инро ба ҳар кас натавон дод.» Пас рикобдорро фармуд, то кадахи обро [illegible]матҳа-раи (чойи пок) хоса рехт ва машкро дар зовия. Дар муҳофизати он[illegible]б мубо-лигаи зиёда аз хад намуд. Пас, рӯй ба аъробй кард, ки ё вачхула[illegible]тӯҳфаи

зебову табарруки писандида овардай. Ҳочати ту чист ва чӣ муддао дорӣ? Гуфт: – «Ё халифа, мардумони ман аз факириву бенавой дар маърази талафанд. Умед дорам ба карами ту.» Халифа фармуд, то ҳазор динор ҳозир карданд. Гуфт: – «Эй аъробӣ, ин зарҳо бигир ва аз ҳамин ҷо бозгард. Рӯй ба ватани худ нех.» Аъробӣ зар гирифта, зуд бозгашт. Яке аз хосон пурсид, ки ҳикмат дар ин чӣ буд, ки аз ин об касеро начашонида ва аъробиро аз ҳамин мавзеъ бозгардонидӣ. Маъмун фармуд, ки он обе буд нохушмаза ва бадбӯй, аммо ба нисбати обе, ки аъробӣ ба он парвариш ёфта буд, ӯро оби биҳишт менамуд. Шоистӣ, ки чун яке аз шумо кадре аз он об бихӯрдӣ ва ба сирри кор нарасида аъробиро бар он кор маломат кардӣ ва таъна задӣ ва он бечора мунфаил (шармсор) шудӣ. Агар ӯро аз ҳамин ҷо бознагардонидаме, шояд пештар рафтӣ ва оби Дачларо бидидӣ ва аз он оби латиф бичашидӣ ва аз кардаву овардаи хеш хиҷилзада гаштӣ. Мо шарм доштем, ки яке назди мо ояд ба воситаи андак карами мо таваққуе намояд ва гарди хиҷолат бар сафҳаи аҳволи ӯ нишаста бозгардад:

Сахиро шарм меояд, ки соил,
Хиҷил аз даргаҳи ӯ боз гардад.

Қисмати дигари ҳаё адабест ба маънии он, ки амале бошад, ки ба ҳасби шаръу акл иртикоби он мамнӯъ набувад. Ҳаёи адаб ӯро аз он иштиғол монеъ шавад ва чунончи Нӯшервон дар хонае, ки гули наргис будӣ бо занону канизакони худ мубошират накардӣ ва гуфтӣ, ки чашми наргис ба чашмҳои нигаранда мемонад. Ва ба ҳақиқати ин сурат, ки аз Нӯшервон воқеъ шуда ҳаёест, зеро ки ҳаё он аст, ки ношӣ (пайдо) аз имон бошад ва ӯ оташпорае буда, балки ин сурати адабест, ки риоят мекард ва чун мулуки ислом мисли ин сурати маръӣ (мурооташуда) доранд, он ҳаёи адаб бошад.

Дил, ки пур аз васфи ҳаё мешавад,
Оинаи нури худо мешавад.

Дидаи бешарм писандида нест,
Дар назари акл худ он дида нест.

ДАР ИФФАТ (ПОРСОӢ)

Он (иффат) эътироз бошад, аз иртикоби (боло рафтан) маҳрамот, хусусан аз шаҳвати ҳаром ва ин аз чумлаи макорими (лутфу карам) ахлоқ аст. Ва бузургон гуфтаанд, одамӣ ду нисбат дорад: яке бо малоика, ки ба-д-он нисбат моил аст, ба илму амал. Дигаре бо баҳоиме (нафси ҳайвонӣ), ки ба он муносибат ҳарис аст, бо ғулу шурбу вуқоъ. Шарти дуюм он аст, ки то метавонад нисбати малакиро фавт диҳад ва ба ҷониби нафси ҳайвонӣ майл намояд:

Аз малоик баҳра дорӣ в-аз баҳоим низ ҳам,
Бигзар аз хатти баҳоим, к-аз малоик бигзарӣ.

Пас, ҳар гоҳ ҳирси хӯрдан муставлӣ (ғолиб) шавад, одамӣ миёни ҳалолу ҳаром фарқ накунад, ҳамчунин ба вақти ғалабаи шаҳват низ миёни никоҳу сифоҳ (зино) имтиёз набошад. Пас, иффат иборат аз он аст, ки ба вақти он ки шаҳват ғолиб гардад, инони нафс бозкашида домани ҳимматро аз олудагии

Қисми дигар ҳаёи карам аст, ки карим шарм дорад, ки хоҳандае аз даргоҳи ӯ ҳиҷил боз гардад.

Мухол аст агар сар бар ин дар нихӣ,
Ки боз оядат дасти хочат тихӣ.

Ниҳояти карам он аст, ки соилро (гадо) аз назди худ шармсору мунфаил бозгардонад ва чунончи дар ахбор омада, ки дар аҳди Маъмун аъробие буд, ки дар шӯразоре нашъунамо ёфта, чуз оби шӯру талх надида ва начашида:

Мурге, ки хабар надорад аз оби зулол,
Минкор дар оби шӯр дорад хама сол.

Вакте ки дар қабилаи аъробӣ каҳтӣ афтод ва ба зарурат чиҳати таҳсили (дарёфт) тӯша аз ватан берун омад. Чун аз шӯристон даргузашт бар мавзее афтод, ки хоки покаш солеҳи зироат буд. Горе дид, миқдори оби борон дар ӯ чамъ шуда ва гиёҳу хасу хошок болои он пӯшида...обе дар ғояти сафову латофат ба назари вай даромад. Араб хеч бор об бар рӯи замин чунин надида буд ва мутааччиб шуда, пеш омада қадре аз он об бичашид ва дар назараш басе ширину хушгувор намуд. Ба худ гуфт, ки ман шунидаам, ки дар биҳишт оби бориди (хунуки) ширин, ки таъми он харгиз мутағайир нагардад, агар ғалат накунам ҳақтаоло бар фақру фақои ман бахшида ва ба музди гуруснагиву бечорагии ман ин об аз биҳишт ба дунё фиристод. Ҳоло маслиҳат дар он аст, ки қадре аз ин об бардошта назди халифаи рӯзгор барам ва ӯ хар оина дар мукобалаи ин хидмат дар бораи ман эҳсоне фармояд. Ва ману аҳли байти ман ба баракати инъоми халиф аз каҳтӣ бозрахем. Пас, машке ки ҳамроҳ дошт, аз он об пур сохта, роҳи Багдод пурсид ва рӯй ба дорулхилофат ниҳод. Ҳанӯз миёни аъробӣ ва Багдод масофате монда буд, ки кавкаби ҳашмат ва дабдабаи азамати Маъмун расид. Аъробӣ маълум кард, ки ин халифа аст ва азми шикор дорад. Дархол бар сари роҳ омад ва забон ба дуогӯиву санохоӣ бикушод. Маъмун ба-д-ӯ мутаваччеҳ шуда пурсид, ки эй аъробӣ, аз кучо меой? Гуфт: – «Аз фалон бодия, ки аҳли он ба ғуссаи каҳту балое дармондаанд.» Гуфт: – «Ба кучо меравӣ?» Гуфт: – «Ба даргоҳи ту омадам ва дасттиҳӣ нестам, балки тӯҳфа дорам ва ҳадя овардаам, ки дасти орзуи хеч кас ба домани висоли ӯ нарасида ва дидаи таманноӣ хеч махлуке чилваи чамоли ӯ надида.» Халифа мутааччиб шуд, гуфт: – «Биёр, то чӣ овардай.» Аъробӣ машк пеш оварда гуфт: – «Ин оби биҳишт аст, ки дар ин олам касе надида ва начашида.»

Об магӯ шираи шохи набот,
Дар маза хамшираи оби хаёт.

Маъмун рикобдорро фармуд, то қадахе аз он об ба зудӣ оварад ва обе дид мутағайируллавн ва машки аъробӣ дар вай асар карда ва рангу бӯи он тағйири ачиб ёфта. Халифа қадре аз он бичашид ва ба фаросат дарёфт, ки сурати вокеа чист. Шарми карам рухсат надод, ки парда аз рӯи кори вай бардорад. Гуфт: – «Эй аъробӣ, рост гуфтӣ ин ачаб обе латифу шурбате гариб аст. Инро ба ҳар кас натавон дод.» Пас рикобдорро фармуд, то қадаҳи обро дар матҳараи (чойи пок) хоса рехт ва машкро дар зовия. Дар муҳофизати он об муболигаи зиёда аз ҳад намуд. Пас, рӯй ба аъробӣ кард, ки ё вачҳулааб, тӯҳфаи

зебову табарруки писандида овардай. Ҳочати ту чист ва чӣ мудлао дорӣ? Гуфт: – «Ё халифа, мардумони ман аз факириву бенавой дар маърази талафанд. Умед дорам ба карами ту.» Халифа фармуд, то хазор динор ҳозир карданд. Гуфт: – «Эй аъробӣ, ин зарҳо бигир ва аз ҳамин чо бозгард. Рӯй ба ватани худ нех.» Аъробӣ зар гирифта, зуд бозгашт. Яке аз хосон пурсид, ки ҳикмат дар ин чӣ буд, ки аз ин об касеро начашонида ва аъробиро аз ҳамин мавзеъ бозгардонидӣ. Маъмун фармуд, ки он обе буд нохушмаза ва бадбӯй, аммо ба нисбати обе, ки аъробӣ ба он парвариш ёфта буд, ӯро оби биҳишт менамуд. Шоистӣ, ки чун яке аз шумо кадре аз он об бихӯрдӣ ва ба сирри кор нарасида аъробиро бар он кор маломат кардӣ ва таъна задӣ ва он бечора мунфаил (шармсор) шудӣ. Агар ӯро аз ҳамин чо бознагардонидаме, шояд пештар рафтӣ ва оби Дачларо бидидӣ ва аз он оби латиф бичашидӣ ва аз кардаву овардаи хеш хичилзада гаштӣ. Мо шарм доштем, ки яке назди мо ояд ба воситаи андак карами мо таваккуе намояд ва гарди хичолат бар сафҳаи ахволи ӯ нишаста бозгардад:

Сахиро шарм меояд, ки соил,
Хичил аз даргахи ӯ боз гардад.

Қисмати дигари ҳаё адабест ба маънии он, ки амале бошад, ки ба ҳасби шаръу акл иртикоби он мамнӯъ набувад. Ҳаёи адаб ӯро аз он иштиғол монеъ шавад ва чунончи Нӯшервон дар хонае, ки гули наргис будӣ бо занону канизакони худ мубошират накардӣ ва гуфтӣ, ки чашми наргис ба чашмҳои нигаранда мемонад. Ва ба ҳақиқати ин сурат, ки аз Нӯшервон вокеъ шуда ҳаёест, зеро ки ҳаё он аст, ки ношӣ (пайдо) аз имон бошад ва ӯ оташпорае буда, балки ин сурати адабест, ки риоят мекард ва чун мулуки ислом мисли ин сурати маръӣ (мурооташуда) доранд, он ҳаёи адаб бошад.

Дил, ки пур аз васфи ҳаё мешавад,
Оинаи нури худо мешавад.

Дидаи бешарм писандида нест,
Дар назари акл худ он дида нест.

ДАР ИФФАТ (ПОРСОЙ)

Он (иффат) эътироз бошад, аз иртикоби (боло рафтан) маҳрамот, хусусан аз шаҳвати ҳаром ва ин аз чумлаи макорими (лутфу карам) ахлоқ аст. Ва бузургон гуфтаанд, одамӣ ду нисбат дорад: яке бо малоика, ки ба-д-он нисбат моил аст, ба илму амал. Дигаре бо баҳоиме (нафси ҳайвонӣ), ки ба он муносибат ҳарис аст, бо гулу шурбу виқоъ. Шарти дуюм он аст, ки то метавонад нисбати малакиро фавт диҳад ва ба чониби нафси ҳайвонӣ майл намояд:

Аз малоик баҳра дорӣ в-аз баҳоим низ ҳам,
Бигзар аз хатти баҳоим, к-аз малоик бигзарӣ.

Пас, ҳар гоҳ ҳирси хӯрдан муставлӣ (голиб) шавад, одамӣ миёни ҳалолу ҳаром фарқ накунад, ҳамчунин ба вақти галабаи шаҳват низ миёни никоҳу сифоҳ (зино) имтиёз набошад. Пас, иффат иборат аз он аст, ки ба вақти он ки шаҳват ғолиб гардад, инони нафс бозкашида домани ҳимматро аз олудагии

ҳаром пок дорад ва ҷуз ба вақҳи лозим ба ин сурат иқдом нафармояд. Ва назар аз амалҳои ношоиста фурӯ бандад, то дарҳои хайру салоҳ ва фирӯзӣ бар вай кушода гардад. Чун подшоҳ ба сифати иффат ороста бошад, ҳар оина зулмати фиску фучур аз арсаи мамлакат дур шавад ва галаба орад. Бадномӣ ба зану фарзанди мардум нарасад.

Иффат он ҷо, ки роят афрозад,
Дилу динро тамом бинвозад.
Нафс аз ӯ нек хору зор шавад,
Рӯҳ мақбули кирдугор шавад.

ё ҳуд:

Рӯи хуб асту камоли ҳунару домани пок
Лочарам ҳиммати покони ду олам бо ӯст.

ДАР АДАБ

Ҳар кӣ дар ӯ сирати некӯ бувад,
Одамӣ аз одамиён ӯ бувад.
Некии мардум на нақӯрӯйӣ аст,
Хӯйи накӯ моки некӯйӣ аст.

Адаб сиёнати (муҳофизат) нафс аст аз қавли нописандида ва феъли носутуда ҳудро ва мардумро дар пояи ҳурмат нигоҳ доштан. Обрӯи ҳуду дигарон нарехтан.

Ҳақиқати адаб он аст, ки дар ҷамии аҳвол роҳи рост дошта бошӣ... Адаб аз ҳама кас некӯ мемонад, хусусан аз мулуки ҷаҳондор ва салотини бузургвор, чӣ ҳар гоҳ эшон бар ҷодаи адаб истиқомат варзанд, мулозимони эшонро низ риояти адаб лозим бошад. Пас умури мамлакат мунтазам гардад ва дар масолеҳи аҳли олам вақфи ҳикмат муҳайё шавад.

Акобир гуфтаанд: Беҳтарин сармоя ва ҳуштарин пероями мурод одамро таҳсили адаб аст. Дар ахбор омада, ки султони Миср бо подшоҳи Рум тарҳи мувосилат андохта, духтари ӯро аз баҳри писари ҳуд хутба кард ва ҳам духтари ҳудро дар ақди писари вай даровард. Сабаби ин вусулат расулу расоил аз ҷонибин мутавосил гашт ва бо тифоқи ин ду соҳибдавлат ҳарду мулк бо якдигар оростагӣ пазируфт ва дар умури куллӣ ва ҷузъӣ мурочиат барои якдигар намудӣ ва бе машварату тадбири ҳам дар ҳеҷ муҳим шурӯъ нафармуданд. Рӯзе малики Миср ба Қайсари Рум пайғом фиристод, ки писарон зубдаи ҳаёт ва умдаи зиндагонианд ва номи мо баъд аз вафот ҷуз ба ҳаёти эшон бокӣ намемонад:

Зиндаст касе, ки дар диёраш,
Монад халафе ба ёдгораш.

Пас, ҳиммат бар интизоми ҳол ва фароғболии эшон масруф бояд дошт ва инони иноят ба тарафи ҷамъият ва вусъати маишати эшон маътуф (омода сохтан) бояд сохт ва ман ба ҳиммати писари ҳуд чандин захираҳо ва бар дах дастур обу замин муҳайё кардам. Аз он тараф ройи ҷаҳонорои он ҳазрат дар ҳусни эҳтиром (дар андӯҳтани) бо ҳоли писари ҳуд чӣ иктизод буда аст? Чун ин пайғом ба самъи Қайсар расид, табассум карду гуфт: – «Мол ёри бевафо

ва маҳбуби нопойдор аст. Аз ӯ ҳисобе набояд гуфт ва ба матлаи фанни он фирефта набояд шуд. Ман писари худро ба ҳимояи адаб биоростам ва хазинаҳои макорими ахлоқ барои ӯ захира ниҳодаам. Мол дар маърази фанову завол аст. Адаб эмин аз тағйиру интиқол.» Чун ин хабар ба мулки араб расид, гуфт: – «Рост мегӯяд.»

Адаб беҳтар аз ганҷи Қорун бувад,
Фузунтар зи мулки Фаридун бувад.
Бузургон накардаанд парвои мол,
Ки амволро ҳаст рӯзе завол.
Инон сӯи илму адаб тофтанд,
Ки номи накӯ аз адаб ёфтанд.

ДАР ОЛИҲИММАТӢ

Дар хабар омадааст, ки мардуми олиҳимматро ҳама дӯст медоранд ва аъмоли бузургро дар назари қабул мушарраф месозанд ва рифъати арҷманд бо ҳиммати баланд пайванд дорад, ки ҷудоии эшон аз якдигар муҳол аст.

Мурғи ҳиммат чу бол бикшояд,
Ғурфи иқболаш ошён бошад.
Пеши чавгони ҳиммати олӣ,
Камтарин гӯй осмон бошад.

Салотинро ҳиммати олӣ пешкорест кофӣ ва мададгории вофӣ (вафодиҳанда). Ҳар киро аз эшон ҳиммат бештар аст, қадами шафқат аз дигарон пештар аст:

Ҳиммат баланд дор, ки назди Худову халқ,
Бошад ба қадри ҳиммати ту эътибори ту.

Яъқуби Лайсро дар мабдаи ҷавонӣ яке аз пирони қабила гуфт, ки хотирам ба моли тавонгарон аст, чӣ дар ин син, ки ту ҳастӣ ҳангоми истилои шаҳват аст ва ғалабаи наҳмат (мурод) дасти паймонаеро рост кун, то аз барои ту каримае аз хонаводаи бузурге бихоҳам. Гуфт: – «Арӯсе, ки ман хуш кардаам дасти паймони ӯ омодааст.» Пир гуфт: – «Онро бар ман арз кун то бубинам, ки чист ва аз арӯс нишон деҳ, то бидонам ки кист?» Яъқуб ба хона даромад ва шамшере берун оварду гуфт: – «Ман арӯси мамолики Шарқу Ғарбро хутба хоҳам кард ва дасти паймони ман ин теғи ҷавҳардор ва ин шамшери хушгузор аст.»

Бе бахти нек ҳеҷ касеро ситез нест,
Мехри арӯси мулк беҳ аз теғи тез нест.

Дар ин маънӣ гуфтаанд:

Арӯси мамлакат он мард дар канор гирифт,
Ки аввал аз гуҳари теғ дод коме беш.

Дар ин маънӣ боз чунин байти машҳур аст:

Арӯси мулк касе дар канор гирад чуст,
Ки бӯса бар лаби шамшери обдор занад.

Овардаанд, ки он айём Искандар меҳост, ки барои ҷаҳонгирӣ аз сарҳади Рум бар азимати забти мамолики арабу аҷам барафрозад ва рикоби ҳумоюн

ба чиҳати тасхири бару бахри олам ҳаракат диҳад, бағоят андешаноку малул буд. Арастуи ҳаким, ки вазири он ҳазрат буд, чун аломати фикрат ва нишони ҳайрат бар чабҳаи ҳолу носияи аҳволи ӯ зоҳир дид, гуфт: – «Эй шоҳи чаҳон, асбоби давлат муҳайё ва ҳадаму ҳашам дар мавкуфи бандагӣ ва фармонбардорӣ истода, ҳазонаи маъмуру мамлакат мавфури (зиёд, бисёр) бахт ва сифати ҳамешагӣ ороста ва ниҳоли давлат ба шарафи истиқомат пероста ва иқболи камари мувофиқат баста ва чоҳу чалол бар остонаи олӣ ба хидматгорӣ нишаста, таффаруки (парешонии) хотири азҳарро сабаб чист?» Искандар чавоб дод, ки: – «Тааммул мекунам, ки арсаи чаҳон ба ғояти парешонӣ ва сохти мамолики ҳафт иқлим бисёр мухтасар аст, шарм медорам аз барои ин миқдор мулк савор шудан ва таваччӯҳ ба тасарруфу тасхири он намудан:

Кироя он накунад тӯлу арзи ҳафт иқлим,
Ки ман ба ийёти тасхири он савор шавам.
Ҳазор олам аз ин гар бувад кам аст, ҳанӯз
Ки ман ба гарзи тасарруф бад-он диёр шавам.

Арасту фармуд, ки шак нест иёлати (идора кардан) ҳукумат ин мояи чаҳон на лоиқи ҳиммати баланд ва на дархӯри неъмати арчманди туст. Арсаи мамлакати абадиро ба он чамъ кун, то ҳамчунон ба зарбати теғи чаҳонсӯз соҳиби сарои фониро дар қайди забт меорӣ. Ба баракати адл олам афрӯз, мулки саодати боқӣ ҳам дар қабзаи истеҳқоқ ояд, то ин нуксон ба баракати он камол талофӣ (ислоҳ)пазирад ва ин андак ба зеби он бисёр равнақ гирад:

Мулки укбо хоҳ, к-он хуррам бувад,
Зарраи он мулк сад олам бувад.
Чаҳд кун то дар миёни ин нишаст,
Арсаи он оламат ояд ба даст.

Искандар бо ин сухан тасаллӣ ёфта, бар ҳаким офарини фаровон кард ва имрӯз шаҳбози ақл ҳар гоҳе дар ҳавои санои Искандар чиҳати он парвоз мекунад, ки хумои ҳимматаш ба устухони зиракони дунё сар фурӯ наёварда:

Ту бози соиди шоҳӣ, ба устухон мангар,
Хумои ҳиммати худро баланд дех парвоз.

ДАР АЗМ

Азм кавофили муродот ва кифояткунандаи умури мухимот аст. Ҳеч касро ба салотин бе мадади азми дурусту зимоми тасхири мамолик ба қабзаи иқтидор дарнаёмада ва бе такопӯйи саъйи балиг бар сарири шахриёрӣ ва маснади чаҳондорӣ нарасида:

Бе азми дурусту саъйи комил,
Касро нашавад мурод ҳосил.

Ва азимати дуруст он аст, ки чун ба қасди коре камар бандад ва ба сохтани мухиме иштигол (шуғл) намояд ба манъи ҳеч монеае мумтанеъ нагардад ва қусуру футур ба азми худ роҳ надиҳад. Аз ҳакиме пурсиданд, ки азми мулук дар чӣ маҳал некӯ менамояд ва дар чӣ вақт ба кор меояд. Фармуд, ки дар

дафъи аъодии (душманони) мамлакат бағоят писандидааст, чй хар гох, ки подшоҳ аз рўи таваккал пои азимат дар рикоби таваккал орад, ҳар оина лашкари фатҳу зафар ба истикболи ӯ мутаваччех мешаванд, зеро ки азми дуруст нишонаи галабаву нусрат аст:

Шаҳ чу ба азми дуруст пой кунад дар рикоб,
Дил шиканад хасмро в-аз кафаш афтад инон.

Овардаанд, ки яке аз мулук ба хўрдани гиле одат карда, чунонки ҳукамову утабо (табибон) манъ мекарданд ва зарари онро боз менамуданд, аз он кор боз намеомад. Рўзе яке аз аҳлуллоҳ (дарвеш) ба дидани вай омада, ўро ба гояти зору низор ёфт. Рухсораи аргувонии ўро заъфароий дид ва тани бо тобу тавони ўро дар банди нотавонй гирифтор ёфт. Сурати ҳол истифсор (пурсиш) намуд. Султон ҳакиқати вокеа бозгуфт, ки маро аз чиҳати хўрдани гиле пойи ҳайрат дар гил аст ва дасти ҳасрат бар дил. Дарвеш фармуд, ки чун медонй, ки аз ин амр зарар ба ту мерасад, тадорук намекунй. Гуфт: – «Чандон ки чаҳд менамоям, ба худ бас намеоям.» Дарвеш гуфт: – «Кучост он азме, ки подшоҳонро мебошад, ки ҳеч навъ эшонро аз он боз наметавон дошт.» Султон аз ин сухан мутаассир шуд, азм кард бар он ки дигар гил намехўрад ва ба баракати азимат аз он зарар халос ёфт.

Инони азм ба ҳар чонибе, ки бартобй
Макун ба дасти тараддуд инони худро суст.
Ки кас ба манзили максуд рах намеёбад,
Магар ба саъйи тамому дигар ба азми дуруст.
Ҳар он ки пои талаб дар тарики азм ниҳад,
Ба тахтгохи бузургй расад ба гоми нахуст.

ДАР ЧИДДУ ЧАҲД

Чидд саъй кардан аст дар таҳсили матлабҳо. Чаҳд ранч бурдан аст дар иктисоби (ҳосил кардани) мақсадҳо ва ин сифот тобеи ҳиммат мебошад. Ҳарчанд ҳиммат олитар бувад, чидду чаҳд дар талаби максуд бештар вокеъ мешавад. Бояд ки марди баландҳиммат аз таҳаммули машаққат натарсад, чи ҳол аз ду берун нест: агар ба чаҳд домони мақсуд ба даст ояд, фахвулмурод ва агар дар ҳичоб тавакқуф афтад, узри ӯ назди окилон возех аст ва олиҳимматии ӯ дар талаб равшан:

Дар талаб мекўшам ар ёбам зиҳй бахти баланд,
В-ар наёбам узри ман афтад бузургонро писанд.

Дар амсоли ҳукамои ҳинд мазкур аст, ки мўре камари чаҳд барбаста буд ва аз тўдаи хоке, ки накли (кашондани) он одамиёнро бар кулфат мерасондй, зарра – заррае бар ду тарафи дигар мерехт. Мурғе бар ӯ гузар кард, дид, заиф ва лоғар ба нишоти тамом дасту пой мезад ва дар накли он хок чидди тамом ва чаҳди молокалом ба чой меовард. Гуфт: – «Эй заифбунёд ва наҳифпайкар ин чй кор аст, ки пеш гирифтай ва ин чй муҳим аст, ки дар он хавз кардай? (фурў рафтай).» Мўр гуфт: – «Маро бо яке аз қавми худ назарест ва чун талаби висоли ӯ кардам ин шарт пеш овард, ки агар сари висоли мо дорй, қадам

неҳ ва ин тӯдаи хокро аз ин раҳгузар бардор. Ҳоло мустаиди он кор шудаам ва мехоҳам, ки ба он шарт иқдом намуда, аз ӯҳдаи (ин кор) берун оям.» Мург гуфт: – «Ин гумон, ки мебарӣ, ба қадри орзуи ту нест ва ин гумон, ки мекашӣ, ба қуввати бозуи ту не.» Мӯр гуфт: – «Ман азми ин кор кардаам ва қадами чилду чаҳд пеш ниҳода, агар пеш барам фаҳвулмурод ва илло маъзурам хоҳанд дошт.»

Домани мақсуд агар орам ба каф,
Аз ғаму андӯҳ монам бартараф.
В-ар нашуд аз чаҳди ман коре ба ком,
Ман дар он маъзур бошам, вассалом.

Фаридунро дар оғози салтанат, ки раёҳини давлат дар ёзи саодат ва майдони шодмонӣ аз муҳибби комронӣ вазидани андешаи тасхири баъзе аз мамолик, ки дар тасарруфи чамъе аз голибон буд, падид омад:

Кифофи нафс агар чанд андакест, вале,
Чаҳон ба тег гирифтан зи ҳиммати олӣ.

Ин маъниро ба ургони давлат мушовара кард. Чамъе гуфтанд: – «Эй малик, мулке дорӣ ороста ва муболига ба таҳаммул ва хоста бе зарурат ғубори фитна ангехтан ва оташи тазвир барафрӯхтан савоб наменамояд. Аз он чӣ ҳаст таматтӯъе бардор ва иртикоби мухотар фурӯ гузор.

Фаридун гуфт: – «Қаноат табоеи баҳоимии сарафканда аст ва нишастан дар кунче аз иктизои диноят ҳиммати аълоиз аз кор вомондаи фурсат вақтро, ки чун хаёли саҳоб гузаранда аст, ғанимат бояд шумурд.»

Камари салтанат набояд баст,
Ҳар киро рағбати таносоист,
Аз машаққат кучо биосояд,
Ҳар киро ҳиммати чаҳонбоист.

Овардаанд, ки малике писари худро ба ҳарби хасме фиристода буд. Хабар оварданд, ки маликзода гоҳ-гоҳе дар роҳ зирех аз бари худ берун мекунад ва ду шаб дар як манзил ҳаймаи иқомат мезанад. Падар ба ӯ навишт: – «Эй писар, ҳақтаоло, ки иззатро офарид, кулфату машаққатро бо он қарин сохт ва лаззатро, ки халқ кард, орому роҳатро ба ӯ рафиқ гардонд. Он ки иззатро ба мулук дод ва мазаллатро ба раоё, хати подшоҳ иззи мамлакат аст ва ҳиссаи раият амну амон ва истироҳат ва ин ҳарду бахш якчо чамъ нашавад, лочарам подшоҳ бояд, ки осоишро видоъ кунад ва роҳатро бо раият гузорад. Ва дигар чунин намекунад, бо истироҳат дармебояд сохт ва аз иззи мулк эъроз мебояд намуд.»

Лаззати шоҳӣ туро бас, роҳати дигар мачӯ,
Бо вучуди салтанат сармояи дигар махоҳ.

Яъқуби Лайс дар шурӯи ҳол худро дар маҳолле, ки афкандӣ ва хатарҳои куллиро иртикоб кардӣ, аз осоиши нафс бартараф будӣ ва аз кашидани машаққатҳо як нафас наёсудӣ. Ӯро гуфтанд, ту марди рӯйгарӣ, туро боис бар ин ҳама чафо кашидан ва худро дар ғаркобаи ҳалок афкандан чист? Гуфт: – «Маро дареғ меояд, ки умри азизи худро ислоҳи рӯйну мис сарф кардан ва

рӯи таваҷҷуҳ ба пешае, ки дар он шарики бисёр бошанд, овардан. Ҷидди ман шар он аст ва чаҳди ман барои он (аст, ки) худро ба мартабае расонам, ки касе аз абнои чинси ман бо ман шарик набошад.» Гуфтанд, ин муҳим багоят саъб ва кори бисёр мушкил аст. Гуфт: – «Ман донистаам, ки шарбати марг чашиданист ва бори фанову фавт кашиданӣ. Он гоҳ дар кори баланд талаф шавам, бех ки дар коре паст бимирам, лочарам ба ин ҷидду ҷаҳм расид ба он мансаб, ки расид.»

Мебош ба ҷидду ҷаҳд дар кор,
Домони талаб зи даст магзор,
Ҳар чиз, ки дил бар он гарояд,
Гар ҷаҳд куний ба даст ояд.

Ва чунончи ба ҷидду ҷаҳд бинои бузурге тамҳид (оростагӣ) меёбад ба зари ин сифат, ки батолату касолат (бекорӣ) аст асоси шавкат ва давлат дар ҳам мешиканад. Якеро аз они Тоҳир савол карданд, ки сабаби заволи иёлат ва интиколи давлати шумо чӣ буд? Ҷавоб дод, ки шароби шаб ва хоби бомдод, ғъне аз коҳилӣ ба кори мулк напардохтем ва аз касолат расми далерӣ баранохтем, лочарам сафинаи ихтиёри мо дар гирдоби завол ғарқа гашт ва кишгии умеди мо ба соҳил нарасид:

Бинои давлати хеш он касе хароб кунад,
Ки шом меҳӯраду субҳгоҳ хоб кунад.

ДАР СУБОТ ВА ИСТИҚОМОТ

Он пойдорӣ бошад дар кифояти муҳимот ва мудовимат бар дафъи маккоа ва мантичи (натичаи) фавоиди фаллоҳ (деҳқон). Наҷоти ҳеҷ зумраро аз авоифи (тоифаҳои) халқ ба сифати суботи он вобастагӣ нест, ки мулукро чӣ о суботи подшоҳ ба ривояти фармонбардорон ва дафъу ҳамъи (баркандан) лутамардон (саркашон) ва бадкирдорон наздики хосу ом равшан нагардад ва ашаму хадам сар ба хатои тоат ниҳанд ва аҳли багӣ (аз дин гаштагон) ва расод аз умури исёну инод эҳтироз намоянд. Пас, мулкро ба суботи истизҳор ст ва мулукро аз ӯ истимдоду истибшор.

Ҳар сар, ки ёфт афсарӣ аз гавҳари субот,
Дар ихтидор бигзарад аз чарх то субот.

Ҳакиме гуфтааст, ҳар кӣ хоҳад, ки асоси салтанати ӯ аз инҳидом (нобудӣ) эмин бошад, бояд ки бинои кори худ бар суботу виқор ниҳад.Фард:

Бинои кор бинеҳ бар суботу эмин бош,
Ки ҳар бино, ки бар асл аст, пойдор бувад.

Марди собитқадам он аст, ки аз роҳи дарвешӣ худ ба дағдағаи ҳеҷ васваа рӯй барнагардонад. Ва аз расму тариқи чуд ба васвасаи ҳеҷ махус (гароӣ, арешонӣ) инҳироф (рӯ натобад) наварзад, ки марде рафиқи начот чуз ба тариқи субот рӯй наменамояд. Чунонки фармудаанд:

В-аз тараддуд раҳи начот мадон,
Ҳеҷ хислат бех аз субот мадон.

Майл дорй ба рафъати дарачот,
Дар маолй субот варз, субот.

Нишонаи субот ду чиз аст: Яке он ки дар ҳар коре, ки шурӯъ менамояд, итмоми он бар зимаи эҳтимом лозим донад. Овардаанд, ки Қайсари Рум аз Нӯшервон пурсид, ки бақои подшоҳй дар чист? Гуфт: – «Ман ҳаргиз кор беҳуда нафармоям ва ҳар муҳиме, ки ба он амр кунам ба итмом расонам.» Қайсар фармуд, ки ҳама ҳукамои Юнон ҳамин гуфтаанд:

Ҳар тарҳ, ки афканй чу мардон.
Ҷаҳде бикуну тамом гардон.
Яъне аламе, ки барфарозй,
Бояд ки дигар нагун насозй.

Аломати дуюм он аст, ки сухане, ки ба забони ӯ чорй шавад ба нақизи он то мумкин бошад, такаллум накунад, чунонки дар таърих мазкур аст, ки султони румй рӯзе дар майдони Ғазнин мегузашт, ҳаммоле дид, санги гароне бар дӯш ниҳода, ба чиҳати иморати ӯ мебарад ва дар бурдани он санг ранҷ мекашад. Султон чун машаққати ӯ мушоҳида кард, аз рӯи отифат (лутф) фармуд, ки эй ҳаммол, ин сангро бинех. Ҳаммол он сангро дар миёни майдон биандохт. Муддате он санг дар он майдон буд ва асбон чун он ҷо мерасиданд, чашме мекарданду мерамиданд. Ҷамъе аз хос ба вақти фурсат он ҳол ба арзи султон расониданд, ки фалон рӯз ҳаммол бино бар амри олӣ ва фармони хумоюн санге, ки бар пушт дошт дар миёни майдон биандохт ва асбон аз он роҳ ба кулфат мегузаранд ва касе ғайри он ҳаммол он сангро бар наметавонад гирифт. Агар фармоянд, то аз он ҷо бардорад ва роҳ холӣ созад, муносиб менамояд. Султон фармуд, ки ба забони мо гузашта аст, ки бинех. Агар гӯям бардор, мардум онро бар бесуботии мо ҳамл кунанд. Он санг ҳамон ҷо бошад. Нақл аст, ки он санг то охири умри султон дар он майдон афтода буд, баъд аз вафоти ӯ низ чиҳати мурооти сухани ӯ ҳеч кас аз авлоди ӯ барнадошта.

Сухани шоҳ шоҳи ҳар сухан аст,
Ба ҳама ҳол пос бояд дошт.
То нагардад нақизи он зоҳир,
Бояд онро ба лавҳи дил бингошт.

ДАР АДОЛАТ

Адл суханест мулкорой ва ламъаест нурафзой... Адл он аст, ки доди мазлумон диҳанд ва эҳсон он, ки марҳами роҳате бар чароҳати мачрӯҳон ниҳанд. Дар ҳабар омадааст, ки як соат адли подшоҳ дар паллаи мизони тоат роичтар аст аз ибодати шастсола, зеро ки натичаи ибодат чуз ба омил бирасад ва фоидаи адл ба хосу ом ва хурду бузург ва асли бурдбории мулку миллат баракати он қоиму манзум шавад ва савоби адл аз ҳаду ҳисоб афзун аст ва аз мизи қиёс берун. Овардаанд, ки яке аз салотинро доияи (хоҳиш) он шуд, ки ҳачи хонаи Худо бигзор ва ба қадами ҳурмати тавофи ҳарим иззат ба чой орад ба манзили сафо ва ичобати дуо аз эшон сарфароз гардад:

Ҳаст тавофи ҳарами Кирдугор,
Дар ду чаҳон воситаи иктидор.

Ашрофи мамлакат ва ургони давлат ба мавқуфи арз расонидаанд, ки эй малик, шарти адои ҳақ амнияти тариқ аст ва салотинро душмани бисёр бошад. Агар бо хайлу ҳаша азимат намой, таҳияи эшон дар ин роҳи дуру дароз таъзире (узр, баҳона) тамом дорад ва агар бо андак мулозиме таваччуҳ фармой, хатароти куллӣ мутасаввир аст ва дигар султон дар балад ҳукми ҷон дорад ва дар ҷасад вақте ки сояи давлати он ҳазрат аз мафорики раоё (халқ) дур шавад, харачу марач (номувофикат) падид оят.

Тамоми муҳими хосу ом аз силки интизом берун равад ва султон фармуд, ки чун сафар муяссар намешавад чун кунам, ки савоби ҳақ дарёбам ва аз баракати ин тоат баҳраманд гардам. Гуфтанд дар ин вилоят дарвеше аст, ки муддатҳо мучовирати ҳарим карда ва шасти ҳақ бо шароити он ба ҷой оварда, ҳоло дар гӯшаи узлат нишастааст ва дари омад бар халқ баста:

Гашта зи гавғои халоиқ сутӯҳ,[1]
Пой кашидаст ба домони кӯҳ.

Шояд ки савоби ҳаче тавон харид ва аз масуботи (савоби) он ба ҳаззе (баҳра) комил тавон расид. Подшоҳ аз сидқи ақидате ки дошт, ба хидмати дарвеш рафт ва дар аснои сухан фармуд, ки маро орзуи ҳақ аз замир сар барзадааст ва ургони давлат силоҳ дар таваққуф мебинанд ва истимо афтод, ки туро ҳақ бисёр аст, чи шавад, ки савоби як ҳақ ба ман фурӯшӣ, то ту ба навое (тӯша) расӣ ва ман ба савобе. Дарвеш гуфт: – «Ман савоби ҳама ҳаҷҳоро ба ту мефурӯшам.» Подшоҳ пурсид, ки ҳар ҳақ ба чанд мефурӯшӣ? Гуфт: – «Ҳар гоме ки бардоштаам дар ҳар ҳаче ба тамоми дунё ва ҳар чӣ дар дунёст.»

Султон гуфт: – «Аз дунёву матои дунё миқдори андаке беш дар тасарруфи ман нест ва ин баҳои як қадам намешавад. Пас, ҳаче чӣ гуна тавонам харид ва бар ин тақдир баҳои ҳама ҳаҷҳои ман пеши ту осон аст.» Шоҳ гуфт: – «Чӣ гуна?» Гуфт: – «Чун дар қазияи мазлуме адл кунӣ ва як соат ба муҳими додхоҳӣ пардозӣ савоби он ба ман бахш, то ман савоби шаст ҳақ ба ту бахшам ва ҳанӯз сарфа бурда бошам ва дар ин савдо суде бисёр карда.» Пас, маълум шуд, ки султонро баъд аз иқомати фароиз ва суннан (фоида) ҳеҷ тоате воҷибтар аз иштиғол (шуғл) ба масолеҳи бандагон нест. Ба сифати насфат (пароканда) зистан, ба назари адолат ва ҳимояти раият нигаристан, чи агар ҳимояти адолат набошад, арбоби қуввату шавкат море аз заъфҳои халқ бароранд ва чун заифҳолон ҳалок шаванд, аквиё (қувватдорон) низ бар ҷой намонанд, чи маишати халоиқ бо якдигар бозбастааст ва интизоми аҳволи мардум ҷуз ба адл мумкин нест:

Адл нурест к-аз ӯ мулк мунаввар гардад,
В-аз насимаш ҳама офоқ муаттар гардад.
Адл пеш ору муроди дили дарвеш барор,
То туро ҳар чӣ мурод аст, муяссар гардад.

Аз фазилати адолат ҳамин нукта бас, ки одил маҳбуби ҳама мардумон аст. Агарчи аз адли ӯ фоида ба эшон нарасида бошад. Ва золим мабғузи (душ-

[1] Сутӯҳ – очиз, дилтанг, безор аз чизе.

маній) чамии чаҳониён аст. Агарчи аз зулми ӯ зарареро ба эшон нарасида бошад ва мисдоки (тасдиқ) ин ҳол ва миқёси ин муҳол қиссаи Нӯшервони одил ва Ҳаққочи золим аст. Он ки Нӯшервон кофаре буд оташпараст ва Ҳаққоқ бар карош исломро ва саҳобаро ва тобеинро дида. Ҳар гоҳ, ки Нӯшервонро ёд кунанд бар ӯ офарин гӯянд ба сабаби адл аз ӯ ва чун зикри Ҳаққоқ гузарад, бар ӯ нафрин фиристанд ба воситаи зулми ӯ.

Маснавӣ:

Додгарӣ шарти чаҳондорияст,
Давлати бокӣ зи камозорияст.
Мамлакат аз адл шавад пойдор,
Кори ту аз адли ту гирад қарор.
Ҳар кӣ дар ин ҳона шабе дод кард,
Хонаи фардои худ обод кард.

Абдуллои Тоҳир рӯзе писари худро гуфт, ки оё давлат дар хонадони мо то ба кай бимонад. Писар ҷавоб дод: «То даме ки бисоти адлу фарши инсоф дар ин айвон густурда бошад.»

То пои подшоҳ бувад бар бисоти адл,
Бар фарқи ӯ ниҳода бувад тоҷи сарварӣ.
Чун даст аз остини тағаллуб бурун кунад,
Бошад насиби гардани ӯ тавқи мудбирӣ.

Дар ахбор ворид аст, ки подшоҳи одил сояи лутф аст дар замине, ки паноҳ мегирад дар вай ҳар мазлуме. Муқаррар аст, ки ҳар қиро аз тоби офтоб ранче расад, ҷихати истироҳат паноҳ ба соя мебарад, то ранҷи ӯ ба роҳат мубаддал гардад ва ҳамчунин мазлум низ, ки аз тоби офтоби ситам ва ҳарорати шарорати зулм ба танг ояд, паноҳи сояи Худо, ки иборат аз подшоҳ аст, илтиҷо намояд, то аз кулфати золимон ва баракати он осоише дошта бошад:

Маснавӣ:

Шоҳи одил сояи лутфи ҳақ аст,
Ҳар кӣ дорад адл, лутфи мутлақ аст.
Халқро дар сояи худ ҷой дех,
В-аз шарраф бар фарқи гардун пой нех.

Ҳукамо гуфтанд: адл равият (баробарӣ) нигоҳ доштан аст миёни халқ. Яъне гурӯҳе баробари гурӯҳе мусаллат насозад ва ҳар тоифаро дар пояи ӯ нигаҳ дорад ва ҳудоми салотин дар асл чор гурӯҳанд: аввал аҳли шамшер чун мурод лашкариён ва эшон ба масобаи оташанд. Дуюм аҳли қалам чун вузарову кутабо ин гурӯҳ ба маобаи ҳавоянд. Сеюм аҳли муомила чун бозаргонон ва мухтарифони эшон ба манзалаи обанд. Чорум аҳли зироат ва эшон ба масобаи хоканд. Ҳамчуноне ки аз ғалабаи яке аз ургони чаҳоргона бар дигаре мизочи халқ табоҳ шавад ва як гурӯҳ аз ин асноҳи чаҳоргонаи мизочи мулк ҳам рӯй ба табоҳӣ орад ва салоҳи оламу низоми умури баний одам мунқатеъу номунтазам монад.

Қитъа:

Ҳар якеро зи халқ, мартабаест,
Пеш аз ин давр ёфта таъйин.
Гар кас аз ҳадди хеш даргузарад,
Фитнаҳо хезад аз ясору ямин.

Ҳар касеро ба чои ӯ бинишон,
Пас ба давлат ба чои худ бинишин.

Яке аз фазилати адл он аст, ки хок дар ачзои султони одил тасарруф мекунад. Овардаанд, ки яке аз уламо дар мачлиси Маъмун ҳадисе ривоят кард, ки ашхоси подшоҳони одил дар қабр мутафарриқ намешавад ва ачзои эшон аз якдигар намерезад. Маъмун фармуд, ки маро дар сидқи ҳадиси набавӣ шодибан раъйе (омезиш) нест, аммо доияе (хоҳише) дорам, ки Нӯшервонро бубинам, ки дар вокеъ мазҳари адл буда ва бар забони мӯъчазнишони ҳазрати расолат гузашта, ки ман мутаваллид шудам дар замони малики одил. Пас, азимати Мадоин (номи шаҳр) кард, чун ба ин чо расид, фармуд, то дахмаи Нӯшервон бикшоданд ва ба он чо даромад, дид тоза дар хоб хуфта, чунончи шахсе дар хоб бошад. Се ангуштарӣ дар даст дошт, ба нигини ҳар яке панде навишта: аввал, он ки дӯсту душман мадоро кун, дуюм, дар корҳо бе машварати хирадмандон шурӯъ манамой, сеюм, риояти раият фурӯ магузор ва дар ривояти дигар омада, ки лавҳе аз зар болои сари вай овехта буд ва дар он лавҳ навишта, ки ҳар кӣ хоҳад, ки худой мулки ӯро бузургвор гардонад ва ҳар кӣ хоҳад, ки мулки ӯ бисёр шавад, гӯ, сифати адли худро бисёр созад.

Маъмун бифармуд, то он пандхоро бинавиштанд ва он хокро ба атр олуда болояш пӯшиданд ва манқул аст, ки дар он дахма яке аз нудамои Маъмун ичозати сухан талабид ва баъди рухсат фармуд, ки адлро хосиятест, ки баъд аз вафот зарари хок аз кофари одил боз медорад ва агар одил ба саодати ислом мустаид бошад чи ачаб. Дар укбо зарари оташ низ аз ӯ боз доранд. Маъмун ин суханро писандид ва фармуд, то дар зайли он васоё сабт карданд.

Маснавӣ:

Адл дар дунё накӯномат кунад,
Дар киёмат хубфарҷомат кунад.
Андар ин олам муаззам созадат.
Чун ба-д-он олам расӣ, бинвозадат.

Аз чумлаи аркони адл исғои (шунидани) каломи додхоҳ аст, яъне гӯш ба сухани мазлумон кардан ва рӯи отифат (лутф) ба сохтани муҳими эшон овардан ва аз он ки бисёр гӯянд малул набояд шуд ва ба танг набояд омад, зеро ки подшоҳ ҳукми табиб дорад ва мазлум ба мисли бемор аст ва мариз мехоҳад, ки тамоми аҳволи худро пеши табиб боз гӯяд. Пас, агар табиб тамоми сухани бемор гӯш накунад бар ҳақиқати марази вай муттлаеъ нашавад ва бе иттилоъ (хабардорӣ) маразу ташхиси он илоҷ чӣ гуна тавон кард?

Ту табибиву манат беморам,
Ҳоли дил аз ту чӣ пинҳон дорам?!

Овардаанд, ки рӯзе яке бо бузурге ҳоли худ боз гуфт, илтифот нафармуд ва дигар бор гуфт, гӯш накард, севвум бор арз кард. Гуфт: – «Чанд дарди сар медиҳӣ?» Гуфт: – «Сар тӯй, дард кучо барам?» Он азизро хуш омад ва ҳочаташ раво кард.

Сар баровардӣ ба давлат, поймардӣ кун ба лутф,
Дастрас додат Худо, афтодагонро даст гир!

Яке аз салотини бузургро пурсиданд, ки мегӯянд ҳар чизеро закотест. За-

коти салтанат чист? – Чавоб дод, ки закоти подшоҳиву чаҳондорӣ он аст, ки агар мазлуме додхоҳӣ намояд ва ҳочати худро арз кунад, сухани ӯро исғо (гӯш) фармоянд ва бо ӯ ба мадоро сухан кунанду чавоби дурушт бознадиҳанд ва аз сухан гуфтан бо заифону фукаро ор надоранд, ки муколама бо хурдон аз хисоли бузургон аст…

Назар кардан ба дарвешон бузургиро бияфзояд,
Сулаймон бо чунон ҳашмат назарҳо буд бо мӯраш.

Овардаанд, ки подшоҳе буд дар дорулмулки Чин ба зевари адл ороста ва нихоли ҳолаш ба сифати насфат (пароканда) пероста ногоҳ офате ба ҳисси сомеаи ӯ рох ёфт ва гароиӣ дар гӯши ӯ падид омад. Аркони давлатро чамъ карду чунон зор бигирист, ки чумлаи хозирон бар ҳоли вай ба гиря омаданд ва аз барои тасаллии ӯ тадбирҳо ангехтанд. Малик фармуд, ки шумо гумон мебаред, ки ман бар фавти ҳисси самъ (шунавой) мегирям, чӣ медонам, ки окибати кор футуру қусур ба қуввааву хавос рох хохад ёфт. Пас, бар батлон чизе аз он марди хирадманд чӣ гуна андӯҳгин шавад. Гиряи ман барои он аст, ки ногоҳ мазлуме додхоҳ бар дари боргоҳ фарёд кунад ва садои ӯ ба гӯши ман нарасад ва ӯ маҳрум боз гардад ва ман бехабар бошам. Аммо дар ин боб фикре кардаам. Бифармоед, то дар ин диёр нидо кунанд, ки касе гайри додхоҳ чомаи сурх напӯшад, то ба он аломат бар ҳоли мазлумон иттилоъ ёбам ва ба доди эшон бирасам.

Доди мазлумон бидех, максуди маҳрумон барор,
Дину дунёро ба-д-ин доду диҳиш маъмур дор.

Ва бисёр буда, ки ба як доде, ки доданду ба фарёди мазлуме ки расидаанд, аз укубати укбо ҳиссаи начот ёфтаанд. Чунончи дар ахбор омада, ки султон Маликшоҳи Салчукӣ рӯзе бар канори Зиндарӯд шикор мекард. Замоне чиҳати истироҳат дар марғзоре фуруд омад. Аз мулозимони султон Маликшоҳ гуломе, ки хочиби хос буд, ба дехе даромад, гове дид, ки бар канори чӯй мечарид. Бифармуд, то он говро гирифта бикушанд ва кадре гӯште аз он кабоб кард. Он гов аз они очузае буд, ки маишати ӯ бо чаҳор ятим, ки дошт, аз шири ӯ хосил мешуд, чун аз он воқеа ҳабардор шуд, аз худ бехабар гашт. Биомад ва бар сари пуле, ки гузори султон ба он буд, мунтазир биншаст. Ногоҳ Маликшоҳ бирасид. Барчасту инони маркаби султон бигирифт. Ҳамон гуломи хочиб тозиёна баровард ва хост, ки ба зани ачуза бизанад ва манъ кунад. Султон гуфт: – «Бигзор, ки мазлум бечора менамояд, бингарам, ки тазаллуми (фарёд) ӯ чист? Ва доди ӯ аз дасти кист?» Пас рӯй ба пиразан оварду, ки сухан гӯй. Пиразан ба ҳукми он, ки гуфтаанд. Мисраъ:

Мазлум далер бошаду чиразабон,

Забон бикшод, ки эй писари Алпарслон, агар доди ман бар сари пули Зиндарӯд надиҳӣ ба гайрату чалоли аҳадият, ки то инсофи худ аз ту настонам, дасти мухосимат аз домани ту кӯтоҳ накунам, нек андеша кун, ки аз ин ду пул кадом ихтиёр мекунӣ:

Инсофи худу доди ман имрӯз бидех,
Бидҳӣ, бех аз он бувад, ки бистонандат.

Султон аз мохияти ин сухан пиёда шуду гуфт: – «Зинҳор, эй модар, ман ҳати чавоби он сари пул надорам, бигў, то бар ту кй ситам кардааст, то дод ў биситонанд.» Пиразан гуфт: – «Эй малик! Ҳамин гуломе, ки бар ҳузури ту зиёнаи укубат бар сари ман кашид, чашмаи айши маро талх сохтааст ва ве, ки маишати ману ятимони ман аз шираш муҳайё будй, бикушт ва кабоб рд.» Маликшоҳ фармуд, то гуломро сиёсат карданд ба ивази як модагов 70 одагов бидод. Баъд аз чанд гоҳе, ки султон вафот ёфт, пиразан ҳанўз дар ёт буд. Нимишабе бар сари кабри вай омад ва рўи ниёз ба киблаи дуо овар- гуфт: – «Аллоҳ, ин банда, ки дар ин чо хок аст, вакте ки ман дармонда дам, дасти ман бигирифт, ҳоло ў дармондааст. Ту ба карам дастгирии ў н. Ман бечора будам, ў бо очизии махлукияти хеш бар ман бахшид ин замон бечора аст. Ту ба қуввати холикияти худ бибахшой.» Яке шохро ба хоб дид, рсид, ки чй тавр аст? Фармуд: – «Агар дуои он пиразан ба фарёди ман нара- дй, аз чанголи укубат халосй мумкин набудй.»

Гуфт, ки бар рахгузар он гандапир,[1]
Гар ба ду олам нашудй дастгир.
Бе назари марҳмати подшоҳ,
Ҳоли мани гамзада будй табоҳ.
Доди ман ўро ба дуо рах намуд,
Файзи дуояш дари химмат кушуд...

Накл аст, ки дар айёми халифа Маъмун шахсе гуноҳе карда буд ва аз он аҳр фирор намуд. Бародари ўро пеши Маъмун ҳозир карданд. Маъмун ҳукм рд, ки бародари худро ҳозир кунад, вагарна ўро ба ивази бародараш ба тл расонанд. Он шахс гуфт: – «Эй халифа, агар омили ту хоҳад, ки маро кушад ва ту ҳукм фиристй, ки фалонро бигузор он омил маро бигзорад ё ?.» Гуфт: – «Бале, бигзор.» Гуфт: – «Пас ман ҳукм овардам аз подшохе, ки ба инояти ў ҳокимй, ки маро бигзорй.» Гуфт: – «Нишони ў гўй?!» Гуфт: – Нишони ман ин аст, ки Худои таоло фармояд: Ҳеч каёро ба гуноҳи дигаре агирад.» Маъмун мутаасир шуд ва бигиристу гуфт: – «Ўро бигзоред, ки ҳукми аҳкам ва нишони мубрам (қатъй) овардааст...»

Овардаанд, ки Амрўи Лайс якеро ба сухани соҳибгаразе маҳбус сохт. одари он кас арза дошт навишта, бар сари роҳи Амрў биистод ва чун Амрў расад, пиразан ба таъчил когаз боз мекард, ки ба дасти Амрў бидиҳад. аркаби Амрў тунд буд ва рамид. Амрў мутаҳайир шуд ва бифармуд, то он ифро дур карданд. Ва аз он чой даргузашт. Боз аҷуза ба сари роҳ омад ва иистод, то Амрў бозгузашт ва дигар бор пеш омад ва тазаллум намуд. Амрў урсид, ки ин чй кас аст? Гуфтанд: – «Модари фалон маҳбус аст.» Амрў аз ў утагайир буд. Рўй бигардонд ва илтифот накард. Пиразан гуфт: – «Эй ма- ик! Ҳукми ту дар бораи писари бегуноҳи ман чист?» Гуфт: – «Он ки ўро сад ўб бизананд ва рўяш сиёҳ кунанд ва гирди шаҳр бигардонанд ва нидо ку- анд, ки ҳар кй дар ҳазрати султон осй шавад, сазои вай ин аст.» Пиразан уфт: – «Ин ҳукм ту мекунй?» Гуфт: – «Оре, ман ин ҳукм мекунам.» Гуфт:

---

[1] Гандапир – бисёр пир.

коти салтанат чист? – Чавоб дод, ки закоти подшоҳиву чаҳондорӣ он аст, ки агар мазлуме додхоҳӣ намояд ва ҳочати худро арз кунад, сухани ӯро исго (гӯш) фармоянд ва бо ӯ ба мадоро сухан кунанду чавоби дурушт бознадиханд ва аз сухан гуфтан бо заифону фукаро ор надоранд, ки муколама бо хурдон аз хисоли бузургон аст…

Назар кардан ба дарвешон бузургиро бияфзояд,
Сулаймон бо чунон ҳашмат назархо буд бо мӯраш.

Овардаанд, ки подшоҳе буд дар дорулмулки Чин ба зевари адл ороста ва ниҳоли ҳолаш ба сифати насфат (пароканда) пероста ногоҳ офате ба ҳисси сомеаи ӯ роҳ ёфт ва гаронӣ дар гӯши ӯ падид омад. Аркони давлатро чамъ карду чунон зор бигирист, ки чумлаи ҳозирон бар ҳоли вай ба гиря омаданд ва аз барои тасаллии ӯ тадбирҳо ангехтанд. Малик фармуд, ки шумо гумон мебаред, ки ман бар фавти ҳисси самъ (шунавой) мегирям, чӣ медонам, ки окибати кор футуру кусур ба қуввааву хавос роҳ хоҳад ёфт. Пас, бар батлон чизе аз он марди хирадманд чӣ гуна андӯҳгин шавад. Гиряи ман барои он аст, ки ногоҳ мазлуме додхоҳ бар дари боргоҳ фарёд кунад ва садои ӯ ба гӯши ман нарасад ва ӯ маҳрум боз гардад ва ман бехабар бошам. Аммо дар ин боб фикре кардаам. Бифармоед, то дар ин диёр нидо кунанд, ки касе гайри додхоҳ чомаи сурх напӯшад, то ба он аломат бар ҳоли мазлумон иттилоъ ёбам ва ба доди эшон бирасам.

Доди мазлумон бидех, максуди маҳрумон барор,
Дину дунёро ба-д-ин доду диҳиш маъмур дор.

Ва бисёр буда, ки ба як доде, ки доданду ба фарёди мазлуме ки расидаанд, аз укубати укбо ҳиссаи наҷот ёфтаанд. Чунончи дар ахбор омада, ки султон Маликшоҳи Салчукӣ рӯзе бар канори Зиндарӯд шикор мекард. Замоне чиҳати истироҳат дар маргзоре фуруд омад. Аз мулозимони султон Маликшоҳ гуломе, ки ҳочиби хос буд, ба дехе даромад, гове дид, ки бар канори чӯй мечарид. Бифармуд, то он говро гирифта бикушанд ва кадре гӯште аз он кабоб кард. Он гов аз они очузае буд, ки маишати ӯ бо чахор ятим, ки дошт, аз шири ӯ ҳосил мешуд, чун аз он вокеа ҳабардор шуд, аз худ бехабар гашт. Биомад ва бар сари пуле, ки гузори султон ба он буд, мунтазир биншаст. Ногоҳ Маликшоҳ бирасид. Барчасту инони маркаби султон бигирифт. Ҳамон гуломи ҳочиб тозиёна бароварда ва хост, ки ба зани ачуза бизанад ва манъ кунад. Султон гуфт: – «Бигзор, ки мазлум бечора менамояд, бингарам, ки тазаллуми (фарёд) ӯ чист? Ва доди ӯ аз дасти кист?» Пас рӯй ба пиразан оварда, ки сухан гӯй. Пиразан ба ҳукми он, ки гуфтаанд. Мисраъ:

Мазлум далер бошаду чиразабон,

Забон бикшод, ки эй писари Алпарслон, агар доди ман бар сари пули Зиндарӯд надиҳӣ ба гайрату чалоли аҳадият, ки то инсофи худ аз ту настонам, дасти мухосимат аз домани ту кӯтоҳ накунам, нек андеша кун, ки аз ин ду пул кадом ихтиёр мекунӣ:

Инсофи худу доди ман имрӯз бидех,
Бидҳӣ, бех аз он бувад, ки бистонандат.

Султон аз моҳияти ин сухан пиёда шуду гуфт: – «Зинҳор, эй модар, ман оқати ҷавоби он сари пул надорам, бигӯ, то бар ту кӣ ситам кардааст, то дод з ӯ биситонанд.» Пиразан гуфт: – «Эй малик! Ҳамин гуломе, ки бар ҳузури ту озиёнаи уқубат бар сари ман кашид, чашмаи айши маро талх сохтааст ва ове, ки маишати ману ятимони ман аз ширашу муҳайё будӣ, бикушт ва кабоб ард.» Маликшоҳ фармуд, то гуломро сиёсат карданд ба ивази як модагов 70 одагов бидод. Баъд аз чанд гоҳе, ки султон вафот ёфт, пиразан ҳанӯз дар аёт буд. Нимишабе бар сари қабри вай омад ва рӯи ниёз ба қиблаи дуо овар- а гуфт: – «Аллоҳ, ин банда, ки дар ин ҷо хок аст, вақте ки ман дармонда удам, дасти ман бигирифт, ҳоло ӯ дармондааст. Ту ба карам дастгирии ӯ ун. Ман бечора будам, ӯ бо очизии махлуқияти хеш бар ман бахшид ин замон бечора аст. Ту ба қуввати холиқияти худ бибахшой.» Яке шоҳро ба хоб дид, урсид, ки чӣ тавр аст? Фармуд: – «Агар дуои он пиразан ба фарёди ман нарасидӣ, аз чанголи уқубат халосӣ мумкин набудӣ.»

Гуфт, ки бар раҳгузар он гандапир,[1]
Гар ба ду олам нашудӣ дастгир.
Бе назари марҳамати подшоҳ,
Ҳоли мани ғамзада будӣ табоҳ.
Доди ман ӯро ба дуо раҳ намуд,
Файзи дуояш дари ҳиммат кушуд...

Нақл аст, ки дар айёми халифа Маъмун шахсе гуноҳе карда буд ва аз он шаҳр фирор намуд. Бародари ӯро пеши Маъмун ҳозир карданд. Маъмун ҳукм кард, ки бародари худро ҳозир кунад, вагарна ӯро ба ивази бародараш ба қатл расонанд. Он шахс гуфт: – «Эй халифа, агар омили ту хоҳад, ки маро бикушад ва ту ҳукм фиристӣ, ки фалонро бигузор он омил маро бигзорад ё не?.» Гуфт: – «Бале, бигзор.» Гуфт: – «Пас ман ҳукм овардам аз подшоҳе, ки ту ба иноят ӯ ҳокимӣ, ки маро бигзорӣ.» Гуфт: – «Нишони ӯ гӯй?!» Гуфт: – «Нишони ман ин аст, ки Худои таоло фармояд: Ҳеч касро ба гуноҳи дигаре магиред.» Маъмун мутаасир шуд ва бигиристу гуфт: – «Ӯро бигзоред, ки ҳукми маҳкам ва нишони мубрам (қатъӣ) овардааст...»

Овардаанд, ки Амрӯи Лайс якеро ба сухани соҳибгаразе маҳбус сохт. Модари он кас арза дошт навишта, бар сари роҳи Амрӯ биистод ва чун Амрӯ бирасад, пиразан ба таъчил коғаз боз мекард, ки ба дасти Амрӯ бидиҳад. Маркаби Амрӯ тунд буд ва рамид. Амрӯ мутаҳайир шуд ва бифармуд, то он ҷаифро дур карданд. Ва аз он ҷой даргузашт. Боз ачуза ба сари роҳ омад ва биистод, то Амрӯ бозгузашт ва дигар бор пеш омад ва тазаллум намуд. Амрӯ пурсид, ки ин чӣ кас аст? Гуфтанд: – «Модари фалон маҳбус аст.» Амрӯ аз ӯ мутағайир буд. Рӯй бигардонд ва илтифот накард. Пиразан гуфт: – «Эй малик! Ҳукми ту дар бораи писари бегуноҳи ман чист?» Гуфт: – «Он ки ӯро сад ғуб бизананд ва рӯяш сиёҳ кунанд ва гирди шаҳр бигардонанд ва нидо кунанд, ки ҳар кӣ дар ҳазрати султон осӣ шавад, сазои вай ин аст.» Пиразан гуфт: – «Ин ҳукм ту мекунӣ?» Гуфт: – «Оре, ман ин ҳукм мекунам.» Гуфт:

[1]Гандапир – бисёр пир.

коти салтанат чист? – Чавоб дод, ки закоти подшоҳиву ҷаҳондорӣ он аст, ки агар мазлуме додхоҳӣ намояд ва ҳочати худро арз кунад, сухани ӯро исғо (гӯш) фармоянд ва бо ӯ ба мадоро сухан кунанду ҷавоби дурушт бознадиҳанд ва аз сухан гуфтан бо заифону фукаро ор надоранд, ки муколама бо хурдон аз хисоли бузургон аст...

Назар кардан ба дарвешон бузургиро бияфзояд,
Сулаймон бо чунон ҳашмат назарҳо буд бо мӯраш.

Овардаанд, ки подшоҳе буд дар дорулмулки Чин ба зевари адл ороста ва ниҳоли ҳолаш ба сифати насфат (пароканда) пероста ногоҳ офате ба ҳисси сомеаи ӯ роҳ ёфт ва гаронӣ дар гӯши ӯ падид омад. Аркони давлатро ҷамъ карду чунон зор бигирист, ки ҷумлаи ҳозирон бар ҳоли вай ба гиря омаданд ва аз барои тасаллии ӯ тадбирҳо ангехтанд. Малик фармуд, ки шумо гумон мебаред, ки ман бар фавти ҳисси самъ (шунавой) мегирям, чӣ медонам, ки окибати кор футуру қусур ба қуввааву хавос роҳ хоҳад ёфт. Пас, бар батлон чизе аз он марди хирадманд чӣ гуна андӯхгин шавад. Гиряи ман барои он аст, ки ногоҳ мазлуме додхоҳ бар дари боргоҳ фарёд кунад ва садои ӯ ба гӯши ман нарасад ва ӯ маҳрум боз гардад ва ман бехабар бошам. Аммо дар ин боб фикре кардаам. Бифармоед, то дар ин диёр нидо кунанд, ки касе ғайри додхоҳ чомаи сурх напӯшад, то ба он аломат бар ҳоли мазлумон иттилоъ ёбам ва ба доди эшон бирасам.

Доди мазлумон бидех, мақсуди маҳрумон барор,
Дину дунёро ба-д-ин доду диҳиш маъмур дор.

Ва бисёр буда, ки ба як доде, ки доданду ба фарёди мазлуме ки расидаанд, аз уқубати уқбо ҳиссаи наҷот ёфтаанд. Чунончи дар ахбор омада, ки султон Маликшоҳи Салҷукӣ рӯзе бар канори Зиндарӯд шикор мекард. Замоне ҷиҳати истироҳат дар марғзоре фуруд омад. Аз мулозимони султон Маликшоҳ гуломе, ки ҳочиби хос буд, ба дехе даромад, гове дид, ки бар канори ҷӯй мечарид. Бифармуд, то он говро гирифта бикушанд ва кадре гӯште аз он кабоб кард. Он гов аз они оҷузае буд, ки маишати ӯ бо чаҳор ятим, ки дошт, аз шири ӯ ҳосил мешуд, чун аз он воқеа ҳабардор шуд, аз худ бехабар гашт. Биомад ва бар сари пуле, ки гузори султон ба он буд, мунтазир биншаст. Ногоҳ Маликшоҳ бирасид. Барчасту инони маркаби султон бигирифт. Ҳамон гуломи ҳочиб тозиёна бароварда ва хост, ки ба зани аҷуза бизанад ва манъ кунад. Султон гуфт: – «Бигзор, ки мазлум бечора менамояд, бингарам, ки тазаллуми (фарёд) ӯ чист? Ва доди ӯ аз дасти кист?» Пас рӯй ба пиразан оварда, ки сухан гӯй. Пиразан ба ҳукми он, ки гуфтаанд. Мисраъ:

Мазлум далер бошаду чиразабон,

Забон бикшод, ки эй писари Алпарслон, агар доди ман бар сари пули Зиндарӯд надиҳӣ ба ғайрату ҷалоли аҳадият, ки то инсофи худ аз ту настонам, дасти мухосимат аз домани ту кӯтоҳ накунам, нек андеша кун, ки аз ин ду пул кадом ихтиёр мекунӣ:

Инсофи худу доди ман имрӯз бидех,
Бидҳӣ, бех аз он бувад, ки бистонандат.

Султон аз моҳияти ин сухан пиёда шуду гуфт: – «Зинҳор, эй модар, ман тоқати ҷавоби он сари пул надорам, бигӯ, то бар ту кӣ ситам кардааст, то дод аз ӯ биситонанд.» Пиразан гуфт: – «Эй малик! Ҳамин гуломе, ки бар ҳузури ту тозиёнаи уқубат бар сари ман кашид, чашман айши маро талх сохтааст ва гове, ки маишати ману ятимони ман аз ширашмуҳайё будӣ, бикушт ва кабоб кард.» Маликшоҳ фармуд, то гуломро сиёсат карданд ва ивази як модагов 70 модагов бидод. Баъд аз чанд гоҳе, ки султон вафот ёфт, пиразан ҳанӯз дар ҳаёт буд. Нимишабе бар сари қабри вай омад ва рӯи ниёз ба қиблаи дуо оварда гуфт: – «Аллоҳ, ин банда, ки дар ин ҷо хок аст, вақте ки ман дармонда будам, дасти ман бигирифт, ҳоло ӯ дармондааст. Ту ба карам дастгирии ӯ кун. Ман бечора будам, ӯ бо оҷизии махлуқияти хеш бар ман бахшид ин замон ӯ бечора аст. Ту ба қуввати холиқияти худ бибахшой.» Яке шоҳро ба хоб дид, пурсид, ки чӣ тавр аст? Фармуд: – «Агар дуои он пиразан ба фарёди ман нарасидӣ, аз чанголи уқубат халосӣ мумкин набудӣ.»

Гуфт, ки бар раҳгузар он гандапир,[1]
Гар ба ду олам нашудӣ дастгир.
Бе назари марҳамати подшоҳ,
Ҳоли мани ғамзада будӣ табоҳ.
Доди ман ӯро ба дуо раҳ намуд,
Файзи дуояш дари ҳиммат кушуд...

Нақл аст, ки дар айёми халифа Маъмун шахсе гуноҳе карда буд ва аз он шаҳр фирор намуд. Бародари ӯро пеши Маъмун ҳозир карданд. Маъмун ҳукм кард, ки бародари худро ҳозир кунад, вагарна ӯро ба ивази бародараш ба қатл расонанд. Он шахс гуфт: – «Эй халифа, агар омили ту хоҳад, ки маро бикушад ва ту ҳукм фиристӣ, ки фалонро бигузор он омил маро бигзорад ё не?.» Гуфт: – «Бале, бигзор.» Гуфт: – «Пас ман ҳукм овардам аз подшоҳе, ки ту ба иноятӣ ӯ ҳокимӣ, ки маро бигзорӣ.» Гуфт: – «Нишони ӯ гӯй?!» Гуфт: – «Нишони ман ин аст, ки Худои таоло фармояд: Ҳеҷ касро ба гуноҳи дигаре магиред.» Маъмун мутаасир шуд ва бигиристу гуфт: – «Ӯро бигзоред, ки ҳукми маҳкам ва нишони мубрам (қатъӣ) овардааст...»

Овардаанд, ки Амрӯи Лайс якеро ба сухани сохибгаразе маҳбус сохт. Модари он кас арза дошт навишта, бар сари роҳи Амрӯ биистод ва чун Амрӯ бирасад, пиразан ба таъчил коғаз боз мекард, ки ба дасти Амрӯ бидиҳад. Маркаби Амрӯ тунд буд ва рамид. Амрӯ мутаҳайир шуд ва бифармуд, то он заифро дур карданд. Ва аз он ҷой даргузашт. Боз аҷуза ба сари роҳ омад ва биистод, то Амрӯ бозгузашт ва дигар бор пеш омад ва тазаллум намуд. Амрӯ пурсид, ки ин чӣ кас аст? Гуфтанд: – «Модари фалон маҳбус аст.» Амрӯ аз ӯ мутағайир буд. Рӯй бигардонд ва илтифот накард. Пиразан гуфт: – «Эй малик! Ҳукми ту дар бораи писари бегуноҳи ман чист?» Гуфт: – «Он ки ӯро сад чӯб бизананд ва рӯяш сиёҳ кунанд ва гирди шаҳр бигардонанд ва нидо кунанд, ки ҳар кӣ дар ҳазрати султон осӣ шавад, сазои вай ин аст.» Пиразан гуфт: – «Ин ҳукм ту мекунӣ?» Гуфт: – «Оре, ман ин ҳукм мекунам.» Гуфт:

[1]Гандапир – бисёр пир.

– «Пас ҳукми Худо кучо шуд, ки ҳар ҳукме, ки ту хоҳӣ кунӣ?!» Аз хайбати ин суҳан ларза бар Амрӯ афтод ва беҳуш шуд ва чун ба худ омад, бифармуд, то маҳбусро аз зиндон берун оварданд ва хильати хос бар ӯ пӯшонида, ба маркаби хос савор карданд ва гуфт: – «Ӯро дар шаҳру бозор бигардонед ва мунодӣ кунед, ки ҳар ҳукме, ки Худо кунад, Амрӯи Лайс кӣ бошад хилофи он дар хотир гузорад.»

Ӯ ҳоким асту мо ҳама маҳкуми ҳукми Ӯ,
Моро чӣ эътибор бувад ҳукм ҳукми Ӯст.

Рукни дигар хулуси покии ният аст дар боби раият ва ба некхохии эшон моил будан чӣ ният подшоҳро дар ин боб асари тамом аст. Агар нияти адл кунад, баракати ҷамъият натича диҳад. Ва агар ба хилофи ин бошад, баракат аз маҳсул биравад ва акди ҷамъияти раият гусехта гардад. Шайх Саъдӣ фармуда:

Дар он кӯш то ҳарчи нийят куни.
Назар дар салоҳи раийят куни.
Ки султон агар нияти бад кунад,
Мухими чаҳоне ба ҳам барзанад.

Овардаанд, ки подшоҳ Қубод рӯзе дар шикор аз лашкар ҷудо афтод ва ҳаво гарм шуду аз ташнагӣ бетоқат гашта ҳар тараф менигарист ва сояву сарчашмае металабид. Аз дур сиёҳие ба назараш даромад. Маркаб ба он тараф ронд. Хаймаи кӯхна дид дар миёни бодия зада ва пиразане бо духтари худ дар сояи он нишаста, чун Қубод бирасид, он зан аз хайма берун давид ва инонаш гирифта, фуруд овард ва чизе ки дошт, ҳозир кард. Қубод таоме хӯрд ва обе биёшомид, хоб бар ӯ ғалаба кард. Лаҳзае биёромид чун аз хоб даромад бегоҳ шуда буд, шаб ҳамон чо икомат намуд. Баъди намози шом гове аз саҳро биёмад ва духтараки он зол он говро бидӯшид, шири бисёр ҳосил шуд, чунон ки Қубодро ачаб омад ва бо худ гуфт: – «Ин ҷамоат ба чиҳати он ба саҳро нишастаанд, то кас ба сарояшон иттилоъ наёбад. Ҳар рӯз чандин шир аз гове мегиранд. Агар дар ҳафта як рӯз ба султон диҳанд, моли эшонро халале намерасад ва хазонаро тавфире (фаровонӣ) мешавад.» Ният кард, ки чун ба дорулмулк бирасад, он мавозеъро бар раият ниҳад. Чун сабоҳ шуд духтарак говро гирифту бидӯшид, андаке шир фуруд омад. Фарёд баровард. Пеши модар давид, ки эй модар, рӯй ба дуо ор, ки подшоҳи мо нияти зулм кардааст. Қубод тааччуб намуд ва гуфт: – «Аз чӣ донистӣ.» Гуфт: – «Ҳар бомдод гови мо бисёр шир бидодӣ, имрӯз андак. Ҳар гоҳ ки подшоҳ нияти бад кунад, ҳак баракат бардорад.» Қубод гуфт: – «Рост гуфтӣ» ва он ният аз дил берун кард. – «Акнун бирав ва бар сари кор шав.» Пас, духтар бархост ва дигар бор говро дӯшид. Шири бисёр ҳосил шуд. Бори дигар пеши модар давид ва муждаи нияти подшоҳ ба вай расонид ва аз ин чо гуфтаанд, ки малики одил беҳтар аст аз абри боранда ва офтоби тобанда. Ҳаким Фирдавсӣ фармояд:

Ҳар он нам, к-аз абри баҳорон бувад,
Дар андешаи шаҳриёрон бувад.
Чу бад гардад андешаи подшоҳ,
Наёбад замин нам ба вакт аз ҳаво.

Чу одил бувад шах, зи сахтй манод,
Ки адлаш бех аст аз фарохии сол.

Дар хамин маънй накл кардаанд аз Бахроми Гўр, ки вакте дар хавои гарм ба дари боге расид, пире, ки богбонй кардй он чо хозир буд, гуфт: – «Эй пир, дар ин бог анор хаст?» Гуфт – «Оре.» Бахром фармуд, ки кадре оби анор биёр. Пир бирафт ва дархол кадахе пур оби анор карда берун овард ва ба дасти Бахром дод, биёшомид ва гуфт: – «Эй пир, соле аз ин бог чанд хосил мекунй?» Гуфт: – «Сесад динор.» Гуфт: – «Ба девон хироч чй медихй?» – Гуфт, подшохи мо аз дарахт чизе намегирад ва аз зироат ушр (дахяк) мегирад. Бахром бо худ андеша кард, ки дар мамлакати ман боги бисёр хаст ва дар хар боге дарахти бешумор. Агар аз хосили бог низ ушр ба девон диханд, маблаге хосил мешавад ва раиятро чандон зиёне намерасад. Баъд аз ин бифармоям то хироч аз махсули богот низ бигиранд. Пас богбонро гуфт: – «Кадахе дигар оби анор биёр.» Богбон бирафт ва пас аз мудлате кадахи об овард. Бахром гуфт: – «Эй пир, навбати аввал рафтиву зуд омадй ва ин навбат интизори бисёр додй ва баробари он об наёвардй.» Пир надонист, ки он чавон Бахром аст. Гуфт: – «Эй чавон, гуноҳ аз ман набуда аз подшох буд, ки дар ин вакт нияти худро тагйир дода ва андешаи зулм фармуда, лочарам баракат аз мева берун рафт. Ман навбати аввал аз як анор он хама об гирифтам ва дар ин карат аз дах анор баробари он хосил нашуд.» Бахром аз ин сухан мутаассир гашт ва он андешаро аз дил берун карду гуфт: – «Эй пир, як бори дигар миклоре оби анор биёр.» Пир ба бог рафт ва ба зудй берун омад ва кадахе моломол аз оби анор овардa ба дасти Бахром доду гуфт: – «Эй савор, ачаб холатаст, ки подшохи мо он нияти зулмро тагйир дод. Алхол асари баракат хосил шуд. Аз як анор ин кадах пуроб шуд.» Бахром сурати хол ба пир миён ниход ва киссаи нияти худу тагйири он боз гуфт ва ин сухан аз малики давлатманд ба сахифаи рўзгор ёдовар монд, то салотин аз ин сухан пандпазир шаванд ва нияти дар салохи холи раият максуд доранд.

Хар шоҳ, ки ў нийяти худ рост кунад,
Ёбад зи Худой он чи дархост кунад.

Хукамо фармуданд, ки адл хубтарин фазилат аст ва зулм зиштгарин разолат. Натичаи адл бакои мулку вусъати мамлакат аст ва маъмури хазоину ободонии кариявў шахрхо. Ба самари зулм заволи мамлакат аст ва харобии мамлакат дар васоёи (васиятхои) Хушанги Сиёмак, ки писари худро фармуд, ки эй писар, бояд, ки ояти зулмро бартараф, чавррo дур дорй ва аз новаки охи мазлумони ситамрасида ва нолаву зории махрумони мехнаткашида бипархезй, ки гуфтаанд:

Он чи як пиразан кунад ба сахар,
Накунад сад хазор тиру табар.

Арбоби хикмат дар ин боб масале пардохтаанд ва ахли зохир онро хикоя-те сохта, ки Султон Махмуд ба аркони давлати худ гуфт, ки аблахтарин марду-мон пайдо кунед. Бузургони даргох хукамову нудамо ва зиракону хутабо-ро ба атрофу акнофи мамлакат фиристоданд ва эшон мутаваччех шуда ва бо истеъломи инчунин касе машгул буданд, ва дар акшофи ахволи чахон ва ахма-

– «Пас ҳукми Худо кучо шуд, ки ҳар ҳукме, ки ту хоҳӣ куний?!» Аз ҳайбати ин суҳан ларза бар Амрӯ афтод ва беҳуш шуд ва чун ба худ омад, бифармуд, то маҳбусро аз зиндон берун оварданд ва хилъати хос бар ӯ пӯшонида, ба маркаби хос савор карданд ва гуфт: – «Ӯро дар шаҳру бозор бигардонед ва мунодӣ кунед, ки ҳар ҳукме, ки Худо кунад, Амрӯи Лайс кӣ бошад хилофи он дар хотир гузорад.»

Ӯ ҳоким асту мо ҳама маҳкуми ҳукми Ӯ,
Моро чӣ эътибор бувад ҳукм ҳукми Ӯст.

Рукни дигар ҳулуси покии ният аст дар боби раият ва ба некхоҳии эшон моил будан чӣ нияти подшоҳро дар ин боб асари тамом аст. Агар нияти адл кунад, баракати ҷамъият натича диҳад. Ва агар ба хилофи ин бошад, баракат аз маҳсул биравад ва акди ҷамъияти раият гусехта гардад. Шайх Саъдӣ фармуда:

Дар он кӯш то ҳарчи нийят куний.
Назар дар салоҳи раийят куний.
Ки султон агар нияти бад кунад,
Муҳими чаҳоне ба ҳам барзанад.

Овардаанд, ки подшоҳ Қубод рӯзе дар шикор аз лашкар ҷудо афтод ва ҳаво гарм шуду аз ташнагӣ бетоқат гашта ҳар тараф менигарист ва сояву сарчашмае металабид. Аз дур сиёҳие ба назараш даромад. Маркаб ба он тараф ронд. Хаймаи кӯҳна дид дар миёни бодия зада ва пиразане бо духтари худ дар сояи он нишаста, чун Қубод бирасид, он зан аз хайма берун давид ва инонаш гирифта, фуруд овард ва чизе ки дошт, ҳозир кард. Қубод таоме хӯрд ва обе биёшомид, хоб бар ӯ ғалаба кард. Лаҳзае биёромид чун аз хоб даромад бегоҳ шуда буд, шаб ҳамон ҷо икомат намуд. Баъди намози шом гове аз саҳро биёмад ва духтараки он зол он говро бидӯшид, шири бисёр ҳосил шуд, чунон ки Қубодро ачаб омад ва бо худ гуфт: – «Ин ҷамоат ба чиҳати он ба саҳро нишастаанд, то кас ба сарояшон иттилоъ наёбад. Ҳар рӯз чандин шир аз гове мегиранд. Агар дар ҳафта як рӯз ба султон диҳанд, моли эшонро ҳалале намерасад ва ҳазонаро тавфире (фаровонӣ) мешавад.» Ният кард, ки чун ба дорулмулк бирасад, он мавозеъро бар раият ниҳад. Чун сабоҳ шуд духтарак говро гирифту бидӯшид, андаке шир фуруд омад. Фарёд баровард. Пеши модар давид, ки эй модар, рӯй ба дуо ор, ки подшоҳи мо нияти зулм кардааст. Қубод тааҷҷуб намуд ва гуфт: – «Аз чӣ донистӣ.» Гуфт: – «Ҳар бомдод гови мо бисёр шир бидодӣ, имрӯз андак. Ҳар гоҳ ки подшоҳ нияти бад кунад, ҳақ баракат бардорад.» Қубод гуфт: – «Рост гуфтӣ» ва он ният аз дил берун кард. – «Акнун бирав ва бар сари кор шав.» Пас, духтар бархост ва дигар бор говро дӯшид. Шири бисёр ҳосил шуд. Бори дигар пеши модар давид ва муждаи нияти подшоҳ ба вай расонид ва аз ин ҷо гуфтаанд, ки маликӣ одил беҳтар аст аз абри боранда ва офтоби тобанда. Ҳаким Фирдавсӣ фармояд:

Ҳар он нам, к-аз абри бахорон бувад,
Дар андешаи шахриёрон бувад.
Чу бад гардад андешаи подшоҳ,
Наёбад замин нам ба вақт аз ҳаво.

Чу одил бувад шах, зи сахтй манол,
Ки адлаш бех аст аз фарохии сол.

Дар хамин маънй накл кардаанд аз Бахроми Гур, ки вакте дар хавои гарм ба дари боге расид, пире, ки богбонй кардй он чо хозир буд, гуфт: – «Эй пир, дар ин бог анор хаст?» Гуфт – «Оре.» Бахром фармуд, ки кадре оби анор биёр. Пир бирафт ва дархол кадахе пур оби анор карда берун овард ва ба дасти Бахром дод, биёшомид ва гуфт: – «Эй пир, соле аз ин бог чанд хосил мекунй?» Гуфт: – «Сесад динор.» Гуфт: – «Ба девон хироч чй медихй?» – Гуфт, подшохи мо аз дарахт чизе намегирад ва аз зироат ушр (дахяк) мегирад. Бахром бо худ андеша кард, ки дар мамлакати ман богй бисёр хаст ва дар хар боге дарахти бешумор. Агар аз хосили бог низ ушр ба девон диханд, маблаге хосил мешавад ва раиятро чандон зиёне намерасад. Баъд аз ин бифармоям то хироч аз махсули богот низ бигиранд. Пас богбонро гуфт: – «Кадахе дигар оби анор биёр.» Богбон бирафт ва пас аз муддате кадахи об овард. Бахром гуфт: – «Эй пир, навбати аввал рафтиву зуд омадй ва ин навбат интизори бисёр додй ва баробари он об наёвардй.» Пир надонист, ки он чавон Бахром аст. Гуфт: – «Эй чавон, гуноҳ аз ман набуда аз подшоҳ буд, ки дар ин вакт нияти худро тағйир дода ва андешаи зулм фармуда, лочарам баракат аз мева берун рафт. Ман навбати аввал аз як анор он хама об гирифтам ва дар ин карат аз дах анор баробари он хосил нашуд.» Бахром аз ин сухан мутаассир гашт ва он андешаро аз дил берун карду гуфт: – «Эй пир, ба бори дигар миқдоре оби анор биёр.» Пир ба бог рафт ва ба зудй берун омад ва кадахе моломол аз оби анор оварда ба дасти Бахром доду гуфт: – «Эй савор, ачаб холатаст, ки подшохи мо он нияти зулмро тағйир дод. Алхол асари баракат хосил шуд. Аз як анор ин кадах пуроб шуд.» Бахром сурати хол ба пир миён ниход ва киссаи нияти худу тағйири он боз гуфт ва ин сухан аз малики давлатманд ба саҳифаи рӯзгор ёдовар монд, то салотин аз ин сухан пандпазир шаванд ва нияти дар салохи холи раият максуд доранд.

Хар шох, ки ӯ нийяти худ рост кунад,
Ёбад зи Худой он чи дархост кунад.

Хукамо фармуданд, ки адл хубтарин фазилат аст ва зулм зиштгарин разолат. Натичаи адл бакои мулку вусъати мамлакат аст ва маъмури хазоину ободонии карияву шахрхо. Ба самари зулм заволи мамлакат аст ва харобии мамлакат дар васоёи (васиятхои) Хушанги Сиёмак, ки писари худро фармуд, ки эй писар, бояд, ки ояти зулмро бартараф, чавррро дур дорй ва аз новаки охи мазлумони ситамрасида ва нолаву зории махрумони мехнаткашида бипархезй, ки гуфтаанд:

Он чи як пирозан кунад ба сахар,
Накунад сад хазор тиру табар.

Арбоби хикмат дар ин боб масале пардохтаанд ва ахли зохир онро хикоя те сохта, ки Султон Махмуд ба аркони давлати худ гуфт, ки аблахтарин мардумон пайдо кунед. Бузургони даргоҳ ҳукамову нудамо ва зиракону хутаборо ба атрофу акнофи мамлакат фиристоданд ва эшон мутаваччех шуда ва бо истеъломи инчунин касе машгул буданд, ва дар акшофи ахволи чахон ва ахма-

қон муболиға менамуданд. Ба охир шахсеро диданд, ки бар шохи дарахте баромаду табар бар буни он шох мезанад, то гусехта гардад ва маълум буд, ки агар он шох бигсалад ҳар оина он кас аз сари шохи баланд ба замин афтад ва агар фаразан ҳазор чон дошта бошад, якеро ба саломат набарад ва ҳама иттифоқ карданд, ки ин кас аблаҳтарини олам аст ва ӯро гирифта назди султон бурданд ва сурати ҳол ба мавқуфи арз расониданд. Султон фармуд, ки аз ӯ аблаҳтаре ҳаст, гуфтанд: – Ҳазрати султон баён фармояд. Гуфт: – «Ҳокими золим, ки ба чавру тааддӣ раняти худро барандозад ва худро ба ин восита бадбахту парешонҳол созад.»

Ранят чу беханду султон дарахт,
Дарахт, эй писар, бошад аз бех сахт.
Табар бар буни он дарахте мазан,
Ки болои шохаш гирифтй ватан,
Ки чун суст гардид бехи дарахт,
Зи пой андар ояд ба як боди сахт.
Касе к-ӯ чафову ситам мекунад,
Якин аст, к-ӯ бехи худ меканад.

...Дар Самарқанд золиме буд ҳалоик аз ҷафои ӯ дар азоб ва аз тааддии бениҳояташ дар шиканҷаи уқубат буданд... Шабе дар гурфаи хеш ба тахт хуфта буд, тире фуруд омаду бар синаи вай хӯрд, чунончи аз пушташ гузашт ва дархол ҳалок шуд. Субҳ он тир аз синаи вай берун кашиданд бар он навишта буд, ки ситам мекунй ва барои ситамгарон тирҳо муқаррар аст, ки дар аъзо зудтар аз сӯзан фурӯ меравад:

Ҳон, эй нихода тири чафо бар камони зулм,
Андеша куи зи новаки дилдӯз дар камин.
Гар тири ту зи чавшани фӯлод бигзарад,
Пайкони оҳ бигзарад аз кӯхи оҳанин.

Ва ҳаким Ҳоконӣ гуфтааст:

Битарс аз тирборони заифон дар камини шаб,
Ки ҳар к-аз заъф нолонтар кавитар захми пайконаш.
Битарс аз оҳи мазлуме, ки бедор асту хун борад,
Ту хуш хуфта ба болини ту ояд сели боронаш...

ДАР АФВ

Афв тарки уқубати гунаҳкор аст, дар ҳоли қудрат барад ва ин хислат дар фазилат бар ҷумлаи хислатҳо фоиқ аст...

Ҳукамо гуфтаанд: – «Ҳарчанд гуноҳ бузургтар аст, фазилати афвкунанда зиёдтар аст.» Овардаанд, ки яке аз гунаҳкорон назди як малик аз мулуки араб омад ва ҳол он ки чанд касро аз наздикони малик кушта буд. Малик гуфт: – «Басе чуръат аст, ки бо вуҷуди гуноҳони бузург, ки аз ту ба нисбати ман ва хешони ман содир шуда, аз уқубати ман натарсидй ва наздики ман омадй.» Ҷавоб дод, ки: – «Ҷуръати ман дар омадан ба ҳазрати ту ва нотарсидан аз уқубати ту чиҳат он аст, ки медонам ҳарчанд гуноҳи ман бузург аст, афви ту аз он бузургтар хоҳад буд.» Малик сухани ӯро писандид ва гуноҳи ӯро афв фармуд...

Искандар аз Арасту пурсид, ки дар боби фалон гунаҳкор чӣ мегӯй? Гуфт: – «Эй малик агар гуноҳ набудӣ, сифати афв, ки бехтарин фазилат аст, ки касе зоҳир нашудӣ. Пас, гуноҳ оинаи афв аст ва гунаҳкор ба сабаби зуҳури он сифатшуда дар бораи ӯ бояд, ки ин маънӣ ба зуҳур расад.»

Гуноҳ оинаи афву раҳмат аст, эй шайх,
Мабин ба чашми ҳакорат гунаҳгоронро.

Искандар гуфт: – «Афв дар чӣ вақт некӯст?» Гуфт: – «Дар вақти қудрат ва зафар бар хасм, то ба он афв шукргузорӣ зафар карда бошад.»

Дар ҳикоёт омада, ки подшоҳе бар душмани худ зафар ёфт ва ӯро асир карда, дар маърази итоб боз дошт. Подшоҳ аз ӯ пурсид, ки худро чун мебинӣ? Ҷавоб дод, ки Худо чизе дӯст медорад, ки он афв аст. Ва ту чизе дӯст медоштӣ, ки он зафар аст. Чун зафаре, ки ту дӯст медоштӣ ба ту арзонӣ шуд, афве, ки Ӯ дӯст медорад ту низ ба ҷой ор! Подшоҳ ин суханро писандид ва озод кард...

З-ибтидои даври олам, то ба ахди подшоҳ,
Аз бузургон афв будаст, аз фурудастон гуноҳ.

Овардаанд, ки яке аз мукаррабон ҷурме (гуноҳе) карда буд ва дар маъразии таъдибу азоб афтод. Рӯзе он подшоҳ бо яке аз хос дар бораи он мучрим мушоварат мекард ва он шахс гуфт: – «Агар банда ба чои подшоҳ будаме, ҳукми сиёсат кардаме.» Шоҳ фармуд: – «Акнун ту ба ҷои ман ҳастӣ, кирдори ман бояд, ки ба хилофи кирдори ту бошад. Ман ӯро афв кардам:

Гар азим аст аз фурудастон гуноҳ,
Афв кардан аз бузургон аъзам аст.

Ва ҳар гоҳ касе дар гуноҳе, ки аз ӯ содир шавад тааммул кунад ва донад, ки ба афви (Худо) мӯҳтоҷ аст, бояд ки афви худро аз гунаҳкор дареғ надорад, то Худо низ афви худ ба вай арзонӣ дорад.

Агар таваккуи бахшоиши Худо дорӣ,
Зи рӯи афву карам бар гунаҳкорон бахш.

Оварданд, ки подшоҳе якеро ба амале фиристода буд ва аз вай тавре, ки подшоҳро нописандид буд, содир шуд. Подшоҳ ӯро азл (барканор) карда, бифармуд побандаш карданд ва ба пойтахт оварданд ва итобу хитоб оғоз кард. Он бечора гуфт: – «Эй шоҳ, андеша кун, туро ҳам фардо итоб...дар пеш аст»

Ман пеши ту мучримам, ту дар пеши Худо,
Гар афв кунӣ, Ҳақ аз ту ҳам афв кунад.

Подшоҳро ин сухан писанд афтод ва ӯро банд бардошт ва тарбият қарда, боз бар сари амал фиристод:

Афв фармудан муборак хислатест,
Хар кӣ дорад афв сохиблавлатест,
Дил зи нури афв равшан мешавад,
Дар насимаш сина гулшан мешавад.
Дӯст дорад афвро Парвардигор,
Он чӣ Эзид дӯст дорад, дӯст дор...

ДАР ҲИЛМ

Ҳилм яке аз ахлоқи бузург аст... Дар ҳадис омада, ки қавитарини шумо он кас аст, ки дарҳол ғазаби худро бияфканад ва молики нафси худ бошад:

Мардӣ гумон мабар, ки ба зӯрасту пурдилӣ,
Бо хашм гар барой, донам, ки комилӣ.

Дар китоби «Инҷил» мазкур аст, ки мулукро воҷиб бувад, ки насфи худро риёзат диҳанд ба ҳилм ва ром созанд дар фармонбардорӣ, то ҳар чӣ бишнаванд, ки хилофи ризои эшон бошад, дар хашм нашаванд, зеро ки эшонро қудрату тавоной ҳаст ва зердастон мутеи эшонанд. Агар хашми зердаст ҳилм набошад, ғазаби маҳкум бурдборӣ набувад ва ба ҳар қавлеву феъле хашм гиранд, ҳар оина мардум мутаассир шаванд ва маликро равнақ намонад ва басе зебо гуфтаанд:

Бурдборӣ хазинаи хирад аст,
Ҳар киро ҳилм нест, ӯ чудар[1] аст.
Девбандист ҳилм агар донӣ.
Ғазаб аз дасти ӯст зиндонӣ.

Марди ҳалим он аст, ки селоби ғазаби ӯ ба он ки кӯҳи шомих (баланд) агар дар мӯҳри ӯ афтад, барҳазар аст. Ӯ аз ҷой натавонад биравад ва ноираи хашм бо вуҷуди он ки гирехӯ асир аз илтиҳоби он дар хатар аст, дар вай тасарруф натавонад кард. Бе ҳилм оташи ғазаби ҳеҷ султон таскин наёбад ва бе муованат бурдбории ҳеҷ ҳокиме боз гуфтугӯи руаё барнатобад, пас подшоҳи одил он аст, ки ҳилмро зевари рӯзгори худ созад ва ба дастёрии ӯ бунёди хашми оламсӯз биронад:

Чу ҳилм андар омад ғазаб гашт паст,
Ғазабро хамин бурдборӣ шикаст.
Сутуни хирад бурдборӣ бувад,
Сабуксар ҳамеша ба хорӣ бувад.

Аз Сулаймони Варроқ нақл кардаанд, ки гуфт, ки рӯзе дар хидмати Маъмун будам. Нигине аз ёқут дидам, ки тӯли ӯ чаҳор ангушт ва арзи ӯ ду ангушт ва дар сафову равшанӣ чун хуршеди тобону Ноҳиди (Зӯҳра) дурахшон буд. Пас заргареро хонду гуфт: – «Хотаме (ангуштарӣ) бисоз, ки ин ёқут нигини он тавонад буд.» Заргар ёқут баргирифту бирафт. Қазоро рӯзи дигар ҳам дар хидмати вай будам, ки аз он ангуштарӣ ёд кард ва бифармуд, то заргарро биёварданд. Чун заргар ҳозир шуд, дидам, ки раъша (тарс) бар вай афтодааст ва чун бед меларзид. Маъмун пурсид, ки сабаби тағйири ту чист? Гуфт: – «Маро амон деҳ, то бигӯям.» Гуфт: – «Амон додам.» Заргар нигин берун кард ба чаҳор пора шуда. Гуфт: – «Эй халифа, ангуштарӣ сохтам ва хостам, ки нигинро ба нигиндон барам, аз дасти ман бар сангдон афтод ва чаҳор пора шуд.» Маъмун табассум карду гуфт: – «Бирав ва инро чаҳор

---

[1]Чудар – чӯпон.

ангуштарӣ соз ва туро дар ин ҳеҷ гуноҳе нест.» Ва ин сурат, ки аз Маъмун содир шуд, ғояти ҳилму бурдбористро:

Ҳилм сармояи камол бувад,
Сабаби иззату ҷалол бувад.
Ҳилм шодифазои ҳар ҳичил аст,
Мумиёйи ҳар шикастадил аст.

Нӯшервон аз Бузургмеҳр пурсид, ки ҳилм чист? Гуфт: – «Намаки хони ахлоқ аст. Чи ҳуруфи онро чун баргардонанд, милҳ (намак) мешавад, чунонки ҳеҷ таоме бе милҳ мазза надиҳад, ҳеҷ хулқе бе ҳилм ҷамол нанамояд.» Нӯшервон гуфт: – «Аломати ҳалим кадом аст?» Гуфт: – «Ҳалимро се нишона аст: яке он ки агар туршрӯю сахтгӯе сухани талх дар миён орад, ӯ дар баробари он ҷавоби ширин бар забон ронад ва агар ба феъл низ ӯро биранҷонад, бо зами он (ба мукобили) бо ӯ эҳсон намояд.»

Қитъа:

Бо ту гӯям, ки чист ғояти ҳилм,
Ҳар кӣ заҳрат диҳад, шакар бахшаш.
Ҳар кӣ бихрошадат ҷигар ба ҷафо,
Ҳамчу хони карим зар бахшаш.
Кам мабош аз дарахти сояфикан,
Ҳар кӣ сангат занад, самар бахшаш.

Аломати дуввум он аст, ки дар айни он ки оташи хашм забона гирифт ва савлати ғазабу сутувати он ба ғоят расад, хомӯш гардад ва ин далели итминони дил ва таскини рӯҳ аст. Ва дарвешони солик илочи ғазаб ба-д-ин навъ кардаанд.

Нишонаи саввум, фурӯ хӯрдани хашм аст, агар касе филвокеъ мустаҳиқи уқубат бувад.

Овардаанд, ки рӯзе он навбодаи бӯстони вилоят бо кураи богистони ҳидоят Сабт ибни Ваҳл ва Ҳусайн ибни Алӣ Ризоаллоҳ бо ҷамеи муллоён аз ашрофони араб бар сари хоне нишаста буданд, ходимаш бо косае оши гарм даромад, аз ғояти даҳшат пояш барҳӯрд ва коса аз дасташ бар сари шоҳзода афтод ва ошҳо бар рухсораи муборакаш фурӯ рехт. Шоҳзода хашми хеш фурӯ хӯрд.

Маснавӣ:

Бадиро мукофот кардан бадӣ,
Бари аҳли сурат бувад бихрадӣ.
Ба маънӣ касоне, ки пай бурдаанд,
Бадӣ дидаву некӯӣ кардаанд...

Бибояд донист, ки ғазаб дар бисёр мавозеъ аз ҳилм бехтар аст. Чӣ ғазабе, ки аз чиҳати ҳирси тамаъ ё ба воситаи такаббур ва хештандорӣ бувад, мазмум аст, аммо барои эъломи нишонаҳои дин писандида аст. Масалан, агар касе аз хиёнати маҳрамонаи ҳарами хеш ҳилм варзад, ақлан ва шаръан ва урфан мазлум бувад ва аз назари аҳли мурувват сокит шавад. Чун гайрати бе газабӣ ва хушунатӣ даст диҳад, камоли мард дар он аст, ки маҳалли ҳилм ва мавзеи ғазабро ба назари саҳеҳ тамиз кунад, то ҳар чо он чӣ муносиб аст, ба кор барад:

Қаҳру лутф андар маҳалли худ накӯст,
Чои гул гул бошу чои хор хор.

ДАР ХУЛҚУ РИФҚ[1]

Мурод аз хулқ хушхӯист ва гараз аз рифқ нармиву дилчӯй ва яке аз сез горй бошад, ба мулотифат (нармй) ва яке корсозй ба мадоро ва мулоимат ва аммо хулқ некӯтарин неъмате ва зеботарин хислатест...

Ман надидам дар чаҳони чустучӯ,
Ҳеч ахлоят бех аз хулқи накӯ...

Рӯзе ҳазрати Рӯҳуллоҳ алайҳи ссалом ба чое мегузашт. Аблаҳе бо вай дучор шуд ва аз ӯ пурсид. Ӯ ба лутф чавобаш боздод ва он шахс муслим надошт ва огози арбадаву сафоҳат кард ва чунончи ӯ нафрин мекард, Исо таҳсин мефармуд. Ҳарчанд вай аз мучодала дармеомад, Исо тарики мулотифат риоят менамуд. Азизе ба-д-он чо расид ва гуфт:

– Эй Рӯҳуллоҳ, чаро забуни ин кас шудай? Ҳарчанд ӯ каҳр мекунад, ту лутф менамой ва бо он ки чабру чафо пеш мебарад, ту мехру вафо беш мефармой.

Исо гуфт: – «Аз кӯза ҳамон бурун туро дод, ки дар ӯст. – Аз ӯ он сифат мезояд ва аз ман ин сурат меояд, ман аз вай дар ғазаб намешавам ва ӯ аз ман сохиби адаб мешавад, ман аз сухани ӯ чоҳил намегардам, ӯ аз хулқу хӯи ман окил мегардад.»

Чун нашавам ман зи вай афрӯхта,
Ӯ шавад аз ман адаб омӯхта.
Ман ки задам мояи даҳ чон шудам,
Ин сифатам дод ҳазорон шудам.
Хулқи накӯ васфи Масеҳо бувад,
Хислати бад марги муфочо бувад.

Ҳукамо гуфтаанд: нишони хушхӯй даҳ чиз аст: Аввал, бо мардумон дар кори некӯ мухолифат накардан. Дуввум, аз нафси худ инсоф додан. Саввум, айби касон начустан. Чаҳорум, чун аз касе зиллате дар вучуд ояд, онро таъвили (маънидод) некӯ кардан. Панчум, чун гунаҳкор узр хоҳад, онро пазируфтан. Шашум, ҳочати мӯҳточ баровардан. Ҳафтум, ранчи мардумон кашидан. Ҳаштум, айби нафси худ дидан. Нӯҳум, бо халқ рӯи тоза доштан. Даҳум, бо мардумон сухани хуш гуфтан.

Фард:

Ба ҳама халқи чаҳон хулқи писандида намой,
Ки сӯи хулди барин рох ба-д-он хоҳад буд.

Ва чй зебо гуфтааст ҳам дар ин маънй. Байт:

Хушаст олами озодагиву хушхӯй,
Ба-д-ин макоми даро, гар биҳишт мечӯй.

Аммо рифқ созгорй ва мадоро бошад. Ва дар хабар омада, ки рифқ ба ҳеч чиз напайвандад ва илло, ки онро барҳам занад ва нохуш гардонад...

Байт:

Ба ширинзабониву лутфу хушй,
Тавонй, ки пиле ба мӯе кашй.

---

[1]Рифқ – мадоро, муклоимй, мехрубонй, лутф.

Ардашери Бобак, ки сарири салтанатро ба зевари ҳикмат ороста буд, фарзанди худро дид, ҷомаи қимате пӯшида. Гуфт:

– Эй писар, салотинро ҷомае бояд пӯшид, ки дар ҳеҷ хазона набошад ва ҳеҷ кас мисли он натавонад, ки бипӯшад. Мисли ин ҷомае, ки ту пӯшидай, ёфт мешавад ва ҳама кас метавонад пӯшид.

Писараш пурсид, ки асли ин ҷома аз чӣ чиз аст? Гуфт: – «Тораш аз некӯхӯиву некӯкорӣ ва пудаш аз созгориву бурдборӣ. Агар касе дар ин калима тааммул кунад, донад, ки ҷомеа аксоми хайрот аст. Подшоҳону шаҳриёронро бо ҳама корсозӣ некӯст дар ҳама вақт, созгорӣ хуш аст дар ҳама ҷой.»

Қитъа:

Подшоҳону шаҳриёронро
Бо ҳама офаридагони Худой
Корсозӣ некӯст дар ҳама вақт,
Созгорӣ хуш аст дар ҳама ҷой.

Фаридунро пурсиданд, ки мулозимонро ба чӣ чиз нигоҳ тавон дошт? Гуфт: – «Ба мулотифат ва бурдборӣ.» Гуфтанд: – Мушкилиҳоро ба чӣ чиз ҳал тавон кард? Гуфт: – Ба мулоимат ва созгорӣ. Дар ин боб гуфтаанд:

Муҳиме, ки бисёр мушкил бувад,
Ба рифқу мадоро тавон сохтан.
Тавон сохт коре ба замме чунон,
Ки натвон ба тегу синон сохтан.

Ҷамшед аз вазири худ савол фармуд, ки салотинро инсоф ба кадом сифат аз ҷумлаи заруриёт аст. Гуфт, ки ба рифқу нармхӯй ва мулоимат, зеро ки раият ба-д-ин сифат дуои подшоҳ гӯянд ва лашкариён барин сифат ризои подшоҳ ҷӯянд ва салтанат ба дуогӯии раият ва ризоҷӯии сипоҳ интизом меёбад. Ва дигар ба рифқи гӯшмоли мучрим бар вачҳе метавон дод, ки ба унф (лағалӣ) мисли он муяссар нашавад ва ҷунонки овардаанд, яке аз мулуке, ки ба самти рифқ ва талаттуф мавсум (нишон шуда) буд, матбахии худро гуфт, ки аз барои вай фалон навъ аз таом бипазад ва дар он такаллуфи (аломати) бисёр ба ҷо меовард, матбахӣ он таом тартиб дода, ба анвои дигар аз атъима ба назар даровард. Султон бар он ки худ фармуда буд, назар андохт, магасе дид дар вай, бардошт ва биафканд, он гах луқма баргирифт магасе дигар дар вай буд, дур кард ва дар луқмаи дигар ҳам магасе дид. Даст аз он таом бозкашид ва аз таоми дигар тановул кард. Чун хон бардоштанд, матбахиро талабид ва гуфт: «Ин хӯрданӣ, ки сохта будӣ, бағоят лазиз буд. Фардо ҳам аз ин бисоз, аммо ба шарте ки магас дар вай бисёр набошад.» Ҳозирон аз ин маънӣ тааҷҷуб намуданд, ки матбахиро шармсорӣ дод ва таъзибе (озор) ба он набуд.

Байт:

Ҷу дар мукобилаи ҷурм лутф бинад кас,
Шавад хичилзада, ин хичолат ӯро бас.

ДАР ШАФҚАТ ВА МАРҲАМАТ

Шафқат бар оммаи раоё ва марҳамату рифқ бар ҳама халқ бар мулуки азималшон ва салотини рафиалмакон лозим аст, чӣ зердастон амонияти ҳаз-

рати Офаридгоранд, ки бо ахли ихтиёр ва иктидор супурда, ё ба риояти эшон холи ачуза (очизон) ва дарвешон ба фарогат дар амонияг бувад ва дилҳои шикаста ба эҳтимоми раиятпарварй ва марҳаматгустарй аз ҳучуми балои чабборон (забардастон) ва ситамгарон фориғу мутмаин гардад ва пас подшоҳ бояд, ки ба умеди раҳмати илоҳй бар очизон бибахшояд ва рухсораи салтанатро ба холи зебой биёроя.

Овардаанд, ки Сабуктегин–падари Султон Махмуд дар аввали ҳол, ки мулозими Самчур буд, як сар асп беш надошт ва авқоти ӯ бағоят ба ишрат мегузашт. Ҳар рӯз ба азми шикор ба саҳро рафтй. Агар сайле ба даст омадй, ба-д-он гузаронидй, Рӯзе оҳуе дид, бо бачаи худ дар саҳро мечарид, Сабуктегин асп барангехт. Оҳу бигрехт, чун бачаи ӯ хурд буд, бо модар натавонист гурехтан. Ӯро бигирифт ва дасту пояш барбаст ва дар пеши зин нихода роҳи шаҳр баргирифт. Оҳу, ки бачаи худро гирифтор дид, бозгашт ва дар пай медавид ва фарёд мекарду менолид. Сабуктегинро бар вай раҳм омад ва дасту пои оҳубачаро бикушод ва сар ба саҳро дод. Модар омаду бачаро дар пеш гирифт ва рӯй ба осмон карда, ба забони безабонй муноҷоте кард: – «Оне, ки забони безабонй донй.» Сабуктегин дасти холй ба шаҳр бозомад ва шабона ҳоб дид, ки бо вай мегӯянд: – «Эй Сабуктегин, ба воситаи он шафқату марҳамате, ки дар ту ба вучуд омад ва ба ҷихати он караму мехрубонй, ки дар ҳаки он бечора ва забонбаста кардй, ба ҳазрати ҳақ такарруби тамом ёфтй ва мо аз ту хушнуд шудем. Ту подшоҳй меёбй, бояд ки ба бандагон ба ҳамин навъ шафқат ба ҷой оварй ва дар бораи раияти худ тариқи марҳамат фурӯ нагузорй.» Бузурге фармуда, ки ба воситаи шафқат ҳайване подшоҳии ин ҷаҳон биёбанд, агар ба ҷихати марҳамат бар инсонй салтанати мулки бокй пойбанди ҳеч ачибу ғариб набошад.

Дасти риоят зи раият мадор,
Кори раият ба риоят супор.
Марҳамате кун, ки ҷигархастаанд,
Дар караму лутфи ту дилбастаанд.

Ҳукамо гуфтаанд, ки яке аз осори шафқати султон он аст, ки чунон раиятро дӯст дорад, ки падар фарзандро ва ҳар чй бар худ написандад бар эшон написандад. То эшон низ молу ҷони худро аз вай дареғ надоранд ва ҳар чй доранд, фидои вай кунанд ва ҳама ҳиммати худро бар дарозии умру зиёдати давлати ӯ гуморанд ва чандончи ӯро раҳму шафқат бар халқ бештар бошад...

Маснавй:

Бибахшойй, бибахшоянд бар ту,
Даре аз гайб бикшоянд бар ту.
Агар раҳмат зи хак дорй таманнo,
Ту ҳам бар дигарон раҳме бифармо.

Ардашери Бобак писари худро васият кард, ки эй писар, чаҳд кун, то ба шафқат олам ва марҳамати молокаломи раиятро аз мартабаи раиятй ба дарачаи дӯстй расонй, то дилҳо аз они ту шаванд, ки чизҳои дигар тобеи дил аст. Ҳакимеро пурсиданд, ки бехтарин шикоре подшоҳонро кадом аст? Фармуд, ки сайди дилҳои раият кардан хубтарин шикорест, зеро чун дилҳои эшонро ба

худ ром диҳад, дигар ҳама чиз дар пайи дил меравад ва чун дӯстии подшоҳ дар дили раият ҷой гирифт, дар ҳеҷ чиз бо вай музоиқа (тангӣ) намекунанд.

Байт:

Мулки маънӣ талабӣ, пайравии дилҳо кун,
Лашкарат гар набувад, мулк мусаллам набувад.

Яке аз шафқатҳо он аст, ки чандон ки тавонад, мардумонро ба зироату иморат таҳрис кунад ва дар иҷрои корезҳову эҳдоси ҷӯйборҳо эшонро мадад-горӣ намоянд. Овардаанд, ки Анӯшервон ба омили худ нишон навишт, ки агар дар вилояти ту як қитъа замин номазрӯъ монад, бифармоям то туро бар дор кашанд ва ҳикмат дар ин он аст, ки фоидаи подшоҳ аз хироҷ вақте бисёр шавад, ки мамлакат ободон бувад ва ободонӣ набувад, илло бар зироат ва то ба раият мусоҳимат (осонгирӣ) накунанд ва осори шафқат дар ҳаки эшон ба зуҳур нарасонанд, зироат муяссар нашавад.

Мамлакат маъмур хоҳӣ халқро маъмур дор,
В-аз сари эшон балои золимонро дур дор.

Дар замони султон Абӯсаиди Худобанда умарои ӯ бо раият зиёдатӣ мекарданд ва ба мусодира мол аз эшон мегирифтанд, рӯзе бо умаро гуфт, ки ман то имрӯз ҷониби раият мегирифтам, баъди имрӯз ин риоятро бартараф мекунам. Агар маслиҳат аст, биёед, то ҳамаро ғорат кунем ва ҳеҷ чиз аз мутеону ғайри он ба-д-эшон нагузорем, аммо ба шарти он ки дигар аз ин улуфа ва марсум наталабед. Агар баъд аз ин яке аз шумо ин навъ илтимос аз ман кунад, ӯро ба сиёсат расонам. Умаро гуфтанд: – «Мо бе улуфа ва марсум чӣ гуна тавонем буд? Вазифаи хизмат ба чӣ навъ ба ҷой тавонем овард?» Гуфт: – «Тартиби маҷмӯи масолеҳи мову шумо аз саъи раоё бошад, дар иморату зироат ва тиҷорат чун эшонро ғорат кунем, он замон чунин таваққуот аз кӣ тавон кард. Шумо андеша кунед, ки агар гову тухм аз руаё бистонед ва ғаллоти эшон бихӯред, эшонро ба зарурат тарк зи риоят бояд кард ва шумо чӣ хоҳед хӯрд?» Умаро чун ин суханон шуниданд, рӯй ба навозиш ва риояти раият оварданд.

Маснавӣ:

Шунидам аз бузургони сухансанҷ,
Ки султонро раият бехтар аз ганҷ.
К-аз ин харҷ ар шавад охир сарояд,
В-аз он хар лаҳза дахле нав дарояд.

Ва аз ҷумлаи шафқатҳо он аст, ки ҳар рӯз бояд ки бори ом диҳад ва ба худ тафаҳҳуси додхоҳ намояд, то ҳар кас сухани худ бо вай гӯяд ва ӯ ба нафси худ бар камоҳии аҳволи мазлум вуқуф ёбад, ҳичоби дехдоб (дарбонон) натавонанд ба ғарази тамаъ бар касе ҳукм кардан.

Овардаанд, ки акобири ҳарамин ба Носири халифа навиштаанд, ки хилоф туро назебад ва салтанат туро нашояд, ки ноибону мутаалликони ту бар мардум зулм мекунанд ва анвои ҷурму ситам аз эшон содир мешавад. Ӯ дар ҷавоб навишт, ки ман аз ин ки шумо мегӯед, хабар надорам. Эшон дигарбора пайғом фиристоданд, ки узри ту аз гуноҳ бад аст. Бузургон гуфтаанд: – Он чӣ туро бояд ҷавоб гуфт, ба дигаре ҳавола макун. Муҳимоту раоё бар зимаи худ

гирифта, туро вақти савол аз ӯҳдаи ҷавоб берун бояд омад. Бехабариву ғафлат дар миён чӣ кор дорад ва ин узр аз ту ки хоҳад шунид ва кай қабул хоҳанд кард...

Фарози тахти ҳукумат нишастан осон нест.
Дар он мақом басе эҳтиёт бояд кард.
Муроди очизу меҳнатрасида бояд дод,
Ғами фақиру машаққаткашида бояд хӯрд.

ДАР ХАЙРОТ ВА МУБАРРОТ

Тамҳиди фавоиди хайрот ва таъсиси (бунёд ниҳодани) мабонии мубаррот (хайрот) бар зимаи ҳиммати ҳар соҳибдавлате воҷиб аст. Ин яке аз он аъмол, ки баъди ҳаёт осори файзу баракати ӯ ба рӯҳи омил расад, садақаи ҷория аст. Чун масоҷиду маобид ва мадорису хонақоҳу работҳо ва ҳавзҳою ҷоҳҳо ва амсоли он аз абвоб-ул-барака модоме, ки асари он боқӣ бошад, ҳадяи савоб ба рӯҳонии он восил аст.

Байт:

Ҳар ки хайре кард чун маҳмил ба-д-он олам кашид,
Рӯҳи ӯро ҳар замон файзи дигар хоҳад расид.

Ва ҳар оқили ҳушёр, ки ба сайқали иноят занги ғафлат аз оинаи хотир бизудояд ва бидонад, ки чоҳи дун ё ва молу матои он низдик ба заволу интиқол аст. Ҳар оина ин маъниро дарҳоҳад ёфт, ки ҳосил аз ояндагон ва равандагони ин саро ҷуз бо ёдгоре боқӣ нахоҳад монд ва ҳар иморати олӣ ва мавзеи шариф, ки аз табақоти мулук ва умарову аркони давлат ва тавонгарони ҳар мамлакат воқеъ шуда, асари он бар чароиди рӯзгор ва сафаҳоти адвори лайлу наҳор ба сабту мастур аст ва номи эшон назди ҳар арбоби ақлу нақл, балки пеши аксари асоғиру (хурдон) акобири олам маъруфу машҳур.

Байт:

Чун наемонад ҷаҳони бекарор,
Номи некӯ беҳ, ки монад ёдгор.

Хусусан, раками манонии (бахшандаи) хайр ба ҳеҷ навъ аз алвоҳи (лавҳи) айём маҳз намешавад ва ҳадиси бақои хайр, ки аз мутакаддимон воқеъ шуда ба тасалсулу дағдаға ба самъи мутаоҳирон муяссар мегардад...

Фард:

Кисро намонду қиссаи айвони ӯ бимонд,
Нӯъмон бирафту зикри Ҳаварнақ ҳанӯз хаст.

Бузургон гуфтаанд, ки чун ҳумойи тавфиқ ва таъйид аз эшон валад наомезад сояи давлат бар фарқи комгорӣ фиканад ва бози баландпарвоз мувоҳиби (бахшиш) раббонӣ аз файзи ҷовидонӣ ҷилваи мусоидат фармуда, бар соиди саодатманде ором гирад. Лоики ҳол он аст, ки саҳоифи аҳволи худро бо роқиме... биёроят ва зуд сафари охиратро аз тақдими хайроти мубаррот ва тартиби бокиёти солеҳот, ки иборат аз хайри он ва садақаи ҷория аст, муҳайё кунад, то зикри неъматҳо ва шукри карами ӯ ба атрофу акнофи олам расида, дар ҳар замоне бар ҳар забоне санову офарини ӯ ҷорӣ бошад.

Фард:

Бар ин равоқи забарҷад навиштаанд ба зар,
Ки ҷуз накӯии аҳли карам нахоҳад монд.

Дар ҳадис омада, ки чун одамӣ ба манзили охират равад, ҳама амалҳо аз ӯ мункатеъ гарданд ва илло се чиз: яке садақаи ҷория, дуввум амале, ки бадон нафъ гиранд, сеюм фарзанди солеҳ, ки ӯро дуои хайр кунад (боқӣ монад). Садақаи ҷория иборат аз бакияи хайр бошад, ки мардум ба он мунтафеъ (бахравар) шаванд чун масҷиду мадраса ва хонақоҳу пул ва работу монанди он. Пас аз волиёни хиттаи салтанат ва тахтнишинони боргоҳи хилофат чунон зебад, ки меъмори ҳиммати эшон аввалан дар таъмири масоҷиду таъсиси маъобид ва пулҳову чоҳҳои об бошад...

Хайр кун ё далели хайре бош,
То туро ҳам дар он савоб диханд.

Ва он ки дар боби хайр итнобе (дароз кардани сухан) рафт, назар бар он аст, ки савобҳои садақоти ҷория ба поён аст.

Овардаанд, ки яке аз бузургонро, ки тӯли ҳаёт ба муаккали аҷал супурда буд ва роҳат аз ин марҳилаи фонӣ ба сарои ҷовидонӣ бурда, дар хоб диданд ва аз ҳолате, ки баъд аз вафот вайро воқеъ шуда буд, пурсиданд. Фармуд, ки муддате дар шиканҷаи азоб гирифтор будам ва дар ҷанголи уқоби уқубат мефарсудам, ногоҳ парвонаи наҷот аз девони карами илоҳӣ бирасид ва ҳақ субҳонуҳу гуноҳҳои маро биомурзид. Соиле аз вай истифсор намуд, ки ҳеҷ донистӣ, ки сабаби омурзиш чӣ бувад? Ва ба чӣ василати сурат халосӣ рӯх намуд? Ҷавоб дод, ки оре, дар биёбоне работе сохта будам, магар дарвеше дар гармгоҳи рӯз ба сояи он работ паноҳ оварда ва замоне истироҳат карда, чун машаққати ӯ ба роҳат мубаддал гашта буд, аз рӯи ниёз забон ба дуо кушода ва бар ин ваҷҳ гуфта, ки Худоё бонии ин мавзеъро биомурз, дархол тири дуои ӯ ба нишонаи иҷобат расида, маро биомурзид ва аз ҳафру ҷаҳим ба равзаи наим расонид:

Ҳарчанд ба рӯи кор дарменигарам,
Некист, ки нек аст дигарҳо ҳама ҳеҷ.

ДАР САХОВАТУ ЭҲСОН

Саховат сабаби некномӣ ва эҳсон мӯъчиби дӯстқомиву хушҷастафарҷомӣ аст. Ва ҳеҷ сифате одамиёнро ва хусусан ашрофу бузургони эшонро беҳ аз ҷуду сахо нест.

Байт:

Шарафи мард ба ҷуд асту каромат ба сухӯд,
Ҳар кӣ ин ҳар ду надорад адамаш беҳ зи вуҷуд.

Дар хабар омада, ки сахо дарахтест дар биҳишт ва ба ҳақиқат ниҳолест бар канораи ҷӯйбори хушнудии ҳақ руста ва шохи ӯ дар сарафрозӣ пайваста, шукуфаи ӯ некномии дунёст ва меваи ӯ каромат ва фазилати уқбост.

Байт:

Ин сахо шохест дар боғи биҳишт,
Войи ӯ, к-ин шохро аз каф биҳишт.

Аз ҳакиме пурсиданд: Укбо, ки мачмӯи ҳунарҳо ба-д-ӯ махфӣ монад, чист? Ҷавоб дод, ки бухл. Боз савол карданд, ки ҳунаре, ки ҳама айбҳоро бипӯшонад, кадом аст? Гуфт, сахо.

Фард:

Ҳунар сахост дигар чумла дастафрозанд,
Агар туро ба ҳар ангушти хеш сад ҳунар аст.

Ва якин бибояд донист, ки то молро аз кайди амсок (хасисӣ) мутааллиқ нагардонанд, тавсани мафохиру маолӣ ба кайд дарнаояд.

Маснавӣ:

Тачриба кардам зи ҳар андешае,
Нест накӯтар зи сахо пешае.
Хос зи баҳри карам омад дарам,
Бар гузари кофия инак карам.

Искандар аз Арасту пурсид, ки саодати дунё дар чӣ чиз аст? Гуфт: «Дар ҷуду карам. Аммо саодат дар он аст, ки ҳар ки як ҳасана бар ёр дод, дах ҳасана каромат кунем.»

Назм:

Он, ки туро тӯшаи рах медихад,
Аз ту яке хоҳаду дах медихад.
Бехтар аз ин мояситонет нест.
Суд кун охир, ки зиёнет нест.

Аммо саодати дунё он аст, ки мурғи дили халкро ба ҳукми карам сайд тавон кард. Ва чун дил, ки султон аст, дар қайди касе афтод ва қолаб ба таъбияти қалб дар дом меафтад ва чун карим моликалрикоб чамъ шуд, дарҳои саодат бар ӯ кушода ва асбоби муродот барои ӯ омода шавад.

Дар ахбор омада, ки Хусрави Парвизро сипаҳсолоре буд ба лашкаркашиву душманкушӣ маъруф ва мазкур ба матонату рою қуввати азим дар атрофи мамлакат мавсуф ва машҳур дар муқарраби малик ва умдаи мамолик будӣ ва Хусрави Парвиз аз савобдиди ӯ адл менамудӣ.

Байт:

Аз ӯ тоза буд гулшани Хусравӣ,
Ба бозӯи ӯ пушти давлат кавӣ.

Вақте соҳиби хабар ба самъи малик расонид, ки сипаҳсолори шумо аз ҷодаи фармонбардорӣ инҳироф хоҳад варзид ва тариқи саркашиву тугён маслак хоҳад дошт. Пеш аз он ки сурат аз қувва ба феъл ояд, ба тадоруки он иштигол бояд намуд.

Фард:

Илочи вокеа пеш аз вукӯъ бояд кард,
Дареғ суд надорад чу рафт кор аз даст.

Хусрав аз ин хабар андешаманд шуд ва гуфт: – «Агар ӯ инони азимат аз рӯи мухолифат ба тарафе аз тарафи мамлакат бигардонад бисёре аз аъёни лашкару сарони сипоҳ бо ӯ роҳи мувофиқат пеш гиранд. Ва мумкин, ки аз овозаи ёғӣ шудани ӯ кусуре дар аркони мулк падид ояд ва аз ӯ тугёни футуре ба қавоиди салтанат роҳ ёбад.»

Байт:

Мабодо барорад ба бедод сар,
Ки дар мулк пайдо шавад шўру шар.

Пас, ба хоси давлат ва мушовирони мамлакат дар ин боб мушоварат фармуд ва раъйи ҳамагон бар он муттафиқ шуд, ки ӯро банд бояд кард. Хусрав бар ҳусни тадбири эшон офарин кард ва рӯзи дигар он асирро талаб карда ба мавзеи болотар аз маъҳуди ӯ бинишонд ва зикри мафохир ва сиратҳо месутуда ва ҷалбиятҳои писандидаи ӯ бар забон ронд. Аз нафоис ва хазоин ва дафоини хеш ба ӯ ато фармуд. Мушовирони некӯрой, ки силоҳи савоб дар банд кардани ӯ дида буданд, дар маҳалли фурсат арза доштанд, ки сабаби ихтилоф чӣ буд? Шоҳ табассум фармуда гуфт: – «Ман раъйи шуморо ихтилоф накардам ва аз азми худ инҳироф наварзидам. Шумо гуфта будед, ки ӯро банд бояд кард. Ман хостам, ки ӯро ба маҳкамтарин банд муқайяд созам. Ҳеҷ банде қавитар аз эҳсон надидам. Ва хостам, ки банд бар дилаш ниҳам, ки дил султони бадан аст.

Банди эҳсон, ки бар дил ниҳанд, бар ҳеҷ чиз фусурда нагардад. Дар амсол омадааст, ки мурғи ваҳширо ба дом муқайяд тавон кард ва одамиро ба эҳсону инъом.»

Карам пеша кун, к-одамизода сайд.
Ба эҳсон тавон кард ваҳшӣ ба қайд.
Адӯро ба алтоф гардан бибанд,
Ки натвон буридан ба тег он каманд.
Чу душман карам бинаду лутфу чуд,
Набояд дигар ҳабс э-ӯ дар вуҷуд.

Ва ҳамчунонки ба хотири Хусрав расида буд, оташи мухолифаташ ба обе, ки аз сарчашмаи эҳсони подшоҳӣ мутарашшеҳ (таровишёфта) шуд, фурӯ нишаст ва бехи ниҳоли кина аз замини синаи ӯ ба қуввати сарпанҷаи карами султонӣ мунқатеъ гашт. Баъд аз он чун бандагони софният ба ҷулус тӯлияти (давомнокии) камари ҷонсупорӣ бар миёни хидматгорӣ баста, бақияи умр аз ман ҳеҷ фармонбардоре рӯй барнатофт.

Байт:

Э-он навозишгарӣ, ки ёфт аз ӯ,
Баъд аз он рӯй барнатофт аз ӯ.

Дар ин боб ин рубоӣ бисёр хуб афтода:

Бо ҳар кӣ карам куний аз они ту шавад,
Андар ҳама вақт мадҳҳони ту шавад.
Бо душмани хеш агар саховат варзӣ,
Шак нест, ки ёри меҳрубони ту шавад.

Ва аз фазилати ҷуд яке он аст, ки дилҳои халоиқ ҷавонмардонро дӯст дорад. Ҳарчанд, ки аз эҳсон баҳрае ба-д-эшон нарасида бошад. Масалан, агар мардуми Хуросон бишнаванд, ки дар Ироқ марде кариму ҷавонмард аст, ҳама ӯро дӯст хоҳанд дошт ва бар ӯ офарин хоҳанд гуфт. Балки агар каримеро, ки дар қайди ҳаёт набошад ёд кунанд, ҳама кас санои ӯ гӯянд. Чунончи, Ҳотами Тойро, ки дар таърихи таълифи ин рисола, ки нӯҳсаду ҳафт сол аст аз вафоти ӯ кариб нӯҳсаду чиҳилу панҷ сол гузашта, ҳанӯз баҳори зикраш ба раёҳини офарин ороста аст ва чамани некномияш ба пероя санову тахсин пероста.

Фард:

Намонд Ҳотами Тойй, валек то ба абад,
Бимонд номи баландаш ба некӯй машҳур.

Овардаанд, ки чун овозаи ҷавонмардии Ҳотам ҷазираи Арабро то дарулмулки Яман фурӯ гирифт, васияти саховати ӯ ба вилояти Шому мамлакати Рум расид. Волии Шом ва ҳокими Яману подшоҳи Рум ба адовати ӯ бархостанд. Чӣ ҳар як аз эшон даъвии саховат кардандӣ ва лофи ҷавонмардӣ заданди ва зикри Ҳотам бар забони ахли замон бештар буд ва тантанаи караму ҷуди вай дар ҳама атроф машҳуру паҳн:

Буд дарёдил зи дасти ҷуди ӯ дар инфиол,
Моли олам зери хони химмати ӯ поймол.

Пас, ҳар як аз эшон ба ӯ ба тариқае сулук (ҳамроҳ) гардид.

Аввалан, волии Шом хост, ки ӯро биёзмояд. Кас фиристод ва аз вай сад уштури сурхмӯи сиёҳчашми баландқӯҳон талабид ва мисли он шутур дар водии Араб нодир бошад ва агар ёфта шавад, бисёр гаронбаҳо бувад ва филвоқеъ дар он вақт ин навъ шутур дар рамаи Ҳотам набуд. Чун каси подшоҳи Шом ба Ҳотам расид ва пайғоми волиро гузаронид, Ҳотам дасти қабул бар сина ниҳод ва дар ҷавоби он «самъан ва тоатан» бар забон ронд.

Фард:

Ба ҳар чӣ амр шавад, чокарему давлатхоҳ,
Ба ҳар чӣ ҳукм равад, бандаему ҳидматгор.

Пас, элчиро ба манзили некӯ фуруд овард ва асбоби зиёфат, чунончи фарохӯри аҳволи ӯ бувад, муҳайё гардонид ва бифармуд, то дар қабоили араб мунодӣ карданд, ки ҳар ки мисли ин шутуре биёварад, ба баҳои тамом аз ӯ бихарам ва ба миоди (муддати ваъда) ду моҳ баҳо ба-д-ӯ расонам. Ҳосили калом, ба-д-ин тариқ сад шутур карз кард,а ба султони Шом фиристод. Ва чун малики Шом бар ин ҳол иттилоъ ёфт, ангушти тааҷҷуб ба дандони таҳайюр гирифта фармуд, ки ман он аъробиро меозмудам ва ӯ худро ба воситаи мо дар карз андохт. Пас,ҳамон шутуронро аз матои Мисру Шом бор карда, ба дасти ҳамон элчӣ баргардонид ва чун шутуронро назди Ҳотам оварданд, боз бифармуд, то мунодӣ карданд, ки ҳар кӣ шутуре ба ман дода, биёяд ва ҳамон шутури худ бо он чӣ ки бор дорад, бигираду барад. Пас, он сад шутурро бо бор ба худованди он дод. Ва ҳеҷ чиз барои худ боз нагирифт. Хабар ба султони Шом расид. Гуфт, ин ҳама мурувват на ҳади одамизодаст ва саховат Ҳотамро мусаллам аст.

Фард:

Овозаи саховату эҳсони Ҳотамӣ,
Охир дар ин ҷаҳон ба абас барнаёмадаст.

Дигар Азим-ул-Рум, (подшоҳи Рум), ки ӯро Ҳаркал гуфтандӣ, чун дабдабаи ҷуди Ҳотам шунид, мутафаххуси (ҷӯёи) ахбор ва мутаҷассуси аҳволи вай гашт. Ба самъи вай расониданд, ки Ҳотам маркабе дорад бодпой ва борагис (аспе) ҷаҳонпаймой, чун тири ҳаданг зуд равад ва чун умри гиромӣ зудрав аспе, ки ба гармрӯй ба оташи дам мушобиҳат зада ва аз тезгомӣ бо боди тариқ ҳамроҳӣ супурда.

Назм:

Чу ашки ошиқон гулгуну хушрав,
Ҷаҳонпаймотар аз Шабдизи Хусрав.
Ба вақти ҳамла баркосо чаҳанда
Ба гоҳи пўя чун сар-сар раванда.

Қайсар вазири худро гуфт, ки хабари саховати Ҳотам дар Арабу Аҷам фош шуда, васияти ҷавонмардӣ ва мурувваташ аз Қоф то Қоф фурӯ гирифта ва ман шунидаам, ки ба-д-ин сифат аспе дорад. Мехоҳам, ки нақли ӯро бар маҳаки эътибор ва сурати даъвии ӯро дар маҳкамаи маънӣ имтиҳон намоям ва кас аз пайи он маркаб ба қабилаи Той фиристам.

Маснавӣ:

Ман аз Ҳотам он аспи тозинажод,
Бихоҳам, гар ӯ мақрамат[1] карду дод.
Бидонам, ки дар вай шукӯҳи меҳист,[2]
В-агар рад кунад, бонги табли тиҳист.

Пас элчӣ ба чиҳати он маркаб бо тӯҳфаҳову хадяҳо, ки лоики Ҳотам буд, фиристод ва ба андак замоне расули малики Рум ба қабилаи Той расида дар хаволиву манозили Ҳотам нузул намуд. Қазоро, мукорини (наздик шудан) расидани элчӣ абре падид омад ва борону барф боридан гирифт. Ҳотам мехмонро дилдорӣ намуда ба манзили шоиста фуруд оварда ва филҳол бифармуд, то он аспро бикуштанд, таоме муҳайё карда назди меҳмон оварданд ва фарогати таом асбоби истироҳат муҳайё сохта, Ҳотам аз хайма берун рафт ва он шаб аз ҳеҷ навъ сухане нагузашт. Субҳ, ки Ҳотам ба узрхоҳӣ омад, элчӣ навиштаи Қайсар ба хадяе, ки фиристода буд, ба Ҳотам намуд. Чун Ҳотам бар мазмуни он иттилоъ ёфт, бағоят андешаманд гашт. Элчӣ ба фаросат асари малолат бар чабини Ҳотам мушоҳида фармуда, гуфт: – «Эй ҷавонмард, агар дар додани асп музоиқа (зиқӣ) дорӣ, аз ҷониби мо низ чандон муболиға нест.» Ҳотам ҷавоб дод, ки маро аз ин ҷинси асп агар ҳазор бошад, камтар касе аз аҳли рӯзгор аз ман талабад, ба ҳеҷ ваҷҳ музоиқа дар ҳофизаи тасаввури ман наёяд. Хусусан, султони азимулшон маро ба талаби як асп муаззал (азиз) сохта ва ба чиҳати ин хабар вай хизмати расули бузурге ирсол намуда. Андешаи ман аз таҳайюр аст ва тафаккури ман аз гояти таҳассур, ки чаро зудтар хабар наёфтам, то он аспро талаф накардаме.

Маснавӣ:

Ман он бодрафтори Дулдулшитоб,
Зи бахри шумо дӯш кардам кабоб.
Ки буд зулмати абр аз пешу пас,
Ба сӯи рама раҳ намеёфт кас.
Ба навъе дигар равву роҳам набуд,
Ҷуз он бар дари боргоҳам набуд.
Мурувват надидам дар онни хеш,
Ки меҳмон бихуспад дил аз фока реш.
Маро ном боял дар иқлим фош,
Дигар маркаби номвар, гӯ мабош!

[1] Мақрамат – лутфу эҳсон.
[2] Меҳист – сардор.

Фард:

Намонд Ҳотами Тойй, валек то ... бад,
Бимонд номи баландаш ба некӯ ... шхур.

Овардаанд, ки чун овозаи ҷавонмардии Ҳотам ... раи Арабро то дорул-мулки Яман фурӯ гирифт, васияти саховати ӯ ба ... яти Шому мамлакати Рум расид. Волии Шом ва ҳокими Яману подшоҳи ... ба адовати ӯ бархостанд. Чӣ ҳар як аз эшон даъвии саховат карданд ... лофи ҷавонмардӣ заданд ва зикри Ҳотам бар забони аҳли замон бешт... уд ва тантанаи караму чуди вай дар ҳама атроф машҳуру пахн:

Буд дарёдил зи дасти чуди ӯ дар ... ол,
Моли олам зери хоки ҳиммати ӯ ... мол.

Пас, ҳар як аз эшон ба ӯ ба тариқае сулук (ҳам ...) гардид.

Аввалан, волии Шом хост, ки ӯро биёмояд. К... ириистод ва аз вай сад уштури сурхмӯи сиёҳчашми баландкӯҳон талабид в... исли он шутур дар водии Араб нодир бошад ва агар ёфта шавад, бисёр ...онбаҳо бувад ва филвокеъ дар он вақт ин навъ шутур дар рамаи Ҳотам ... уд. Чун каси подшоҳи Шом ба Ҳотам расид ва пайғоми волиро гузаронид ...отам дасти қабул бар сина ниҳод ва дар ҷавоби он «самъан ва тоатан» ба ...бон ронд.

Фард:

Ба ҳар чӣ амр шавад, чокаремӯ да... ҳох,
Ба ҳар чӣ ҳукм равад, бандаему х... ттгор.

Пас, элчиро ба манзили некӯ фуруд оварда ва асс... и зиёфат, чунончи фароҳӯри аҳволи ӯ бувад, муҳайё гардонид ва бифарм... то дар қабоили араб мунодӣ карданд, ки ҳар ки мисли ин шутуре биёва... ба баҳои тамом аз ӯ бихарам ва ба миоди (муддати ваъда) ду моҳ баҳо... -д-ӯ расонам. Ҳосили калом, ба-д-ин тариқ сад шутур карз кард,а ба султон... Шом фиристод. Ва чун малики Шом бар ин ҳол иттилоъ ёфт, ангушти таач... ба дандони таҳайюр гирифта фармуд, ки ман он аъробиро меозмудам ва ӯ... про ба воситаи мо дар карз андохт. Пас,ҳамон шутуронро аз матои Мисру ... м бор карда, ба дасти ҳамон элчӣ баргардонид ва чун шутуронро назди Ҳот... оварданд, боз бифармуд, то мунодӣ карданд, ки ҳар кӣ шутуре ба ман до... биёяд ва ҳамон шутури худ бо он чӣ ки бор дорад, бигираду барад. Пас, с... ад шутурро бо бор ба худованди он дод. Ва ҳеҷ чиз барои худ боз нагирифт ...абар ба султони Шом расид. Гуфт, ин ҳама мурувват на ҳади одамизодаст ...саховат Ҳотамро мусаллам аст.

Фард:

Овозаи саховату эҳсони Ҳотамӣ,
Охир дар ин чаҳон ба абас барнаёст.

Дигар Азим-ул-Рум, (подшоҳи Рум), ки ӯро Ҳарк... гуфтандӣ, чун дабдабаи чуди Ҳотам шунид, мутафаххуси (ҷӯёи) аҳбор ва... тачассуси аҳволи вай гашт. Ба самъи вай расониданд, ки Ҳотам маркабе д... д бодпой ва борагис (аспе) чаҳонпаймой, чун тири ҳаданг зуд равад ва ч... умри гиромӣ зудрав аспе, ки ба гармрӯй ба оташи дам мушобиҳат зада ва ... езгомӣ бо боди тарик ҳамроҳӣ супурда.

Назм:

Чу ашки ошиқон гулгуну хушрав,
Ҷаҳонпаймотар аз Шабдизи Хусрав.
Ба вақти ҳамла баркасо ҷаҳанда
Ба тоҳи пўя чун сар-сар раванда.

Қайсар вазири худро гуфт, ки хабари саховати Ҳотам дар Арабу Аҷам фош шуда, васияти ҷавонмардӣ ва мурувваташ аз Қоф то Қоф фурӯ гирифта ва ман шунидаам, ки ба-д-ин сифат аспе дорад. Мехоҳам, ки нақли ӯро бар маҳаки эътибор ва сурати даъвии ӯро дар маҳкамаи маънӣ имтиҳон намоям ва кас аз пайи он маркаб ба қабилаи Той фиристам.

Маснавӣ:

Ман аз Ҳотам он аспи тозинажод,
Бихоҳам, гар ӯ макрамат[1] карду дод.
Бидонам, ки дар вай шукӯҳи меҳист,[2]
В-агар рад кунад, бонги табли тиҳист.

Пас элчӣ ба чиҳати он маркаб бо тўҳфахову ҳадяҳо, ки лоики Ҳотам буд, фиристод ва ба андак замоне расули малики Рум ба қабилаи Той расида дар ҳаволиву манозили Ҳотам иузул намуд. Қазоро, муқорини (наздик шудан) расидани элчӣ абре падид омад ва борону барф боридан гирифт. Ҳотам меҳмонро дилдорӣ намуда ба манзили шоиста фуруд овард ва филҳол бифармуд, то он аспро бикуштанд, таоме муҳайё карда назди меҳмон оварданд ва фарогати таом асбоби истироҳат муҳайё сохта, Ҳотам аз хайма берун рафт ва он шаб аз ҳеҷ навъ сухане нагузашт. Субҳ, ки Ҳотам ба узрхоҳӣ омад, элчӣ навиштаи Қайсар ба ҳадяе, ки фиристода буд, ба Ҳотам намуд. Чун Ҳотам бар мазмуни он иттилоъ ёфт, багоят андешаманд гашт. Элчӣ ба фаросат асари малолат бар чабини Ҳотам мушоҳида фармуда, гуфт: – «Эй ҷавонмард, агар дар додани асп музоиқа (зиқӣ) дорӣ, аз чониби мо низ чандон муболига нест.» Ҳотам ҷавоб дод, ки маро аз ин чинси асп агар ҳазор бошад, камтар касе аз аҳли рӯзгор аз ман талабад, ба ҳеҷ вачҳ музоиқа дар хофизаи тасаввури ман наёяд. Хусусан, султони азимулшон маро ба талаби як асп муаззал (азиз) сохта ва ба чиҳати ин хабар вай хизмати расули бузурге ирсол намуда. Андешаи ман аз тахайюр аст ва тафаккури ман аз гояти таҳассур, ки чаро зудтар хабар наёфтам, то он аспро талаф накардаме.

Маснавӣ:

Ман он бодрафтори Дулдулшитоб,
Зи баҳри шумо дўш кардам кабоб.
Ки буд зулмати абр аз пешу пас,
Ба сўи рама раҳ намеёфт кас.
Ба навъе дигар равву роҳам набуд,
Ҷуз он бар дари боргоҳам набуд.
Мурувват надидам дар оини хеш,
Ки меҳмон бихуспад дил аз фока реш.
Маро ном бояд дар иқлим фош,
Дигар маркаби номвар, гў мабош!

[1] Макрамат – лутфу эҳсон.
[2] Меҳист – сардор.

Фард:

Намонд Ҳотами Тойй, валек то ба абад,
Бимонд ном баландаш ба некӯй машҳур.

Овардаанд, ки чун овозаи ҷавонмардии Ҳотам ҷазираи Арабро то дорулмулки Яман фурӯ гирифт, васияти саховати ӯ ба вилояти Шому мамлакати Рум расид. Волии Шом ва ҳокими Яману подшоҳи Рум ба адовати ӯ бархостанд. Чӣ ҳар як аз эшон даъвии саховат кардандӣ ва лофи ҷавонмардӣ заданди ва зикри Ҳотам бар забони аҳли замон бештар буд ва тантанаи караму ҷуди вай дар ҳама атроф машҳуру паҳн:

Буд дарёдил зи дасти чуди ӯ дар инфиол,
Моли олам зери хони ҳиммати ӯ поймол.

Пас, ҳар як аз эшон ба ӯ ба тариқае сулук (ҳамроҳ) гардид.

Аввалан, волии Шом хост, ки ӯро биёзмояд. Кас фиристод ва аз вай сад уштури сурхмӯи сиёҳчашми баландқӯҳон талабид ва мисли он шутур дар водии Араб нодир бошад ва агар ёфта шавад, бисёр гаронбаҳо бувад ва филвокеъ дар он вақт ин навъ шутур дар рамаи Ҳотам набуд. Чун каси подшоҳи Шом ба Ҳотам расид ва пайғоми волиро гузаронид, Ҳотам дасти қабул бар сина ниҳод ва дар ҷавоби он «самъан ва тоатан» бар забон ронд.

Фард:

Ба ҳар чӣ амр шавад, чокарему давлатхоҳ,
Ба ҳар чӣ ҳукм равад, бандаему ҳидматгор.

Пас, элчиро ба манзили некӯ фуруд овард ва асбоби зиёфат, чунончи фарохӯри ахволи ӯ бувад, муҳайё гардонид ва бифармуд, то дар қабоили араб мунодӣ карданд, ки ҳар ки мисли ин шутуре биёварад, ба баҳои тамом аз ӯ бихарам ва ба миоди (муддати ваъда) ду моҳ баҳо ба-д-ӯ расонам. Ҳосили калом, ба-д-ин тариқ сад шутур қарз кард,а ба султони Шом фиристод. Ва чун малики Шом бар ин ҳол иттилоъ ёфт, ангушти тааҷҷуб ба дандони таҳайюр гирифта фармуд, ки ман он аъробиро меозмудам ва ӯ худро ба воситаи мо дар қарз андохт. Пас,ҳамон шутуронро аз матои Мисру Шом бор карда, ба дасти ҳамон элчӣ баргардонид ва чун шутуронро назди Ҳотам оварданд, боз бифармуд, то мунодӣ карданд, ки ҳар кӣ шутуре ба ман дода, биёяд ва ҳамон шутури худ бо он чӣ ки бор дорад, бигираду барад. Пас, он сад шутурро бо бор ба худованди он дод. Ва ҳеҷ чиз барои худ боз нагирифт. Хабар ба султони Шом расид. Гуфт, ин ҳама мурувват на ҳади одамизодаст ва саховат Ҳотамро мусаллам аст.

Фард:

Овозаи саховату эҳсони Ҳотамӣ,
Охир дар ин ҷаҳон ба абас барнаёмадаст.

Дигар Азим-ул-Рум, (подшоҳи Рум), ки ӯро Ҳарқал гуфтандӣ, чун дабдабаи ҷуди Ҳотам шунид, мутафаққуси (ҷӯёи) ахбор ва мутаҷассуси аҳволи вай гашт. Ба самъи вай расониданд, ки Ҳотам маркабе дорад бодпой ва борагие (аспе) ҷаҳонпаймой, чун тири ҳаданг зуд равад ва чун умри гиромӣ зудрав аспе, ки ба гармрӯй ба оташи дам мушобиҳат зада ва аз тезгомӣ бо боди тариқ хамроҳӣ супурда.

Назм:

Чу ашки ошикон гулгуну хушрав,
Чаҳонпаймотар аз Шабдизи Хусрав.
Ба вақти ҳамла баркосо чаҳанда
Ба гоҳи пӯя чун сар-сар раванда.

Қайсар вазири худро гуфт, ки хабари саховати Ҳотам дар Арабу Аҷам фош шуда, васияти чавонмардӣ ва мурувваташ аз Қоф то Қоф фурӯ гирифта ва ман шунидаам, ки ба-д-ин сифат аспе дорад. Мехоҳам, ки накли ӯро бар маҳаки эътибор ва сурати даъвии ӯро дар маҳкамаи маънӣ имтиҳон намоям ва кас аз пайи он маркаб ба қабилаи Той фиристам.

Маснавӣ:

Ман аз Ҳотам он аспи тозинажод,
Бихоҳам, гар ӯ макрамат[1] карду дод.
Бидонам, ки дар вай шукӯҳи меҳист,[2]
В-агар рад кунад, бонги табли тиҳист.

Пас элчӣ ба чиҳати он маркаб бо тӯҳфаҳову ҳадяҳо, ки лоики Ҳотам буд, фиристод ва ба андак замоне расули малики Рум ба қабилаи Той расида дар ҳаволиву манозили Ҳотам нузул намуд. Қазоро, муқорини (наздик шудан) расидани элчӣ абре падид омад ва борону барф боридан гирифт. Ҳотам меҳмонро дилдорӣ намуда ба манзили шоиста фуруд оварда ва филҳол бифармуд, то он аспро бикуштанд, таоме муҳайё карда назди меҳмон оварданд ва фарогати таом асбоби истироҳат муҳайё сохта, Ҳотам аз хайма берун рафт ва он шаб аз ҳеҷ навъ сухане нагузашт. Субҳ, ки Ҳотам ба узрхоҳӣ омад, элчӣ навиштаи Қайсар ба ҳадяе, ки фиристода буд, ба Ҳотам намуд. Чун Ҳотам бар мазмуни он иттилоъ ёфт, бағоят андешаманд гашт. Элчӣ ба фаросат асари малолат бар чабини Ҳотам мушоҳида фармуда, гуфт: – «Эй чавонмард, агар дар додани асп музоика (зикӣ) дорӣ, аз чониби мо низ чандон муболиға нест.» Ҳотам чавоб дод, ки маро аз ин чинси асп агар ҳазор бошад, камтар касе аз аҳли рӯзгор аз ман талабад, ба ҳеҷ вачҳ музоика дар ҳофизаи тасаввури ман наёяд. Хусусан, султони азимулшон маро ба талаби як асп муаззал (азиз) сохта ва ба чиҳати ин хабар вай хизмати расули бузурге ирсол намуда. Андешаи ман аз таҳайюр аст ва тафаккури ман аз гояти таҳассур, ки чаро зудтар хабар наёфтам, то он аспро талаф накардаме.

Маснавӣ:

Ман он бодрафтори Дулдулшитоб,
Зи бахри шумо дӯш кардам кабоб.
Ки буд зулмати абр аз пешу пас,
Ба сӯи рама рах намеёфт кас.
Ба навъе дигар равву роҳам набуд,
Чуз он бар дари бортоҳам набуд.
Муруввати надидам дар они хеш,
Ки меҳмон бихуспад дил аз фока реш.
Маро ном бояд дар иқлим фош,
Дигар маркаби номвар, гӯ мабош!

[1] Макрамат – лутфу эҳсон.
[2] Меҳист – сардор.

Пас аспони тозӣ ва табаррукоти ҳичозӣ ҷиҳати султони Рум фиристод ва расулро низ аз тӯҳфаҳои он диёр баҳраманд сохта ба хубтар вачҳе равона кард. Чун элчӣ омад, Кайсар аз фаҳвои (мазмуни) ҳол хабар ёфт ва сифати инсоф пеш оварда гуфт, ки оини мурувват ва қоидаи футувват Ҳотамро мусаллам аст.

Қитъа:

Тавон гуфт, к-имрӯз набвад ба олам,
Ҷуз ӯ шаҳриёрӣ диёри мурувват.
Зи рӯи ҷавонмардию меҳрубонӣ,
Бар ӯ хатм шуд кору бори футувват.

Дигар ҳокими Яман подшоҳе буд, сифати караму саховат бар ӯ ғолиб ва хислати эҳсону мурувват бар ӯ муставлӣ (ғолиб) ҳамвора мавоили (дастурхон) инъоми ӯ барои хосу ом ниҳода, фавоили икромаш ба ҷиҳати мӯҳтоҷону дармондагон омада.

Байт:

Чу дасти ҷудбахшаш баркушодӣ,
Зи олам расми хохиш барфитодӣ.

Мехост, ки ҷуз номи карами ӯ бар забонҳо мазкур нашавад ва ғайр сифати ҷуду сахои ӯ дар атрофи олами машхур нигарад ва ба-д-ин сабаб ҳар кӣ дар пеши ӯ сифати Ҳотам кардӣ, оташи ғазабаш иштиол (шӯълавар) намуда ба изои вай машғул гаштӣ ва гуфтӣ. – «Ҳотам марде саҳронишин аст ва аз ҷумлаи раияти вилояти ман. На ӯро рутбаи мамлакатдорӣ ва на мансаби фармонравоӣ, на қуввати ҷаҳонгирӣ ва на бозӯи кишваркушоӣӣ.

Шеър:

На ӯро хизон асту не тахту тоҷ,
На боҷаш касе медиҳад, не хироҷ.

Пайдост, ки аз дасти ӯ чӣ карам ояд, аспу шутуру гӯсфанде чанд, ки дорад, чӣ миқдор карам намояд. Ман он чи дар соле ҳосили Ҳотам бошад, дар рӯзе ба соил (гадо) медиҳам ва сад баробари хони ӯ дар як чошт ба меҳмон мениҳам.»

Мисраъ:

«Бубин, тафовути рох аз кучост то ба кучо?!»

Алқисса, малики Яман рӯзе ҷашни азим сохта буд ва тарҳу даъвате подшоҳона андохт. Тамоми рӯз чун офтоб ба зарбахшӣ машғул буд ва монанди абр ба гавҳарфишонӣ ишғол менамуд, ногоҳ дар аснои ин ҳол.

Байт:

Дари зикри Ҳотам касе боз кард,
Дигар раҳ сано гуфтан оғоз кард.

Малик аз он биранҷид ва ирқи ҳасадаш дар ҳаракат омада, бо худ андеша кард, ки ҳеҷ гуна забони аҳли замон аз зикри Ҳотам хомӯш нест ва сифати накӯкориву меҳмондории ӯ бар дили мардумон фаромӯш не. Пас, ҳамон беҳтар, ки ба дастёрии маллоҳи фикр киштии умри ӯро дар ғарқоби фано афганам ва ба мададгории устоди андеша рақами номи ӯро аз лавҳи зиндагонӣ мавҳ кунам.

Байт:

Ки то ҳаст Ҳотам дар айёми ман,
Ба некӣ нахоҳад шудан номи ман.

Дар пойтахти ӯ айёрпешае буд, ки барои як дирам сад хунро миён барбастӣ ва бо умеди андак фоида шишаи дили бисёр касонро ба санги ҷафо бишкастӣ.

Байт:

Чу чашми нозанинон буд хунрез,
Чу зулфи хубрӯён фитнаангез.

Алқисса, шоҳи Яман ӯро талабида ба мавоиди (ваъдаҳо) хусравона мустазҳир (умедвор) сохта бар он оварда, ки худро ба қабилаи банӣ Тай расонад ва ба ҳар ҳилла, ки донад ва ба ҳар шӯъбада (найранг), ки тавонад, Ҳотамро несту нобуд гардонад.

Айёр мутааҳҳади (ӯҳдадор) қатли Ҳотам шуда, мутаваҷҷеҳи қабилаи Тай гашт ва баъд аз муддате ба-д-он сарзамин расид. Бо ҷавони хушхӯи некӯрӯе, ки симои бузургӣ аз ҷабҳаи ӯ тобон ва фарри фархундагӣ дар носияи (чеҳраи) рӯи ӯ дурахшон буд, мулоқот кард. Ҷавон аз рӯи меҳрубонӣ ва ширинзабонӣ ӯро пурсиши гарм намуда пурсид, ки аз куҷо меоӣ ва бо куҷо меравӣ? Айёрпеша ҷавоб дод, ки аз Яман меоям, азимати Шом дорам. Ҷавон илтимос намуд як имшаб ба қадами карам висоқи (хонаи) маро мушарраф соз, то аз ҳузуре, ки бошад ба назари шариф расонем ва ба-д-ин талаттуф, ки кулбаи маро ба нури ҳузури худ биёроӣ, миннатдор шавам.

Мисраъ:

Зи дар дарою шабистони мо мунаввар кун.

Он айёр бо хушхӯӣ ва дилҷӯӣ бастаи он ҷавон шуда, рӯй ба манзили вай ниҳод ва аз он ҷавон расми зиёфат ва шарти меҳмондорӣ ба ваҷҳе тақдим афтод, ки ҳаргиз он айёрро дар хотир хутур накарда буд ва дар замири ӯ нагузашта. Мизбон лаҳза ба лаҳза такаллуфи дигаре менамуд ва матъумоти (таомҳои) гуногун ва машруботи рангоранг тартиб мефармуд.

Байт:

Ҳар нафасе бар сари хонаш нигар,
Хӯрдание хубтар аз якдигар.

Меҳмон соат ба соат ба дил он ҷавонро таҳсин мекард ва ба забон санову офарини ӯ мегуфт.

Байт:

Таборакаллоҳ, аз ин мардумиву хушхӯӣ,
Гузаштаӣ зи ҳама некӯвон ба некӯӣ.

Ба-д-ин минвол то шаби тира ба поён расид ва субҳи равшан рӯй аз уфуқи Машриқ оғози тулӯъ кард. Меҳмон бо дидаи гирён видои мизбонро миён дарбаст ва ба забони ниёз мазмуни ин байти ҷигарсӯз дилгудоз адо мекард.

Байт:

Дилам месӯзад аз доғи ҷудоӣ,
Чӣ будӣ, гар набудӣ ошноӣ?

Ҷавон ба муболиғаи бисёр дархост мекард, ки дусе рӯзе ин ҷо истиқомат намоӣ ва марди айёр ба анвои (навъҳои) узрҳо мутамассик (истинодкунанда) шуда мегуфт.

Байт:

Наёрам шуд албатта ин ҷо муқим,
Ки дар пеш дорам муҳимме азим.

Ҷавон гуфт, маро ташрифи маҳрамият арзонӣ дор ва муҳиме, ки ҳаст бо ман дар миён ор. Шояд, ки мададе тавонам кард ва ҳамроҳӣ ба ҷой оварад. Меҳмон чун дилнавозӣ ва ҷавонмардӣ аз вай мушоҳида карда буд, ба худ тааммул намуд, ки ин муҳими куллӣ, ки маро дар пеш аст, бе имдоди чунин ёре ва бе дастёрӣ аз ин гуна мададгоре саранҷом нахоҳад ёфт, ки марде бо муруввату корсоз ва дилҷӯю ғарибнавоз аст. Ҳеҷ беҳ аз ин нест, ки парда аз рӯи кор бардорам ва ӯро ёрӯ маҳрами худ сохта, рӯй ба сохтани он муҳим орам.

Назм:

Як гули мақсуд дар ин бӯстон,
Чида нашуд бе мадади дӯстон.
Домани ёре гарат афтад ба даст,
Фориғу озода тавонӣ нишаст.
Кори ту аз ёр мукаммал шавад,
Мушкилат аз ҳамнафасон ҳал шавад.

Пас, аввал ҷавонро ба ҷиҳати ихфои (пӯшиданӣ) он муҳим савганд дод ва баъд аз муболиғаи бисёр ва таъкиди бешумор сирри худро ба ӯ дар миён ниҳоду гуфт: – «Шунидаам, ки дар ин навоҳӣ Ҳотам ном касе хаст, ки лофи ҷавонмардӣ мезанад ва даъвои эҳсону мардумнавозӣ мекунад. Шоҳи Яманро зоҳир аз ӯ дағдағае дар дил ва хадшае (малоле) дар хотир падид омада.

Ва ман марди парешонрӯзгорам ва маоши ман аз дуздиву айёрӣ мегузарад ва дар вило султони вилояти Яман маро талабида ва ваъдаи молу матои фаровон намуда, ба шарти он ки Ҳотамро пайдо кунам ва ба қатл орам ва сари ӯро тӯҳфа пеши малик барам. Ва ман ба зарурати вақҳи маишат ин суратро қабул карда ба-д-ин қабила омадаам, на Ҳотамро мешиносам ва на роҳ ба манзили ӯ мебарам. Аз дарвешпарварӣ ва ғарибнавозии ту аҷибу ғариб набошад, ки Ҳотамро ба ман намоӣ ва дар қатли ӯ шарти мададгорӣ ба ҷой орӣ, то ман аз ӯҳдаи аҳде, ки кардаам, берун омада бошам ва ба давлати ту аз мавоиди шоҳ баҳраманд гардам.» Ҷавон ин суханро истимоъ намуд.

Байт:

Бихандиду гуфто, ки Ҳотам манам,
Сар, инак, ҷудо кун ба теғ аз танам.

– «Эй меҳмон, бархезу пеш аз он ки мутаалликони ман хабардор гарданд, сари ман бардору сари худ гир, то мақсуди шоҳи Яман ҳосил ва муроди ту низ муяссар гардад.»

Байт:

Чу Ҳотам ба озодагӣ сар ниҳод,
Ҷавонро баромад хурӯш аз ниҳод.

Айёр филҳол пеши Ҳотам бар замин афтод ва бӯса бар дасту пои вай бидод ва мегуфт.

Назм:

Агар ман гуле бар вучудат занам,
На мардам, ки дар кеши мардон занам.
Ду чашмаш бибўсиду дар бар гирифт,
В-аз он чо тариқи Яман баргирифт.

Ҳотам асбоби роҳи ӯ аз зоду (тўша) роҳила (маркаб) таҳия намуда, ӯро гусел кард. Ва айёрпеша баъд аз қатъи роҳ чун пеши подшоҳ омад, сурати ҳол ба арз расонид. Малики Яман аз рўи карамтабъй мунсиф (боинсоф) шуд ва аз роҳи озодагиву ҷавонмардй мўътариф (эътирофкунанда) гашт, кариме дар ин мартабаи ҳад ҳеч кас аз одамиён нест ва саховате ба-д-ин масоба (андоза) мақдури ҳеч кас аз одамиён не!

Байт:

Ҳаст ҷавонмарди дирам сад ҳазор,
Кор чу бо чон фитад, он чост кор.

Дар китоби «Ҷавоҳир-ул-иморат» овардаанд, ки чун Ҳотам вафот кард, ӯро дафн карданд, қазоро қабри ӯ дар маҳалле вокеъ шуда, ки мумарсел (селраҳа) буд. Вақте аз авқот бороне азим борид ва сели ҳоил (ҳавлнок) биёмад ва наздик буд, ки қабри Ҳотам вайрон гардад. Писараш хост, ки қолаби ӯро ба мавзеи дигар, ки аз ин офат эмин бошад, накл кунад. Чун сари турбат боз карданд, ҳама аъзо ва аҷзои ӯ аз ҳам рехта буд. Илло дасти рости ӯ, ки ҳеч навъ тағйире надошт. Мардум аз он ҳол мутааҷҷиб шуданд ва аз чунон сурате шигифт монданд. Пири сохибдиле дар миёни назораткунандагон буд, гуфт: – «Эй мардумон аз ин маънй мутааҷҷиб машавед ва аз саломатии дасти Ҳотам аҷаб мадоред, ки ӯ ки ба ин даст атои бисёр ба соилон дода буд, лочарам дар ҳимояи хайру карам ба саломат мондааст... Ҳар гоҳ дасти кофари бутпараст ба воситаи ато аз халали рехтан солим мемонад, чй аҷаб, ки тани мўъмин ба василаи саховат бо халқ аз офат эмин гардад.»

Давлатиён рух зи чаҳон тофтанд,
Давлати бокй зи карам ёфтанд.

Доро аз ҳакиме пурсид, ки пероя салтанат чист? – «Дар иззат зистан.» Гуфт: – «Иззатро чй гуна нигоҳ тавон дошт?» Гуфт: – «Ба хор доштани зар. Ҳар кй зар дар назари ӯ хор аст, ҳама кас ӯро азизу мукаррам доранд. Ва ҳар кй зарро азизу мукаррам дорад, ҳамагон ӯро хору мақдур шуморанд.»

Қитъа:

Мол аз баҳри он ба кор ояд,
То ки баҳри танат сипар гардад.
Ҳар кй танро фидои мол кунад,
Молу тан арзон хатар гардад.
Ҳар кариме, ки хор дорад зар,
Ҳар замоне азизтар гардад.

...Оини саховату мурувват ва қавоини эҳсон ва футувват:

Зи инъому атову марҳамат наздики он омад,
Ки расми эҳтиёҷ аз арсаи олам барандозад.

Номаи чуди Ҳотам тай карда ва дар дафтари саховат рақами маҳв баркашида:

Кайхусрави замону Фаридуни рӯзгор,
Ҳам шаҳриёру одилу, ҳам подшоҳи чуд.
Адлат низоми оламу ҳилмат қавоми мулк,
Чудат паноҳи соилу дастат паноҳи чуд...

ДАР ТАВОЗӮЪ ВА ЭҲТИРОМ

Тавозӯъ сабаби рифъат аст. Ч дар ҳадис омадааст, кӣ ҳар ки фурӯтанӣ намояд, дарачаи ӯ баланд гардад.

Байт:

Тавозӯъ туро арҷмандӣ диҳад,
Зи рӯи шараф сарбаландӣ диҳад.

Наср ибни Ахмад аз мулуки Сомония писари худро васият кард, ки эй фарзанди дилбанд, агар мехоҳӣ, ки мамлакате, ки бо машаққати бисёр ба даст овардаем ва салтанате, ки умри азиз дар тамҳили фавоиди он сарф карда, солҳо бар ту бимонад, бар хазина эътимод макун, ки мол дар маърази завол аст ва бар лашкар дил манех, ки марди сипоҳӣ мункалиби (гарланда) ал-ахвол аст. Такя дар давоми мулку киёми ҳукм бар карам намой ва дар тавозӯъ афзой, ки тавозӯъ ва карам дом андар дилҳои мардумон бошад. Ҳар кӣ сайди ин ду дом шуд, ҳаргиз рӯи раҳоӣ надорад. Ҳар гоҳ касеро ба ҳидмат тавозӯъ намудӣ, дили ӯ сайди ту гашт ва дар доми муҳаббати ту мукайяд шуд, пас, ӯ маҳкуми туву ту маҳдуми ӯ бошӣ ва ӯ сайди туву ту сайиди ӯ шавӣ.

Назм:

Тавозӯъ медиҳад аз рӯшной,
Басе бегонагонро ошной.
Тавозӯъ ҳар кӣ дорад сарфароз аст,
Ба рӯи ӯ дари иқбол боз аст.

Тавозӯъ он аст, ки касе миқдори худро аз миқдори дигаре камтар бинад. Пас иззат ва ҳурмати худро бартараф нихода, дигаронро азизу мӯҳтарам созад. Аз ин маънӣ касе ичтиноб менамояд, ки шарафи зот ва оликадрро дар маърази иштибоҳ монда бошад ва аммо он ки дар нафси ал-амр бузургкадру олимартаба аст ӯ аз тавозӯъ натарсад, зеро ки тавозӯъ аз бузургӣ ва чалолати ӯ хеҷ кам накунад, балки набоҳат (бузургӣ) ва шавкати ӯ наздики холику халоиқ меафзояд.

Байт:

Тавозӯъ зи гарданфарозон накӯст,
Гадо гар тавозӯъ кунад, хӯи ӯст.

Ва аз ин ҷо маълум мешавад, ки кибр аз хасоиси ноқисон ва сокитон (афтодагон) аст ва гарази эшон пӯшидани нуксони хеш, аммо ба ҳақиқат кабоеҳи худро зоҳир мегардонад чӣ кибр одамиро хору бе миқдор созад.

Назм:

То тавонӣ ба гирди кибр магэрд,
Мутакаббир барс зи кибр нахӯрад.
Гар ту бе кибру бе риё бошӣ,
Хоси даргоҳӣ кибриё бошӣ.

Тавозӯъ аз ҳама кас зебо менамояд ва аз аҳли давлат зеботар, зеро ки

пероӣ бузургӣ тавозӯъ аст. Овардаанд, ки Ибни Самок ба мачлиси Ҳорунуррашид омад. Халифа аз барои ӯ бархост ва таъзим кард. Ибни Самок гуфт: – «Эй халифа, тавозӯи ту дар подшоҳӣ бузургтар аст аз подшоҳии ту.» Халифа гуфт: – «Сухани некӯ гуфтӣ, зиёдат кун.» Гуфт: – «Ҳар ки ҳак ӯро молу ҷамолу бузургӣ диҳад, ӯ дар мол бо бандагони худо муросо (ҳамхорӣ) ва эҳсон кунад ва дар ҷамоли худ порсойӣ варзад ва дар бузургӣ тавозӯъ намояд, ҳақтаоло ӯро аз мухлисони худ гардонад.»

Ҳорунуррашид давоту қалам талабид ва ба дасти худ ин суханонро бинавишт ва ин навиштан, низ аломати тавозӯи ӯ буд.

Маснавӣ:

Зиракон озмудаанд басе,
Бар тавозӯъ зиён накарда касе,
Аз тавозӯъ баланд гардад ном,
В-аз тавозӯъ расидаанд ба ком.
Мутавозеъ бузургвор бувад,
Мазҳари лутфи Кирдигор бувад.

Тавозӯъ ва эҳтиром дар бораи ашрофи айём чун уламо ва машоихи карам эътиборе тамом дорад ва мӯчиби иртифои ливои давлат мутавозеъ бошад. Имом Муҳаммад Ҳусайни Шайбонӣ наздики Рашид омада расид. Ӯро таъзими бисёр кард, чунончи бар пой хост ва ӯро ба ҷои худ биншонд ва чун бархост, чанд қадам ба расми мушоийат бо вай бирафт. Яке аз ҷумлаи хоси ӯ гуфт, ки бо чунин тавозӯе, ки халифа намуд, муҳобати (тарсу ҳарос) хилофат наемонад. Рашид ҷавоб дод, ки он муҳобате, ки ба тавозӯъ зоил шавад, набудани он аълотар ва қадре, ки ба эҳтироми бузургон бикоҳад, коставу маҳвшуда бехтар:

Қадре, ки ба таъзими касон коста гардад,
Марай ба чунон қадр кай ороста гардад.

Овардаанд, ки Исмоили Сомонӣ – подшоҳи Хуросон ва султони басе ба сомон буд. Рӯзе олиме ба муҳиме назди вай омад. Ӯро таъзими бисёр намуд ва чун мерафт, ҳафт қадам аз ақиби вай бирафт…

Яке аз аломати тавозӯъ майл кардан аст ба сӯҳбати уламо ва дарвешони соҳибякин ва ҷамоате, ки ҳудро ба сурати уламои раббонӣ ва машоихи ҳаққонӣ ба халқ намоянд ва ба тамаъ суханони ҳақро ба зевари хушомад биёроянд, балки ба сӯҳбати мардум бошад ва ба касе эътиқод бояд кард, ки нахоҳад, ки касе ӯро эътиқод кунад.

Овардаанд, ки чун Абдуллоҳи Тоҳир ба ҳукумати Хуросон омада дар Нишопур нузул фармуд, аъёну ашроф ба саломи вай омаданд. Баъд аз як ҳафта пурсид, ки ҳеҷ кас мондааст дар ин шаҳр, ки ба саломи мо наомада бошад ва моро напурсида. Гуфтанд: – «Ҳар кӣ дар ин шаҳр исме ва расме дошта, шуморо пурсида ва назди шумо расида, илло ду дарвеше, ки ҳар як аз эшон дар гӯша нишастаанд ва дида аз мушоҳидан ину он барбаста…»

Абдулло пурсид, ки ин ду тан киёнанд. Гуфтанд: – «Аҳмади Ҳарб ва Муҳаммад Аслами Тусӣ, ки уламои раббоннанд ва ба даргоҳи салотин наоянд.» Гуфт: – «Агар эшон ба саломи мо наёмаданд мо ба саломи эшон равем.» Пас, савор шуд ва наздики Аҳмади Ҳарб рафт. Яке давида расиду гуфт, ки Абдул-

лоҳи Тоҳир меояд. Аҳмадро маҷоли фирор нашуд ва Абдуллоҳ ба хонаи вай дарун рафт. Аҳмад бар пой хост ва муддате сар дар пеш афканда биистод ва Абдуллоҳ низ ба пой истода буд. Аҳмад сар бароварда гуфт: – «Эй писари Тоҳир, шунида будам, ки марди накӯкорӣ ва хушманзарӣ ва ҳоло, ки ман нигарам аз он хубтарӣ, ки мегуфтанд. Акнун ин рӯи некӯро ба нофармонӣ магардон ва чунин рухсораро ҳимаи оташ масоз. Ин бигуфт ва рӯй ба қибла овард ва ба намоз дарпайваст...»

Абдуллоҳ гирён-гирён аз хонаи вай берун омада ва наздики Муҳаммад Аслам рафт. Муҳаммад ӯро бор надод. Ҳарчанд ки ҷаҳд кард, суд надошт. Гуфтанд сабр бояд кард, то рӯзи одина, ки вай аз хона берун меояд ва ба намоз меравад, шояд ки мулоқот вокеъ шавад. Абдуллоҳ рӯзи одина биёмад ва бар сари кӯчаи вай биистод. Шайх ба намоз берун омад, чун дид, ки саворони эшон истодаанд, ҳамон ҷо таваккуф намуд ва Абдулло аз маркаб фурӯ омад ва пеши Муҳаммади Аслам омада салом кард ва пурсид, ки чӣ касӣ ва чӣ корай? Гуфт: – «Абдуллоҳи Тоҳирам ва ба зиёрати ту омадаам.» Шайх гуфт: – «Туро бо ман чӣ кор ва маро бо ту чӣ гуфтор?» Пас, рӯй ба девор оварда дар ӯ нигоҳ накард. Ва Абдуллоҳ пеш омад ва рӯй бар хоки қадами ӯ ниҳод ва муноҷот кард:...

Агар чӣ бо бадони рӯзгорем,
Валекин некӯвонро дӯст дорем.
Чӣ бошад гар бадонро дар киёмат,
Ба некон бахшад аз роҳи каромат.

Овардаанд, ки яке аз мулук ба дидани дарвеше рафт. Он дарвеш дарҳол саҷда ба ҷой овард. Вазири шоҳ пурсид, ки он чӣ саҷда буд? Гуфт: – «Саҷдаи шукр.» Ва дигар бора пурсид, ки барои чӣ шукр кардӣ? Гуфт: – «Худойро сипос кардам барои он ки султонро назди ман овард ва маро пеши султон набурд, ки омадани шоҳон назди дарвешон ибодат аст ва рафтани дарвешон ба даргоҳи шоҳон маъсият.» Пас, чун Султонро тоате ҳосил шуду маъсияте аз ман содир нагашт, маҳалли шукргузорӣ ва сипосдорӣ бошад.

Агар дам зи дарвешпурсӣ заниӣ,
Зи рифъат қадам фавқи курсӣ заниӣ.
Касе к-остонат ба дарвеш бурд,
Агар бар Фаридун зад аз пеш бурд.

ДАР АМОНАТУ ДИЁНАТ

Уламои дин ва урафои сохибякин чунин гуфтаанд, ки амонат рукни азимест аз хислатҳои ҳамида ва диёнат асле маҳкам аз ахлоқи писандида. Бунёди имон амоният тамом гардад ва чуноки фармудаанд:

Шарҳ, ки бунёди сиёнат ниҳод.
Қоиди дин ба диёнат ниҳод.
Дар дилат ар майли диёнат бувад,
Аз шарафи дӯзах амонат бувад.

...Ба амонат хиёнат раво нест. Масалан, дида амонатест, ки ба-д-он дар осори қудрат нигаранд. Гӯш амонатест, ки суханони ҳақ истимоъ кунанд. Забон амонатест, ки ба-д-он зикр гӯянд. Даст амонатест, ки барон нафъ ба халқ

расонанд. Чун касе дида ба назари ҳаром бикшояд ва гӯш ба суханони ношоиста ниҳад, забон ба бӯҳтону дурӯғ гӯяд, даст ба озори халқ бикшояд, ҳар оина дар амонат хиёнат карда бошад.

Эй шуда з-имону амонат барӣ,
Дини ту фориғ зи диёнатгарӣ,
Тарс надорӣ, ки фаноет ҳаст,
Шарм надорӣ, ки Худоет ҳаст.

Салотинро баъд аз муҳофизати ин амонатҳо ҳифзи амонати дигар лозим аст, яъне мулоҳизаи ҳоли раият. Агар дар муҳофизати эшон таксире равад, ба аркони амонат раҳнае равад. Ҳукамо гуфтанд: – Агар подшоҳе золимро ба амал фиристад ва муҳими раият ба чабборӣ ва дасткорӣ ҳавола кунад, аломати хиёнат аст дар ҳақи раият. Чи ситамкораро бар зайфону очизон муставлӣ сохтан чунон бошад, ки чӯпонии гӯсфандон ба гургон додан.

Ситамкора гургест бо дору гир,
Раият ҳама гӯспанде ҳақир.
Чу бикпурдӣ ин гӯсфандон ба гург,
Фитоданд андар балои бузург.

Ва дигар мулоҳизаи диёнат лозим аст ва диёнат муҳофизати амонат аст...

Овардаанд, ки дар аввали замони Нӯшервон, ки ҳанӯз риояти адолат наафрохта буд ва иштиғол ба айшу ишрат, ба кори раият напардохта, дар ҳамсоягии ӯ марде буд ба карам машҳур ва ба риояти меҳмонон ва муроотӣ эшон мавсуф ва мазкур:

Ба эҳсонаш фақирон шод гашта,
Зи бандаи эҳтиёч озод гашта.

Пайваста хони инъом бигустурдӣ ва хосу омро ба меҳмонӣ овардӣ, чун овозаи ӯ ба мардӣ баромад ва зинати ҷавонмардии ӯ дар дунёву забонҳо афтод. Нӯшервон ба чиҳати имтиҳон либоси бозаргонон пӯшида ба хонаи ӯ рафт ва мизбон ӯро нашнохта, чунончи одати ӯ буд, тариқи такаллуф нигоҳ дошт ва аз дакоиқи мурувват ва лавозими зиёфат ҳеч нукта фурӯ нагузошт ва ӯро дар суффае овард, ки панҷараи он дар боғи ангур буд ва ангурҳои латиф расида бар токҳо менамуд. Он ҷо сӯҳбат доштанд ва мизбон чунон такаллуф кард, ки Нӯшервон мутааччиб шуд ва дар охири мачлис гуфт: – «Эй хоча, ман марди бозаргонам ва бо овозаи футуввату ҷавонмардии ту туро тасдеъ (мазоҳим шудан) додам. Он чӣ дар бораи ту аз караму эҳсон шунида будам, чун бидидам ҳазор чандонӣ!»

Акнун меравам бар ман ҳукм фармой, ки барои ту чӣ тӯҳфа фиристонам ва чӣ ҳадя тартиб намоям. Мизбон гуфт он чӣ ба давлати ту ҳама асбоб мухайёст. Чун пардаи ҳашмат аз миён бархост ва расми такаллуф бартараф шуд, маро майли ангури тоза аст. Агар шуморо ба боғе баранд ё барои шумо ба расми табаррук биёранд, кадре барои ман бифристед. Нӯшервон гуфт: – «Дар боғи ту ангури бисёр дидам, чаро аз он нахӯрдӣ.» Гуфт: – «Эй хоча, подшоҳи мо марди золими ғофил аст, парвои раият надорад. Ангурҳои мардум расида ва касе таъйин намекунад, ки ҳирз (нигоҳбон) гирад, мардум бе мулоҳиза ҳирзи

ангур мехўранд ва ман маҳрумам, ҷиҳати он, ки ҳаки ӯ дар ин боғ ҳаст ва ҳанӯз ҳирз накардаанд. Агар ангур бихўрам, хиёнат карда бошам ва дар мазҳаби ман хиёнату бедиёнатӣ ҳаром аст. Чун гўра падид оянд, дари боғ бандам ва мўҳр кунам ва нагзорам, ки ҳеҷ офарида дар он ҷо равад, то вақте ки подшоҳ ҳаки ҳуд бигирад, в-он гах ман даст ба ангур кунам.» Нўшервон, ки ин ҳикоят шунид, бигирист ва гуфт, ки он подшоҳи золиму ғофил манам ва ба сабаби диёнати ту аз хоби ғафлат бедор шудам. Тарики адл пеш гирифт ва он мардро муаззам сохт.

Дар ахбор омада, ки писари амири Балх рўзе ба тамошо берун омада буд. Гузораш бар девори пасте афтод ва нигоҳ кард, пире дид зунноре бар миён баста ва беле дар даст гирифта дарахте мешинонад. Амирзода гуфт, эй пир, дарахте, ки аз меваи он нахоҳӣ хўрд, чаро нишонӣ? Пир гуфт: – «Дигарон коштанд, мо мехўрем, мо низ мекорем то дигарон бихўраид. Шояд ки мо низ бихўрем.» Амирзодаи ҷавони наврасида мағрур буд ба талоқ савганд хўрд, ки ту аз меваи ин боғ нахоҳӣ хўрд ва ин бигуфту бигзашт. Пир пурсид, ки ин чӣ кас буд? Гуфтанд, писари амири Балх. Баъд аз муддате амирзода ба тамошо савор шуда ба боғе расид бағоят дилкашу равзае дид хушҳаво:

Дарахтонаш ҳама бори кашида,
Бар ишон меваҳое хуш расида.
Зи болои дарахтони сарафроз,
Навохон гашта мурғони хушовоз.

Амирзодаро он боғ бисёр хуш омад. Инон боз кашида аз маркаб пиёда шуд ва дар боғ даромад, пире дид зуннорбанд, ки дар он боғ мегашт. Чун амирзодаро дид, нашнохт ва амирзода низ ӯро надонист. Пир табаке аз меваҳо чиду латиф пеш овард. Амирзода огози хўрдан кард. Дар аснои мева хўрдан қадре ба дасти пир дод, ки ту ҳам бихўр ва бо мо иттифоқ намой. Пир он меваро ба яке аз мулозимони ӯ, ки истода буд, доду гуфт: – «Маро аз ин мева нашояд хўрдан.» Амирзода пурсид, ки чаро? Гуфт: – «Ба ҷиҳати он ки вақте ман ин дарахтонро мешинондам, писари амири Балх ба ин ҷо расид ва маро дар нишондани дарахт сарзаниш кард, ки умре гузаронида ва ба лаби гўр расида... Ман сухани ӯро ҷавоб гуфтам ва ӯ ба талоқ савганд хўрд, ки ту аз меваи ин боғ нахўрӣ. Ман аз ҳурмати он ки шояд зинда ва қадхудо бошад, меваи ин боғ нахўрам, то талоқ вокеъ нашавад ва ман аз ӯҳдаи диёнат берун омада бошам.»

Ҷавон гуфт: «Эй пир, он амирзода манам ва он савганд ман хўрда будам аз баҳри ин диёнат, ки варзидӣ, вазорати ҳудро ба ту тафвиз кардам ва дар ҳеҷ муҳиме бе машварати ту шурўъ нахоҳам намуд...»

ДАР ВАФО БА АҲД

Вафо кори ҷавонмардони соҳибкамол аст ва ҳусни аҳд аз хислатҳои бузургони сутудаҳол. Рухсораи ҳар аҳаде, ки ороише аз холи вафо ёбад, мурғи дили ҳеҷ кас гардан аз ришгаи доми муҳаббати ӯ барнатобад... Вафо кунед ба аҳдҳо, ки бо якдигар мебандед:

Нест бари мардуми соҳибназар,
Хидмате аз аҳд писандидатар.

Рӯзе Исмоил бо дӯсте ҳамроҳ афтод ва он дӯст ба дари хонаи худ расид. Исмоилро гуфт: – «Ман ҳамроҳии туро дӯст медорам. Ваъда кун бо ман, ки дар ин мавзеъ биншинӣ, то ман ба хона дарун равам ва муҳиме дорам бисозам ва филҳол берун оям.» Исмоил ваъда кард ва он ҷо бинишаст. Он мард ба хона даромад ва ӯро муҳиме куллӣ афтод ва аз ваъдаи худу Исмоил фаромӯш карда, ба чораи кори худ машғул шуд. Хонаи ӯ роҳи дигаре дошт, аз он ҷо берун рафт. Баъд аз се рӯз ба-д-он мавзеъ расид, Исмоилро дид бар дари хона нишаста. Гуфт: – «Эй самари шачари дӯстӣ, ин ҷо чӣ нишастай?» Гуфт: – «Аз он вақт, ки маро ба ваъда ин ҷо нишондай, нишастаам ва дидаи интизор бар роҳи муовадати ту ниҳода.» Гуфт: – «Чун ман наёмадам, ту чаро нарафтӣ?» Гуфт: – «Ваъда карда будам, раво надоштам, ки хилоф кунам ва агар муддатҳо ту намеомадӣ, ман ин ҷо менишастам ва аз сари кӯй намерафтам...»

Аз ӯҳдаи аҳд агар бурун ояд мард,
Аз харчӣ гумон барӣ фузун ояд мард.

Дар ҳикояте омадааст, ки ҳоҷа гуломе дошт порсову худотарс. Ногоҳ ин ҳоҷа бемор шуд. Аҳд кард, ки агар аз ин беморӣ халос шавад, ин гуломро озод кунад. Шифо ёфт. Ҳоҷа дил дар ғулом баста буд, ӯро озод накард ва дигар бора бемор шуд. Ғуломро гуфт: – «Бирав табиброи биёр, то маро илоҷ кунад.» Ғулом берун рафт ва даромад. Ҳоҷа гуфт: – «Табиб кӯ?» Ғулом гуфт: – «Табиб мегӯяд, ки ӯ мухолифати ман мекунад ва ба-д-он чӣ мегӯяд, вафо намекунад. Ман ӯро илоҷ намекунам .» Ҳоҷа мутанбеҳ шуду гуфт: – «Эй гулом, табиброи бигӯй, ки аз мухолифат бозгаштам ва аз накӣи аҳд тавба кардам.» «Гар сар биравад аз сари паймон наравам.» Ғулом гуфт: – «Эй ҳоҷа, табиб мегӯяд: Агар ту сифати вафо пеш орӣ, мо низ шарбати шифо арзонӣ дорем.» Ҳоҷа гуломро озод кард ва дарҳол шифо ёфт:

Агар ба аҳди муҳаббат вафо куни бо Ҳақ,
Зи рӯи лутфу каромат вафо кунад бо ту.

Овардаанд, ки подшоҳеро муҳиме саъб пеш омад. Аҳд кард, ки агар муҳим ба дилхоҳи ман анҷомад, ҳар накдинае, ки дар ҳазона дорам бар фуқарову мискинон қисмат намоям. Муҳими ӯ ба зудӣ ва хубӣ кифоят кард. Подшоҳ хост, ки ба аҳди худ вафо кунад. Хазонадорро талабиду фармуд, то накди хазинаро ҳисоб кунад. Баъд аз ҳисоб маблағи кулле баромад. Умарову ургони давлат гуфтанд: – «Эй малик, ин миқдор мол ба дарвешон нашояд дод, ки лашкар бе баргу наво монад.» Подшоҳ гуфт, ки ман аҳд кардаам, ки ин ҳама бо аҳди истеҳқоқ расонам. Ургони давлат гуфтанд, ки уламо низ бар инанд, ки мулозимони мулук низ аз ҷумлаи аҳли истеҳқоқанд. Малик дар ин казия мутаҳайир шуда бар ғурфа нишаста буд, ки ногоҳ девонае даргузар омад. Фармуд, ки он девонаро талабед, то дар ин боб бо ӯ мушоварат кунем. Девонаро овоз доданд. Малик ба девона он чи рафта буд, гуфт. Девона гуфт: «Эй малик, дар он вақт, ки ин аҳд кардӣ, ки мол бо дарвешон диҳам, сипоҳиёнро дар хотир гузаронидӣ?» Гуфт: – «На. Ҳамин гадоёну мӯҳтоҷонро гузаронида

будам.» Гуфт: – «Пас ба-д-инҳо дех, ки дар хотир гузаронидай.» Яке аз умаро гуфт: – «Эй девона, мол бехад аст ва сипоҳӣ бе баргу наво?» Девона рӯй аз он кас бартофту гуфт: – «Эй малик, ту дигар бо он кас, ки манзур ва аҳд бо ӯ кардай кор дорӣ ё не? Агар дигар бор бо ӯ кор хоҳад буд, ба аҳди худ вафо кун. Ва агар бо ӯ кор надорӣ ва мӯҳточи ӯ нахоҳӣ шуд, харчӣ хоҳӣ, бикун.» Подшоҳ бигирист ва фармуд, ки ҳама амволро бар фукаро ва мискинон қисмат карданд:

Чу мӯҳточ хоҳӣ шуд охир ба-д-ӯ,
Матоб аз вафодории хеш рӯ.
Касоне, ки фармонраво гаштаанд,
Мукаррам зи хусни вафо гаштаанд.
Вафодорӣ оини шоҳаншахист.
Гами аҳд хӯрдан зи корогахист.

Ҳусни аҳд аз ҳеч кас чунон хуб наменамояд, ки аз салотин, зеро ки сухани эшон ба масомеи ҳама кас мерасад ва аҳволи эшон дар ҳама маҷомеъ гуфта мешавад ва маҷмӯи халқ бар аҳду паймони эшон иттилоъ меёбанд ва чун аҳди худро ба поён нарасонанд, дӯсту душманро бар эшон эътимод намонад. Ва дар васияти Ҳушанг мазкур аст, ки эй фарзанд, аз нукзи аҳд ва хилофи ваъда ичтиноб (парҳез) кун, ки шомати он зуд мерасад:

Дасти вафо дар камари аҳд кун,
То нашавй аҳдшикан, ҷаҳд кун.

...Овардаанд, ки Афросиёб дар таоруфи (шинохтани) аҳволи золим ва таваҳҳуси (талоши) ҳолоти мазлум муболиғаи бисёр мекард ва ранҷи бехад мекашид. Рӯзе ҷамъе аз нудамо (ҳамнишинон) гуфтанд, ки дар ин боб муболигаи бисёр менамой ва аз хуррамиву тамошо боз мемонӣ. Гуфт: – «Ваъдаи худро хилоф наметавонам кард.» Гуфтанд, аз ту ҳеч ваъда нашнидем. Гуфт: – «Подшоҳӣ дар ҳади зоти худ ваъдаест ба зимаи подшоҳ, лозим аст, ки ба ин ваъда вафо кунад ва вафо он аст, ки доди мазлум аз золим бистонад. Ҳар кӣ ба ин тариқа наравад, хилофи ваъда карда бошад.»

Мисраъ:

Холифи ваъда наёяд зи аҳли дину диёнат.

Подшоҳе аз ҳакиме пурсид, ки мардро кадом сифат азиз мегардонад. Гуфт: – «Ба ваъда вафо кардан ва яке аз фазоили ҳусни аҳд он аст, ки бақои ҷаҳон бад-он бозбаста аст, зеро ки мадори олам бар салтанат аст ва мадори салтанат бар лашкар ва мулуки олам хазоини худро бар ҳашаму лашкар ба-д-он умед сарф мекунанд, ки ба ҳангоми хурӯҷи душман вафо нашоянд. Агар расми вафо барафтад, бар ҳеч кас аз сипоҳиён эътимод намонад ва ургони мулк халалпазир шавад... Агар аҳду вафо набошад, тартибу низоми ҷаҳон маҳву нобуд гардад. Пас аз тариқи вафо рӯй набояд тофт ва ба сӯҳбати вафодорон бояд шитофт»

Майли касе кун, ки вафоят кунад,
Ҷои ҳадафи тири балоят кунад.
Баҳри чунин дӯст, ки чонй бувад,
Дӯстии чон зи гаронй бувад.
Чон, ки аз ӯ беҳ ба ҷаҳон ёр нест,
Ҳеч наярзад чу вафодор нест.

Ёри ту он ёфт ба гетй басе,
Лек вафодор наёбй касе.
Сўҳбати он кун, ки ба сидқи сафост,
Домани ў гир, к-аз аҳли вафост.

Дар таърихи вилояти Хуросон мазкур аст, ки дар он вақт Яъқуби Лайс ба Нишопур расид. Муҳаммад Тоҳир ҳокими Нишопур буд, бо ў ёгй шуд ва ў шаҳрро муҳосира кард. Ургони давлати Муҳаммад Тоҳир ҳама пинҳонй китобатҳо (мактуб) ба Яъқуб фиристоданд ва дар изҳори халосиву ҳаводорй муболигаҳо намуданд. Магар Иброҳими Ҳочиб, ки ў ҳеч китобате накард ва касе нафиристод ва чун Яъқуб Нишопурро бигрифт ва руаёву ҳашамро дар забти иёлоти худ даровард ва Иброҳими Ҳочибро талабида гуфт: – «Чй гуна буд, ки ҳама ёрони ту китобатро фиристоданд ва ту бо эшон мувофиқат накардй?» Иброҳим гуфт: – «Эй малик, маро бо ту собиқаву маърифате набуд, ки таҷдиди он аҳд кардаме ва аз Муҳаммади Тоҳир низ шикояте надоштам, ки тариқи мухолифати ў супурдаме ва аз худ рухсати он наёфтам, ки ҳаки инъому парвариши ӯро ба шикастани аҳду паймон бартараф ниҳодаме.»

Фард:

Ман на онам, ки сар аз хатти вафо бардорам,
Гарчи созанд чудо чун каламам банд зи банд.

Яъқуб гуфт, ту лоиқи онй, ки туро тарбия кунанд ва мустаҳиқи онй, ки муҳими туро ичро кунанд. «Офарин бод бар вафодорон!» Пас аз он чумлаи он мардум ба кабули иқбол ихтисос дод ва онҳоро, ки ба нифоқ чониби валинеъмати худро фурў гузошта буданд, ба уқубат гирифтор кард:

Касе, ки ҳақ нашиносад, аз ў умед бибур,
Касе, ки нест вафояш, ба-д-ў макун пайванд.
Зи ҳусни аҳд ба олам агар алам гардй,
Ливои рифъати ту бигзарад зи чархи баланд.

ДАР СИДҚ

Ростиву росткорй сабаби эминй ва растагорист.

Қитъа:

Ростон растаанд рӯзи шумор,
Чаҳд кун, то аз он шумор шавй.
Андар ин раста росткорй кун.
То дар он раста растагор шавй.

Бузургон гуфтаанд, арсаи суҳан аз он фарохтар аст, ки гўяндаро пойи баён дар санги хилоф оят, то гули сидқ дар чамани суҳан ба вай бархурдорй медиҳад. Нафси нотиқаро дастаи хори дурўғ барбастан нашояд.

Қитъа:

Забони покро хайф аст бисёр,
Ки аз лафзи дурўғ олуда созй.
Агар по барнадорй аз раҳи сидқ,
Сар аз гардуни гардон барфарозй.

Яке аз бузургон фармуда, ки бар тақдире, ки дурўғ гуфтан хавфи уқб (азоб) ва дар ростй умеди савоб набудй, боистй, ки окил аз дурўғ эҳтироз намудй ва ба

ҷонибӣ ростӣ майл кардӣ, аз он ки дурӯғ мардонро хору бемиқдор гардонад.

Байт:

Аз қачӣ афтӣ ба каму костӣ,
Аз ҳама ҳам растӣ, аз ҳар ростӣ.

Овардаанд, ки мустаршиди (рохнамои) халифа дар васиятномаи писари худ навишта буд, ки агар хоҳӣ, ки мардум аз ту тарсанд, дурӯғ магӯй, ки мардуми дурӯғӯй бемаҳобат (беҳайбат) буванд, агарчи ҳазор шамшер барои муҳофизати ӯ дар гирди ӯ бошад, яъне агар ҳазор теғи бараҳна дар кавкаби давлати касе мебаранд ва шамшери забонаш ҷавҳари сидқ надорад, дар назари мардум ҳеҷ шукуфа наёрад.

Маснавӣ:

Ту дар кори худ ростӣ бар ба кор,
Ки ҳам раста гардию ҳам растагор.
Бувад гарчи мардум басе қаҳциром,
Ба охир шавад ростонро ғулом.
Агарчанд бошад кимон саҳттир,
Ба охир тавозӯъ кунад пеши тир.

Овардаанд, ки Ҳаҷҷочи золим чамъеро сиёсат мекард. Чун навбат ба яке аз эшон расид, гуфт: – «Эй амир, маро макуш, ки бар ту ҳаке собит кардаам.» Гуфт: – «Туро бар ман чӣ ҳак аст?» Гуфт: – «Фалон душмани ту туро вақнат (гайбат) мекард ва ба нисбати ту суханони фаҳш мегуфт. Ман ӯро манъ кардам ва аз дашноми ту боздоштам.» Ҳаҷҷоҷ гуфт: – «Бар ин маънӣ гувоҳе дорӣ?» Гуфт: – «Дорам ва ба асири дигаре ишорат кард, ки ӯ он маҷмаъ буд.» Он кас гуфт: – «Оре, рост мегӯяд ва шунидам, ки ӯ он касро аз осеби ғайбати ту манъ мекард.» Ҳаҷҷоҷ гуфт: – «Ту чаро бо ӯ мушорикат накардӣ ва мувофикат нанамудӣ дар манъи душманқ» Гуфт: – «Ман туро душман медоштам. Бар ман лозим набуд, ки тарафи ту риоят кардаме.» Ҳаҷҷоҷ фармуд, то ҳардуро озод карданд. Якеро бо сабаби ҳақи вай, якеро ба чиҳати сидки вай ва ин масал дар миёни мардум пайдо шуд: – Агар дурӯғ касеро мераҳонад, рост раҳонандатар аст.

Назм:

Ростӣ он чо, ки алам барзанад,
Ёрии ҳак даст ба ҳам барзанад.
Ростии хеш ниҳон кас накард,
Бар сухани рост зиён кас накард.
Ростӣ овар, ки шавӣ растагор,
Ростӣ аз ту, зафар аз Кирдигор.
Чун ба сухан ростӣ орӣ ба чой,
Носири гуфтори ту бошад Худой.

Ва чунончи кизб обрӯро мебарад ва мазоҳу ҳазл ва лаҳву лаъб низ маскати (бартарафкунанда) арз аст. Хусусан аз арбоби ихтиёр, ки ба мазоҳ кардан мулозимони эшон далер мешаванд ва ӯро вақъе дар дили эшон наметмонад ва мумкин, ки чун бо касе мазоҳ кунанд, кина дар дил гирад ва ба мурури замон дар интиком ояд. Аз он сурат фитнаҳо зояд ва дар «Рӯшноинома» мазкур аст:

Макун фаҳшу дурӯғу ҳазл пеша,
Мазан бар пои худ зинҳор теша.

Ки гар шоҳӣ, барад ҳазл обрӯят,
В-агар моҳӣ, кунад чун хоки кӯят.

Дигар ғайбат кардан аз завиал (иктидор) муносиб наменамояд, чи эшонро қудрат он аст, ки ба мӯъчибе ҳар чӣ хоҳанд бо ҳар кӣ хоҳанд бигӯянд. Пас, худро дар ҳисоби аҳли ғайбат набояд дошт ва мулозимонро ҳам аз ғайбати дигарон манъ бояд кардан.

Назм:

Ғайбати кас то битавонӣ магӯй,
З-он ки зи ғайбат биравад обрӯй.
Гӯш манеҳ бар ғаби ғайбатгарон,
То ту ҳаманбоз[1] набошӣ дар он.

ДАР ИНҶОҲИ[2] ҲОҶАТ

Ҳар кӣ хоҳад, ки ҳочатҳои ӯ раво бошад, бояд ба-д-он чӣ тавонад ҳочати халқ барорад. Дар ҳадис омада, ҳак субҳонаҳу таоло ёрӣ медиҳад бандаи худро, модоме, ки ёрӣ медиҳанд бандагон ӯро.

Байт:

Агар тавакқуи бахшоиши худо дорӣ,
Зи рӯи лутфу карам бар шикастагон бахшо.

Дар ахбор ворид аст, ки инъоми раббонӣ рӯй ба вай оварад ва афзоли субҳонӣ дар ҳақи ӯ бисёр шавад, касрати эҳтимоли мӯҳточон ва адои ҳукуқи фурӯмондагон бар вай лозим бувад, зеро ки хоҳиши аҳли эҳтиёҷ бар қадри неъмат аст. Ҳарчанд неъмати аҳли ихтиёр ва иктидор бештар бошад, анҷоми муродоти фукаро ба раво кардани ҳоҷоти заифон бештар бояд. Пас, соҳиби саодате, ки салтанат ба ӯ арзонӣ дошта бошад ва ливои азамат ӯро арсаи ҷаҳондорӣ ва комронӣ барафрохта бояд, ки маунати халкро таҳаммул намояд ва дар ҳолати қудрат қазои ҳочати мӯҳточонро ганимат шуморад. Сурати матлуб ва чеҳраи максуди ҳеч мустаҳикро дар никоби ҳичоб таваккуф раво надорад. Чун гули иқбол дар боғи давлат шукуфта меёбад ва шукуфтаи муород дар чамани мамлакат бар шохсори уббаҳат (шукӯҳ) чилвагарӣ мебинад, баровардани муродот ганимати бузург шумурад. Раво кардани ҳочати махрумон ва бечорагонро дастовези шигарф (нодир) шиносад:

Умеди халк, раво кун ба марҳамат, ки ту низ,
Мукаррар аст, ки бо худ умедҳо дорӣ.
Бидеҳ муроди факирон ба лутф, то бидиҳад
Муродҳо, ки ту бо ҳазрати Худо дорӣ.

Шарти салтанат он бошад, ки пайваста мунтазири ҳочоти мӯҳточон бувад ва дили эшонро бар во кардани ҳочот шод созад, то савобе ба ин азамат аз вай фавт нашавад. Искандари Зулқарнайн рӯзе то шаб дар мачлиси ҳукумат нишаста буд ва ҳеч кас рафъи ҳоҷате накард, чун вақти бархостан шуд, нудамои худро гуфт, ки ман имрӯзро аз ҳисоби умр нашуморам. Яке аз надимон гуфт: – «Рӯзе, ки дар сиҳату фароғат гузарад ва дар саломату каромат ба шаб

[1] Ҳаманбоз – шарик.
[2] Инчоҳ – баровардани ҳочат, раво шуданиҳочат.

чониби ростӣ майл кардӣ, аз он ки дурӯғ мардонро хору бемиқдор гардонад.

Байт:

Аз қачӣ афтӣ ба каму костӣ,
Аз ҳама ғам растӣ, агар ростӣ.

Овардаанд, ки мустаршиди (рохнамои) халифа дар васиятномаи писари худ навишта буд, ки агар хоҳӣ, ки мардум аз ту тарсанд, дурӯғ магӯй, ки мардуми дурӯғгӯй бемаҳобат (беҳайбат) бувад, агарчи ҳазор шамшер барои муҳофизати ӯ дар гирди ӯ бошад, яъне агар ҳазор теғи бараҳна дар кавкаби давлати касе мебаранд ва шамшери забонаш чавҳари сидқ надорад, дар назари мардум ҳеҷ шукуфа наёрад.

Маснавӣ:

Ту дар кори худ ростӣ бар ба кор,
Ки ҳам раста гардию ҳам растагор.
Бувад гарчи мардум басе каҷхиром,
Ба охир шавад ростонро гулом.
Агарчанд бошад камон сахттир,
Ба охир тавозӯъ кунад пеши тир.

Овардаанд, ки Ҳаҷҷоҷи золим ҷамъеро сиёсат мекард. Чун навбат ба яке аз эшон расид, гуфт: – «Эй амир, маро макуш, ки бар ту ҳаке собит кардаам.» Гуфт: – «Туро бар ман чӣ ҳақ аст?» Гуфт: – «Фалон душмани ту туро ваҳнат (ғайбат) мекард ва ба нисбати ту суханони фаҳш мегуфт. Ман ӯро манъ кардам ва аз дашноми ту боздоштам.» Ҳаҷҷоҷ гуфт: – «Бар ин маънӣ гувоҳе дорӣ?» Гуфт: – «Дорам ва ба асири дигаре ишорат кард, ки ӯ он маҷмаъ буд.» Он кас гуфт: – «Оре, рост мегӯяд ва шунидам, ки ӯ он касро аз осеби ғайбати ту манъ мекард.» Ҳаҷҷоҷ гуфт: – «Ту чаро бо ӯ мушорикат накардӣ ва мувофиқат нанамудӣ дар манъи душманқ?» Гуфт: – «Ман туро душман медоштам. Бар ман лозим набуд, ки тарафи ту риоят кардаме.» Ҳаҷҷоҷ фармуд, то ҳардуро озод карданд. Якеро бо сабаби ҳақи вай, якеро ба чиҳати сидқи вай ва ин масал дар миёни мардум пайдо шуд: – Агар дурӯғ касеро мерахонад, рост раҳонандатар аст.

Назм:

Ростӣ он чо, ки алам барзанад,
Ёрии ҳақ даст ба ҳам барзанад.
Ростии хеш ниҳон кас накард,
Бар сухани рост зиён кас накард.
Ростӣ овар, ки шавӣ растагор,
Ростӣ аз ту, зафар аз Кирдигор.
Чун ба сухан ростӣ орӣ ба чой,
Носири гуфтори ту бошад Худой.

Ва чунончи кизб обрӯро мебарад ва мазоҳу ҳазл ва лаҳву лаъб низ маскати (бартарафкунанда) арз аст. Хусусан аз арбоби ихтиёр, ки ба мазоҳ кардан мулозимони эшон далер мешаванд ва ӯро ваҳъе дар дили эшон намемонад ва мумкин, ки чун бо касе мазоҳ кунанд, кина дар дил гирад ва ба мурури замон дар интиқом ояд. Аз он сурат фитнаҳо зояд ва дар «Рӯшноинома» мазкур аст:

Макун фаҳшу дурӯғу ҳазл пеша,
Мазан бар пои худ зинҳор теша.

Ки гар шоҳй, барад ҳазл обрӯят,
В-агар моҳй, кунад чун хоки кӯят.

Дигар гайбат кардан аз завиал (иктидор) муносиб наменамояд, чи эшонро қудрат он аст, ки ба мӯъчибе ҳар чй хоҳанд бо ҳар кй хоҳанд бигӯянд. Пас, худро дар ҳисоби аҳли гайбат набояд дошт ва мулозимонро ҳам аз гайбати дигарон манъ бояд кардан.

Назм:

Гайбати кас то битавонй магӯй,
Ҳ-он ки зи гайбат биравад обрӯй.
Гӯш манеҳ бар лаби гайбатгарон,
То ту ҳаманбоз[1] набошй дар он.

ДАР ИНЧОХИ[2] ҲОҶАТ

Ҳар кй хоҳад, ки ҳоҷатҳои ӯ раво бошад, бояд ба-д-он чй тавонад ҳоҷати халқ барорад. Дар ҳадис омада, ҳак субҳонаҳу таоло ёрй медиҳад бандаи худро, модоме, ки ёрй медиҳанд бандагон ӯро.

Байт:

Агар тавоққуи бахшоиши худо дорй,
Зи рӯи лутфу карам бар шикастагон бахшо.

Дар ахбор ворид аст, ки инъоми раббоний рӯй ба вай оварад ва афзоли субҳонй дар ҳаки ӯ бисёр шавад, касрати эҳтимоли мӯҳтоҷон ва адои ҳуқуки фурӯмондагон бар вай лозим бувад, зеро ки хоҳиши аҳли эҳтиёҷ бар қадри неъмат аст. Ҳарчанд неъмати аҳли ихтиёр ва иктидор бештар бошад, анчоми муродоти фуқаро ба раво кардани хоҷоти заифон бештар бояд. Пас, соҳиби саодате, ки салтанат ба ӯ арзонй дошта бошад ва ливои азамат ӯро арсаи чаҳондорй ва комроний барафроҳта бояд, ки маънати халқро таҳаммул намояд ва дар ҳолати қудрат қазои ҳоҷати мӯҳтоҷонро ғанимат шуморад. Сурати матлуб ва чехраи максуди ҳеҷ мустаҳиқро дар никоби ҳичоб таваққуф раво надорад. Чун гули иқбол дар боғи давлат шукуфта меёбад ва шукуфтаи мурод дар чамани мамлакат бар шохсори уббаҳат (шукӯҳ) чилвагарй мебинад, баровардани муродот ғанимати бузург шумурад. Раво кардани ҳоҷати маҳрумон ва бечорагонро дастовези шигарф (нодир) шиносад:

Умеди халқ, раво кун ба марҳамат, ки ту низ,
Мукаррар аст, ки бо худ умедҳо дорй.
Бидеҳ муроди фақирон ба лутф, то бидиҳад
Муродҳо, ки ту бо ҳазрати Худо дорй.

Шарти салтанат он бошад, ки пайваста мунтазири ҳоҷоти мӯҳтоҷон бувад ва дили эшонро бар во кардани ҳоҷот шод созад, то савобе ба ин азамат аз вай фавт нашавад. Искандари Зулқарнайн рӯзе то шаб дар маҷлиси ҳукумат нишаста буд ва ҳеҷ кас рафъи ҳоҷате накард, чун вақти бархостан шуд, нудамои худро гуфт, ки ман имрӯзро аз ҳисоби умр нашуморам. Яке аз надимон гуфт: – «Рӯзе, ки дар сиҳату фароғат гузарад ва дар саломату каромат ба шаб

[1] Ҳаманбоз – шарик.
[2] Инчох – баровардани хочат, раво шудани хочат.

расад, ба муроду номи фарогати хотир муяссар махсул бошад ва хазонаи маъмуру сипох мукаммал. Агар малик имрўзро умр хисоб накунад, пас кадом рўзро дар шумори умр тавон овард?» Гуфт: – «Рўзе, ки аз подшох рохате ба матлубе нарасад ва хочати махруме раво нагардад, чй гуна аз умр тавон шумурд?»

Зи умр он кадар беш и-ояд ба кор,
Ки дар нафъи халки Худо бигзарад.
Ва аз зиндагонй чй хосил бувад,
Ки дар кори нафсу хаво бигзарад.

Овардаанд, ки подшохи Чин аз Искандар пурсид, ки лаззати салтанат дар чй чиз ёфтй? Гуфт: – «Дар се чиз: аввал, душманонро маглуб сохтан, дуввум, дўстону хаводоронро сар барафрохтан ва сеюм хочати мўхточонро раво кардану бинавохтани эшон. Гайр аз ин хар лаззате, ки бошад, хеч эътиборе надорад.»

Хамин бас зи шодию фармонравой,
Ки аз душманон мулк созад тихй.
Дувум дўстонро бувад диланвоз,
Раоёи худро шавад корсоз.
Савум хочати марди уммедвор,
Биронад, магардонадаш шармсор.
Аз эшон касе гўйи давлат рабуд.
Ки дар банди осоиши халк буд.

ДАР ТААННЙ ВА ТААММУЛ

Таанний (сабр) ва тааммул (андеша, мулохиза) ва гайра фармудан дар корхо ба хазрати Рахмон аст. Интисоб ба таъчил кардан ва шитобкорй намудан дар умур ба Шайтон тааннии хама корхо биёрояд ва ба сабаби таъчил басе мухимот ба зиён ояд. Хар мухиме, ки тааммул ва охистагй дар он шурўъ намояд, ғолиб он аст, ки бар хасби дилхох саранчом ёбад. Ва хар коре ки ба гармй ва сабуксарй анчомад, аксар он аст, ки ба мурод аз пеш наравад ва шояд, ки сабаби вуболи укбо ва хичолати дунё шавад.

Ба охистагй кори олам барор,
Ки дар кор гармй наояд ба кор.
Чарог ар ба гармй бихафрўхтй,
На худро на парвонаро сўхтй.
Шикеб оварад бандагонро калид,
Шикебандаро кас пушаймон надид.

Овардаанд, ки Парвиз писари худро насихат мекард, ки чунончи ту ба раият хокимй, акл бар ту хоким аст. Чу халкро ба фармондории худ мефармой, ту хам аз фармони халк берун марав ва дар хар коре, ки пеш ояд, ба он тааммул фармой ва ба хукми икл машварат намой. Хусусан, дар мухиме, ки аз он зараре ба нафси мардумон ё талафи моли эшон мерасад.

Бе тааммул мабош дар хама хол,
Бигузар аз тарики истеъчол.
Хар кй дорад таанний андар кор,
Бар муродоти дил расад ночор.

Сабуксарй хамчу тирест, ки чун аз камон рафт, боз натвон овард ва охистагй чун шамшерест дар даст, агар хоҳад кор фармояд, вагарна ҳеҷ зарар накунад... Чунончи дар вақти ғазаб. Пас, лозим бувад дар он замон инони ҳукм боз кашидан ва сурати оқибати он муҳимро дар оинаи фикрат дидан.

Овардаанд, ки Ардашери Бобак, ки аз салотини рӯзгор ва подшоҳони комгор буд, бифармуд, то бар се рукъа се хат навиштанд ва ба яке аз гуломони хосаи худ супурда, гуфт, ки чун дар мачлиси ҳукм нишонаи тағйири мичоз бар носияи ман ҳозир гардад ва асари хашму ғазаб дар чашму рӯи ман падид ояд, пеш аз он ки ҳукм кунам, як рукъа бар ман арза кун ва агар бинй, ки оташи хашм фурӯ биншаст, муоқиби (аз паси) он рукъаи дуввумро ба мадад фирист ва агар эҳтиёҷ афтад, рукъаи саввумро ба назари ман дарор. Мазмуни рукъаи аввал ин буд, ки тааммул кун ва инони иродат дар кабзаи нафси амора манех, ки ту махлукй ва оҷизй ва холике қавй хаст, ки туро хаст карда ва фаҳвои рукъаи дуввум ин, ки тааний пеш ор ва ба зердастон... ба шитобкорй муомила макун ва бар эшон, ки маглуби туанд раҳм кун, то он кй бар ту голиб аст, мукофоти онро бар ту раҳмат кунад ва бар рукъаи саввум навишта буд, ки дар ин ҳукм, ки хохй кард, аз шурӯъ тачовуз макун ва аз инсоф дармагузар.

Маснавй:

Тавсани худ тунд масоз онҷунон,
Кас натавон бозкашидан инон.
Ҳукм чунон кун, ки зи рӯи насак,
Рост бувад хукми ту бо хукми хак,

Дар таърих мастур аст, ки чун Ахмади Сомонй вафот ёфт, писари ӯ Наср хаштсола буд. Аркони давлати Сомония ӯро ба тахт нишонданд. Ва худ аз рӯи адолат ҳукм меронданд, то он писар ба сарҳади рушд расид. Оғози фармондеҳй кард, ва мамлакати падарро дар хайр забт овард ва анвои фазоил ва аснофи маноқиб ӯро ҳосил буд, аммо аз рӯи ҳадосати син ва адами тачриба ва ғурури салтанат зуд дар хашм шудй ва бетааммулй кардй ва ба гуноҳи андак уқубати бисёр мукаррар сохтй. Рӯзе вазири худро гуфт: – Дар зоҳири ман ҳеҷ айбе мебинй, то ба тадоруки он машғул шавам. Вазир гуфт: – Алҳамдулиллох, ки зоти олй ороста аст ба анвои маонй. Эй шоҳзода, хоне барои хосу ом нихода ва саломи гарм ва мурурват дардода ва неъматҳои латиф ва обҳои зариф муҳайё шуда, аммо, бар сари ин хон намак камтар аст ва бенамак ҳеҷ таоме мазза надорад. Наср пурсид, ки намаки ин хон чй тавонад буд? Вазир гуфт: – «Намаки хони ҳукумат тааннй ва бурдборй аст. Ва он чй ин хон ба ғорат диҳад хашм ва сабуксарй.» Амир Наср гуфт: – «Донистам ва маро ҳам маълум буд, ки ин айб дорам, аммо чун одат шуда ва табиат бар ин хӯй гирифта чй тадбир тавон кард?» Вазир фармуд, ки дар нафси худ бояд, ки ба вақти ҳукм шомил бошй ва шитобкорй нанамой ва дар хидмати ту бузургони покизаахлок бошанд, ки дар вақти истилои ғазаб бар ту шафоат тавонанд кард. То ин кор ба карор боз ояд. Амир бузургонеро, ки аҳамияти ходимат доштанд, талабида фармуд, ки ҳар касро ман сиёсат фармоям, он ҳукмро се рӯз дар тавакқуф доред ва се бор ба ман арза кунед ва ҳар киро ба уқубат ҳукм кунам, аз сад чӯб камтар барбандед. Ва боз гуфт: – «Шумо гунаҳкороне, ки мустаҳики афв бошанд, ба

вақҳи эҳсон шафоат кунед. Чун амри ҳукумат бар ин ҷумла тамҳид пазируфт ба андак замоне дидаи адолат дар атрофи ҷаҳон мунташир гашт.»

Ту шоҳӣ, чу шоҳин машав тезпар,
Ба охистагӣ кӯш чун шери нар.
Инон каш, давон аспи андешаро.
Ки дар рақ, хатарҳост ин бешаро.
Ба коре, ки гамро диҳӣ бастагӣ,
Шитобандагӣ кун, на охистагӣ.

ДАР МАШВАРАТ ВА ТАДБИР

Дар машварат фавоиди бисёр аст. Яке он ки корҳоро ба салоҳ наздик гардонад. Дигар он ки касе, ки бе машварат кор кунад, агар некӯ наояд, забони таън бар ӯ бикшоянд ва агар аз машварат он корро хеҷ фоида ва натиҷае набошад, ӯро маъзур доранд. Дигар он ки зеҳни шахси воҳид ба атрофу ҷониб муҳим иҳота наметавонад кард. Чун чимие бошанд зеҳнро баргуморанд, ҳар якеро чизе ба хотир расад ва райъе, ки савоб бошад бар ҳама зоҳир гардад. Пас, бар аҳли ихтиёр лозим аст, ки бар муқтазои лосавоб аз тарки машварат дар ҳар коре, ки пеш ояд ва дар ҳар муҳиме, ки рӯй намояд бе машварати уқало шурӯъ накунанд ва машваратро дар ҳалли мушкилот бо ҳокими ақл собиттар ва пурфоидатар хоҳад буд.

Дари машваратро чаро бастай,
Магар мазҳаби ақлро чоҳидӣ.
На арбоби ҳикмат чунин гуфтаанд,
Ки раъёни ҳайрун мин ал-воҳидӣ[1]

Чун дар воқеоту ҳодисот аз машварат гурез нест, бояд ки машварат бо аҳли ҳикмат ва асҳоби тачриба ва мардуми дурандешу пирони окибатбин воқеъ шавад ва тадбири ин тоифа собит аст. Баҳроми Гӯр писари худро васият кард, ки дар умури мулк мушовират кун бо хирадмандон, ки тадбири босавоб чун сайдест ба дасти як кас наояд ва агар чамъе бошанд аз дасти эшон берун наравад ва ҳар ҳодисаи мушкиле, ки пеш ояд, то ба тадбир пеш тавон кард ва ба чизи дигар майл макун, ки он чи ба тадбир муяссар шавад, ба шамшери тез осонпазир набошад:

Корҳо рост кунад оқили комил ба сухан,
Ки ба сад лашкари чаррор муяссар нашавад.

Овардаанд, ки султони Румро ба Азизи Миср мухолифат афтод ва лашкар кашида касди якдигар карданд. Дар лашкари румиён касе буд, ки ҳар сурат, ки ҳодис шудӣ, Азизи Мисрро аз он огоҳ кардӣ чун ахбори он ҳама рост буд, Азиз бар ӯ эътимод кард. Ин суханро ба Қайсар расониданд, мутлақан ба он ихтилоф кард ва ба рӯи он кас наёвард, то масоф наздик расид. Қайсар ӯро бихонд ва ба муҳиме дар пеши худ машгул сохт ва дар аснои он ҳол саронн лашкару умарои сапоҳи худро талабиду гуфт: – «Умарои Азиз ва хоси баргоҳи ӯ ба ман навиштаанд ва савганд хӯрда, ки чун сафи масоф (чои муҳори-

[1] Маънии мисраъ чунин аст: Ду фикр аз як фикр бехтар аст. Ё «Ҷамаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд.»

ба) рост шавад, Азизро дасту гардан баста пеши ман оранд. Шумо дил фориғ доред ва ба қуввати тамом рӯй ба кор ored.» Он мард чун сухан бишнид, мутаҳайир шуд, чун аз мачлис бурун омад, дарҳол ин маъниро навишта пеши Азиз фиристод. Азиз чун ин ҳол маълум кард, битарсид ва таваққуф кардан маслиҳат надид ва масоф (ҷанг) накарда, рӯй ба гурез ниҳод. Қайсар дар ақиби ӯ лашкар фиристод ва бунаву амволи эшон ба даст оварда ва ба ин як тадбир сипоҳеро мунҳазим сохт:

Ҳар кӣ бетадбир коре кард мулк аз даст дод,
Мулк мехоҳӣ, бинои кор бар тадбир нех,
Баҳри тасхири мамолик лашкару хайлу ҳашам,
Ҷумла даркоранд, лекин з-ин ҳама тадбир бех.

Яке аз мулук ҳакимеро пурсид, ки тадбир бехтар аст ё шуҷоат? Ҳаким ҷавоб дод, ки шуҷоат мушобеҳи теғ аст ва рой ба масобаи (ба мисли) дасти қавӣ, ки онро кор фармоянд. Ҳар киро даст ба теғ бошад, коре тавонад кард, аммо теғро агар даст набошад, зоеъ монад. Бузургон дар ин боб гуфтаанд: Азизеро пурсидаанд, ки бехтарин ройҳо ва соибтарини тадбирҳо кадом аст? Гуфт: «Он ки фитнаро фурӯ нишонад ва бар мулук лозим аст, ки ҳасбулмақдур дар таскини фитна кӯшиш намояд. Чунончи, малик Ҳаётуллоҳро воқеъ шуд. Ва сурати ҳол бар ин минвол буд, ки душмани азим аз Хуросон қасди подшоҳ Ҳаётуллоҳ кард. Ӯ низ лашкари азим тартиб дода, рӯй ба дафъи ӯ овард. Аркони давлати малик мулоҳизаи оқибати худ карда, тариқи пешбинӣ пеш гирифт, номаҳо ба душмани малик навиштанд ва ихлосу ихтисос зоҳир карданд. Душмани маликро хуш омад ва ҳама мукотиби эшон дар харита карда ва мӯҳр бар он ниҳода ба хизона супурд.

Ва қазоро, вақти масоф малик Ҳаётуллоҳ ғолиб омад ва душман рӯй ба ҳазимат ниҳод ва хизонаву яроқи ӯ ба дасти малик афтод ва он харитаи мактубҳо, ки ургони давлати вай ба душман навишта буданд, дар он ҷо ба даст омад. Малик чун маълум кард, ки дар он харита чист, сир боз накард ва ҳамчунон мӯҳр карда бигзошт ва бо худ гуфт, агар ин мукотибаро бихонам, ба зарурат ба аркони давлати худ бад шавам ва эшон, ки ин ҳол маълум кунанд, аз ман ҳаросон гарданд ва барои дафъи зарари худ қасди ман кунанд ва оташи фитна боло гирад ва таскини он бағоят мушкил бувад. Дарҳол хоси даргоҳу муқаррабони ҳазрати худро бихонд ва он харитаро ба-д-эшон намуд. Ва гуфт:–Ин номаҳоест, ки бузургони лашкари мо аз рӯи оқибатандешӣ ба хасми мо навиштаанд. Ва ӯ ҳамаро дар харита ҷамъ карда ва мӯҳр бар он ниҳода ... бифармуд, то оташ барафрӯхтанд ва он мукотибаро бисӯхтанд.

Чун аркони давлат он лутфу макрамат диданд, ҳама рӯ ба қарори худ боз оварданд ва дар мутобиати ӯ якдил шуданд. Ба-д-ин рои сутуда ҷумларо мутеи фармон ва роҳини (гаравгузорӣ) миннати худ сохт.»

Ба тадбир коре тавон сохтан,
Ки натвон ба теғу синон сохтан.
Макун такя бар ганҷу теғу сипох,
Зи фарзонагон рою тадбир хох.

Гуфтаанд, ба ҳама кас аз аркон ва акобиру асоғир машварат бояд кард,

ки хирадмандонро чизе ба хотир расид, ки бузургонро дар замир нагзошта бошад ва ҳеҷ кас дар машварат зиён накарда.

ҲИКОЯТ

Яке аз уламои Марв духтаре дошт ба ғояти ҷамила ва ҷумлаи маорифи шаҳр дар хостгории ӯ буданд ва он олим мутаҳайир буд, ки ӯро ба кадом дихад. Дар ҳамсоягии ӯ габре буд олим, ӯро талабиду гуфт: – «Маро духтарест ва халке ӯро хостгорӣ мекунанд. Ман намедонам, ки ӯро ба кадоме дихам. Ту дар он чӣ савоб мебинӣ?» Габр гуфт: – «Ман мардеам аз ислом бегона, чӣ лоиқи машварати шумоям, ки ин суҳан аз ман мепурсед.» Олим гуфт: – «Агарчи ту аз ислом бегонай, аммо марди эминӣ ва бузургон гуфтаанд, ки бо мардуми эмин мушовират бояд кард...»

Рӯ малеч аз машварат, зеро ки арбоби хирад,
Машваратро пешкори аҳли давлат гуфтаанд...

Ва ҳам дар ин боб гуфтаанд:

Корхо бе мушоварат накунӣ,
То дар он суди бекарон бинӣ,
Ҳар чӣ он бе мушоварат созӣ,
Ҳурм[1] медон, к-аз он зиён бинӣ.

ДАР ҲАЗМУ ДУРАНДЕШӢ

Ҳазм андеша кардан аст дар окибати амр ва эҳтироз намудан ба қадри имкон аз халалу залал (хато). Ин ҳислат арбоби ҳукму фармонро хубтарин хислат аст. Аз калимоти Афросиёб аст, ки ҳар кӣ заррае ҳазм дарпӯшад аз тири қайди душман эмин бошад ва ҳазм дақиқатан дурандеш ва пешбинист. Марди оқил чун аломати шарру фасод тафаҳҳум кунад, дарҳол ба тадоруки он машғул гардад ва ҷоҳил то вартаи балое наяфтад, мутанбеҳ нагардад ва масалан, чун хирадманд бинад, ки касе сангу оҳан бар ҳам мезанад, тасаввур кунад, ки оташе зоҳир хоҳад шуд, дар андешаи тадоруки он афтад. Нодон то дар миёни оташ намонад, аз сӯзиши он хабар наёбад.

Мисраъ:

Пеш аз вуқӯи воқеа дар фикри хеш бош!

Бузургеро пурсиданд, ки ҳазм чист? Фармуд: – «Асли ҳазм бадгумонист...» Дар «Таърихи саломӣ» мазкур аст, ки Асфор ибни Шерӯя бар касди Рай ба Симнон нузул кард. Ӯро бар он доштанд, ки Абӯҷаъфари Симниро ҳалок кунад. Абӯҷаъфар хабар ёфт, битарсид. Қалъаи маҳкам дошт, барон қалъа пинҳон шуд.

Чун Асфор вилояти Райро ба ҳавзаи тасхир даровард, Дайламиро бо сипохи гарон ба-д-он ҷо фиристод. Ҳарчанд хостанд, ки он қалъа бигиранд, муяссар нашуд. Охир Дайламӣ якеро восита кард, ки миёни ӯ ва Абуҷаъфар шарти сулҳ афканад. Ва таъкиди сулҳу маслиҳат дар он диданд, ки Абуҷаъфар Дайламиро ба қалъа барад ва меҳмондорӣ кунад. Дайламӣ бо сарони сипохи лашкари худ мувозаа (аҳд) кард, ки чун ба эшон ба қалъа дарояд, иттифоқ карда Абуҷаъфарро бикушанд.

[1] Ҳурм – ба яқин.

Чун Дайламӣ ба дари ҳисор расид, Абучаъфар ҳукм кард, ки Дайламӣ танҳо ба ҳисор дарояд. Ӯ танҳо даромад ва мардуми ӯ берун монданд.

Ва Абучаъфарро дарди устухонҳо буд, маҷоли ҳаракат надошт, бар ғурфа нишаста буд, ки аз даричаҳои он ғурфа саҳро ба назар даромадӣ, Дайламиро он ҷо талабид ва замоне аз ҳар навъ суханон гуфтанд. Дайламӣ дар асноӣ он ҳолат Абучаъфарро гуфт: – «Хилват кун, то сир аз асрори мамлакат ба ту бигӯям.» Абучаъфар фармуд, то ғуломон аз он ғурфа бирафтанд, ҷуз ғуломи хурдсоле, ки ҳавозеҳи (ҳоҷати) эшон муҳайё кардӣ... Чун ғурфа хилват шуд, Дайламӣ дари ғурфаро дарбаст ва ханҷар кашида Абучаъфарро ҳалок кард ва он ғуломак аз тарс бехуд шуда буд ва маҷоли дам задан надошт. Пас, ресмоии борики абрешимин, ки дар соқи мӯза дошт, берун кард ва дар он даричаҳо маҳкам карда, аз ғурфа ба лаби ҳандақ фурӯ омад ва бо шино аз ҳандақ бигузашт ва ба лашкаргоҳи худ омад. Агар Абучаъфар ҳазм варзидӣ ва бо ӯ хилват накардӣ, хасмро бар худ фурсат надодӣ ва дар вартаи ҳалок наяфтодӣ...

Қитъа:

Ба ҳазм кӯш, ки ин раҳ раҳи пур аз хатар аст,
Ба эҳтиёт қадам нех, ки чойи шӯру шар аст.
Ҳамин ки абр биборад чунон тасаввур кун,
Ки сел меравад хонаи ту баргузар аст.
Мабош гофилу аз ҳазм бар карона машав,
Ки ҳазм тири балои замонаро сипар аст.
Касе ки оқибатандешу дурбин бошад,
Муқаррар аст, ки аз худ ҳамеша бохабар аст.
Чу бохабар бувад аз худ, ниҳоли давлати ӯ,
Илладдавом ба боғи мурод борвар аст.

ДАР ШУҶОАТ.

Шуҷоат аз уммаҳоти (модарҳои) фазоил аст ва он қувватест мутавассит миёни ҷабону (номардӣ, тарсончакӣ) таҳаввур (далерӣ). Мардум шуҷоъро дӯст медоранд ва табаррук меҷӯянд. Мардуми шуҷоъ, эшон гумони некӯ доранд ва мардуми баддил дар корзор эътимод бар гурехтан доранд ва далерон бар фазл эътиқод мекунанд...

Қитъа:

Ба шуҷоат тавон гирифт ҷаҳон,
Ҳар кӣ баддил бувад, чӣ кор кунад?
В-он ки ҷуръат намояд андар кор,
Хештанро бузургвор кунад.

Холиди Валид, ки дар лашкари ислом ба ҷуръати тамом маъруф ва мавсуф буд, дар вақти рехлат аз ин олам ашки ҳасрат аз дида меборид ва мегуфт: – «Во ҳасрато, ки дар чандин саф масорифи шуҷоат намудам ва чандин алами зарбу таънаро таҳаммул кардам ва ҳоло бар рӯи фарш мемирам, чунончи пиразанон мемиранд. Ва чун ачал чора нест, боре боистӣ, ки чон дар баҳри некномӣ бидодаме ва саодати шаҳодат дарёфтаме.» Ва ҳам суҳани ӯст, ки он ки бар ҳимояти ҷон дар гурез мебинад, ҳаёли кач ва тасаввури ботил аст, зеро ки қуввати ҷамъият ва шавкати ҷалолати мард дандони тамаи душманонро бар-

меканад ва заъфу тарс ва сустию баддилӣ хасмро бар кас далер мегардонад ва аз ин аст, ки бештар баддилону тарсандагон алафи шамшер мешаванд ва далерону муборизон аз вартаи талаф берун меоянд.

Назм:

Хар кӣ баддилтар бувад дар корзор,
Бошадаш чон бекарору комгор.
Чуръате куи пеши мардон дар набард,
То барояд номат аз мардони мард.

Яке аз салотин дар масофе наъра мезад ва умарои силоҳи худро мегуфт, имрӯз рӯзи имтиҳон аст ва маъракаи ҳарб кӯраи мардон аст ва аз кӯра чуз зари холис ба саломат бурун наояд. Ва он ки магшуш бошад, дар даруни кӯра солим намонад.

Фард:

Хуш бувад, гар маҳаки тачриба ояд ба миён,
То сияҳрӯй шавад ҳар ки дар ӯ ғаш бошад.

Марди шучоъ он аст, ки нафсро дар иртикоби умури аъзам (бузург) харис гардонад ва дилро бар таҳаммул нигоҳ дорад:

Маро ном бояд, ки гардад баланд,
Ки аз ном гардад касе арҷманд.
Ба мардӣ шавад фикри озода фош,
Чу номи накӯ хаст, гӯ чон мабош.

Афросиёб лашкари худро бифармуд, ки бар марг харис бошед, то зиндагонӣ бештар ёбед. Мардон, омодаи шадид бошед, то сармояи давлату азамат ба даст ored. Бузургӣ ду чиз аст ё ба номи нек мурдан ё дӯстком зистан.

Марг дар чашми хар кӣ хор бувад,
Дар шучоат бузургвор бувад.
Ҳар кӣ чонро азиз медорад,
Бо чаҳондорнаш чӣ кор бувад?

Ҳакиқат он аст, ки то касе аз сари чон барнахезад ва дар рӯзи масоф коре ки аз он боз тавон гуфт, аз ӯ тавакқуъ натавон кард.

Фард:

То ту дил дар банди чон дориву чон дар банди тан,
Кай муроди хеш ёбӣ дар канори хештан.

Овардаанд, ки вақте лашкари ҳабаш бар вилояти Яман муставлӣ шуданд ва Сайф Зализан ба зарурат чудо гашта паноҳ бо Нӯшервон бурда аз ӯ мадад талабид. Нӯшервон бифармуд, то чамъеро аз дуздон ва айёрон ва ахли фитна, ки дар зиндон буданд, силоҳ дода хамроҳи ӯ сохтанд ва эшон ҳазору ҳаштсад тан буданд. Пас Сайф Зализан бо он мардон дар киштӣ нишаст, чун ба соҳил расид, аз киштӣ берун омаданд. Сайф фармуд то тамоми киштиён бишкастанд ва мачмӯи таомҳоро бирехтанд ва гуфт: – «Эй ёрон, дар мамлакати Яман даромадем ва бо душманон харб мебояд кард. Ҳоло шумо дар миёни ду кор афтодаед, нек тааммул кунед, ки дар ин авкот голиб бояд шуд ё кушта мебояд гашт. Ба зарурат он гурӯҳ дил аз чон баргирифта мардона ба кор даромаданд ва он мардуми андак бар бисёри аз лашкари ҳабаш ғалаба карданд.» Пас, марди корзор бояд ки тарсро ба худ рох надихад. Рустами Достон гуфтааст,

ки ҳазор захм бар ман ояд вай дӯсттар дорам, аз он ки бар бистари беморӣ ҳамчу пиразанон бимирам:

Ба номи накӯ кушта гардам равост,
Маро ном бояд, ки тан марғрост.

Ҳар ки аз салотин ҷуръату шуҷоат бештар буда ва дар таҳаммул пойдории зиёд намуда, зудтар ба манзили максуд расида ва чеҳраи мурод дар оинаи азимати хеш мӯъчиби дилхоҳ дида. Овардаанд, ки чун кори Яъқуби Лайс боло гирифт, даъво кард, ки Хуросон ба ҳавзаи тасарруф ва тасхири вай дарояд. Рӯзе азамати ҳарбе карда буд ва умарои лашкар бар дари боргоҳ ҷамъ шуда, Яъқуб силоҳ ба тамом пӯшида ба бом баромад. Онон гуфтанд: Ҳоло толеъ вақти наҳусат (наҳс) дорад. Савор шудан дар тавакқуф доред, ки ҳашт соати дигар, пас нек мешавад ва толеъу бахт ба ҳасби дилхоҳ мегардад. Яъқуб ҳамчунон силоҳ пӯшида дар фасли тобистон дар болои бом ва дар офтоб то ҳашт соат биистод. Чунончи аркони давлат аз сабри ӯ дар ачаб монданд. Чун вақт расид ва толеъ сууд гашт, аз бом фуруд омад ва савор шуд. Ҷамъе пурсиданд, ки сабаби истодани амир дар офтоб чӣ буд? Гуфт: – «Ман кори бузург дар пеш дорам ва дар ин муҳим, ки рӯй ба он овардаам нозукӣ ва кохилӣ дар ҳусули мақсуд ҳалали азим меорад, ман нафси худро имтиҳон мекардам, ки дар тоби офтоб бо силоҳи гарон тоқат дорад ё не ва, дидам, ки тоқат дорад.» Бидонед, ки ҳусули максуд дар вай хоҳад намуд. Яъқуб дар талаби давлат, то ин ғоят ҷаҳд намуд расид ба дарачае, ки расид.

Қитъа:

Шоҳиди мулк аст дар акди касе, к-аз рӯи ҷид(д),
Даст дар оғӯш бо шамшеру ханчар мекунад.
Он ки поро бар сари нозу таганнум мениҳад,
Кирдигораш дар ҷаҳон сардору сарвар мекунад.
Подшоҳӣ дар чаман доданд гулро э-он ки гул,
Бо вучуди нозукӣ аз хор сар бармеканад.

Ва ҳам аз Яъқуби Лайс ҳикоят кунанд, ки вақте ҷамъе аз ҷавонони Систон нишаста буданд ва аз зароифу латоиф чизҳо боз мегуфтанд. Яъқуб низ он ҷо буд. Ва ҳанӯз ба талаби мулк напардохта ва рияяти мардумиву мардонагӣ барнаяфрохта. Яке гуфт: – «Латифтарин либосҳо атласи хитойӣ аст.» Дигаре фармуд, зарифтарин тоҷҳо тоқияи румӣ, дигаре илова намуд, ки аз манозилҳо бӯстонҳои пургулу раёҳин беҳтар аст, дигаре гуфт, аз машрубот хамри софӣ мувофиқтар аст ва дигаре чунин намуд, ки аз сояҳо сояи бед созгортар аст, дигаре арз кард, ки аз нагамоти созҳо овози уд мулоимтар аст... Чун навбат ба Яъқуб расид, гуфтанд ту ҳам сухане бигӯ. Гуфт: – «Хубтарин либосҳо рагза аст ва беҳтарин тоҷҳо хирад ва хуштарин манзилҳо маъракаи ҳарб ва зеботарин шаробҳо хуни душманон рехтан ва латифтарин сояҳо сояи найза ва зарифтарин овозҳо шихаи аспон ва гиромитарин инсонҳо мардони корзори ҷанг мебошанд...»

Қитъа:

Гулу райҳони мо тег асту ханчар,
Ба кори мо наояд наргису дос.

Шароби мост хуни душмани мо,
Асоси каллаи ӯ беҳтарин кос.

Овардаанд, ки яке аз салотини арабро рӯзе бо душмане иттифоки мухорибат афтод ва чун ҳарду лашкар саф кашиданд, умарои давлат малики арабро гуфтанд: – «Эй малик, муҳими ҳарб аз ду берун нест, ё нусрат аст ё ҳазимат. Агар ба ҳукми қазову қадар шакке бар лашкари мо афтад, туро кучо чӯем?» Гуфт, ки бигрезам, ҳар кӣ маро чӯяд, аз риояти Парвардигор махрум бод, лекин агар ғалаба хасмро бошад, маро дар майдони зери суми асбон талабед, яъне ғолиб мешавам ё кушта мегардам:

Ё биронам ба чархи гарданда,
Ё шавам зери по сарафканда.

Овардаанд, ки дар он ҳарб шамшер мезад ва бар лашкари хасм ҳамла мебурд, то вакте ки офтоб бар нисфи рӯз расид ва ҳарорат бар дили муборизон ғалаба кард ва дилҳо аз ташнагӣ хушк шуд ва ғубори корзор бар рухсорахо нишаст. Яке аз хосгуломони араб бо зарфе об бар акиби малик метохт, то ба наздики вай расида гуфт: – «Ё малик, ташна шуда бошӣ замоне тавакқуф фармой, то қадре об биёшомӣ.» Малик гуфт: – «Теғи обдори ман аз ман ташнатар аст. Ба Худо, ки то ӯ аз хуни душман пуроб нашавад, ман ташнагии худро таскин надихам» ва ба воситаи ин азимати дуруст ва чуръати том ва шуҷоати комил ӯ ба душман зафар ёфт:

Касеро, ки Эзид кунад ёварӣ,
Кӣ ёрад, ки бо вай кунад доварӣ.

Аз Сикандари Зулқарнайн пурсиданд, ки нишони подшоҳи далер чист? Гуфт: – «Он кӣ напурсид, ки душман чанд аст, балки тафаххус кунад, ки кучост» ва ҳар оини чунин сардоре:

Чу шамшери ҳиндӣ бигирад ба даст,
Ба саффи аодӣ[1] дарорад шикаст.
Ба гурзи гироншангу шамшери тез,
Равон дар чахон афканад растахез.

Нӯшервон аз Бузургмехр пурсид, ки шуҷоат чист? Гуфт: – «Қуввати дил.» Гуфт: – «Чаро қуввати даст намегӯй?» Гуфт: – «Агар дил ҳавӣ нест, қувват дар даст наметонад ва ман шунидам, ки яке аз муборизони араб пир шуда буд ва бо вуҷуди заъфи пирӣ қуввати дил дошт. Рӯзе мехост, ки савор шавад, ду кас бозуи вай гирифтанд, то савор шуд. Беадабе огози таъна задан кард, ки аз ин кас чӣ кор ояд, ки ду кас бояд, ки ӯро савор кунанд. Шуҷоати ӯ чӣ хоҳад буд?» Пир сухани ӯ бишунид, гуфт: – «Оре, ду кас бояд, ки ӯро савор кунанд, аммо ҳазор кас бояд, ки ӯро фурӯд оранд.» Нӯшервон сухани ҳакимро мусаллам дошт ва фармуд, ки рост гуфт, қуввати даст тобеи қуввати дил аст.

Фард:

Одамиро қуввати даст аз дил аст,
Ҳар кӣ ӯро дил ҳавӣ, бозу кавист.

---

[1]Аодӣ – душманон.

Дар вақте ки Искандар ба азимати тасхири олам савор мешуд, Арастуро талабиду гуфт, ки эй ҳаким, дар ин майдон, ки қадам ниҳодаам ва ин муҳимеро, ки пеш гирифтаам ҳар оина маро дӯстону душманон падид оянд, бо ҳар як аз эшон чӣ гуна маош кунам? Гуфт: – «Эй малик, асл он аст, ки то мумкину мақдур бошад, душманангезй накунй ва бар дӯстон хорй раво надорй ва агар душмане пайдо шавад, ӯро бо истимола (навозиш) ихтисос диҳй, то дӯст шавад. Ва дӯстро ба иззату ҳурмат хос гардонй, то аз дӯстй барнагардад.» Искандар фармуд, ки зиёдат кун. Ҳаким фармуд: – «Аз кори душман ғофил нашавй, агарчи андак бошад. Ва бар лашкар эътимод накунй, агарчй бисёр бошад. То муҳим ба сухани нарму оҳиста тавонад шуд, каломи дурушт бар забон наронй ва кор ба тозиёна барояд, шамшер аз ниём барнаёрй.» Искандар фармуд, ки шояд кори ман бо хасм ба муҳорибат анҷомад. Дар он чӣ кифояти мудохил тавон кард. Ва ба кадом навъ иқдом тавон намуд? Ҳаким гуфт: «Ҳоли ҳарб аз ду берун нест, ё ту ба ҳарби касе меравй, ё касе ба ҳарби ту меояд. Агар ту ба ҳарби касе қасд кардай, дах шарт бояд риоят кард: аввал, бояд ки гарази он ҷанг ҷуз хайри маҳз набошад ва дафъи зулму фасод бувад. Дуюм, тавоҷҷӯҳ бояд намуд дар хайру садоқат кӯшидан ва ба аҳли қулубу қубур ҳиммат фармудан. Сеюм, ҷосусон фиристодан ва тарзи зиндагии мардуми тарафи душманонро фаҳмидан Чорум, бо лашкар тавоҷҷӯҳ бояд кард, ки ҳама якдилу якҷон бошанд.»

Касеро зафар бар зафар ҳосил аст.
Ки дар пурдилй лашкараш якдил аст.
Сипаҳро, ки фирӯзмандй расад,
Зи ёрони якдил баландй расад.

Ба мувофиқати акобир ва иттифоқи бузургон, хусусан ақрабо дар ин боб заруратест.

Панҷум, лашкарро ваъдаҳои некӯ додан ва ба навидҳои бузург мушарраф гардонидан. Шашум, то тавон ба нафси худ мубошири ҳарб набояд шуд, ки агар шикасте рӯй намояд, онро тадорук тавон намуд. Ҳафтум, дар тадбири кори лашкаркашй ва сипаҳсолорй касеро ихтиёр бояд намуд, ки ин сифот дошта бошад. Аввал шуҷоъву қавидил бувад ва ба он шӯҳрат ёфта бошад, то аз он тарсу ҳарос дар дили душман афтад ва дигар тадбири тамом дошта бошад ва дохилу беруни ҷангро дониста.

Ҳаштум, он аст, ки чун касе дар аснои ҳарб ба муборизату шуҷоат мумтоз шавад... дар ҳаки ӯ муболиға бояд намуд, то дигаронро низ майли ҳаводорй ва ҷонсипорй шавад. Нуҳум, дар рӯзи ҳарб аз ғафлат дур бояд гашт. Даҳум, агар лашкари хасм шикаста гардад, дар паи эшон набояд рафт ва ба зудй касе дар ақиб набояд фиристод, ки чандин карат вокеъ шуда, ки лашкар боз гашта он фиристодагонро задаанд ва қувват боз ёфта муовадат (бозгашт кардан) намудаанд ва лашкари голибро маглуб сохта ва агар касе ба ҳарби ту меояд ва ту дар садади дафъи уйй аз ду берун нест: ё туро тоқати муқовимати ӯ ҳаст ё на. Агар ҳаст аввалан он аст, ки ба ҳар навъ аз анвоъи тадбире, ки мумкин бошад, ӯро аз мақоми душманй бибояд гузаронид. Ва агар ин сурат даст надиҳад, шароити ҳарб он чӣ мазкур шуд, риоят бояд фармуд. Ва агар

тоқати муқовимат нест, ҷосусон ва дидбонон бар он кор бояд кард ва дар муҳофизати роҳҳо ва дарбандҳо ва истеҳкому қалъаҳо захира ниҳодан тақсир набояд намуд ва дар талаби сулҳ... зарурат аст. Агар душман талаби сулҳ кунад, аз сулҳ ибо набояд намуд ва аслан ситеза ва лиҳоҷ пеш набояд гирифт, ки лиҳоҷ мазмун аст ва толиби сулҳ ба охир музаффару мансур.»

Назм:

Ситеза макун з-он ки бодаи ситез,
Кунад боғи инсофро баргрез.
Ситеза ба ҷое расонад сухан,
Ки вайрон кунад хонумони кухан.
Кунад оқил андар раҳи сулҳ сайр,
Ту ин роҳ мерав, ки ас-сулҳу хайр.*

Сикандар ин суханонро дастурамал сохта, бинои ҷангу сулҳ бар ин ниҳод ва чун сифати шуҷоат маросими давлатро бехтарин сифатест...

Якояк тегзан чун наргиси ёр,
Саросар сафшикан чун зулфи дилдор.
Вилоятгир чун зулфи хабибон,
Губорангез чун ҷаври рақибон.
Ҳама чун чашми хубон фитнаангез,
Ҳама чун ханҷари мардони хунрез.

ДАР ҒАЙРАТ

Ғайрат нигаҳдори чизест, ки инсонро сиёнати (ҳафз) он лозим бошад ва дар тадбири муҳимот ва таъкиди сиёсат салотинро аз ин сифат чора нест, ҳам дар умури миллат ва ҳам дар нигоҳдошти мамлакат...

Ғайрати дунё се навъ аст: аввал, нисбат ба ашё, дуюм, нисбат ба хосони худ, сеюм, нисбат ба умумии халқ. Аммо он чи нисбат бо амсоли худ аст, чунон бошад, ки тафаввуқ (бартарӣ) хоҳад бар эшон ба мартабае, ки ҳеҷ кадомро бар ӯ сарафрозӣ нарасад ва ба ҳасби ҷоҳу савлат ва қадру шавкат ва ҳашмату азамат ва иқтидору абҳат (ҳайбат) аз ҳама беш бошад ва ҳар оина зуҳури ин ғайрат ва касрати ин ҳамият корҳои куллӣ кушояд, муҳимоти ҳасбулмурод барояд ва ин аз хасоиси (хусусиятҳои) аҳли ҳиммат аст ва ҳарчанд ҳиммат баландтар бошад, ғалабаи ин ғайрат бештар бувад. Овардаанд, ки яке аврлоди салотин ҳакимеро пурсид, ки ман мехоҳам, ки аз ихвону иқрони худ бар сар оям ва ӯйи давлат аз майдони ихтиёр ба ҷавгони иқтидор бирабоям. Маро аз асбоби ин кор чӣ чиз ба даст бояд овард? Ҳаким гуфт: – «Эй маликзода, ҳеҷ шайъе мар (чиз) иктисоби давлатро бех аз ҳиммат ва ғайрат нест.»

Касе, к-ӯ зи гайрат барафрохт тег,
Сари тегро бигзаронад зи мег.
Зи гайрат ба даст ояаш ному нанг,
Зи гайрат муроди худ орад ба чанг.
Чунин гуфт он марди белорбахт,
Ки аз гайрат ояд ба каф точу тахт.

*Маъноаш сулҳ, ҳамеша некӣ кардан миёни мардум аст.

Аммо ғайрате, ки нисбат ба хоси худ аст, ончунон бошад, ки хоси ҳарами (хонаи) худро аз чашми номаҳрам пӯшида дорад. Ва ҳарчи лозим бошад, эшонро бар он муҳайё созад, то баракати он раъият низ ба салоҳ мавсуф ва аз фасод дур бошанд:

Исматиёнро ба макоми чалол,
Ҷилва ҳаром аст магар бо ҳалол.
Дида ба ҳар рӯй набояд кушод,
Пой ба ҳар кӯй набояд ниҳод.
Ин ҳама одат, ки ба тан мерасад,
Аз назари тавбашикан мерасад.
Дида фурӯ пӯш чу дурр дар садаф,
То нашавӣ тири балоро ҳадаф.
Ҳар кӣ ба чуз чуфти ҳалолат бувад,
Рух манамо дар ҳама ҳолат бувад.

Аммо ғайрат ба нисбати умуми халқ чунон аст, ки ғайрате, ки бар пардагиёни ҳарами салтанат дорад, нисбат бо ҳарами мусулмонон ба ҷой орад ва нагузорад, ки аз мулозимони даргоҳи олампаноҳ бадномӣ ба хонадони мардум, ба номус расад ва дар иктишофи мусулмонон саъйё нанамояд ва ююби (айбҳо) раоёи (мардумони) мамлакати худ ба қадри имкон пӯшида дорад ва дар ҳадис омада, ки ҳар кӣ айби мусулмоне пӯшад, Худои азза ва ҷалла ююби ӯро пӯшад ва дар ривояте ҳаст, ки гуноҳони ӯро дар дунё ва охират пӯшида дорад:

Масале ҳаст, ки устар сутуруллоҳи алек,
Пардаи кас надарӣ кас надарад пардаи ту.

Ҳиммат ҳамон ғайрат аст, ки дар ҳимояти ҳоли худ ва камоли ғайрат он аст, ки чун касе паноҳ ба вай орад, ӯро зинҳор дода ба ҳусни ҳимояти худ дароварад, то мумкин бошад, зинҳордодан худро зоеъ нагузорад. Дар Араб дастур буда ва ҳоло ҳам дар вилояти Ҳиҷоз ҳаст, ки чун касе дар сояи девори эшон даромадӣ, ӯро ҷавор (паноҳ) додандӣ, бе он ки ба забон зинҳор хостӣ, зинҳори худро ба дасти касе боз надодандӣ. Ва бисёр мол дар ин кор сарф кардандӣ, балки хунҳо рехтандӣ ва аз сари ин кор дарнагузаштандӣ ва баъзе ҷонварон низ, ки ба ҳайман эшон паноҳ овардӣ, ё ба чарогоҳи эшон даромадӣ, ҳимоят карданд.

Овардаанд, ки Баҳроми Гӯр вақте дар диёри Араб бо Нӯъмони Манзар мебуд ва Нӯъмон ӯро ба амри падараш – Яздигурд тарбият мефармуд. Рӯзе дар шикор касди оҳуе кард ва оҳу аз пеши ӯ даррасида ҳар тараф мегурехт ва Баҳром аз акиби ӯ метохт. Ҳаво гарм шуд, оҳу аз ташнагӣ бетоқат гашта ба канори қабилае расид ва ба хаймаи Қабиса ном арабе даромад. Баҳром ба дари хайма расид, тир ба камон ниҳода наъра зад, ки эй соҳиби хона, шикори ман ин ҷо омад, берун ор! Қабиса надонист, ки кист. Гуфт: – «Эй савори зеборӯй! Мурувват набошад, ки ҷонваре, ки паноҳ ба ин хайма оварда бошад, ба дасти касе боздиҳам, то бикушад!»

Баҳром дурушгӣ огоз кард. Қабиса гуфт: – «Сухандарозӣ макун! То ин тир, ки дар камон дорӣ, бар синаи ман назанӣ ва маро накушӣ, дасти тасарруфи ту ба гардани ин оҳу нарасад.

Ва он дам маро бикуш, мардуми кабилаи ман туро ба ҷустуҷӯи оҳу нахоҳанд гузошт. Бар ҷони худ раҳм кун ва аз сари ин оҳу даргузар. Агар таваққуе дорӣ, ин аспи тозинажодро, ки бар дари ин хайма баста аст, бо зину лаҷоми муталло (тилло давондашуда) ба ту додам, савор шав ва аспи худро ҷанибат (кӯтал соз) ва ба мақоми худ бозгард.» Баҳромро ин ҳимоят хуш омад ва ба аспи ӯ илтифот нанамуда, инон баргардонида рафт. Он рӯз, ки тоҷи салтанат бар фарқи ҳиммати ӯ ниҳоданд ва Аҷам тавқи фармони ӯ дар гардани итоат афканданд, Баҳром Қабисаро талабид ва тарбият кард ва ӯро дар Араб «муҳомир-ул-гизлон» лақаб карданд, яъне зинҳордиҳандаи оҳувон ва ҳимоятқунандаи эшон.

Назм:

Касеро, ки орӣ ба зинҳори хеш,
Нигаҳ дор андозаи кори хеш.
Ба мардӣ ҳимоят аз ӯ во магир,
Ба мардонагӣ кор аз ӯ дар пазир.
Яке қатра орад ба дарё панох,
Зи садри саҳоф созаднаш такягох.
Ба сад тарбият номдораш кунад,
Яке гавҳари шоҳвораш кунад.

ДАР СИЁСАТ

Он забт кардан аст ва доштани сиёсат ду навъ аст: яке сиёсати нафси худ, яке сиёсати ғайри худ. Ва аммо сиёсати нафс бар интизоми ахлоқ замина аст. Ва касби авсофи ҳамида ва сиёсати ғайр аз ду қисм аст. Яке сиёсати ҳосу мукарробони даргоҳ ва забту насаки эшон ва дуввум сиёсати авом. Сиёсати авом бар он вақҳ аст, ки бадону бадфеълонро бояд, ки пайваста тарсону ҳаросон дорад. Ва некону неккирдоронро умедвор созад.

Аз Абузари Ҷамҳар пурсиданд, ки кадом подшоҳ бузургвортар аст? Гуфт: «Он ки бегуноҳон аз ӯ эмин бошанд ва гунаҳгорон тарсон ва мазаи теғи баркнишонаш бо гиряи ситамгарон мудаббири муқтарин (наздикшаванда) бошад ва равиши насими файзрасонаш бо борони инъом бар дарвешони мустаҳиқ мақоран (пайваста) бувад.»

Накл аст, ки Ҳушанги малик мегуфта, ки раҳмати ом аз худой бар некону муслимон ва Худо бар бадону муфсидон неши каҳрам бо нӯши лутф даромехтааст:

Фард:

Тарёку заҳр ҳар ду маро дар хазина ҳаст,
Оиро ба дӯстон диҳам инро ба душманон.

Ҳукамо гуфтаанд, мадори олам бар сиёсат аст ва ӯро ба шаҳнагии ҷаҳони кавну фасод номзад кардаанд. Агар забти сиёсат набошад, муҳимоти ҷаҳон бар наск намонад ва агар қонуни таъдибу таъзиб набувад, корҳо рӯй ба табоҳӣ ниҳад:

Аз сиёсат низом ёбад мулк,
Бе сиёсат халалпазир бувад.

Насаки корҳои оламро,
Аз сиёсат ногузир бувад...

ё

Гар теғи сиёсати салотин набувад,
Дар олами хок оби хуш кас нахўрад.

Дар ҳалис омала, ки агар подшоҳ набудй, одамиён баъзе баъзеро бихўрдандй, яъне ҳалоку нобуд сохтандй. Мамлакатро чуз ба сиёсат забт натавон кард ва фитнаро чуз ба сукуну сиёсат ором натавон дод. Овардаанд, ки яке аз хулафо ба минбар баромад, теғ кашида ва мусҳаф бар даст гирифта пас дар асноі хутба гуфт: – «Эй мардумон, некўи шуморо ин бас аст, яъне мусҳаф. Ва бадони шумо чуз ба ин рост нашавед, яъне шамшер»

Сиёсат оташе бошад, ки оноро,
Зи баҳри бадсиголон барфурўзанд.
Чу эшон мефурўзанд оташи зулм,
Ҳамон бехтар, ки эшонро бисўзанд.

...Рўзе яке аз ринду авбош гулдастае ба хидмати Тамғочҳон овард, султон бистуду гуфт: – «Аз кучо овардай?» Гуфт: – «Аз гулзорҳо барчидаам.» Гуфт: – «Гулзорҳо мулки ту буда?» Гуфт: – «На.» Гуфт: – «Аз моликаш харидай?» Гуфт: – «Не, дар ин шаҳр гул нахаранд ва бисёр беҳиммат бошад.» Султон тааммул фармуда гуфт: – «Ҳар кй бе дастури касе дар боғи ў равад ва гул бичинад, метавонад низ ки бе изни (ичозат) ў мева бозканад. Ва аз ин амалҳо суратҳои дигар низ мутасаввур аст.» Ҳукм кард, то дасташ бибуранд. Акобирин шафоат карданд, то як ангушташ бибуриданд. Тамғочҳон пайваста риндону бебоконро мекуштй. Рўзе ин чамоат бар дари дарвозаи шаҳр навиштаанд, ки мо он гиёҳем, ки ҳарчанд сар зананд, бештар шавем. Ин хабар ба султон расид. Фармуд, то дар пахлуи он хат навиштанд, ки мо низ боғбонем мунтазир истода, ки ҳар чй сар барорад, бидаравем.

Фард:

Ҳар хор, ки сар барзанад аз гулшани мулк,
Филҳол сараш ба теғ барбояд дошт.

Гўянд, ки Ҳурмуз ибни Нўшервони одил худро ба сиёсат ақтарон (наздик шудан) дода буд, лутфи худро ба каҳр инзимом дода фармуда, неконро бинавохтй ва бадонро расво сохтй:

Зада сиёсати ў рохи корвони ситам,
Кашида марҳаматаш хони адл дар олам.

Вақте рикобдори ў дар боғ рафт ва яке хўшаи ангур бе ичозати боғбон бозканд, боғбон аспи ў бигирифту гуфт: «Маро хушнуд кун ва илло назди шоҳ Ҳурмуз аз дасти ту тазаллум (арз) кунам.» Ғулом ба вай чизе медод ва ў розй намешуд, алқисса ҳазор динор ба ў дод. Аз ниҳеби сиёсати Ҳурмуз ҳукамо гуфтанд: – «Салтанат мисли ниҳол аст ва сиёсат мисли об. Пас лозим аст бехи дарахти салтанатро ба оби сиёсат тоза доштан, то самараи амну амон ҳосил ояд.

Хуш он шаҳриёре, ки аз рӯи дониш,
Таамул кунад дар китоби сиёсат.
Сари теғи ӯ гулшани салтанатро,
Тару тоза дорад ба оби сиёсат...

Пас аз одамиён ҳар кӣ бар хӯю хислати фариштагон аст, афзали навъи инсон аст ва ҳар кӣ бар табъу сирати сибоъ ва ҳайвон бошад, бадтарини дарандагон ва газандагон аст. Ва мустаҳақи сиёсат эшонанд, на одамиён.»

Маснавӣ:

Сиёсат писандида бошад басе,
Валекин нагӯем бо ҳар касе.
Бихур мардумозорро хуну мол,
Ки аз мурғи бад канда беҳ парру бол.

Овардаанд, ки дар аҳди Нӯшервон золиме заиферо таппонча зад ва пеши Нӯшервон омада арз намуд. Нӯшервон фармуд, то золимро ба сиёсатгоҳ бурданд ва гардан бизаданд. Яке аз хосон гуфт: «Аҷаб доштам аз малик, ки одамеро ба ин қадар чиноят бечӯн сохт.» Нӯшервон гуфт: «Ғалат кардӣ! Ман одамеро накуштам, балки гургеро бечӯн кардам ва мору каждумро ҳалок гардондам»!

Байт:

Касе, к-ӯ пеша кард озори марде,
Ба маъӣ бадтар аст аз мору каждум.

Овардаанд, ки Хусрави Парвиз аз бузурге пурсид, ки аз табақоти халқ лоиқи сиёсат кистқ Гуфт: – «Эй малик, халоиқ панҷ табақаанд: Аввал, онҳо, ки дар зоти худ неканд. Аз эшон ҳама некӣ ба халқ мерасад, эшонро тақвият бояд кард, бо эшон сӯҳбат бояд дошт. Дуввум, ҷамъе ки ба худ неканд, ва аммо асари некии эшон ба касе намерасад, эшонро азиз бояд дошт ва бар хайр таҳрис бояд кард. Саввум, гурӯҳе, ки миёнаҳол бошанд, яъне аз эшон на хайр ба мардум расад ва на шарр. Яъне дар зоти худ на хайр бошанд ва на шарр. Эшонро роҳи хайр намуд ва аз шарр таҳзир (парҳез) бояд фармуд. Чаҳорум, тофае, ки эшон бад бошанд, аммо ба кас бад нарасонанд, эшонро хор бояд дошт, то тарки бадӣ кунанд. Панҷум, фирқае, ки ҳам бад бошанд ва ҳам бадии эшон ба мардум расад, эшонро сиёсат бояд кард ба ваъдаву таҳдид он гаҳ зарб, пас ҳабс ва охир қатл.»

Фард:

Оташеро, ки халқ аз ӯ сӯзад,
Ҷуз ба куштан илоҷ натвон кард.

Ва яке дигар аз фавоиди сиёсат таскини фитна аст, чи мардуми фитнаангез чун бинанд, ки оташи сиёсат тез аст дар гӯша гурезанд ва агар андак рахнае дар кори сиёсат мушоҳида равад, ҳазор фитна бар пой кунанд ва аз хар ҷиҳате шӯру шойе ба зуҳур расонанд.

Назм:

Агар султон нафармояд сиёсат,
Занад хар нокасе лофи риёсат.
Бало бар хам занад рӯи заминро,
На давлатро бако бошад на динро.

Чу мардум забт дар кишвар набинанд,
Ба чуз фитна раҳи дигар набинанд.

Ва ҳам дар ин боб гуфтаанд.

Қитъа:

Агар на ҳайбати шамшери подшоҳ бувад,
Чӣ шӯҳхо, ки ба як дам зи шаҳр бархезад.
Касе, ки дасти чап аз дасти рост нашносад,
Ҳазор фитна чу дасташ диҳад, барангезад.

ДАР ТАЯҚҚУЗ ВА ҲИБРАТ

Таяққуз бедорӣ бошад дар кори мамлакат ва ҳибрат огоҳӣ аз ҳоли раият... Мулуки одил баъд аз иттилоъ бар он саъй намоянд, то ҳар ҳалале ва залале, ки дар бунёди маъдалат зоҳир шуда бошад, мараммат (таъмир) ёбад ва ислоҳ пазирад, пеш аз он ки дасти тадорук ба домани талофии он нарасад.

Байт:

Ба аввал тавон кард ислоҳи кор.
Аз он пеш, к-аз каф равад ихтиёр.

Ва бисёр буда, ки салотин дар шаб мегаштанд ва тафаҳҳуси аҳволи раъияту мамлакат мекарданд. Чӣ бисёре ахбор бошад, ки мукаррабони даргоҳи салтанат наметавонанд ва агар ба самъи эшон расад, ба чиҳати маслиҳати ҳуд ё мулоҳизаи вақту замон ба подшоҳ нагӯянд ё натавонанд гуфт...

Чу некӯ матоест корогаҳӣ,
К-аз ин нақд олам мабодо тиҳӣ.
Зи олам касе сар барорад баланд,
Ки дар кори олам бувад ҳушманд.

Овардаанд, ки дар Хоразм подшоҳе одил буд риояти шафқат ба халқ, дар майдони марҳамат афрошта.

Қитъа:

Зи адли ӯ шуда бози сафед чуфти куланг,
Зи амни ӯ шуда шери сияҳ рафики шагол.
На он фароз барад дар ҳаво ба-д-он чангол,
На ин дароз кунад дар замин ба-д-ин чангол.

Дар замони ӯ касеро заҳра набуд, ки ба ошкор амале нописандида аз фисқу фучур тавонистӣ кард. Магар яке буд аз умаро ва аъёни давлати ӯ, ки ҳуқуқи хидмати қадимӣ дошт ва бар дари боргоҳ ба ихтиёри ӯ касе набуд худро ба сурати салоҳ ба султон намудӣ ва дар хуфя (пинҳонӣ) ба хамру замр ва анвои фисқ машғул будӣ ва касе заҳраи он надошт, ки аз вай шикоят кунад. Султон бар он ҳол вуқуф ёфта, нахост, ки ошкоро дар ин боб сухан гӯяд, чӣ изҳори ин навъ калимот аз акобир рафъи ҳичоб ва эҳтишом кунад ва он маҳобати (ҳайбатнокии) салтанатро музир (зараровар) аст. Пас, рӯзе аз рӯзҳо он амирро талабид ва фармуд, ки маро мурғе мебояд, ки минкори ӯ сурх бошад ва сарҳои боли ӯ сиёҳ, бокӣ сафед. Ва чуз ту касе ин навъ мурғро пайдо натавонад кард. Амир гуфт, ки ба талаби он иштигол намоям ва ба ҳар вачҳ, ки тавонам пайдо созам, аммо маро се рӯз мӯҳлат бояд дод. Султон мӯҳлат дод. Амир ба чустучӯи мурғ машғул гашт. Дар шаҳру навоҳӣ чунин мурғе ба даст наёмад.

Амир баъд аз се рӯз боз омада, тамҳид дод, ки: – «Эй малик, ба-д-он миқдор, ки мақдур доштам, ҷидду ҷаҳд намудам ва дар тафаҳҳуси чунин мурғе саъй кардам, пайдо нашуд. Ишорати ҳазрати олӣ ба ҳар чӣ содир шавад дар арзи он то мақдур муҳайё гардонем.»

Султон фармуд, ки матлуби ман мисли ин мурғест ва ман ихтиёри шаҳру вилоят ба дасти ту додаам ва ту аз таҳсили ин миқдор очизӣ, чӣ гуна аст? Бирав, се рӯзи дигар мӯҳлат додам ва ин навбат бе чунин мурғе боз наёй. Дигарбора амир бирафт ва баъд аз се рӯз дасти тиҳӣ бозомад. Султон фармуд, ки ту аз шаҳр чунин хабар дорӣ, ки чаҳор мурғ ба ин шаклу ҳайат дар як хона аст ва пайдо наметавонӣ кард.

Бирав ба сари чаҳорсӯи шаҳр ва ба бозори шаркӣ гузар кун, чун ба дари фалон масҷид расӣ, маҳаллаест дар дасти рост. Дар он маҳалла кӯчаест ба-д-ин нишон, дар пеши он кӯча хонаест ва дар даруни он хона хонаи хурд аст. Дари он хона бикушой дар он ҷо ва дар он қафас чаҳор мурғест ба-д-он навъ, ки ман гуфтам, биёр. Амир ҳайрон шуда, аз назди султон берун омад ва ба дастуре, ки малик нишон дода буд , бирафт ва қафасро бо мурғон ҳозир гардонд. Малик фармуд, ки аҳли ҳукуматро бояд, ки худ чунин бохабар бошанд, ки ман ҳастам. Амир, ки ин сухан бишнид, ба худ андеша кард, ки подшохе, ки аз бозору кӯча ва аз хонаи шаҳр чунин бохабар аст, имкон медорад, ки бар аъмоли пинҳонии ман ҳам вуқуф дорад. Тавба кард ва бо роҳи рост боз омад.

Аз ин ҳикоят маълум мешавад, ки иттилои салотин бар аҳволи мардум фавоиди бисёр дорад.

Маснавӣ:

Чунин гуфт марди суханофарин,
Зи ахбори шоҳони Эронзамин.
Ки Ҳурмуз ба ҳангоми наъзи равон,
Ба Хусрав чунин гуфт: «К-эй навчавон!
Ҷаҳоне ба зоти ту вобастаанд,
Ба фармони ҳукми ту пайвастаанд.
Ба ғафлат макун хоб, бедор бош!
Зи аҳволи гетӣ хабардор бош.
Чу дар ӯҳдаи туст олам тамом,
Машав ғофил аз кори худ, вассалом.»

Дафъи ғафлат ба таъини соҳибхабарон аст, то бар аҳволи ҳар вилоят иттилоъ ёбанд. Мансури халифа гуфтааст, ки ман ба се кас мӯҳточам: аввал, омиле, ки моли раият ба ман надиҳад ва моли ман ба раият нагзорад. Дуввум шаҳнае, ки доди мазлум аз золим бистонад ва ҳукм бетамаъву гараз кунад, пас оҳи сард баркашиду гуфт:– «Эй дарег аз севвум.» Пурсиданд, ки он кист? Гуфт: «Он шахсе, ки сурати аҳволи инонро чунончи ҳаст, бознамояд ва алҳақ агар подшоҳро чунин касон ба даст афтанд, пас салоҳ дар миёни халқ падид ояд.» Овардаанд, ки Ардашери Бобак азбаски тафаҳҳуси ҳоли гузаштагон ва наздикон кардӣ, кор ба он ҷо расида буд, ки ҳар чӣ ҳар рӯз ба амри ӯ вузаро ва аъмолу соири мулозимон гуфтӣ, ки дӯш ҳоли ту бар ин минвол буд, ки чӣ хурдӣ ва кучо хуфтӣ ва бо кӣ сухан кардӣ ва чӣ гуфтӣ. Мардум аз ин сухан тааччуб менамуданд ва мегуфтанд вайро фариштагон хабар медиханд ва он соҳибхабар аст:

Сохибхабарон амини шоҳон бошанд,
Мақбули дили ҷаҳонпаноҳон бошанд.
Ҳам бар чигари ситамгарон неш зананд,
Ҳам марҳами захми додхоҳон бошанд.

Агар бе иттилои сохибхабаре муҳиме ба мавқуфи арз расад, шарти огоҳӣ нест, ки зуд дар ҳукми фармон бошад. Чӣ бузургон гуфтаанд, ки ҳукми подшоҳ ба монанди қазо ва тақрир (мукаррар) мемонад...»

Овардаанд, ки дар рӯзгори Қубоди шаҳриёр шахсе ба вайронае даромад, шахсе дид афтода. Нек дарнигарист, сараш бурида буданд ва корд бар синааш ниҳода. Он кас аз ғояти таҳайюр мабҳут (ҳайрон) ва беҳуш бимонд.

Мисраъ:

«Не қуввати истодану не қуввати рафтан.»

Дар ҳамин ҳол яке аз мулозимони ҳокими он вилоят бирасид. Он сурат мушоҳида кард. Дарҳол ӯро дасту гардан баста ва корди пурхун аз гарданаш овехта ба дари хонаи ҳоким овард ва воқеаро тақрир (баён) кард. Ҳоким бонг барзад, ки ин касро чаро куштӣ? Гуфт: – «Аюҳалмалик, ман бар ин вайрона расидам ва ӯро кушта дида, мутаҳайир ва мутааҷҷиб гаштам. Дар аснои ин ҳол ин кас маро гирифта ба назди шумо овард ва ман на аз мақтул хабар дорам ва на аз қотил.» Ҳоким гуфт: – «Гумони ман он аст, ки ту ӯро куштай ва ба-д-ин суханон мехоҳӣ, ки аз дасти ман бираҳӣ.» Бечора гуфт: – «Эй малик, бо ман ба гумони худ кор макун, ки... гумон ба ҷои яқин наменишинад.» Ҳоким гӯш ба сухани вай накард. Фармуд, то ба дораш кашанд.

Нидо мезаданд, ки вай дар фалон вайрона касеро куштааст. Ҷавоне аз назоратчиён пеш омаду гуфт: «Эй ҷаллод, чандон сабр кун, ки ман пеши малик дароям ва сурати ҳол боз намоям. Таъҷил манамой, ки ин шахс бегуноҳ аст ва хуни бегуноҳ рехтан амали табоҳ.» Ҷаллод таваққуф кард. Ӯро пеши малик бурданд. Гуфт: «Аё малик, хуне ки дар он вайрона воқеъ шуда ман кардаам. Он кас душмани ман буд. Фурсате ёфтам, ӯро бикуштам ва ин ҷавон, ки сиёсат фармудай, аз ин ҳол бехабар аст.» Малик тааммули бисёр фармуд ва назр (ваъда) кард, ки дигар ба мучарради гумон ҳукм накунад. Пас он ҷавонро маҳбус сохта, сурати ҳол ба подшоҳ Қубод арз карданд. Вай арзи уламои замон пурсид. Гуфтанд: «Ӯро набояд кушт, зеро ки агар якеро кушта, сабаби ҳаёти дигаре шудааст.» Пас Қубод онро талабид ва сурати ҳол аз вай пурсид ва хилъат дода озод кард ва фармуд, то дар васоё навиштанд, ки бар подшоҳ лозим аст, ки хуни мардумон ба мучарради ваҳму гумон нарезад.

Қитъа:

Сиёсате ба гумон расми маъзалат набвад,
Ки то яқин нашавад, хуни кас нашояд рехт,
Ба ҳар диёр, ки ҳукм аз раҳи гумон бошад,
Ба зуд-зуд бибояд аз он диёр гурехт.

...Аз ҳакиме пурсиданд, ки сабаби гафлати баъзе аз мулук чист? Гуфт: – Се чиз ҳаст, ки подшоҳро аз мамлакат ва раият бехабар гардонад: аввал, шаҳват ва мутобиати ҳавои нафс, ки ҳар кӣ ба савдои нафс ва орзуе дармонад, парвои ҳеҷ кас ва фарогати ҳеҷ чиз надорад.

Амир баъд аз се рӯз боз омада, тамҳид дод, ки: – «Эй малик, ба-д-он миқдор, ки мақдур доштам, ҷидду ҷаҳд намудам ва дар тафаҳҳуси чунин мурге саъй кардам, пайдо нашуд. Ишорати ҳазрати олӣ ба ҳар чӣ содир шавад дар арзи он то мақдур муҳайё гардонем.»

Султон фармуд, ки матлуби ман мисли ин мурғест ва ман ихтиёри шаҳру вилоят ба дасти ту додаам ва ту аз тахсили ин миқдор очизӣ, чӣ гуна аст? Бирав, се рӯзи дигар мӯҳлат додам ва ин навбат бе чунин мурғе боз наёй. Дигарбора амир бирафт ва баъд аз се рӯз дасти тиҳӣ бозомад. Султон фармуд, ки ту аз шаҳр чунин хабар дорӣ, ки чаҳор мурғ ба ин шаклу ҳайат дар як хона аст ва пайдо наметавонӣ кард.

Бирав ба сари чаҳорсӯи шаҳр ва ба бозори шаркӣ гузар кун, чун ба дари фалон масчид расӣ, маҳаллаест дар дасти рост. Дар он маҳалла кӯчаест ба-дин нишон, дар пеши он кӯча хонаест ва дар даруни он хона хонаи хурд аст. Дари он хона бикушой дар он ҷо ва дар он қафас чаҳор мурғест ба-д-он навъ, ки ман гуфтам, биёр. Амир ҳайрон шуда, аз назди султон берун омад ва ба дастуре, ки малик нишон дода буд , бирафт ва қафасро бо мурғон ҳозир гардонд. Малик фармуд, ки аҳли ҳукуматро бояд, ки ҳуд чунин бохабар бошанд, ки ман ҳастам. Амир, ки ин сухан бишнид, ба ҳуд андеша кард, ки подшохе, ки аз бозору кӯча ва аз хонаи шаҳр чунин бохабар аст, имкон медорад, ки бар аъмоли пинҳонии ман ҳам вуқуф дорад. Тавба кард ва бо роҳи рост боз омад.

Аз ин ҳикоят маълум мешавад, ки иттилои салотин бар аҳволи мардум фавоиди бисёр дорад.

Маснавӣ:

Чунин гуфт марди суханофарин,
Зи ахбори шоҳони Эронзамин.
Ки Ҳурмуз ба ҳангоми назъи равон,
Ба Хусрав чунин гуфт: «К-эй навчавон!
Ҷаҳоне ба зоти ту вобастаанд,
Ба фармони ҳукми ту побастаанд.
Ба ғафлат макун хоб, бедор бош!
Зи аҳволи гетӣ хабардор бош.
Чу дар ӯҳдаи туст олам тамом,
Машав ғофил аз кори ҳуд, вассалом.»

Дафъи ғафлат ба таъини соҳибхабарон аст, то бар аҳволи ҳар вилоят иттилоъ ёбанд. Мансури халифа гуфтааст, ки ман ба се кас мӯҳтоҷам: аввал, омиле, ки моли раият ба ман надиҳад ва моли ман ба раият нагзорад. Дуввум шаҳнае, ки доди мазлум аз золим бистонад ва ҳукм бетамаъву ғараз кунад, пас оҳи сард баркашиду гуфт:- «Эй дареғ аз севвум.» Пурсиданд, ки он кист? Гуфт: «Он шахсе, ки сурати аҳволи иноҳро чунончи ҳаст, бознамояд ва алҳақ агар подшоҳро чунин касон ба даст афтанд, пас салоҳ дар миёни халқ падид ояд.» Овардаанд, ки Ардашери Бобак азбаски тафаҳҳуси ҳоли гузаштагон ва назди-кон кардӣ, кор ба он ҷо расида буд, ки ҳар чӣ ҳар рӯз ба амри ӯ вузаро ва аъмолу соири мулозимон гуфтӣ, ки дӯш ҳоли ту бар ин минвол буд, ки чӣ хурдӣ ва кучо хуфтӣ ва бо кӣ сухан кардӣ ва чӣ гуфтӣ. Мардум аз ин сухан тааҷҷуб менамуданд ва мегуфтанд вайро фариштагон хабар медиҳанд ва он соҳибхабар аст:

Соҳибхабарон амини шоҳон бошанд,
Мақбули дили ҷаҳонпаноҳон бошанд.
Ҳам бар ҷигари ситамгарон неш заманд,
Ҳам марҳами заҳми доднҳоҳон бошанд.

Агар бе иттилои соҳибхабаре муҳиме ба мавқуфи арз расад, шарти огоҳӣ нест, ки зуд дар ҳукми фармон бошад. Чӣ бузургон гуфтаанд, ки ҳукми подшоҳ ба монанди қазо ва тақрир (муқаррар) мемонад...»

Овардаанд, ки дар рӯзгори Қубоди шаҳриёр шахсе ба вайронае даромад, шахсе дид афтода. Нек дарнигарист, сараш бурида буданд ва корд бар синааш ниҳода. Он кас аз ғояти таҳайюр мабҳут (ҳайрон) ва беҳуш бимонд.

Мисраъ:

«Не қуввати истодану не қуввати рафтан.»

Дар ҳамин ҳол яке аз мулозимони ҳокими он вилоят бирасид. Он сурат мушоҳида кард. Дарҳол ӯро дасту гардан баста ва корди пурхун аз гарданаш овехта ба дари хонаи ҳоким оварда ва воқеаро тақрир (баён) кард. Ҳоким бонг барзад, ки ин касро ҷаро куштӣ? Гуфт: – «Аюҳалмалик, ман бар ин вайрона расидам ва ӯро куштаро дида, мутаҳайир ва мутааҷҷиб гаштам. Дар аснои ин ҳол ин кас маро гирифта ба назди шумо оварда ва ман на аз мақтул ҳабар дорам ва на аз қотил.» Ҳоким гуфт: – «Гумони ман он аст, ки ту ӯро куштай ва ба-д-ин суханон мехоҳӣ, ки аз дасти ман бираҳӣ.» Бечора гуфт: – «Эй малик, бо ман ба гумони ҳуд кор макун, ки... гумон ба ҷои яқин наменишинад.» Ҳоким гӯш ба сухани вай накард. Фармуд, то ба дораш кашанд.

Нидо мезаданд, ки вай дар фалон вайрона касеро куштааст. Ҷавоне аз назоратчиён пеш омаду гуфт: «Эй ҷаллод, чандон сабр кун, ки ман пеши малик дароям ва сурати ҳол боз намоям. Таъҷил манамой, ки ин шахс бегуноҳ аст ва хуни бегуноҳ рехтан амали табоҳ.» Ҷаллод таваққуф кард. Ӯро пеши малик бурданд. Гуфт: «Аё малик, хуне ки дар он вайрона воқеъ шуда ман кардаам. Он кас душмани ман буд. Фурсате ёфтам, ӯро бикуштам ва ин ҷавон, ки сиёсат фармудай, аз ин ҳол бехабар аст.» Малик тааммули бисёр фармуд ва назр (ваъда) кард, ки дигар ба муҷарради гумон ҳукм накунад. Пас он ҷавонро маҳбус сохта, сурати ҳол ба подшоҳ Қубод арз карданд. Вай арзи уламои замон пурсид. Гуфтанд: «Ӯро набояд кушт, зеро ки агар якеро кушта, сабаби ҳаёти дигаре шудааст.» Пас Қубод онро талабид ва сурати ҳол аз вай пурсид ва хилъат дода озод кард ва фармуд, то дар васоё навиштанд, ки бар подшоҳ лозим аст, ки хуни мардумон ба муҷарради ваҳму гумон нарезад.

Қитъа:

Сиёсате ба гумон расми маъзалат набвад,
Ки то яқин нашавад, хуни кас нашояд рехт,
Ба ҳар диёр, ки ҳукм аз раҳи гумон бошад,
Ба зуд-зуд бибояд аз он диёр гурехт.

...Аз ҳакиме пурсиданд, ки сабаби гафлати баъзе аз мулук чист? Гуфт: – Се чиз ҳаст, ки подшоҳро аз мамлакат ва раият бехабар гардонад: аввал, шаҳват ва мутобиати ҳавои нафс, ки ҳар кӣ ба савдои нафс ва орзуе дармонад, парвои ҳеҷ кас ва фарогати ҳеҷ чиз надорад.

Ҳар кӣ аз савдои шаҳват маст шуд,
Кори ӯ якборагӣ аз даст шуд.

Машҳур аст, ки шахсе Искандарро гуфт: «Ту подшоҳӣ ва бағоят бузургӣ. Занони бисёр дар ақди ҳуд овар, то фарзандони бисёр шаванд ва аз ту ёдгор монанд.» Гуфт: – «Ёдгори ман адл аст ва некномӣ. Зишт бошад, ки касе бар мардон ғолиб омада бошад ва ба охир забуни занон гардад»

Барои яклама шаҳват, ки хок бар сари он,
Забуни зан шудан оини шермардон нест!

Дуввум, аз сабаби ҳирс бошад бар ҷамии молу ниходани ганч ва ҳеҷ сифат мар мулукро нописандидатар аз ҳирси мол ҷамъ кардан нест, зеро ки ҳирс дар ҷамъи мол парвои ҳаром накунад ва гами мулк ва раияти нахӯрад, балки нахоҳад, ки ғайри ӯро молу маноле бувад ва ҳама худро хоҳад ва бо ин ҳама ханӯз сер нашавад.

Байт:

Косаи чашми харисон пур нашуд,
То садаф конеъ нашуд пурдурр нашуд.

Севвум, аз онҳо, ки ғафлат орад, шароб хӯрдан аст. Ва подшоҳ бояд ки аз мастӣ бипархезад, зеро ки чун маст шавад, аз мулку мол бехабар гардад ва мулозимон ба чиҳати он ки ӯро ғофил ёфтанд, ҳарчӣ хоҳанд бо хар кӣ хоҳанд, бикунанд.»

Байт:

Бехабар он мард, ки чизе чашид,
К-аз қадами бехирадӣ даркашид.

ДАР ФАРОСАТ

Ва он шарти куллӣ бошад дар ҳукумат ва бар аҳли ихтиёр вочиб аст ва ба айни басират дар савобику лоиқи ҳар ҳодисае, ки вокеъ шавад, назаркунандагони ин вокеа бағоят равшан ва ҳувайдо бошад. Ба он чӣ муқтазои адл ҳаст, ба он ҳукм фармоянд ва агар сирри он нек зоҳир нест ба нури фаросат дарки он бояд кард ва эътимод бар кавли ноқилон набояд намуд ва бузургон гуфтаанд:

Зебо ҳукумат ба зевари фаросат аст!...

Фаросат ҳикматест, чунон бошад, ки ҳукамо ба тачриба онро дарёфтаанд ва далелҳои онро аз шаклу ҳайат мушоҳида карда ва аглаби он рост ояд ва ҳукамои замони Нӯшервон чиҳати фаросат рисолае сохта буданд. Пайваста онро мутолаа кардӣ ва аз рӯйи фаросат ҳукм фармудӣ.

Овардаанд, ки рӯзе марди кӯтоҳе ба назди Нӯшервон даромад ва тазаллум намуд, ки марде ситамрасидаам. Нӯшервон гуфт: – «Дурӯғ мегӯйӣ. Чиҳати он ки дар илми фаросат гуфтаанд, ки ҳар кӯтоҳқомат бувад пурҳилла ва маккор бошад. Пас, ин мард бедодгар аст на ситамёфта.» Пас, тафаҳҳус карданд он чунон буд:

Фаросат дидан дил баркушояд,
Ҳар он ҳоле, ки бошад, во намояд.

Дар таърих мазкур аст, навбати дигар ҳам марди кӯтоҳқомат дар пеши Нӯшервон додхоҳӣ кард ва гуфт: «Касе бар ман ситам кардааст.» Нӯшервон фармуд, ки касе бар мардуми кӯтоҳ ситам натавонад кард. Гуфт: – «Эй шоҳ, он кас, ки бар ман ситам кардааст, аз ман кӯтоҳтар аст.» Нӯшервон табассум фармуд... Бидон, ки ҳукамо дар мақомати худ гуфтаанд: ранги сафеди муфрад ё кабудиву сабзии чашм далелест бар сахтрӯй ва бешармӣ ва хиёнату фисқ ва заъфи ақл ва ракокати рой бошад. Агар паҳнпешонӣ ва бар сар мӯи бисёрдор бошад, ҳукамо мегӯянд, ки ҳазар кардан аз чунин кас лозимтар аст, ки аз афъӣ мори бадтар. Ҳукамо гуфтаанд, ки мӯи дурушти майгуни мӯътадил нишони шуҷоат ва сиҳатии димоғ аст ва мӯи нарм нишони баддилӣ ва тарсандагӣ бошад ва иллати камфаҳмӣ аст. Бисёрии мӯй бар китфҳо нишони ҷуръат асту ҳамоқат. Бисёрии мӯй бар сина ва шикам нишони ваҳшати табъ ва кундфаҳмӣ ва майл ба ҷавр аст. Зардии мӯй нишони ҳамоқат аст ва тасаллуту зуд хашм гирифтан. Мӯйи сиёҳ нишони ақлу идрок бувад ва дӯст доштани ақл. Мӯи мутавассит миёни сурхӣ ва сиёҳӣ нишони эътимоди сифот бувад. Ҳукамо гуфтаанд, ки пешонии фарох, ки ба рӯй хутут, яъне чину шиканҷ набошад, нишони хусумату балост ва шафафу лофу газоф бувад. Пешонии борик ва наҳиф нишони фурӯмоягӣ (пастӣ) ва очизӣ бувад ва пешонии мутавассит, ки бар вай шикан бошад, нишони сидқу муҳаббат ва фаҳму илм ва ҳушёрӣ бувад. Гӯши бузург нишони ҷаҳл аст, лекин соҳиби онро қуввати ҳифз бошад ва тундхӯй бувад ва дар баъзе авқот гӯши хурд нишони аҳмақӣ ва дуздӣ бувад. Гӯши мӯътадил нишони эътидоли аҳвол. Абрӯи бузурги бисёрмӯй нишони дуруштӣ бувад дар сухан. Абрӯи кашида то наздики садъ (гӯш) нишони лофу такаббур. Абрӯи сиёҳи мутавассит дар кӯтоҳӣ ва даросӣ нишони фаҳм ва диёнат бошад. Ва бадтарин чашмҳо азрақ (осмонранг) аст. Чашми калон низ назарнишони ҳасуду хоинӣ ва бечоиву коҳилӣ бувад ва калти (гардиш) ҳаракати он нишони нодонӣ ва кундфаҳмӣ бувад. Суръати ҳаракати чашм ва тезии назар нишони ҳиллаву макр ва дуздӣ бошад. Сурхии чашм нишони шуҷоат ва далерӣ бувад. Ва нуқтаҳои зард бар гирди сиёҳии чашм нишони фитнаву шар ангехтан бошад. Чун чашм мутавассит бувад, миёни бузургиву хурдӣ ва ростиву диёнат бошад. Бинии борик нишони чарбзабонӣ ва нармӣ бошад. Бинии кач нишони шуҷоат бувад. Бинии паҳн нишони шаҳват ва дӯстӣ бувад. Фарохии сӯрохии бинӣ нишони газаб бошад. Ситабрӣ (ғафсӣ, гулуфтӣ) миёни бинӣ ё паҳнии сари бинӣ нишони бисёрсуханӣ ва дурӯғгӯӣ бувад. Бинии мутавассит дар ситабрӣ ва борикӣ ва дарозиву паҳнӣ нишони фаҳму ақл бувад. Далоили лабу даҳан ва даҳони фарох нишони ройи савоб ва шуҷоат аст. Ситабрии лаб нишони ҳамоқат ва эътидоли лаб бо сурхӣ нишони ройи савоб аст. Дандонҳои каҷу ноҳамвор нишони макру ҳилла ва хиёнат бувад. Дандонҳои кушода ва ҳамвор нишони адолат ва амонат ва тадбир бувад. Рухсораи пургӯшт нишони ҷаҳл ва дурушткӯӣ бувад ва таррорӣ. Зардии рухсора нишони хубси (бадии) ботин бувад. Тавассути ин маънӣ нишони эътидол бувад. Овози баланд нишони шуҷоат бувад. Овози борик нишони бадгумонӣ. Тавахуми овози мӯътадил нишони хусни кофист. Виқор (тамкин) дар сухан нишони хубист. Ҳаракати даст ба вақти сухан гуфтан нишони зиракӣ. Гардани кӯтоҳ

нишони макру хубс (бадтинатй) бувад. Гардани дарозу борик нишони бедилй ва ҳамокат бувад. Гардани ситабр нишони чаҳл ва пур хӯрдан бувад. Гардани мутавассит нишони сидқу адл ва тадбир бувад. Шиками бузург нишони чаҳл ва хасосат(пастй, хасисй) ва номардиву фитна бувад. Латофати шикаму сина дар эътидол нишони ҳусни рой ва сафои акл бувад. Фарохии шона нишони шуҷоат ва хуфти акл бувад. Ангуштони дароз нишони зиракй бошад ва сифату аломати тадбири корҳо. Ғозаи (сурхй) сок нишони нодонй ва меҳнатрӯй бошад ва эътидоли он нишони эътидоли ҳол бувад. Аз ин миқдор аломати фаросат ҳокими окилро дар тафаҳҳуси аҳволи халқ кифоят бувад. То ин ҷо сухани соҳиби «Захира» аст. Ва дар ин боб нуктае донистанй аст ва он чунон бошад, ки авсофе, ки ҳукамо ба ин далоил зикр кардаанд, барои авом-ун-нос ва касонест, ки дар табдили ахлоқ накӯшида бошад ва аз сифоти бахимй (хайвонй) нагузашта ба мартабаи инсоният нарасида. Агар касе ахлоқу авсофи худро ба сабаби риёзат ва талқини машоих тарбият ва таквияти уламо ва итгилоъ бар ахбор ва осори қудамо ба салоҳ оварда бошад, бо вучуди далоили шарр ҳукм бар шарорати ӯ натавон кард...

Қитъа...

Бар дили поки аҳли давлату дин,
Файзи илҳом мерасад зи Худо.
Дар раҳи ҳақ галат нахоҳад кард,
Ҳар киро нури Ӯст роҳнамо.

ДАР КИТМОНИ* АСРОР

Яке аз одоби мулкдорй пӯшидани асрор аст ва дар ифшои умури мулкй хатарҳои бешумор аст. Ва сухани машҳур аст. Се чизро пӯшида бояд дошт: аввал, сафарро, яъне аз мақсади роҳи худ касеро набояд хабар кард, ки душманон бисёранд. Дуюм, мақсади худро ба касе нагуфт, ки ғаммозон ва ҳасудон бисёранд. Сеюм, моли худро мастур бояд дошт, ки аҳли тамаъ бешуморанд. Балки ҳар сирре, ки дорй, махфй беҳтар аст, зеро ки маҳрами асрор дар олам камтар аст.

Маснавй:

Манеҳ сирри худ бо касе дар миён,
Ки маҳрам набинй зи аҳли чахон.
Бигаштам дар атрофи олам басе,
Надидам зи ёрони маҳрам касе.

Ҳукамо фармудаанд, ки замири одамй аз ду берун нест ё нишони неъмат аст ё баёни меҳнат. Ва ин ҳар ду пинҳон доштанист. Агар бахшишҳо неъмат аст, ниҳон бояд, то чашми ҳасудон бар он кора накунад ва аз офати аҳли тамаъ эмин монад ва агар навоиби (мусибат) меҳнат аст, ҳам махфй бояд дошт, то дӯстонро сабаби малол нашавад ва душманонро сабаби хурсандй нагардад.

То тавоний сирри худ бо кас магӯ,
Зеон ки он сир шодй орад ё малол.
Гар ғаме бошад шавад дилҳо малул,
Вар бувад, шодй расад айнулкамол.

*Китмон – махфй, пинҳон доштан.

Пас даруни хилвати асрори хеш,
Ҳеч касро раҳ мадеҳ дар ҳеҷ ҳол.

Яке аз ҳакиме пурсид: «Агар маро дар хотир сирре нагунҷад, бо кӣ гӯям, ки онро нек нигоҳ дорад ва ифшо накунад?» Ҷавоб дод, ки ҳар гоҳ сирре, ки туро бо он кор аст, худ нигоҳ натавонӣ дошт ва зоҳир куний, касеро ки он дар-кор нест, чаро нигоҳ дорад ва нагӯяд.

Байт:

Чун ту натвонӣ кашидан бори худ,
Ёр агар накшад, маранҷ аз ёри худ.

Овардаанд, ки Искандар сирре аз асрори худ бо яке дар миён оварда буд ва дар муҳофизати он муболига карда. Ногоҳ он сир аз вай сар барзад ва бар гӯши Искандар расид. Искандар ба ҳаким Ҷолинус гуфт: – «Уқубати касе, ки сирри касе, фош кунад чист?» Ҳаким гуфт: «Равшантар фармо.» Искандар гуфт: – «Ман ба фалон кас сир дар миён ниҳодам ва ӯ ифшо кард ва ман аз ӯ ранҷидаам ва мехоҳам, ки ӯро ба сазои ҷазо расонам.» Ҳаким гуфт: «Эй малик, аз ӯ маранҷ ва ӯро уқубат макун, ки сирри худро худ ифшо кардай бо он ки сирри ту туро мухим буд, бори он натавонистӣ кашид, агар дигаре таҳаммули он бор накунад баъид (аз эҳтимол дур) набошад.»

Қитъа:

Сирри худро ҳам ту маҳрам шав, ки маҳрам ёфт нест,
Ҳамдами худ бош, зеро ҳамдаме дарёфт нест.
Дӯсти якрӯю яқдил ҷустам аз пири хирад,
Гуфт, бигзар, к-он чӣ меҳоҳӣ ба олам ёр нест.

ДАР ИҒТИНОМИ ФУРСАТ ВА ТАЛАБИ НЕКНОМӢ

...Умри азиз чун барқ даргузар аст ва авқоти зиндагӣ чун мавҷи баҳор нопойдор. Ҳар соате, ки мегузарад ҷавҳари бебадал аст. Қимати он бибояд шинохт. Фурсате, ки мурод мекунад ғанимати беиваз аст. Онро зоеъ натавон сохт.

Фард:

Даме, ки мегузарад, э-он нишон мачӯй дигар,
Чаро ки эҷчи умр бенишон мегузарад.

Аз зиндагонӣ он чӣ рафт, бозовардани он аз ғайри имкон аст ва он чӣ монда он низ дар пардаи ғайб махфӣ ва мастур. Миёни мозӣ (гузашта) ва мустақбал (оянда) вақтест, ки онро ҳол гӯянд. Умри хеш он вақтро мебояд донист, ки худро дар он ҳол мебояд кард.

Қитъа:

Фурсат ғанимат аст, ғанимат шумор вақт,
З-он пеш, к-ӯ бурун равад аз даст ногаҳон.
Дил бар замона кай нихад, он кас ки оқил аст,
Доно ба умри худ накунад, такя бар ҷаҳон.

Пас, дар чунин рӯзгори гузаранда ва авқоти нопоянда соҳибдавлат касест, ки ба изҳори осор макрамат (бахшиш) ва иҷрои изҳори маҳрамият номи неку зикри ҷамил ёдгор гузорад, ки ҳаёти собита иборат аст аз некномӣ.

Қитъа:

Эй толиби хулуду бакои давоми умр,
Бокӣ ба зикри хайр бувад номи одамӣ.
Хеч аст кадру хашмату молу маволу чох,
Чун окибат фаност саранчоми одамӣ.
Харчанд фикр мекунам аз харчӣ дар чахон,
Номи накӯст хосили айёми одамӣ.

Овардаанд, ки бузургеро дар мачлиси подшохӣ таърифи бисёр карданд. Аз фасоҳату балоғат ва фазоили маонии ӯ басе шарҳ доданд ба мартабае, ки шавки подшох ба ликои ӯ аз сархади баён тачовуз карда бо хузори (овардани) ӯ фармони олӣ арзонӣ фармуд. Он азиз, ки ба мачлиси олӣ даромад, баъд аз адои салом гуфт, ки подшохро хазор сол бако бод! Подшох гуфт: «Аввал боре сухани мухол гуфтӣ ва ин аз фазли ту ачиб бувад ва аз мисли ту гариб намуд.» Чавоб дод, ки хаёти мардум на хамин дар бакои бадан аст, хама кас донад, ки ниҳоят бакои одамӣ ба хазор сол нарасад. Аммо чун номи накӯ баъд аз вафот хаёте дигар аст, гарази ман он бувад, ки раками некномии он хазрат хазор сол бар сахифаи рӯзгор бокӣ монад.

Қитъа:

Касе, к-ӯ шуд ба номи нек машхур,
Пас аз маргаш бузургон зинда донанд.
Вале онро, ки баднеъл асту бадном,
Агарчи зинда бошад, мурда хонанд.

Ва аз хамин макула аст ин байт:

Саъдиё, марди нак,ӯном намирад харгиз,
Мурда он аст, ки номаш ба накӯй набаранд.

Яке аз бузургон дар рисолаи худ оварда, ки айвони Нӯшервон ва токи Кисро агарчӣ рифъате дорад ва дар атрофи олам баландовоза аст, аммо истеъчоб (хайронӣ) на дар баландии кунгура аст ва на дар хусни гурфаву панчара, чи хиште чанд бар хам ниходан ва даре чанд дар хам кушодан чандон коре нест. Назоратгохи акл он аст, ки дар зовияи (хучраи) танги он пиразан тааммул кунанд, ки дар гӯшаи айвони шохӣ вокеъ шуда буд. Ва хабари он чунон аст, ки вакте ки айвони Кисро тамом шуд ва имороти кох ва манзараш самти итмом ёфт, Нӯшервон чамъе аз хукамо ва нудаморо гуфт, назар кунед, ки дар ин иморат хеч айбе ва халале хаст, то ба тадоруки он амр кунам. Эшон баъд аз назар дар атрофу чавониби он ба арз расониданд, ки эй малик, ин иморатест, ки дар иртифоаш (баландӣ) камарбанди чуззомӣ (номи бурч) кушояд ва шарфаи рафиаш (кунгура) пойи шариф бар сари айвон мениҳад.

Қитъа:

Чунин бинои хумоюн фалак надид ба чашм,
Чунин иморати олӣ чахон надорад ёд.
Нахуст боргахи икбол боз кард дараш,
Даре зи хулд ба рӯи чахониён бикшод.

Хеч халале дар аркони ин айвон ва хеч залале дар атрофи он нест, илло (гайри) он ки дар гӯшаи айвон хонаест мухтасар ва кулбаи бас мухаккар (хакирона). Дуде аз равзани он вайрона бармеояд ва девори онро сиёҳу тира месозад. Агар ин сурат бартараф шавад, багоят муносиб аст ва чунин чашм захме аз ин айвон дафъ кардан лозим ва вочиб. Нӯшервон гуфт, ки ин хона

мулки пиразанест, умр гузаронида ва офтоби зиндагониаш ба сарҳади ғуруб расида. Ман дар вақте, ки асоси ин айвон мениҳодам ва меъморон тарҳи онро мекашиданд, ин ҳона монеъ буд аз он ки сатҳи пеши айвон ҳамвор бошад. Касе пеши пиразан фиристодам, ки ин кулбаро ба ҳар баҳое, ки ҳоҳӣ бифрӯш, то зар бидиҳам ё манзили ҳуштар аз ин барои ту муҳайё созам. Пиразан пайғом фиристод, ки эй малик, ман дар ин ҳона мутаваллид шудаам ва ба-д-ин кулба мустаънис (унс гирифтан) гаштаам, ҳама олами мулки ту метавонам дид. Ту ин ошёнаи муҳаққару вайронаи мухтасар бар ин гадои бенаво наметавонӣ дид. Ман аз ин суҳан мутаассир шуда, дигар ҳеҷ нагуфтам, то вақте ки айвон тамом шуд. Ҳар замон дуде аз равзаи ӯ берун меомад ва деворҳоро тираву димоғҳоро ҳира месохт. Пайғом додам, ки ин дуд чаро мекунӣ? Гуфт: – «Барои ҳуд чизе мепазам.» Ҳеҷ нагуфтам. Хоне ороста бо мурғе бирён барои ӯ фиристодам ва гуфтам, ки эй модар, ҳар шаб хоне ба анвои атъима (таомҳо) барои ту бифиристам. Ту дар ин кулбаи танг оташ мафурӯз, ки аз дуди он айвони мо сиёҳ шавад. Ҷавоб фиристод, ки дар олам чандин гурусна ва фоқазада бо чашми гирёну дили бирён бошанд ва ман мурғи бирён хӯрам, кай раво бувад? Аз офаридгори ҳуд метарсам, ки баъд аз ҳафтод сол, ки чавина ва кашкинаи ҳалол хӯрда бошам, мурғу лавзинаи (ҳалвои аз мағаи бодом тайёр кардашуда) ҳаром хӯрам. Ин кулбаи маро баркарор бигзор, ки зинати айвони адолати туст. Умаро чун бинанд, ки ту аз камоли адолат раво намедорӣ, ки кулбаи торики ман аз ман биситонӣ, дасти тасарруф ба амлоки раоё дароз накунанд. Ва дигар он ки айвони ту дер сол нахоҳад монд ва қиссаи хонаи ман муддатҳо бар сафатҳоти авроқи рӯзгор маркум (зикр) ва мастур хоҳад буд. Ман ин суханро аз ӯ писандидам ва ба ҳамсоягӣ розӣ шудам.

Овардаанд, ки пиразан говаке лоғар дошт. Ҳар сабоҳ аз хона берун кардӣ ва ба саҳро бурдӣ ва шабонгаҳ аз саҳро боз овардӣ. Ва дар ин ду вақт он гов бар рӯи фаршҳои мулавван, ки дар пеши айвон таркибу тартиб ёфта буд, мегузошт. Рӯзе яке аз нудамо гуфт: – «Эй пиразан, ин ҳаракат макун, ки номуси мулкро мешиканӣ ва асоси ҳайбати салтанатро хароб мекунӣ.» Ачуза ҷавоб дод, ки номуси мулк аз зулм мешиканад на ба адл. Бинои футуввати подшоҳӣ ба ҷаҳл хароб мешавад на ба ақл. Он чӣ мекунам, барои некномии подшоҳ мекунам ва хубфарҷомии ӯ металабам.

Ва алҳақ рост гуфта, зеро ки аз ин сурат ҳазор сол гузашта ва ҳикояти кулбаи пиразан ва айвони Нӯшервон ҳанӯз дар дафтарҳо масбут (навишта) аст ва бар забонҳо ҷорӣ.

Фард:

Ҷазои хусни амал бод, ки рӯзгор ҳанӯз,
Хароб менакунад коргоҳи Кисроро.

Дар калимоти Манучеҳр омада, ки дунё эътимодро нашояд. Оқил ӯн аст, бар иқболи дил наниҳад ва бидонад, ки ҳар киро Худо подшоҳӣ дод, ҳақи он неъмат бар ӯ фарз гашт ва ҳақи он чунон аст, ки миёни масолеҳи маошу меод (бозгашт) ҷамъ кунад, то дар дунё некном бошад ва дар уқбо хучистафарҷом:

Байт:

Бо футувват хамнишин шав, бо мурувват ёр бош,
В-он гахе аз точу тахти хеш бархурдор бош.

Овардаанд, ки Кайқубод мамлакати худро ба қуввати рои сокиб (таъсирбахш) забт кард ва нафсҳои некӯ ниҳод ва аз муосири ӯ яке он буд, ки шоирон ва маддоҳонро дӯст доштӣ ва гуфтӣ: – «Ном ба ду чиз бокӣ мемонад. Яке ба мадҳ ва дигаре ба иморат.»

Қитъа:

Гар набудӣ назми Фирдавсӣ чӣ донистӣ касе,
Базми Кайковусу разми Рустаму Исфандиёр.
Гашт аз назми Низомӣ номи Баҳроме баланд,
Шуд зи шеъри Анварӣ авсофи Санчар ошкор.

Овардаанд, ки Султон Маҳмуд боғе сохт чун равзаи ризвон дилкушо ва монанди Фирдавс барин ҳайбатафзо чун бӯстони биҳишт тозаву хуррам ва аз гояти таровату назҳат рашки гулшани Ирам.

Назм:

Басе гул шукуфта бар атрофи бот,
Барафрӯхта ҳар яке чуи чарог.
Раёҳин дамида бар атрофи ӯй,
Сабо атрбезу ҳаво мушкбӯй.
Дарахташ зи тубо диловезтар,
Гиёҳаш зи савсан забонтезтар.

Ва падари худ – Сабуктегинро зиёфат кард, ки хонсолори фалак базме ба он зебой надида буд, гӯши замон самоте ба он ороиш нашнида. Таомҳои лазиз, ки аз мавоиди хулди барин нишон медод, ҳозир кард ва шарбатҳои хушгувор, ки аз ҳаловати завқи шароб таҳур (соф, покиза) ҳикоят мекард, ба назар овард.

Маснавӣ:

Абоҳони[1] нӯшини анбарсиришт,
Хабар дод аз хӯрдаҳои биҳишт.
Зи мургони фарбеҳ, ту гӯй бисот,
Бароварда пар маргвор аз нишот.
Зи лавзинаҳову зи ҳалвои тар,
Ба танг омада тунгиҳои шакар.

Пас аз фарогати таом писар аз падар пурсид, ки ин навъ дар назари анвар чӣ навъ менамояд. Падар гуфт: – «Ҷони падар, ин навъ равза чои дилкушост, аммо аз мулозимони мо ҳар кас хоҳад мисли ин боғ тавонад сохт. Подшоҳонро бояд, ки боғ чунон созанд, ки дигареро мисли он сохтан муяссар нашавад ва мевахои он дар ҳеҷ бӯстон ба даст наояд.»

Султон фармуд, ки он кадом боғ тавонад буд. Ҷавоб дод, ки он ниҳоли тарбият ва эҳсон дар бӯстони фузалову ҳукамо ва шуаро нишондан, то самарае ҳосил куни, ки сардии зимистону гармии тобистон дар он тасарруф натавон кард. Низомии Арӯзӣ гуфтааст:

---

[1] Абобил – номи паранда, ки дар форсӣ парасту гӯянд.

Назм:

Иморатҳои олӣ сохт Маҳмуд,
Ки ҳар як ҳамсари чархи барин буд.
Набинӣ э-он ҳаме як хишт барпой,
Саноӣ Унсурӣ мондаст бар ҷой.

Ҳамчунин, қитъа:

Нӯширавон иморати боғе ҳаёл дошт,
Бузарчамеҳр гуфт: – «Ки-эй шоҳи комрон,
Обу замини мамлакат акнун ба дасти туст,
Боғе бисоз бар тарафи ҷӯйбори он.
Бехе нишон, ки давлати боқит бар диҳад,
К-ин боғи умр гоҳ баҳор асту гаҳ хазон.»

ДАР РИОЯТИ ҲУҚУҚ

Адои ҳуқуқ ба ҳама лозим аст. Чунончи омадааст, яъне ҳар кӣ падару модар аз ӯ хушнуд бошад, ҳама аз ӯ хушнуд бошанд...

Маснавӣ:

Ҷу Ҳурмуз зи Парвиз хушнуд буд,
Басе давлату ҳашматаш рӯ намуд.
Ҷу Шерӯя таъзими Хусрав накард,
Аз ӯ бодӣ нақбат баровард гард.

...Машҳур аст, ки Талҳаро воқеае афтод, ки танҳо ба қабилаи бани Қайс нузул кард. Сайиди қабила Моликибни афв буд, ӯро нашинохт ва бар бузургиву шарафи ӯ иттилоъ наёфт. Дар меҳмондорӣ ва икроми ӯ таксир шуд. Талҳа он ҷоми заҳри мазаллатро тачаррӯъ (қатра-қатра нӯшидан) кард ва он бори гаронро ба қуввати карам таҳаммул намуд. Чун аз он қабила рехлат кард, Моликро маълум шуд, ки меҳмон чӣ кас буда, шарманда шуду ба вай нома навишта аз ақиб фиристод. Мазмунаш он ки шуморо нашинохтам ва асбоби хидматгорӣ бар ваҷҳе, ки лозим бошад, муҳайё насохтам. Ин замон дил аз ин муомила реш сохт ва сар аз ин хиҷолат дар пеш.

Фард:

Чӣ гуна сар зи хиҷолат бароварам аз пеш,
Ки хидмате ба сазо барнаёмад аз дастам.

Таваққуи он дорам, ки аз таксире, ки воқеъ шуд, маъзур дорӣ ва чун шеваи карами ту муқтазои қабули узрхоҳон аст, ин хато аз ман даргузарӣ.

Байт:

Агар дар хидматат таксир дорам,
Ба фазли шомилат уммедворам.

Талҳа ҷавоб навишт. Он чӣ ба ман таваққуъ кардай аз қабули узр андеша макун, ки мурувватиман иқтизои (муносиб) он мекунад, ки ҳазор чандин гуноҳро ба як узрхоҳӣ даргузарам.

Байт:

Чун партави узр аз уфуқ рӯй намуд,
Нопайд шуда чу соя ҳар чурм, ки буд.

Аммо он сухане, ки туро нашнохтам, гуфтӣ, номустақим (ноҳамвор) аст аз шеваи карам, ки дар меҳмонӣ ва русуми икром ба ашрофу изом (бузургон) доштан қазияи мурувват ва шаммаи аҳли футувват нест. Шарти мизбонӣ он аст, ки чун офтоб бар ҳама кас яксон тобад ва монанди борон бар ҳама ҷо як тариқ борад. Агар меҳмон марди бузург аст, ҳақи бузургии ӯ ба ҷой оварда бошад. Ва агар фурӯмоя бувад эҳсону икроми худ зоҳир карда, чӣ таксир дар хидмати бузургон мӯъчиби надомат ва воситаи ҳичолат аст. Ва тафсил дар бораи номустаҳиқ сабаби бадномӣ ва пушаймонист ва дар ҳамин маънӣ гуфтаанд.

Қитъа:

Меҳмонро азиз бояд дошт,
Аз раҳи мардиву ҷавонмардӣ,
Гар бузург асту лоиқи хидмат,
Худ ҳақи ӯ ба ҷой овардӣ.
В-ар бувад сифла кас нахоҳад гуфт,
Ки чаро бо вай ин карам кардӣ.

Ҷамъе бузургон буданд, ки дар бораи хасми худ риояти меҳмондорӣ намудаанд. Чунончи дар таърих мастур (зикр) аст, ки дар Кирмон малике буд бағоят саховиву меҳмондор, пайваста дари меҳмонхонаи ӯ кушода буд ва хони эҳсони ӯ барои хосу ом ниҳода. Ҳар кӣ бар шаҳри ӯ омадӣ, бар суфраи карами ӯ нон хӯрдӣ, вазифаи чошт ва робитаи шом аз зиёфатхонаи вай бурдӣ. Вақте Азизуддавла лашкар кашида қасди вилояти ӯ кард, малик тоқати ҳарби вай надошт. Ба ҳисор даромад. Ҳар рӯз лашкари Азизуддавла бар сари ҳисор омадӣ ва ҷанги сахт кардандӣ. Ҳар шаб малики Кирмон он миқдор таом, ки лашкари Азизуддавларо кифоят будӣ фиристодӣ. Азизуддавла пайғом дод, ки рӯз ҳарб кардан ва шаб нон додан чӣ маънӣ дорад? Ҷавоб фиристод: – «Ҷанг кардан изҳори мардист ва нон додан вазифаи мардумӣ, эшон агарчи душмананд, аммо гарибу мусофир, ки ба шаҳри мананд ва мурувват набошад, ки эшон дар манзили ман нони худ хӯранд.»

Азизуддавла бигрист ва гуфт: – «Касеро, ки чандин мурувват бошад, бо вай ҳарб кардан аз бемурувватист.» Лашкар бозгардонид ва тааррузи (озор намудан) вай накард.

Фард:

Мардумӣ кун ба ҷои душману дӯст,
К-аз мурувват зиён накард касе.

Шарти дигар дар меҳмондорӣ он аст, ки агар аз меҳмон ҷурме содир шавад ё қабл аз ин хатое воқеъ шуда бошад, чун аз хону эҳсони ӯ наволае тановул намояд аз сари он гуноҳ даргузарад.

Чунончи накл аст, ки сесад асир аз душмании Маън ибни Зоир наздики ӯ овардаанд. Хост, ки ба сиёсати эшон ҳукм фармояд. Кӯдаке аз миёни асирон бархесту гуфт: – «Эй амир, ба Худо савганд, ки маро об дихӣ ва ташна накушӣ.» Маън фармуд, то ҷоми об ба дасти он кӯдак доданд. Дигар гуфт: «Эй амир, қавми ман ташнаанд. Агар ман об хӯрам эшон нахӯранд аз мурувват дур бошад ва агар об нахӯранду ташна монанд. Албатта чун сиёсат хоҳӣ кард, ҳамаро об деҳ.» Бифармуд, то ҳамаро об доданд. Чун ҳама об ошомиданд,

кӯдак бархосту гуфт: – «Эй амир, мо ҳама меҳмони ту шудем ва меҳмонро куштан расми аҳли карам нест.» Маъни аз фасоҳати вай мутааҷҷиб шуд ва ҳамаи асиронро озод кард.

Ба ин навъ ҳикояте овардаанд, ки яке аз умаро маблағи мол дар зимаи касе дошт ва он кас дар адои он дарангӣ менамуд. Ӯро ба сарҳанг супурд, ки он мол аз вай биситонад. Сарҳанг ӯро ба хонаи худ бурда ташарт (сахтӣ) менамуд ва он илтимос кард, ки маро назди амир бар, ки сухани вочибуларз дорам ба ҳидмати вай гӯям.

Сарҳангро бар вай раҳм омад ва ӯро ба хонаи амир овард. Қазоро хон кушода буданд. Сарҳанг бар сари хон биншаст ва он мардро бар сари хон бинишонд ва чун таом хӯрда шуд, амирро чашм бар он кас афтод. Сарҳангро гуфт: – «Чун ин мард меҳмон бошад ва аз хони мо тановул намуд, ӯро ранчонидан мурувват набошад. Ман он молро вай бахшидам, бигзор, то биравад.»

Қитъа:

Андар они меҳмондорӣ,
Ҳурмати меҳмон бояд дошт.
Бар лаби чӯйбори меҳмонӣ,
Чуз нихоли карам нашояд кошт.

Дигар, риояти ҳаки соилон лозим аст. Агар ба таъриз (киноя) хоҳанд... Ҳар соилро ҳақест. Агарчи бар асбе савор бошад. Ин муболига барои он аст, ки то ҳаки савол зоеъ нашавад. Дар калимоти Исавӣ омада, ки ҳар кӣ соилро ноумед гардонад, як ҳафта фариштагони раҳмат дар манзили вай наравранд. Султон Иброҳими Адҳам дар замони салтанати худ мефармуд, ки неку дӯстоннад, ин соилон, ки ба дарҳои хонаи мо меоянд, «Ки ҳеҷ доред, ки ба мо бидихед...»

Қитъа:

Гарат шодии ҳар ду кави орзуст,
Ба эҳсон дили соилон шод кун.
В-ар озодият бояд аз ҳар бало,
Фақире зи банди ғам озод кун.

Дигар, ҳаки дархости шафеон риоят бояд кард. Чи мукаррар аст, ки шафоат саволест ба забони тазарроъ. Албатта, шафеъ яке аз аъёну ашроф хоҳад. Пас, эҳтироми каломи ин навъ мардум фармудан ва сухани эшон, ки дар бораи афв тачовуз аз гуноҳи гунаҳгорон гӯянд, шунудан одати аҳли саодат бошад.

Овардаанд, ки яке аз акобир ва арбоби мучриме назди Мансури халифа шафоат кард. Мансур гуфт: «Ин каъро гуноҳи азим аст.» Он азиз гуфт: «Ман ҳам гуноҳи азимро дархост мекунам, чи аз сари гуноҳони хурд бе шафоат метавон гузашт.» Халифаро хуш омад ва шафоати ӯро қабул кард. Он мучримро бибахшид.

Байт:

Оиро, ки чунин шафеъ бошад,
Қадраш ҳама чо рафеъ бошад.

Дар «Нигористон» оварда, ки худованди қудратро афв кардан аз хатохои зердастон нишони дафъати қадр аст ва аломати ҳиммативаландӣ ва баҳонаест, ки сабаби раҳмати эшон гардад. Овардаанд, ки якеро ба хиёнате мавсум карданд. Қиссаи ӯро дар маҳкамаи вилоят ба арз расониданд. Ба ҳасби

ӯ ишорат фармуд. Мудлати мазид зикри он маҳбус аз сафаҳоти замоир маҳв шуд. Ҳеч кас аз ӯ ёд накард. Бузурге дар он рӯзгор ба мазиди ҳақгузорӣ ва шарти вафодорӣ махсу буд. Ба маҳбус муҳаббате дошт. Ба волӣ руқъа навишт. Мазмун он ки даргузаштан аз ҷалолати гунаҳгорон иқдоми эшон вазифаи марохими аҳли ихтиёр ва авотифи арбоби ихтиёр аст. Ва он фақир маҳбуси дармондаест ба меҳнат гирифтор гашта ва наздики ба ҳалокат расида ва медонам, ки карами он ҷаноб дар ҳалоси гирифторон баҳоначӯист. Агар домани исмати он зиндонӣ аз олудагии ин гуноҳ пок аст, ба халосӣ ва наҷоти ӯ ишорати олӣ ба арзонӣ бряд дошт. Агар ғубори гуноҳ бар гиребони ӯ барнишастааст ба оби авфу карам бояд шуст. Агар ғайр аз ин ду маънӣ сурати дигаре ҳаст, гуноҳи ӯро ба шафион бояд бахшид.

Қитъа:

Ба ҷавр шомилу инъоми ом бар ҳама кас,
Турост фазл чу хуршеду файз чун борон.
Манеҳ дар оташи андеша бегуноҳонро.
Ба оби афв бишӯ номаи гунаҳгорон.
В-агар чуз ин ду сифат ҳаст ҳолати дигар,
Бувад барои чунин кас шафоати ёрон.

Чун руқъа ба волӣ расид ва бар он иттилоъ ёфт дар ҷавоб навишт. Байт:

Онро, ки зи рӯи лутф дарҳост куни,
Кораш ба салоҳ орию рост куни.

...Дар сиёсати Тамғочхон мазкур аст, ки ҷавонеро ба тӯҳмати дуздӣ гирифта назди вай оварданд, ки багоят соҳибҷамол буд:

Ҳарчи бар сафҳаи андеша кашад килки ҳаёл.
Шакли марбӯъи ту зеботар аз он сохтаанд.

Подшоҳ фармуд, то бар сари ҷаҳорсӯи шаҳр дасти ӯ бабуранд. Аркони давлат фигон даргирифтанд ва дасторҳо аз сар баргирифтанд: Эй малик, аз сари гуноҳи ин ҷавон даргузар, ӯро ба шафоати мо мавқуф фармо. Малик фармуд, ки маро дар ин муҳим мадхале нест, аммо талаби қонун аст, ки дасти ӯ бибурид. Гуфтанд: – «Эй малик, чунон дасте ки ӯ дорад, буридан ҳайф аст ва моро бар он даст раҳм меояд.» Гуфт: – «Шуморо бар дасти нозуки дузд набояд гирист, балки ба дарди пурхуни соҳибколо назар бояд кард, то ин ғам бар дили шумо саҳл гардад.»

Дигар риояти ҳаки касест, ки андак ошной дошта бошад ё рӯзе хидмати реза (хурде) карда ва гарчи ин васила ба гоят андак аст, аммо назари карам онро бузург месозад ва то ба он баҳона фақиреро бинавозад.

Овардаанд, ки шахсе хонаи шахсе ба кироя ситонда буд. Рӯзе чанд он ҷо ба сар бурда, ногоҳ аз он хона берун рафт ва аз он шаҳр сафар карда ба вилояти дигар афтод ва он ҷо бар мансаби вазорат расид. Он фақир, ки хона ба ӯ ба кироя дода буд, бархосту рӯй бар хидмати ӯ ниҳод ва чун ба он шаҳр расид аз гарди роҳ рӯй ба боргоҳи вазир овард. Хост, ки ба даргоҳ дарояд. Ҳочибе истода буд, гуфт: – «Чӣ касӣ ва ба чӣ ҷуръат ба ин боргоҳ дармеоӣ?» Гуфт: – «Ошноӣ вазирам, маро ошной бар ин густохӣ медорад.» Ҳочиб пурсид, ки чӣ ошноӣ дорӣ бар вай. Гуфт: – «Вақте хона ба кироя ба ӯ дода будам. Ҳоло

омадаам, то назаре дар кори ман кунад ва маро аз пастии мазаллат ба баландии иззату ҳурмат барорад.» Ҳочиб бихандиду гуфт: «Ту марди нодон будай. Ин саҳл василаест, ки хона ба кироя дода будам. Инро ҳаҷе тасаввур кардй ва омадай, ки риояти ҳақ дарёбй. Бирав, сари хеш гиру муҳими дигаре дар пеш.» Қазоро вазир аз паси парда ин гуфтушунид истимоъ (гӯш) менамуд. Ҳочибро талабида гуфт: – «Бо кй сухан мегуфтй?» Гуфт: – «Марде омада, ки ман ошнои вазирам. Вақте хона ба кироя ба ӯ додаам. Ман ӯро маломат мекардам, ки ин сухан магӯ. Ва ба чунин саҳл василаи қурби вазир мачӯй ва таваққуи илтифот ва инъом мадор.» Вазир гуфт: – «Ғалат кардй, бирав, ӯро биёр, ки ошнои қадими ман аст. Ва ҳуқуқи хидмат дорад.» Ва ҳочиб бирафту ӯро даровард. Вазир ӯро таъзими бисёр кард ва навози бешумор ба чой оварда ва аҳволи атфоли ӯ бипурсид ва барои ҳар як тӯҳфаи табрикии бузургона тартиб дод ва ӯро дӯстком ва бо муроди тамом ба манзил баргардонид.

Маснавй:

Нур дех аз меҳру вафо синаро,
Саҳл мадон сӯҳбати деринаро.
Рӯй магардон зи рафиқони хеш,
Ёд кун аз хидмати ёрони хеш.

Овардаанд, ки Абдуллоҳи Тоҳир бори ом дода буд ва арбоби ҳочат муродоти худ арз мекарданд ва ба ҳосили мурод мурочиат менамуданд. Шахсе даромад, ки эй амир, маро бар ту ҳам ҳақи неъмат аст ва ҳам ҳақи хидмат. Таваққуъ дорам, ки ҳар ду ҳақро риоят кунй ва маро ба дараҷаи қабул расонй. Абдуллоҳ гуфт: «Ҳаққи неъмат кадом аст?» Гуфт: «Фалон рӯз дар Бағдод бо кавкобаи (кормандон) давлат аз дари хонаи ман гузар мекардй. Ман ба дари хонаи худ об задам, то гарде бар ҷомаи ту нанишинад. Неъмат он об аст, ки барои ту хок рехтам, ҳақи он мехоҳам.»

Байт:

Касе к-ӯ бар ту дорад ҳақи обе,
Фаромӯшаш макун дар хеч бобе.

Абдулло пурсид, ки ҳақи хидматат кадом аст? Гуфт: «Дар он маҳал ки ту савор мешудй, ман бидавидам ва бозуи ту гирифтам. Ту савор шудй.» Абдуллоҳ гуфт: «Рост мегӯй, ҳар ду ҳақи ту собит аст.» Пас, ӯро тартиби тамом дод.

Назм:

Бузургоне, ки аҳли иктидоранд,
Ҳама мискинанавозу ҳақгузоранд.
Зи ҷоми ҷоҳ бехушй на некуст,
Зи ҳамроҳон фаромӯшй на некуст.
Асоси макрамат бар ҳақшиносист.
Ба сурат ношиноси носипосист.

Дигар риояти ҳақи карам бар зимаи аҳли ҳимам (ҳиммат) аз қабили қарози (қарзҳост), яъне карами худ на карами дигаре аз ин сурат чунон бошад, ки шахсе хоҳад, ки бо эшон дар изҳори ҳаҷе, ки надорад хилла пеш барад ва аз муҳлика (ҳалокат) халос ёбад. Эшон онро донанд ва ба рӯи вай наёваранд ва риояти ҳақи карам карда чунон намоянд, ки он фиребро надонистаанд ва он гуррро нашнохтаанд ва он нихояти мурувват аст.

Овардаанд, ки якеро назди Зиёди Басрӣ оварданд ва ба қатли ӯ ишорат фармуд. Ҷаллод теғ баркашид ва хост, ки чашми ӯро барбандад. Бечора дарёи болоро дид, дар шӯр омада ва наҳанги аҷал даҳан боз карда тазарруъ оғоз кард, муфид наяфтод. Ба тавба истиғфор фармуд, суд надошт. Гуфт: – «Эй амир, миёни мову шумо ҳурмати ҳамсоягист ва қурби мазору ҳамсоягиро дар шаръ мурувват ва мазҳаби футувват эътибори тамом аст. Агар дар риоят ҷониби ман тақсире равад ва айбҷӯён забони таън дароз кунанд ва хӯрдагирон дари эътироз бикшоянд, ки амир ҳақи ҳамсоягӣ нигоҳ надошт ва ҳамсоягонро поймоли ҷафо кард. Амир, фикр фармоед, ки хуни чун мани заиф рехтан ва худро нишонаи тири бало кардан аз ҳамчу туе, ки дар гулшани ахлоқи ту хорон нараста ва бар домани авсофи ту ғубори ситам нанишаста аст, бадиъ (нодир) ва баъид (дур) аст.»

Қитъа:

Маро саҳл аст аз ҷон даст шустан,
Чӣ ғам гар сад чу ман нобуда гардад.
Чӣ хоҳӣ гуфт пеши нуктагирон,
Туро гар остин олуда гардад.

Зиёд дар фикр фурӯ рафт ва пайки андешаро ба атрофу ҷониб фиристод ва ба ҳеҷ ваҳҷ ошноие аз ӯ надошт. Гуфт: «Баён кун, то ҳамсоягӣ дар кадом маҳалла буда ва ҳақи ҷавор дар кадом диёр собит шуда.» Гуфт: «Хонаи падари ман дар Басра ба хонаи амир ҳамостону падарам ба мулозимони амир ҳамдостон буд.» Зиёд гуфт: – «Падари туро чӣ ном буд?» Гуфт: «Эй амир, аз ҳавли ҷон номи худро фаромӯш кардам, чӣ ҷои номи падар аст.» Зиёд бихандид ва он бечораро бахшид.

Фард:

Лаим ними гунаҳ бо ҳазор узр набахшад,
Ба як латифа каримон ҳазор ҷурм бибахшад.

Дигар риояти ҳуқуқи раоё (халқ) ба адлу эҳсон аст ва ҳуқуқи авлоду имроди вузаро ва мулозимон ва сипоҳиёну ходимон дар бобе ба охир самти гузориш хоҳад ёфт.

ДАР СӮҲБАТИ АХЁР*

Мусоҳибати некон ва маҷолисати доноён саодати абадист ва роҳнамои давлати сармадӣ!

Маснавӣ:

Меҳри покон дар миёни ҷон нишон,
Дил мадеҳ илло ба ҷамъи сархушон.
Нори хандон боғро хандон кунад,
Сӯҳбати мардонат аз мардон кунад.
Санг гар хорову гар мармар бувад,
Чун ба соҳибдил расад, гавхар бувад.

Мулуки форсро қоида он буд, ки ҳаргиз сӯҳбати эшон аз ҳукамову фузало холӣ набудӣ ва ҳеҷ ҳукм бе машварати эшон накарданди. Аз ҷиҳате, ки бинои салтанат бар адолату ростӣ ниҳодаанд, мамлакати эшон чаҳор ҳазор сол даркашид ва Султон Санҷар ҳаким Умари Хайёмро бо худ бар тахт нишондӣ ва

*Ахёр– некон, одамони хуб.

хулафои Аббосӣ бо он ки худ донишманд буданд, ҳамаи ҳаллу акди эшон ба каломи аҳли илм будӣ... ва дар хилофат номаи ... мазкур аст, ки подшоҳ касеро тавон гуфт, ки соҳиби шавкат бошад ва ҳукми ӯ бар вафқи ҳикмат бувад. Пас лозим аст, худованди қудрати комилро мутассаф шудан ба ҳикмат ва ин итсоф бар ин вачҳ даст дихад, ки чигунагии тадбиру тасарруф дар ин ҷаҳон биёмӯзад ва бар вачҳи омӯхта ба кор барад. Бар ин тақдир ӯро ба мусоҳибат ва мухолифати уламову фузало ва ҳукамову урафо майл бояд намуд ва аз ҷоҳилону гофилон ва бадҳоҳон эҳтироз боял фармуд.

Назм:

Ҳамнишине, ки латифу комил аст,
Роҳати рӯҳ асту ороми дил аст.
В-он ки нодониву гафлат васфи ӯст,
Сӯҳбаташ монанди заҳри қотил аст.

Юнониёнро расм он буда, ки ҳокими эшон касе бошад, ки илму ҳикмати ӯ аз ҳама уламову фузалои замон бештар бувад. Ё касе, ки (ба) манзури назару маҳкам(и) ҳукм марди алиму (донишманд) ҳаким бошад, то асари сӯҳбати ӯ анвори фазилат бар сафаҳоти ҳоли ӯ лоиқ гардад, ки сӯҳбатро асари азим аст. Дар ахбор омада, ки ҳамнишини нек мисли атторест, ки аз атри худ чизе ба ту надихад, боре аз роиҳати ӯ бахраманд гардӣ ва мисли қарини бад монанди кӯраи оҳангар аст, ки агар ба оташи он насӯзӣ, аммо аз дуду бухори он табъхира гардӣ.

Маснавӣ:

Даргузар аз кӯраи оҳангарон,
К- оташу дуде расад аз ҳар каран.
Рав бари аттор, ки паҳлуи ӯ,
Ҷома муаттар шавад аз бӯи ӯ.

В-аз чумлаи аҳли илму ҳикмат, ки подшоҳро ногузир аст яке фақеҳе бувад олим ва омили мутадини аҳкоми шаръро нек забт карда бошад ва масоили асливу фаръиро тамом дониста, то ба вақти фурсат дар маҷолиси ҳумоюн аз ҳалолу ҳаром сухан дарандозад...

Шеър:

Гар наояд нуктаҳо аз фикҳу фатво дар миён,
Мунҳадим гардад асоси шаръу миллат дар ҷаҳон.

Дигар носеҳи амин ва хуршеди сохибякин, ки умури хирад ба ёди вай дихад...

Ҳорунуррашид Шафиқи Балхира гуфт: – « Маро панде дех.» Шайх гуфт: – «Эй халифа, Худойро сароест, ки онро дӯзах хонанд ва туро дарбони он саро карда ва се чиз ба ту арзонӣ дошта, то ба он халқро аз дӯзах боздорӣ: молу шамшеру тозиёна. Пас, бояд ки ба мол мӯҳтоҷонро аз фока халос куни, то ба василаи зарурат мутаваҷҷеҳи махрумот нашаванд. Золимонро ба шамшер қатл куни, то мардумон аз шарри эшон эмин шаванд. Ба тозиёна фосиқонро адаб намой, то аз фиску фучур бозоянд. Агар чунин кардӣ, ту ҳам нағот ёфтӣ ва ҳам халқро нағот додӣ. Агар хилофи ин кардӣ, пеш аз ҳама ба дӯзах меравӣ ва дигарон дар пайи ту.» Ҳорун бигирист ва дасти Шафиқро бибӯсид:

Китъа:

Насихат к-он зи рӯи сидқ гӯянд,
Ба гӯши ҳар кӣ ояд дар пазирад.
Чу чон дорад ҳадиси соҳиби дил,
Равон андар дилу чон чой гирад.

Дигар табиби ҳозиқ илочро дониста ва агрози ҳукаморо захираи хотир дошта дар шифои мариз ва аз олаи аъроз ҳовӣ, (холӣ) куллиёти фан бошад ва дар изофаи анфоси Исавӣ маризеро табобат намояд.

Байт:

Тоза гардад чони бемор аз дамаш,
Рӯҳро роҳат расад аз мақдамаш.

...Дигар шоири ширинзабону зебобаён, ки дар фасоҳат гӯй аз майдони суханғузорон рабуда бошад ва дар балоғат асби аблақ аз суханварони замон бурда. Фард:

Рӯзи бозори фасоҳатро ривоҷ аз назми ӯ,
Саҳми гулзори балоғатро зи шеъраш рангу бӯ.

Китъа:

Шоиронро азиз боял дошт,
Ки аз эшон бако пазирад ном.
Шеъри Салмон нигар, ки тоза аз ӯст,
Номи султон Увайс дар айём.

Дигар, надими тозарӯйи базлагӯй, ки ба нуктаҳои латифу рангин маҳфилро биёрояд ва ба латифаҳои ширин абвоби (дари) инбисот (хушсӯҳбатӣ) ба рӯи ҳозирони маҷлис бикшояд.

Байт:

Табъро лаззат аз атрофи ӯ,
Рӯҳро ҳуҷҷат аз латоифи ӯ.

Бехтарин ҷалисӣ (нишаст) ва хуштарин анисӣ кутуби ахобир ва расоили бузургон аст. На замири хонандаро аз ӯ малол аст ва на хотири шунавандаро гулобе, ки бе марсуми вазифа мусоҳибат мекунанд ва бе нозу карашма маҷолис менамоянд.

Маснавӣ:

Ҳамнишине бех аз китоб махоҳ.
Ки мусоҳиб бувад гаҳу бегоҳ.
Роҳатафзои чону роҳати дил,
Ҳарчӣ дилхохи туст аз ӯ хосил.
Инчунин ҳамдами латиф кӣ дид,
Ки на ранче дихад на ранчонид.

Бузургон гуфтаанд, ки ҷамии халоиқ ба ақл мӯҳтоҷанд ва ақл ба таҷриба эҳтиёҷ дорад ва чи гуфтанд, ки таҷриба оинаи ақл аст, ки дар ӯ сурати масолеҳ мушоҳида мекунад ва ба таҷоруби рӯзгоре умри дарозу фароғате тамом бояд ва чун ҳукамо диданд, касрати баҳои умр мустаор ба идроки ин маънӣ вафо намекунад, чора ангехтанд ва аз рӯи мехрубонӣ тадбире бисохтанд. Ҷабри ин нуқсон ва ба мурури замон таҷрибаҳои куллӣ ба даст ояд. Пас, ахбори мулук ва салотин ва аҳволи умарову вузаро ва калимоти уламову ҳукаморо дар китоб сабт карданд.

Қисасу (киссаҳову) таърихи гузаштагонро ҷиҳати ҳиссу хутути ояндагон дар кайди тааллуқ кашиданд, то асҳоби давлат ва арбоби макнат онро дастурамали худ созанд ва ҳар як ба қадри истеъдоду қиммати худ аз мутолиаи он ҳикоят истифода намоянд, то ин мазмуну тачриба ба дигарон фоида гирифта бошанд.

Назм:

Ҳикоёту аҳволи шоҳаншоҳон,
Ривоёту ахбори корогаҳон.
Дилу дидаро равшание диҳад,
Ба илму хирад, ошной диҳад.
Зи ҳар гуна бобе суҳан гуфтаанд,
Ба алмоси таҳқиқ дурр суфтаанд.
Ба даврон басе тачриба кардаанд,
Ба ҳар кор бас ранҷҳо бурдаанд.
Ҳамон бех, ки бар кавли эшон равем,
Суханҳои пешинагон бишнавем.
Дарахте, ки гашта зи ӯ рӯзгор,
Басе оварад меваи нагз бор.
Биё то ба-д-он боғҳо пай барем.
Ва мо дам аз ин мевахо бархӯрем.

ДАР ДАФЪИ АШРОР

Чунончи майл ба сӯҳбати ахёру аброр вочиб аст, ичтинобу эҳтироз аз мачолисати ашрор ҳам лозим аст. Чи сӯҳбат ба хасби хосият муяссар мебошад, пас чунончи ӯ ҳамнишини фавоиди куллӣ ба хусул мепайванданд ва аз ихтилот бо бадон натичаҳои нолоик зуҳур меёбад. Сӯҳбати некон сабаби мазиди дил аст ва мухолифати бадон сабаби малолу надомат.

Назм:

Бо давлатиён нишин, ки хоре,
Дар сӯҳбати гул шавад баҳоре.
Бо ҳар кӣ на мукбил аст, манишин,
К-аз сар, ки нагашт ком ширин.

Ашрор ду кисманд: яке вочиб-ул-дафъ ва дигаре вочиб-ал-манъ. Аммо онҳо, ки дафъи эшон сабаби нафъи мардум ва салоҳи куллӣ дар набудани эшон аст, се гурӯҳанд: аввал, дуздон. Дафъ кардани эшон бар зимати ҳама лозим аст.

Васияти саввуми Ҳушанг ин буд, ки эй фарзанд, бояд ки арбоби фискро молидаву ранчур ва шарро саркӯбу макҳур дорӣ.

Қитъа:

То накӯшӣ ба маъзалат нашавӣ,
Ҳаргиз аз мулку салтанат шодон.
Роҳҳоро зи дузд эмин дор,
Гар ту хоҳӣ мамолик ободон.

Ҳикоят аз Амирулмӯъмин Умар дар китоби «Ҷавоҳир-ул-иморат» накл кардаанд, ки эшон гуфтанд: «Вакте дар чоҳилият ба тичорат чониби Мадоин мерафтам ва чиҳил чома аз барди Ямоӣ (матоъ) бо ман буд. Чун ба чавори

Мадоин расидам, дуздон сари роҳ гирифтанд ва маро горат карда бардҳоро бурданд ва ман ба сад меҳнат худро ба Мадоин расондам ва ба додхоҳӣ ба даргоҳи Нӯшервон рафтам. Чун сурати тазаллуми ман ба самъи (гӯши) Нӯшервон расид ва бар камоҳии ҳолоти ман иттилоъ ёфт, ҳочиберо фиристод, то дасти ман гирифта маро ба мақоме фуруд овард ва гуфт: – «Ин чо бош, то дуздеро талаб кунанд ва бардҳоро боз ситонанд.» Ман дар он висоқ мебудам ва ҳар рӯз аз матбахи хоси хоча таоми мулукона меоварданд ва пеши ман мениҳоданд ва ман ҳар рӯз ба даргоҳи Кисро мерафтам ва наззораи маросими мамлакатдорӣ ва раиятпарварӣ мекардам, то баъд аз чиҳил рӯз ба висоқ даромадам, чомаҳои бурдаро дидам ниҳода ва дасте бурида он чо афтода ва коғазе чиҳил танга зари сурхи румӣ ва бар он коғаз навишта, ки чиҳил рӯз биистодӣ, то дузди туро ба даст оварданд ва рахти ту ба назди ту расид. Ин чиҳил танга музди чиҳилрӯза интизорист чун ба вилояти худ расӣ, бояд ки аз мо шикоят накунӣ ва аз ин ҳикоят маълум мешавад, ки мулуки рафъалмикдорро дар боби дафъи дуздон ва роҳзанон эҳтимоми бисёр бувад. Пас волии одил бояд, ки роҳҳои мардумро аз хавфи дуздону роҳзанон ба ситвати сиёсат эмин созад...

Бибур дасти дузду сари роҳзан,
Ки эмин шавад роҳ бар марду зан.
Чу рах гашт эмин шавад корвон.
Зи баҳри тичорат ба ҳар сӯ равон.
Шавад шаҳр маъмуру дех низ ҳам,
Зи оинаи дил равад занги гам.

Дуюм, риндону хунрезони авбоши фитнаангез дар билод вақте ба хирарӯй ва тундхӯй дасти таарруз ба молу фарзандони мардум дароз кунанд, касе ба чиҳати ҳифзи ҳол мутаарризи эшон нашавад ва чуз ҳокими соҳибкудратро бар эшон даст набошад. Пас, қатъу қатли эшон зарурат аст.

Дар ахбор омада, ки дар шаҳри Ҳалаб риндону авбошон бисёр шуданд. Мардум аз эшон ба танг омада, назди султони Миср додхоҳӣ карданд. Султон ҳокиме Муслиҳ ном фиристод, то ба дафъи риндону авбошон иштиғол намояд. Муслиҳ биёмад ва баъзе аз ин муфсидонро сиёсат кард.

Он чамоат ба кори худ идома медоданд. Ҳол ба-д-он расид, ки дар масчиди чомеи намозгузорӣ дар пеши меҳроби вай навиштанд, ки эй Муслиҳ, худро маранчон, ки мо аз ин чумлаем, ки агар як танро бикушӣ, даҳи дигар сар бароранд. Мо куштани худро фахри худ медонем ва аз он ҳеч ор надорем.

Назм:

Мо ошиқему, кушта шудан эътибори мост,
Шамшери ишқ тез зи санги мазори мост.
Бе захми теги ишқ зи олам намеравем,
Берун шудан зи маърака бе захм ори мост.

Муслиҳ, ки ин хат бархонд, донист, ки бо эшон аз ҳиллаву тазвир дар мебояд омад. Фармуд, то дар зери хати эшон навиштанд, ки мардонагиву фарзонагии шуморо донистем ва якдилу якчиҳатии шуморо бо якдигар маълум кардем.

Фард:

Дар чигарлориву сарбозй шуморо мисл нест,
Бар чунин мардони якдил бод садхо фарин!

Ҳоло аз харчи рафт, пушаймонем ва ба макоми узрхохй даромада дар садади тарбият ва таквияти эшонем ва хозирони мачлис аз ин сухан мутааччиб шуданд ва ӯ дар таърифу тавсифи авбошу риндон машгул шуд ва даст аз хабсу кайду катли эшон кӯтох кард. Дигар рӯз аъёну ашрофи шахр наздики вай омада хостанд, ки дар боби авбош сухан гӯянд. ӯ бар эшон сабкат гирифта фармуд, ки эй азизон, мо аз куштани он чавонон пушаймонем ва багоят хайф аст мардуми далеру чолокро куштан, чи дар хар карн аз ин тоифаанд, ки пайдо мешаванд ва ман ба эшон мӯхточам, ки ахли калъаи Рум ёгй шудаанд ва маро дар дафъи эшон мардони корй мебояд. Шумо агар хаводори манед, чамоате, ки пешвои сарони ин кавманд ба назди ман ored, то ба назари тарбият махфуз созам.

Назм:

Аз ин номдорони бохушу нанг,
Қасеро ки бинам сазовори чанг,
Диҳам маркабу чавшану мигфараш,
Ба гардуни гардон расонам сараш.

Акобири Ҳалаб гуфтанд, ки сардори пешкори эшон пирест бо чаҳор писар ва ҳоло дар пайи касбу коре рафта ва аз сиёсати шумо гӯша гирифтаанд. Муслих бифармуд, то эшонро талабиданд ва таъзими бисёр ва лутфи бешумор намуда чомаи худро ба он пир дод ва писаронашро низ хилъат дода ба иноята отифат тасаллй дод. Баъд аз чанд рӯз, ки хотири эшон мутмаин ва дили эшон аз чониби ҳоким эмин шуд, Муслих бифармуд, ки ба чамии мардони хунхори айёрпеша эхтиёч аст, то эшонро тарбият кунам. Шумо ин чамоатро мешиносед ҳар киро донед, ки аз дасти вай коре ояд ва маъракаи харбро мешояд биёред, то хилъат диҳам ва эшонро ба дилхохи эшон таквият кунам. Падару фарзандон ба гоят хушдилу шодон берун омаданд. Аз атрофу чониб сесад ятими чаррор ва ринду хунхорро назди вай оварданд. Фармуд, ки эшонро фардо биёред, ки хилъат муҳайё шавад ва ҳам дар замон фармуд, то хайётонро талабида сесад чома дӯхтанд.

Мулозимони даргохи вай аъёни шахру вилоят ҳама дар ин кор ҳайрон, ки ӯро Султони Миср ба дафъи эшон фиристод ва ӯ ба хилофи амри султон дасти эшонро кавй медорад:

Байт:

Ба чои хор гулбуне нишонад,
Ба чои захр шаккар мечашонад.

Аммо чун шаб даромад, ба сесад марди бегонаи фарзонаи мардонаро муқаррар кард, ки силоҳ пӯшида дар чои хоби эшон истода бошанд, ки риндон ба он чо дароянд ҳар якеро ба катл расонанд ва рӯз, ки он чамоат ва дастбӯсй карданд, ишорат шуд, ки аз чои хоб риндон хилъат пӯшида берун оянд ва сафи хидмат баркашида камари мулозимат бар миёни хаводорй барбанданд ва ҳамон пирро ба чаҳор писар низ куштанд ва сарҳои он кавми

бесаранҷомро бар найза карда, гирди шаҳр бигардониданд ва арсаи он вилоят аз фасоди эшон пок шуд.

Байт:

Бадандеш мардум сарафканда бех,
Дарахти бад аз бех барканда бех.

Севвум, ситамгарони дилозор, ки касди молу маноли мардум кунанд ва аз сиёсати султон натарсанд, дафъи чунин касон бар подшоҳ вочиб аст, то асари шомати ӯ ба мамлакат нарасад. Натичаву оқибати ӯ дар он вилоят зуҳур накунад, ки хотимати зулм зарур аст:

Кори золим мулк вайрон кардан аст,
Оламеро дилагирён кардан аст.
Эй ниҳода тири зулм андар камон,
Кай зи шамшери бало ёбй амон.

Аммо қисми дуюм, ки вочиб-ул-манъанд тоифае бошанд ба сифатҳои носутуда ва нописандида. Ҳар оина мулокот ва маколоти эшон аҳли давлатро зиён дорад. Яке аз онҳо суханчинонанд, ки ба ахбори дурӯғу рост миёни чамъе гарди фитна барангезанд ва дӯстонро бо якдигар душман созанд...

Бузургон гуфтаанд, чун касе назди ту хабар орад, ки туро фалон чунин гуфт ё ба чои ту чунин кард, бар ту шаш чиз вочиб бошад: Аввал, он ки ӯро ростгӯй надонй. Дуюм, он ки ӯро манъ кунй. Сеюм, он ки ӯро душман дорй. Чаҳорум, ба бародарон гумон набарй. Панчум тачассуси он хабар накунй. Шашум, ҳар чй суханчин гӯяд, чунон накунй ва асл он аст, ки суханчинро назди худ роҳ надиҳй ва мутлақ сухани ӯро гӯш накунй:

Суханчинро мадеҳ дар назди худ чой,
Ки дар як дам кунад сад фитна барпой.
Суханчинро макун наздики худ ром.
Ки бад гӯяд туро ҳам дар саранчом.

Овардаанд, ки яке аз хочагони Исфахон ғуломеро мехарид, фурӯшанда гуфт: – «Ғуломи ман айбе дорад, ки суханчин аст.» Хоча гуфт: – «Суханчинии ғулом чй хоҳад буд?» Ӯро бихарид. Чун рӯзе чанд баромад, чи ғулом кадбонуро гуфт: – «Хоча туро дӯст намедорад ва зани дигар хоҳад хост.» Кадбону аз ин сухан мутагайиру мутаассир шуд.

Ғулом дид, ки сухани ӯ кор кард ва тадбири фосиди ӯ ба фасона расид. Гуфт: «Мехоҳй, ки туро дӯст дорад?» Гуфт: – «Оре, мехоҳам.» Ғулом гуфт: – «Ман тилисме медонам ва афсуне чихати муҳаббат ёд дорам, чун хоча бихуспанд устураи (қайчии) тез бардор ва аз мӯхое, ки зери маҳосини ӯст қадре ба даст ор ва ба ман дех, то афсун кунам ва муҳаббати туро дар дили вай мустаҳкам кунам.» Зан гуфт, албатта, имрӯз чунин хоҳам кард. Пас, ғулом наздики хоча омаду гуфт: – «Эй хоча, ҳаки нону намак дар миён аст ва ман чизе шунидаам, туро огоҳ месозам, то аз худ ғофил нашавй.» Гуфт: – «Он чй хабар аст?» Ғулом гуфт: – «Зани ту дӯсте дорад ва қасди ҳалоки ту кардааст. Агар хоҳй, ки ростии сухани ман бидонй, чун ба хона равй худро ба хоб соз, нигар, ки чй мебинй.» Мард ба хона рафт ва таоми чошт тановул намуда, такя бигрифт ва худро ба хоб сохт. Зан пиндошт, ки хоча хоб аст, устура ба даст гирифта маҳосини хоча боло гирифт, то мӯе чанд битарошад. Хоча дида боз

кард ва он ҳол мушоҳида намуд. Пиндошт, ки зан касди куштани ӯ дорад ва барчасту дасти зан маҳкам бигрифт ва устура аз дасти вай бистуду сарашро бурид. Хешовандони зан хабардор шуда, хоҷаро бигирифтанду ба қасос вайро бикуштанд. Ба шумии он суханчин хонумони он азиз хароб шуд.

Назм:

Миёни ду кас ҷанг чун оташ аст,
Суханчинии бадбахт хезумкаш аст.
Сияҳчоҳ мардон даруи баста пой,
Бех аз фитна бурдан зи чоҳ ба чой.

Дигар ғаммозонанд ва дидори эшон надидануву гуфтори эшон нашунидан аст.

Байт:

Надидам зи ғаммоз саргаштатар,
Нагун толеъу бахти баргаштатар.

Дар осор омада, ки ғаммоз ҳалолзода набошад. Овардаанд, ки дар банни Исроил хушксолӣ падид омад ва осори қаҳтӣ ҳосил шуд. Мӯсо бо ашрофи банни Исроил ба талаби об рафтанд ва чаҳор шабонарӯз дуо карданд, асаре иҷозат падид наёмад. Садо омад, ки агар чиҳил рӯзи дигар ҳам дуо кунед, қабул нахоҳад шуд, зеро ки дар қавми ту ғаммозест, ки шумии ӯ намегузорад. Мӯсо тамоми қавми худро аз ғаммозӣ тавба фармуд... То борон омаду қаҳтсолӣ аз миён рафт.

ҲИКОЯТ

Овардаанд, ки подшоҳе якеро тарбият мекард. Гуфт: «агар мехоҳӣ, ки рӯз ба рӯзгори ту боло гираду соат ба соат мартабаи ту бияфзояд ва назди ман аз ҳама мулозимон бакурбтар бошӣ, боят ки се кор накунӣ: аввал, дурӯғ нагӯӣ, ки дурӯғгӯ дар чашми мардум хору бекадр бошад. Дуввум, маро дар пеши ман ситоиш макун, ки ман худро бех аз ту медонам. Севвум, аз ғаммозӣ бархазар бош ва бадии ӯ дар пеши ман магӯй. Чун ман бадии эшон бишнавам бо эшон бад шавам ва хабари бадии ман бо сипоҳу ранят чун зоҳир гардад, тарсон шаванд, илтичо ба дигаре кунанд ва подшоҳи дигаре талабанд ва халал аз ин чиҳат ба мулки ман роҳ ёбад.»

Назм:

Баровад зи ғаммоз олам ба ҳам,
Халал роҳ ёбад бакайлу ҳашам.
Зи ғаммоз гардад чаҳон сарнагун,
Ки нопок чон асту тира дарун.
Чу ғаммозро дидӣ андар замон,
Ба теги сиёсат бибурраш забон.

Овардаанд, ки Нӯшервон рӯзе мачлисе орост, яке аз мулозимони Нӯшервон шахсеро пеши вай ғаммозӣ кард. Нӯшервон гуфт: «Ин суханро таҳқиқ мекунам. Агар рост аст, туро ба сабаби ғаммозӣ душман хоҳам гирифт. Ва агар дурӯғ аст, туро ба чиҳати он дур хоҳам кард ва агар тавба мекунӣ, аз ту хоҳам даргузашт.»

Гуфт:

«Тавба кардам.» Нӯшервон гуфт: «Ман афв кардам.»

Назм:

Ҳар ки ғаммозӣ кунад наздики шоҳ,
Ҳам ба назди шоҳ ғардад рӯсиёҳ,
Оламе дар оташу дуд андар ӯ,
Не Худо, не халқ хушнуданд аз ӯ.

Дигар ғурӯҳ соҳибғаразанд, ки ҳар чӣ кунанд ғараз дошта бошанд, на аз рӯи ихлосу ҳаводорӣ сухан ба арз расонанд.

Ҳушанги малик дар дастур фиристода, ки аз мутоибату мувофиқати асҳоби ғараз домани аъроз ва эҳтироз дарбояд чид, ки соҳибғаразон аз сари даъвои бемаънӣ лофи ҳавохоҳӣ зананд ва чавҳари ҳасанотро дар риштаи сайот кашанд ва феъли ҷамилу кирдори некӯро дар сурати зишт бознамоянд:

Мадеҳ рок соҳибғараз пеши хеш,
Зи соҳибғараз мешавад сина реш.
Ки ӯ чумла тазвиру макру фан аст,
Бурун дӯст дорад, дарун душман аст.

Ва чун маълум шуд, ки ғаразгӯён ба тазвире, ки тадбир ном кардаанд, бадиро ба некӯй баргузоранд ва хубиро зиштӣ дар шумор овардаанд. Пас бе таҳқиқ сухани эшонро ҳукм набояд фармуд ва дар тафаҳҳуси каломи ин қавм муболиға бояд намуд.

Маснавӣ:

Чу арбоби ғараз лаб баркушоянд,
Накӯиро ба зиштӣ менамоянд.
Ба кулли то сухан равшан нагардад,
Касе боид, ки пироман нагардад.

Искандар аз Арасту пурсид, ки мулозимати мулукро кадом тоифа мувофиқанд ва кадом фирқа нолоиқ. Ҳаким фармуд, ки лоиқи хидмати мулук касест, ки эмин бошад на хоин, зеро ки амонат сабаби иззат аст ва хиёнат мазаллат.

Байт:

Марди конеъ бузургвор бувад,
Томеъ, албатта, хору зор бувад.

Дигар, бояд ки некӯгӯй бошад, на айбҷӯй, ки одамӣ ба некӯгӯй ба ҳама ҳол маҳбубу мақбул ва ба айбҷӯй назди ҳама кас мардуду маҳзул бошад ва бояд, ки коркунанда на лофзанада, ки марди масоф мӯҳтарам асту соҳиби лофу газоф муттаҳам. Бояд ки мувофиқ бошад на мунофиқ, ки натиҷаи дӯстӣ меҳру вафост ва самараи нифоқ чавру чафо...

Ҳасад ранчест сӯзанда, к-аз ӯ оташ ба чон афтад.
Чи чои чон, ки аз ҳуссод оташ дар ҷаҳон афтад.

...Нафси ҳасуд ба ғоят хабис аст ва адҳоми асҳоби нуфуси хабисаро дар заволи неъмат асари тамом бошад, аз ин сабаб дар ҳадис омада, ки ҳасад ҳасаноти бандаро меҳӯрад, яъне ночиз мегардонад, чунончи оташ ҳезумро. Ҳасад залилтарин сифат ва хортарин хислат аст ва аслан аз дуноват (фурӯмоягӣ) ва хасосати табиат дар вучуд ояд, ки натоиҷи чаҳл андар ӯ аз ин ҷост, ки

изҳори ин сифат бар нуқсони ақл далели равшан аст, набинӣ, ки ҳасуд ҳамеша аз роҳати ғайре дар машаққате бошад:

Байт:

Дар ин ғусса чӯн медиҳад мардаке,
Ки бахри чӣ дорад вучуд он яке.

Аз ин навъ ҳар соате ҳазор шарбати заҳролуди ғаму ғусса вуҷуд мекунад ва ҳарчо касе пойи нишот бар замин ниҳад, ӯ дасти ҳасрат бар сар мезанад:

Ҳасудро ҳасади ӯ бас аст дар олам,
Ки дар билоди ғаму ранҷ дорадаш ҳардам.
Ҳасуд бар дигарон оташе барафрӯзад,
Чу нек дарнигарӣ, худ дар он миён сӯзад.

Дар боби халоки ҳасуду ҳасад ҳикоятест. Овардаанд, ки дар замони Искандар ҷонваре падид омад. бар ҳар кӣ чашм афтодӣ дарҳол ҳалок кардӣ. Искандар чандон, ки аз ҳукамо чорае ҷӯй кард, ҳеҷ кас чораи он надонист ва дафъи ин ғоила ҳеҷ навъ натавонист.

Охир аристотолие баъд аз тааммули бисёр фармуд, ки ман чорае ангехтам ва тадбире кардам, ки ин бало дафъ шавад ва ин офат аз халқ қатъ гардад. Пас, бифармуд то оинае сохтанд ба миқдори он ки одамӣ дар паси он маҳфӣ тавонад буд... Он ҷонвар ба-д-он тараф мутаваҷҷеҳ шуд ва назараш бар оина афтод ва сурати худро дид. Чун наздик расид, бияфтоду бимурд. Искандарро аз ин ҳол огоҳ карданд.

Аз ҳаким пурсид, ки ин кор чӣ ҳикмат буд? Гуфт: «Эй малик, ҷонвар чандин қудрат дошт, дар оина акси худро дида ҳасуди худ ӯро кушт »

Мард ҳарчанд дар ҳунар кӯшад,
Баҳил он чумларо фурӯ пӯшад.
Аз баҳилони тиродил бигрез,
Дар каримони покчон омез.

Дар «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт» овардаанд, ки салотин мардуми баҳилро мулозими худ насозанд, ки аз эшон хиҷолат расад. Чунончи қавлест, ки Амр ибни Лайс вакиле дошт, марде баҳил буд. Вақте меваҳо сармо бибурд ва Амр гуфт, мева ҳар кучо ёбед, бихаред ва харҷ кунед. Рӯзе Амр ҷашне сохта буд ва маҳфиле ороста. Дар ин маҳфил расулон аз атрофу ҷониб расида буданд ва ҳама ҷамъ омаданд ва чамии асбоби зиёфат муҳайё буд, ҷуз мева, ки бисёр андак ба назар омад. Амр вакили худро гуфт: – «Мева бисёр биёвар.» Ӯ андаке низ овард, Амрро ин ҳаракат бад омад ва гуфт: – «Бирав, меваи бисёр биёвар!»

Окибат Амр он мумсикро, ки назди меҳмонон ӯро шармсор кард, аз дарбор сохт.

Байт:

Наздики акобири ҳунарвар,
Айбе набувад зи бухл бадтар.

Севвум, аз он чамоат, ки лоики мулозамат нестанд, мардуми дунхиммат ва сифла бошанд ва чун ҳиммати салотин олӣ бояд, пас мардуми дуну сифла

дар хидмати эшон нашояд. Гуфтаанд, аз мумсики бахил сифла бадтар бошад, зеро ки бахил он бошад, ки карам надорад, аммо аз моли худ баҳра дорад ва мумсик он аст, ки худ наҳӯрда ва ба касе карам накунад ва сифла на худ хӯрад ва на ба касе карам кунад ва нахоҳад, ки касе бо касе карам кунад.

Овардаанд, ки подшоҳе буд бағоят ҷавонмарду бахшанда. Рӯзе бо яке аз наздикони худ фармуд, ки маро орзуст, ки ҳазор-ҳазор дирам ба яке бибахшам. Ту чӣ мегӯй?

Гуфт: – «Ин миқдор мол бисёр аст. Ин маблағ ба сад кас бас аст.»

Гуфт: – «Нисф аз ин ато кунам, чун бошад?»

Гуфт: – «Ҳанӯз бисёр аст.»

Гуфт: – «Сулсе (аз се як қисм) тавон бахшид?»

Гуфт: – «Бисёр аст.»

Гуфт: – «Дар рубъ (аз чор як) чӣ мегӯй?»

Гуфт: – «Ҳанӯз рӯй дар касрат дорад ва алқисса, бар ашр (аз ҳашт як) карор дод, ки сад ҳазор дирам бошад.»

Гуфт: – «Агарчӣ бисёр аст магар ба як кас мебояд дод.»

Подшоҳ фармуд, ки эй бедавлат ман бихостам, ки ин маблағ ба ту арзонӣ кунам, худро маҳрӯм сохтӣ ва маро аз саховат боздоштӣ. Он мард ба тазаррӯъ даромад, ки эй малик, ман хато кардам. Султон аз карами худ нагардад. Султон фармуд, ту сифлай на лоиқи укубатӣ ва на қобили атият (ато). Ҳам худро зиён дорӣ ва ҳам маро. Зиёни ман он аст, ки агар он қадар мол ба ту бахшидаме дар саховат алам (байрақ) шудаме ва то инқирози дунё караму муруввати ман боқӣ мондӣ ва зиёни ту ин аст, ки аз чандин мол маҳрум шудӣ. Акнун сад ҳазор дирам бахши худ бар он қарор додӣ бистон ва дигар дар мачлиси мо чунин сафлагӣ макун!

Назм:

Сифла нахоҳад дигареро ба ком,
Хас нагузорад магасеро ба чом.
Сифла сияхрӯ буваду бадниҳод.
Ҳоки сияҳ бар сари ҳар сифла бод.

Чаҳорум, аз он ғайбатгаронанд, ки зикри ҳар кас дар миён ояд хоҳанд, ки аз мусовии он чизе боз гӯянд, ки агар он баёни воқеист, ғайбат бошад. Ва агар ғайри воқеъ аст, ҳам бӯҳтон бошад ва ҳам ғайбат.

Дар хабар омада, ки укубати ғайбат аз зино сахттар аст. Дар хабар омадааст, ки баъзе аз шумо баъзеро ғайбат бикунанд. Оё дӯст дорад касе, ки гӯшти бародари мурдаи худро хӯрад. Ин гояти таҳдид аст ва аз ин чо маълум мешавад, ки ғайбатгӯён монанди мурдахӯр бошанд ва ҳар киро рӯҳияи инсоният дорад, аз мурда бипарҳезад ва аз мурдор бигрезад.

Байт:

Аз ғайбати мардумон бипарҳез,
В-аз мардуми айбчӯй бигрез.

Овардаанд, ки яке аз пайғамбарони ғайри мурсал буд, чизҳо дар хоб ба ӯ менамуданд ва нидое мешуниданд. Шабе дар хоб дид, ки чу бомдод бархезӣ дар фалон сахро гузар кун, нахустин чизе, ки туро пеш ояд бихӯр, дуввум

чизе, ки бинӣ пинҳон кун, саввум чизе, ки дар пеш ояд нигоҳ дор, чаҳорумро ноумед нагардон, панҷум чизе, ки дар назар дорояд, аз ӯ бигурез. Чун бомдод шуд бархост ва ба он саҳро, ки маъмур буд, равон шуд. Аввал чизе, ки пеш омад кӯҳи баланду бузурги сиёҳранг буд, он шахс мутаҳайир шуд, ки он лукмаро чӣ гуна тавон хӯрд. Ба тарафи кӯҳ равона шуд, ки кӯҳро бихӯрад. Чун ба наздик расид, дид, ки кӯҳе ба-д-он азамат лукмаи хурд шуда буд. Онро бардошту бихӯрд. Ширинтар аз ангубин ва хушбӯтар аз мушк ва аз он ҷо пеш рафт. Таште дид, зарин ба роҳ афканда. Гуфт: – «Маро амр кардаанд, ки инро пинҳон дор. Пас дар зери замин ҳафр канд ва ниҳон кард ва хоки бисёр бар болои ӯ рехт ва бигузашт. Ҳанӯз ду қадам нарафта буд, ки дид он ташт ба рӯи замин аст, дигарбора биомад ва ҳафр дуртар канд ва пинҳон сохт. Саввум бор дар ихфои (пинҳон кардан) он муболигаи зиёде намуд, боз зоҳир гардид. Шахс бо худ гуфт:

– Маро гуфта буданд, ки пинҳон кун, ман кори худ кардам ва он чӣ фармуда буданд ба ҷой овардам.

Аз он ҷо даргузашт, мурғе дид, ки аз бозе ҳаросон шуда ба шитоб мепарад. Гуфт: «Маро нигоҳ дор, ки душман дар кафои ман аст.»

Шахс ӯро дар гиребони худ пинҳон кард ва дарҳол бози хашмолудаву гурусна бирасид. Гуфт: «Ё набӣ, имрӯз ҳама рӯз дар талаби ин сайд будам, сайди ман паноҳ ба ту овард ва ман бағоят гурусна-ам, маро ноумед макун аз рӯзии ман.»

Шайх бо худ гуфт: – «Ба ман гуфтанд, ки инро нигоҳ дор ва дигареро ноумед магзор, акнун чӣ кунам?» Корд баркашид ва кадре гӯшт аз рони худ буриду ба сӯи боз андохт. Боз гӯштро бардошту мурғро бигузошт. Он шахс пештар шуд мурдоре дид афтода ва ганда шуда аз вай бигурехт.

Аммо чун шаб даромад, шахс муноҷот кард: «Аллоҳ, он чӣ фармудӣ ба ҷой овардам, ҳиҳмати инҳо маро маълум гардон.»

Нидо расид, ки он кӯҳи азим, ки дидӣ ва як лукма шуду бихӯрдӣ он хашм аст. Аввал азим намояд ва чун бихӯрдӣ ширинтар аз ҳама ширинихост. Дуввум, он ташти зарин, ки ҳарчанд пинҳон мекардӣ, ошкор шуд, хайр аст. Ҳарчанд кас хоҳад, ки некиро махфӣ бидорад, албатта зоҳир мешавад. Он саввумро маънӣ он аст, ки ҳар кӣ паноҳ орад, дар паноҳ гирӣ ва ҳар кас туро эмин кунад, хиёнат дар амонат раво надорӣ. Маънии чаҳорум он аст, ки чун касе аз ту чизе талабад чаҳд кун, то хоҷати ӯро раво гардонӣ. Панҷум, он мурдори ганда, ки дидӣ ғайбат буд, зинҳор аз ғайбат бигурезӣ, ки ғайбат кирдори некро ботил гардонад.

Марон ғайбати ҳеҷ кас бар забон,
Ки тоат зи ғайбат фитад дар миён.
Ба ҳар ғайбате тоате кам шавад,
Зи ғайбаттарӣ кор барҳам шавад.

Ва сӯҳбати мулук бояд, ки аз лавси (олудагӣ) ғайбаттару бӯҳтонгӯӣ пок бошад. Чунончи гуфтани ғайбат ҳаром аст, шунидани он низ раво нест, ки азоби ғайбатшунаванда баробар аст бо азоби ғайбаткунанда.

Гӯшу забон дар раҳи ғайбат манеҳ,
Аз бади кас гӯшу забон пок беҳ.

Ва қабл аз ин нуқта дар боби ғайбат гуфта будам.

Панҷум, аз касоне, ки сазовори даргоҳи мулук набошанд, мардуми ноҳақшиноси ва ғаррори носипосанд, ки ҳуқуқи валинеъматро нашиносанд ва шукри мунъимро ба куфрон мубаддал созанд ва ҳамеша ин ҷамоат сарнагуну мақҳур бошанд ва аз дилҳои ошнову бегона на дари бахти эшон бедор бошад, на давлати эшон пойдор.

Қитъа:

Касе к-ӯ мекунад неъмат фаромӯш,
Аз ӯ кардан фаромӯшӣ савоб аст.
Аз он к-ӯ ҳақ намедонад, бипарҳез,
Ки рӯҳ аз сӯҳбати ӯ дар азоб аст.

Нақл аст, Мӯътазиди халифа гуфта, ки ҳар теғи забон, ки дар шукргузорӣ кунд бошад, ӯро ба забони теғи тез сазо боял дод.

Ҳаққи нону намак табаҳ кардан,
Бишканад мардро сару гардан,
Бо валинеъмат ар бурун ояд.
Гар сипеҳр аст сарнагун боял,
Ҳақшиносӣ бузургвор кунад,
Носипосӣ зи пой дарфиканад.

Шашум, дурӯғгӯёнеанд, ки кизб (дурӯғ) пеши ҳеҷ кас писандида нест ва марди дурӯғгӯй беобрӯй бошад. Дар китоби ахлоқ овардаанд, ки дар мачлиси Фузайли вазир миёни ду надим, ки яке Носир ном дошт ва яке Соқиб мубоҳисае вокеъ шуд. Қадами мазоҳ ва мутоиба бар бисоти инбисот ниҳоданд. Кор аз мухотиба ба мулоиба анҷомид ва ҳам мулоиба ба музориа расид, чунончи ба зарбаи дасти Носир аммома аз сари Соқиб ҷудо гашт.

Соқиб ба риоят мутағайир шуда, асари ғазаб бар рухсораи вай падид омад. Вазир гуфт:

– Аз чӣ чиз хашм гирифтӣ? Миёни надимон аз инҳо бисёр вокеъ мешавад. Соқиб гуфт:

– Чӣ гуна дар ғазаб набошам, ки обрӯи ман дар мачлиси чун туе рехта шуд. Фузайл гуфт:

– Кор бар худ осон гир ва ин вокеаро ба дили худ сахл кун, ки обрӯи ту дар пеши ман он рӯз рехта шуд, ки гуфтӣ:

– Уштури ман маро дар як шаб аз Марв ба Нишопур расонид.

Назм:

Маъфрӯз харгиз чароги дурӯғ,
Чароги дурӯғ аст бас бе фурӯғ.
Ту аз кизбу таъзим ҳурмат мачӯй.
К-аз он обрӯ мешавад оби чӯй.

Ҳафтум, мардумони бисёргӯи парешонсухан низ лоики ҳидмат нестанд. Зеро ки ҳар кӣ бисёр калом кунад, ӯро кадр намонад ва дар хабар омада, ки дар сухани бисёр галату сақати бисёр аст. Бузургмеҳр гуфтааст: Чун мард ба

бисёр гуфтан ҳарис мебуд якин бояд шуд ба чунини ӯ, яъне ба якин бидон, ки девона аст ва дар масала омада, ки бисёргӯй беҳудагӯй аст...

Маснавӣ:

Аблаҳе ар сарфаи зар мекунӣ,
Сарфаи гуфтор кун, ар мекунӣ.
Чанд зи поси дирам афтӣ ба ранҷ,
Поси суҳан дор, ки ин аст ганҷ.
Гуфтани бефоида тарки ҳаёст,
Қавли мувофиқ сифати анбиёст.
Ҳар чи ба ҳангом нагӯяд касе,
Хомӯшӣ аз гуфт накӯтар басе.
Не ҳама гуфтор зи эҳсон хуш аст,
Ҳар чӣ писандида бувад, он хуш аст.

Овардаанд, ки се подшоҳ дар мачлиси Нӯшервон ҳозир шуданд: Қайсари Рум, Хоқони Чин ва Дорои Ҳинд. Нӯшервон фармуд, ки қариҳо бояд, ки то чунин мачмӯе даст диҳад. Биёед, то ҳар яке суҳане бигӯем ва дарег бувад, ки аз мо асаре бар саҳифаи рӯзгор ёдгор намонад:

Фард:

Дар ин сарои куҳан хӯй кун ба хушсуханӣ,
Ки беҳтар аз суҳани хуб ёдгоре нест.

Эшон ишорет ба Кисро карданд, ки аввал шумо калом фармоед. Нушервон аз дурчи фикр чавҳари обдору гавҳари шоҳвор ба табаки баён нихода, гуфт: – «Ҳаргиз бар суҳани нагуфта пушаймон набудаам ва бар баъзе суҳанон, ки гуфта шуда бисёр надомат хӯрдаам.» Қайсари Рум дар ҳазонаи хаёл назар фармуда ва ин киссаи тамом нисори мачлиси шаҳриёр намуд, ки он чи нагуфтаам, тавонистам, ки бигӯям ва он чӣ гуфтам, бар он қодир набудам. Яъне ҳар тири суҳан, ки аз шасти баён чудо нашудааст, қудрати он дорад, ки ҳар гоҳ хоҳам ба ҳадаф расонам. Аммо чун аз такрир берун шуд, боз натавонам гардонид.

Хоқони Чин нофаи сари баҳри баён бикшод ва бар он чӣ ин шамомаи машоми ҳуззори мачлиси салтанатро муаттар сохт, ки чун суҳан нагӯям ӯ зердасти ман аст ва ман бар ӯ голибон ва чун гуфта шуд, ман зердасти ӯям ва ӯ забардасти ман аст ва бар ӯ чира натавонам шуд. Яъне то арӯси суҳан дар паси пардаи тусг, машшотаи машиятро ихтиёр боқист. Агар хоҳад бар сарири нуткаш чилва диҳад ва агар хоҳад, дар никоби адамаш бидорад, аммо чун аз паси ҳичоб берун ояд ва парда аз чамол бардошт ва дигараш ба хилватхонае натавон фиристод ва ройи Ҳинд аз риёзати гуфтори худ ин гули хушбӯ ва ин райҳони дилчӯ чида ба заҳматгоҳи фасоҳат овард, ки ҳар калима, ки мебояд гуфт вай ё ба ранҷ савоб аст ё дар маърази хитоб! Агар савоб аст, қоил дар ӯҳдаи он суҳан мемонад, то аз ӯҳда берун тавонад омад ё не.

Агар хатост, ҳеч фоидае надорад, пас дар ҳар ду ҳол хомӯшӣ авлост:

Ба пире расидам дар акоси Юнон,
Ба-д-ӯ гуфтам, эй он ки бо аклу хушӣ.
Зи мардум чӣ беҳтар ба ҳар ҳол гуфто:
Хамӯшӣ, хамӯшӣ, хамӯшӣ, хамӯшӣ!

Ҳукамои мутаохир гуфтаанд, хамӯшӣ бех аз сухани бад аст ва сухани нек бех аз хомӯшист:

Назар кардам ба чашми аклу дониш,
Надидам бех зи хомӯшӣ хисоле.
Нагӯям лаб бибанду дида барӯз,
Валекин хар макомеро маколе.

ДАР ТАРБИЯТИ ХАДАМ ВА ҲАШАМ

Ин боб муштамил бар ду кисм аст. Қисми аввал, дар тарбияти мулук мар мутааллиқон ва мулозимонро. Қисми дуюм, одобе, ки мулозимони султонро риоят бояд фармуд.

ҚИСМИ АВВАЛ

Ҳукамо гуфтаанд: Султонро аз аркони давлат ва сардорони ҳазрат ва соири мулозимон ва мутааллиқон гузир нест. Аз барои он ки хар касе, ки баъзе аз мамолики арсаи замин дар арсаи тасхири вай бошад ва чамъе аз одамиён дар қайди тасарруфи ӯ бошанд, мар ӯро зарур аст, ки назар дар чузъиёт ва куллиёти мамлакати худ бар қонун эҳтиёт бикунад ва аз рӯи якину фаврӣ умури раоё ва зердастон бирасад. Ва ҳоли хар яке аз аъёну авсоти мамлакати худ бидонад. Дар таҳқиқи ин амр ду гӯш ва ду чашм кифоят нест, балки гӯши бисёр ва чашми бешумор лозим аст. Пас, бояд ки чамъе донову ҳушманд, нексиришту бетамаъ ва баландҳиммат лозими вай бошанд. То молики гӯшҳо ва чашмҳои хама бошад. То ба гӯши хама ахбори мамолик бишнавад ва ба дидаи мачмӯъ дар ҳақоики муҳимот назар кунад. Ва ҳароина ин чамъро, ки дар истимои ахбор мутаннавъ ва мушоҳидаи атвори гуногун ба масобаи самъу басаранд, риояти куллӣ бояд кард. То аз кори худ боз намонад ва пайваста ба расонидани ахбори ва арз кардани аҳвол машғул бошанд, ки ҳеч чиз мулукро зиёнтар аз ин нест, ки ахбори атрофи вилоят ва сурати ҳоли раият аз султон мунқатеъ гардад. Дар китоби «Сироч-ул-мулук» овардаанд, ки Нӯшервон аз мӯбади мӯбадон (донишманд ва соҳиби дайри оташ) пурсид, ки заволи мулк дар чӣ чиз аст? Гуфт: – «Дар се чиз. Аввал, дар пӯшидани хабарҳо аз подшоҳ. Дуввум, тарбияти мардуми фурӯмоя. Саввум, дар зулми амалдорон.» Нӯшервон гуфт: – «Ба чӣ далел ин суҳан мегӯй?» Ҷавоб дод, ки чун хабари вилоят ва раъият аз султон инқитоъ ёбад ва аз дасти душман фориғу ғофил бошад, ҳар кас ҳар чӣ хоҳад кунад ва чун ӯ бехабар аст, анвои фитна аз ҳар гӯша барзанад ва мамлакат дар сари аҳли фитна равад. Дигар, мардуми дун ва арзал (разил) чун тарбият ёбанд, аз диноят (сифлагӣ) ба ҳиммати чамъи мол ҳарис бошанд ва ба ҳар кас тамаъ кунанд, кадри акобир ва ашроф нашносанд, ҳурмати мардуми бузург фурӯ гузоранд ва дилҳои халоиқ ба сабаби ин ахлоқ ранчида шавад. Лочарам ҳимматҳо баргуморанд, то аз мураббӣ ва музаббӣ халосӣ рӯй намояд. Аз ин чо гуфтаанд: «Завол-уд-давлати би иртифоъис- сиф-

лати» (Заволи давлат афзоиши бехирадон аст) . Чун сифларо тараққй даст дихад, давлат рӯй ба таназзул нихад.

Гуфтаанд, маснавй:

Гар сифа ба чох даст ёбад,
Бозори малак шикаст ёбад.
Дунон на саъои чох бошанд,
Бал дархӯри банду чох бошанд.

Ва дигар уммол (амолдорон), чун бар раъият ситам кунанд, ниятхо бо подшоҳ бад шавад аа аз зироат ва аморат малулу мутанаффир гарданд ва мудохили султон кам гардад, озука ба лашкар кам расад ва чун лашкаре озука наёбад, сар аз хидмат тобад ва агар душман падид ояд, ёру мададгор андак буда, ба-д-ин чиҳат мулк аз даст биравад ва дар ин боб гуфтаанд.

Назм:

Зулми омил чаҳон хароб кунад,
Дили мазлумро кабоб кунад.
Андар орад ба кохи мулк шикаст,
Домани офият равад аз даст.

Нӯшервон мӯбадро саио гуфт ва фармуд, то ин калимотро ба оби зар навиштанд. Боз гуфтаанд, ки касри салтанатро чаҳор коима (поя) аст, агар яке набошад муҳимоти мулк чорй нагардад. Аввал, амире, ки атрофи мамлакатро мухотаб кунад ва шарри душманонро аз шоҳу раият боздорад. Дуввум, вазире, ки ҳизматгорони султон ва мулозимони вайро тарбият дихад ва мол аз чойгоҳ бистонад ва ба чойгоҳ харч кунад. Саввум, ҳокиме, ки аз тарафи султон тафтиши аҳволи халқ намояд. Доди заиф аз қавй бистонад, аҳли фисқу фучурро зор ва макҳур (дар каҳр) дорад. Чаҳорум, сохибхабари амин, ки пайваста ахбори шахру вилоят ва ҳолоти аъёну раият ба ҳазрати султон арз намояд. Филчумла чамъе, ки султонро аз эшон чора нест ё арбоби сайфанд: чун амирҳову элчиён ва сипоҳиёну монанди он, ё асҳоби қаламанд: чун вузаро, муставфиён, чорасозон ва амалдорон. Тартиби мачмӯи инхо аз рӯи иҷмол он аст, ки ҳамаро ба чашми шафқат ва айни отифат бинад ва он чи ҳар якеро зарур аст, ба-д-он мӯҳточ бошанд, аз эшон бознадорад ва ҳар кадам аз ӯҳдаву муҳиме, ки махфуз ба ӯ бошад, солим бурун ояд, кори худ бар вачҳе, ки бояду шояд, бисозад ва ӯро навозиш фармояд ва ҳар кй дар муҳиме таҳовун намояд ва тагофул варзад, аввал ӯро ба насиҳат огоҳ гардонад ва агар манъ нагардад, ба насиҳат гӯшмол дихад ва ҳаргиз дар пайи изҳори айбҳо ва мукобихи (кабоҳати) мулозимон набошад ва ба шодии эшон изҳори баҳчат (шодмонй) ва масаррат намояд ва ба масоиб ва андӯҳи эшон андӯҳу малол зохир намояд, ҳар якро дар тарбият ва таквият ба мартабаи хос нигоҳ дорад, ки касе бо ӯ дар он мартаба шарик набошад, томиёни мулозимон кинаву ҳасад пайдо нагардад ва агар муҳими баъзе аз эшон ба низоъ ва ҷидол анчомад, ба зудй дафъ намояд, то моддаи хусумат қавй нагардад, ки аз эшон фасодоти куллй рӯй намояд. Бузургон фармудаанд, ки «инкитоъи (кандашавй) сарриштаи мамлакат вобаста ба ҳизои умаро ва вузорост.»

Назм:

Чу як дил набошанд аъёни шох,
Шавад кори шоҳу раият табох.
Зи аркони давлат назебад низоъ,
Ки истеза орад алал-инкитоъ.
Ситеза ба чое расонад сухан
Ки вайрон кунад хонадони кухан.

Баҳиман аз ҳакиме пурсид, ки асоси тарбияти мулозимон ба чӣ чиз бояд намуд? Ҷавоб дод, бар ду чиз бояд намуд. Яке лутф ва яке қаҳр бояд, ки ҳамеша асари қаҳр ва назари лутфи султон ба худдом (ходим) зоҳир бошад. Ба қаҳр бигиряд, то далер нашаванд ва ба лутф даргузорад, то ноумед нагарданд. Дар «Нигористон» оварда, ки: «Тариқи ҳикмат дар тарбият он аст, ки ба нармӣ ва оҳистагӣ агар коре муяссар шавад, дар он вақт ташаддуд (дуруштӣ) ва сахтӣ набояд намуд ва агар ба хушунат (дагалӣ) ва сахтӣ ҳочат афтад, рифқу нармӣ набояд фармуд, ки чароҳатро тавонад буд, ки ба неши эҳтиёҷ беш афтад, аз он ки ба марҳам.»

Қитъа:

Ҳамеша раҳи лутф натвон гирифт,
Дар абру фикан чин ба ҳангоми хеш.
Нибинӣ, ки марҳам наояд ба кор,
Чу гардад чароҳат сазовори неш.

Ҳукамо фармудаанд, ки ҳар киро султон хоҳад, ки тарбият кунад, то борҳо нақди ҳоли вайро бар маҳаки имтиҳон назанад ва саёри кори вайро ба тамомӣ надонад, ба дидаи тарбият дар вай назар накунад, ки бисёр вақт номустаъидеро тарбият кардаанд ва чун бар ахлоқу аҳволи вай иттилоъ ҳосил шуд ба зарурат аз назар андохтаанд...

Ва чунончи бардоштаро ба зудӣ биафгандан муносиб нест, ба зудӣ хушнуд шудан аз касе, ки бар ӯ хашм гирифтаанд, ҳам маҳмул ба ҳиффат (сабукӣ) аст, чӣ миёни хашму ризо бояд, ки муддате бигузарад, то азму суботи (истодагарӣ) подшоҳ зоҳир гардад. Овардаанд, ки рӯзе яке аз хулафо бо вазире сухан мегуфт, дар аснои муколама аз вай калимае шунид, ки муносиб набуд. Фармуд, ки ӯро аз мачлис берун карданд. Он бечора умед аз зиндагонӣ бурида дар гӯшаи кошона нишаст ва ба ноком шарбати талхи сабру таҳаммул тачарруз (култ-култ нӯшидан) карда, мегуфт.

Байт:

Дило, зи ҳоли бади худ чазаъ[1] макун зинҳор,
Сабур бош, ки некӯ шавад ба охир кор.

Аммо чун муддати муҳочират дер кашид ва кор ба чону корд ба устухон расид, қиссаи худро навишта ба яке аз маҳрамони вилоят дод, то ба вақти фурсат ба мавқифи арз расонад. Халифа бихандиду гуфт: – «Ӯро чандон гуноҳе нест, ки мӯчиби ҳирмон (махрумӣ) бошад.» Гуфт: – «Чун, чунин аст чӣ шавад, ки он бечораро дар мачлиси ҳумоюн роҳ диҳанд.» Халифа фармуд: – «Ҳар коре ба вакте бозбаста аст ва ҳар муҳиме ба замоне мавқуф монда, ки то замони он муҳим дарнаояд ва вақти он кор дарнарасад, чаҳду кӯшиш фоида надорад.»

[1] Чазъ – бекарорӣ.

Байт:

То дар нарасад ваъдаи ҳар кор, ки ҳаст
Суде накунад ёрии ҳар ёр, ки ҳаст.

Баъд аз як сол ӯро талабид ва хилъат дод. Гуфт: – «Чун султон касеро бузург гардонад, ба ҳамон назари аввал дар вай бингарад, зеро ки чун молу манол ва иктидор ёфт, ӯро ба дарачаи аввал боз натавон бурд ва агар хоҳад, ки ӯро хурд гардонад, ба тадриҷ ва таанний (оҳистагӣ) дар пайи он кор бояд рафт ва илло халалҳо падид оянд.»

Байт:

Баронаш маёвар ба якборагӣ,
Ки чонро бикӯшад ба бечорагӣ.

Нӯшервон аз Бузургмеҳр пурсид: «Лоиқи тарбия кист?» Фармуд: «Касеро тарбият бояд кард, ки адабе дорад ё насабе ва ҳар кӣ насаби софил (паст) дорад ба ҳукми «Куллу шайин ярҷиъу ило аслиҳи» ручӯъ ба асл ҳуд мекунад. Дар ҳикоят овардаанд, ки «Марде буд Заккӣ ном аз хонадони бузург, бо насаби олӣ ва адаби комил. Канизаки румӣ харид Нӯшоба ном. Бисёр бадҳӯй ва ниҳоят баҳоначӯйи ситезарӯй. Заккӣ ба мулки Яман ба Нӯшоба тасарруф кард. Писаре аз ӯ мутаваллид шуд. Рӯзе ҳакиме дар сӯҳбати Заккӣ нишаста буд ва фарзанди Заккӣ ҳозир шуд. Заккӣ ӯро коре фармуд. Он писар дарҳол бархост ва равон шуд. Чун гоме чанд бирафт ва бозгашт ва дар мачлис омада нишаст. Ҳозирон мутаҷҷиб шуданд ва гуфтанд: «Имтисоли (фармонбардорӣ) аввалро чӣ сабаб буд ва ичтиноби соний ба чӣ ҷиҳат рӯй намуд?» Он ҳаким бихандиду гуфт: «Заккӣ хост, ки фармон барад ва Нӯшоба нагузошт.» Асари ҳар ду чавҳар зоҳир шуд. Чунончи дар сафедӣ ва сиёҳӣ фарзанд ба падар ва модар мушобеҳ мебошад. Дар разолат ва начобат низ ҳамон қиёс бояд кард ва дар ин боб ҳаким Фирдавсӣ фармуд.

Назм:

Дарахте, ки талх аст вайро сиришт,
Гараш дарнишонӣ ба боғи бихишт.
Вар аз чӯйи хулдаш ба ҳангоми об,
Ба бех ангубин резию шаҳди ноб
Саранҷом гавҳар ба кор оварад,
Ҳамон меваи талх бор оварад.

Гуфтаанд, нафси хабисро парваридан, обрӯи худ бурдан аст. Чӣ ҳаром аст бар касе, ки аз нутфаи хабис дар вучуд омада бошад, ки аз дунё интикол кунад бадӣ нокарда ба чони касе, ки ба ӯ некӯй карда бошад.

Фард:

Бадасаро чӣ гуна касе тарбият кунад,
Дар чайби худ чӣ гуна касе мор парварад.

Нуктаи дигар дар тарбияти мулозимон он аст, ки як касро ду амал надиҳад, балки барои ҳар касе мансабе ихтиёр кунад, то ҳама мулозимон умедвор бошанд ва ду касро як амал низ нафармояд, ки чун ширкат падид оянд, амал бар мурод сохтаву пардохта нагардад.

Қитъа:

На як кас тавонад, ки созад ду кор,
Ки онро писанданд арбоби хуш.
Ду кас низ дар як амал зоъанд,
Ки деге ба ширкат наояд ба чўш.

Чун аз тарбияти иҷмол фарогате рўй намуд, се нукта аз тафосили он муракқам мегардад ва муқаддам бар хама тарбияти авлод аст. Дар «Захират-ул-мулук» фармуда, ки фарзанд амонати ҳақ аст назди волидайн, дар арсаи махшар – мутолабаи ҳукуқи ин амонат хоҳад буд. Ин амонат оинае аст, ки сувари ҷамии нафоис ва камолотро қобил аст ва чавхари ҳақиқати ўро ба ҳар чй майл диҳанд, моил гардад. Пас, бо зарурат дар тарбияти ў саъй бояд фармуд, то ба сифатҳои писандида мутассиф гардид ва аз хислатҳои накўҳида мунҳариф шавад. Аввал, он ки ўро ба номи нек тасмил (ном додан) бояд кард, ки агар номе номувофиқ бошад, муддати умр дар он дар карохат хоҳад буд.

Дигар дояи ў багоят некмизоҷ, хушхўй ва покизасиришт бояд, ки дар хабар омадаст, ки шир додан табиатро мутагайир созад. Чун муддати разъ (ширхор) тамом шавад, мардуми покдину некўхулкро ба хидмати ў номзад бояд кард, то табиати ў ба авсофи он ходим мустанир (мунаввар) гардад. Чун табъи сибён ба лахву лааб ва аклу шурб моил аст, дар онхо оини эътидол ва қонуни тавассут рюят бояд намуд ва муаллими парҳезгору диндор таъйин бояд намуд, то ўро таълими «Қуръон» ва аҳкоми шаръй даромўзад ва илме, ки ўро дар дину дунё нофеъ бошад, боз надорад. Беҳтарин таъдиб он аст, ки ўро аз мухолатати ҷамъе, ки муфсиду качтабъ бошанд, нигох дорад ва ба мардуми хушзеҳн, латифтабъ, муслиҳ мусоҳиб созад. Ва доим дар пеши вай уламо, фузало, урафоро мадҳ гўянд, то муҳаббати эшон дар дили вай русух гардад ва ашрору фуччор ва бадмаошонро мазаммат кунанд, то карохате аз эшон дар табъи вай падид ояд ва чун ба синни тамйиз расид марди бузургҳиммату соҳибтачрибаро, ки хидмати мулук карда бошад, мукаррар кунад, то одоби нишасту бархост ва рафтану омадан ба вай омўзад ва дар он кўшад, ки осори адаб ва ҳаё ва улувви ҳиммат ва тахаллуқи ахлоқи мулук аз вай зохир гардад. Ва чун вакт дарояд сипоҳиёни далер ва устодони кордидаро амр кунад, то ойини саворй ва силоҳдорй ва он чй салотинро ба кор ояд, таълим диҳанд ва чун бузургтар гардад, ба хидмати машоих ва сўҳбати уламо далолат кунанд, то назар аз бузургони дин мустафиз (файзёб) гардад, ки ҳимматро асархои куллй мебошад.

Назм:

Ҳар кй зи давлат асаре ёфтаст,
Аз дили соҳибназаре ёфтаст.
Ҳиммати мардон чу дарояд ба кор,
Барги гули тоза бароят зи хор.
Ҳар назаре к-аз раҳи сидқу сафост,
Чун ба ҳақиқат нигарй, кимиёст.

Ва дигар умарои давлат эшон, ки рукни асосии мамлакат ҳастанд. Тарбияти эшон бар он вачҳ шояд, ки даҳоне ба қавоиди таъзими эшон роҳ наёбад ва дасти эшон дар тасадии (машгул шудан) муҳимоти мулкй ва молии қавм мутлақ бошад ва дар ҷамии умуре, ки ба он мўҳтоҷ бошанд, эшонро мадхал ди-

ҳанд, то ҳеҷ умуре бе райъу тадбири эшон сохта нагардад, ва сухане, ки дар боби масолиҳи мулку мол ба мавқифи арз расад, ба самъи қабул исғо (гӯш кардан) намоянд ва дар тақвияту ҷоригардонии муҳимоте, ки мутааллиқ ба эшон аст, ки иборат аз умури навоҳӣ ва элчиву лашкариён ва мулозимон, шарафи илтифот, арзонӣ доранд. Хусусан дар муҳими элчӣ, ки ӯ забони салотин бошад ва ҳолати ҳар подшоҳе аз атвори элчии ӯ маълум метавон кард: «Пас, элчӣ марди сухангӯй, некрӯй, соҳиби ҷуд, бузургҳиммат бояд, то обрӯйи фиристандаи худ нарезад ва ба ҳар кас расуле фиристанд муносиби он кас бояд фиристод, чунончи ҳаким фармуд.»

Расули тавоно, тавоно фирист,
Ба доно ҳам аз чиниси доно фирист.

Овардаанд, ки Маҳлаб чун ҳаворичро ҳазимат кард ва ганимати бисёр ба даст оварда, расуле Молик ном ба назди Ҳаҷҷоҷ фиристод. Ҳаҷҷоҷ гуфт: – «Маҳлабро чун гузоштӣ?» Гуфт: – «Дар ҳоле, ки дӯстони ӯ масрӯранд, душманони ӯ маҳзун.» Гуфт: – «Шафқати ӯ бар сипоҳ ба чӣ андоза аст?» Гуфт: – «Шафқати падарона бар фарзандон.» Гуфт: – «Ҳоли фарзандони ӯ чун аст?.» Гуфт: – «Ҳама хушанд.» Гуфт: – «Дар разм чунанд?» Гуфт: «Ҷонро дар пеши эшон хатаре нест.» Гуфт: – «Дар базл чӣ гунаанд?» Гуфт: – «Молро дар пеши эшон қадре нест.» Гуфт: – «Дар ақлу фазл чӣ гунаанд?» Гуфт: – «Чун доирае, ки сару пояш натавон ёфт ва аввалу охираш натавон ёфт.» Ҳаҷҷоҷ гуфт: – «Ин мард суханро ба ҳадди камол расонид ва Маҳлабро дар дили мо вақъате (бузургӣ) ва дар чашми мо ҳашмате ҳосил шуд, ва аз одоби расул ва ақли ӯ истидлол кардем бар адаб ва аҳли фиристандаи ӯ.»

Қитъа:

Расул ар фиристӣ, ҳакиме фирист,
Ки кори туро бошад аз вай биқӣ.
Шунидӣ, ки он марди доно чӣ гуфт:
«Фаърсил ҳакиман ва ло таҳзанӣ.»*

Аммо тарбияти лашкариён аз ҷумлаи заруриёт аст ва фоидаи эшон чаҳор чиз аст. Аввал, қувват ва ҳайбати подшоҳ. Дуввум, дафъи душманон. Саввум, эминии раоё. Чаҳорум, дафъи дуздону эминии роҳҳо ва эшонро чаҳор шарт ба ҷо бояд овард. Аввал, он ки аз фармони султон берун нараванд ва ҷуз ба ҳукми ӯ кор накунанд. Дуввум, он ки бо подшоҳ якдилу якзабон бошанд. Саввум, он ки бо якдигар низ муттафиқ бошанд. Чаҳорум, он ки: дар корзор мардонагӣ ва фарзонагӣ риоят намоянд. Султонро низ бо эшон чаҳор кор бояд кард. Аввал, он ки силоҳ ва маркаби эшон муҳайё созад. Дуввум, мартабаи ҳар як нигоҳ дорад. Саввум, мардони кориро ба тарбият некӯ кунад ва дар миёни лашкар сарфароз созад. Чаҳорум, аз лашкари душман, ки ганимат ба даст ояд, эшонро бахраманд гардонад. Аз подшоҳ Қубод манқул аст, ки ӯмӯбадро гуфт, ки бо лашкар чӣ гуна маишат кунам? Фармуд, ки ба ҳар чанд вақт тафаққуди (ҷӯёгии) ҳоли эшон бояд кард. Чунончи, ҳудованди бог тафаҳҳуси (назорати) бӯстон мекунад ва ҳар гиёҳе, ки ба кор наояд ва қувват аз дигар

*Маъноаш фиристодан; доношманде фирист, ки маҳзуя, ғамгин нашавй.

гиёҳҳо бозмеситонад, онро мебуряду дур месозад ва ҳар чӣ аз ӯ нафъе мутасаввир аст, нигоҳ медорад ва тарбият мекунад. Ва дар миёни лашкариён низ чамъе бошанд, ки аз эшон ҳеҷ кор наояд. Эшонро улуфа (хӯрок) додан асоми (номҳои) онҳоро аз девони арзоқ (ризқҳо, насибаҳо) маҳв бояд сохт ва ба тарбияти мардуми корӣ бояд пардохт ва ба вақҳе улуфаи эшон бояд дод, ки ба тарики эътидол бошад, чӣ агар маишати эшонро танг гирӣ малулу мутафаррик (пароканда) шаванд ва мумкин аст ручӯъ ба ҷои дигар намояд ва агар маишат бар эшон фарох гардад, мустағнӣ шаванд ва дар мулозимати хидматгорӣ коҳилӣ варзанд ва ҳамин маъниро ҳаким Низомӣ оварда.

Назм:

Сипаҳро ба андоза дех пойгох,
Мадех бештар мол аз харҷи рох.
Шикамбандаро чун шикам гашт сер,
Кунад буздилӣ гарӣ бошад далер.
На серӣ чунон дех, ки гарданд маст,
На бигзорашон дар хӯриш тангдаст,
Сипохе, ки хушдил набошад зи шох,
Надорад худуди вилоят нигох.

Дигар вузаро, ки эшон пироияи мулку хазонаи моланд ва агар муҳими волии мамлакат бе вазирӣ мутамашшӣ (ичро) гаштӣ, ҳазрати Мӯсо «ало набиино ва алайҳиссалом» аз Худо дарнахостӣ, ки аз барои ман вазире аз аҳли байти ман муайян соз ва он бародарам Ҳорун аст ва ба-д-ӯ пушти ман қавӣ гардон. Пас, маълум мешавад, ки вузаро сабаби истеҳкоми бинои салтанат ва интизоми умури мамлакат ҳастанд, вақте ки мустаҷмеъи (фароҳамораидаи) хисоли писандида ва ахлоки закийа (пок) бошанд.

Байт:

Аз вазире, ки ӯ накӯйсар аст,
Мулкро зебу зинати дигар аст.

Ва тарбияти эшон он аст, ки ба шарафи илтифоти султон муъаззаз (иззатманд) ва ба иззи иноятӣ хоконӣ мушарраф бошанд, то дар чашми хосу ом мукаррам ва муаззам намоянд ва қавме эшонро нифозе (гузаро) ва ҳукми эшонро эътиборе бошад ва касе дар муҳимоти молӣ бе истисвоби (савоб) эшон мадхал нанамояд ва тадбири эшонро дар корҳои умда (асосӣ) тамом ва аслӣ бояд донист, чи мумкин аст, ки ба қалам корҳо сохта гардад, ки ба шамшер муяссар нагардад.

Байт:

Қалам рахти чое тавонад кашид,
Ки шамшер натвонад он чо расид.

Рӯзе дар миёни вазире ва амире дар тақдиму таъхир мунозаат афтод ва амир гуфт: – «Ман худованди теғи обдорам ва ту сохиби қалам. Мулкро ба шамшер тавон сутуд на қалам.» Вазир гуфт: – «Кори мулк ба қалам рост шавад, на ба шамшер.» Ин мочаро ба самъи султон расид ва ҳар дуро ба хидмат талабид. Вазирро гуфт: – «Ҳамеша аҳли қалам хидматгорони аҳли сайф будаанд, ту чаро аҳли қаламро тарчех мекунӣ?» Гуфт: – «Эй шаҳриёр, олами шам-

шер душманонро ба кор ояд на дӯстонро ва қалам ҳам барои нафъи дӯстон ба кор ояд ва ҳам барои дафъи душманон. Дигар асҳоби сайфро ҳаваси мулкдорӣ падид ояд бар валинеъмат хурӯҷ кунад. Аз аҳли қалам бошад, ҳаргиз ин ҳаракат содир нашавад ва дигар асҳоби сайф (шамшер) хазонаи подшоҳиро ҳолӣ месозанд ва аҳли қалам пур мекунанд ва маҳали дахл азизтар аз маҳалли харҷ бошад.»

Қитъа:

Дар ҳомаи вазир ба ҳурмат нигар, ки он
Дар ҷӯйбори мулк ниҳолест бакровар.
Ҳаққе бамавқеъ аст, агар тарбият кунанд,
Он шоҳро, ки меваи ӯвст мӯътабар.

Аммо тарбияти муқаррабону элчиён ва маҳрамони мамлакат он аст, ки ҳар якеро ба ҳам хос номзад фармояд ва ба муҳиме, ки мансуб ба касе бошад, дигареро дахл надиҳад ва қадри хидмати ҳар кас бидонад ва фарохури он дар бораи ӯ утуфат (мехрубонӣ) намояд ва эшонро ба-д-он мушобаҳа далер нагардонад, ки ҳар чӣ хоҳанд, тавонанд гуфт ва ҳичоби сатвату (ҳамла) маҳобат аз пеш барнадорад ва ҳамаро дар мартабаи ҳаё ва мақоми адаб мутаваққуф созад ва агар касе аз эшон бе маҳал сухане гӯяд исъо (гӯш) накунад ва то касе некойин набошад ва чандин наёзмуда бошанд, мӯътамад (боваринок) набояд сохт ва сирри худро бо вай дар миён набояд ниҳод ва чун мулозимони мулукро бар якдигар рашку ғибта (орзу кардан ба ҳоли касе) мебошад, сухани ҳеҷ кадомро дар бораи якдигар истимоъ набояд фармуд. Ва ҳамаро бар дӯстӣ ва мувофиқат бар дӯстӣ ва мувофақат бар якдигар тарғиб боя фармуд ва аз мунозаат ва мухолифат таҳзир (дур) бояд намуд, ки мухолатат бо якдигари эшон дар умури интизоми султонӣ дахли тамом дорад, чунончи шаммае аз ин собиқан зикр ёфт.

Қитъа:

Мулозимони салотин якчихат бошанд,
Муҳими мамлакату мол баркарор бувад.
В-агар нифоқ намоянду макру ҳила кунанд,
Асоси чумла муҳимот бе мадор бувад.

Аммо чун ғуломон ва бандагони дирамхарида мар худованди худро ба манзалаи дасту пой ва соири аъзоянд, чи касе, ки ба чихати гайре такаффули амре (ӯҳдадории коре) кунад, ки ба ионати (ёрии) даст, дар он ҳочат афтад, қоиммақоми дасти он ғайр буда бошад ва касе, ки саъй кунад дар коре, ки қадам дар он ранча бояд кард, машаққати қадам кифоят карда бошад ва касе ки ба чашм нигоҳ дорад чизеро, ки назар дар он сарф бояд кард ва анвоъанвоъ (навъ-навъ) рифку (нармӣ) мадоро ва лутфу ғамхорӣ дар бораи эшон ба кор бояд бурд. Чи эшонро низ, калолу (машаққат) малол ва футуру мондагӣ дар хидмат пайдо мешавад. Пас, дар кор фармудани эшон, инсоф риоят бояд фармуд ва чунон бояд, ки ба умури маишати эшон аз хӯриш ва пӯшиш халале роҳ наёбад ва асл он аст, ки эшонро ба назар хос махсус созад, ки икдом бар аъмоле, ки бар эшон муфавваз (супурда) аст, аз рӯи хушдилӣ ва нишот кунад, на аз сари коҳилӣ ва малол.

Дар кутуби ҳикмат овардаанд, ки хоҷаро нашояд, ки ба ҳар гуноҳе ходимро биронад, зеро ки банда вақте шарти шафқат ба ҷой орад ва ҳаводорӣ кунад, ки худро аз муфориқати маҳдум эмин донад ва агар бандаро ба ҳар саҳву хатое биронад, худро дар хидмат ориятӣ шиносад ва ҳамчу рохгузар ба он ва ғарибона маош кунад ва на дар ҳеҷ кор андеша ба кор барад ва на дар ҳеҷ муҳим шарти шафқат нигоҳ дорад. Асл дар бандагон сифати ҳаё ва зиракӣ ҳаст ва ин аз ҳама сифатхо даркортар аст. Агар дар банда (ходим) асари макру дуздӣ дарёфта шавад, зуд дафъ бояд кард. Чун яке аз бандагон (ходимон) ба хиёнати фоҳиш, гуноҳи зишт мулаввас (олуда) гардад ва таъдиб ва таъзиб қобили ислоҳ набошад, салоҳ дар он аст, ки ӯро ба зулӣ нафӣ (дур) кунад, то дигар бандагон ба муховарату мусоҳабати ӯ табоҳ нашаванд ва фасод аз ӯ ба дигарон тааддӣ накунад.

Қитъа:

Сӯҳбати муфсадону бадфеълон,
Мардуми некро табоҳ кунад.
Ҳар кӣ бо дег ҳамнишин гардад,
Ҷомаи хешро сиёҳ кунад.

Ва агар аз бандагон, яке аз арбоби давлат, ки мулозими султон бошад, ҳикояте аз хоча назди султон орад, дар чизе, ки шаръро дар он мадхале набувад, зуд маньи ӯ лозим аст. Чунончи, дар сиёсати султон Маҳмуди Ғазнавӣ овардаанд, ки рӯзи одина султон ба намоз мерафт, ғуломе дар ғояти ҳусну ҷамол сари роҳи султон гирифта буд, чун ба кавкаби шоҳӣ расид, ғулом заминро бӯса дод. Султон аз рӯи карам инони хушунат (дурушти) боз кашид, ба забони лутфу марҳамат пурсид, ки чӣ ҳоҷат дорӣ? Гуфт: «Шоҳо, бандаро он кас, ки аз Туркистон меовард, дар тамоми рох мегуфт, туро ба хидмати султон мебарам, то сояи иноят ба рӯзгори ту андозад ва ман ба умеди ин башорату навиди ин ишорати қурбати (махрами) ғурбату хории бандагӣ таҳаммул мекардам ва пайваста ба мазмуни ин байт:

Гарам ҳазор ғам аз рӯзгор пеш ояд.
Чу рӯи шоҳ бибинам, дилам биёсояд

хушдил мебудам, акнун ки ба-д-ин шаҳр омадам, хоча ҳусни маро дид ва ба ҳазор динор бихарид ва мудлатест, ки маро дар хона пинҳон медорад ва ин соат фурсат ёфтам ва худро ба сари рох афгандам, бахт ёрӣ ва саодат мададгорӣ кард, то ба давлати мулозамат расидам ва умеде, ки дар дил доштам ба мавқифи арз расонидам, бокӣ султон ҳоким аст.» Султон фармуд, то ғуломро адиби балиғ карданд ва ӯро ба касе супурд, ки инро пеши Ҳасан барад ва бигӯяд, ки ҳазор динор ба ғуломе метавон дод, чаро сад динор ба дарбоне намедиҳӣ, то бар дари хона нишинад ва нагузорад, ки ғуломи ту бе ичозат аз хона берун равад. Яке аз хавос пурсид, ки ғуломро ачаб адабе фармуданд. Султон фармуд: – «Агар на он будӣ, ки ҳазор динори Ҳасан зоеъ мешуд, бифармудаме, то аз миёнаш ба ду ним зананд, чи агар ғуломонро фурсат диханд, ҳар ғуломе, ки аз хоча биранчад, ҳамин мева пеш гирад ва шикояте то муваччах ба арз расонад ва муҳими хочагӣ ва бандагӣ халалпазир ва мӯҳмал (бемаънӣ) бимонад.»

Маснавй:

Чу аз хочаи худ бираичад гулом,
Ба довар дихад шарк бо хосу ом.
Ба бўҳтону гайбат кушояд забон,
Ки то хочаро афганад дар зиён
Ғуломе, ки э-ин сон бувад хўйи ў,
Мабинод чашми касе рўйи ў.

ҚИСМИ ДУВВУМ

Дар одоби чамъе, ки ба давлати салотин тақарруб чустаанд ва сарфароз гашта аз аркони давлат ва аъёни ҳазрат ва хавоси боргоху наввоб (ноибон) ва мухосибу соири гумоштагон ва мутаалликон ва бояд донист, ки ҳар кй дар кори подшоҳ шурўъ кунад ва дар муҳимоти султонй хавз (амик назар кардан) намояд, бояд сирати ў бар қонуне бошад, ки сабаби некномии султон ва ободонии мамлакат бувад ва ин маънй вақте мешавад, ки риояти чаҳор тараф бар худ лозим донад. Аввал, риояти чониби ҳак. Дуввум, риояти чониби подшоҳ. Саввум, риояти чониби худ. Чаҳорум, риояти чониби ранят. Аммо дар риояти чониби ҳак панч шарт аст. Аввал, он ки шукри неъмати илоҳй ва фазли номутаноҳй, ки дар бораи ў воқеъ шуда ба чой орад, то неъмати вай зиёда гардад.

Байт:

Шукри неъмат, неъмат афзун медиҳад,
Муфлисонро ганчи Қорун медиҳад.

Дуввум, он ки маросими тоат фурў нагзорад, балки онро бар хидмати подшоҳ мукаддам дорад, то дар ҳама чашмҳо азиз гардад ва дар ҳама дилҳо мақбул бувад.

Овардаанд, ки Абўманзур – вазири подшоҳ Туграл марди доно ва кофй буд ва одат дошт, ки чун намози бомлод гузоридй, то тулўи офтоб аврод (дуо) хондй. Баъд аз он ба хидмати султон рафтй. Вақте муҳиме пеш омад, султон ўро ба таъчил пеши худ талабид. Касон пай дар пай омаданд ва ў аз сари саччода барнамехост. Ҳосидон мачоли гайбат ёфтанд ва забони гайбат кушода, ўро назди султон ба бадй ёд карданд, ки басе такаббурй мекунад ва аз сухани султон эътиборе намегирад ва монанди ин калимот дар миён оварданд ба мартабае, ки осори тағйири мизоч дар башараи подшоҳ зоҳир шуд. Аммо чун хоча аз аврод фориг гашт, ба хидмати султон омад. Султон аз рўи газаб бонг бар най зад, ки чаро дер омадй?! Гуфт: – «Эй малик, ман бандаи Худоам ва чокари ту ва то аз бандагй хорич нашавам, ба чокарй наметавонам омад.» Султон бигирист ва ўро маҳмадати (ситоиш) бисёр гуфт:

Назм:

Мадех риштан хидмати Ҳак, зи даст,
Худовандро бандагй кун, ки ҳаст.
Сари подшохони гарданфароз,
Ба даргохи Ў бар замини нэёз.

Саввум, он ки ризои Худоро ба ризои подшоҳ тақдим кунад, ки чун Ҳак субҳонаҳу ва таъоло аз бандагон хушнуд бувад, хашми дигарон ўро зиёд на-

дорад ва агар худой накарда Худои таоло ба ӯ хашм гирад, хушнудии ҳама халқ бар ӯ суде нарасонад.

Фард:

Чу Худованд аз ту хушнуд аст,
Хашми дигар касон зарар накунад.

Машҳур аст, ки бузурге дар маҷлиси яке аз хулафо буд, вақти намоз танг шуд ва халифа ба муҳиме иштигол дошт ва намоз бар хотири ӯ фаромӯш шуда буд. Он бузург бархост, ки намоз гузорад. Яке гуфт, ки чаро сабр намекунӣ, ки халифа бар намоз бархезад. Гуфт: – «Ҳукми Худойро мавқуф бар ҳукми дигаре набояд дошт.» Гуфт: – «Биншин, ки халифа бар ту ғазаб хоҳад кард.» Гуфт: – «Чун ризои Худо ҳосил шавад, аз ғазаби махлуқ чӣ бокк!» Халифа, ки ин бишнавид, он бузургро бисёр бинавохт ва он мӯътаризро аз назари тарбият бияндохт. Шарти чаҳорум, он ки аз Худо беш тарсад, ки аз подшоҳ. Дар хабар омадааст, ки ҳар кӣ аз Худо беш тарсад, ҳама кас аз ӯ беш тарсад. Пан-чум он, ки ба Худо умедвортар бошад, ки подшоҳ, ки ҳарчӣ медиҳад, ӯ медиҳад. Умед дар карами касе бояд баст, ки ҳеҷ умедвор аз дари раҳмати ӯ бознагардад.

Байт:

Муҳол аст гар сар бар ин дар ниҳӣ,
Ки бозоядат дасти ҳочат тиҳӣ.

Аммо риояти чониби подшоҳро бисту панҷ шарт аст. Аввал, тазаллул (хоксорӣ) ва тазаррӯъ (хорӣ) ва изҳори аҷзу хидматгорӣ чи мулукро ҳимматҳои азим ва ҳолатҳои бузург аст, ки ба-д-он мунфариданд аз ғайри хеш ва он ба-д-он сабаб аст, ки мазҳари салтанати илоҳӣ воқеъ шудаанд ва аз ин чиҳат лақаби Зиллуллоҳ (сояи худо) итлоқ мекунанд. Пас ба он маънӣ, ки ин сурат дар эшон мухтафист, аз ҳама халқ истихдом ва тааббуд хоҳанд ва худро сазовори он шиносанд ва дар ҳар чӣ кунанд, тариқу истиклол ва тафарруд (ягонагӣ) риоят намоянд ва ҳар чӣ зуҳури салтанат бештар бошад, зухури ин сифат зиёдат бувад. Бар ин тақдир истиғнои эшон толиби он аст, ки мардум мӯҳточӣ ва масканати худро бар эшон арз кунанд.

Байт:

Чӣ оварам ба ту чун чумла ҳар чӣ ҳаст ту дорӣ,
Магар шафоату аҷзу ниёзмандиву зорӣ.

Дуввум, таҳаммули меҳнату машаққат ва риёзат кашидан ва бар макореҳ (нохисанд) сабр кардан, чи хидмати мулук мабнӣ (биноёфта) ба заҳмат бошад.

Дар кутуби ҳукамо навишта шудааст, ки мулозимати султон ҳоил аст байни мардум ва осоишталаби роҳату лаззат дар хидмати мулк аз қабили муҳолот бояд шумурд ва шиноҳт. Саввум, он ки ҳар чӣ андешаду кунад ва гӯяд, бояд ки дар он маслиҳати подшоҳро мулоҳиза намояд, ҳам аз чиҳати дунё ва ҳам аз чиҳати охират ва тарафи охиратро мукаддам дорад. Чаҳорум, ба тарики нармӣ ва талаттуф зулмро дар назари ӯ накӯҳида созад ва адлро ба таърифу тавсиф дар дили ӯ ширин гардонад ва бар вачҳе, ки маслиҳат донад, ӯро аз зулм боз-

дорад, ки агар ба зулми подшоҳ розӣ шавад, ӯ низ дар он мазлама шарик бошад ва дар арсаи ҳашр (рӯзи қиёмат) ӯро низ бо золимае дар маърази хитобу итоб дороранд.

Дар ахбор мазкур аст, ки Яҳё Воситӣ хаттоте бағоят зебонавис буд ва авлоди ҳулафо назди ӯ хат менавиштанд ва таълим мегирифтанд. Рӯзе назди вазире таъриф карданд, ки Яҳё қаламро нек метарошад. Ӯро талабид ва фармуд, то қаламе барои вай битарошад. Яҳё қаламе бо эҳтиёти тамом тарошид. Вазир ба-д-он қалам фармоне навишт. Хати ӯ беҳтар аз пештар намуд. Яҳёро хилат ва ҳазор динор инъом фармуд. Яҳё хилъат пӯшида ва зар ба қабзаи тасарруф дароварда аз мачлис берун омад. Чун ба дари боргоҳ расид, дарҳол бозгашт ва гуфт: – «Эй вазир, санъате бар ин қалам фаромӯш кардаам, агар иҷозат бошад, бачо орам. Вазир қалам ба дасти вай дод, қаламтарош бикашид ва сари қалам бияфганд ва зару хилъат пеши вазир бинҳод. Вазир фармуд, туро чӣ шуд? Гуфт: – «Чун ба даргоҳ расидам, ин оят ба гӯши дилам фурӯ хонданд: – «Хашр кунед золимонро бо шарикону мададгорони эшон» – тарсидам, ки ту ба-д-ин қалам аз рӯи ситам чизе бар касе нависӣ ва ман қалам тарошидаам, дар он шарик бошам ва ба азоби илоҳӣ гирифтор гардам.

Байт:

Ёри ситамгор машав, эй азиз,
То ки аз он қавм набошӣ ту низ.

Панҷум он, ки подшоҳро бар хайр дорад ва чунон кунад, ки хайри ӯ ба ҳама кас бирасад, чи бехтарин инъом он аст, ки ом бошад, чун шуоъи офтоб бар ҳама ҷо метобад ва чун рушаҳоти (чакидагиҳои) саҳоб, ки ба ҳама заминҳо мерасад. Аз бузурге пурсиданд, ки хайр бар чӣ вачҳ бояд кард ва бехтарин вачҳҳо кадом аст? Фармуд, ки хайр ба умум бояд кард ва бехтарин он бувад, ки бар вай тоза бошад ва миннат бар вай ҳамроҳ набошад. Овардаанд, ки Муъин ибни Зоида карами ом дошт ва дар қудрат бахшиши бағоят ҳандон ва тозарӯй будй. Азизеро пурсиданд, ки абр сахитар аст ё Муъин бахшандатарк Ҷавоб дод, ки саховати Муъин аз абр бехтар ва бештар аст. Гуфтанд: – «Ба чӣ далел?» Гуфт: – «Ба он далел, ки ҳар чӣ абр дихад гирён дихад ва ҳарчи Муъин дихад хандон дихад.»

Қитъа:

Тозарӯйиву инбисоту нишот,
Дар саховат пзим мӯътабар аст.
Марди бахшандаро ба вакти сахо,
Тозарӯйй саховати дигар аст.

Шашум, то бар касе тавакқуи тамом надошт бошад ва борҳо сифоти ӯро наёзмуда бошад, ӯро пеши подшоҳ таъриф накунад ва ситоиш нанамояд, то ба вакти озмоиш шарманда нашавад. Овардаанд, ки Заррокӣ гуфт: – «Ман мардеям аз аҳли байти расолат ва имсол ба ҳаҷ рафта будам ва чиҳати султон ҳаҷ гузоридаам ва бар сари равзаи расолатпаноҳ барои шоҳ ва аркони давлати ӯ ба ҳузури кофилаи Ҳаҷҷоҷ дуо кардаам. Агар ба хидмати султон расоне ҳар ойина аз ту миннатдор шавам ва ба-д-ин башорат, ки овардаам маро низ навозиш фармояд.» Он нооиб ин суратро таҳқиқ накарда, назди султон омад ва

он ҳочии алавиро таърифи бисёр кард, чуноне ки султон муштоқ шуда, ба ҳузаро фармон дод, чун он азизро ҳозир гардонид, султонро дастбӯсӣ карда, бар ҳошияи бисот бинишаст. Султон пурсид, ки аз кучоӣ?» Гуфт: – «Аз шаҳри Исфаҳон.» Фармуд, ки кай ҳаҷ кардӣ? Гуфт: – «Имсол.» Қазоро элчӣ аз назди ҳокими Исфаҳон дар мачлис омада буд, чун номи Исфаҳон шунид ва он касро дид, гуфт: – «Эй шоҳ, ман ин касро мешиносам, ӯ сайид нест, балки аз лӯлиёни он вилоят аст ва бештар аз эшон мӯйе бар сар доранд ва ману Раҳим имсол вайро дар Сифоҳон медидам дар рӯзи иди Азаҳи ба дари хонаи ман омада буд, ба талаби гӯшти курбоний.» Султон бағоят мутаассир шуда, рӯй ба он ноиб кард, ки нек сайиди номдор ва ҳочии бузургвор ба хидмати мо овардай! Он ноиби хичилзада ва инфиолёфта аз мачлис берун рафт за бакияи умр ба хидмати султон наёрист омад. Агар дар аввал таҳқиқи ҳоли ӯ кардӣ ва дар он боб тафаҳҳуси тамом ба ҷо овардӣ губори хичлат бар чехраи ҳоли ӯ нанишастӣ ва аз назари чунон подшоҳ махрум нагаштӣ.

Қитъа:

Магӯ васфи касе наздики шоҳон,
Магар вакте ки ӯро нек доӣ.
Ки гар набвад бар он васфе, ки гуфтӣ
Басе дар инфиъоли он бимонӣ.

Ҳафтум, ҳар чӣ донад, ки подшоҳро ба-д-он майле аст, аз аспу навкар ва амтиъа (матоъ) ва обу замин ва ғайри он чиҳати худ нигоҳ надорад, балки ба тариқи истидъо (хоҳиш) чунон кунад, ки ба назари қабул расонад.

Ҳаштум, он ки чун подшоҳ бо вай сухан гӯяд, ба дилу ҷон ва ақлу ҳуш ва чашму гӯш ва тамоми чавохиру аъзо мутаваччеҳи сухани вай бошад ва чунон накунад, ки як калима аз вай фавт шавад ва ба ҳеҷ фикру амал напардозад ва назар бар ҷониби дигар наяндозад ва ба сухан бо касе машғул нашавад, ҳар чанд сухани зарурӣ бошад, чи салотин бағоят ғаюр бошанд. Бинанд, ки касе таваччӯҳи эшон аст ба ҷои дигар ба назар ё ба сухан майл кунад, аз рӯйи ғайрат ба вай хашм гиранд ва агар дар он маҳал зоҳир накунанд, асари он ба мурур зуҳур кунад ва хатарот бар он мутараттиб шавад. Нӯҳум, дар мачлиси мулук бо касе сарғӯшӣ накунад, яъне сир нагӯяд, ки ҳар кӣ ба ҳузури ӯ ду тан сир гӯянд, ки ӯ надонад ва нашнавад ва нафармуда бошад, ӯро хаёлоти бисёр рӯ диҳад ва анвои (навъҳои) гумонҳо барад ва аглаб аст, ки аз эшон кина гирад ва дар сӯҳбати ин маъниро муболага бештар мебошад. Мумкин, ки ҳасадбарон ва аҳли фасод хотирнишони подшоҳ карда бошанд, ки фалону фалонро бо шумо дил рост нест ва дар ҳавохохии эшон халале падид омада ва дар макоми қасд мебошанд. Чун султон бинад, ки дар мачлис бо якдигар сир мегӯянд, каломи сохибғараз аз он муассир меафтад.

Назм:

Сухан пӯшида гуфтан дар маҳофил,
Набошад шеваи донову оқил.
Ки аз тарзи адаб бисёр дур аст,
Нишони ғафлату макру гурур аст.

Даҳум, бояд ки чун султон аз каси дигар саволе кунад, ӯ сибқат накунад ва ҷавоб надиҳад, то он кас, ки аз ӯ пурсид ҷавоб гӯяд, зеро ки ҷавоб додани касе аз саволе, ки ба дигаре нигарон аст, ҳамл ба сабукборӣ ва бевиқории ӯ мекунад. Яке аз ҳакиме пурсид, ки агар ман дар мачлиси подшоҳӣ бошам ва ӯ аз гайри ман савол кунад, раво бошад, ки ман ҷавоб диҳам? Гуфт: – «Не. Ту ҷавоб магӯ, ки ӯ фасонаи истихфоф аст. Ҳам ба соил, яъне надонистӣ, ки аз кӣ бояд суол кард ва хам ба масул, яъне истиҳқоқи ин суол надорад ва дар ин боб махзури дигаре аст, ки агар султон гӯяд, ки аз ту намепурсам инро чӣ ҷавоб тавонӣ гуфт ва аз ин сурат чи гуна берун хоҳӣ омад. Агар фарзан аз чамоате пурсад, ки ту аз эшон бошӣ, ба ҷавоб сибқат макун, ки дигарон хасми ту бошанд ва бар сухани ту айб гиранд, балки таъхир кун, то дигарон гӯянд ва айбу ҳунари ҳар сухан бидонӣ, пас он чӣ ту донӣ, агар бехтар бошад, арз кун ва илло хомӯш биншин.»

Маснавӣ:

Макун хафват андар чавоби сухан,
Магар дар хатову савоби сухан.
Агар накди ту бегаш омад ба ёр.
К-аз он накд афзуда гардад ёр.
Ва гар на, дар изхори айбат макӯш,
Мар онро ба ситри хамӯшӣ бипӯш.

Ёздаҳум, бояд ки то султон чизе напурсад, ибтидо сухан накунад ва чун пурсад ҷавоб ба қадри кифоят гӯяд ва хомӯшӣ кунад, магар вақте ки подшоҳ майл дошта бошад бо он ки сухан бештар ва дарозтар гӯяд.

Дувоздаҳум, он ки агар султон ӯро бар чизе вуқуф (огоҳӣ) надиҳад, мутлакан тафаҳҳуси он накунад ва дар пайи донистани он наравад, чи ӯро қобилият он будӣ ба ӯ гуфтандӣ. Пас, муболага дар вуқуф бар он мутазаммини (шомили) газаби султон аст.

Қитъа:

Бо ту сирре гар наметӯянд аз номаҳрамӣ,
Ҳар кӣ номаҳрам бувад бо сирри султонат чӣ кор?
Чун касеро дар дарунӣ хонаи рафтан рох нест
Бо тамаллуҳҳо намудан, пеши дарбонаш чӣ кор?

Сездаҳум, бояд ки дар тӯҳфа ва ҳадя ..., ки номзади вай шавад, истиғно нанамояд аз подшоҳ, агар чи муҳаккир бошад, зеро ки андаки султон бисёр аст ва истиғно нишонаи худро доштани иноятӣ подшоҳист ва ҳеҷ оқил ин накунад, ки файзе аз сояи илоҳӣ мутаваччеҳи ӯ гардад ва аз худ рӯ кунад.

Байт:

Ҳар чӣ аз пеши шаҳ ояд, хуш бувад,
Андаку бисёри ӯ дилкаш бувад.

Чаҳордаҳум, аз тариқи амонат қадам берун наниҳад, ки амонат сифатест, ки мардуми худро азиз гардонад ва хиёнат хислатест, ки мардуми азизро хор созад. Яке аз хулафо фармуда, ки ман мардуми аминро дӯст медорам, ҳарчанд сифла бошанд ва бо касе ки хоин бошад, душманӣ дорам, агарчи бузург ва олӣ бошад, зеро ки амонат аломати имон аст ва дар ҳадис смадааст, ки «имон надорад, ҳар кӣ амонат надорад» Ҳак субҳонаҳу ва таоло хоинро аз муҳаббати худ бебаҳра сохтааст.

Понздаҳум, ба-д-он чӣ аз подшоҳ ба вай расад, қонеъ ва розӣ бошад ва зиёдаталабӣ накунад ва ҳирс нанамояд, ки албатта ҳирмон (маҳрумӣ) лозими ҳирс аст.

Назм:

Ҳирсу ҳирмон қарини якдигараст,
Ҳирс аз ҷумла хулқҳо батараст.
Мардум аз васфи ҳирс хор шаванд,
Дар қаноат бузургвор шаванд.

Шонздаҳум, дар ҳузур ва ғайбати султон бар зикри маҳомид ва нашри макорами ӯ мудовамат намояд ва агар аз касе калимае бишнавад, ки муштамил бар тарки адабе бошад ва нисбати подшоҳ ба-д-он насиҳат ва маломат кунад ва агар мунзачир нашавад, сахт гӯяд ва ҷафо кунад ва агар ба-д-ин бедор ва ҳушёр нагардад, тарки мухолатат (омезиш) ва муҷоласат ва мусоҳабати вай гирад ва бо ӯ бо ҳеҷ ваҷҳ сухан нагӯяд.

Ҳафдаҳум, коре ки ба ӯ муваффаз (супоридашуда) аст, бар он мудовамат намояд ва аз муҳиме, ки мутакаффили он аст, ғофил нашавад ва ҷаҳд кунад, ки пайваста ҳозир бошад, то ҳаргоҳ, ки султон ӯро талабад, дарҳол ба хидмат расад ва аз ҳамешагии бор ҳузуру аз мулозанати доимӣ, ки мӯди (расонанда) ба маломат бошад, эҳтироз кунад.

Ҳаждаҳум, эътимод бар муҳаббату ризои султон накунад ва ба бисёрии хизмати худ низ восиқ (дилпур) набувад, чи гурури чоҳ хидматро фаромӯш мегардонад ва дигар он, ки бо султон изҳор накунад, ки маро наздики ту ҳақест ё собиқа хидмате дорам, балки ба таъдиди мулозамат ва таъкиди дуогӯй ва лавоҳиқи фармонбардорӣ савобиқи ҳуқуқро наздики вай тозе дорад, бар ваҷҳе, ки охири он аввалро эҳё кунад, ки салотин ҳақе, ки охираш аз аввал муңқатеъ бувад, фаромӯш кунанд ва аз хидмати касе миннатдор набошанд, чи эшон худро сазовори хидмат мешиносанд.

Нӯздаҳум, маҳалли арзи ҳоҷат нигаҳ дорад, ки арз кардан бар мулук ҳукми намоз дорад, чи намоз дар вақт адо карда шавад, мақбул афтад, арзи ҳоҷат низ чун дар маҳал афтад, раво бошад.

Байт:

Ҳаромаш бувад неъмати подшоҳ,
Ки ҳангоми фурсат надорад нигоҳ.

Ва бояд ки чандин ҳоҷат арз накунад, ки асари малол бар ҷабини подшоҳ пайдо шавад.

Бистум, ӯро агар султон азиз дорад, бояд ки бар чамъе, ки наздики ӯ мукаррабанд ё хидмати қадимӣ доранд, такаддум наҷӯяд ва худро аз эшон дар пеш наафганад, ки аз ин сурат бар сафоҳат ва хиффат ва камхирадӣ истидлол тавон кард. Чӣ шояд ки подшоҳро бо он касе, ки бар ӯ тақдим меҷӯяд, унсе ва улфате бошад ё хидмате ба шарте карда бошад, ки султон ҳақи онро зоеъ нагардонад. Чун он кас ба дафъи толиби такаддум (пешӣ) бархезад, подшоҳ чониби вай гирад ва ӯро маглуб созад ва ӯ дар инфиъол ва хичлат намонад.

Қитъа:

Бар он кас, ки ӯ хоси султон бувад,
Такаддум мачӯ, гарчи бошӣ азиз.

Агарчи туро иззате шуд падид,
Аз эъзози ӯ ҳам баранде низ.

Бисту якум, бояд ки аз ситами султон наранҷад ва ғалат ва дуруштии эшонро ба дилҷӯйӣ ва дилхушӣ қабул кунад, чи гуфтаанд: аз иззати подшоҳӣ ва фармондиҳӣ забонро кушода гардонад ва ба эърози мардумон бесабабӣ. Бар ин тақдир бо эшон мувосо (муросо) бояд кард ва агар аз рӯи ноэ, ки мулозими салтанат аст, касеро дашном диҳанд, бояд ки дуо пардозанд.

Мисраъ: Дашноми ӯ дуост.

Ва агар дурушти кунад онро ба мулоимат ҳисоб намояд.

Мисраъ:

Таъвили вафо кардам, харчанд чафо дидам.

Бисту дуввум, он ки агар дар маърази сахат (хашм) ва ғазаб ва итоби султон афтад, албатта бо ҳеҷ офарида шикоят накунад ва адоват ва ҳикд (кина) дар дили худ роҳ надиҳад ва рӯи гуноҳро бо худ гардонад.

Фард:

Ҳарчанд чафо кунад шикоят накунем,
Гӯем, гунах аз тарафи мост ханӯз.

Ва баъд аз он иҷтиҳод кунад ва талаттуф намояд, то сабабе, ки ба-д-он изолаи (махв кардан) хашм тавон кард, муҳайё созад.

Бисту сеюм, агар султон бар касе хашм гирад ё бар вай муттаҳам шавад, бояд ки аз он кас тачаннуб (дур шудан) намояд ва бо тӯҳматзада ихтилот накунад ва бо эшон дар як мачлис мачолисат нанамояд ва эшонро сано нагӯяд ва тамҳиду узрхоҳӣ накунад, то вакте ки газаби султонӣ ба нисбати эшон сокин гардад ва умеди отифату марҳамат ва мехрубонӣ падид ояд, он гох бар вачҳи латиф эътироз (узрбаёнӣ) бояд намуд, то ризои эшон ҳосил ояд.

Бисту чаҳорум, он ки дар пайи ризои султон равад ва чунон созад, ки хушнудии ӯ ҳосил кунад ва он ба чаҳор чиз муяссар аст. Яке он ки ҳар чӣ подшоҳ гӯяд, тасдиқ кунад, магар чизе, ки мухолифи шаръу дин бувад. Дуввум, раъю тадбири ӯро бистояд (ситоиш кунад). Саввум, маҳомиди ӯро зоҳир гардонад. Чаҳорум, масовӣ ва қабоиҳи ӯро бипӯшад.

Бисту панчум, китмони (махфӣ доштан) асбоб аст ва ин умдаи ҳамаи шартҳо ва асли ҳамаи адабҳо бошад. Пас, бояд ки дар пӯшидани розҳои султон муболага ба чо оварад. Тариқи эҳтиёт дар ин рох он аст, ки аҳволи зоҳири подшоҳро, ки ҳамаи мулозимон бар он мутталеанд ба қадри тавоной пӯшида дорад, то бар сифат китмони малакӣ падид ояд, он гох сир пӯшидан бар ӯ осон шавад ва чун султон бар ҳоли ин кас иттилоъ ёбад агар сирре фош гардад, тӯҳмат бар вай наафтад, чи сирри мактум (пӯшидашуда) бе он ки касе фош кунад аз аҳволи зоҳир ба фаросат маълум метавон кард ва аз баъзе истидлолот (далел) низ мафхум мешавад ва дар аснои ин ҳол касоне ки дар он сирӣ маҳали эътимод будаанд, ҳама муттаҳам мешаванд ва гумонҳои бад ба эшон мебаранд. Пас, чун кас ба-д-ин сифат машҳур шавад, ки маҳрами асрор аст ва ҳеҷ сирре аз ӯ тарашшӯҳ (заҳида баромадан) намекунад, аз ин гумонҳо дур мебошад. Агар Худой нокарда сиққаи (қудрати) касе заиф бувад ва таҳаммули китмони сир наметавон кард сари ӯ дар маърази талаф аст.

Байт:

Чунин гуфт, он ҳакими маслиҳаткӯш,
Ки гар сар бояд сирро фурӯ пӯш.

Овардаанд, ки подшоҳи бузургвор аз ҳакими олимиқдор васияте талабид. Ҳаким фармуд: – «Эй малик, ҳаман васиятҳо дар ин ду калимаи шариф мундариҷ аст, ки «Фармони Худоро бузург дор ва шафқат бо халқи Худо фурӯ нагузор.»

Рубой:

Эй тозачавон бишнав аз ин пири куҳан,
Як нукта, ки ҳаст бегумон аслӣ сухан.
Бо ҳақ ба адаб бошу ҳикоят мевараҳ,
Бо халқ ба рифқ бошу некӣ мекун.

Подшоҳ гуфт: – «Дар сиёсат сухане бигӯй.» Гуфт: – «Дар куштани мардум саъй макун, ки харобии бадани инсон осон коре нест, магар дар куштани се кас, ҳама доноён туро маъзур хоҳанд дошт. Яке ҷобире, ки ҷабркунанда харобии мулки ту ҷӯяд. Дуввум, омиле ки моли ту дуздад. Саввум, хоине, ки сирри ту ошкор кунад.»

Дар ҳикоят омада, ки Нӯшервонро гуфтанд: «Фалон кас сирри ту ошкор мекунад.» Фармуд, ки ӯро дар хок пинҳон кунед, то он роз пинҳон бимонад.

Қитъа:

Ҳар кӣ созад сирри пинҳон ошкор,
Зери хоки тира пинҳон бехтар аст.
Сир нигаҳ дорӣ, сарат монад ба ҷой,
З-он, ки ҳифзи сир нигоҳбони сар аст.

Овардаанд, ки подшоҳе бо яке аз мулозимони худ гуфт, ки сирре бо ту мегӯям, ки бояд бо касе нагӯйӣ. Гуфт: «Нагӯям» Гуфт: «Ман аз бародари худ андешанокам ва пеш аз он ки аз ӯ қасде зоҳир гардад, дар садади дафъи ӯ мебошам, бояд ки пайваста ту маро муҳофизат кунӣ ва аз бародари ман ҳар чӣ дарёбӣ, хабар ба ман расонӣ.» Он кас қабул кард ва фурсате талабида он ҳол бо бародари ӯ гуфт ва он бародар аз вай миннатдор шуду гуфт: – «Ҳақро ба ман собит кардӣ, ки маро хабардор сохтӣ», ӯ низ худро муҳофазат мекард. Бародараш вафот кард ва салтанат ба-д-ӯ расид. Дарҳол, ки бар тахт нишаст, навкари бародарро талабиду ҳукм кард, ки сараш бардоранд. Гуфт: – «Эй малик, гуноҳи ман чист?» Гуфт: – «Он, ки сирри бародарам ошкор кардӣ ва бо вуҷуди он ки ҳама инъом дар ҳаки ту фармуда ва туро махрами инъоми худ сохта, ту сирри ӯро нигоҳ натавонӣ дошт, маро бар ту ҳеҷ эътимоде намонд.» Пас, ӯро ба қатл расонданд, ба сабаби он ки ӯ роз напӯшид ва дар вартаи халокат афтод.

Фард:

Ба пири майкада гуфтам, ки чист роҳи начот,
Бихост ҷоми маю гуфт: «роз пӯшидан.»

Аммо дар риояти ҷониби худ ҳафт шарт риоят бояд дошт: Аввал, аз ҷое ки чизе набояд шуд, наситонад ва ба ҷое, ки набояд дод, чизе надиҳад, то на дар дунё бе кому бе миқдор бошад ва на дар охират расвову шармсор. Дуввум, то

тавонад дафъи бадӣ кунад аз ҳама кас, некӣ расонад ба ҳама. Саввум, баландҳиммат бошад, ки эътибори ҳар кас ба қадри ҳиммати ӯст.

Шеър:

Бошад ба қадри ҳиммати ту эътибори ту.

«Ва ҳар кӣ ба сифати олиҳиммат ороста аст, ҳар ойина нафси худро ба тамаъи молу маноли дунё, ки бағоят хабис аст, хор нагардонад ва ба андак фоидаи чоҳе ва ё моле, обрӯи шарифи худро бар бод надиҳад, ки молу чоҳ намонад ва ӯ дар мақоми хиссату хорӣ бимонд. Чаҳорум, он ки на бар халқ сахт гирад ва на бар худ. Аммо Ҳуччатул-ислом фармуд, ки: – «Аҷаб бадбахтие бошад, ки барои ризои махлуқ худро ба хашми Холиқ гирифтор гардонад ва ба чиҳати фарогати султон чандин мазлама бар гардани худ гирад ва нафси азизи худро ҳимаи оташи дӯзах созад ва ба худ напардозад.»

Қитъа:

Аз барои ризои халқ макун,
Хешро мустаҳиқи хашми Худо.
Ҳайф, к-аз баҳри роҳати дигарон,
Ту дарафтодай ба ранчу ано[1]

Панҷум, қадри ихтиёр бидонад ва қиммати иқтидор бишиносад ва чунон созад ки: Байт:

Ҳ-он пештар, ки марг баногаҳ фаро расид,
Хурӣеди умр ба сари кӯҳи фано расид.

Шашум, ба ихтиёр ва чоҳи худ мағрур нагардад ва такя бар иззату эҳтиром накунад, ки даҳри ғаддор ва сипеҳри носозгор ба чафочӯй ва тундхӯй маъруф аст. Андаке замонеро аҳдномаи давлат дарнавардида мешавад ва рақами ноумедӣ бар сафҳаи бахтёрӣ ва комгорӣ кашида мегардад.

Назм:

Машав мағрури молу чоҳу динор,
Ки дунё ёд дорад чун ту бисёр.
Дамодам бигзарӣ даъво гузорӣ,
Ба душмани ҳар чӣ дорӣ, во гузорӣ.

Ҳафтум, ба он миқдор, ки мумкин аст бо мардум некӯи кунад, ки фоидаи тақарруби мулук ва ихтиёр бар даргоҳи салотин он аст, ки фавоиди эҳсон ба ому хос расонад ва хурду бузургро аз моидаи чоҳи худ таволии файз чашонад ва яқин боядонист, ки ҳар кӣ некӣ мекунад бо худ мекунад.

Яке аз акобири дин фармуда, ки ман дар ҳама умр бо касе некӣ накардаам. Мулозиме пурсид, ки бардавомии файзу эҳсон ва инъоми шумо ом аст ва бештар аҳли ин шаҳр машкури (шукр кардан) неъматҳо ва махзузи (хурсанд) карами шумоянд маънии ин сухан, ки мефармоед, ки ман бо ҳеч кас некӣ накардаам равшан созем. Фармуд, ки рост гуфтам. Ҳак субҳонаҳу дар каломи мӯъчазнизоми худ фармуда: – «Агар некӯй кунед, некӯй карда бошед бо нафсҳои худ.» Пас, чун хосияти эҳсон рочеъ ба нафси ман аст, пас, накӯйӣ бо худ карда бошам ва дар чониби бадӣ низ ҳамчунин аст ва дар чойи дигар Ҳак

[1] Ано – ранч, машаккат.

субҳонаҳу фармуда: «Агар бадй кунед ҳам ба нафсҳои худ кунед» чи уқубати бадй ба шумо боз мегардад.

Назм:

Некўйй кун чун акнун медиҳад даст,
Бадй бигзор, агар қудратат ҳаст.
Ки некўйй накўйй оварад пеш
Ва гар бад мекуни бад ояцат пеш.

Аммо риояти тарафи раият боид донист, ки гарази аслй аз ҷоҳу давлат на истирзои (талаби омурзиш) подшоҳ ва мутааллиқони ўст, балки мақсади акси риояти ибод (бандагон) ва иморати билод (шаҳрҳо) аст. Пас, ҷониби раиятро риоят дошган аҳамми (заруртарин) муҳимот аст ва он риоят ба ду шарт тавон буд. Аввал, он ки дар муҳофизати ҳоли эшон ғояти эҳтимол ба ҷой оварад ва бомдод исъод (ёрй) чунон созад, ки аз кори худ бознамонад ва аз ҷои худ ҷудо нашавад. Дуввум, шарри золимро аз эшон дур созад, ки бузургон гуфтаанд, ки раият бар мисоли гўспанд аст ва аҳли ихтиёр бар мисоли шубон ва подшоҳ молики гўспанд. Ҳамчунон ки молик гўспандонро ба шубон супурда то аз дарандаҳо ва доми зиёнкорон нигоҳ дорад ва дар чарогоҳи хуш эшонро фарбеҳ кунад ва натоичу самараи он ҳосил оварад. Ҳамчунин аркони давлат бояд, ки раоёро аз чизҳои зараркунанда ва гургони ситамгор нигоҳ доранд ва он чй салоҳи дину дунёи эшон дар он бошад, бар он доранд ва аз манофеу макосиби эшон чизе ба подшоҳ расонанд, на он ки аз ҳоли эшон ғофил шаванд, то золимон ҳар чй хоҳанд бо эшон кунанд.

Назм:

Туй роъй ин дам ганимат шумор,
Ғанамро зи гурги ситам боз дор.
Наояд ба наздики дино писанд,
Шубон хуфтаву гург дар гўспанд.

Ва чун калимае чанд аз одоби ичмолии аркони давлат гуфта шуд, ду-се некта аз одоби умаро ва вузаро ва аҳли қалам ва нудамо мазкур мешавад.

Аммо умаро бояд, ки дувоздаҳ қоида доранд. Аввал, фармонбардории ҳақтаоло ба он қадар, ки хоҳад ки халқ ҳидмати вай кунанд, нахоҳад, ки хидмати Худро кам аз он кунад. Пас, зишт бошад, ки истеҳқоқи маҳдумй ва худ бо халқ беш аз он хоҳад, ки истеҳқоқи (лаёқат, кобилият) маҳдумии Ҳақ бо худ.

Байт:

Гар чониби Ҳақ нигоҳ дорй,
Ҳақ низ туро нигоҳ дорад.

Дуввум, ҳифзи ҳуқуқи неъмат, бояд ки ҳаки валинеъмат фурў нагузорад ва тариқи хилоф пеш нагирад, ки куфрони неъмат натичаҳои бад дорад ва аз чумла он ки ҳеч касро аз мулук бар эшон эътимод намонад ва дар назари ҳама кас бе эътибор бошанд ва ҳеч носипос, кофири неъмат ба мурод нарасида ва оқибат ба накбат (бадбахтй) ва хазлон (хорй) гирифтор шуда.

Назм:

Ҳаки неъмат нигоҳ бояд дошт,
Ҳурмати подшоҳ бояд дошт,
Ҳар вй рў тобад аз валинеъмат,
Бахт аз ў рўй тобаду давлат.

Ва гуфтаанд аломати мардӣ он аст, ки аз валинеъмат макруҳӣ ва мазаррате расад, онро дар мукобалаи фоида ва манфиате, ки аз ӯ гирифта маҳву ночиз гардонад, то шукри неъмат бачо оварда бошад.

Фард:

Нахоҳам аз сари хӯят ба сад чандин чафо рафтан,
Нашояд шерамардонро ба ҳар захме зи чо рафтан.

Овардаанд, ки хоча ғуломе дошт, кофӣ ва хирадманд. Рӯзе он мард бо он ғулом ба боге рафт. Дар аснои тамошои бог ба полизе расид ва хиёре бозкарда ба дасти ғулом дод. Ғулом пӯст боз карда ба рағбати тамом тановул менамуд, чунончи хоча ҳазас кард, миқдоре аз он талабид, то бихӯрад ва ҳамин ки бичашид, бағоят талх буд ва гуфт: – «Эй ғулом, хиёре ба-д-ин талхӣ чӣ гуна ба нишот мехӯрӣ?» Гуфт: – «Эй хоча, ин хиёр, ки ту ба ман додӣ ва аз дасти ту бисёр чарбу ширин хӯрдаам, шарм доштаам, ки ба як лукмаи талх рӯй турш кунам.»

Фард:

Аз дасти ту сад шарбати ширин бичашам,
Як шарбати талх ар бичашам бок набошад.

Хочаро хуш омад ва гуфт: – «Чун шукри неъмати ман адо кардӣ, туро дар бандагӣ нагузорам.» Озодаш кард ва инъоми бисёр фармуд...

Чахорум, бояд ки гарази вай аз ҳама асбоб: молӣ, чохӣ ва нияти подшоҳ ва оростагии боргоҳ бошад на тачаммули нафси худ, чи ин навъ ба адаб наздиктар аст ва ба хақшиносӣ лоиктар, балки истифои он асбоб дар ин сурат мутасаввур.

Панчум, ҳазар кунанд аз ташбеҳ намудан ба подшоҳ дар чизе, ки ӯ ба-д-он мутафаррид бошад аз манозил (маконот) ва малобис (пӯшокӣ) ва маокил (хӯрокӣ) ва марокиб (савориён) ё чизе, ки лоиқи мулук бувад ва пас, чи ин маънӣ маҳмул ба тарки адаб бошад. Мумкин аст, ки он чиз дар мазрази заҳоб бувад ва ба сабаби он дар вартаи ҳалок афтад.

Шашум, бояд ки бар ҳар кор, ки аз султон содир шавад, ки на мухолифи шаръ бувад ӯро мадҳ гӯяд ва он корро ба хубӣ ситоиш кунад.

Байт:

Агар шаҳ рӯзро гӯяд шаб аст ин,
Бибояд гуфт, инак моҳу парвин.

Ва ҳама укалоро маълум аст, ки ҳеч коре набувад дар дунё, ки онро ду вачҳ набошад. Яке чамил ва яке қабех. Пас, вачҳи чамил ба ҳар коре талаб кунад ва онро ҳавола ба подшоҳ намояд ва агар ин кор маслиҳат набошад баъд аз он ба тадбири ҳакимона хотиринишон кунад.

Ҳафтум, агар султон рой занад, ки мухолифи нафси ӯ бошад, ё сухане гӯяд, ки макрӯҳи табъи ӯ мувофиқат бояд кард ва тазалул бояд намуд ва ба таҳқиқ бояд донист, ки ӯ султон ва он кас чокар. Пас, чокар бояд ки мутобиати султон кунад, на он ки мусоидат (мувофиқат) ва мутовиати (пайравӣ) худ талабад.

Ҳаштум, бояд ки ба чоҳу тақарруби худ мағрур нагардад ва ба агрозу икроми подшоҳ қадам аз ҳади худ фаротар наниҳад ва дар одоби Ибни Муқаннаъ мазкур аст, ки агар султон туро баробар гардонад, ту ӯро худованд дон ва агар номи фарзандӣ бар ту ниҳад, ту худро ходим шинос ҳар чанд ӯ таъзими ту афзояд, ту дар хидматгорӣ ва тавозӯъ афзой.

Байт:

Шоҳ агар лутфи алад ронад,
Банда бояд ки қадри худ донад.

Ва бибояд донист, ки агар аз амире дар ғояти ихтиёр ва ниҳояти иқтидор бошад, сурате дар вуҷуд ояд, ки шабеҳ бошад ба фармонгузории султон ва сиёсати вай, албатта, макрӯҳӣ табъи ашрафи подшоҳ хоҳад буд, агарчи зоҳир накунад дар хотир ниғоҳ хоҳад дошт.

Байт:

Макун дар мулки султон ҳар чӣ хоҳӣ,
Ки ширкат барнатобад подшоҳӣ.

Овардаанд, ки бародари султон Маҳмуди ғозӣ гуломеро аз бандагони дирамхарида, ки аз вай гуноҳи азим дар вуҷуд омада буд, бифармуд, то фурӯ кашиданд дар пеши вай ва чӯб заданд. Ғулом ба тазаллум пеши султон омад. Султон даҳол амр кард, то таблу нақора ва кӯсу алам ва асбоби навбати салтанат ба дари хонаи бародараш бираванд. Бародараш чун он ҳол мушоҳада намуд, аз ғояти хавф ва изтироб бе таваққуф ба даргоҳи султон омад ва сари ниёз бар замини хузуъ ниҳод ва гуфт: – «Аз банда чӣ содир шуд ва кадом ҷурм вокеъ гашт, ки мӯчиби он бошад, ки асбоби салтанат ба дари хонаи банда фиристанд?» Султон фармуд, ки агар салтанат ҳаки ман аст, ту бо фурӯ кашидану чӯб задан чӣ кор дорӣ? Эй, кош он ҳолат ба арзи ман расидӣ, то тафаҳҳусе ҳардаме ва нагузоштаме, ки аз молик бар мамлук ҳайфе равад на аз мамлук бар молик ва ҳақ субҳонаҳу ва таоло, ки бандагон ба ман супурда ҷавоби он, маро бояд гуфт, на туро. Баъд аз он ба шафоати бисёр гуноҳи бародар афв фармуд.

Маснавӣ:

Сиёсат нашояд зи корогаҳон,
Ки он хос бошад ба шоҳаншаҳон.
Далерӣ макун бар дари шаҳриёр,
Муҳиммоти эшон ба шоҳон гузор.

Нӯҳум Чун умури сипоҳиён муфавваз ба амир аст, бояд ки амри султонро бар он дорад, ки пайваста лашкари ӯ ороста бошад ва барои ҳарб муҳайё ва омода гашта, чи олам маҳалли ҳаводис аст ва кас надонад, ки ҳодиса дар чӣ вакт зояд ва фитна аз кадом тараф ояд. Агар султон ба чамъи мол машғул гардад ва ричол ҷамъ накунад, ба вакти зарурат фурӯ монанд, чи ҷамъи ричол ба мол муяссар гардад ва атрофи мамолик ба ричол мусаххар гардад.

Байт:

Ба лашкар шавад мулки олам мусаххар,
Ба мол аст тартиби лашкар муяссар.

Овардаанд, ки яке аз салотин бо амре аз умарои худ мушоварат кард, ки ман дар киссаи молу лашкар ҳайронам. Агар мол ҷамъ кунам, лашкар мутафаррик шавад ва агар лашкар тартиб кунам, мол дар даст намонад. Амир гуфт: – «Мол ҷамъ кун.» Султон гуфт: – «Лашкар парешон шавад.» Гуфт: – «Агар ричол бираванд, вақте ки ба эшон мӯҳтоҷ шавӣ мол ба эшон арз кун, то бозоянд.» Гуфт: – «Бар ин сурат ҳеҷ далеле дорӣ?» Гуфт: – «Оре, дар ин хонаи холӣ ҳеҷ магас нест, бифармой то зарфе аз асал биёранд.» Чун асал хозир шуд, магаси бисёр ҷамъ омаданд. Гуфт: – «Ин як намуд аз онҳо гуфтам зохир шуд.» Султонро хуш омад ва таҳсин карду ин сухан бо амири дигаре дар миён оварда гуфт: – «Лашкар тартиб кун ва эшон аз худ марон. Зеро ки шояд дар вақте ки хохӣ, ҷамъ шаванд ё нашаванд.» Гуфт: «Бар ин маънӣ далел дорӣ?» Гуфт: – «Дорам ва имшаб ба арз расонам.» Чун шаб даромад, бифармуд, то зарфе аз асал оварданд як магас пайдо нашуд. Гуфт: – «Дилҳо, ки аз касе мутанаффир шуданд ва дар торикии нафрат афтоданд, ҳарчанд мол бар эшон арза диҳанд, пиромуни он кас нагарданд. Ва ман дар ин боб ҳикояте ёд дорам.» Малик фармуд, ки бозгӯй. Амир гуфт: – «Султоне дар Миср буда, ки дар ҷамъи мол мекӯшид ва ба ғаври ҳоли лашкариён намерасид. Ҳар моле, ки ба даст меовард, (дар) сандуққо мениҳод ва ба ҳад мухофизат мекард. Қазоро амири Шом лашкар ҷамъ менамуд, то ба дохияи (даъво) ҳарбӣ ӯ мутаваҷҷехи Миср шавад. Ин хабар ба Миср расид. Яке аз аркони давлати султони Миср бо вай гуфт, ки амири Шом лашкар ҷамъ мекунад, то ба харби ту ояд. Мол медиҳад ва лашкар месозад ва мардони ту ку ва лашкари ту кучост? Подшоҳ ишорат ба сандуққо кард ва гуфт: – «Мардон дар ҳамёнҳояшонанд лашкари ман дар сандуққо, ҳар гоҳ хоҳам берун оянд.» Дар аснои ин ҳам амири Шом тохте кард ва бар ӯ ғолиб омад ва сандуққо дар тасарруф оварду гуфт: – «Агар ӯ ба-д-ин мол мардони корӣ ва муборизони корзорӣ ҷамъ кардӣ ин тафрика ба-д-ӯ нарасидӣ.»

Байт:

Мол дихӣ мара ба даст ояд.
Вар надихӣ, зуд шикаст ояд.

Даҳум, барои салоҳи мулк пайваста бояд, ки мунҳиён (хабаррасон) ва ҷосусон баргуморанд, то аз ҷавонибу атроф ба вай хабарҳо оранд ва аз ҳар гӯша, ки фитна сар занад дар талоруки он кӯшиш кунад. Овардаанд, ки Соҳиб ибни Ибод мулозими Фахруддавлаи Дайламӣ буд ва аксари авкот дар Шероз нишастандӣ. Иттифоқ афтод, ки се рӯз пеши малик нарафт. Сабоҳи чаҳорум ба мулозамат расид. Фахруддавла пурсид, ки сабаби тахаллуфи се рӯз чӣ буд? Соҳиб гуфт: – «Парерӯз мунҳии мо аз тарафи мамлакати Хито(й) омад ва тақрир кард, ки хони Хито(й) ба вақти он, ки ба фаррошхонаи худ мерафт, бо яке аз аркони давлати худ бо мушоварат сухан мегуфт. Се рӯз аст, ки дар андешаам, ки чӣ гуфта бошад ва тафаҳҳуси лашкар мекардам ва дар дафъи тааррузи ӯ чорахо месохтам, то имрӯз сабоҳ косиди дигаре расид, ки ӯ тахияи лашкаре мекард ва ба яке аз атрофи мамлакати худ мефиристод. Хотирҷамъ кардам ва ба мулозамат омадам. Умарову вузароро назари тафаҳҳуси аҳволи салотин, то ин ғоят буда, бо вуҷуди ин ки Хито(й) кучо ва Шероз

кучо ва кабл аз ин дар боби мунхиён ва арбоби ахбору аълом ду-се калима гуфта шуд.»

Қитъа:

Чу забти мулк муфаввaз ба туст, чаҳд намой,
Ки аз чонибу атроф бохабар бошй.
Ба теги каҳр сари фитначўй бардорй,
Ба дафъи тири бало халкро сипар бошй.

Ёздаҳум, бояд ки василаи он шавад, ки факиронро ба султон расонад ва воситаи он гардад, ки мазлумон ва додхоҳонро пеши подшоҳон дарорад, то дарди дили худ пеши табиби дорушшифои адолат такрир карда, шарбати шифои мурод нўш кунанд ва ҳар амире, ки раоё аз хавфи ў ба хидмати султон натавонанд расид, бар мисоли он аст, ки чўи оби софе бошад ва наханг дар он об чой гирифта ва лабташнагон ба он об мўҳточ бошанд ва аз ҳайбати ў гирди он натавонад гашт.

Қитъа:

Чу дорй ихтиёре ончунон кун,
Ки дарвешон зи ту осуда гарданд.
Мабош он навъ, ки аз дасти чафоят,
Ба зери пойи гам фарсуда гарданд.

Дувоздаҳум, бо зердастон чунон зиндагй кунад, ки хоҳад зердастон бо ў ҳамчунон маош кунанд ва дар ҳадиси саҳех омадааст, ки – «Ҳар кй раҳм накунад бар ў раҳмат накунанд. Ва касе ки бар халқ набахшояд, бар ў набахшоянд.» Дар хабар омадааст, ки бибахшоед бар касе, ки аз шумо фурўтар аст, то раҳм кунад бар шумо касе, ки аз шумо бартар аст.

Назм:

Ғами зердастон бихўр зинхор,
Битарс аз зердастии рўзгор.
Сулук он чунон кун ба халки чаҳон,
Ки хоҳй, ки бо ту кунанд ончунон.

Аммо одоби вузаро зиёда аз ҳама аркони давлат бояд, зеро ки ҳеч коре бар даргоҳи салотин аз вазорат сахттар нест, чи бар вай ҳасад бисёр мебаранд ва ҳасудони ў бештар мулозимони подшоҳанд. Хусусан чамъе, ки дар муносиб ва мудохил бо ў мусоҳим ва мушорик бошанд, лочарам тамаъ пайваста дар мансаби ў мебанданд ва домҳои макру ҳила бозкашида мутарассиди (интизори) онанд, ки ўро дар доме афкананд, ки рўйи халосй набинад ва бар ин такдир ўро ҳеч тадбире беҳ аз ростй ва камтамаъй нест. Бояд ки дакикае дар боби одобу шарти вазорат фурў нагузорад, то ангушт бар харфи ў наниҳанд ва бузургон гуфтаанд, ки чун касе муҳими худро ба покй гузорад, айбчўёнро дар ў мачоли дахл намонад.

Фард:

Киро расад, ки кунад айби домани покат,
Ки хамчу катра, ки бар барги гул чакад покй.

Бузургмеҳрро пурсиданд, ки лоиқи вазорат кист? Гуфт: – «Он ки ўро чаҳор ва се ва ду ва яке бошад.» Гуфтанд, ба тафсил биён куи. Гуфт: – «Яке аз чаҳор ҳушерй, ки саранчоми корҳо бидонанд. Дуввум, бедорй, ки худро пеш

аз вақт дар маҳолик наяндозад. Саввум, далерй дар сохтани корҳои бузург. Чаҳорум, чавонмардй. Аммо он се яке он аст, ки чун аз хидматгорон хидмат накӯ бинанд, зуд ӯро дар мукофоти он дилнавозй намояд. Дуввум, чамъе, ки аз фармони ӯ сар кашанд, молиш диҳад. Саввум, ҳаводиси рӯзгорро омода бошад. Он ду яке он аст, ки чониби подшоҳро риоят кунад ва дигар аз чониби раият ғофил нагардад. Ва яке он аст, ки дар ҳеч кор аз Ҳақ субҳонаҳу фаромӯш накунад. Дар ҳадис омада, ки «чун Худои таоло бо амире, яъне бо касе, ки соҳиби амр ва худованди фармон бошад, некӯй хоҳад, ӯро вазири ростқор ва дурустгуфтор бидиҳад, то агар нуқтае аз қавоиди маъдалат фаромӯш кунад, он вазир ёдаш бидиҳад ва агар ёдаш бувад, вазир ӯро мададгорй намояд ва агар Ҳақтаоло ба-д-он амир ғайри ин хоҳад, ӯро вазири нохушкирдор бидиҳад. Агар вақоеи адл фаромӯш бикунад, ба ёдаш надиҳад ва агар ёдаш бувад, ӯро бар он ионат ва имдод накунад.» Пас, вазире ки ба сифати ростй ва покй мавсуф аст, мададгори султон бошад дар тамҳиди аркони адл.

Маснавй:

Чарогафрӯзи мулканд он вазирон,
Ки раҳм оранд бар ҳоли фақирон.
Вазир ар чоҳи худ дар зулм донад,
Аз ӯ кай номи султон зинда монад.

Ва аз шурути (шартҳои) куллии вазорат ва одоби он нӯздах нукта оварда мешавад:

Аввал, риояти чониби Ҳақ ва ин сурат бар ҳама чизҳо мукаддам аст, зеро ки чун касе чониби Ҳақ нигоҳ дорад, ҳар оина мулоҳизаи аҳволи худ хоҳад намуд ва аз ношоисту нолоиқ иҷтиноб хоҳад фармуд.

Дуввум, мусовот нигоҳ дорад миёни шоҳу сипоҳ ва раият ва майл ба ҳеч чониб накунад, то зулм воқеъ нашавад ва ин мушкилтарин кор ва нозуктарин амалиёт дар вазорат.

Саввум, дар коре, ки шурӯъ мефармояд, дар оқибати он некӯ назар кунад ва аз хотимати он муҳим барандешад, то охир пушаймонй накашад ва пушти дасти ҳасрат ба дандони ҳайрат нагазад.

Маснавй:

Коре, ки гирифтай ту дар пеш,
Аз оқибаташ накӯ барандеш.
Гар маслаҳат аст ончунон кун,
Вар нест, салоҳ тарки он кун.

Чаҳорум, қоидаи некӯ ниҳад, ки дар ҳадис омада «Ҳар кй суннати ҳасана ба роҳи некӯ ниҳад, мар ӯрост музди он ва музди ҳар кй амал кунад ба он. Ва ҳар кй суннати бад ва бидъати нописандида биниҳад, бар ӯ бошад визри (гуноҳ) он ва гуноҳи ҳар кй амал кунад ба он.»

Рубой:

Эй он, ки ба кори шоҳ будай машғул,
Хоҳй, ки ҳамеша бошадат иззи қабул.
Бар сафҳаи рӯзгор расме бигзор,
К-он пеши Худову халқ бошад мақбул.

Панҷум, кифояти ҳуд зоҳир гардонад дар умури мулкия, ки кифояти вузаро дар тамҳиди масолеҳи давлатҳо беш аз он аст, ки тақрирпазир бошад. Овардаанд, ки Азизуддавла аз Абуалии Ҳузарӣ, ки вазири яке аз оли Пуяҳ буд, биранҷид. Наздики ӯ расуле фиристод, бо шамшери бараҳна. Гуфт: – «Инро пеши ӯ на расул ҳамчунон кард» ва ҳеҷ нагуфт. Вазир қалам пеши вай андохт ва гуфт: – «Ҷавоби ту ин аст» ва рӯй ба кори Азизуддавла овард ва номаҳо навишт ва аркони давлатро бар вай берун овард, то ӯро бигирифтанду банд карданд ва тамоми мамлакат ӯро бо мамолики шоҳӣ инзимом дод.

Байт:

Ҳама кори шоҳони ҳикматпажӯҳ,
Зи раъйи вазирон пазирад шукӯҳ.

Шашум, агар султон раъйе (фикре) андешад, ки маслиҳати моле ва мулке дар он набувад, бояд ки ба он розӣ нашавад, лекин дар маҷмӯъ онро писанд кунад ва бар сари ҷамъ накӯҳиши он нанамоянд ва донад, ки раъйи мулук монанди селе бошад, ки аз сари кӯҳ дарояд ва касе, ки хоҳад, ки ба як дафъа онро аз тарафе ба тарафе гардонад, дар вартаи ҳалок афтад. Аммо агар ба аввал мусоидат намояд ва ба мудоро ва эҳтиёт ҷониби ӯро ба хоку хошок баланд гардонад, ба ҷониби дигар хоҳад тавонад бурд. Ҳам бар ин сиёқ дар сарфи раъйи подшоҳ аз чӣ мутазаммини фасоде бувад, тариқи талаттуф ва тадбир бо ҷой бояд овард, на бар ваҷҳи амру нахӣ, балки аз рӯи тазаррӯъ, чи маслиҳате, ки бар хилофи раъйи ӯ бошад, ба-д-ӯ бояд намуд ва ӯро бар захомати (раъйи) оқибати он кор танбеҳ бояд дод ва ба тадриҷ дар авкоти хилват ба эроди амсолу ҳикоёт хотирнишони ӯ бояд сохт ва ба лутфу ҳилаҳо он раъйро аз хотир берун бояд бурд.

Назм:

Тавонӣ ба нармию корогаҳӣ,
Ки тағйири раъйи салотин дихӣ.
Ва гар аз дурушти барорӣ нафас,
Наояд аз он раъйи худ боз пас.
Пас он беҳ , ки аввал мадоро куни,
Ба фурсат раҳи чора пайдо куни.

Ҳафтум, ба мансабу мартаба ва тақарруби мулук ва камоли ихтиёр магрур нашавад, ки мизочи салотин ҳукми обу оташ дорад ва эътимодро нашояд ва яқин донад, ки ҳар амалеро ғарибе дар ақиб аст ва ҳар давлатеро накбате мусталзим. Бузургеро гуфтанд, чаро сарое барои худ насозӣ? Гуфт: – «Дар ин шаҳр ду сарой аст, яке саройи девон, вақте ки дар амал бошад. Дуввум, таги зиндон, он дам ки маъзул бошам.»

Фард:

Чӣ бошад нозишу кохиш, ба уқбоеву адборе,
Ки то бар ҳам заний дида, ин бинӣ ин он бинӣ.

Ҳаштум, то тавонад эҳсон кунад, пеш аз он, ки фурсати он фавт шавад.

Назм:

Э-он пеш, ки дасти сокии даҳр,
Дар шарбати даҳр афканад заҳр.

Аз сар бинех ин кулоҳу дастор,
Ҷаҳде бикуну диле ба даст ор.
К-ин сар ҳама сол бо кулаҳ нест,
В-ин рӯй ҳамеша ҳамчу маҳ нест.

Нӯҳум, дар раво кардани ҳочоти махрумон ва умеддорон саъйи балиг намояд, ки кафорати мулозамати шоҳон қазои ҳочати мӯҳточон аст. Аз ҳазрати Амирулмӯъминьн Ҳасан манқул аст, ки фармуд: – «Агар ҳочати мӯъмине барорам, дӯстгар дорам аз он, ки ҳафтод сол ба эътикоф (чилла) нишинам.» Ва аз Дониёл пайғамбар алайҳиссалом ривоят кардаанд, ки гуфт: «Чандин сол даст дар рикоби подшоҳ мезадам, то савор шавам ва ғарази ман он буд, ки ҳочати мардум бароварда гардонам.» Бисёре аз авлиёву ҳакамо назири ҳамин маънй доштаанд ва ҳидмати султон ихтиёр фармуда. Аз шайхи кабир манқул аст, ки дар як рӯз ҳафтод навбат пеши Азизуддавла рафта чиҳати кори мусулмонон сохта нашуд ва ба охири рӯз Азизуддавла гуфт: – «Эй шайх, ачаб марде будай, ин ҳама омадй ва кори ту сохта нагашт, бо ин боз месй мумтанеь нашудй?» Шайх гуфт: – «Эй малик, кори ман сохта шуд, ки нияти ман ризои Худо буд. Медонам, ки Худо аз ин омадушуди ман розй аст. Аммо кори ту сохта нашуд, ки дар муҳими мусулмонон эҳтимом накардй ва мӯҳточонро ноумед сохтй ва надонистй, ки то аҳли давлат кори касе насозанд, кори эшон сохта нагардад.»

Фард:

Кори дарвеши мустаманд барор,
Ки туро низ корҳо бошад.

Азизуддавла мутанабаҳ шуд ва бисёр бигирист ва корҳои шайхро тамом бисохт.

Байт:

Дар сохтани кори касон саъй намой,
Кори ту шавад сохта аз лутфи Худой.

Ва ҳам, султонро бар хайр дорад ва чунон кунад, ки хайри ӯ ба хама кас бирасад. Гӯянд, вазири Атобак аз моли подшоҳ хайри бисёр кардй. Атобак муставфиро фармуд, ки дигар иктоъ (ҷойгир ё худ як навъ тӯҳфа аз давлатдории ахди муғул) ба касе надиҳй, ки дастат бибурам. Рӯзи дигар дарвеш аз вазир чизе хост муставфиро гуфт, ки фалон ашё иктоъи ӯ бинавис. Муставфй тааммул мекард. Вазир гуфт: – «Чй тааммул мекунй? Аз он метарсй, ки дастат бибурад, аз ин наметарсй, ки туро баровезам.» Хабар бар Атобак расид, вазирро талабиду гуфт: – «Муставфирро чаро меовехтй?» Гуфт: – «Ман мехостам, ки таноби саропардаи давлати туро ба мехи давом истеҳком диҳам ӯ намегузошт, на сазовори баровехтан бошад.» Атобак бигирист ва мартабаи вазирро баланд гардонид. Дар таворих мазкур аст, ки султон Маликшохро гуфтанд, ки хоча Низомулмулк хар сол аз хазона сад хазор динор ба уламову сулаҳо ва фукарову зовиядорон ва ғӯшанишинон медиҳад ва шуморо аз он нафъ нест ва лашкари ҷаррор дар хам метавон баст. Султон ин суханро бо хоча бозгуфт. Фармуд, ки ба-д он зар лашкари зӯроварро тартиб метавон кард, ки эшон душманро бо шамшере, ки тӯли як диръ аст ва тире, ки рафтани ӯ

сесад газ бошад аз ту дафъ кунанд. Ман аз барои ту ба ҳамон зар лашкаре тартиб мекунам, ки аз аввали шаб то сабоҳ бар даргоҳи ҳазрати илоҳӣ ба қадами сидқ истодаанд. Аз барои ту забон ба дуо ва даст ба ҳочат кушода ва шамшери ҳиммат ба абр мерасонанд ва тири оҳ аз ҳафт осмон мегузаронанд ва лашкари ту ва мо ҳама дар паноҳи эшонем.

Фард:

Дигар мағӯй, ки дарвеш дар паноҳи касест,
Ки подшоҳи чаҳон дар паноҳи дарвеш аст.

Маликшоҳ бигирист ва гуфт: – «Шод бош барои ман бештар аз ин лашкар тартиб фармо.»

Ёздаҳум, қадри рӯзи амал бидонад ва аз он фоида гирад ва дар корсозӣ ва дӯстнавозӣ кӯшад ва озору изо ба кас нарасонад, вагарна вақте ки он амал аз даст равад, чуз ҳасрату надомат дар даст намонад.

Байт:

Чун тавонистӣ надонистӣ чи суд,
Чун бидонистӣ тавонистӣ набуд.

Овардаанд, ки бузурге аз амал маъзул шуд ва ҷазаъ мекард. Гуфтанд раво бошад, ки чун ту азизе дар узл (бекор кардан) ҷазаъ кунад. Гуфт: – «Ман на аз маъзулӣ ҷазаъ мекунам, чи якин медонам, ки амал бе узл намебошад. Ин ҷазаъу изтироб барои он аст, ки агар бо касе накӯй кардаам мегирям, ки кошки некӯ зиёда кардаме ва агар аз ман ба нисбати касе бадӣ содир шуда, меандешам, ки бадӣ накардаме. Фард:

Чун оқибат ҷазои баду нек медиҳанд,
Эй кош, некӯ аз ҳама беш кардаме.

Дувоздаҳум. Аз ручуъи халқ ва тараддуди мардум танг наояд ва ба вақти мулоқот бо эшон гирех бар пешонӣ назанад ва якин донад, ки мардум мулозими ихтиёранд. Ҳар ҷо ки ин сифат зуҳур кунад, аз мулозамати халқон чора нест. Овардаанд, ки Фазл ибни Суҳайл дар замони вазорати ҳуд якеро гуфт, ки аз омадшуди мардум ба танг омадаам ва аз бисёрии гуфтушунид бо додхоҳон малул гашта. Гуфт: – «Эй вазир, болиши эъзоз паси пушт баргир ва маснади вазорат дар ҳам печ ва дар ӯҳдаи ман кун, ки ҳеч кас туро наранҷонад ва дар ҳеч муҳими касе ба ту ручӯъ нанамояд.»

Қитъа:

Пеши он кас, ки ихтиёраш хаст,
Халқ бе ихтиёр меоянд.
В-агар он ихтиёр рафт аз даст,
Ба дари ӯ чӣ кор меоянд.

Сездаҳум, дӯстони холис пайдо кунанд, ки аз неъматхои аҳбоб якдилу якҷихат накӯтар бошанд ва гуфтаанд, ки «дӯсти мухлис беҳ аз ганҷи зари холис.»

Чахордаҳум, аз ъмоли хоин ва золим ғофил машавад ва пайваста ба тафаҳҳусу тачассуси аҳволи эшон иштигол намояд ва золимони озордиҳандаро бар мазлумони раоё мусаллат нагардонад ва чун ситаму хиёнати яке аз эшон (ва чун ситам ва хиёнате, ки аз эшон) зоҳир гардад, ӯро ба укубате, ки сазово-

ри он бошад, ибрати дигарон гардонад ва дар сиёсати золимон мутлакан мусоҳала (сустӣ) накунад.

Понздаҳум, аз уммол (амалдорон) ришват нагирад, ки то касе ришват аз дигаре наситонад натавонад, ки ба дигаре ришват бидиҳад ва чун вазир ба ришват фирефта шавад, иҷозат аст ба ришват гирифтани он кас ва ришват додан ва сутудан ҳаром аст. Ва дигар ришватгиранда забуни ришватдиханда мебошад ва забуни муносиби вазир нест!

Шонздаҳум, агар бар қайди фосиде ва макри муфсиде ё ғамзу сиотати (суханчинӣ) муониде (душман) вуқуф ёбад, чунон зоҳир кунад, ки ӯро ба дил ҳеҷ бок нест ва назди султон ҳашму кина аз эшон зоҳир накунад, ки муаккиди сухани эшон гардад ва агар дар мақоми саволу ҷавоб ва мунозараву ҷидол афтад, ҷавоб аз рӯи ҳилму виқор гӯяд, хиффат ва сабуксарӣ накунад, ки ғалаба ҳамеша дар ҷониби ҳилм мебошад.

Ҳафдаҳум, худро ба салотин чунон намояд, ки ба андак калима ва камтар ишорате, ки шоҳ фармояд, тамоми амволу ҳамагии ҷиҳоти худро базл хоҳад кард, ки чун чунин кунад молӣ ӯ аз тамаи подшоҳ эмин шавад, чи онро аз худ донад ва ҳамон дар тасарруфи худ шиносад.

Ҳаждаҳум, касеро ки амал медиҳад, бояд ки аз рӯйи тааммул ва фикр бисёр бошад ва то борҳо наёзмуда бошад, бар вай эътимод накунад, то дар охири кор мунфаилу шармсор нагардад.

Назм:

Ба ақлаш бибояд нахуст ӯзмуд,
Ба қадри ҳунар пойгоҳаш фузуд.
Ба айём то бар наояд басе,
Нашояд расидан ба ғаври касе.

Нӯздаҳум, ба коре ки рафтан дар ӯ осон аст ва берун омадан душвор, шурӯъ нанамояд, ки бузургон гуфтаанд. Байт:

Ту ба муҳиме, ки дарой нахуст,
Раҳнаи берун шуданаш куи дуруст.

Аммо арбоби қалам яке дабиронанд ва тааллуқ ба султон дорэнд ва девони иншо тааллуқ ба эшон, бибояд ки эмин бошанд ва мӯътамиду кофӣ ва хуштабъ ва тундфаҳм ва аз истилоҳот бохабар. Аз ҳаким Арасту пурсиданд, ки ҳочиби подшоҳ беҳтар ё котиби ӯ? Ҳаким фармуд , ки ҳочиб чузви ӯст ва котиб кулли ӯст ва агар дабире латифтабъ афтад, кифоятҳои некӯ тавонад кард. Овардаанд, ки подшоҳи Эрон одате дошт, ки дар ҳарбҳо фавҷе аз баргузидагони лашкарро ҷомаи сиёҳ пӯшонидй, чун ҷанг сахт шуд, бифармудй то сиёҳдорон пеш афтандй ва он ҷангро ба сар бурдандй. Вақте иттифоқ афтод, ки подшоҳи Турон, ки панҷоҳ ҳазор мард дошт, масоф кашид. Чун ҳар лашкар дар муқобили якдигар биистоданд, шоҳи Эрон бо баъзе ҳавосс (хосҳо) аз аҳли масофи худ бар баландй истода буд. Чун истидоди лашкар ва касрати лашкари ӯ бидид, хост ки он рӯз ҳарб накунад ва ба дасти худ бар коғазе навишт, ки сиёҳдоронро бигӯед, то бозпас истанд. Дабир марди оқил буд, донист, ки агар лашкар бозгардад, хасм қавй шавад ва имкон дорад, ки зафар ёбанд. Дарҳол қалам бардошт ва нукта дар зери сиёҳдорон зад, то сипоҳдорон шуд.

Чун хати эшон ба сиёҳдорон, ки умарои лашкар буданд расид, тасаввур карданд, ки сипоҳ ва мададе расида бо эътимоди тамом лашкарро пеш карданд ва худ аз акиб истода ҳамла карданд. Лашкари душман аз он ҷуръат ва савлат ачаб дошта мунҳазим шуданд ва ба мадади сиёҳдорон ҳочат баромад, дабир сурати ҳол ба арз расонид, шоҳ ӯро бисутуд ва навозиш кард ва фармуд: – «Дабир чунин баяд, ки ба як нуқта панҷоҳ ҳазор мардро ҳазимат диҳад!»

Ва дигар дар боби дабирон ҳикояте аст, ки подшоҳе ба подшоҳе навишта буд, ки пеш аз он ки ту худро бар ман занӣ, ман худро бар ту хоҳам зад. Аркони давлат фурӯ мондаанд, ки дар чавоби ин сухан чӣ нависанд. Дабири султон марди хушзехн буд, гуфт: – «Ман чавобе бинависам, ки ҳамаи шуморо писанд афтад.» Пас, навишт, ки ману ту шиша ва сангем, хоҳ санг бар шиша занӣ, хоҳ шиша бар санг. Ҳама аъёни ҳазрат ин чавобро писандиданд.

Фард:

Сухан, к-он аз сари дониш навиқад,
Ба назди окилон мақбул бошад.

Дигар амалдоронанд ва эшон мутааллиқ ба вузаро мебошанд ва омил бояд, ки некнафс ва хушхӯй бошад ва аз ҳирсу тамаъ баркарон бувад. Нӯшервон фармуд, ки омил бояд, ки дастбаста бошад ва ҳам дасткушода. Яъне ба некӣ даст бикушояд ва аз хиёнат даст бандад ва дигар боял, ки расми бад наниҳад ва қонуни номуваччаҳ вазъ накунад, ки ҳам подшоҳро бадномӣ орад ва ҳам худро ба нафрини халқ гирифтор кунад. Овардааанд, ки вазире омилеро ба чое фиристода буд. Омил навишт: – «Агар фалон кор бикунам зари бисёр ҳосил мешавад.» Вазир дар чавоб навишт, ки бозори авонон пеши мо бисёр касод аст ва забонҳои эшон гунг ва дастҳои эшон бағоят кӯтоҳ. Панҷ рӯзе, ки ту дар корӣ чунон макун, ки сабаби бадномии мо ва воситаи лаънату ҳории худ шавӣ. Ва дигар боял тасаввур накунад, ки агар подшоҳ ё вазир ё амир аз ӯ розианд, ҷониби раият саҳл аст, зеро ки касеро ки чандин ҳазор кас ҳасм бошад, чӣ гуна саломат тавонад буд. Бале, агар раоё хушнуд бошанд, тарафи подшоҳ саҳл аст.

Овардааанд, ки яке аз хулафо шахсеро ба амал фиристод ва ӯ бирафту чандин расмҳои накӯ барандохт ва қоидаҳои бад ниҳод ва моли бисёр ҳосил кард ва чун пеши халифа омад, халифа аз ӯ биринчид ва мусодараҳо (товонҳо) фармуд. Муддате дар зиндонҳо андохт. Баъд аз он фармуд, то бар амал равад ва дах-понздах сол гузашт. Мол биёварда. Он амалдор ҳайрон шуд ва бо шайх дар он боб мушоварат кард ва шайх фармуд: – «Қабул кун, боке нест, аммо имсол расмҳои нек бинех ва билъатҳо барандоз ва ризои раият ҳосил кун ва вазоифи дарвешон ва абророт ва актоот ба тамом бидех ва бозой дар ӯҳдаи ман, ки ҳеч офат ба ту нарасад.» Бирафт ва ба ҳамин тариқ, ки шайх фармуда буд, амал кард ва чун бозомад дах динори соли гузаштаро ҳашт динор оварда ва бо вучуди ин рифъат ва отифат аз халифа ба нисбати вай ҳосил шуд. Он омил сабаби ин ду сурат аз шайх суол кард, ки дар соли гузашта кифоят бисёр кардам ва мол вофир овардам, укубат кашидам ва имсол мол

кам овардам, тарбият дидам. Шайх фармуд, ки дар он навбат чандин ҳазор мардум ҳасми ту буданд он натича дод ва дар ин карат ин ҳама мардум шафиъи туанд, чунин самара медиҳад.

Аммо чун нудамо ба давлати мақоласати султон мушарраф шудаанд, эшонро дар ривояти қавоид адаб ва ҳурмат бояд кӯшид ва шарти эшон он аст, ки ончи наздики подшоҳ мақбулу макрӯҳ бошад, бидонанд ва исори он кунанд, ки мақбули султон аст ва агарчӣ макрӯҳи нафси эшон бошад ва надими султон бояд бо худ муқаррар кунад, ки дар бандагии Худо ва хидмати махлуқ ҳеҷ чиз судмандгар аз тарки ҳаззи нафси худ нест ва чун ин маънӣ назди ӯ муҳаққақ гардад ва дар муҳовала ва муомала, ки миёни ӯ ва султон афтад ва хешро дар он баҳра бинад, тарки баҳран худ гирад ва аз он таҷаннуб намуда, ҳаззи худи подшоҳро мусаллам дорад, то самараи хайр диҳад ва он фоида ҳам оид ба-д-ӯ шавад ва агар аввал ба истифои ҳаззи худ машғул гардад, кори ӯ холӣ аз халале намебошад ва чун ӯро инбисот ва густохӣ мебошад, ки ба ҳеҷ вачҳ дар ҳеҷ коре ҳарфе бо султон ҳавола накунад, агар чӣ ҳақ ба чониби вай бувад ва агар чизи қабеҳ аз вай дарёбад, ҳеҷ чо ба ӯ нагӯяд ва агар ба нодир саҳве кунад ва бозгӯяд ба-д-он эътироф накунад, агарчӣ он хабар ба султон расида бошад, ки инкор то инкор тафовути бисёр аст ва агар миёни ваю подшоҳ ҳоле афтад, ки ҷубҳи он онд ба яке аз ҳар ду бувад, чаҳд кунад дар он, ки он ҷубҳ мансуб бо худ гардонад, бароати соҳати султонро аз он зоҳир кунад ва чун султон бари соҳат шавад бояд, ки ҳилаҳо ангезад ва тадбирҳо андешад, ки он ҷубҳ аз ӯ низ бигардад ва бояд, ки дар хидмати мулук чашм ва даст ва дил ва забон ба фармони ӯ бошад, то саломат монад.

Рубой:

Пайваста ду гӯш сӯи шаҳ бояд дошт.
Фармони варо чашм ба раҳ бояд дошт.
Аз некӯйӣ забон равон бояд кард,
В-аз бад дилу дидаро нигаҳ бояд дошт.

Асмай мегӯяд, ки рӯзе назди яке аз хулафо рафтам, ӯро дидам бар тахт нишаста ва духтари панҷсола ки тахминан наздики вай қарор гирифта буд, маро гуфт: – «Донӣ ин духтар кист?» Гуфтам: – «Маълум надорам.» Гуфт: – «Духтари писари ман аст. Раву бӯса бар фарқи ӯ нех.» Ман ҳайрон мемондам ва гуфтам, агар хилофи амр кунам, уқубат кунад ва агар чурьат намоям, шояд ғайрат ӯро бар сӣ дорад, ки маро биранҷонад. Пас, остин бар сари он духтар ниҳодам ва бардоштам ва сари остини худро бӯса додам. Халифаро он адаб хуш омад. Гуфт: – «Агар ба хилофи ин мекардӣ, аз неъмати ҳаёт маҳрум мемондӣ.» Пас, маро даҳ ҳазор динор инъом кард. Ман шукронаи онро, ки аз он варта халосӣ ёфтам, ҳамаро садақа додам. Ва дар одоби нудамо овардаанд, ки яке аз мулук мулозиме дошт, багоят сохибҷамол.

Фард:

Рухе чунон, ки зи хуршеду моҳ натвон кард,
Хате чунон, ки зи мушки сиёҳ натвон кард.

Рӯзе надими худро гуфт: – «Ин чавон зебо сурате ва дилкаш ҳаёте дорад.» Гуфт: – «Оре, сабиҳ ва малиҳ (намакин) аст ва бисёр зариф.» Султон гуфт: –

«Ту ӯро дӯст дорӣ?» Гуфт: – «Не.» Пурсид, ки чаро? Гуфт: – «Касеро, ки подшоҳ дӯст дорад, ман чун бошам, ки ӯро дӯст дорам?!» Султонро адаби ӯ хуш омад ва сухани ӯро писандид ва дарачаи ӯро баланд кард. Китъа:

Ҳар киро мол аз адаб бошад,
Гар ба чое расад, ачаб набвад.
Чун адаб ҳаст аз ҳасаб чӣ камаст
Ҳасабе бехтар аз адаб набвад.

Чун ин рисола ба сарҳади итноб расид, одоб иқтизои он мекунад, ки зиёда аз ин қадам бар бисоти инбисот нихода нашавад ва ба дуои давоми давлати рӯзафзун самти ихтитом бояд...


САРГУЗАШТИ
ХОТАМ

ОҒОЗ

Ровиёни[1] ахбор ва нокилони[2] осор, муҳаддисони[3] достони гулистони куҳан ва тӯтиёни шакарминқору булбулони ширингуфтор ва андалебони бӯстону хӯшачиниони хирмани сухан чунин ривоят мекунанд, ки ровӣ Мир Ашрафи Рамузӣ дар «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт»-и худ дар баёни таваллуди Ҳотам овардааст, ки Ҳотам ибни Тай ибни Каҳлон ибни Син ибни Нахшаб ибни Қаҳтон ибни Ҳуд аст.

Овардаанд, ки Ҳуд марде буд соҳиби қуввату бозу. Дар ҳади Яман падараш деҳқонӣ мекард ва баъд аз чанд муддат вафот ёфта буд. Аз сабаби қуввату бозу бар сари Ҳуд ҳавое афтод, ки бо ин ҳама қуввату бозу ва чуръате, ки ман дорам, чун анкабут ба шавқи торкашӣ барои сайди магасе умр ба сар бурдан камоли ҳамокату аломати дунҳимматист. Ва ҳамаи қавму бародарону дӯстони худро чамъ намуда, машварат кард ва гуфт:

– Эй азизон, дар дили ман мегузарад сар аз итоати султон бар тобам ва зӯрозмой намоям. Агар Худои таоло карам намояд, тахту салтанат аз ин подшоҳи Яман биситонам. Мулкро чунон ороиш дода раиятпарварӣ созам, ки гургу гӯсфанд, шеру рӯбоҳ дар як чо об хӯранд. Тамоми халқон бар адлу инсофи ман тахсину офарин гӯянд. Шумоён дар ин боб чӣ маслиҳат медиҳед?

Ҳама бародарону дӯстони ӯ розӣ шуд гуфтанд, ки:

– Бисёр хуб аст, аммо дар ин боб хазина даркор аст. Агар фикри хазинаву зар мешавад, ин кору хаёл ба чое мерасад ва илло не.

Охируламр, барои чамъ кардани хазина мукайид шуданд[4]. Баъд аз ҳафт сол навкару сипоҳи бисёр чамъ намуда буданд, ки хабар ба подшоҳи Яман расониданд, ки писари фалон деҳқон, ки баъд аз фавти падараш райёсати калъа ба ӯ муқаррар шуда буд, хаёли фосиде ба сар афтода ва лашкари бисёре чамъ карда мехоҳад, ки сар аз итоати султон бартобад ва дар дил хаёли салтанати мулк дорад.

---

[1] Ровӣ – ривояткунанда.
[2] Ноқил – наклкунанда.
[3] Муҳаддис – ҳикояткунанда.
[4] Мукайид шудан – машғул шудан, азм кардан.

Подшоҳи Яман ин хабарро, ки шунид, дар газаб шуда амр кард, ки бо лашкари бекарон чанд амиру сардор рафта сари Ҳудро аз тан ҷудо созанд, ки дигаронро ибрат шавад.

Ба мӯҷиби[1] фармудаи шоҳ лашкар маа сардорон бар сари ӯ расида ҷанги маглубае карданд.

Алкисса, лашкари шоҳи Яман шикаст ёфта, аксари эшон ба қатл расиданд.

Подшоҳи Яман аз ин кардаву кирдори Ҳуд огоҳ шуда, дар ғазаб дар омад ва худ бо лашкари бисёру тирандозони бешумор бар сари Ҳуд расид. Ҳуд ҳамроҳи ёрону дӯстон баромада ба подшоҳи Яман муқобил шуд ва ҷанги бузурге дар миён воқеъ гардид.

Чун нияти Ҳуд бар адлу адолат ва раиятпарварӣ буд, Худои таоло ёри ӯ шуд ва лашкари подшоҳи Яманро шикаст дода, худи подшоҳро дастгир кард ва тахту тоҷ аз ӯ ситуда[2] бар маснади[3] хилофат омада нишаст. Подшоҳи Яман аз касрати гуссаву фироқ баъд аз чанд муддат ҷон ба ҷонофарин таслим кард.

Ҳуд чунон бар адлу адолат кӯшида раияту фукарои мулки Яманро аз худ розӣ гардонид, ки ҳамеи дӯсту душману пиру барно бар адлу инсофи ӯ таҳсину офарин мекарданд. Чунон адолат варзид, ки дасти зулмро аз ҳар мазлум кӯтоҳ гардонид ва мамлакат ба қисме обод шуд, ки гург бо гӯсфанд, шер бо рӯбоҳ дар як ҷо об хӯрдандӣ. Мардуми Яман ба хубию айшу ишрат умр ба сар бурдандӣ. Баъд аз чанд муддат Аллоҳ таоло ӯро фарзанде каромат кард. Ӯро Қаҳтон ном гузошт ва чанд муддат Ҳуд дар Яман подшоҳ буд.

Охируламр, умраш тамом шуда шарбати аҷалро бичашид. Писараш Қаҳтон ба ҷойи падар нишаста мулки Яманро обод гардонид. Ӯро ҳам Аллоҳ таоло писаре каромат кард. Ӯро ном Нахшаб гузошт. Вақте ки Нахшаб ба ҳади балоғат расид, рӯгардон аз падар шуд ва дар тамоми мулки падараш ҳалал расонид ва падараш ӯро газаб кард. Ӯ рӯ ба ҷониби Араб карда рафт ва баъд аз муддате падараш шарбати маргро бичашид ва Нахшаб омада ба ҷойи ӯ подшоҳ шуд. Аз ӯ низ писаре ба олами вуҷуд омад. Ӯро Син ном ниҳоданд.

Вақте ки Син худро донист, феълҳо аз вай ба вуқӯъ омад, падар аз вай безор буд. Ӯ мехост, ки падарро дастгир кунад, муяссар намешуд, падар мехост, ки ӯро бикушад, модараш намегузошт ва пинҳон мекард ва аз ин замон чанд вақт гузашта буд, ки Нахшаб ҷон ба ҷонофарин таслим кард ва Син ба ҷойи падар нишаста волии[4] Яман шуд. Ва мулки Яманро ба зулму таадӣ хароб кард ва аз ӯ писаре шуд, ӯро Каҳлон ном ниҳоданд. Вақте ки Каҳлон худро донист, раво надошт, ки падараш зулму таадӣ карда мулкро хароб гардонад.

Охируламр падарро ба макру ҳила ба даст дароварда, дар қайд нигоҳ дошт. Худ ба ҷойи падар нишаста подшоҳӣ мекард ва падараш дар қайд бимурд.

Каҳлонро Худои таоло писаре дод, номи ӯро Тай гузоштанд ва баъд аз

[1] Ба мӯҷиби – мувофики.
[2] Ситудан – гирифтан.
[3] Маснад – тахт.
[4] Волӣ – ҳоким.

мавти[1] падар Тай бар тахти подшоҳӣ нишаст. Чунон адлу инсоф варзид, раиятпарварӣ кард, ки ба шарҳ рост наояд. Ва мулки Яманро чунон ободонӣ вокеъ шуд, ки аз падаркалонаш гузаронид.

Тай сипоҳу лашкар ҷамъ карда, мамлакати Арабро дар таҳти тасарруфи худ даровард, валекин ин таҷаммулу[2] шукӯҳ аз хосияти адлу инсофи ӯ буд. Ва аз атрофу ҷавониб бузургону хубону таҷрибакоронро дар хидмати худ ҷамъ намуда сӯҳбат медошт ва дар ин сӯҳбат сифати ҳусни духтари Адан дар миён оварда мегуфтанд.

Тайро рағбату хавои ҳусни ӯ гирифт. Ӯро ба даст оварда дар ақди[3] худ даровард ва аз ӯ писаре шуд рӯй ба монанди офтоби Ховар. Номи ӯро Ҳотам гузоштанд.

Ҷамеи ҳакимону муначҷимонро талабида фармуд, ки толеи Ҳотамро бубинанд. Муначҷимон қуръа андохтанд. Аз рӯи ҳикмату қуръа нуктарезӣ карда дарёфтанд ва ба арзи шоҳ расониданд, ки толеи Ҳотам бисёр хуб баромадааст, ки подшоҳи ҳафт кишвар мешавад ва дар кори бериё барои муҳиббон ҷонбозӣ месозад ва номи неки ӯ то қиёмат дар олам машҳур ва равшан мемонад.

Тай, падари Ҳотам, аз шунидани толеи писари худ хушҳол шуда, инъому эҳсони бешумор ба ҳакимону муначҷимон намуд. Мардуми хосу ом дар шодии Ҳотам омада обу таом тановул намуда, дуои шоҳу фарзанди ӯро карданд. Ҳеҷ кас аз хони ӯ ноумед нахост.

Ҳамон рӯзе, ки Ҳотам аз модар ба дунё омада буд, шаш ҳазор писар ба олами вуҷуд омада буданд ва падари Ҳотам, ки Тай аст, дар шаҳр мунодӣ[4] кунонид, ки: «имрӯз ҳар фарзанди писаре, ки дар шаҳр таваллуд шуда бошад, ҳамаро дар назди ман ҳозир созанд.» Дархол мулозимон шаш ҳазор писарро дар пеши ӯ ҳозир карданд.

Тай шаш ҳазор доя барои тарбияти онҳо муқаррар гардонид. Дояҳо ба тарбияти бачаҳо муқайид гардиданд ва чаҳор дояи хушрӯи соҳибҷамолро аз байни шаш ҳазор доя баргузида Ҳотамро ба онҳо супурд. Онҳо низ ба тарбияти Ҳотам муқайид шуданд. Вақте ки дояҳо пистонҳои худҳоро ба даҳони Ҳотам ниҳоданд, Ҳотам пистони дояҳоро ба даҳони худ нагирифт ва шир аз пистони дояҳо нахӯрд.

Ин воқеаро ба самъи[5] Тай расониданд, ки эй шоҳи олампаноҳ, писари шумо аз пистони доягони хеш шир намехӯрад ва пистони дояҳоро ба даҳони худ намегирад. Шоҳ фармуд, ки муначҷимону ҳакимонро биёред. Дархол оварданд.

Тай фармуд, ки:

– Эй ҳакимон ва муначҷимон, писари мо шир намехӯрад ва пистони дояҳоро ба даҳони худ намегирад. Сабаби ин чӣ бошад?

---

[1] Мавт – вафот, марг.
[2] Таҷаммул – дабдаба.
[3] Ақд – никоҳ.
[4] Мунодӣ – чорчӣ.
[5] Самъ – гӯш.

Муначчимон қуръа андохта гуфтанд:

– Эй шоҳи олампанох, дар дунё Ҳотам аз бобати саховат бисёр шӯҳрат хоҳад гирифт ва як донаву як лукмае бе ширкат ба даҳони худ нахоҳад андохт. Бояд, ҳама писарҳоро дояҳоро ба хидмати Ҳотам ҳозир карда, дар пеши назари ӯ шир бидиҳанд. Ӯ низ хоҳад хӯрд ва пистони дояҳоро ба даҳон хоҳад гирифт.

Ҳамчунон карданд. Ҳотам пистони дояҳоро ба даҳон гирифта шир хӯрдан гирифт. Ва хислати дигари Ҳотам ин буд, ки ҳаргиз гиря накардӣ ва дар вақти танҳой шир нахӯрдӣ ва дар хоби ғафлат нарафтӣ.

То ҳангоми ширхӯрда[1] будан гузашт, об, нон ва таом хӯрдӣ. Ва гаҳе ки берун рафтӣ, агар ғарибу шикастаро дидӣ, ба дасти худ ишорат кардӣ: «Ба ин чизе бидиҳед.» Ва нишонаи саховату эҳсон аз кирдукору гуфтори ӯ зоҳир мешуд, то ин ки дар синни чаҳорсолагӣ расид. Падараш Ҳотамро бо шаш ҳазор аз барои таълими илму ҳикмат ва адаб дар назди мактабдор гузошт.

Вақте ки олим ба илми он замон гардида, ба синни дувоздаҳ расид, шуғлаш саховат буд. Падараш хазинаи бисёр ҷамъ карда буд, Ҳотам он хазинаҳоро гирифта ба ғарибону фақирон садақаву эҳсон мекард. Аммо падараш Ҳотамро бисёр дӯст медошт, ҳама кардаҳои ӯро ба чону дил қабул мекард.

Ҳотам гоҳе ба шикор мерафт, сайдро ба найзаву тир намезад, ба дом мегирифт, то чандон озор наёбад.

Ҳар мусофиру ғариб, ки манзури назараш мешуд, оварда обу таом медод ва суханҳои нарму ширин ба ӯ мегуфт ва ба ҳеч кас сухани дурушт нагуфтӣ, бағоят фасеҳу ширинкалом будӣ ва соҳиби ҳусну ҷамол будӣ, ҳазорон мардону занон ошики рӯйи ӯ будандӣ. Ва ҳар кас ба сари роҳи ӯ истода, арзи аҳволи худ кардӣ, сари таковар кашида кайфияти ҳол пурсидӣ ва арзи доди ӯро шунидӣ. Агар аз золиме зулму аламе ба ӯ расидӣ, дасти золимро аз сари ситамрасида кӯтоҳ кардӣ.

Агар даъвою муомила доштӣ, ба забони ширину мукаддимаи каломи рангин муддаиро[2] розӣ кардӣ. Зулму ситам бо касе раво надоштӣ.

Ҳам дар ин муддат овони туфулияташ[3] гузашту вақте ки хатти райҳонӣ ба гирди орази чун моҳаш дамид, ҳусни ӯ даҳчандон аз аввал зиёда шуд. Чунончи аксар мардону занон барои дидани ҷамоли бакамоли Ҳотам меомаданд. Овозаи ҳусну ҷамол ва ҷавонмардию саховати Ҳотам коф то коф машҳур гардид.

ҲИКОЯТИ ПОДШОҲИ ХУРОСОН ВА ДУХТАРИ БАРЗАХИ БОЗАРГОН

Ривоят мекунанд, ки дар мулки Хуросон подшоҳе буд ном Курдоншоҳ, панҷ лак сипоҳи савора ва панҷ ҳазор пиёдарав ва ҳазор баркандоз[4] дар рикоби ӯ медавиданд.

Порае лашкари худро маа амирон аз барои фатҳу тасхир дар мамлакатҳо фиристода буд ва дар инсофу адолат ҳамто надошт.

---

[1] Ширхӯрда – ширхор, синамак.

[2] Муддаӣ – додхоҳ, даъвогар.

[3] Туфулият – кӯдакӣ, бачагӣ.

[4] Баркандоз – силоҳдоре, ки силоҳи махсусаш оташ ба сари душман меандохт.

Дар аҳди ӯ бозаргоне буд Барзах ном ва моли бисёру гумоштаҳои билоиҳоя[1] дошт, ки ба ҳар ҷониб мерафтанд барои тичорат ва худи он дар хона нишаста, бо мардумон муомила мекард ва рӯшиноси подшоҳ буд ва дар назди подшоҳ қадру манзалати азим дошт. Курдоншоҳ ӯро бисёр дӯст медошт. Баъд аз чанд гоҳе Ҳоҷа Барзахи бозаргон фавтида, гайр аз як духтар ҳеч вориси намонд ва номи неки ӯ малика Ҳуснбону буд. Вай бағоят соҳибҷамол буд, аз шаъшааи ҷамоли ӯ офтобу маҳтоб ҳира мегаштанд ва сифати ҳусни ӯ дар диёрҳо мунташиру машҳур шуда буд.

Духтар дар синни дувоздаҳсолагӣ буд, ки падараш ба подшоҳ васият карда гуфта буд:

– Эй шоҳ, акнун маро сафари охолагират дар пеш аст. Ин духтарро ба шумо супоридам ва шуморо ба Мураббии ҷамеи оламиён. Бояд, ки духтарро падарӣ карда, мурувватӯ шафқати худро дареғ надоред ва дар бораи ин духтар марҳамат карда, ба ҷойи фарзанди худ донед.

Курдоншоҳ:

– Эй Ҳоҷа, хотири худро аз ваҷҳи малика Ҳуснбону ба куллӣ ҷамъ доред, ки меҳрубониро дар бораи ин духтар дучандони шумо созам. Акнун ин духтар духтари мо шуд, – гуфта Ҳоҷаро тасаллӣ дода буд.

Ҳоҷа Барзах аз ваҷҳи духтари худ хотирҷамъ шуда ҷон ба ҷонофарин таслим намуда буд. Ва ҷамеи молҳои худро маа малика Ҳуснбону ба подшоҳ супурда буд.

Курдоншоҳ аз рӯйи инсофу адолат ҳама молҳои бозаргонро ба духтари он супурда буд. Духтар бағоят соҳиббасорат[2] буд. Баъд аз чанд мудлат пок мулоҳиза кард, ки дунё ҷойи саҳл аст ва фонию нопойдор. Ба худ андеша кард: «Ин молу ашёе, ки дар тасарруфи ман аст, барои рӯзии Худо ба фақирону бечорагон бояд дод. Худро ба дунё олоиш додан чандон хуб нест.»

Малика модару хоҳар надошт, аммо ғуломони бисёр ба хизмат дошт. Дояе дошт бағоят соҳибҳушу соҳибтадбир. Малика аз ӯ шир хӯрда буд. Ҳамон замон дояро дар назди худ талабида гуфт, ки:

– Эй модар, ба хотири ман мерасад, ки дар ин олами фонӣ шаҳр нанамоям ва аз ин дунёи нопойдор таҷарруд[3] бигзарам. Аммо аз дасти аҳли дунё чӣ тадбир кунам, ки раҳоӣ ёбам? Маслиҳати ин кор чӣ мешавад?

Доя гуфт:

– Эй ҷони модар, ба хотири ман ҳилае расидааст.

Малика гуфт:

– Бигӯ, он ҳила ба чӣ қисм аст ва оё сабаби хотирҷамъии ман мегардида бошад?

Доя гуфт:

– Эй маликаи олам, ба хотири ман ҳафт саволи мушкиле расидааст. Ҳар касе ба хостгории шумо ояд, бигӯед, ки ҳафт савол дорам. Ҳар кӣ ҷавоби ин

---

[1] Билоиҳоя – бепоёт.
[2] Соҳиббасорат – зираку дурандеш.
[3] Таҷарруд — танҳоӣ, мучаррадӣ.

ҳафт саволи маро бидиҳад, аз они ӯ бошам ва илло, ихтиёри молу чони ӯ бар ман бошад.

Ва ҳеч кас аз ӯҳдаи ҷавоби ин ҳафт саволи шумо баромада наметавонад ва аз талаби мардумон халос мешавед. Ҳафт савол ин аст:

Саволи аввал:

Як бор ҷамоли ёр дидан ҳавас аст,
Дар орзуи дубора бисёр кас аст.

Саволи дуюм:

Ту некӣ мекуну дар дачла[1] андоз,
Ки эзид дар биёбонат дихад боз.

Саволи сеюм:

Ҳар кӣ бадӣ кард ба бад ёр шуд,
Ҳам ба бади хеш гирифтор шуд.

Саволи чаҳорум:

Ростӣ овар, ки шавӣ растагор[2],
Ростӣ аз ту, зафар аз Кирдгор.

Саволи панҷум:

Он ки матлуби худ ба даст орад,
Хабар аз кӯҳу аз нидо орад.

Саволи шашум:

Эй ҳамои кас, ки фитрате[3] дорӣ,
Сирри Ҳаммоми бодгард орӣ.

Саволи ҳафтум:

Дурре дорам чу тухми мургобӣ,
Ҷуфти ӯро магар ту дарёбӣ?

Алқисса, малика Ҳусибону аз доя худ ин ҳафт саволро шунида бисёр хушҳол гардид ва гуфт:

– Эй модар, аз ин ҳафт саволи шумо хотирҷамъӣ ҳосил гардид.

***

Рӯзе малика ба болои қасри худ баромад. Нишаста буд, атрофу ҷавонибро тамошо мекард ва аз дур дид, ки дарвеше бо чиҳил ходим меояд. Қадам бар замин намениҳод. Чунончи ходимон дар зери пои дарвеш хиште аз тиллову хиште аз нуқра мегузоранд ва он дарвеш пои худро бар болои он хиштҳо гузошта роҳ меравад.

Малика пурисд, ки:

– Эй модар, ин бузургвор кӣ бошад? Бо ин ҳама таҷаммули тамом меояд ва пой бар замин намегузорад ва бар болои хишти тиллову нуқра қадам менихад?

Доя гуфт:

– Эй барнои олам, ин азизро, ки мебинед, пиру муршиди Курдоншоҳ мешавад. Курдоншоҳ моҳе чаҳор маротиб омада ин азизро зиёрат мекунад ва ҳар чӣ, ки азиз гӯяд, Курдоншоҳ ба сад ихлос қабул менамояд. Аммо бисёр дарвеши шабзиндадор мегӯянд.

---

[1] Дачла – дарё.
[2] Растагор – начотёфта, халосшуда.
[3] Фитрат – ақлу хуш.

Малика гуфт:

– Эй модар, ин азизро дар хона талабида меҳмон бояд кард, порае назр бояд дод. Сару чашми худро ба пои ин азиз хоҳам молид.

Доя гуфт:

– Эй маликаи олам, бисёр хуб аст.

Малика дарҳол ғуломи соҳибэътибори худро фармуд, ки рафта он бузургворро ба ин ҷониби кулбахона таклиф намой. Ғулом ба фармони малика рафта ба дарвеш салом кард. Дарвеш ҷавоби салом дода пурсид, ки:

– Эй ҷавон, чӣ матлаб дорӣ?

Ғулом гуфт:

– Ё азиз, малика Ҳуснбону мегӯяд, ки ҳазратам ба ин ҷониби кулбахонаи канизашон қадам ранҷа намоянд.

Дарвеш қабул карда фармуд, ки фардо ба сари хони малика Ҳуснбону хоҳам рафт. Ғулом ба хидмати маликаи худ омада ҷавоби дарвешро арза намуд.

Малика хушҳол шуда фармуд, ки таомҳои рангину меваҳои гуногун аз барои дарвеш муҳайё созанд.

Дарҳол мулозимон ҳамаи гуфтаҳои маликаро камоянбағӣ[1] тайёр намуданд. Ва нӯҳ тӯққуз парчаи бирешимӣ ва ҳафт хон аз зарфи сурху ҳафт хон аз зарфи сафед тайёр намуданд.

Алқисса, шаби торики зулмонӣ аз сари даст гузашта, офтоби ҷаҳонтоб дар ин олам тулӯъ намуда буд, ки дарвеш бо чиҳил ходими хеш ба дари сарои малика расид. Дарвеш зоҳири худро бо либоси сабзу аммомаи сабзу ридои сабзу асои сабз ороста буд.

Чун маликаро аз омадани дарвеш хабар шуд, мулозимони худро гуфт:

– Пойандозҳои зарбофт дар зери қадами дарвеш паҳн созед.

Мулозимон аз дарвоза то ба пойгоҳи хона пойандозҳои зарбафт андохтанд.

Чун дарвеш дар болои кӯрпачаҳо гузашта нишаст, ҳафт хон, ки пур аз зарри сурху сафед буд, оварда ҳадя гӯён дар назди дарвеш ниҳоданд. Баъд аз он фаррошон[2] офтобаву ташти аз тиллову нукра оварда, дарвешро маа ходимонаш даст шӯёниданд. Сипас дастарханҳои зангорӣ дар пеши шайх фарш карда нонҳои обию равғанӣ гузоштанд. Баъд аз он хонҳои таом бо сарпӯшҳои тиллову нукра дар пеши онҳо гузоштанд.

Дарвеш бо ходимон даст ба таом бурда нӯши ҷони худ мекард ва дар дили худ мегуфт, ки: «Барзахи бозаргон аҷаб соҳибдавлате будааст. Инчунин асбоб дар хонаи подшоҳе нахоҳад буд.» Ва [ходимон] дар дили худҳо мукаррар карда мегуфтанд: «Имшаб омада, ин ҳама асбобҳо ва зарфҳоро хоҳем дуздида бурдан.»

Чун аз аклу шурби[3] обу таом фориғ шуданд, хизматгорон дастшӯй оварда, дастҳои эшонро шӯёнданд ва меҳмонон дар ҳинни даст шустан бо якдигар чашмакҳо мезаданд ва дар дили худҳо дуздида бурдани асбобҳои маликаро накш мекарданд.

---

[1] Камоянбағӣ – бекаму кост, ба таври бояду шояд.

[2] Фаррош – ин ҷо ба маънои дастарханчӣ.

[3] Аклу шурб – хӯрдану нӯшидан.

Алгараз, вақти шом дар ҳаққи малика дуои бисёре карда, ба тарафи хонаҳои худҳо озим[1] шуданд ва дар ватани худхо рафта қарор гирифтанд.

Шаб ба сари ҷанг даромада буд, хизматгорони малика як шабу як рӯз меҳнат кашиданд, хоб бар онҳо ғалаба карда буд. Ва дари хонаҳоро бекуфл монда дар хоб шуданд. Чу нимае аз шаб гузашта буд, ки дарвеш бо чиҳил ходими хеш омада аз дари сарои малика дохил гардид. Дид, ки ҳама посбонон ба хоби фароғат рафта ва аз кирдори бади эшон хабардор нахоҳанд гардид.

Алқисса, порае аз мулозимонро кушта, дасти дуздй ба асбобҳои малика ниҳоданд ва ҳамаи асбобу амволи ӯро ба фароғати тамом гирифта бадар бурданд. Аммо малика маа дояи хеш аз канора дида, ҳамаи дуздонро шинохт. Чунки ӯ бар болои чаҳордараи олӣ нишаста ибодат мекардй ва аз ҳамаи корҳои шайху муридони ӯ воқиф ва нозир будй.

Чун рӯз шуд, диданд, ки чанде аз хизматгорони малика аз дасти дарвешу муридони ӯ мурдаанд. Малика мулозимони худро гирифта ба дарбори Курдоншоҳ расида фарёд баровард. Шоҳ пурсид, ки:

– Ин додхоҳ кист?

Ҳочибон[2] ба арзи шоҳ расониданд, ки ин додхоҳ духтари Хоҷа Барзахи бозаргон аст. Мегӯяд, ки агар шоҳ марҳамат намояд, худ рафта арзи бандагй намоям.

Курдоншоҳ духтари бозаргонро дар назди худ талабида кайфияти ҳолро пурсид.

Малика забон ба дуо кушода гуфт:

– Эй шоҳ, умр ва давлати шуморо бақо бод. Арзи канизак ин ки имшаб дарвеши беандеш бо чиҳил ходими худ дар қасри ин ходима даромада, порае хизматгоронро кушта ва ҳамаи асбобу молу палосҳоро гирифта бадар бурд ва ман дар он вақт бар болои чаҳордараи баланд бедор будам ва аз чамеи кирдори дарвеши бадкеш муталлеъ гардидам. Ва ҳамаи онҳоро шинохтам ва он пири габр[3] дар ҳаққи ин бечораи бекас ва рафиқони ман чунин ҷабру ситам намуд. Шумо подшоҳи одилу соҳибтаҷаммулед, бояд, ки доди мазлумонро аз ин золимони нобакор бистонед.

Курдоншоҳ аз шунидани ин калом дар газаб дар омада гуфт:

– Эй ноқисулакли гесубурида[4], ту ба зоти он бузургвор забони таъну лаън кушода тӯҳмат мекунй ва ӯро тамаъ аз чефаи[5] дунё нест. Ҳоло ту ӯро дузд мегӯй ва ӯ моли мардумон ва чифаи дунёро бар худ ҳаром гардонидааст. Ва ӯ кутби замон аст.

Малика дар ҷавоби шоҳ гуфт:

– Эй султони одил, шумо ғалат шинохтаед, ӯ иблиси замона аст ва ӯро аз чумлаи малъунон бояд гуфт.

Байт:

---

[1] Озим – омода, омодаи рафтан.

[2] Ҳочиб – посбон, дарбон.

[3] Габр – оташпараст; ин чо ба маънои бедини фосик.

[4] Гесӯбурида – бекаё, бешарм.

[5] Чефа – чизи нопок, киноя аз моли дунё.

Шайхони замона домй тазвир[1] ниҳанд,
Тасбеҳ ба даст, амома бар сар бинишанд.
Чун дар назари халқ намоянд дарвеш,
Андар шаби тор по ба дуздй бинишанд.

Шоҳро аз ин каломи малика хашм зиёда шуда амр кард, ки:

– Эй ҳочибон ва эй ясавулон, ин гесӯбуридаро маа доягонаш дар миёни шаҳр бурда сангсор бикунед ва ҳамаи амволу амлоки ӯро тороҷ намоед, ки инчунин суханҳои беҳуда дар ҳаққи муршиди[2] ман мегӯяд, то он ки дигаронро ибрат шавад. Минбаъд дар ҳаққи муршиди ман инчунин тӯҳмат касе накунад.

Ҳочибон мехостанд, ки маликаро маа мулозимонаш каш-кашону зан-занон бурда сангсор намоянд, вазир аз ҷойи худ бархосту дар пойғоҳ истода гуфт:

– Эй шоҳ, ин духтари Хоҷа Барзах аст, ки солҳои сол умри худро ба хизмати шумо сарф карда буд. Дар бораи ӯ марҳамату меҳрубонй бисёр менамудед ва ин духтарро ба шумо супурда буд ва шумо ӯро фарзанд хонда будед. Хоҷа аз ин тараҳҳуми шумо хотирҷамъ шуда, аз дунё ба охират интиқол намуда[3] буд. Акнун ин мазлумаро сангсор фармудед ва ҳамон аҳду паймону васияти бозаргонро фаромӯш кардед. Боят, ки ба риояи арвоҳи бозаргон ва хурсандии ин камина афв намоед. Ин духтарро дар қайду банд нигоҳ доред.

Курдоншоҳ гуфт:

– Эй вазир, ба хотири ту ва ба хотири арвоҳи бозаргон ҷони ӯро бахшидам. Аммо ин гесӯбуридаро аз ин шаҳр бадар кунед ва қасри ӯро маа амволу амлокаш тороҷ созед!

Мулозимон бо фармоиши шоҳ хонаҳои маликаро тороҷ карданд ва ӯро маа хизматгоронаш аз шаҳр бадар карданд. Ҳамаи мулозимон аз малика ҷудо шуда, ба атрофу ҷавониб рафтанд.

Малика рӯ ба саҳро оварда, зор-зор чун абри навбаҳор мегирист ва ба дояи худ мегуфт:

– Аз ман чӣ гуноҳ содир шуд, ки Худои таоло ба ин меҳнатҳову балоҳо гирифтор гардонид. Ва ин газал меҳонд:

Чӣ кардаам, ки фалак бефатила доғам кард,
Фалак душманбе шуда, якшанбе сурогам кард.
Барои ӯ дилу ҷон бохтам, намедонам,
Ба кӯҳу дашту биёбон ба мисли зогам кард.
Насибу қисмати ман ин замон ин буда,
Ки сайри имшаба тор аст, бечарогам кард.
Зи оби дидаи ман гашт тар биёбонҳо
Ҳазор лола бирӯиду дарду доғам кард,–

гуфта малика зор-зор мегирист, доя тасаллй медод.

Алқисса, малика як шабу як рӯз ҳамроҳи доя роҳ рафт, рӯзи дуюм ба чое расида, дарахти азимеро диданд ва малика бо дояи худ ба зери он дарахт бин-

---

[1] Тазвир – макру фиреб.
[2] Муршид – пир, роҳнамои дин.
[3] Интиқол намудан – кӯчидан, рафтан.

шаст. Хоб бар эшон ғалаба кард. Дар ҳангоми хоб малика дид, ки шахсе маҳосинсафед[1] мегӯяд, ки:

– Эй маликаи олам, чаро ғам мехӯрӣ, биё бархез, дар зери ин дарахт ҳафт хазоини[2] подшоҳӣ аст. Ҳамаи ин хазоинҳоро бигиру сарфи рӯзгори худ бикун. Бархез, зери ин дарахтро биков ва ҳамаи хазоинро дар тасарруфи худ кун.

Малика гуфт:

– Эй бузургвор, ман авратам[3], танҳо ин хазоинро чӣ гуна берун орам.

Он азиз гуфт:

– Эй малика, бо як чӯбе андак биков, иншооллоҳ ба андак тараддуд ин хазоин намудор хоҳад гардид ва ин зару симро[4] аз ту дигар касе гирифта наметавонад ва дар ин мабодӣ[5] шахре бино кун ва душманони ту ҳама бар боди фано хоҳанд рафт...

Малика ларзида аз хоби ширин бедор шуд ва хоби худро ба доя гуфт.

Доя гуфт:

– Эй ҷони модар, муборак бод, айёми меҳнат гузашта, ба роҳат восил хоҳем гардид[6].

Алқисса, ҳар ду чӯбе гирифта, зери он дарахтро ковиданд. Ба андак тавоччӯҳ сари чоҳи хазоин намоён шуд. Диданд, ки ҳафт хона пур аз зари сурху ҷавоҳир, ба шарҳ рост намеояд. Аз як дона ёқути сурх устодон товусе сохта дар хазоин гузошта буданд ва чанд ҷавоҳир баробари байзаи[7] мурғобӣ дар даруни хазоинҳо буд. Малика ин ҳама ҷавоҳиротро дида хушҳолу шодмон шуд ва шукр кард.

Доя гуфт:

– Ҳамаи кори банда мукофот дорад. Чанд баробари амволи бурдагии дарвеши бадандеш Худои таоло арзонӣ намуд[8].

Малика гуфт:

– Эй модар, шумо ба тарафи шаҳр равед, мулозимону дӯстону рафиқон дар ҳар ҷое, ки бошанд, ёфта биёред. Ва аз ҷинси мокулоту малбусот[9] маа чанд муздуре биёред. Меъморону гилкоронро ҳам биёред, то ин ки дар ин ҷо шаҳре олӣ бино созем.

Доя гуфт:

– Чӣ гуна дар ин ҷо шуморо танҳо гузошта равам? Ягон маҳраме дар назди шумо набошад, хотири ман мушавваш хоҳад буд.

Дар ин гуфтугӯ буданд, ки дояи калони малика ба сурати гадоён шуда даррасид. Доя маликаи худро шиноҳта, дар зери қадами ӯ афтод ва чашмҳои худро ба пои малика мемолиду мегуфт, ки:

---

[1] Маҳосинсафед – ришсафед.
[2] Хазоин – хазинаҳо.
[3] Аврат – зан.
[4] Зару сим – тиллову нукра.
[5] Дар ин мабодӣ – ягне дар ҳамин ҷое, ки дида ястодай.
[6] Восил шудан – расидан.
[7] Байза – тухм.
[8] Арзонӣ намудан – бахшидан, ато кардан.
[9] Хӯрданию пӯшиданию пӯшиданӣ.

– Дар хоб дидаам, ё дар бедорй?

Малика гуфт:

– Эй модар, ин бедорй аст, на хоб ва Худои таоло қодир аст бо як дам гадоро шоҳ кунад ва фақирро ғанй[1].

Дояи калон аз ҷойи худ бархост, якдигарро дар канор гирифтанд.

Малика гуфт:

– Эй модар, ғам махўред. Худои таоло дар бораи мову шумо чунин фазлу карам кардааст. Аз бобати молу ҷавоҳир он қадар муяссар шудааст, ки ҳисоби онро наметавонам донист. Зуд аз ҷойи худ бархезед, порае аз ин зарҳо гирифта ба шаҳр равед. Аз он чи гуломону канизону мулозимон дар назари шумо дар оянд[2], гирифта биёред. Муздурони коргар, ғалла ва хўрокй ҳам биёред.

Дархол доя таъзими маликаро ба ҷой оварда, ба тарафи шаҳр роҳй гардид.

Малика гуфт:

– Эй доя, хабардор шавед, аз ин сир касе воқиф нашавад ва ба зудии зуд ба ин ҷониб мурочиат намоед.[3]

Доя гуфт:

– Эй ҷони модар, ин сирри шуморо ба гайр нахоҳам ифшо кардан[4]. Хотири худро аз ин вачх ба куллй ҷамъ доред.

Ин гуфта роҳи шаҳрро пеш гирифт ва манзилу мароҳил[5] тай карда, ба дари дарвозаи шаҳр расиду аз дарвоза дохил шуд. Ҳамаи гуфтаҳои маликаро хариду мулозимону қадрдонони маликаро дарёфт кард ва чанде аз гилкорону музду ронро гирифта маа мулозимон ба ҷониби малика роҳй гардид, тайи манзилу мароҳил карда ба хидмати малика расиданд.

Ҳама мулозимону қадрдонон маликаи худро дида, шукри эзидиро ба ҷо оварданд ва дар он ҷо асбоби табхро[6] муҳайё карда неъматҳои гуногун пухта тановул намуданд. Баъд аз фориғи обу таом ба музду рони бор оварда дучандон учра[7] доданд. Ҳамаи музду рон аз ин кирдори малика хушдил шуданд. Боз малика ба музду рон гуфт, ки:

– Ман кори бисёр дорам ва шумоён ба кори ман мукайид шавед, дучандони дигар он учра медиҳам.

Музду рон гуфтанд:

– Умру давлататон зиёд бод! Агар иҷозат шавад, моён зану фарзандони худҳоро гирифта дар ин ҷо биёрем.

Малика гуфт:

– Бисёр хуб аст, – дояи худро фармуд, – эй модар, шумо ба ҷониби шаҳр рафта меъморону коргаронро биёред, ки дар ин ҷо шаҳру қалъа бино месозем.

Доя ба фармудаи малика бозрафт ва дар пеши сардори меъморон истода гуфт, ки:

---

[1] Ғанй – бой.

[2] Яъне: маъқул шаванд.

[3] Мурочиат намудан – бозгаштан.

[4] Ифшо кардан – гуфтан, фош кардан.

[5] Мароҳил – марҳалаҳо, маконҳо.

[6] Асбоби табх – масолеҳи ош.

[7] Учра – музд.

– Эй ҷавонону эй бародарон, худованде[1] дорам, марде савдогару соҳибҳиммат, дар беруни ин шаҳр фуруд омадааст. Мехоҳад, ки бинобар хушии обу ҳавои ин ҷо барои мусофирону гарибон корвонсарое бино кунад. Бояд, ки шумоён дар назди ӯ равед, зарри бисёр ба шумо дода аз вақҳи дунё шумоёнро мустағнӣ хоҳад гардонид[2].

Калони меъморон, яке аз бародарони худ, ки Маъмур ном дошт, ҳамроҳи доя ба хизмати малика фиристод. Доя Маъмурро ҳамроҳи худ гирифта ба хидмати малика даррасид.

Малика либоси мулукона ва хилъати шоҳона ба Маъмур бахшид. Маъмур маа муздурону гилкорон чанд муддат кор карда сарое олӣ тайёр намуд.

Малика даруну беруну болою поёни саройро тамошо карда ба Маъмуру муздурон зар ва сарупо дода гуфт:

– Эй Маъмур ва эй муздурон, мехоҳам, ки дар ин ҷо шаҳре бино карда ин мабодиро обод гардонам.

Маъмуру коргарон гуфтанд, ки:

– Эй маликаи олам, бе иҷозати Курдоншоҳ дар ин ҷо шаҳру қалъа бино наметавонем кардан. Аз барои бинои шаҳр ҳукми волии ин мулк даркор аст. Агар Курдоншоҳ иҷозат бидиҳад, ба андак рӯз шаҳре бино хоҳем кард.

Малика гуфт:

– Бисёр хуб аст.

Ва дарҳол либоси мардона ва хилъати шоҳона пӯшида, камари зарин дар камари худ барбаст ва зинҳои тумтароқ бар болои аспҳо андохт. Ҳамаи онҳо мурассаъ[3] аз ҷавоҳиру тиллои ахмар[4] буд ва чанд ғуломбачаҳои заринкамар дар ҷилави худ андохта ва чанд хону хончаро пур аз ҷавоҳир карда ва як товуси мурассаъ пешкашу тӯҳфа гирифта, ба хизмати шоҳ роҳӣ гардид. Қатъи манзилу тайи мароҳил карда ба дарвозаи шоҳ расид, дохили шаҳр шуд.

Мардумони шаҳр ҳусну ҷамолу таркиби маликаро дида, ҳайрон бимонданд ва гуфтанд: «Бинозам он Худоеро, ки инчунин раънописаре халқ кардааст.»

Охируламр, малика бо мулозимони худ ба дарборгоҳи Курдоншоҳ расида ҳочибонро мулозимат намуд. Ҳочибон ҳусну ҷамоли маликаро дида мутаҳайир шуданд ва мегуфтанд: «Офарин бод бар падару модари ин ҷавон, ки инчунин зебописареро ба вуҷуд овардаанд.»

Ҳочибон пурсиданд, ки:

– Эй ҷавон, аз кучо меой ва ба кучо меравӣ?

Малика гуфт:

– Ман мардеам савдогар, барои мулозимати шоҳ омадам.

Дарҳол солорон[5] ба хизмати шоҳ рафта гуфтанд, ки:

– Марде савдогари хушҳусну ҷамол ба мулозимати шумо омадааст. Фармони шумо чӣ мешавад?

---

[1] Худованд – хоҷа, соҳиб.

[2] Яъне: аз пулу моли дунё шуморо бениёз мегардонад.

[3] Мурассаъ – нигинакӯб.

[4] Ахмар – сурх.

[5] Солор – калон, сардор.

Шоҳ гуфт:

– Дар назди ман биёред!

Ҳочибон омада гуфтанд, ки:

– Эй чавон, шуморо дар назди шоҳ мебарем.

Малика даст бар чайби[1] худ карда, мушт-мушт зару чавоҳир ба ҳочибон дод.

Ҳочибон маликаро дар назди Курдоншоҳ расониданд.

Малика сари таслимот[2] ва одоби шоҳона ба чо оварда рӯ ба рӯи шоҳ истода шуд.

Шоҳ ҳусну ҷамоли ӯ дида ҳайрону мутааччиб бимонд.

Малика ҳама чавоҳирҳову пешкашҳову товуси мурассаъро аз назари шоҳ гузаронид. Шоҳ ва ҳамаи аркони давлат мутаҳайир шуданд ва бо ин пешкашу суррини малика таҳсину офаринҳо карданд.

Баъд аз соате шоҳ пурсид, ки:

– Эй чавон, аз кучо омада ва ба кучо меравӣ ва чӣ ном дорию аз кадом диёр мебошӣ?

Малика гуфт:

– Эй шоҳ, асли моён аз ҳамин диёр будаем ва падарам маа тобеони хеш барои савдогарӣ ба чонибу вилоятҳо рафта будааст ва тавваллуди фақир дар мулки Ирам шудааст ва номи фақирро Хоча Ҳасан мегӯянд. Аз мулки Ирам баромада, бар чиҳоз[3] нишаста будем. Чиҳози падару модари маро наҳанги казо шикаст дода, ба дарёи Кулзум гарк гардонид.

Падару модарам аз дори дунё ба дори охират интиқол намуданд. Камина аз офати дарё нақот ёфта, ба хизмати шоҳи олампаноҳ омадаам. Акнун бакияи умри худро дар таҳти қаламрави шоҳи оличоҳ сарф созам. Дӯст доштани ватани гузаштагон дар дил чой гирифтааст. Аз падару модар моли бисёре монда ва ҳисоби онро наметавонам донист ва дар навоҳии фалон сахро фуруд омадаам. Агар шоҳи олампаноҳ ичозат бидиҳанд, дар ин чо барои мусофирону ғарибон шаҳре бино созам ва он мавзеъро обод гардонам. Ба илтифоти шоҳи олимақом муддате умри худро дар ин чо гузаронам.

Курдоншоҳ аз ин суханони малика хушдил шуда, хильати шоҳона ба малика бахшид. Шоҳ фармуд, ки:

– Эй чавон, ту аз хонадони маврусии[4] мо будай, агарчи падару модари ту нест, ғам махӯр, ки дар бораи ту падарӣ хоҳем кард.

Малика аз чойи худ бархост ва ба пойгоҳи боргоҳ рафта одоби шоҳона ба чой овард. Боз малика ба арзи шоҳ расонид, ки:

– Эй шоҳ, каминаро ба фарзандӣ сарфароз гардонидед. Умедвории дигар ин ки фақирро ба хитоби ном низ сарфароз гардонед.

Ҳамон замон Курдоншоҳ маликаро Моҳиршоҳ ном ниҳод ва гуфт:

---

[1] Чайб – киса.

[2] Яъне: сарашро хам карда.

[3] Чиҳоз – киштӣ.

[4] Маврусӣ – мероси.

– Эй фарзанд, он саҳро дур аст, ба наздики ин шаҳр шаҳре бино кунед ва номи шаҳри шуморо Ҳуснобод ном ниҳодем.

Малика гуфт:

– Эй шоҳ, он мавзеъ маро бисёр хуш омадааст. Қариби ин шаҳр шаҳре бино кардан мӯҷиби тарки одобу ҳурмат аст. Умед аз карами шоҳ дорам, ки меъморону коргаронро фармоянд, то он ки рафта дар бино кардани шаҳри дуогӯй мукайид шаванд.

Ҳамон замон Курдоншоҳ фармуд, ки:

– Эй ҳочибон ва эй мулозимон, меъморону гилкоронро фармоед, ки рафта дар бино кардани шаҳри Моҳиршоҳ мукайид шаванд – ва гуфт, – эй фарзанд, боз кай хоҳед омад?

Малика гуфт:

– Моҳе як маротиба ба хизмати шоҳи олиҷоҳ мерасам, чаро ки то тамом шудани шаҳр дар назди меъморону гилкорон ҳамаи авқот будан зарур аст.

Шоҳ гуфт:

– Бисёр хуб аст!

Моҳиршоҳ хушҳолу хуррам рухсат гирифта, бо ҳамроҳони меъморону коргарон ба ҷониби мулозимону доягони худ роҳӣ гардида, ба андак вакт расид ва ҷамеи муздурону коргаронро дар бино кардани шаҳр мукайид фармуд. Коргарон дар бино кардани шаҳр мукайид шуданд. Малика ҳар моҳе як марта либоси мардона пӯшида ба хизмати Курдоншоҳ меомад.

Алгараз, дар обод кардани шаҳр муддати ду сол гузашт. Баъд аз ду сол шаҳри азимро тамом ороста гардониданд. Аз атрофу ҷавониб салаҳову[1] некон ва аз ҳар синф[2] мардумон омада дар шаҳри Моҳиршоҳ сукунат ихтиёр варзиданд.

Шаҳри Моҳиршоҳ чунон ба шукӯҳу музайян[3] ороста гардид, ки ҳамаи мардумон таҳсину офарин карданд.

Меъморону коргаронро инъому зар бисёр бахшида ҳамаро хушдилу розӣ гардонид.

Рӯзе Курдоншоҳ ба зиёрати Арзаки дарвеш мерафт. Моҳиршоҳ омада мулокӣ[4] гардид. Курдоншоҳ гуфт:

– Эй фарзанд, ба зиёрати пири худ меравам, шуморо ҳам рағбати рафтан бошад, бо мо ҳамроҳ равед. Ӯ кутби замонаву нодири даврон аст. Дидани он зиҳӣ саодати[5] кас аст.

Моҳиршоҳ дар дили худ мегуфт: «Инчунин мӯҷиби исён[6] аст ва гумроҳии кас. Ба мулозимати инчунин саги малъун рафтан раво набошад. Чӣ кунам, ки шоҳ далолат месозад.» – Ин гуфта бо ҳамроҳони шоҳ равона гардид.

---

[1] Салаҳо – ҷамъи солеҳ аст, ки маъноаш хубу нек аст.
[2] Синф – навъ.
[3] Музайян – зинатнок.
[4] Мулокӣ – ҳамроҳ.
[5] Зиҳӣ саодат – чӣ саодате, аҷаб саодате!
[6] Исён – гунох.

Ҳангоме ки ба хизмати дарвеш, алайҳилаъна[1] расиданд, диданд, он маъдуми малъун ҳудро чун иблис ороста, аммомаи бузургу мисвоки[2] бузург бар сар ниҳода ва тасбеҳе аз чавоҳир ба даст гирифта ва ридои[3] аҷибе бар дӯши худ андохта, ба ҳазор макру ҳила нишастааст.

Курдоншоҳ наздик расида салом кард ва ба сад ихлосу эътиқод рӯ ба рӯи ӯ бинишаст ва шайхи бадандеш ба ҷониби ӯ бештар шуд. Шоҳ аз ин ҳол воқиф шуда мегуфт, ки муршиди раҳнамо ба ҷониби фарзандхондаам назар карда истодаанд. Бояд якчанд калима аз авсофи фарзандхондам ба хизмати муршидам арза намоям, – ин гуфта Моҳиршоҳро таърифу тавсифи бисёре кард.

Моҳиршоҳ сар дар ҷайби тафаккур фурӯ бурда, дар дили худ дарвеши бадандешро ҳақоратҳо ва дашномҳо мекард ва мегуфт: «Эй иблиси замона, дар ин маком ягон каромат лозим аст, ки аз аҳволи ин нишастагон воқиф шавӣ ва илло ман ҳамон духтари Хоҷа Барзахам, ки ба сабаби ту шоҳ маро сангсорон фармуда буд. Худо хайри вазирро диҳад, ки мӯҷиби халосӣ шуд.»

Курдоншоҳ хост, ки аз пири худ рухсат талабида ба ҷониби боргоҳи худ равад. Дарҳол Моҳиршоҳ аз ҷойи худ бархост ва дастҳо дар сафҳаи синаи худ гузошта гуфт, ки:

– Ҳазрати пири муршиди олам, ба ҷониби кулбахонаи ин гуломзодаи худ қадами шариф арзонӣ намоянд.

Дарвеши баджеш гуфт:

– Бисёр хуб аст. Ҳар вакт ки хоҳед, беҳост хоҳем рафт.

Боз Моҳиршоҳ гуфт:

– Фақирхона дур аст. Мегӯянд, ки ҳавлии Хоҷа Барзах холист. Ҳамон ҷоро фарш намуда[4], таклифи он бузургворро он ҷо хоҳем кард.

Курдоншоҳ гуфт:

– Эй фарзанд, он ҳавлиро ба шумо бахшидем.

Моҳиршоҳ дар дил мегуфт: «Гӯё, ки аз мероси падарат ба ман чизе додӣ.»

Курдоншоҳ бо ҳамроҳии писарҳонди худ аз хизмати он дарвеши бадандеш мураххас шуда[5] ба ҷониби боргоҳи худ рафт.

Моҳиршоҳ аз падарҳонд ҷудо шуда, дар ҳавлии падараш омада дид, ки тамоми айвону кайвон хароб ва ба хоки сиёҳ яксон гардидааст. Аз ин ҳаводисоти[6] дунёи нопойдор яъсе[7] рӯйдод шуда, об аз дидагони худ рехтан гирифт. Лекин худро бо зӯр нигоҳдошт карда дарҳол фармуд, ки:

– Меъморону гилкоронро оварда шикастурехти инҳоро таъмир созед.

Алқисса, ходимон рафта меъморонро оварда ва ба андак вакт хонаҳоро дуруст таъмир карданд. Баъд аз он ба Моҳиршоҳ хабари тайёрии айвону кайвонро расониданд.

---

[1] Алайҳилаъна – лаънат бод ба ӯ.

[2] Мисвок – реша, бехи гиёхест, ки эҳтидон бо он дандон тоза мекунанд.

[3] Ридо – чодаре, ки эҳтидон бар китф мегиранд.

[4] Яъне: палос андохта.

[5] Яъне: рухсат шуда, чавоб шуда.

[6] Ҳаводисот – ҳодисаҳо.

[7] Яъс – ғаму андӯҳ.

Моҳиршоҳ гуфт, ки:

– Эй мулозимон, палосҳои қиматбаҳо андохта, ин ҳавлиро музайяну оросста гардонед.

Хизматгорон ҳамчунон карданд. Хабар дарҳол ба Моҳиршоҳ расониданд, ки ҳамаи гуфтаҳоро мувофиқи он тайёр намудем.

Моҳиршоҳ шабро гузаронида аввали рӯз маа хосони худ дар ҳавлии Хоча омада дид, ки тамоми айвону кайвонро мувофиқи амр тайёру музайян кардаанд. Гуфт:

– Эй ходимон, аз барои дарвеши бадкеш ба дастури[1] собиқ зиёфати олӣ ва зарфҳои тиллову нуқра тайёру муҳайё гардонед.

Мулозимон ҳамаи гуфтаҳои Моҳиршоҳро мавҷуду муҳайё гардониданд ва товуси мурассаъро, ки аз чоҳи ҳазоин баромада буд, оварда, дар назаргоҳи дарвеш гузоштанд. Баъдуҳу Моҳиршоҳ ба дари боргоҳ рафта бо Курдоншоҳ салом карда гуфт, ки:

– Эй шоҳ, фардо таклифи пири муршид хоҳем намуд.

Шоҳ гуфт:

– Некӯ бошад.

Моҳиршоҳ аз боргоҳи падархонди худ баромада, аз дари ҳавлии Хоча Барзах дохил гардид. Шаб даррасида буд, ки фармуд:

– Эй мулозимон ва эй ходимон, чанде аз шумоён рафта шайхи «раҳнаморо» ба сад эъзозу икром ба ин чониби ҳавлӣ биёред.

Хизматгорон рафта гуфтанд, ки:

– Эй бузургвор, шуморо Моҳиршоҳ барои зиёфат ва атои садоқат металабад.

Дарвеши бадкеш гуфт, ки:

– Фардо ба сари хони ӯ хоҳам расид.

Алқисса, шаби зангӣ ва талъати зулмат гузашта, офтоби чаҳонтоб тулӯъ карда буд, ки шайхи беандеш маа чихил ходими худ ба дари дарвозаи Хоча Барзах ҳозир гардид.

Моҳиршоҳ аз дари дарвоза то саҳни хона пойандозҳои қиматбаҳо андохта, дарвешро ба сад эъзоз бурда, ба болои маснадҳои[2] фарангӣ нишонид.

Дарвеши бадкеш маа «муридон» фотеҳа хонда, бар болои палосҳои мурассаъ қарор гирифт.

Алқисса, Моҳиршоҳ чанд сар чавоҳир ва товуси мурассаъро оварда, дар пеши дарвеши бадкеш ҳадя гӯён гузошт.

Дарвеш ин ҳама нузуроти[3] Моҳиршоҳро аз рӯи макру ҳила қабул накард ва гуфт:

– Эй мухлиси холис-ул-акида, зарру сими ин дунёро мо ба худ ҳаром гардонидаем ва моро аз чифаи дунёи дун тамаъ ва орзуе намебошад.

Моҳиршоҳ зарфҳои тиллову нукраро маа чанд сар чавҳиру товуси мурассаъ дар назаргоҳи дарвеш гузошт, то он ки ҳар замон назари ин дуздон афтода ҳирсашон зиёда шавад.

---

[1] Дастур – тартиб.

[2] Маснад – тахт, курсӣ.

[3] Нузурот – назрҳо.

Дарвеши бадкеш маа «муридон» дар дили худ фикр мекард ва мегуфт: «Эй ёрон, ин хона шавкати нек дорад, ин ҳама матоу чавоҳирҳоро дар шаб хоҳем гирифта бурдан.»

Боз ба забони мӯканӣ[1] мегуфт:

– Эй ёрон, ин дафъа матоу чавоҳир дар ин хона даҳчандони дафъаи аввал аст.

Муридон гуфтанд:

– Ин ҳама каромоти шумост.

Моҳиршоҳ дар дили худ мегуфт: «Эй маккорон ва нобакорон, ин ҳама чавоҳироту зарфҳову товуси мурассаъ тавқи гардани шумоён хоҳад шуд ва шумоёнро бо ин алоқа дар барзахи дӯзах[2] хоҳем фиристод ва молу матои собиқро аз шумоён хоҳем гирифт ва шоҳро дар мобайни аркони давлаташ ҳичолатманд хоҳем гардонид. Пиру муридонро дар чӯбаи дор хоҳем кашонид.»

Алқисса, чанд албон мева бо зарфҳои тиллою мурассаъ оварда, дар пеши шайху муридони ӯ гузоштанд ва эшон дуздида бурдан ин ҳама асбобҳову зарфҳоро дар шаб ба дили худҳо накш мекарданд.

Баъд аз он фаррошон офтобаҳои мурассаъ ва дастшӯи тилло оварда, эшонро даст шӯёниданд ва дастарханҳои мурассаъ паҳн карда, таомҳои лазизу латиф бо зарфҳои мурассаъ дар пеши эшон гузоштанд. Ҳамаи эшон ба хӯрдани таом мукайид шуданд. Аммо дарвеш кам-кам мехӯрд чаро ки рағбати ӯро чавоҳироту зарфҳои мурассаъ ва асбобҳои гаронбаҳо гирифта буд. Вале муридони ӯ аз барои бардоштани амволи дуздӣ сабаби зиёдати қувват шавад гуфта, луқмаҳои калон мегирифтанд ва шикамҳои худҳоро сер карда бар болои серӣ боз мехӯрданд.

Моҳиршоҳ дид, ки дарвеши бадандеш аз акли таом даст кашидааст, аз чойи худ бархоста гуфт, ки:

– Эй раҳнамо, чанд луқма ба хотири ин дуогӯ тановул намоянд!

Пири ботазвир гуфт:

– Эй шоҳ, фақирро ду-се луқма кофӣ аст, барои поси хотири шумо чанд луқма зиёд тановул намудам.

Баъд аз фароғи обу таом фотеҳа хонда, дарвеш маа муридони хеш ба чониби касофатхонаи худ рафта қарор гирифт ва ба муридони худ гуфт, ки:

– Эй ёрон, боядки имшаб рафта ҳама чавоҳироту амволи Моҳиршоҳро дуздида биёрем.

Муридон гуфтанд:

– Эй раҳнамо, моён дар дили худҳо ин маслиҳатро накш карда будем. Дар ин боб каромат зоҳир намуданд.

***

[1] Киноя аз паст-паст гап задан.

[2] Байни дӯзах, миёнаи дӯзах.

Акнун чанд калима аз малика шунавед.

Малика дар дили худ ҷазм кард, ки имшаб дарвеши бадандеш аз барои дуздида бурдани асбобу амвол маа муридон хоҳад омад ва хизматгорони худро талабида гуфт:

– Эй ходимон, имшаб бояд, ки дар гӯшаҳои ин қаср хозиру бедор бошед.

Мулозимон гуфтанд:

– Фармонбардорем!

Малика боз гуфт:

– Эй ходимон, имшаб дуздон омада дасти дуздӣ ба ин чавоҳироту асбобҳо хоҳанд ниҳод. Имшаб тамоми асбобҳову молҳоро нагундоред ва тамоми дару дарвозаҳоро бекуфлу безанҷир гузоред, то он ки он намакҳарамони беандеш ба муроди худҳо бирасанд. Бояд, ки яке аз шумоён эшонро чизе нагӯяд ва дар мақоми худҳо сокит бошед, то он ки эшон ин ҳама чавоҳироту амволу асбобҳоро ба пушти худҳо бардоранд ва аз даруни ин қаср берун оянду чанд қадам рох раванд. Баъд аз он ҳамаи шумоён ба иттифоқ омада эшонро бигиред, дастҳои эшонро бар пушт барбандед. Баъд аз ин кор шӯру ғавғо созед, ки ҳамаи мардумону мулозимони кутвол[1] шунида биёянд ва аз кори бади бадкирдорон воқиф шаванд.

Хидматгорон гуфтанд:

– Фармонбардорем!

Баъд аз он малика нома ба ҷониби кутвол равона намуда гуфт: «Эй кутвол, имшаб ба нияти дуздида бурдани ҳамаи асбобу амволи мо чанд авбоши бебош дар ин қасри Хоча Барзах хоҳанд омад. Бояд, ки маа шогирдпешагони худ аз атрофу ҷавониби ин қаср хабардор бошӣ.»

Кутвол аз мутолиаи ин нома мутаҳайир шуда, худ барои ҳақиқатпурсӣ ба хизмати Моҳиршоҳ омада, салом карду гуфт:

– Эй шоҳ, ҳеч дуздеро ҳадди он нест, ки ба нияти бад ба ин маком қадам гузорад ва ҳар ҳарфе, ки ба эшон расонидаанд, ғалат гуфтаанд ва аз ин вақт хотири худро парешон надоранд.

Моҳиршоҳ ба кутвол гуфт:

– Дар ин ҷо сиррест, бояд, ки дар дили худ пинҳон дорӣ ва ба ҳеч касе зоҳир насозӣ. Оқибатуламр ҳақиқати ин кор маълум хоҳад шуд.

Кутвол гуфт:

– Фармонбардорам!

Ва боз гуфт:

– Эй шоҳ, имшаб бояд, ки худи фақир ин бадкоронро дастгир созам.

Моҳиршоҳ гуфт:

– Маслиҳат ин аст: бояд, ки худ рафта, чанде аз шабравонро фиристонӣ, эшон дар ин ҷо маа мулозимон бошанд. Ҳангоме ки шӯру ғавғо хезад, албатта худро дар ин ҷо расонӣ.

Кутвол гуфт:

– Фармон мар шуморост!

Билохир, Моҳиршоҳ ба кутвол хилъати шоҳона бахшида рухсат намуд.

[1]Кутвол – миршаб.

Кутвол чанде аз шабравонро ба ҷониби қасри Моҳиршоҳ фиристод. Шабравон омада дар зайли ходимони «шоҳ» карор гирифтанд.

Алқисса, посе аз шаб гузашта буд, ки дарвеши бадандеш бо чиҳил муриди хеш омада, аз дари қасри Хоҷа Барзах даромад. Ҳамаи мулозимону посбонон дар каминҳо бедор нишаста буданд. Дарвеш бо муридони хеш ба муроқаба рафта[1] дарёфт, ки ҳамаи хизматгорону посбонон ба мисли мурдаи садсол дар хоб шудаанд.

Алқисса, шайхи нокис ба муридони хеш гуфт, ки:

– Эй ёрон, ҳамаи ин посбонон ба мазалаи мурда[2] ба хоби фарогат рафтаанд.

Муридон вақти худро ғанимат дониста, ҷамеи асбобу амволу ҷавоҳироту палосҳоро баста, ба пушти худҳо бардоштанд ва аз даруни қаср беруи шуданд.

Посбонон диданд, ки ҳама амволро гирифта, аз қаср барун шуданд, ба якборагӣ аз дунболи онҳо хез карда расиданд, дарҳол дарвеши бадкешро маа муридон гирифтанд, шӯру ғавғо бардоштанд. Ҳамаи мардуми шаҳр шӯру ғавғоро шунида, бар болои сари эшон ҳозир шуданд.

Кутвол низ расида дид, ки дарвеши бадандеш инчунин кори бадро пешаи худ кардааст, фармуд, ки:

– Эй мулозимон, машъалҳоро афрӯзед!

Дарҳол мулозимон чанд машъал афрӯхтанд, шаб мисли рӯз равшан шуд. Шабгардон онҳоро баста ба хизмати Моҳиршоҳ оварданд.

Малика дар маснади иззат нишаста буд, ки шабгардон салом карданд. Моҳиршоҳ фармуд, ки:

– Инҳоро ба ҳамин қисм баста нигоҳ доред, ки ба хизмати шоҳ барем ва мулозимони худро ҳам таъкид кард, ки аз мардум бохабар бошед, фардо ба ҳузури подшоҳ хоҳем бурд.

Малика дид, ки душман ба балои бад гирифтор шуд, хушвақт шуда, бокии шабро ба ором гузаронид.

Чун фардо рӯз шуд, миршабро подшоҳ талаб карда ҳақиқат пурсид, ки:

– Шаб чӣ шӯру ғавғо буд?

Миршаб ба арза расонид, ки:

– Вақти дуними пос аз шаб гузашта буд, ки ба давлатхонаи Моҳиршоҳ дуздон даромаданд. Маро хабар шуд, ҳамон вақт худро расонидам, дуздонро маа молу ашё гирифта, назди Моҳиршоҳ бурдем ва молу ашёро ман бурда нигоҳ доштам. Моҳиршоҳ фармуд: «Ба ҳамин қисм, ки гирифтӣ, ба ҳамон қисм инҳоро аз назари шоҳ гузарон.» Алҳол молу ашё ва дуздонро овардаам, амри муборакаи шумо шавад, биёрам.

Дар сухан буданд, ки Моҳиршоҳ омад.

Шоҳ пурсид:

– Эй фарзанд, имшаб дар хонаи шумо дуздон даромада буданд?

Малика аз ҷойи худ бархоста ба арз расонид, ки:

[1] Яъне: ҳалқи монда, нек назар карда.

[2] Яъне: мурдавор.

– Умру давлати шоҳ зиёда бод, миршаб расида хабардор шуд. Алҳол боид, ки дуздонро ба ҳузури худ талабида, чеҳраи онҳоро мушоҳида намоед.

Малика ба миршаб ишорат кард, ки «дуздонро рӯ ба рӯи шоҳ ҳозир бисоз.»

Миршаб ҳамон соат дуздонро бо чеҳраи баста катор гардонид.

Шоҳ онҳоро молу ашё бар пушт ва дастҳо баста дид ва товуси мурассаъро дар гардани касе овехта.

Курдоншоҳ гуфт:

– Эй кувол, дуздонро пештар биёр!

Кутвол пештар бурд.

Курдоншоҳ ба таҳқиқ назар карда дид, ки калони дуздон пири муршид, дигарони ӯ муридонанд.

Шоҳ ба Моҳиршоҳ рӯ оварда гуфт:

– Эй фарзанд, ин дузд пири муршиди мо будааст.

Малика гуфт:

– Наздик талабида хуб мулоҳиза кунед, сурати одам ба одам мемонад, шояд ки он дарвеш набошад.

Шоҳ ҳар кадомро, ки чудо-чудо мол дар пушт бастагӣ буд, хуб мешинохт. Ӯ аз хиҷолат сар дар ҷайби тафаккур фурӯ бурда, баъд аз соате сари худро бардошта, боз назар кард, дид, ки ба гардани пири муршид товуси мурассаъ овезон ва ба пушти муридон амволу асбоби билониҳоя боркунон дастҳои эшонро барбастаанд. Хиҷолати шоҳ зиёда шуда, маа аркони давлат ангушти ҳайрат дар даҳон мекарданд.

Шоҳ гуфт:

– Эй Моҳиршоҳ ва эй кутвол, ба гардани дарвеши беандеш чӣ бошад?

Дархол кутвол аз ҷойи худ бархоста, товуси мурассаъ аз гардани шайх гирифта, дар назди Курдоншоҳ ниҳод.

Малика гуфт:

– Эй шоҳ, ин товус чӯраи ҳамон товусест, ки банда аз назари шоҳи олампаноҳ гузаронида будам.

Курдоншоҳ дар газаб шуда фармуд, ки чизҳоро аз пушти эшон гирифта миёнҳои эшонро кушоянд

Ҳочибон ҳамчунон карданд, асбоби дуздӣ ва дорухои мадҳушӣ аз зери бағали эшон афтодан гирифт.

Шоҳ ҳамаи амволу ҷавоҳирҳоро ба худи Моҳиршоҳ супорид. Баъд аз он амр кард, ки:

– Дарвеши баландешро маа муридони ӯ тамомии шаҳрро гардонида, баъда ҳамаи инҳоро маа шайхи бадкуништ ба дор кашида сангсорашон кунед.

Ин гуфта буд, ки малика аз ҷойи худ бархост аа дар поёни боргоҳ рафта ҳарду дасти худро бар сафҳаи синаи худ дошта гуфт:

– Эй шоҳ, бидонед ва огоҳ бошед, камина хоназоди мавруси шумо, ҳамон духтари Хоҷа Барзахи бозаргонам, ки ба хотири ин дарвеши баландеш ҳамаи амволу ашёи фақирро тороҷ кунонида, худи дуогӯйро сангсор фармуда будед.

Алқисса, баъд аз баёни ҳақиқати саргузашти худ ва найрангу фиреби дарвеши баландеш гуфт:

– Эй шоҳ, чавоҳироту амволе, ки пештар ин дарвеш маа муридони хеш дуздида бурдабуд, гирифта бидиҳанд, то он ки ҳаққи толибонро гирифта, ба чаҳаннам набаранд.

Шоҳ ангушт ба дандони таҳайюр газида, таҳсину офарин ба ин доноии малика менамуд ва аз кардаҳои ҳуд шармсор шуда фармуд, ки:

– Эй ҳочибон, рафта хонаҳои ин бадкороиро ковед тамомии амволу асбоби маликаро ёфта бидиҳед!

Ҳочибон «фармонбардорем» гуфта хонаҳои дарвеш ва муридони ӯро кофта миқдори зиёде молу чавоҳир ва асбоб ба даст оварданд ва ҳамаи он молҳоро ба соҳибонаш супурданд.

Арзаки дарвешро маа муридон кӯчаҳои шаҳрро гардонида, ба чӯбаи дор кашиданд. Онҳо аз олам даст шуста сазовори чаҳаннам гардиданд.

Курдоншоҳ дасти маликаро гирифта, ба ҷониби ҳарами ҳуд равона гардид ва дар назди занони ҳуд оварда гуфт:

– Эй ҳодимон ва эй маҳрамон, ин духтарро фарзанд ҳоидаам. Бояд, ки се шабу се рӯз чашне ороста, ӯро меҳмондорӣ намоед.

Мулозимон ва ҳодимон гуфтанд:

– Фармонбардорем!

Курдоншоҳ боз гуфт:

– Эй фарзанд, акнун ҳақиқати саргузашти ҳудро ба ман бирасон.

Малика аз ҷойи ҳуд барҳост ва забони васф дар мадҳи шоҳ кушода, баъд он чӣ дар ин муддат рӯй дода буд, якояк бозгуфт ва дар охир илова кард:

– Умед аз карами шоҳ дорам, ки маа аркони давлат ба ҷониби шаҳри камина кудуми шариф арзонӣ фармоянд ва ин марҳаматашон боиси сарафрозии ин пошикаста дар миёни ҳалоиқ ҳоҳад гардид ва ҳамин чавоҳирҳову зарҳоро нисори мақдами шоҳи олиҷоҳ гардонам.

Курдоншоҳ гуфт:

– Бисёр ҳуб аст, ҳар гоҳ ки шумо ҳоҳед, он замон ҳоҳем рафтан.

Малика аз хизмати шоҳ мураххас шуда, ба шаҳри ҳуд даррасид ва онро оинбандӣ карда, тамомии атрофу акнофи он шаҳрро ороставу музайян гардонид. Баъд аз се рӯз падари ҳудро маа аркони давлат ба ҷониби шаҳри ҳуд таклиф намуд.

Курдоншоҳ маа сардорону вазирон ба ҷониби шаҳри Ҳусибону роҳӣ гардид.

Малика аз омадани шоҳ воқиф шуда маа ҳодимони хеш истиқбол намуд. Алқисса, миқдори як фарсанг ҳамада пойандозҳои зарину бирешумин андохт. Курдоншоҳ маа аркони давлат рӯй-рӯйи пойандозҳо қадам ниҳода дар боргоҳи малика расид. Билохир, дар боргоҳи малика даромада, бар болои масандҳову колиноҳо бинишаст ва фотиҳа аз барои зиёдии умр ва ҳашами малика ҳонданд.

Дарҳол малика фармуд, чанд миқдор чавоҳиру зар оварда, нисори кудуми Курдоншоҳ гардониданд. Баъд хонҳои мурассаъ оварда, дар пеши шоҳ ва аркони давлати ӯ гузоштанд ва дар даруни ҳар хон ҳафтод гуна таоми лазизу латиф буд.

Курдоншоҳу вазирони ӯ бо ин ҳама асбобу таҷаммули малика таҳсину офаринҳо карданд ва Курдоншоҳ даст ба таом бурда маа аркони давлат тановул менамуд ва мегуфтанд: «Боракалло ба эътиқоду ихлоси иалика!»

Алқисса, малика аз ҷойи худ бархосту гуфт:

– Эй шоҳ, хазинадоронро фармоед, ҳамаи ин ҷавоҳиру зарҳоро бурда дар хазинаи шоҳи ҷаҳонпаноҳ дохил созанд.

Дарҳол Курдоншоҳ ба ҷониби вазир нигоҳе карда гуфт:

– Эй вазир, бояд, ки ин ҳама ҷавоҳиру зарҳоро бурда, дар хазина дохил кунед.

Вазир аз ҷойи худ бархоста маа чанд хизматгор дари хазоинро кушода дид, ки ҳамаи он зару ҷавоҳирот ба сурати мору каждум шуда, ба ҷониби вазиру рафиқони ӯ ангез карданд. Вазир мутаҳайир шуда, ба хизмати шоҳ омаду гуфт:

– Эй шоҳи олам ва султони бокарам, ҳамаи он зарҳо ба сурати мору каждум шуда, қасди моён мекунанд ва моён аз ин тилисмот мутаҳайиру мутааҷҷиб шудем.

Шоҳ гуфт:

– Гузоред зарҳоро ба ҳоли хеш.

Курдоншоҳ ба ҷониби малика нигоҳе карда гуфт:

– Эй малика, ҳамаи ин корҳо мехрубонии Ҳақ аст дар бораи ту ва барои насиби ту ин зарҳоро бо ин тилисм гузоштаанд. Ҳеч касро ин хазоин дар тасарруф нест. Мо ҳам инҳоро ба шумо бахшидем, ҳарчи муроди дили шумо бошад, ҳамон кунед.

Малика аз ҷойи худ бархоста гуфт:

– Эй шоҳ, агар ҳукми олампаноҳ шавад, ин хазоин ба мустаҳиқон[1] ва ин мусофирон эҳсон намоем. Бояд, ки ҳеч аҳаде[2] дар ин боб музоҳими[3] ман нашавад.

Курдоншоҳ гуфт:

– Ихтиёр мар турост, ба тавре ки хоҳӣ, бахшӣ.

Алқисса, муддати ҳафт шабонарӯз ба рӯи шоҳ ҷашне ороста, шоҳ ва аркони давлатро хурраму хурсанд гардонид. Баъд аз ҳафт шабонарӯз Курдоншоҳ маа аркони давлат аз шаҳри малика баромада катъи манзил ва тайи марҳил карда, дохили боргоҳи худ гардид.

Малика моҳе чаҳор маротиб ба хизмати Курдоншоҳ омадӣ ва Курдоншоҳ дар бораи малика марҳамату меҳрубонии аз ҳад афзун намудӣ.

Алқисса, малика дар шаҳри худ низ сарои олӣ бино карда ва барои мусофирону ғарибон ороста гардонд. Мусофирону ғарибонро паноҳ дода, бо обу таом шафқат мекард ва агар мустаҳиқ ва бебизоате будӣ, ҳарчӣ зарру сим медод ва агар ғаниву соҳибдавлате будӣ, зиёфатҳои хубу олӣ мекард. Валекин ҳусну ҷамолу саховати ӯ ба тамоми ҷаҳон мунташир шуда, ки ба қарибии шаҳри Хуросон духтари Барзахи бозаргон шаҳру сарое барои мусофирон бино

[1] Мустаҳиқ – ниёзманд.
[2] Аҳад – касе, шахсе.
[3] Музоҳим – халалрасонанда.

кардааст. Шоҳи Хуросон ӯро духтари худ хонда ва ӯро ном малика Хуснбону буда, ихтиёри шавҳар намекардааст ва ҳар шахсе, ки ба макони ӯ равад, бо зару сим аз дунё бениёз ва мустағнӣ мегардондааст ва дар тамомии олам назиру мисол надоштааст. Ходимону мулозимони ӯ ба мисли он соҳибдиёнату мурувват будаанд ва ин ҳама авсофи малика дар мулкҳо ва диёрҳо расида, ҳамаи мардумон орзуи дидани ҷамоли малика ва саховати ӯ мекардаанд.

***

Ровӣ чунин ривоят кардааст, ки дар шаҳри Хоразм подшоҳе буд, номи ӯ Мунаввар ва ӯро писари бистудусолае буд бисёр хубу соҳибҷамол ва номи ӯро шоҳзода Мунир гуфтандӣ.

Шоҳзода низ авсофи ҷамоли бокамоли Хуснбонуро шунида, ғоибона ошики рӯйи ӯ гардид ва ба хизмати худ суратқаше дошт дар боби суратқашӣ ягонаи замон ва нодири даврон буд. Дарҳол фармуд, ки суратқашро биёранд. Мулозимон рафта суратқашро оварданд.

Шоҳзода гуфт:

– Эй мусаввир[1], ба карибии Хуросон шаҳре будааст номи он Ҳуснобод ва дар он шаҳр духтаре будааст соҳибҷамол ва соҳибсаховат. Ӯ духтархонди подшоҳи Хуросон буда ва он шаҳрро худи он духтар бино карда будааст. Метавонӣ, ки рафта сурати ӯро кашида дар назди ман биёрӣ?

Мусаввир гуфт:

– Фармонбардорам!

Алқисса, порае харчии роҳ ба мусаввир дода, ба ҷониби Ҳуснобод роҳӣ гардонид. Мусаввир роҳи Ҳуснободро тай карда, баъд аз се моҳ дохил ба шаҳри Ҳуснобод гардид ва дар сароі мусофирон қарор гирифт. Дарҳол мулозимони малика дар назди мусаввир чандин алвон таом оварда ниҳоданд. Мусаввир обу таомро хӯрда, дар ҳаққи малика дуои бисёре кард. Субҳу шом хизматгорони малика дар назди мусаввир обу таом меоварданд ва дар бораи мусаввир мурувватҳои бисёр мекарданд.

Алқисса, ба-д-ин минвол чанд рӯз гузашт. Рӯзе аз рӯзҳо мусаввир ба хизмат рафта, маликаро мулозимат намуд ва гуфт:

– Эй маликаи олам, мехоҳам, ки ба шумо навкар шавам ва бақияи умри худро дар хизмати шумо гузаронам.

Малика гуфт:

– Ҳунари ту чист?

Мусаввир гуфт:

– Ҳунари суратқашӣ дорам, моҳро дар паси парда сурат мекашам.

Малика гуфт:

– Эй мулозимон, бояд, ки мусаввирро яке аз худҳо дониста, ъъзозу икроми ӯро бар ҷо биёред.

Баъд аз чанд рӯз ба хотири малика расид, ки мусаввирро фармоям сурати маро бикашад. Боз ба хотираш расонид, ки рӯй ба ӯ намудан аз рӯи маслиҳат нест ва дар дили худ андешаҳо мекард ва тадбири ин корро мехост.

[1] Мусаввир – суратқаш.

Алқисса, рӯзе мусаввирро талабида, аз паси парда гуфт:

– Эй мусаввир, сурати маро бикаш, то ман бидонам, ки қавли туву гуфтори ту рост аст?

Мусаввир гуфт:

– Фармонбардорам! Ҷаноби малика бар болои бом баромада, дар даруни зарфи об назар андозанд.

Малика «хуб аст», гуфта дар зери бом ташти об гузошт ва аз болои бом дар даруни зарфи об назари худро андохт. Мусаввир аз даруни зарфи об сурати маликаро нақш карда гирифт ва дар хилватхонаи худ аз рӯи он сурат сурати дигаре кашида, якеро худ нигоҳ дошт ва якеро ба хизмати малика фиристод. Дарҳол малика оина талабида дар баробари рӯи худ ниҳод, яке бар рӯи худ ва яке ба нақши мусаввир назар карда дид, ки мусаввир заррае хато накарда ва ҳамаро ҷо ба ҷо нақш кардааст.

Малика аз ҳунари мусаввир хушҳол шуда, инъому эҳсони билониҳоя ба ӯ бахшид.

Мусаввир аз вақҳи дунё мустағнӣ ва бениёз гардид ва бо ин ҳиммату саховати малика тахсину офарин мекард ва аз ин кору кирдор чанд рӯз гузашта буд, мусаввирро ба хотир расид: «Аз барои хизмати шаҳзода омада будам, он хизмат ҳосил шуд, акнун дар ин ҷо бисёр истодан маслиҳат нест, аз малика ҷавоб гирифта, ба хизмати шаҳзода бояд рафт. » Пас омада ба хизмати малика арз карда гуфт:

– Эй моҳи олам, каминаро рухсат шавад, рафта фарзандону вобастагони худро биёрам.

Малика гуфт:

– Эй мусаввир, зудтар биёй.

Мусаввир аз хизмати малика баромада, ба ҷониби Хоразм роҳӣ гардид. Баъд аз муддате қатъи манзил ва тайи марохил карда ба мулозимати шаҳзода расид.

Шаҳзода гуфт:

– Эй мусаввир, сурати маликаро овардӣ?

Дарҳол мусаввир аз багали худ суратро бароварда ба дасти шаҳзода дод.

Назари шаҳзода ба сурат афтода буд, ки беҳуш шуда бар замин афтод. Дарҳол хизматгорон уду анбар ба димоғи шаҳзода доштанд. Баъд аз муддате ба ҳуш омада, сари худро бардошт ва дар дили худ мукаррар кард, ки либоси қаландарӣ пӯшида, бе ичозати падару модар ба тарафи шаҳри Ҳуснобод хоҳам рафт, кадом аст, ки аз дар ноумед шавад.

Алқисса, гиряву зорикунон ба ҷониби шаҳри Ҳуснобод роҳӣ гардид. Баъд аз чанд рӯз дар шаҳри Ҳуснобод ба хизмати малика даррасид. Дарҳол хизматгорон шаҳзодаро дар корвонсаро бурда, дар макони олӣ нишониданд. Ба фармоиши малика чандин алвон таом дар назди шаҳзода ҳозир карданд. Шаҳзода даст ба таом бурда, ба суръати тамом тановул менамуд.

Алассабоҳ хизматгорон порае зари сурх оварда, дар пеши шаҳзода ниҳоданд ва гуфтанд:

– Эй шоҳи қаландарон, ин зарро худованди мо фиристода. Боят, ки ин зарро гирифта харҷи роҳи худ кунӣ.

Шаҳзода зарро кабул накард. Ин кирдори шаҳзодаро хизматгорон ба мулозимати малика расониданд ва гуфтанд:

– Эй моҳи олам, каландаре дар корвонсаро фуруд омада, мудлати чанд рӯз аст обу таом дода хушҳол гардонидем. Имрӯз бо фармоиши шумо порае зари сурх ба ӯ додем, нагирифт.

Малика гуфт:

– Эй ҳочибон, рафта он каландари бадрӯзиро ба назди ман биёред!

Дархол ҳочибон шаҳзодаро ба хизмати малика ҳозир карданд. Малика дид, ки фарри[1] шоҳӣ аз чабини каландар ҳувайдост, таркиби ачибе дорад. Аз паси парда гуфт:

– Эй каландари жандапӯш, чаро зарро намегирӣ, ки дар вакти ҳочат туро ба кор ояд?

Шаҳзода гуфт:

– Эй малика, зар даркори ман нест, чандин хазоин дорам ва зарру хазоинро гузошта омадаам ва ман подшоҳзодаи Хоразмам.

Малика гуфт:

– Эй шаҳзода, чаро либоси каландарӣ пӯшида, худро ба сурати гадоён кардай?

Шаҳзода гуфт:

– Эй маликаи ҳусн, сурати шумо инчунин савдоро бар сари ман андохта ва аз аклу ҳуш бегона кардааст.

Дар ишки ту ман чону дил бохтаам,
Аз бахри висол сар фидо сохтаам.
Дорам чу умед баски аз пардаи гайб,
Шояд, ки муроди ман диҳад холиқи риб.

Шаҳзода боз гуфт:

– Эй малика,муштоки рӯи ту шуда, аз тамоми лаззати дунё ва чони худ гузаштаам. Ихтиёр мар турост, ҳарчй донй, бикун.

Малика сар дар чайби тафаккур фурӯ бурда, баъд аз соате сар бардошта гуфт:

– Эй чавони сода, аз ин хаёли маҳол даргузар ва худро мубтало ба мехнатҳову балоҳо масоз. Агар бод шавй ба гарди ман нарасй. Даррасидани ту бар мо аз чумлаи маҳолот аст.

Шаҳзода гуфт:

– Эй малика, дар роҳи висоли ту чон ҳоҳам дод.

Малика гуфт:

– Эй шаҳзода, агар дар ин хаёл камар баста бошй, чанд саволе дорам, чавоб гӯй, чй хуб ва илло номи маро бар забон наёрй.

Шаҳзода гуфт:

– Миннатдорам ва аҳдест, ки туро мечӯям.

Малика боз гуфт:

– Эй шаҳзода, чавоби ҳафт саволро ёбй, зиҳй саодати туст ва мӯчиби халосй аз мехнатҳо ва боиси некномй хоҳад буд.

[1] Фарр – нур.

Саволи аввал ин аст:

Як бор чамоли ёр дидан ҳавас аст
Дар орзуи дубора биёр кас аст.

– Бархезу чӯяндаи ин қавлро дарёб, аввал киро дидааст ва бори дуюм чй чизро орзуи дидан дорад ва ҳамеша фарёд карда мегардад. Чун ҷавоби ин саволро дарёбй, саволи дуюмро хоҳам гуфт.

Шаҳзода гуфт:

– Ӯ дар кучост?

Малика гуфт:

– Агар донистаме, аз ту чаро пурсидаме?

Шаҳзода сар дар чайби тафаккур фурӯ бурда, баъд аз соате сари худро бардошт ва оҳи сард аз дили пурдард баркашиду гуфт:

– Кучо равам, аз кй пурсам?

Малика гуфт:

– Эй шаҳзода, агар аз ҷавоби саволи мо очизй, дар ин чоҳо набошй ва ин хаёли мушкилро аз сари худ дур кунй.

Шаҳзода гуфт:

Эй ҳар мижа дар дида сӯзан бе ту,
Ҳар мӯй синоне шуда дар тан бе ту.
Ман бе ту чй гуна бигзаронам, ки чахон,
Чун чашмаки сӯзанест бар ман бе ту?

– Эй барно, дар ин шаҳр ба хаёли васли ту будан ганимат аст ва агар ба доги гами ту бимирам, камоли саъй ва саодат аст.

Духтар гуфт:

– Эй шаҳзода, чунин каломи мӯҳмалро нагӯй, туро дар ин чоҳо нахоҳам гузошт.

Ва малика дарҳол фармуд, ки:

– Эй ҳочибон, ин туркбачаро аз ин шаҳр бадар кунед!

Ҳочибон хостанд, ки шаҳзодаро аз шаҳр бадар кунанд. Шаҳзода бо сад тавалло гуфт:

Ҷоно, ба доги ҳачр дилам мубтало макун,
Якбора роҳи дӯстй аз ман раҳо макун.
То пои ман кушода нагардад зи банди ишқ
Дасти маро зи домани сӯҳбат чудо макун.

– Эй барнои олам, бояд, ки ин мискинро чанд рӯзе мӯҳлат бидиҳй. Сар дар биёбони ишқи ту гузошта, ҷавоби саволи туро дарёбам.

Малика гуфт:

– Ба ваъдаи ту чанд рӯз интизорй кашам?

Шаҳзода гуфт:

– Як сол.

Малика гуфт:

– Хуб аст,– ва дарҳол фармуд: – Эй ходимон, порае зар ба ин каландари саргардон бидиҳед!

Ходимон чунин карданд.

Шаҳзода аз хизмати малика баромада зор-зор мегирист ва рӯ ба саҳро карда мерафт ва мегуфт:

Яқбора зи ман меҳр буридаст фалак,
Озори маро ба чон харидаст фалак.
Ё аввали меҳнат аст ё охири умр,
Ӯ-ин гуна, ки танг баркашидаст фалак.

Аз кабили шаҳзода ва акобирзодагон аз ҳар тараф омада ҳаваси ишқи маликаро мекарданд ва аз ӯҳдаи чавоби саволҳои малика баромада наметавонистанд, боз мерафтанд ва намеомаданд.

Алкисса, шаҳзодаро ишқ рост бud ва дар ишқи худ собиткадам буд ва хонумони худро ба боди фано дода, рӯ ба чониби биёбон карда мерафт. Гузораш дар мулки Яман афтод. Расида дар зери дарахте бинишаст ва ба он дарахт такякунон рӯ ба осмон карда, зор-зор мегирист:

Ғами замона хӯрам ё фироқи ёр кашам,
Ба тоқате, ки надорам, қадом бор кашам?
На дасти сабр, ки дар остини ақл барам,
На пои ақл, ки дар домани қарор кашам.

Қазоро гузори Ҳотам дар ҳамон чо афтод. Дид, ки чавони соҳибҷамоле фарри шоҳӣ аз чини ӯ ҳувайдо, зор-зор чун абри навбаҳор мегиряд.

Оҳи дилсӯзи шаҳзода ба дили Ҳотам таъсир карда ва Ҳотамро раҳме ба ҳоли ӯ омад ва пурсид:

– Эй чавон, туро чӣ мушкиле пеш омадааст, ки ин ҳама нолаву зорӣ мекунӣ?

Шаҳзода дид, ки чавони хушрӯе рӯ ба мисли офтоби ховар ба сари ӯ истодааст, фарри шоҳӣ аз чини ӯ ҳувайдо, таковари арабӣ дар зери пой, либоси шоҳона дар бар, саропо ба зару чавоҳир гӯта хӯрда, акнун-акнун хати ресмонӣ ба гирди ораз чун мохаш дамидааст.

Шаҳзода гуфт:

– Эй барно, чӣ гӯям аз саргузашти худ, ба гуфтан рост намеояд.

Ҳотам гуфт:

– Эй чавон, хотири маҳзуни худро чамъ дор ва ҳар кори душвору мушкили пешомадаи туро Худои таоло осон хоҳад кард. Акнун рози худро бар ман бигӯй, шояд ҳаматмушкилиҳои туро сабаб шуда, осон мекарда бошам. Агар аз дунё даркор аст, аз вачҳи дунё туро мустағнӣ ва бениёз гардонам ва агар маъшука дорӣ, туро ба маъшука восил гардонам.

Шаҳзода гуфт:

– Эй барно, офарин бод бар ҳиммату бар эътиқоди ту.

Алкисса, шаҳзода сурати маликаро аз багали худ бароварда ба дасти Ҳотам доду гуфт:

– Соҳиби ин сурат маро дар ин савдо андохтааст.

Ҳотам дид, ки инчунин сурату шакл ба ҳеч зоте нахоҳад буд, гуфт:

– Эй чавон, хотирро чамъ дор, дар ин боб бо ту ҳамроҳӣ карда, ба маъшукаат восил гардонам.

Шаҳзода гуфт:

– Эй барно, он маъшука ҷавоби ҳафт саволро аз ман талабидааст ва ман аз ҷавоби саволҳои ӯ очиз омада, ин ҳама нолаву зорӣ мекунам.

Алқисса, шаҳзодаро Ҳотам дар хонаи худ бурда, либоси шоҳона пӯшонида ва муддати се рӯз ҷашне ба рӯи шаҳзода ороста ва эъзозу икроми бисёр намуд. Рӯзи чаҳорум Ҳотам гуфт:

– Эй шаҳзода, акнун дар пайи ҷавоби саволи малика кӯшида, мушкили шуморо осон гардонем.

Шаҳзода гуфт:

– Эй барно, ихтиёр мар шуморост.

Дарҳол Ҳотам мулозимони худро талабида гуфт:

– Эй ходимон, бо ҳамроҳии ин ҷавон дар пайи коре меравам. Бояд мусофирону мискинонро обу таом дода, аз ҳар ҷиҳат мустағнӣ ва бениёз гардонед ва дар бораи ҷамъи халқҳо мурувватӣ шафқат намоед ва рафтани маро ба касе изҳор накунед.

Мулозимон гуфтанд:

– Фармонбардорем!

Алқисса, Ҳотам маа шаҳзода аз Яман баромада, ба ҷониби шаҳри Ҳуснобод роҳӣ гардид. Баъд аз муддати мадиде[1] манзилу марҳил тай карда, ба шаҳри Ҳуснобод расиданд. Бехост шаҳзода дасти Ҳотамро гирифта, ба дари боргоҳи малика оварда.

Мулозимон ба арзи малика расониданд:

– Ду ҷавони соҳибҷамол ба дари боргоҳ омада истодаанд.

Малика фармуд:

– Ҳар дуи онҳоро ба назди ман биёред.

Ҳоҷибон ҳар дуи онҳоро ба хизмати малика расониданд.

Малика дид, ки осори шоҳӣ аз чини эшон ҳувайдо, либоси шаҳаншоҳӣ дар бари худҳо доранд.

Малика пурсид, ки:

– Эй ҷавонон, ба чӣ матлаб дар ин ҷо қадам овардаед?

Ҳотам гуфт:

– Эй маликаи ҳусн, ҷамолу авсофи ҳамидаи[2] туро шунида омадаем ва бо моён аҳду паймон намо ва рӯи рӯҳафзои худро ба моён як бор бинамо.

Малика аз ин гуфтори Ҳотам хандаи аҷибе карда гуфт, ки:

– Аҷаб ҷавонони содадил будаанд. Ҳеҷ аврат рӯи худро бе узр ба номаҳрам нишон додааст, ки мо бинамоем?

Ҳотам аз ин гуфтори дилсӯзи малика хиҷолатманд шуда, сар ба ҷайби таффаккур фурӯ бурд. Баъд аз соате сари худро боло карда гуфт:

– Эй маликаи олам, бояд, ки ҳафт саволи худро аз ин бекасон пурсӣ, шояд, ки саволҳоятро ҷавоб гуфта ба муроди худҳо бирасем.

Малика гуфт:

– Хуб аст.

Боз Ҳотам гуфт:

---

[1] Мадид – дароз.

[2] Авсофи ҳамида – сифатҳои нек.

– Эй малика, бояд, ки чанде аз мӯътабарони ин шаҳрро дар ин маком ҳозир созй ва дар назди онҳо аҳду паймон ба ҷо орй, то он ки меҳнату ранҷи ин бечорагон абас ва зоеъ нашавад.

Малика гуфт:

– Қабул кардам.

Дарҳол чанде аз ҳочибонро фармуд, ки рафта сарҳангон[1] ва мӯътабарони ин шаҳрро дар ин ҷо ҳозир кунед!

Алқисса, ҳочибон рафта сарҳангону мӯътабарони шаҳрро ба хизмати малика оварданд.

Малика дар ҳузури сарҳангону мӯътабарони худ аҳду паймон карда, Ҳотамро хотирҷамъ сохт.

Билохир Ҳотам гуфт:

– Эй малика, акнун саволи худро бигӯ.

Малика гуфт:

– Савол ин аст:

Як бор чамоли ёр дидан хавас аст,
Дар орзуи дубора бинёр кас аст.

Ва гуфт:

– Эй Ҳотам, гӯяндаи ин гуфтор дар кучост, чй дидааст ва дуюмбора чй орзу дорад. Боял, ки аз ҳақиқати кори вай маро огоҳ гардонй, саволи дуюм низ хоҳам гуфт.

САФАРИ ЯКУМ

Ҳотам аз хизмати малика мураххас шуда, ба корвонсаро омад ва шаҳзодаро дар он ҷо гузошта, рӯ ба биёбон овард. Қатъи манзил ва тайи мароҳил карда мерафт. Баъд аз чанд рӯз ба ҷое расида дид, ки модаи охуро маа ду бачаи он гурги гурусна пеш карда наздик аст, ки гирифта тӯъмаи худ созад. Ҳотам бонг бар гург зада гуфт:

– Эй ҳайвон, бигзор он махлукро, ки бачагони ширхора дорад!

Гург истода шуд ва ба забони фасеҳ гуфт:

– Эй одамй, магар ту Ҳотамй.

Ҳотам гуфт:

– Аз кучо донистй, ки ман Ҳотамам?

Гург гуфт:

– Эй азиз, аз шафкати ту маълум мешавад, ки саховату мурувватро Худо ба ту арзонй фармудааст. Дигар авсофи ту дар миёни ҳайвонот ва инсон аз ҳар чй машҳуртар ва маъруфтар аст. Имрӯз кути маро гирифтй, ба чойи он чизе хӯрданй бар ман ато намой?

Ҳотам гуфт:

– Чй мехӯрй?

Гург гуфт:

---

[1] Сарҳанг – сарлашкар.

– Хӯроки моён гӯшт аст.

Ҳотам гуфт:

– Эй гург, гӯшти кадом узви ман туро хуш ояд?

Гург гуфт:

– Гӯшти рон мехоҳам.

Ҳотам дарҳол аз гӯшти рони худ бурида, дар пеши гург андохт. Гург он гӯштро хӯрда аз гуруснагӣ махлас[1] ёфт ва гуфт:

– Эй Ҳотам, чаро подшоҳии Яманро гузошта, дар ин роҳи пуршӯру машаққат афтодай?

Ҳотам гуфт:

– Ба хотири ҳочатманде дар ин роҳ афтодаам ва малика Ҳуснбону чавоби ҳафт савол аз ман талаб кардааст. Бояд, ки ба ҳафт саволи ӯ чавоб гуфта, ба шаҳзодаи хоразмӣ гирифта бидиҳам. Саволи аввал ин аст, ки бишнавӣ:

Як бор чамоли ёр дидан ҳавас аст,
Дар орзуи дубора бисёр кас аст.

Намедонам, ки гӯяндаи ин гуфтор дар кучост.

Гург гуфт:

– Ман он чоро медонам ва аз забони бузургони худ шунида будам. Он чо дашту биёбон аст ва номи онро дашти Ҳувайдо мегӯянд ва дар он дашт мардест, тамомии рӯз мегардад ва ҳамин суханро мегӯяд.

Ҳотам гуфт:

– Эй махлук, он дашт дар кадом чониб аст?

Гург гуфт:

– Аз ин чо меравӣ, ба дурохие хоҳӣ расид. Бояд, ки роҳи дасти чапро гузошта, ба роҳи дасти рост равӣ.

Алқисса, оҳуи мода маа бачагони хеш ва гург Ҳотамро дуо карда, ба чониби берахаи биёбон рафтанд.

Алқисса, Ҳотам андак роҳ рафта буд, ки пои ӯ ба дард омад. Бо машаққати бисёре рафта, дар зери дарахте ғалтид ва дар зери он дарахт шағолон хона сохта буданд. Қазоро ҳамон рӯз барои тӯъмаи худ ба шикор рафта буданд. Шағолон аз шикоргоҳи худхо гашта омада диданд, ки одамизоде рӯй ба мисли офтоби ховар, фарри шоҳӣ аз чамоли ӯ ҳувайдо, малхуш шуда, дар пеши хонаи эшон хобидааст. Модааш гуфт:

– Эй чуфти азиз, ин одамизод аз кучо омадааст ва дар ин макони моён қарор гирифтааст? Бояд, ки ин маконро гузошта, ба чойи дигар равем ва бо ин ғайри чинс унс гирифтан аз ҳикмат нест.

Наршағол гуфт:

– Эй завча, ҳеч медонӣ, ки ин кист?

Модашағол гуфт:

– Намедонам.

Наршағол гуфт:

– Ин чавон Ҳотам ибни Тай, подшоҳзодаи Яман аст.

[1] Махлас – халосӣ.

Модашагол гуфт:

– Эй ороми чон, чӣ донистӣ, ки ин Ҳотам ибни Тай аст?

Наршагол гуфт:

– Аз забони бузургони худ шунида будам, ки дар фалон мох ва дар фалон рӯз Ҳотам ибни Тай дар зери ин дарахт хоҳад омад.

Модашагол гуфт:

– Эй мӯниси чон, Ҳотам чӣ хосият дорад, ки бузургон аз аҳволи он дар замони собиқ хабар додаанд. Ҳақиқати кори ӯро бар ман баён кун.

Наршагол гуфт:

– Эй роҳати чон, Ҳотам барои ризои Ҳақ молу чони худро бохта, ҳочати чамеи одамонро мебарорад. Дар бобати саховат ва мурувват дар ин олам назир надорад.

Боз модаш гуфт:

– Чаро Ҳотам ба ин ҳол афтода ва дар ин чоҳ омадааст?

Наршагол гуфт:

– Эй ҳамдами чон, гурги гурусна оҳумодаро маа ду бачааш пеш карда гашта буд, қазоро гузори Ҳотам ба сарвақти оиҳо афтода дид, ки гурги гурусна оҳумодаеро пеш андохта мехоҳад, ки маа бачагонаш гирифта тӯъмаи худ созад. Ҳотам аз рони худ гӯшти лазиз бурида, дар пеши гург андохт, ивази гӯшти рони худ оҳуро маа бачагонаш аз офати гург халос карда гирифт ва аз он чо то ба ин чо рох гашта аз дарди рони худ дар ин чо беҳуш афтодааст.

Модашагол гуфт:

– Инчунин каси бомурувват дар мобайни инсону ҳайвонот нахоҳад буд, тахсину офарин ба мурувати ин!

Боз модашагол гуфт:

– Эй ёри чонӣ, аз ин чароҳати қавӣ чӣ гуна сиҳат шавад ва ба дашти Ҳувайдо чӣ гуна мерасад?

Наршагол гуфт:

– Эй завчаи меҳрубон, агар магзи сари мурги пириро оварда, ба захми рони ин гузошта шавад, дарҳол сиҳат хоҳад шуд. Аммо рафтани ин аз рафтан ба дашти Ҳувайдо зиёда мушкил аст.

Модашагол гуфт:

– Эй ороми чон, он магз аз кучо пайдо мешавад?

Наршагол гуфт:

– Ин мурғ дар чангали Мозандарон пайдо мешавад ва он мургест, рӯй ба мисли одам ва тани он ба монанди товус. Агар шарбати ӯро ба касе бидиҳанд, хӯрдан баробар ба ракс меояд ва тамошоҳо мекунад.

Модашагол гуфт:

– Эй чуфти мушфик, кадом зот аст, ки рафта аз Мозандарон сари он мургро биёрад ва Ҳотамро аз ин озор халос гардонад?

Наршагол гуфт:

– Агар хафт шабонарӯз ту аз ин чавон бохабар бошӣ, ман рафта сари он мургро биёрам.

Модааш гуфт:

– Фармонбардорам! Зудтар бирав, ки то омадани ту ман аз ин ҷавон хабардор хоҳам шуд.

Наршагол бо модаи худ видоъ карда, ба ҷониби Мозандарон равона шуд. Ҳотам гуфтори шагалонро мешунид ва мефаҳмид, аммо тоби бархостан ва сухан гуфтан надошт.

Алқисса, наршагол қатъи манзилу тайи марохил карда, баъд аз ҳафт шабонарӯз дар ҷангали Мозандарон дохил гардида дид, ки дар зери дарахте мурғи парӣ бо фарогати тамом хобидааст. Наршагол оҳиста-оҳиста ба чандин ҳилаву макр расида, сари он мурғро аз танаш ҷудо карда гирифт ва аз ҷангали Мозандарон баромада, ба ҷониби маскани худ рохӣ гардид.

Модашагол дар ин муддат гирдо-гирди Ҳотамро гашта, посбонӣ ва нигаҳбонӣ мекард. Ҳотам ин ҳамаро мушохида мекард.

Алқисса, наршагол баъд аз ҳафт шабонарӯзи дигар магзи сари он ҷонварро оварда, бо ҷуфти худ мулоқот кард. Модашагол сари он ҷонварро бо дандони худ зӯр карда бишикаст ва магзи сари ӯро бо забони худ ба чароҳати Ҳотам молид. Дарҳол осори чароҳати Ҳотам бартараф шуд.

Ҳотам чашми худро кушода, аз ҷойи худ бархост ва ба ҷониби шагалон нигоҳе карда гуфт:

– Эй ҳайвонон, ин чӣ эҳсоне буд, ки дар бораи ман кардед, маро аз озори ин чароҳат махлас додед. Аммо барои ман меҳнат кашида, ҷондореро бечон карда, маро зомини хуни он гардонидед.

Шагалон гуфтанд:

– Эй барно, Худо баъзе ашёро ба баъзеи он сабаб кардааст.

Дар ин гуфтугӯ буданд, ки чароҳати Ҳотам фароҳам омада ва ба тариқаи аслӣ баробар шуд.

Ҳотам ба ҷониби шагалон нигоҳе карда гуфт:

– Эй махлуқон, хочати шумоён чист, ки раво карда, ивази некиатон гардонам?

Шагалон гуфтанд:

– Эй барно, дар ин навоҳӣ чоҳест, ҷамеи кафторон[1] дар он ҷо маскан карда, ҳар сол бачагони мо бечорагонро мехӯранд ва моён дар назди онҳо очизем. Агар шумо онҳоро аз сари мо дур созед, талофии[2] эҳсони моён хоҳад шуд.

Ҳотам гуфт:

– Ин меҳнатро аз сари шумоён дур хоҳам кард. Шумоёни мискин онҳоро бар ман намоед.

Шагалон гуфтанд:

– Эй одамизод, аз ин ҷо то ба макони онҳо шаш фарсанг аст.

Алқисса, шагалон Ҳотамро сар карда, ба макони онҳо расиданд ва гуфтанд:

– Эй одамизод, инак маскани кафторон. Ҳотам пештар рафта дид, ки кафторон дар макони худҳо нестанд. Соате дар гӯшае биншаст. Баъд аз муддате

[1] Кафтор – дарандаест гургмонанд.
[2] Талофӣ – мукофот, подош.

кафторон дар макони худхо омада диданд, ки одамизоде бар дари гори эшон истодааст. Ҳар ду гуррида-гуррида наздик расиданд ва ба забони ҳол гуфтанд:

– Эй одамизод, аз ин ҷо бархез ва ба раҳи омадаи худ бирав ва илло туро ҳамин соат пора-пора хоҳем кард.

Ҳотам гуфт:

– Эй нодонон, ман дар ин макон аз барои озор додан наёмадаам ва шумоён аз ин макони худхо бархезед ва ба ҷойи дигар равед.

Кафторон гуфтанд:

– Эй одамизод, инчунин суханони мӯҳмал мегӯй ва моёнро мехоҳй аз ин макон бадарка созй ва аз ҷони худ наметарсй?

Ҳотам гуфт:

– Эй ҳайвонон, аз офаридгори худ наметарсед, ҳар соле бачагони шаголонро оварда мехӯред?

Кафторон гуфтанд:

– Эй одамизод, магар ту шаголонро ба ҷанги моён овардай ва имрӯз бо моён дар ин макон масоф[1] мекунй?

Ҳотам гуфт:

– Ман барои насиҳат ва маслиҳат омадаам ва ба шумоён чанд сухани насиҳатомез мегӯям. Бояд, ки шумоён аз хӯрдани бачагони шаголон тавба кунед.

Кафторон гуфтанд:

– Эй одамизод, ту ғами шаголон ва бачагони ӯ мехӯрй? Ғами худ боя хӯрй, ки ҳамин соат туро пора-пора карда хоҳем хӯрд!

Ҳотам гуфт:

– Агар гӯшти ман даркор аст, барои ризои Ҳак додам, бигиреду бихӯред, аммо аз хӯрдани бачагони шаголон тавба кунед.

Кафторон гуфтанд:

– Эй одамизод, туро ҳам мехӯрем ва бачагони шаголонро ҳам мехӯрем!

Ҳотам гуфт:

– Шумоёнро ба Худо савганд медиҳам, ки аз хӯрдани бачагони шаголон тавба кунед ва ризки шумоёнро Розиқи ҷондорон хоҳад расонид.

Кафторон гуфтанд:

– Эй одамизод, аз хӯрдани бачагони шаголон ҳаргиз даст набардорем!

Ҳотам донист, ки кафторон ба сари инсоф намеоянд дар дили худ гуфт: «Акнун тоқат намондааст.» Аз ҷойи худ бархост ва бар пушти наркафтор савор шуда, яке зер карда буд, ки наркафтор ба ду пои пеш чӯкида дар зери қадами Ҳотам кулӯла шуда афтод. Дарҳол пой ва гардани наркафторро ба таноби бирешимй барбаст ва модакафторро ҳам инчунин барбаст ва дар дили худ фикр кард, ки: «Ҳеч офаридаро озор надода будам, имрӯз ин махлуқонро чй гуна озор бидиҳам. Чй созам, ки инҳо бадкирдоранд. Бояд, ки дандонҳову нохунҳои эшонро бирехт.»

Алқисса, Ҳотам нохунҳову дандонҳои кафторонро фурӯ рехт ва бандҳоро аз кафторон кушода сар дод.

[1] Масоф – ҷанг.

Кафторон мегуфтанд:

– Моён ба чӣ тавр зиндагонӣ мекунем ва лукмаи худхоро аз кадом навъ фурӯ мебарем?

Ҳотам гуфт:

– Эй кафторон, тақсир[1] аз ман нест ва аз худи шумоён аст.

Дар ин гуфтугӯ буданд, ки шаголон расида гфтанд:

– Эй кафторон, ғам махӯред, хӯроки шумоёнро моён мерасонем.

Алкисса, Ҳотам шаголонро видоъ карда, ба чониби биёбон роҳӣ шуд.

Модашагол ба нари худ гуфт:

– Эй шоҳи дарандагон ва эй молики ин биёбон, Ҳотам ба талаби дашти Ҳувайдо танҳо меравад. Бояд, ки ту бо ӯ дар ин рох хамроҳӣ бикунӣ ва Ҳотамро дар ин роҳи пурмеҳнат танҳо нафиристонӣ. Наршагол ба назди Ҳотам расида омада гуфт:

– Эй Ҳотам, бояд, ки дар ин роҳи пуршӯр ман ба ту ҳамроҳӣ кунам ва туро дар ин биёбон танҳо нафиристонам.

Ҳотам гуфт:

– Эй махлуқ, аз ӯхдаи яке некии шумоён набаромадам. Эҳсони дигар дар бораи ман мекунед, ивази инро чӣ гуна хоҳам расонид. Акнун хушҳолии ман дар ин аст, ки аз ин ҷо баргардед ва дар пеши бачагони худхо бошед ва бо ман роҳи дашти Ҳувайдоро намоед.

Шаголон гуфтанд:

– Эй барно, агар роҳи наздик намоем, дар он роҳ офатҳо хоҳӣ дид ва агар роҳи дур намоем, халокӣ ва беобӣ хоҳӣ кашид.

Ҳотам гуфт:

– Ҳар чӣ аз Худост, роҳи наздикро бар ман намоед ва корҳои мушкили бандагонро Худо осон хоҳад кард.

Наршагол гуфт:

– Пештар рафта, бар сари чаҳорраҳае хоҳӣ расид ва ба роҳи рӯ ба рӯ равӣ, ба дашти Ҳувайдо мерасӣ.

Ин гуфта шаголон ба ҷои худхо истода шудаанд. Ҳотам шаголонро видоъ карда ба чониби биёбон роҳӣ шуд.

Алкисса, Ҳотам баъд аз як моҳ ба сари чаҳорраҳае расид ва роҳи рӯ ба рӯро пеш гирифта мерафт. Баъд аз чанд рӯзе ба як сахрое расида дид, ки хирси бисёре ҷамъ шуда гаштаанд ва дар миёни худхо подшоҳе доранд. Ҳаман онҳо паризодон буданд, ки ба тилисме худхоро ба сурати хирс сохта, дашту биёбонро сайругашт мекарданд. Яке аз эшон рафта ба подшоҳ гуфт:

– Эй шоҳ дар ин маком ва дар ин дашту биёбон як одамизоде омадааст, ачаб ҳусну ҷамоле дорад, ки осори шоҳӣ аз чабини ӯ ҳувайдо.

Подшоҳи эшон фармуд, ки:

– Эй мулозимон, рафта одамизодро дар назди ман биёред!

Дарҳол мулозимон омада Ҳотамро дар пеши подшоҳи худ бурданд. Шоҳи паризодон дид, ки фарри шоҳӣ аз чабини ӯ ҳувайдо, рӯй ба мисли офтоби ховар, мутаҳайир шуда пурсид, ки:

[1] Таксир – кӯтоҳӣ, гунох.

– Эй одамизод, чӣ ном дорӣ ва аз кучо меой?

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, номи ман Ҳотам, аз шаҳри Яман меоям.

Шоҳ гуфт:

– Эй Ҳотам, хуш омадӣ ва қадами сафо овардӣ.

Дарҳол мулозимони худро фармуд:

– Дар назди Ҳотам обу таом биёред!

Мулозимон чанд алвон мева оварда, дар назди Ҳотам гузоштанд. Ҳотам аз меваҳо ба қадри рағбати худ тановул намуда, дуои фотиҳа хонд.

Баъд аз фароғи таом шоҳи паризодон гуфт:

– Эй Ҳотам, ман духтаре дорам дар паси пардаи исмат, бояд, ки ту ӯро ба занӣ қабул намоӣ ва дар ин макони моён бошӣ.

Аз шунидани ин сухан Ҳотам сар дар ҷайби тафаккур фурӯ бурда, хомӯш монд.

Шоҳи паризодон гуфт:

– Эй Ҳотам, боиси сар фурӯ бурдан чист? Андеша масоз ва он духтар муносиби туст ва ту муносиби ӯй.

Ҳотам сари худро боло карда гуфт:

– Эй шоҳ шумоён парӣ, ман инсонам. Инсонро бо парӣ чӣ нисбат аст ва парӣ бо инсон чӣ гуна мувофиқ шавад?

Шоҳ гуфт:

– Эй Ҳотам, дар лаззати шаҳвонӣ инсон бо парӣ баробар аст.

Боз гуфт:

– Эй Ҳотам, дар хотири худ ҳеҷ маёр, духтари ман мисли туст. Эй хизматгорон, бояд, ки духтарро дар пеши Ҳотам ҳозир созед!

Мулозимон «хуб» гуфта, баъд аз соате духтарро дар пеши Ҳотам ҳозир карданд. Ҳотам дид, ки аҷаб духтаре, ба сурат мисли инсон, рӯй ба монанди моҳи шаби чордах, ороми ҷоне, мӯрчамиёне, шамшодқаде, дар олами фано мисол надорад ва аз шаъшааи ҷамолаш офтоби ҷаҳонтоб ҳира мешавад ва ақлу хуш аз сари бинандагон мерабояд.

Боз Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, ту шоҳӣ, камина гадоям. Шоҳро гадо муносиб нест.

Шоҳи паризодон гуфт:

– Эй Ҳотам, ин ҳама ҳилаҳоро бигзор ва ба рағбати тамом қабул кун. Бинобар он ки ман туро аз худ бехтар медонам, агар ҳазорон-ҳазор худро пинҳон дорӣ, ҳақиқати кори туву гузаштагони ту бар ман маълум аст.

Ҳотам дар фикр шуда, ин байтро мехонд:

Гамро кӣ нишон доду балоро кӣ хабар кард?
Бахти сиёҳам аз ватанам баски бадар кард.
Умед чунон аст расам бар ватани хеш,
Толеъ чу бигашт, боз ба дил гурбат асар кард.

Ва дар дили худ мегуфт: «Ман барои кори касе омада будам, бо ин ҳама балоҳо мубтало шуда, шаҳзода Мунирро дар он ҷо мунтазир гузоштам.» Боз

ба хотир меовард, ки: «Хости Худованди олам чунин бошад, чора нест, хар чй бошад ба қазои илохй гардан ниҳодан вочиб аст.»

Шоҳи паризодон дид, ки Ҳотам сар фурӯ карда, қабули ин амр намекунад, гуфт:

– Эй Ҳотам, агар қабули ин амр накунй, дар қайди банду занчири ман то ба қиёмат хоҳй монд!

Ҳотам ҳеч нагуфт.

Шоҳи паризодон дар ғазаб шуда гуфт, ки:

– Эй ходимон, ин одамизодро бурда дар фалон ғор ба гулл ва занчир нигоҳ доред!

Дарҳол чанде аз паризодон Ҳотамро гирифта, парвоз карданд ва ба он ғоре, ки шоҳи эшон таъин карда буд, расонида дасту пой ва гардани Ҳотамро ба гуллу занчир банд карданд ва дар даҳони он ғор санги ҳазорманиро оварда ниҳоданд.

Аз ин муқаддима як ҳафта гузашт. Ҳотам дар ин муддат гуруснаву ташна дар даруни он ғор буд. Баъд аз чанд рӯз шоҳ фармуд, ки:

– Эй ходимон, раведу Ҳотамро гӯед, ки қабули ин амр кунад ва илло гуруснаву ташна дар он ғор хоҳад мурд. Вазир маа чанде аз паризодон дар назди Ҳотам расида, насиҳати бисёре кард ва гуфт:

– Эй Ҳотам, бояд, ки қабули ин кор куний ва илло аз ҷони азизи хеш чудо хоҳй шуд.

Ҳотам ҳеч нагуфт. Вазир маа рафиқон баргашт ва ба хизмати шоҳ омада гуфт:

– Эй шоҳ, он одамизод қабули ин амр намекунад.

Шоҳ гуфт:

– Ҳанӯз ба ҳолаш гузоред!

Ва як ҳафтаи дигар гузашт. Посбонон рафта гуфтанд:

– Эй шоҳ, он одамизод аз гуруснагиву ташнагй ба ҳалокат хоҳад расид.

Шоҳ гуфт:

– Эй мулозимон, рафта он одамизодро гирифта биёред!

Чанде аз паризодон парвоз карда рафта, Ҳотамро дар пеши шоҳи худхо оварданд. Шоҳ дид, ки дар ҳақиқат Ҳотам ба монанди фонуси хаёл шуда ончунон ариф аст, ки чони ширин ба Ҷонофарин супорад.

Шоҳ гуфт:

– Эй Ҳотам, биё амри маро қабул кун.

Ҳотам боз сар фурӯ карда, хомӯш монд.

Шоҳ фармуд, ки:

– Эй мулозимон, чизе хӯрданй биёред!

Дарҳол мулозимон чандин қисм мева оварда, дар пеши Ҳотам гузоштанд. Аз он меваҳо чизе тановул намуда, шиками худро сер кард.

Боз шоҳ гуфт:

– Эй Ҳотам, амри маро қабул кун.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, инсонро ба парй чй муносибат аст?

Аз ин каломи Ҳотам шоҳ дар ғазаб шуда гуфт:

– Эй мулозимон, ин одамизодро бурда, дар хамон ғор ба ғуллу занҷир банд карда махбус созед!

Дархол Ҳотамро чанде аз паризодон бурда дар хамон ғор дар банд каши-данд.

Ҳотам ин байтро мехонд:

Гирифторам ба дасти ин париён,
Ба марги хеш кай бошам харосон.
Худо бошад ризо аз ман дар ин дам,
Ки созад кори он шаҳзоди Хоразм.
Намедонам чӣ сир аст бахри инсон,
Ки чуфти ӯ куни ин вакт хайвон.
Илохо, фазл кун аз пардаи ғайб,
Бикун корам ба зудӣ зуд осон.
Ба роҳам кун равона рӯзу хам шаб,
Расон, ё Раб, маро зудтар ба матлаб...

Алкисса, Ҳотам ин байтро хонда-хонда, дар хоб шуд. Дар айни хоби ши-рин марде махосинсафеде гуфт: «Эй Ҳотам, гуфтаи париёнро чаро қабул на-мекунӣ?» Ҳотам гуфт:

– Эй азиз, агар духтари онҳоро қабул кунам, маро нагузоранд, ки аз пайи матлуб равам.

Пир гуфт:

– Эй Ҳотам, халосии ту дар ҳамин аст ва корҳои мушкили ту ба сабаби инҳо осон хоҳад шуд вагарна дар зери ғуллу занҷир дар ин ғори торик хохӣ мурд.

Ҳотам ларзида, аз хоб бедор шуд, дар назди худ ҳеч касро надид.

Алкисса, баъд аз ду ҳафта чанде аз паризодон парвоз карда рафта, Ҳотамро пеши шоҳи худхо оварданд. Шоҳ Ҳотамро дар пеши худ биншонд ва боз ҳамон сухан дар миён овард.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, ба шарти ин қабул мекунам, ки ҳеч кадом аз париён дар макони ман наёянд.

Шоҳ гуфт:

– Қабул кардам,

Дархол фармуд, ки:

– Эй мулозимон ва эй ходимон, уламову фузало ва акобирро хабар дихед!

Мулозимон хамчунон карданд. Шоҳ дасти Ҳотамро бигирифту бар болои маснади шаҳаншоҳӣ бинишонд. Умарову акобирон омада, ҳар кадом ба чойи худ бинишастанд. Раккосон дар миён даромада, ракс ва симоъ[1] мекарданд ва муганниён бо овози соз чаҳонро пур аз ошӯбу ғавғо сохта буданд.

Ҳотам ин хама шодиву ғавғои эшонро дида, таҳсину офарин мегуфт:

Алкисса, паризодон духтарро ба Ҳотам акд баста супурданд. Ҳотам дар

---

[1] Симоъ– хониш, ашӯлахонӣ.

пеши духтар рафта дид, ки рӯй ба монанди офтоби ховар, кад ба мисли сарв, балки аз сарв нозуктар ва аз шаъшаи ҷамолаш олами зулмоний мунаввар. Ҳамчунон чое ва бистаре оростаанд, ки дар зери тасарруфи ҳеч подшоҳу амир нахоҳад буд.

Ҳотам дасти духтарро гирифта дар бистар рафт...

Шоҳ аз барои Ҳотам чанд қисм мева фиристодӣ, лекин нон ва аз ҷинси матбахот[1] дар миёни паризодон ҳеч набуд. Аммо хӯрдани мева дили Ҳотамро гирифта буд.

Рӯзе Ҳотам гуфт:

– Эй паризодон, маро мева хуш намеояд ва таоме мешояд.

Ходимон гуфтанд:

– Эй шоҳ Ҳотам аз хӯрдани мева дилгир шуда. Дар ин боб амр чист?

Шоҳ гуфт:

– Эй мулозимон, рафта аз макони одамизодон аз ҳар ҷинси хӯрокиву матбахот биёред!

Дарҳол паризодон рафта аз мамлакатҳои одамиён гӯсфанд ва ғайра ачноси[2] ғалла оварда, ба Ҳотам пухта доданд. Ҳотам нӯши ҷон кард. Ҳотам бо духтари паризод шаш моҳро ба айшу ишрат гузаро намуд. Баъд аз шаш моҳ дар хотир овард, ки «барои кори бандаи муштоқе омада будам, алҳол кори ин муштоқро аз хотир бароварда дар ин ҷо бо айшу тараб умр ба сар мебарам.» Ин мегуфт ва ин байтро мехонд:

Шудам бо духтари ҷиний ҳамоғӯш,
Ҳама кори Худо кардам фаромӯш.
Басо бечораи шаҳзоди Хоразм,
Ба навмедӣ ба худ мурдан кунад ҷазм...

Алқисса, баъд аз хондани ин абёт назар ба ҷониби духтар карда гуфт:

– Эй барно, ман барои муҳимми бечорае омада будам. Падари шумо дар ин муддат моро дар ин ҷо нигоҳ дошт ва он бечора мунтазири рохи ман хоҳад шуд. Фардои қиёмат дар назди Худо чӣ ҷавоб хоҳам гуфт? Агар мурувват карда, чанд рӯзе маро рухсат бидиҳед ва падари худро аз ин ҳол огоҳ гардонед, боиси сарафрозӣ ва мӯҷиби корсозии ман хоҳад шуд.

Духтар гуфт:

– Эй шоҳи Яман, мунтазират кист ва матлуби ӯ чист?

Дарҳол Ҳотам ҳамаи саргузашти шаҳзодаву саргузашти худ ва ҳикояти малика Ҳуснбонуро дар пеши духтар як-як баён намуд ва дар дили духтар рахме омада, аз ҷойи худ бархост ва дар назди падар рафту гуфт:

– Эй шоҳ, ин одамизодро бояд, ки чанд рӯз ҷавоб бидиҳед.

Шоҳ гуфт:

– Эй нури дида ихтиёр мар турост.

Духтар аз назди падар омада гуфт:

---

[1] Матбахот – пухтаниҳо, хӯрокҳои гарм.

[2] Ачнос – ҷинсҳо, навъҳо

– Эй шоҳ, ба шарте туро рухсат медиҳам, ки барои муҳиммӣ он бечораи мунтазир биравӣ ва ҳочати ӯро барорӣ.

Ҳотам аз чойи худ барҳост ва ба зани худ видоъ карда, роҳи дашти Ҳувайдоро пеш гирифта буд, ки духтар мӯҳраеро бароварда ба дастиҲотам дод ва гуфт:

– Эй шоҳи Яман, ин мӯҳраро бо худ нигоҳ дор, туро дар ин роҳи пурофат ба кор хоҳад омад.

Ҳотам гуфт:

– Эй нозанин, ин мӯҳра чӣ хосият дорад?

Духтар чамеи хосиятҳои он мӯҳраро як-як баён кард ва боз дар назди падар рафта гуфт:

– Эй шоҳ, бояд, ки чанде аз мулозимонро фармоед, Ҳотамро то ҳадди фалон мақом бурда гузоранд.

Шоҳ гуфт:

– Эй фарзанд, ҳамчунон бояд кард.

Чанде аз паризодонро фармуд, паризодон Ҳотамро ҳамроҳи худҳо гирифта катъи манзилу тайи мароҳил карда, ба ҳадде расонида гузоштанд.

Ҳотам яккаву танҳо роҳи биёбонро пеш гирифта мерафт. Билохир, аз зӯри ҳалокӣ ва ташнагӣ дар як чой рафта қарор гирифт. Ҳангоми шом буд, ки як кӯза обу чанд нони гарм никобдоре оварда, дар пешиҲотам ниҳод ва худи он ба дар рафт. Аз ин кирдори никобдор Ҳотам ҳайрон бимонд.

Охируламр нону обро хӯрда, баъд аз об [ва] фароғи нон рӯ ба бераҳаи биёбон карда роҳ мерафт. Аз дур сурати аждаҳое ба назараш бинамуд, наздик расида дид, ки дар ҳақиқат аждаҳо будааст. Ҳаросе дар дили Ҳотам пайдо шуд. Аждаҳо ба қуллоби нафас Ҳотамро даркашид. Ҳотам ҳарчанд ки зӯр кард, худро нигоҳдошт карда натавонист.

Охируламр, давон-давон рафта дар коми аждаҳо қарор гирифт. Ҳотам дид, ки аз ин олами фонӣ даст шуста, дар пешгоҳи шиками аждаҳо маҳбус шуд, дар даруни аждаҳо медавид. Муддати се рӯз дар батни[1] ӯ буд ва он мӯҳраи пириро дар даҳон гирифта буд, нафаси аждаҳо таъсир намекард, Яке аз хосиятҳои мӯҳра ин буд, ки агар касе онро бо худ доштӣ, сӯхтани оташ ва заҳри мору кафдум ва гайра ба ӯ таъсир накардӣ ва ба оби дарё ғарқ нашудӣ. Бинобар он нафаси аждаҳо ба ӯ таъсир накард ва дар шиками ӯ саломат монд. Аждаҳо бекарор шуда мегуфт: «Агаб тӯъмае хӯрдаам, ки ҳаргиз ҳазм намешавад ва рӯдаҳои маро помол карда, ба ҳар тараф медавад.» Ин мегуфт ва ба худ мепечид.

Охируламр, Ҳотамро аз шиками худ берун андохт. Ҳотам аз балои азим халос шуда, роҳи биёбонро пеш гирифта, ба талаби дашти Ҳувайдо озим шуд. Муддате дар миёнаи регистон баромада, ба лаби дарёе расида дид, ки бар лаби он чизе нишаста. Нимаи танаш аз миён поён ба монанди моҳӣ ва нимаи танаш ҳамчун одамӣ, рӯй ба мисли офтоби ховар.

---

[1] Батн – шикам.

Ҳотам мутаҳайир шуда, андеша мекард, дар ин вақт моҳӣ даст дароз карда Ҳотамро ба ҷониби худ кашид. Ҳотам ҳарчанд зӯр кард, худро нигоҳ дошта натавонист.

Охируламр, Ҳотамро ба монанди гунҷишк кулӯла карда, дар каъри дарё ба макони худ бурд ва бар болои маснад ва палоси олӣ бинишонд. Баъд аз соате даст ба ҷониби Ҳотам дароз кард. Ҳотам худро дур кашид ва ба муроди ӯ нарафт.

Он махлуқ Ҳотамро муддати ҳафт шабонарӯз дар банд нигоҳ дошт.

Охируламр, Ҳотам гуфт:

– Эй махлуқ, барои муҳимми бечорае омада будам, бояд, ки маро аз қаъри ин дарё берун кунӣ ва дар хушкӣ расонӣ, бо ту сӯҳбат хоҳам кард.

Он махлуқ ба ин қавли Ҳотам розӣ шуда аз чойи худ бархосту гуфт:

– Эй Ҳотам, бояд, ки дар ин маҳом бо ман мусоҳабат[1] намой. Баъд аз чаҳор рӯз туро аз ин макон берун хоҳам кард.

Ҳотам дар он маҳом бо он махлуқ чаҳор рӯз мусоҳабат кард. Баъд аз чаҳор рӯз Ҳотам гуфт:

– Эй барно, бояд, ки ба ваъдаи худ вафо карда, маро аз ин маком берун орӣ.

Он махлуқ гуфт:

– Фармонбардорам!

Охируламр, Ҳотамро аз қаъри дарё берун карда, ба хушкӣ расонид. Ҳотам ба он махлуқ видоъ карда, ба талаби дашти Ҳувайдо роҳӣ шуд ва баъд аз чанд рӯз меҳнату машаққати бисёре кашида, ба домани кӯҳе расида ва аз зери он кӯҳ саъй карда, бар болои он кӯҳ баромада дид, ки дарахтҳои аръар, сарв ва санавбар, сабзаву райҳон. Кумриёну булбулони хушилҳон дар шохаҳои он дарахтон машғул ба зикри малики макон буда ва дар миёнаи он дарахтон суфае ороста. Ҳотам бар болои суфа баромада нишаст. Атрофу ҷонибро тамошо мекард. Баъд аз соате аз ғалабаи ҳалокӣ хоб даррабуд. Дар ҳангоми хоб соҳиби он макон омада дид, ки бар болои суфа чавони соҳибҷамоле, осори шаҳаншаҳӣ аз чабини ӯ ҳувайдост, дар хоби ширин рафтааст. Ҳеч нагуфта, бар сари болини Ҳотам бинишаст. Баъд аз муддате Ҳотам аз хоб бедор шуда дид, ки марди маҳосинсафеде бар сари болини ӯ нишастааст. Аз чойи худ бархост ва таъзими он бузург ба ҷо оварда бинишаст.

Он мард гуфт:

– Эй ҷавон чӣ ном дорӣ ва аз кучо омадӣ ва ба чӣ сабаб дар ин маком қадам овардӣ?

Ҳотам гуфт:

– Эй азиз, номи ман Ҳотам аз шаҳри Ҳуснобод омадаам ба талаби дашти Ҳувайдо меравам.

Он азиз сари худро ҷунбонида гуфт, ки:

– Эй ҷавон, расидан ба дашти Ҳувайдо аз ҳар чӣ мушкилтар аст. Туро ҳеч кас набуд, ки аз ин амри маҳол мамнӯъ[2] созад?

---

[1] Мусоҳабат – ҳамсӯҳбатӣ.
[2] Мамнӯъ – манъ.

Ҳотам гуфт:

– Эй азиз, мехоҳам, ки ҳочати мӯҳтоҷеро барорам ва ӯро аз ғами дунё халос намоям. Ва тамоми саргузашти шаҳзодаро ва саргузашти худро маа ҳафт саволи малика дар назди он бузург як-як баён кард.

Пир гуфт:

– Эй Ҳотам, боракалло бар ҳиммату бар эътикоди ту! Ин ҳиммату мурувват, ки ту дорӣ, туро ба дашти Ҳувайдо хоҳад расонид ва аз замони қадим то ба ин дам ҳеч аҳаде аз дашти Ҳувайдо саломат гашта наёмадааст. Эй ҷавон, ин панди маро гӯш дор: «Ҳар гоҳ ки ба дашти Ҳувайдо бирасӣ, чизе туро ба зулумот хоҳад расонид ва дар он зулумот нозанинон чилвакунон дар наздики ту хоҳанд омад, боят, ки ба ҳеч кадоми онҳо назар насозӣ. Хусусан, аз миёни онҳо як нозанине, офтобтальъате, муштарисаодате, ҳамчун моҳи шаби чаҳордаҳ чилвакунон дар пеши ту хоҳад омад ва дил аз ту хоҳад даррабуд. Боят, ки дилро моили ӯ нагардонӣ ва чашмҳои худро пӯшида, дасти ӯро ба дасти худ бигирӣ ва он нозанин туро бетавакқуф ба даштиҲувайдо хоҳад расонид.»

Дар ин ҳин, шахсе хони мурассаъ пур аз таоми лазиз оварда, дар пеши эшон ниҳод.

Ҳотам сари хонро кушода дид, ки чандин қисм таоми лазиз ва ончунон лазиз, ки дар назди ҳеч аҳаде муяссар нахоҳад шуд. Ҳотам ба фарогати тамом аз он таомҳо шикамсерӣ хӯрда, шабро дар он маком гузаро намуда, алассабоҳ ба хизмати пир омаду гуфт:

– Эй азиз, каминаро рухсат бидиҳед.

Пир гуфт:

– Хуб аст!

Алқисса, аз хизмати пир баромада, ба талаби дашти Ҳувайдо равона шуд. Баъд аз чанд рӯз манзилу мароҳил тай карда, ба лаби толобе[1] даррасид. Дид, ки дарахти азиме сар ба фалак кашида, баргҳои ачибе дорад ва дар зери он дарахт бинишаст. Баъд аз соате зани соҳибҷамоле сару пой барахна аз об берун омаду дасти Ҳотамро бигирифт ва бар оби толоб гӯта зад. Ҳотам чашмҳои худро пӯшонида, бо ҳамроҳии он зан дар каър мерафт. Ногоҳ пойҳои Ҳотам бар замин расид. Чашм кушода дид, ӯ бо ҳамроҳии он зан дар даруни боғе истода ва он боғ гулзорҳои ачибе дорад ва он зан дасти Ҳотамро гузошта, ба як тарафи он боғ рафт. Ҳотам сайркунон ба атрофу ҷониби он боғ мегашт. Ногоҳ дид, ки аз ҳар тарафи он боғ нозанинони моҳлико пайдо шуда омада, дасти Ҳотамро гирифта ба сӯи худҳо мекашанд. Насиҳати пирро ба хотир оварда, ба ҳеч кадоми онҳо назар намекард ва мегуфт: «Тилисмоте, ки пир гуфта буд, инҳо хоҳанд буд.» Нозанинон Ҳотамро гирифта дар маҳалле бурданд ва тамоми деворҳои он маҳал мурассаъ аз тиллову ҷавоҳир буд ва сурати чанде аз нозанинонро дар он девор накш карда буданд. Ҳотам пештар рафта дид, ки айвоне оливу фаршҳое шаҳаншоҳӣ ва дар пешгоҳи он айвон тахти мурассаъ аз ёқуту забарҷад буда, чунончи ҳаман он нозанинон дар пеши тахт расида накши девор шуданд ва ҳазорон ҳазор сурат ба девори он маҳалла

[1] Толоб – ҳавз, кӯл.

менамуд ва дар дили худ мегуфт: «Ин чӣ тилисмот аст, ки ҳамаи эшон ба наздики тахт расида, нақши девор шуданд» ва бар забари[1] тахт баромада бинишаст. Баъд аз соате овози тарақ-тарақ ба гӯши ӯ расид, ба болову поёни он тахт назар карда мегуфт, ки «камари ин тахт шикаста нобуд хоҳад шуд» ва аз ҷои худ бархост ва ба тарафи дасти рост гузашта бинишаст.

Баъд аз соате ҳамон садо боз баромад. Дархол ҳамон дилбари нозанин бо ҳазор ноз карашма аз девор фуруд омада қасд ба ҷониби Ҳотам карда наздик расид. Ҳотам мутаҳайир шуд ва гуфт: «Ин ҳама нақшҳои зариндибос карашмакунон, никоб бар рӯи худҳо кашида меоянд.»

Охируламр, он нозанинон наздики Ҳотам, дар зери он тахт истода шуданд. Ҳотам аз ин кору кирдори эшон бекарор шуда хост, ки никоб аз рӯи он нозанини соҳибҷамол бигирад, насиҳати пир ба хотираш расиду гуфт: «Агар дасти ин нозанинро бигирам, аз ин тилисмот натавонам баромадан ва дар ин маком то ба қиёмат хоҳам монд.» Бо ин андеша дар он ҷо се шабонарӯз буд. Аммо чун шаб мешуд, шамъҳои мумин аз ғайб пайдо шуда, дар назди Ҳотам меомаданд ва раққосону муғанниён аз ғайб пайдо шуда, дар назди Ҳотам сози сӯҳбат мекарданд.

Аз аввали шаб то ба ҳангоми субҳ овози суруду нағмаву чангу рубоб тамомии оламро фаро мегирифт ва ҳамон суратҳои девор низ дар рақс медаромаданд ва он никобдор дар зери тахт истода, ҳар замон ба ҷониби Ҳотам нигоҳе карда табассум мекар ва он нозанинон таомҳои гуногуну мевахои рангоранг оварда дар пеши Ҳотам мениҳоданд.Ҳотам ҳарчанд мехӯрд, шикамаш сер намешуд, ба ин ҳол тааҷҷуб мекард. Боз бо ин кайфият се рӯз гузашт ва дар дили худ гуфт: «Агар сад сол ин ҷо бошам, аз тамошои инҳо сер нахоҳам шуд ва аз пайи матлуби худ хоҳам монд.» Ин бигуфту дасти он нозанинро бигирифт. Дар ин ҳин нозанин аз зери тахт баромада, чунон лагаде бар сафҳаи синаи Ҳотам зад, ки Ҳотам сина бар ҳаво бар рӯи тахт афтод. Чашми худро кушода дид, ки на боғу на тахт ва на он нозанинон. Ҳеч ҳаде дар он ҷо нест. Дар як даште афтода, ки не сар дораду на поён ва ҳамаи он биёбонҳо сароб менамояд. Ӯ дар дил гуфт: «Дашти Ҳувайдо ҳамин бошад, ба талоши ӯ боядӣ кӯшид.» Андаке пештар рафта буд, ки ҳамон овоз ба гӯшаш расид:

Як бор чамоли ёр дидан хавас аст,
Дар орзуи дубора бисёр кас аст.

Алкисса, Ҳотам тафаҳҳуси бисёр карда, ба ҷониби он овоз равона шуд. Муддати ҳафт шабонарӯз аз пайи овоз роҳ рафт. Рӯзи ҳаштум ҳангоми шом ба ҷое расида дид, ки марде маҳосинсафеде бар ҷой нишаста ин суханро мегӯяд ва ашк ба монанди оби равон аз дидагон мерезад. Наздик расида салом кард. Ва он пир чавоби салом дода пурсид, ки:

– Эй ҷавон, аз кучой ва дар ин мақоми пурҳасрат ба чӣ кор омадӣ?

Ҳотам гуфт:

– Эй азиз, барои ин кор омадаам, ки шахсе мегӯяд, ки «як бор дидам ва бори дуюм орзуи дидан дорам.»

[1] Забар – боло.

Пир гуфт:

– Эй чавон, бинишин, то ҳақиқати ин суханро бар ту гӯям.

Пас Ҳотам дар назди пир бинишаст. Дарҳол, кӯзаи обу нон дар пеши эшон аз гайб ҳозир шуд.

Билохир, он нон ва обро хӯрда, пир дар сухан даромад ва ҳақиқати саргузашти худро як-як баён намуду гуфт:

– Эй чавон, дар овони чавонӣ сурати он раъноро як бор дида будам, акнун нур аз чашму қувват аз миён рафта ҳанӯз сурати он дилбар аз хотири ман маҳв намешавад ва дар орзуи дидани он чон меканам. Ин бигуфту оҳи сард аз дили пурдард баркашида давидан гирифт ва ин байтро меҳонд:

Як бор чамоли ёр дидан ҳавас аст,
Дар орзуи дубора бисёр кас аст.

Алқисса, Ҳотам донист, ки ошики содиқ аст. Дарҳол Ҳотам расида, дасти он пирро гирифту гуфт:

– Эй азиз, агар бори дигар бубинӣ, шод мешавӣ?

Пир гуфт:

– Дидани он аз ҷумлаи маҳолот аст.

Пир боз гуфт:

– Кошкӣ!

Ҳотам гуфт:

– Биё бо ман ҳамроҳ шав, ман он нозанинро бар ту нишон бидиҳам.

Он пир ҳамроҳии Ҳотам равон шуд. Баъд аз чанд рӯз дар зери он толоб расиданд. Ҳотам гуфт:

Ё бузург, мехоҳӣ, ки он нозанинро ҳамеша бинӣ, бояд ки дасти ӯ нагирӣ ва никоб аз рӯи ӯ набардорӣ ва агар никоб аз рӯи ӯ бардорӣ ва бинӣ, боз дар он дашт ба ҳамон бало мубтало хоҳӣ шуд ва боз дар ин ҷо расидани ту маҳол аст. Ман, ки дар ин ҷо расидам ба сабаби ҳидояти марди бузург. Ва боз гуфт:

– Эй пир, агар мехоҳӣ, ки дидани он барно бар ту муяссар шавад, бархез бар сари ин толоб бинишин. Ҳамон зани сарупо бараҳна барояд ва дасти туро бигирад, зинҳор майл бо ӯ накунӣ.

Дар ин гуфтугӯ буданд, ки ҳамон зан аз зери толоб баромад. Пир наздик расида, дасти худро ба дасти он зан биниҳод. Он зан дасти пирро гирифта дар оби толоб гӯта зада пирро дар каъри об бурд.

* * *

Ҳотам баъд аз ин рӯ ба чониби шаҳри Ҳуснобод карда равона шуд. Баъд аз чанд рӯз ба хизмати пири роҳнамо расида салом кард. Пир Ҳотамро дар канори худ гирифта навозиши бисёре кард ва гуфт:

– Эй Ҳотам, боракалло бар ҳиммату эътиқоди ту, ки аз он тилисмоти пурофат саломат баромадай.

Алқисса, он пир Ҳотамро як шабу рӯз меҳмондории ачибе карда хушҳол сохт. Баъд Ҳотам аз он пир рухсат гирифта ба чониби шаҳри Ҳуснобод роҳӣ

шуд. Дар арзи роҳ ба лаби дарё расида, бо он моҳӣ мулоқот карда ва дар роҳ даромада манзилу мароҳил тай карда баъд аз чанд рӯз ба регистоне расида ва аз регистон гузашта ба мақоми паризодон бирасид. Паризодон аз омадани Ҳотам воқиф гашта, ба истиқбол баромаданд ва Ҳотамро мулозимат карда дар пеши подшоҳи худхо бурданд. Шоҳ Ҳотамро дар канори худ гирифт ва навозиши бисёре кард. Баъд аз он завчаи Ҳотам омада, дар қадами ӯ афтод. Ҳотам сари завчаи худро бардошта дар канор гирифт. Паризодон бар сари Ҳотам зару чавоҳири бисёре нисор карданд.

Алқисса, Ҳотам муддати як моҳ ба зани худ айшу ишрат кард. Баъд аз як моҳ аз паризодон рухсат гирифта, равона шуд. Баъд аз чанд рӯз ба мақоми шағолон расид. Алассабоҳ бо онҳо видоъ карда, роҳи Ҳуснобод пеш гирифт. Қатъи манзилу тайи мароҳил карда, дар шаҳри Ҳуснобод расида ва дар корвонсарой омада, бо шаҳзода Мунир мулоқот кард. Дарҳол шаҳзода дар зери қадами Ҳотам афтод, Ҳотам сари ӯро бардошта гуфт:

– Дил хуш дор, чавоби саволи духтарро овардам.

Ҳамон замон омадани Ҳотамро ба самъи малика расониданд. Дарҳол малика чандин қисм таом барои Ҳотам фиристод. Ҳотам маа шаҳзода таомҳои маликаро нӯши чон карда, шукри Худоро ба чо овард.

Алассабоҳ мулозимон омада Ҳотамро дар пеши малика бурданд. Ҳотам салом дода ва таъзимоти маликаро ба чо овард. Малика аз паси парда чавоби салом дода пурсид, ки:

– Эй чавон, чавоби саволро овардӣ?

Ҳотам гуфт:

– Оре.

Духтар гуфт:

– Эй чавон, акнун аз ҳақиқати ҳол маро огоҳ гардон.

– Эй раъно, дар дашти Ҳувайдо марди пире дар тилисмот нозанинеро дида, ошиқу фирефтаи чамоли он нозанин гашта ва дар он дашт афтодааст. Орзу мекунад ва мегӯяд, ки як бор дидам, бори дуюм медида бошам? Ин суханро гуфта, дар атрофу чониби он дашт мегардад ва медавад.

Ҳотам ҳамаи саргузашти худро як-як дар пеши малика баён карду гуфт:

– Эй малика, акнун овози он мардро касе нахоҳад шунид.

Малика шунидан баробар ба чамеи кору кирдори Ҳотам тахсину офарин кард.

Доя гуфт:

– Эй малика, ҳар чӣ Ҳотам мегӯяд, рост мегӯяд.

Баъд аз он малика фармуд, ки:

– Эй мулозимон, ин чавонро чизе хӯрданӣ бидихед!

Дарҳол мулозимон чандин қисм таом оварда, дар назди Ҳотам ва шаҳзода гузоштанд. Ҳардуи эшон нӯши чон карданд. Баъд аз фароғи таом Ҳотам гуфт:

– Эй малика, як саволи шуморо чавоб гуфтам. Акнун саволи дигарро гӯед.

Малика гуфт:

– Эй Ҳотам, чанд рӯз дар ин шаҳр ором гир ва губори роҳ аз худ дур кун, баъд аз он саволи дигарро хоҳам гуфт.

Ҳотам маа шаҳзода аз боргоҳи малика баромада дохили корвонсарой гардид. Муддати се шабонарӯз дар он ҷо қарор гирифт. Баъд аз се рӯз боз ба хизмати малика рафта гуфт:

– Эй нозанин, бояд, ки саволи худро гӯй, банда ба талаби он хоҳам рафт.

Духтар гуфт:

– Касе ба дарвоза навиштааст, ки:

Ту некӣ мекуну дар дичла андоз,
Ки Эзид дар биёбонат диҳад боз.

Бояд, ки аз ҳақиқати ин сухан ва гӯяндаи он маро огоҳ гардонӣ.

САФАРИ ДУВВУМ

Дарҳол Ҳотам аз хизмати малика баромада, дар корвонсаро омад ва бо шаҳзода видоъ карда, рӯй ба биёбон ниҳод.

Муддати чанд рӯз катъи манзилу тайи мароҳил карда, дар зери дарахте расид ва дар сояи он дарахт бинишаст. Ногоҳ овозе ба гӯши Ҳотам расид, ки нолаву зорӣ мекунад. Аз шунидани он овоз тоқат дар дили Ҳотам намонд ва аз чои худ бархосту ба ҷониби он овоз равона шуд. Дар ҷое расида дид, ки ҷавоне нишаста ва ашк аз дидагон ба монанди оби равон мерезад, нолаву зорӣ мекунад ва ҳар замон оҳи сард аз дили пурдард мекашад.

Алкисса, Ҳотам ба сари он ҷавон расида гуфт:

– Эй ҷавон, туро чӣ шудааст, ки ин нолаву зорӣ мекунӣ?

Он ҷавон ба ҷониби Ҳотам нигоҳе карда гуфт:

– Эй барно, саргузашти ман ба шарҳ рост намеояд ва агар аз аҳволи худ шаммае баён намоям, туро дарди сар хоҳад шуд.

Ҳотам гуфт:

– Эй ҷавон, бейбо саргузашти худро бар ман гӯй.

Ҷавон гуфт:

– Эй марди нек, аз ин ҷо то ба шаҳри ман чаҳор фарсанг роҳ аст ва дар он шаҳр мардест Ҳориҷ ном ва ӯро духтаре аст бағоят соҳибҷамол ва соҳибтадбир. Ман барои тиҷорат дар ин шаҳр омада будам. Рӯзе гузори ман дар зери қасри ӯ афтод. Дидам, ки он нозанин аз дарича назар карда атрофи оламро тамошо мекунад. Ба мучарради дидан ақлу ҳуш аз сари ман бадар рафт ва ба дарди ишқи ӯ мубтало шудам. Аз мардумон пурсидам, ки ин қаср азони кисту ин духтар зодаи кист?

Мардумон гуфтанд:

– Ин қаср аз духтари Ҳориҷи бозаргон аст.

Боз гуфтам:

– Эй ёрон, он духтар шавҳар дорад, ё не.

Мардумон гуфтанд:

– Ин духтар ба касе намерасад ва ӯ се савол дорад. Ҳар касе саволи ӯро ҷавоб бидиҳад, духтар ба ӯ хоҳад расид ва илло не.

Чун ин суханро шунидам, бекарору беором ба дари хонаи маҳлико рафтам ва бандавор муроди худро ба ӯ гуфтам.

Ҳориси бозаргон гуфт:

– Ихтиёр бо ман нест. Дар ин боб худи ӯ мухтор[1] аст.

Аз он ҷо баргашта ба дари қасри он духтар расидам ва ба мулозимони ӯ муроди худро гуфтам.

Мулозимон он духтарро аз муроди ман огоҳ гардониданд. Духтар маро талабида гуфт:

– Эй ҷавон, се савол дорам. Агар ин саволҳоро ҷавоб гӯй, бисёр хуб ва илло молу матое, ки дорӣ, ҳама аз ман бошад.

Ман низ аҳд бастам. Аммо аз ҷавоби саволҳои ӯ оҷиз омадам ва аз пайи ҷавоби он се савол дар биёбонҳо саргардон мегардам. Намедонам, ки охири кори ман чӣ гуна шавад.

Ҳотам гуфт:

– Эй ҷавон, саволҳои духтарро бар ман гӯй.

Дарҳол он ҷавони бозаргон гуфт:

– Саволи аввал ин ки мегӯяд: Дар навоҳии ин шаҳр нақбест[2] маъруф ва машҳур. Хабари ин нақбро биёр. Саволи дуюми ӯ ин, ки шахсе мегӯяд: «Он чӣ ба кор омаданӣ буд, накардам» ва он шарти сеюми ӯ ин ки мӯҳраи мохлариро аз ман талаб дорад.

Бозаргони ҷавон боз гуфт:

– Эй ҷавон, ҳамаи амволро аз ман гирифта, маро аз ин шаҳр бадар кард.

Байт:

Ёри ман ку, ғамгусори ман ку?
Ман барғи хазон, навбаҳори ман ку?
Гӯянд, ба дилбарон биёяд дилдор,
Бурданд ба ҳачр ихтиёри ман ку?

Алқисса, Ҳотам гуфт:

– Эй ҷавон, хотир ҷамъ дор, ман бар он шаҳр биравам ва маъшуқи туро бар ту гирифта бидиҳам.

Ҷавони бозаргон гуфт:

– Эй Ҳотам, муяссар шудани он духтар аз ҷумлаи маҳолот аст. Бинобар он, ки ҳазорон ҳазор мардону шоҳону акобирон дар пайи се саволи он духтар асири хок шудаанд. Мабодо ки ту ҳам чунин шавӣ.

Ҳотам гуфт:

– Эй азиз, сари худро барои хоҷати мӯҳтоҷон ва муҳиммии бечорагон бохтаам. Ғами ман чӣ мехӯрӣ? Бархез гиряву нола макун. Бо ман ҳамроҳикунон ба тарафи он духтар равон шав.

Ҷавон аз ҷои худ бархост. Бо ҳамроҳии Ҳотам ба ҷониби шаҳр озим шуд.

Баъд аз чанд соат аз дарвозаи шаҳр дохил шуда, ба дари сарои Ҳориси бозаргон ба монанди соилон[3] рафта истоданд ва ба мулозимати духтар хабар расониданд, ки ду ҷавони толиб омада ва ба дари ин каср истода ва фарри шоҳӣ аз ҷабини эшон ҳувайдо.

[1] Мухтор – соҳибихтиёр.
[2] Нақб – ба маънии гор.
[3] Соил – гадо.

Дарҳол духтар Ҳотам ва он ҷавонро андарун талабида, худ дар паси парда биншасту гуфт:

– Эй ҷавонон, ба чӣ кор омадаед ва чӣ матлаб дored?

Ҳотам гуфт:

– Эй барно, дар ҳузури ҷанде аз мӯътабарон аҳду паймон намой, ман саволҳои туро ҷавоб хоҳам гуфт ва ту аз қавли худ нагардӣ ва нукси аҳд накунӣ[1] ва баъд аз гуфтани ҷавоб ихтиёр маро бошад, хоҳ худ бигирам ва хоҳ ба дигаре бахшам.

Духтар гуфт:

– Хуб аст, хоҳ худ бигир ва хоҳ ба дигаре бубахш.

Пас духтар ҷанде аз бузургонро талабида, дар ҳузури ишон аҳду паймон карда гуфт:

– Эй ҷавон, агар яке аз ин се саволро ҷавоб натвонӣ гуфтан, дар бораи ту чӣ хоҳам кард?

Ҳотам гуфт:

– Ҳар чӣ хоҳӣ, бикун.

Духтар ҳам қабул кард.

Ҳотам гуфт:

– Эй нозанин, шарти ту кадом аст?

Духтар гуфт:

– Шарти аввали ман ин ки дар навоҳии ин шаҳр накбест. Бояд, ки аз дарунии ин накб хабар биёрӣ.

Ҳотам гуфт:

– Фармонбардорам.

Духтар ҷанде аз хизматгорони худро фармуд ва гуфт:

– Эй мулозимон, бояд, ки рафта бо ин ҷавон сари накбро намоед.

Дарҳол мулозимон бо ҳамроҳии Ҳотам омада, сари накбро нишон доданд ва гуфтанд:

– Эй ҷавон, инак сари накб.

Ҳамаи онҳо гашта, ба хизмати духтар рафтанд.

***

Ҳотам яккаву танҳо худро дар даруни он накб андохт. Манзилу марохил тай карда роҳ мегашт.

Баъд аз чанд рӯз ба чое расида дид, ки аз як ҷо равшанӣ менамояд ва ба он ҷониб рафта дид, ки биёбони бепоён ва ӯ дар он биёбон афтода роҳ мерафт. Баъд аз чанд рӯз ба чое расида дид, ки ҷӯи об рафта истодааст. Дар дили худ гуфт: «Оби хӯрданиро ман соф шуда будам, Худои таоло маро ба ҷӯи об расонид.»

Ин бигуфту бар лаби он ҷӯи об биншаст. Чанд куличаи[2] равғанин маа чанд магзи бодом аз кӯлвори худ баровард ва ба косае, ки аз як дона ёкути сурх буд, об аз он ҷӯй гирифт ва он куличаҳоро ба он оби коса тар карда

[1] Яъне: аҳдро нашиканӣ.

[2] Кулича – кулча.

тановул намуд. Баъд қадам дар роҳ ниҳода равона шуд. Муддати чанд рӯз роҳ рафта ба ҷое расид. Дид, ки деворе пуршукӯҳ сар ба Сурайё кашида ва аз як ҷои он девор дарвозаи фӯлодин ниҳодаанд. Аз дарвоза дохил шуда пештар рафта буд, ки қасри олӣ ба назараш бинмуд ва дар наздики он қаср расида дид, ки айвону кайвон ва хобгоҳи олӣ дорад.

Он мақом макони девон буд. Баногоҳ девон Ҳотамро дида, ба ҷониби ӯ хез карда омада, дар банд гирифтанд. Хостанд, ки пора-пора карда бихӯранд. Яке аз онҳо гуфт:

– Эй девон, гӯшти одамӣ аҷаб ширин аст, вале агар ин кори шумоёнро подшоҳ шунавад, ҳаман шумоёнро газаб ва қатл хоҳад фармуд. Бояд, ки аз баҳри одамизод даргузарем.

Ҳама гуфтанд:

– Хуб аст.

Охируламр, Ҳотамро махлас дода[1] ба роҳи омадааш фиристоданд. Ҳотам аз инҳо халос шуда пештар рафта дид, ки макони олӣ. Дар дили худ гуфт: «Шояд, ки дар ин ҷо аз ҷинси одамӣ бошад.» Аммо аз он ҷо низ девони дигар пайдо шуда омада Ҳотамро гирифтанд.

Ҳотам мутаҳайир шуд. Ин девон низ хостанд Ҳотамро бихӯранд. Яке аз онҳо гуфт:

– Эй девон, ин одамизодро набояд, ки нобуд кунед. Бехтар он ки инро ба хизмати шоҳ тӯҳфа барем. Подшоҳ дарди шикам ва духтараш ранҷи азим дорад. Ҳазор одамизодро аз барои муолиҷаи худ ва заҳмати духтараш талабонидааст. Ҳеҷ кадоми эшон муолиҷа натавонистанд кунанд. Алҳол ҳамаи онҳо дар банди шоҳанд.

Биёед, ки ин одамизодро ба хизмати шоҳ барем. Шояд, ки аз дасти ин илоҷи меҳнати шоҳ ва заҳмати духтараш ояд ва бо ин алоқа шоҳ дар бораи шумоён меҳрубонӣ хоҳад намуд.

Девон гуфтанд:

– Эй бузург, аз қабили ин чандин одамизодро бурдем, ҳеҷ кадоми эшон илоҷ натавонист кардан ва мӯҷиби маломату ихонати[2] моён шуданд.

Боз калони девон гуфт:

– Агар кирдори бади шумоён ба самъи шоҳ расад, шумоёнро маа зану авлод қатл хоҳад фармуд.

Охируламр, гуфтаи сарҳанги худҳоро қабул карда, Ҳотамро раҳо намуданд.

Ҳотам аз чанги онҳо халос шуда роҳ мерафт ва меуфт:

– Дар ин нақбу дар ин роҳ ин ҳама балоҳо будааст, ки духтари бозаргон толибонро дар ин ҷо фиристода, нобуду ҳалок мекардааст.

Ҳотам пештар рафта буд, ки аз макони дигаре девони дигар расида Ҳотамро гирифтанд ва дар пеши раиси худҳо бурданд. Ҳотам дид, ки раиси девон гамнок нишастааст. Пурсид, ки:

– Ё бузург, сабаби ғаму изтиробашон чист?

[1] Яъне: халос карда.

[2] Ихонат – ба маънии бекадрӣ, беэътиборӣ.

Раиси девон гуфт:

– Эй одамизод, зан озори чашм дорад. Ҳарчанд ки илоҷ мекунам, дуруст намешавад.

Ҳотам гуфт:

– Ба ман намой.

Раиси девон Ҳотамро дар пеши зани худ даровард ва гуфт:

– Инак зани ман.

Ҳотам дид, ки як зане кад ба монанди манору даҳон ба монанди гор ва дастҳо ба мисли чинору рӯй ба монанди деги сиёҳ дар шаби тор. Дар дил мегуфт: «Ачаб зани соҳибҷамоле будааст.» Пас гуфт:

– Эй бузург, бо ман аҳду паймон куний ва маро ба ҷой ва макони шоҳи худ бирасоний, илоҷи озори ин занро хоҳам кард ва илло аз ин дард махлас нахоҳад ёфт.

Дев гуфт:

– Эй барно, дар ин боб савганди ҳазрати Сулаймон ёд хоҳам кард ва туро дар пеши шоҳ хоҳам расонид.

Ин бигуфта савганди мӯҳри Сулаймон бар забон ҷорӣ кард. Дарҳол Ҳотам мӯҳраи паризодро аз ҷайби худ гирифт ва ба об сойида, ба чашми зани дев молид. Дарҳол омоси чашмаш гашта ва аз дарди он халос шуд ва ин табобати Ҳотамро рзис дида, мутаҳайир шуд ва гуфт:

– Эй барно, мисли ту доно ва ҳозиқ дар миёни одамиён ва париён нахоҳад буд.

Ходимонро фармуд чандин қисм таом оварда, дар пеши Ҳотам гузоштанд. Ҳотам аз он таомҳо хӯрда фароғати тамом ҳосил кард. Баъд аз чанд рӯз гуфт:

– Эй сарҳанги девон, чашми занат сиҳати комил ёфта ҷаро ба ваъдаи худ вафо намекуний ва маро ба хизмати шоҳи худ намерасоний ва он шоҳ чӣ ном дорад?

Сарҳанги девон гуфт:

– Номи ӯ Фуркосшоҳ.

Ва дарҳол аз ҷойи худ барҳост ва бо ҳамрохии Ҳотам равона шуд ва баъд аз чанд муддат ба даргоҳи Фуркосшоҳ расид. Посбонони боргоҳ рафта гуфтанд, ки:

– Эй шоҳ, раиси фалон мавзеъ одамизодеро оварда.

Шоҳ гуфт:

– Раисро биёред.

Дарҳол ҳочибон омада раисро ба назди шоҳ бурданд. Раис гуфт:

– Эй шоҳ, одамизоде ба дасти ман афтода, бисёр доно ва ҳаким. Бандаро зане буд ва он зан муддати мадиде озори чашм дошт, ҳарчанд илоҷ мекардам, сиҳат намешуд ва ин одамизод чашми он занро ба муолиҷа сиҳат кард. Билохир ӯро ба хизмати шоҳ овардам.

Аз гуфтори раис шоҳ хурсанд шуда фармуд, ки:

– Эй хазинадорон, ба ин раис хилъати шоҳона бидихед!

Хазинадорон ҳамчунон карданд.

Боз гуфт:

– Эй мулозимон, одамизодро дар назди мо биёред!

Дарҳол Ҳотамро дар пеши шоҳ оварданд. Ҳотам аз дари боргоҳ даромада дид, ки деви бузурге бар болои тахти мурассаъ нишаста, ба чапу рости он тахт девони бузург нишастаанд.

Дарҳол шоҳи девон Ҳотамро дар назди худ бинишонд ва гуфт:

– Эй одамизод, муддатест, ки таом бар ман ҳазм намешавад ва шиками ман ҳамеша дард дорад. Ин дарди маро муолиҷа кунӣ, туро мехрубониҳо намоям ва аз моли дунё мустағнӣ гардонам.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, дар таом хӯрдан нишинӣ чӣ миқдор навкарони ту ҳозир мешаванд?

Шоҳ гуфт:

– Ҳамаи онҳо ҳозир мешаванд.

Ҳотам гуфт:

– Мулозимонро фармо таом биёранд.

Мулозимон дарҳол чанд хон таом оварда, дар назди шоҳ гузоштанд. Шоҳ хост, ки даст дароз карда, аз он таомҳо бихӯрад. Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, соате сабр кун. Эй ҳочибон, як хон таомро сарпӯш бардоред.

Мулозимон ҳамчунон карданд, чашми хосу ом барафтод.

Ҳотам боз гуфт:

– Болои ӯро пӯшонед.

Ҳочибон ҳамчунон карданд. Соате бигзашт. Боз фармуд, ки сарпӯши ҳамаи табақҳоро бардоранд. Мулозимон дарҳол сарпӯш аз он табақҳо бардоштанд. Шоҳ ва ҳамаи аркони давлати ӯ назар карда диданд, ки ҳамаи таоми он табақ кирм шуда, дигари он таомҳо чунин не. Шоҳ ва девон ҳайрон бимонданд.

Шоҳ гуфт:

– Эй Ҳотам, ин чӣ сир аст, ки таоми хони аввал кирм шуда, таоми хонҳои дигар инчунин не? Шоҳ аз аркони давлат пурсид, ки дар назари шумоён чӣ гуна менамояд?

Аркони давлат гуфтанд:

– Чунонки дар назари шумо менамояд, дар назари моён низ чунон менамояд ва ҳама дар тааҷҷуб ҳастем.

Ҳотам гуфт:

– Сабаби кирм шудани ин таом афтодани назари халқон аст.

Ва гуфт:

– Эй шоҳ, агар хоҳӣ, ки ин заҳмат аз шиками ту дур шавад, бояд, ки таом дар хилват хӯрӣ ва ё бо навкарон ҳамроҳу баробар хӯрӣ ва аз ин ранҷу аз заҳмат халосӣ хоҳӣ ёфт ва илло не.

Ва Ҳотам ба ҷойи об араки бодиён[1] фармуд.

Шоҳ ҳамаи гуфтаҳои ӯро ба ҷо оварда, сиҳати тамом ёфт ва гуфт:

– Эй одамизод, талаб аз ман ҳар чӣ металабӣ.

[1] Араки бодиён – навъе доруи обакӣ.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, чанд аз бародарони мо дар банди шумо будаанд, бояд, ки ҳамаи онҳоро аз қайд халосӣ диҳӣ.

Дарҳол, шоҳ фармуд, ки ҳамаи он одамизодонро биёранд.

Мулозимон рафта ҳамаи онҳоро оварданд. Ҳотам дид, ки ҳамаи эшон ба монанди фонуси хаёл шудаанд, гуфт:

– Эй бародарон, ба кадом сабаб дар ин чоҳ омадед ва дар қайди инҳо гирифтор шудед?

Ҳама гуфтанд:

– Сабаб духтари Ҳориси бозаргон.

Боз Ҳотам гуфт:

– Алҳол, ҳама ба ватани худҳо меравед?

Ҳама гуфтанд:

– Кошкӣ!

Якчанд рӯз ҳамаи онҳоро дар он чо нигоҳ дошта хуб парво кунонид. Баъд аз чанд рӯз пораи зар ба эшон дода фармуд, ки ҳеч деверо ба инҳо коре набошад.

Шоҳ гуфт:

– Киро ҳади он аст, ки ба инҳо назари бад кунад. Бигузор, ки ба фарогати тамом баватани худҳо бираванд.

Боз подшоҳ гуфт:

– Эй меҳтари инс[1] як муҳими дигаре дорам, бояд,ки ӯро ҳам осон созӣ.

Ҳотам гуфт:

– Кадом аст?

Шоҳ гуфт:

– Духтаре дорам дар паси пардаи исмат, муддати мадидест, ки ба дарде мубтало шуда, ҳоли ӯ рӯз ба рӯз бадтар хоҳад шуд.

Ҳотам гуфт:

– Ӯро ҳам илоҷ хоҳам кард.

Шоҳ аз чойи худ бархост ва дасти Ҳотамро гирифта, ба ҳарам хеш бурд ва духтарро ба ӯ намуд.

Ҳотам дид, ки ачаб духтари «моҳрӯй»: қад ба монанди манору даҳон ба монанди гор, дастҳо ба монанди чинор ва пӯсти бадани он чун пӯсти хар ва миёни ду ронаш ҳамчун дарвозаи шаҳр ва бо ин хубиву нозукӣ омоси бадаш зӯр гашта.

Дарҳол Ҳотам гуфт:

– Обе биёред ва пораи қанди сиёҳ ҳам.

Дарҳол оварданд. Мӯҳраро аз чайби худ бароварда, ба об соида ва бо қанди сиёҳ ҳамроҳ карда, ба дасти духтар дод. Духтар ҳамаи он шарбатро то охир даркашид. Баъд аз соате аз чониби поён даруни он рафтан гирифт. То ба вакти шом ҳамаи ахлоту губор аз даруни он берун шуда, хосияти мӯҳра асар карда, ранги рӯяш кушода шуд. Иштиҳояш голиб омадан гирифт.

Шоҳ рӯй ба чониби Ҳотам карда гуфт, ки:

---

[1]Яъне: эй бузургтарин инсон.

– Офарин бод бар доногию ҳакимии ту, ки духтар аз ҳамаи заҳматҳо ва дардҳо халосӣ ёфт. Акнун дар ин ҷо будани ту лозим аст ва туро аз ин ҷо нахоҳем гузошт ва ҳарчи муроди дили ту бошад, ба он хоҳем расонид.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, дар ин ҷо будани ман аз тасаввур берун аст. Дар ин боб омилони[1] рӯзгор чанд байте гуфтаанд:

Кунад ҳамҷинс бо ҳамҷинс парвоз,
Кабӯтар бо кабӯтар, боз бо боз.
Ки шеру гӯфанд ояд ба як чой,
Кучо гӯянд ба якдигар басе роз?
Маро мондан дар ин ҷо кай бишояд,
Ба инсон сӯҳбати девон нашояд.
Ба коре омадам дидам ҳақиқат,
Ки коре мушкилам акнун барояд.

Алқисса, Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, ба коре омада будам ва ҳақиқати он бар ман маълум гашт, акнун бояд, ки ҳаминаро рухсат фармоянд.

Фурқосшоҳ фармуд:

– Эй хазинадор, дари хазинаро кушода, зару ҷавоҳири бисёре ба ин одамизод бидиҳед!

Дарҳол хазинадорон зари сурху ҷавоҳир ва алмоспораи бисёр оварда, дар назди Ҳотам гузоштанд.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, ман ин ҳама ҷавоҳир ва алмоспораи бекиёсро чӣ гуна хоҳам бурд?

Ҳамон замон шоҳ фармуд, ки чанде аз мулозимон ин ҳама зару ҷавоҳирро маа Ҳотам бардошта, то ба қарибии шаҳри эшон бирасонед ва худҳо бозгардед, аз сиҳат ва саломатии ӯ хат биёред, то ки хотирҷамъӣ ҳосил ояд.

Мулозимон дарҳол Ҳотамро маа он зарҳову ҷавоҳирҳо бардошта, назди ки даҳони он ғор расониданд.

* * *

Мулозимони духтари Ҳорис омада гоҳо аз сари он нақб хабар мегирифтанд. Иттифоқо, ҳамон рӯз мулозимони духтар омада буданд, дар ин вақт Ҳотам маа девон аз сари нақб берун шуд.

Мулозимон девонро дида, дар гурез шуданд. Ҳотам фарёд карда гуфт:

– Эй мулозимон, нагурезед, ман ҳамон касам, ки барои хабар гирифтан дар ин нақб рафта будам. Акнун хабар аз ин нақб гирифта омадаам. Шумоён натарсед ва дар назди ман биёед. Мулозимон гашта дар пеши Ҳотам омаданд ва ӯ ҳамаи он ҷавоҳиру зарҳоро ба мулозимони духтар супурд. Қаламу давот аз кисаи худ бароварда, сиҳату саломатии худро навишта ба дасти девон дод. Девон аз он ҷо бозгашта, ба мулозимати Фурқосшоҳ равона шуданд.

---

[1] Омилон – бузургон.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, чанд аз бародарони мо дар банди шумо будаанд, бояд, ки ҳамаи онҳоро аз қайд халосӣ диҳӣ.

Дарҳол, шоҳ фармуд, ки ҳамаи он одамизодонро биёранд.

Мулозимон рафта ҳамаи онҳоро оварданд. Ҳотам дид, ки ҳамаи ишон ба монанди фонуси хаёл шудаанд, гуфт:

– Эй бародарон, ба кадом сабаб дар ин ҷоҳо омадед ва дар қайди инҳо гирифтор шудед?

Ҳама гуфтанд:

– Сабаб духтари Ҳориси бозаргон.

Боз Ҳотам гуфт:

– Алҳол, ҳама ба ватани худҳо меравед?

Ҳама гуфтанд:

– Кошкӣ!

Якчанд рӯз ҳамаи онҳоро дар он ҷо нигоҳ дошта хуб парво кунонид. Баъд аз чанд рӯз пораи зар ба ишон дода фармуд, ки ҳеч деверо ба инҳо коре набошад.

Шоҳ гуфт:

– Киро ҳади он аст, ки ба инҳо назари бад кунад. Бигузор, ки ба фарогати тамом баватани худҳо бираванд.

Боз подшоҳ гуфт:

– Эй меҳтари инс[1] як муҳими дигаре дорам, бояд,ки ӯро ҳам осон созӣ.

Ҳотам гуфт:

– Кадом аст?

Шоҳ гуфт:

– Духтаре дорам дар паси пардаи исмат, муддати мадидест, ки ба дарде мубтало шуда, ҳоли ӯ рӯз ба рӯз бадтар хоҳад шуд.

Ҳотам гуфт:

– Ӯро ҳам илоҷ хоҳам кард.

Шоҳ аз ҷойи худ бархост ва дасти Ҳотамро гирифта, ба ҳарам хеш бурд ва духтарро ба ӯ намуд.

Ҳотам дид, ки ачаб духтари «моҳрӯй»: қад ба монанди манору даҳон ба монанди ғор, дастҳо ба монанди чинор ва пӯсти бадани он чун пӯсти хар ва миёни ду ронаш ҳамчун дарвозаи шаҳр ва бо ин хубиву нозукӣ омоси бадаш зӯр гашта.

Дарҳол Ҳотам гуфт:

– Обе биёред ва пораи канди сиёҳ ҳам.

Дарҳол оварданд. Мӯҳраро аз ҷайби худ бароварда, ба об соида ва бо канди сиёҳ ҳамроҳ карда, ба дасти духтар дод. Духтар ҳамаи он шарбатро то охир даркашид. Баъд аз соате аз ҷониби поён даруни он рафтан гирифт. То ба вақти шом ҳамаи ахлоту губор аз даруни он берун шуда, хосияти мӯҳра асар карда, ранги рӯяш кушода шуд. Иштиҳояш ғолиб омадан гирифт.

Шоҳ рӯй ба ҷониби Ҳотам карда гуфт, ки:

---

[1] Яъне: эй бузургвори инсон.

– Офарин бод бар доногию ҳакимии ту, ки духтар аз ҳамаи заҳматҳо ва дардҳо халосӣ ёфт. Акнун дар ин ҷо будани ту лозим аст ва туро аз ин ҷо нахоҳем гузошт ва ҳарчи муроди дили ту бошад, ба он хоҳем расонид.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, дар ин ҷо будани ман аз тасаввур берун аст. Дар ин боб омилони[1] рӯзгор чанд байте гуфтаанд:

Кунад ҳамчинс бо ҳамчинс парвоз,
Кабӯтар бо кабӯтар, боз бо боз.
Ки шеру гӯсфанд оянд ба як чой,
Кучо гӯянд ба якдигар басе роз?
Маро мондан дар ин ҷо кай бишояд,
Ба инсон сӯҳбати девон нашояд.
Ба коре омадам дидам ҳақиқат,
Ки коре мушкилам акнун барояд.

Алқисса, Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, ба коре омада будам ва ҳақиқати он бар ман маълум гашт, акнун бояд, ки ҳаминаро рухсат фармоянд.

Фурқосшоҳ фармуд:

– Эй хазинадор, дари хазинаро кушода, зару ҷавоҳири бисёре ба ин одамизод бидиҳед!

Дарҳол хазинадорон зари сурху ҷавоҳир ва алмоспораи бисёр оварда, дар назди Ҳотам гузоштанд.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, ман ин ҳама ҷавоҳир ва алмоспораи бекиёсро чӣ гуна хоҳам бурд?

Ҳамон замон шоҳ фармуд, ки чанде аз мулозимон ин ҳама зару ҷавоҳирро маа Ҳотам бардошта, то ба қарибии шаҳри эшон бирасонед ва худҳо бозгардед, аз сиҳат ва саломатии ӯ хат биёред, то ки хотирҷамъӣ ҳосил ояд.

Мулозимон дарҳол Ҳотамро маа он зарҳову ҷавоҳирҳо бардошта, назди-ки даҳони он гор расониданд.

* * *

Мулозимони духтари Ҳорис омада гоҳо аз сари он нақб хабар мегирифтанд. Иттифоқо, ҳамон рӯз мулозимони духтар омада буданд, дар ин вақт Ҳотам маа девон аз сари нақб берун шуд.

Мулозимон девонро дида, дар гурез шуданд. Ҳотам фарёд карда гуфт:

– Эй мулозимон, нагурезед, ман ҳамон касам, ки барои хабар гирифтан дар ин нақб рафта будам. Акнун хабар аз ин нақб гирифта омадаам. Шумоён натарсед ва дар назди ман биёед. Мулозимон гашта дар пеши Ҳотам омаданд ва ӯ ҳамаи он ҷавоҳиру зарҳоро ба мулозимони духтар супурд. Қаламу давот аз кисаи худ бароварда, сиҳату саломатии худро навишта ба дасти девон дод. Девон аз он ҷо бозгашта, ба мулозимати Фурқосшоҳ равона шуданд.

---

[1] Омилон – бузургон.

Ҳотам маа мулозимон ҳамаи он чавоҳиру зарҳоро гирифта, дар корвонсаро омада қарор гирифт.

Мулозимон ба хизмати духтар рафта гуфтанд:

– Эй бонуи олам, он чавоне, ки ба шумо шарт карда, дар ин нақб рафта буд, имрӯз маа девони бадҳайбат ва зару чавоҳири бисёр омада, дар корвонсаро нишастааст. Ва он девонро рухсат карда, ба тарафи мақони эшон фиристод ва ҳамаи зару чавоҳирҳоро ба он чавони бозаргон бахшид.

Дарҳол духтар гуфт:

– Эй ходимон, рафта он одамро биёред.

Мулозимон Ҳотамро маа чавони бозаргон дар пеши духтар оварданд. Ҳотам ҳамаи саргузашти худро маа аҳволоти дарунии он гор як-як дар пеши он духтар баён намуд.

Духтар гуфт:

– Эй чавон, боракалло бар ҳиммату шучоати ту!

Ҳотам гуфт:

– Эй малика, акнун саволи дуюмро баргӯй ва ман ба талаби ӯ биравам.

Духтар гуфт:

– Эй Ҳотам, саволи дуюм ин аст, ки шаби ҷумъа овозе ба гӯши ман мерасад, ки: «Ох, коре, ки мӯчиби сарафрозии ман дар он буд, накардам.» Эй Ҳотам, бояд, ки аз ҳақиқати ин гуфтору сӯз маро огоҳ гардонӣ, гӯяндаи ин суҳан кист ва надомати ӯ аз чист?

Ҳотам гуфт:

– Эй моҳи тобон, аз ҳақиқати ин гуфтор хабар хоҳам овард. Инак рафтам.

Ин гуфта аз дари қасри он духтар берун шуд ва бозаргонро дар корвонсаро оварда гузошт ва рӯй ба бераҳаи биёбон карда ҳамчун бод мерафт.

* * *

Ногоҳ дар зери дарахте расид, ки сар ба Сурайё кашида. Дар зери он дарахт бинишаст. Чун шаб бар сари чанг даромад[1], овозе ба гӯши Ҳотам расид: «Ох, накардам он чӣ ба кор омаданӣ буд.»

Дарҳол ба ҷониби он овоз равона шуд, тамоми шаб роҳ рафт. Чун рӯз шуд, дар зери дарахте расида бинишаст. Чун шаби ҷумъа расид, боз ҳамон овоз ба гӯш расид. Ба ҷониби чапу рост назар мекарда ва мегуфт: «Гӯяндаи ин овозро аз куҷо хоҳам ёфт?» Тамоми шаб роҳ рафт, чун рӯз шуд, дар деҳае расида қарор гирифт ва шаби ҷумъа буд, ки боз ҳамон овоз ба гӯши Ҳотам расид. Ҳотам донист, ки ин овоз дар шаби ҷумъа мешунидааст ва дар шабҳои дигар не. Рӯ ба биёбон карда, боз аз пайи он овоз роҳӣ шуд. Баъд аз чанд рӯз маҳалли дигаре бинамуд. Дар он маҳал қарор гирифт. То шаби ҷумъа шуд боз ҳамон овоз ба гӯш расид. Аз пайи он овоз муддати як моҳ роҳ гашт. Баъд аз як моҳ ба деҳае расида дид, ки аҳли он деҳа берун омада, ба як ҷо ҷамъ шудаанд, нолаву зорӣ мекунанд.

Ҳотам гуфт:

[1] Яъне: рӯз бегоҳ шуд.

– Эй ёрон, бонси гиряи шумоён чист?

Он чамоа гуфтанд:

– Эй чавон, ту мусофир менамой, аз ахволи моён воқиф нестй. Муддати мадидест, ки балои азиме пайдо шуда, ҳар шаби чумъа як одам гирифта мехӯрад. Акнун навбати шаҳнаи[1] ин деҳа аст, ки писари ӯро ба ин балои азим медиҳем ва аз барои ӯ нолаву зорй мекунем ва дар таъзияи ӯ мотам медорем.

Ҳотам гуфт:

– Шаҳнаи шумоён кадом аст?

Дарҳол раисн худҳоро ба Ҳотам намуданд. Ҳотам дар пеши он раис омаду гуфт:

– Эй бузург, аз вахми он бало ҳеч ғам махӯр ва сурати он балоро ба ман баён кун, ки кадом ҳайат[2] аст ва ман чони худро дар ивази чони писари ту ба он бало хоҳам дод.

Раис дид, ки ин чавон мусофир аст, аз барои дилхушии ӯ ин ғунин сухан мегӯяд, гуфт:

– Эй чавон, офарин бод бар ҳиммату эътиқоди ту! Маълум мешавад, ки ту аз ин маконҳо нестй.

Ҳотам гуфт:

– Эй бузург ман ҳамин замон омадаам ва оби деҳаи шуморо нахӯрдаам, аммо рафоқати шумо бар ман лозим аст.

Ҳамаи мардумон бар ҳиммату бар муруввати Ҳотам таҳсину офарин карданд.

Раис гуфт:

– Эй чавон, дар ин овони ғаму фироқ ҳеч кадоме аз хешон ва қадрдонон инчунин муруввату марҳамат накарда буд, – ва гуфт: – Эй чавон, ин бало аз шумои худи моён аст. Ҳар чй бошад, банда ба қазо розй ва ба бало собир[3] бошад. Акнун чора чист? Илочи ин балоро наметавонем кард.

– Эй ёрон, гуфтаи маро қабул намоед ва сурати он балоро кашида, бар ман нишон бидиҳед.

Дарҳол сурати он балоро кашида, ба Ҳотам нишон доданд. Ҳотам дида шинохт ва гуфт:

– Ин балоро Ҳалука мегӯянд, рӯинтан[4] аст. Ба тег кушта намешавад. Агар шумоён гуфтаи маро қабул намоед, илочи он балоро хоҳем кард.

Ҳама гуфтанд:

– Эй чавон, аз ин беҳтар чй бошад, ба фармудаи ту амал созем.

Ҳотам гуфт:

– Эй ёрон, дар деҳаи шумоён шишарез ҳаст?

Ҳама гуфтанд:

– Оре!

Дарҳол шишагаронро ҳозир карданд. Ҳотам фармуд, ки:

---

[1] Шаҳна – миршаб, ин чо ба маънои сардор, калон.

[2] Ҳайат – шакл.

[3] Собир – сабркунанда, пурсабр.

[4] Рӯинтан – оҳанинтан.

– Эй оинасозон, як оина резед тӯли[1] ӯ сад газ ва арзаш[2] низ сад газ бошад.

Дарҳол оинагарон чуниин оина рехтанд. Ҳотам гуфт:

– Эй ёрон, ин оина сабаби халокии он бало хоҳад шуд ва илло тамоми дехаро хароб менамуд.

Ҳамон замон Ҳотам фармуд:

– Эй ёрон, бояд ин шишаро бардошта баред ва дар чойи он бало гузоред.

Мардумон он оинаро бардошта, дар маррагоҳи он бало бурда гузоштанд.

Ҳотам аз пораи карбос ба он оина гилоф карда дар маррагоҳи он бало истода шуд ва гуфт:

– Эй бародарон, акнун шумоён рафта, дар хонаи худхо ба фароғи дил бошед. Ҳар касе, ки завқи тамошо дорад, дар ин ҷо бо мо ҳамроҳ бошад.

Раис гуфт:

– Эй писар, бояд, ки бо ин чавон дар ин ҷо ҳамроҳ бошӣ. Писари ӯ гуфт:

– Албатта, – ва боз гуфт: – Эй мусулмонон, шумоён ачаб одамонед, чавони мусофирро дар ин ҷо танҳо гузошта, дар хонаҳои худхо меравед. Ин кирдори шумоён аз мурувват нест.

Аз ин гуфтаи писари раис ҳама бозгаштанд ва ба Ҳотам рафоқат карданд. Он рӯз гузашт, шаб бар сари чанг даромад, ба дастури собиқ овозе ба гӯши онҳо расид. Ранги рӯи ҳама аз тарси бало ба монанди заъфарон зард гашт.

Ҳотам гуфт:

– Эй ёрон, матарсед ва қудрати Худоро мушоҳида намоед...

Дар ин гуфтугӯ буданд, ки баъд аз муддате чизе бинамуд ба монанди кӯллаи кӯҳе, ки пои ӯ маълум ва на дасти ӯ, кафк аз даҳони худ лахта-лахта меандохт ва аз пешгоҳи даҳони ӯ дуду оташ меборад.

Ҳамаи мардумон сурати он балоро дида, дар гурез шуданд. Қадре роҳ рафта, ҳамаи онҳо мурдавор афтоданд ва он бало наздиктар расид. Ҳотам дарҳол он оинаро ба он бало рӯ ба рӯ кард ва он бало сурати худро дар он оина муоина карда, дарҳол дам даруи кашида ва як наъраи босалобат кашид, ки сахрову биёбон аз зӯри наъраи он бало ҳамчун кӯраи симоб биларзид. Ва бало аз зӯри наъраи худ ду таксими баробар шуда, овози пурҳайбате аз тарқиши он бало баромад. Боз ҳамаи он мардумон аз садои пурҳайбати ӯ беҳуш шуда афтоданд. Баъд аз дере ба ҳуш омада диданд, ки ахлоти шиками ӯ тамоми дашту биёбонро пур гирифтааст ва худи он бало аз ҷоми ширин чудо гашта.

Рост ҳамаи эшон давида омада, дар зери кадами Ҳотам афтоданд ва гуфтанд:

– Эй чавони некӯкор, мурдани ин бало худ ба худ аз кадом сабаб аст?

Ҳотам гуфт:

– Эй ёрон, ин балоро Ҳалука мегӯянд ва бо хеч чизе инро кушта намешавад ва ба дидани сурати худ чон ба моликони дӯзах месупорад.

Ба ин кардаву кирдори Ҳотам ҳамаи онҳо таҳсину офарин карданд. Ҳамаи онҳо назр гӯён зару чавоҳире алокадри хол оварда, дар пеши Ҳотам гузоштанд.

---

[1] Тӯл – дарозй.

[2] Арз – бар, пахной.

Ҳотам гуфт:

– Эй азизон, ин ҳама зару чавоҳир даркори ман нест ва ман ин корро барои ризои Ҳақ кардаам.

Онҳо гуфтанд:

– Эй бузург, мӯчиби омадани шумо дар ин ҷо аз вақъи чист?

Ҳотам гуфт:

– Эй бародарон, ҳар шаби ҷумъа овозе ба гӯши ман мерасад, ки: «Оҳ, он чӣ ба кор омаданӣ буд, онро накардам.» Аз пайи ин гуфтори дилсӯз дар ин ҷоҳо омадаам ва соҳиби ин овозро дарёбам ва аз ӯ савол кунам «кадом чизеро накардӣ, ки ба кори ту меомад?» Имшаб шаби ҷумъа аст, боз ҳамон овоз ба гӯши ман хоҳад расид ва ман аз пайи он хоҳам рафт. Ҳотам дар ин гуфтугӯ буд, ки ҳамон овоз ба гӯшаш расид, аз пайи он тамоми шаб роҳ рафт.

Алқисса, аз пайи он овоз ду моҳ гашта ба ҷое расид. Дид, ки дарахти азиме сар ба Сурайё кашида. Ба наздики он дарахт қабристоне дид, ки дар он ҷо чанде аз бузургон осудаанд. Ва дар зери он дарахт биншаст. Рӯз гузашта буд. Чун шаб шуд ва посе аз шаб гузашта буд, ки аз ҳамаи он қабрҳо мардони покизарӯй, ҳуллаҳои[1] биҳиштӣ дар бари худҳо пӯшида баромада, бар болои фаршҳои олӣ гузашта бинишастанд. Баъд аз инҳо аз як қабр марде баромад, гирёну нолон ва тамоми бадани ӯ чиркин, аз ин бузургон дуртар дар болои хоки мазаллат бинишаст.

Дарҳол дар назди он азизон аз ғайб чандин алвон таом оварда гузоштанд. Ҳамаи он бузургон даст дароз карда, аз он таомҳо тановул намуданд ва ба он шахси гирёну нолон намедоданд. Дар он вақт он марди гумбахт оҳи сард аз дили пурдард баркашиду гуфт:

– Дарего, накардам он чӣ, ба кор омаданӣ буд. Ҳотам ҳамаи инҳоро муоина мекард ва шодие дар дил дошт ва мегуфт: «Ҳамон овозе, ки ба гӯши ман мерасид, овози ҳамин мард буд.»

Алқисса, аз миёни он азизон бузурге гуфт:

– Эй ёрон, имшаб мусофиреро Худо дар ин ҷо расонидааст, бояд, ки он мусофирро меҳмондорӣ кунед.

Дарҳол яке аз он азизон омада, дасти Ҳотамро бигирифт. Бурда бар болои маснад ва дар қатори азизон бинишонид ва хони олӣ пур аз таоми биҳиштӣ оварда, дар назди Ҳотам гузоштанд. Ҳотам даст дароз карда, аз он таомҳо меҳӯрд.

Он мард ҳамчунон оҳи сард аз дили реши хеш мекашид ва нолаву зорӣ мекард.

Ҳотам дид, ки хонеро оварда, дар назди он марди пурдард биниҳоданд ва дар даруни он хон захру зуқум ва сангреза ва ба ҷойи об – риму хун. Даст дароз карда, аз захру зақум ва сангрезаю риму хун меҳӯрд ва меошомид.

Чун бузургон аз хӯрдани он таомҳо фориғ шуданд, муваккалон[2] хонҳоро бардошта бурданд.

Ҳотам ин ҳолро дида, дар ҳайрат шуд ва гуфт:

[1] Ҳулла – либос.

[2] Муваккал – дастархончӣ.

– Эй азизон, ин чӣ сирр аст, ки шумоён бар болои масҳадҳо нишаста ва таомҳои хубу лазиз тановул менамоед ва он бечора бар хоки мазаллат нишаста, захру заҳум ва сангрезаву риму хун меҳӯрад?

Бузургон гуфтанд:

– Эй чавони наковҳӯй, моён аз ин сирр воқиф нестем, аз худи он бояд пурсид.

Ҳотам аз чойи худ бархост ва дар назди он шахс омаду гуфт:

– Эй марди пурдард, ин чӣ сирр аст, ки мегӯй: «Он чӣ ба кор омаданй буд, накардам онро?»Аз ҳақиқати гуфтори дилсӯзи худ маро огоҳ гардон.

Он мард гуфт:

– Эй чавон, ман марди савдогаре, сардори ин чамоа будам ва номи ман Юсуфи бозаргон аст. Барои тичорат ба чониби Хоразм мерафтем ва ҳамаи инҳоро, ки мебинӣ, хизматгорони ман буданд ва дар кори хайру эҳсон ҳарисй доштанд ва бо мардумон муруввату шафқат карда нону ош ва либосу зар медоданд ва ман эшонро аз кори хайр ва аз садақа додан манъ мекардам ва мегуфтам: «Эй бародарон, чаро зару мол зоеъ мекунед?» Онҳо мегуфтанд: «Моён ин зару молро дар роҳи хайр медиҳем, то ки дар вақташ ба кори моён ояд.» Ва ман ба ин гуфтори эшон ханда мекардам ва онҳо даст аз саховат барнамедоштанд. Ва маро насиҳат карда мегуфтанд: «Эй махдум, ин ҳама зару чавоҳиротро меросхӯрон хоҳанд хӯрд ва ба кори шумо нахоҳанд омад ва шумо ҳам чизе хайру саховат бикунед ва ба фақирону мискинон садақату эҳсон намоед.» Аз ин гуфтори эшон ҳирсу ғазаби ман зиёда мешудй ва бо касе донаеро раво надоштамй ва ба ниҳояти бахилй ва шумй будамй ва кори нек дар олам ҳеч накардамй ва дар олам ҳеч кас катраи обу намак аз дасти ман начашидй.

Алкисса, ба мулоҳизаи тичорат дар ин чо расидем. Дуздон воқиф шуда, ба якборагӣ ба сари моён рехтанд ва ҳамаи моёнро кушта молҳоро бадар бурданд. Хостанд, ки лошаҳои моёнро гузошта раванд. Яке аз туркон гуфт: «Эй рафиқон, инҳоро ба ноҳақ кушта молҳо гирифтем, бояд, ки мурдаи инҳоро дафн карда равем, то он ки молҳои эшон бар моён вафо кунад.» Ҳамаи онҳо хуб гуфтанд. Ҷасади моёнро дар ин замин дафн карда рафтанд ва инҳо ба сабаби хайру саховат ин дарача ёфтанд. Кардаи эшон ба корашон омад ва ман аз бахилй ва аз шумй бо ин балоҳо мубтало шуда, нолаву зорй мекунам ва ватани ман дар шаҳри Чин аст. Алҳол авлодони ман аз шумию бахилии ман гадой мекунанд ва дар кунчи ҳавлии худ зару чавоҳири бисёре гӯр карда монда будем. Аз ин кирдори нолоиқи ман ҳеч аҳаде воқиф нашуда буд.

Ҳотам гуфт:

– Эй бечора, агар халосии ту дар ҳамин аст, ман рафта оч зару чавоҳиротро ёфта ба мардумон бидиҳам.

Он мард гуфт:

– Эй барно, солҳои сол ҳамин афгон дорам, касе ба дарди ман намерасад ва агар ту камари ҳиммат бар миёни хеш барбандй ва дар шаҳри Чин равй, ҳавлии ман дар гузари баззозон аст. Аз кунчи ҳавлй ҳамаи он зарҳоро гирифта чаҳор таксим созй ва се таксими онро ба мискинон ва ба мустаҳиқон бидиҳанд ва як таксими онро худи ворисон ба қадри расамаи худҳо ҳисса карда

бигиранд, ба ҳафт пушти онҳо хоҳад расид. Шояд, ки ба сабаби ин некии ту аз ин уқубатҳо ва меҳнатҳо халосӣ ёбам. Ва ба сабаби саховат ҳамрохони ман дар айшанд ва ман ба сабаби бахилӣ бо ин азобҳо гирифторам.

Дарҳол Ҳотам савганд ёд карда гуфт, ки:

– Эй бечора, аз пушти Тай ибни Каҳлон набуда бошам, ки ба доди ту нарасам ва туро аз ин машаққат раҳо накунам!

Ҳангоме субҳ буд, ки ҳамаи он азизон ва он марди пурдард ба кабрҳои худҳо даромаданд. Ҳотам бо онҳо видоъ карда, дар роҳи Чин даромад. Манзилу мроҳил тай карда мерафт ва дар арзи роҳ ба сари чоҳе расид. Дид, ки марде аз он чоҳ об мекашад. Ҳотам хост, ки наздики он рафта аз ӯ об хохад. Ногоҳ аз зери он чоҳ аждаҳое баромад ба монанди хартуми фил. Ба камари он мард печид ва он мардро дар зери он чоҳ бурд. Ҳотам даст ба даст зада мегуфт:

– Эй нобакор, чӣ коре буд, ки ӯ кард ва он бечораро ба зери чоҳ бурд,– ва бо худ гуфт: «Эй Ҳотам, зану фарзанди ӯ барои об интизорӣ хоҳанд кашид ва ту дар ин ҷо истода тамошо мекунӣ, ин кори ту нишонаи бемурувватист ва ба фарёди ӯ бирас.» Ин бигуфту худро даруни он чоҳ андохт. Ғалтону печон дар зери чоҳ мерафт. Ногоҳ пои Ҳотам бар замин расид. Соате истода чашм бикшод. Дид, ки не чоҳ ҳаст ва не об. Майдони васеъ ва дар он майдон боғу чаҳорбоғи олӣ аз ҳар қисм дарахтони сабзу хуррам буда ва дар даруни он боғ иморати олӣ сар ба Сурайё кашида. Ба ҷониби он иморат равон шуд ва дар дил мегуфт: «Ҳамон аждаҳо он мардеро дар кучо бурда бошад?» ва дар наздики он иморат расида дид, ки нишеманҳои ороста ва дар миёнаи он нишеманҳо тахте гузоштаанд, ки мурассаъ аз ҷавоҳир ва марди болобаланде бар болои он тахт хобида ва ба як тарафе як нардеви пурҳайбат хуфтааст. Боз ба тарафи дигар нигоҳ карда дид, ки он аждаҳо он марди обкашро дар миёнаи боғ гузошта ба ҷониби Ҳотам хез карда меояд.

Ҳотам низ ба ҷониби аждаҳо хез карда расида, аз ду лаби он аждаҳо гирифта мехост, ки мисли карбоси пӯсида ду тақсими баробар кунад. Он аждаҳо яке фарёд баровард, ки аз зӯри фарёди ӯ замину осмон ва макону макон ҳамчун кӯраи симоб дар ларза даромад ва он деви хуфта аз хоб бедор шуда бонг бар Ҳотам зада гуфт, ки:

– Эй одамизод, инак расидам. Бигзор он ёру мӯниси маро!

Ҳотам гуфт:

– Эй деви пуркасофат, ин бародари маро намегузорад, ман инро кай гузорам!

Дев гуфт:

– Эй модар, бохабар бош, ин марде менамояд, ки тилисмотро хоҳад шикаст. Ҳозир бош, ки андарун наравад.

Чун Ҳотам ин суханро шунид, филҳол даҳони аждаҳоро кушода, худро дар коми ӯ андохт ва дар пешгоҳи шиками аждаҳо рафта қарор гирифт ва андеша мекард ва дар шиками аждаҳо ҳаракат мекард, атрофу ҷониби онро медид. Ногоҳ овозе ба гӯши Ҳотам расид, ки: «Эй маҳбус, ҳарчи дар ин макон ба назари ту ояд ба ханчар пора соз, то аз ин тилисмот берун шавӣ.»

Ҳотам ин овозро шунида тафаххус намуд.

Ногоҳ чизе гулӯла ба дасти Ҳотам даромад. Дарҳол он чизро ба ханҷар пора кард. Ба муҷарради пора кардани он чиз об аз ҳар тараф мавҷзанон пайдо шуд. Ҳотам дар он оби бепоён ғӯта зад. Чун пои ӯ ба замин расид, чашм кушода дид, ки не бог пайдосту не он иморат ва не он дев барҷосту не он аждаҳо, дар саҳрои васее истодааст ва дар он саҳро мардумон қатор-қатор баъзе мурда ва баъзе зиндаи кариб ба мурдан расида, кӯк ва баъзе логар ва он марде, ки аждаҳо дар зери чоҳ бурда буд, дар миёни онҳо истодааст.

Ҳотам наздики ӯ рафта гуфт:

– Эй бародар, туро дар ин чо кӣ овард?

Он мард гуфт:

– Эй бародар, ман аз чоҳ об мекашидам, аждаҳое аз зери ин чоҳ баромада, маро даррабуд ва дар ин ҷо оварда гузошт ва худи он ҷонибе рафт.

Он мардумоне, ки зинда ва кӯку логар буданд, низ гуфтанд:

– Моёнро низ ҳамин тавр оварда, дар ин ҷо гузоштааст. Муддатест, ки дар ин ҷо бо ин тилисм гирифторем. Алҳол ба сарвақти мо, бечорагон, ту омада расидӣ.

Ҳотам гуфт:

– Эй бародарон, дил хуш доред, он душмани шумоёнро барҳам зада, шумоёнро аз тилисми ӯ халос гардонидам, – ва ҳама дидаву кардаи худро дар назди онҳо баён намуда гуфт: – Эй бародарон, акнун ба ҳар тарафе, ки хоҳед бираведд.

Онҳо гуфтанд:

– Эй ҷавон, Худо хайри туро бидиҳад. Моёнро аз ин бало халос кардӣ ва илло ба монанди он мурдагон аз гуруснагиву ташнагӣ дар ин ҷо нобуд мешудем.

Алқисса, Ҳотам бо инҳо видоъ карда, роҳи Чинро пеш гирифт. Баъд аз чанд рӯз ба як ҷое расида шаҳри азиме дид. Мехост, ки аз дарвозаи он шаҳр даромада, растаҳои онро тамошо кунад, дарвозабонон расида омада Ҳотамро бигирифтанд. Ҳотам мутаҳайир шуд ва гуфт:

– Эй дарбонон, чаро чунин мекунед?

Онҳо гуфтанд:

– Эй ҷавони мусофир, дар ин шаҳр подшоҳе ҳаст ва ӯ духтаре дорад дар паси парда. Ҳар мусофире, ки дар ин шаҳр ояд, он духтар аз ӯ чанд суол мекунад. Агар суолҳои ӯро ҷавоб бидиҳад, бисёр хуб ва илло он мусофирро ба чӯбаш даркашида, ба қатл мерасонад.

Ҳотам гуфт:

– Ин чӣ расм аст, ки мусофиронро гирифтор менамоянд?

Дарвозабонон гуфтанд:

– Эй ҷавон, моён навкари ӯем. Лоилоҷ ҳар мусофире, ки дар ин ҷо ояд, гирифта дар пеши вай мебарем.

Ҳотам бо ҳамроҳии дарвозабонон равона шуда, ба дари боргоҳи подшоҳ расид. Аз дари боргоҳ даромада, бо ду дасти адаб ба подшоҳ салом кард.

Шоҳ аз Ҳотам пурсид, ки:

– Эй ҷавони некӯрӯй, чӣ ном дорӣ, аз кучо меоӣ ва ба кучо меравӣ?

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, камина аз Яманам ва ирода ба ҷониби шаҳри Чин дорам ва аз ном пурсидан чӣ даркор аст ва мусофиронро оварда ранҷонидан? Боистӣ, ки мусофиронро марҳамату навозиш созанд, ки эшон шаҳр ба шаҳру диёр ба диёр мегарданд, номи неки шоҳи олампаноҳро дар атрофи олам ва дар ҳаман шаҳрҳо машҳур ва мунташир гардонанд.

Шоҳ гуфт:

– Эй ҷавони некӯрӯй, балои баде бар мо нозил шудааст. Чунон адлу адолат доштам, ки ҳамаи халқон бар ман таҳсину офарин мегуфтанд. Аз зиёдии адлам ин шаҳри маро Одилобод гуфтандӣ.

Аллоҳ таоло маро духтаре додааст, ки ӯ бедодгарӣ мекунад ва мусофиронро дар пеши худ бурда, чанд чизро савол мекунад ва он бечорагон аз ҷавоби саволҳои ӯ оҷиз меоянд. Бинобар он бечорагонро ба дор кашида, ба қатл мерасонад ва бо ин сабаб ин шаҳрро «Бедодгарон» ном ниҳодаанд. Вуболи ҳаман мусофирони бечора ба гардани ман афтода.

Ҳотам сар дар ҷайби тафаккур фурӯ бурда, баъд аз соате сар аз синаи худ бардошта гуфт:

– Эй шоҳ, чаро ин духтарро намекушӣ ва ба сабаби як духтар инсофу адолатро аз даст дода, мулки худро хароб мегардонӣ?

Шоҳ гуфт:

– Эй ҷавон, ҳеч кас фарзанди худро куштааст, ки ман бикушам? Ин накли бузургонро нашнидаӣ, ки гуфтаанд:

Фарзанд агар тӯдаи хокистар аст,
Сурмаи чашми падару модар аст.

– Эй ҷавони некӯхӯй, бигӯ ӯро ба чӣ навъ бикушам ва ин офатро чӣ тадбир созам?

Ҳотам ҳеч нагуфт.

Дарҳол мулозимон Ҳотамро ба дари қасри он духтар бурданд ва гуфтанд:

– Эй маликаи ҷаҳон, мусофире омада ва ба дари қаср истодааст.

Малика аз мулозимон ин суханро шунида, аз ҷойи худ бархост ва худро бо либоси шоҳона ва бо хилъати мулукона биёрост ва бар болои тахти мурассаъ бинишаст ва гуфт:

– Эй мулозимон, он мусофирро биёред!

Дарҳол мулозимон Ҳотамро дар назди ӯ даровардаанд.

Ҳотам дид, ки бар болои тахти мурассаъ шахсе нишаста рӯ ба монанди офтоби ховар, аз шаъшааи ҷамоли вай олам мунаввар ва дар боби ҳусн дар ин олам зуҳуру мисол надорад. Аммо пардаи ҳаёву шарм аз чашми ӯ бархоста. Ҳотам таъзиму тавозӯи он духтарро ба ҷо оварда, дар пойгаҳи боргоҳи ӯ истода шуд.

Духтар гуфт:

– Эй ҷавони мусофир, дидан баробар мубталои ҳусну ҷамоли ту гашта, ошику бекарор шудаам.

Ин бигуфту дасти Ҳотамро гирифта пеш кашид ва бар болои тахти мурассаъ биншоҳд ва худи ӯ бар болои курсии зарин биншаст. Дарҳол доя худро талабида гуфт:

– Эй модар, чавонони бисёр омада буданд, ҳеч кадоми онҳо маргуби табъи ман набуд. Аммо ин чавони хушликоро дида ошику нигарони ӯ шудам ва аз чабини ин чавон фарри шоҳӣ ва осори хоқонӣ зоҳир мешавад ва лоиқи ҳамбистар шудани ман дорад. Аммо ҳайфи ман меояд, ки фардо ин чавонро ба дор кашида хоҳанд кушт.

Доя гуфт:

– Эй барно, чун кори ту инчунин бедодгарӣ бошад, чӣ тадбир бояд кард, ки ҳамаи мусофиронро аз зиндагонии дунё сер карда, дар охират мефиристонӣ ва даст аз ин зулму ситам бознамедорӣ. Аммо ин чавоне, ки бар болои тахт нишастааст, лоиқу муносиби туст. Шояд, ки кори ту аз ин барояд.

Ҳотам гуфт:

– Эй доя, маро аз бедодгарии ин духтар огоҳ гардонӣ.

Доя гуфт:

– Эй чавон, чун посе аз шаб гузарад, ин духтар девона мешавад ва сари худро ба дару девор зада, ҳазёни билониҳоя мегӯяд. Дар овони бехудӣ ва девонагӣ се савол аз мусофир мепурсад. Мусофири бечора аз саволҳои ин духтар очиз мeояд ва он мусофирро ба дор мекашад. Эй чавони мусофир, дар он вақте, ки саволи худро ин духтар аз мусофир мепурсад, ман дар маҷлис ҳозир нестам.

Ҳотам гуфт:

– Боре шаб шавад, бубинам, ҳаёт боқист ё ачал маро асири хоки сиёҳ менамояд?

Дарҳол ба фармони духтар таббохон[1] чандин қисм таом оварда, дар пеши Ҳотам гузоштанд.

Ҳотам гуфт:

– Эй ходимон, ин ҳама таомҳоро бардоред. Алҳол таом нахоҳам хӯрд ва ман дар макони гаму бим ҳастам. Таом он замон мехӯрам, ки кори ин духтарро саранҷом карда коми дил аз ӯ ҳосил созам.

Доя гуфт:

– Маълум хоҳад шуд.

Алқисса, посе аз шаб гузашта буд, ки ҳамаи хизматгорон ба маконҳои дигар рафта, духтарро дар назди Ҳотам танҳо гузоштанд. Вақте буд, ки духтар аз чойи худ бархост ва ҳазён гуфтан гирифт. Баъд аз дере аз гуфтан бозмонд ва ба чониби Ҳотам нигоҳе карда гуфт:

– Эй чавони мусофир, туро тарсе аз чон набуд, ки дар ин чо омадӣ? Акнун се саволи маро чавоб бигӯй, аз ҳама беҳтар бошад ва илло чони ширини ба чонофарин таслим хоҳӣ намуд.

Ҳотам гуфт:

– Эй бедодгар, бигӯ саволи худро.

---

[1] Таббох – ошпаз

Духтар гуфт:

– Он қатра дар қадом дарёест, ки аз он ҷондоре пайдо мешавад?

Ҳотам гуфт:

– Он қатра нутфа[1] аст ва он дарё сари одам аст ва аз он нутфа одамӣ пайдо мешавад.

Духтар гуфт:

– Он меваи ширин, ки миёни махлуқот аст, қадом аст?

Ҳотам гуфт:

– Он фарзанд аст. Аз ҳама чизҳо ширинтар миёни махлуқот аст, ҳама фидои ӯ мешаванд

Духтар гуфт:

– Он чист, ки ҳеҷ касро наметавонад?

Ҳотам гуфт:

– Он марг аст, ки ҳеҷ ҷондореро наметавонад.

Духтар ба саволҳои худ ҷавоб шунида, сар дар ҷайби тафаккур фурӯ бурд. Баъд аз соате ларзида-ларзида аз болои курсии зарин бар замин афтод. Дар ҳамон соат аз саҳни хона мори сиёҳи бадҳайбате пайдо шуда, ба ҷеҳниби Ҳотам хез кард. Ҳотам дид, ки мори сиёҳ қасд ба ҷониби ӯ карда меояд, дарҳол мӯҳраи пириро ба даҳони худ гирифта, ба ҷониби мор хез кард. Аз гулӯгоҳи он мор гирифта яке хафа карда буд, ки он мор суст шуда афтод. Дарҳол кулӯла карда, дар машрабаи тилло андохт ва дар кунҷи он хона гӯр кард. Кори он морро саранҷом карда, бар болои тахт гузашта бинишаст.

Чун посе аз шаб гузашта буд, ки духтар ба ҳуш омада ниқоб ба рӯй кашида гуфт, ки:

– Эй номаҳрам, ту кистӣ ва чаро дар ин ҷо нишастай?

Ҳотам гуфт:

– Эй бедодгар, магар фаромӯш кардай ва ман ҳамон касам, ки дирӯз худоварда, бар болои ин тахти мурассаъ нишонида будӣ ва худ бар сари курсӣ нишаста мегуфтӣ: «Ошиқу мубталои ин ҷавон шудаам.» Доя ва ходимони ту он вақт низ ҳозир буданд. Алҳол рӯи ҷонсӯзи худро пӯшонида, аз гуфтори худ бозмеистӣ?

Дарҳол духтар дояи худро бонг зада гуфт:

– Эй модар, дар ин ҷо ҳозир шавед!

Дарҳол доя омада дид, ки ҷавони мусофир бар болои тахт ба завқи тамом нишастааст ва духтар ниқоб бар рӯй кашида, бо шарму бо ҳаё: тамом бар замин нишастааст.

Доя ба дил мегуфт: «Шояд, ки тилисми ин духтарро ин ҷавони мусофир шикаста бошад ва ин ҷавони соҳибҳикмат ва соҳибдониш будааст.»

Духтар хитоб ба ҷониби доя карда гуфт:

– Эй модар, ин ҷавон дар ин ҷо чӣ гуна зинда мондааст?

Доя гуфт:

– Эй ҷони модар, хӯи фитнаомез ва ситамнишонро аз сари ту дур карда ва

[1] Нутфа – тухма.

бар оташи газаби ту об зада ва ҳама бедодгарӣ ва шӯрангезиро аз тинати ту дур андохтааст. Алҳамдулиллоҳ, мусофирон дигар аз ҷабру ситами беҳудаи ту, бедодгар, халосӣ ёфтанд. Акнун аз ҳақиқати кори худ маро огоҳ гардон.

Духтар гуфт:

– Эй модар, аз ҳақиқати кори ман аз ин ҷавони ботадбир пурсӣ. Бонси ин ҳама бедодгариву мардумозории ман чӣ будааст? Филҳол маълум шуд, ки он бало аз сари ман дур шуда ва маро шарму ҳаё дар огӯш гирифтааст.

Доя гуфт:

– Эй ҷони модар, аҳволи пешинаро бар ту намебинам.

Духтар гуфт:

– Алҳамдулиллоҳ, аз ҷамеи балоҳо халосӣ ёфта ва шарму ҳаё рафиқи ман шудааст.

Доя хитоб ба ҷониби Ҳотам карда гуфт:

– Эй ҷавон, бояд, ки аз ҳақиқати асрори имшаба маро огоҳ гардонӣ ва сабаби бедодгарии ин духтарро ба ман баён созӣ ва низ аз кардаву кирдори имшабаи хеш ба ман чизе бигӯӣ.

Ҳотам гуфт:

– Эй доя, ҳақиқати асрори ин духтар ва кардаву кирдори имшабаи хешро дар назди шоҳ баён хоҳам намуд.

Дарҳол мухбирон хабар ба подшоҳ расонида гуфтанд:

– Эй шоҳ, маликан Ҳуснафрӯз аз ҳаман балоҳо ва тилисмҳо халосӣ ёфта, бо ҳамроҳии ҷавони дирӯза бо шарму ҳаё нишастааст ва он ҷавон мегӯяд, ки кайфияти ғору кирдори духтарро маа асрори имшаба дар назди шоҳ арза намоям, на дар пеши дигаре.

Аз шунидани ин сухан шоҳ аз ҷойи худ бархост, шодикунон дар назди духтар ва Ҳотам омада дид, ки духтар бо шарму ҳаё парда ба рӯи худ кашида нишастааст. Дарҳол шукри эзидиро ба ҷо оварда гуфт:

– Эй ҷавони ҳумоюнқадам[1] бигӯ, чӣ гуна зинда мондӣ ва чӣ дидӣ ва чӣ кардӣ ва дар тинати ин духтар чӣ балову чӣ офат будааст?

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, посе аз шаб гузашта буд, ки духтар девона шуд ва ҳазён гуфтан гирифт ва ними шаб буд, ки хитоб ба ҷониби ман карда гуфт: «Эй ҷавони сода, аз чон сер шудай, акнун се савол дорам. Бояд, ки ҳамаи ин саволҳоро ҷавоб гӯй ва илло туро аз ҷони ширин бечон хоҳам кард.» Ман гуфтам: «Эй бедодгар! Ҳамаи он саволҳоро аз ман пурсӣ.» Дарҳол се саволи худро аз ман пурсид ва ман ба инояти Аллоҳтаоло саволҳои ӯро ҷавоб гуфтам. Дарҳол духтар хомӯш шуда, баъд аз соате ларзида-ларзида аз болои тахт беҳуш шуда, сарнагун ба замин афтод. Дар ин ҳангом мори сиёҳи бадҳайбат аз саҳни ин хона пайдо шуда, қасд ба ҷониби ман кард ва ман Худои оламиёнро ба ягонагӣ ёд карда, аз гулӯгоҳи ӯ гирифта хафа карда будам, ки монанди карбос суст шуда, бар замин афтод. Дарҳол он пуркасофатро кулӯла карда дар машрабаи тилло андохтам ва дар кунчи ин хона гӯр кардам.

---

[1] Ҳумоюнқадам – муборакқадам, некқадам.

Шоҳ аз авлоди подшоҳони Каён буд, аз ин суханони Ҳотам шод шуда, пурсид:

– Эй ҷавон, аслу насаби худро баён кун!

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, номи ман Ҳотам ибни Тай, подшоҳзодаи Яманам ва ба ин духтари шумо ҷин ошиқ шуда, инчунин фитнаву бедодгарӣ мекунонидааст.

Боз гуфт:

– Эй шоҳ, акнун духтари шумо аз он балои пушӯру шар халос шуд ва он балои пуркасофат аз ин шаҳр ва аз сари шумоён дур шуд.

Шоҳ ба ҷониби Ҳотам нигоҳе карда гуфт:

– Эй бузургзодаи Яман, акнун ин духтарро ба ту бахшидам ва ман аҳд карда будам, ки касе ин духтарро ба феъли хуш ва қавли нек оварад, духтар аз они ӯ бошад. Эй ҷавон, бигир ин духтарро, қоми дил аз ӯ ҳосил кун.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, ба шарте ин духтарро қабул мекунам, ки ҳар ҷо, ки хоҳам гузорам ва ҳар ҷо, ки хоҳам бо худ барам, дар ин боб касе музоҳими[1] ман нашавад.

Шоҳ гуфт:

– Эй барно, ихтиёр мар турост, ба ҳар ҷое, ки хоҳӣ, бигзорӣ ва ба ҳар ҷое, ки хоҳӣ, бибарӣ.

Ҳотам қабул кард.

Дарҳол шоҳ ба тамомии шаҳри худро оинабандӣ карда, муддате чанд рӯз ҷашне ороста, тӯю тамошои ачибе карда, маликаи Ҳуснафрӯзро ақди карда ба Ҳотам супурд.

Ҳотам дар гулистони малика даромада коми дил аз ӯ ҳосил кард.

Муддати се моҳ бо он духтар дар айшу ишрат буд. Баъд аз ин муддат тамоми саргузашти худ ва ҳикояти маликаи Ҳуснбону ва қиссаи шаҳзода Мунирро дар пеши духтар як-як баён намуд ва гуфт:

– Эй нозанин, акнун шумову падари шумо каминаро рухсат фармоед, ки аз пайи матлуби хеш ба ҷониби Чин равам.

Боз гуфт:

– Эй малика, дар вучуди шумо бори ҳамл муоина мекунам, агар писар мутаваллид шавад, номи ӯро Хуррамшоҳ гузоред.

Алқисса, аз Каёншоҳ рухсат гирифта, ба ҷониби шаҳри Чин ҷавона шуд. Боз хитоб ба ҷониби малика карда гуфт:

– Эй нозанин, агар зинда монам бо ин рӯҳ ҳоҳам омада, саранҷоми кор намуда, авқотро ба хушвақтӣ хоҳам гузаронид ва агар дер монам ва ё ба рӯҳи дигар рафтам, ватани ман шаҳри Яман аст ва ба ин бозубанд номи ҳафт пушти ман мактуб ва мазкур аст. Бояд, ки ин бозубандро нигоҳ дорӣ ва бар бозуи ӯ барбандӣ.

Ин бигуфту ба ҷониби Чин рӯҳӣ шуд. Манзилу марҳил тай карда, баъд аз муддати мадиде гарди наълайни худро ба дарвозаи шаҳри Чин фурӯ кӯфт. Аз дарвозаи Чин даромада пурсид, ки:

---

[1] Музоҳим – монеъ.

– Эй мардум, маҳаллаи базюзон кадом аст?

Мардумон гуфтанд:

– Фалон ҷониб аст.

Ҳотам ба маҳаллаи базюзон расида пурсид, ки:

– Эй ёрон, ҳавлии Юсуфи бозаргон кадом аст?

Дарҳол аҳли он маҳалла наберахои Юсуфи бозаргонро хабар доданд, ки аз чойи дур шахсе омада шумоёнро мепурсад. Дарҳол фарзандони бозаргон омада, бо Ҳотам мулоқот карданд ва гуфтанд:

– Эй чавони некӯрӯй, бар моён чй кор дорй?

Ҳотам гуфт:

– Эй бародарон, ман аз назди чадди[1] шумоён Юсуфи бозаргон пайғом овардаам ва ӯ гуфт, ки аз ман розй бошанд.

Аз шунидани ин калом ҳама якбора хандаҳо карда гуфтанд:

– Эй бародар, магар ту девонай ва ё чизе мадҳушй хӯрдай, аз замони мавти ӯ то ба ин замон муддати мадиде гузашта. Моёнро, ки мебинй фаръи[2] дуввум ва сеюми ӯем ва ӯ туро чй гуна пайғом медиҳад?

Ҳотам гуфт:

– Эй бародарон, рост мегӯед, хеч мурда ҳам ба касе пайғому хабар медодааст? Аммо дар ин боб меҳрубонии Ҳақ чунин шудааст ва дар ин боб сиррест, филҳақиқат, Худои оламиён медонад ва мурдаро зинда мегардонад ва зиндаро мемиронад, агар бозаргон пайғом намедод, чй медонистаме шумоёнро ва ҳавлии бозаргонро.

Боз гуфт:

– Агар бовар надоред нишони осори ӯро ба шумоён гӯям.

Онҳо гуфтанд:

– Бигӯ, шунавем.

Ҳотам гуфт:

– Эй бародарон, бозаргон гуфт, ки дар фалон кунчи ҳавлй ҳучраест ва он ҳучра ҳамеша хобгоҳи ман буд ва дар зери он ҳучра зару чавоҳири бисёре дафн карда монда будам ва аз он хонаи зериниамин ва аз зару чавоҳири он хеч аҳаде воқиф нашуда буд ва он зарҳову чавоҳирҳоро аз он ҷо берун оварда, чаҳор таксим созанд ва як таксими онро ворисон гиранд ва се таксими онро бинобар ҳалолии ман аз меҳнату аз машаққати охират барои ризои Аллоҳ садақаву эҳсон намоянд, то ман аз уқубати кабру охират начот меёфта бошам...

Ва ҳама саргузашти Юсуфи бозаргонро дар назди наберагони ӯ як-як баён намуд.

Ҳамаи онҳо оби дида карда гуфтанд:

– Акнун бовар хоҳем кард, аммо чавоҳирҳоро бе изни подшоҳ ба даст овардан мушкил аст.

Алқисса, Ҳотамро дар назди подшоҳи Чин бурданд. Ҳотам ҳамаи саргузашти бозаргонро ва васияти ӯро дар назди подшоҳ як-як баён намуд.

---

[1] Чадд – бобо.

[2] Фаръ – насл.

Подшоҳ мутаҳайир шуда фармуд, ки рафта ин қиссаи аҷибро бояд дид.

Шоҳ маа аркони давлат савор шуда, ба ҳавлии бозаргон даррасид. Дарҳол белдоронро фармуданд, он ҷойи мутаайинро кофта ва осору аломати онро дарёфтанд. Боз андак кофта буданд, ки хонаи аҷибе баромад ва дари он хонаро кушода диданд, ки он миқлор зару ҷавоҳир, ки ба гуфтан рост намеояд.

Шоҳ ва ҳамаи он мардумон мутаҳайир шуда гуфтанд, ки ин ҷавон валӣ хоҳад буд, ҳар чӣ гуфт рост баромад, моён ба гуфтаи ин ҷавон ханда карда будем.

Алқисса, тамоми ин зарҳову ҷавоҳирҳоро бароварда, чаҳор тақсим карданд ва як тақсими онро ба авлоди ӯ доданд ва се тақсими онро бинобар халосии бозаргон аз уқубати гӯру охират ба масокин[1] ва фуқаро[2] доданд.

Ҳотам чанд рӯзе дар шаҳри Чин истода, баъд аз чанд рӯзе аз шоҳ ва аз қадрдонон рухсат гирифта, дар ҳамон роҳе, ки омада буд, даромад.

Манзилу марооҳил тай карда, баъд аз чанд рӯз ба шаҳри Одилобод даррасид ва бо Каёнишоҳу духтари ӯ мулозимат карда дид, малика баъд аз рафтани Ҳотам писари моҳрӯе аз олами адам ба олами вуҷуд оварда, номи ӯро Хурромшоҳ гузоштаанд ва он писарро дар бағал гирифта бӯса аз рӯи ҳамчун моҳаш мекард ва шукри Худовандиро ба ҷой меовард ва дар шаҳри Одилобод муддати се моҳ истода, баъд аз се моҳ аз Каёнишоҳу аз духтари ӯ рухсат гирифта, ба роҳи омадаи худ равона шуд.

Манзилу марооҳил тай карда, ба ҳамон қабристон расид. Чун рӯз гузашта, шаби ҳабашиталъати зулмонӣ бар сари чанг даромад, ҳамаи он мадфунон аз қабрҳои худҳо баромада, бар болои минбарҳо бинишастанд. Дарҳол муваккалон чандин гуна таом оварда, дар назди эшон гузоштанд ва Юсуфи бозаргон ҳам дар қатори онҳо нишаста, ба мисли онҳо аз он таомҳо тановул менамуд.

Ҳотам пурсид, ки:

– Эй бозаргон, акнун аҳволи ту чӣ гуна аст?

Бозаргон гуфт:

– Эй ҷавон, офарин бод ба ростиву бар ҳиммати ту, ки ба ваъдаи худ вафо кардӣ ва ин некие, ки дар бораи ман намудӣ ба сабаби он аз уқубати гӯру охират начот ёфтам ва аз замоне ки ҷавоҳиру зарҳоро ба масокин садака карданд, то ба ин дам аз оҳу афғони худ бозмондаам ва обу таоми ман бо аҳли ин қабристон баробар шудааст. Валекин бояд гуфт, ки ҳулаҳо ва хушбӯиҳои эшон аз ман зиёдтар аст, чаро ки эшон дар қайди ҳаёти худ эҳсон карда буданд ва ман ба туфайли ту ин дарачаро ёфтаам. Алҳамдулиллоҳ, аз уқубатҳо начот ёфтам ва роҳати куллӣ маро муяссар шуд.

Чун шаб гузашт, ҳангоми субҳ буд, ки ин ҳамаи он бузургон ва Юсуфи бозаргон дар қабрҳои худҳо даромаданд.

Ҳотам бо онҳо видоъ карда, роҳи Ҳусноободро пеш гирифт.

Баъд аз чанд рӯзе дар биёбоне расид. Дид, ки пиразане нишаста. Вай аз Ҳотам чизе суол кард. Дарҳол ангуштарини худро бароварда, ба дасти он

[1] Масокин – мискинон.
[2] Фуқаро – фақирон.

пирэол дод ва он ангуштарин аз алмос буд. Ҳотам хост, ки аз сарвакти пирэол гузарад. Ол пирэол фарёд кард. Аз эўри фарёди ӯ замину замон ва макину макон ҳамчун кўраи симоб ба ларза даромада, ҳамон соат аз чапу рост мардумони дузлталъат ва каракчитаркиб даррасиланд ва ҳамаи онҳо фарзандони он пирэол буданд. Пирэол он ангуштарини алмосеро нишон дода гуфт, ки:

– Эй фарзандон, бигиред ин чавонро, ки соҳиби мол будааст.

Писарони ӯ ба Ҳотам ҳамроҳ шуда роҳ мерафтанд ва мегуфтанд:

– Ё бузургвор, моён берӯзгорем, мехоҳем, ки бо шумо ҳамроҳ рафта муъдурй ва мардикорй намоем.

Ҳотам гуфт:

– Бехтар бошад.

Ноҳост аз таоқуби Ҳотам каманди айёрй андохта, сару гардани Ҳотамро банд карда пеш андохта мебурданд. Дар чое расида диданд, ки чоҳе амики пурофат. Ҳама чизҳои Ҳотамро гирифта ва чанд ханчар бар бадани ӯ зада дар даруни он чоҳ ҳаво доданд.

Ҳамон кулоҳе, ки дар вай мӯҳраи парй буд, бар сари Ҳотам монда буд ва Ҳотам аз сари чоҳ сарнагун рафта, дар зери чоҳ афтод, баъд аз се рӯз ба ҳуш омада дид, ки кулоҳ ба сараш истода. Аз зери чоҳ хиштахтае гирифта, мӯҳраро бо оби даҳони худ тар карда ва ба он хишт соида, бар захми бадани худ молид. Дарҳол захмҳои бадани ӯ сиҳат шуд ва бо худ мегуфт: «Он мардон чй коре буд, ки карданд. Агар аз ман зару чавоҳир талаб мекарданд, ман эшонро аз дунё бениёз кардаме, акнун онҳо бар ман мулокй шаванд, чандон молу зар ба эшон бидиҳам, ки дар тамомии умри худҳо аз дунё маътале накашанд.» Дар ҳамин фикр буд, ки хобаш даррабуд ва дар хоби ширин дид, ки марде маҳосинсафеде мегӯяд:

– Эй Ҳотам, гамгин мабош, дар ин чо омадани ту бе вачҳ нест ва боиси омадани ту дар ин чо ганчест ниҳода, бигир ҳамаи зарҳову молҳоро. Чун ту дили худро танг ва малул дорй, кори худро чй гуна саранҷом диҳй?

Ҳотам гуфт:

– Эй бузург, ба ҳар ҳол шокирам, агар касеро сари ман даркор аст, ба худ саодат медонам.

Чун аз хоб бедор шуд, дар назди худ ҳеч касро надид. Шаб гузашт. Чун рӯз шуд, ду бузурге бар сари чоҳ омада гуфтанд:

– Эй Ҳотам, хастй?

Ҳотам гуфт:

– Оре, хастам.

Он ду азиз дастҳои худҳоро дароз карда гуфтанд:

– Эй Ҳотам, бигир дасти моёнро.

Дарҳол дасти он азизонро гирифта аз чоҳ берун омад ва ол азизон ба Ҳотам мулокот карда гуфтанд:

– Акнун туро матлаб чист?

Ҳотам гуфт:

– Эй бузургон, дар зери ин чоҳ ганчест.

Онҳо гуфтанд:

– Берун хоҳем овардан.

Яки онҳо дар чоҳ даромада ва яки дигар зарҳоро кашида анбор мекард. Чунончи ба андак фурсат ҳамаи он зарҳоро кашида, аз чоҳ берун оварданд.

Ҳотам гуфт:

– Эй азизон, шумоён аз ин зарҳо чизе бигиред.

Онҳо гуфтанд:

– Эй Ҳотам, моён ин корро барои Худо кардем, на барои дунёву нафси шум.

Ин гуфта ба роҳи омадаи худҳо бадар рафтанд.

Ҳотам гуфт:

– Он маккорон меомаданд, ин ҳама зарҳову чавоҳирҳоро ба онҳо таслим мекардам, то он ки бандагони Худойро озор надиҳанд ва пораи зару чавҳирро дар кисаи худ андохта равона шуд ва дар дили худ мегуфт, ки: «Илоҳй, он пирзолро бар ман мулокй гардон.»

Порае роҳ рафта буд, дид, ки он пирзол бар сари роҳ нишастааст. Дарҳол мушти зар аз кисаи худ бароварда, ба он пирзол дод ва он пирзол ба дастури собиқ овоз кард. Дарҳол он ҳафт тан расида омаданд ва гуфтанд:

Эй чавонмард, ба кучо меравй?

Ҳотам гуфт:

– Эй бародарон, ман бо шумоён сухане дорам, агар кабул мекунед, гўям ва илло не.

Онҳо гуфтанд:

– Бигўй.

Ҳотам гуфт:

– Эй чавонон, агар шумо тавба кунед, минбаъд касеро озор надиҳед, чандон зару чавоҳир ба шумоён бидиҳам, ки ҳафт пушти шумоён хўрда адо карда натавонад.

Онҳо гуфтанд:

– Эй чавон, моён ин кори бадро аз барои нафси худ ва шиками гурусна мекунем.

Ҳотам гуфт:

– Қасам хўред ва ба аҳди худҳо устувор бошед, то зару ганч ба шумоён бидиҳам.

Онҳо гуфтанд:

– Эй чавон, аввал ту он зару чавоҳирро бар мо бинамой, баъд аз он моёнро тавбаву қасам бидех.

Дарҳол Ҳотам дасти онҳоро гирифта бар сари зару чавоҳир овард, ҳамаи зару чавоҳирҳоро ба онҳо бинамуд.

Дуздон зару чавохирхоро дида шод шуданд ва гуфтанд:

– Эй чавон, акнун бигў, моёнро ба кадом номи Аллоҳ қасам медиҳй?

Ҳотам гуфт:

– Қасам ба он Худое, ки мову шумоёнро офаридааст ва ў яккаву ягона аст, минбаъд ба молу ба чони бандагони ў хиёнату дастдарозй накунед.

Он замон дуздон аз афъоли[1] ношоистаи худхо тавба кърда аз роҳи залолат[2] баргаштанд.

Ҳотам пораи зар мувофиқи харчи роҳи худ гирифта, ҳамаи зару чавоҳирҳоро ба онҳо супурд ва худ роҳ роҳ пеш гирифта равона шуд ва дар айни роҳ гаштан дид, ки як саги гаргини ҳоку лоғар аз парраи[3] биёбон забон берун аз даҳон ва ба часту хез давон меояд.

Ҳотам дар дил гуфт: «Корвоне ба ин наздикӣ фаромада ва ин саги гаргин аз эшон буда, дар ин биёбон мондааст.» Наздик расида дид, ки он саг ҳариф ба ҳалокат расида мехоҳад, ки чони ширин ба чонофарин таслим намояд. Раҳме дар дилаш омада, он сагро бар китфи худ бардошт ва аз барои он саг дар тараддуди об шуд. Аз дур сурати деҳае ба назараш бинамуд. Он сагро бардошта, ба чониби деҳа равон шуд. Баъд аз соате ба он деҳа расид.

Мардумони он нони чаву дӯг оварда, дар назди Ҳотам гузоштанд. Ҳотам нону дӯгро дар пеши он саг биниҳод. Дарҳол саг нону дӯгро шикамсерӣ бихӯрд.

Ҳотам назар карда дид, ки он саг таркиби хуше, хусни дилкаше пайдо кард. Даст бар пушту сару гардани ӯ мекашид ва мегуфт: «Зиҳӣ қудрати комилаи Ӯ, ки ҳар киро ба сурати алоҳидае халқ кардааст.» Ногоҳ дасти Ҳотам бар миёнаҷои сари он саг расид. Дид, ки чизи сахте ба монанди шох бар сари он саг маълум машавад. Нек-нек тааммук[4] кард, ки як мехи оҳанин бар сари ӯ задаанд. Дарҳол он мехро аз сари саг канда гирифт.

Ҳамон замон саг ғалте зада, ба сурати чавони соҳибҷамоли хушрӯй шуд. Ҳотаму мардумони он деҳа ҳама дар ҳайрат шуданд ва ин чӣ сир аст гуфта, хомӯш мондаид.

Ҳотам гуфт:

– Эй чавон, аз аҳволи худ ба моён чизе бигӯ ва аз ҳақиқати ин кор моёнро огоҳ гардон, ту кистӣ ва номат чист ва аз кучоӣ?

Чавон аз чои худ барҳост ва дар зери қадами Ҳотам сар монда гуфт:

– Эй бузург, дар бораи мани бечора чунин некӣ кардед, акнун бидонед ва огоҳ бошед, ки ман аз чинси одамам ва ман писари савдогаре будам. Падарам молу зари бисёре сарф карда, маро қадхудо карда, худ аз дунё дар дори охират рафт ва он ҳама молу матоъ ба тариқати ирс бар ман расид. Муддате умри худро ба айшу ишрат гузаро намудам. Билохир, сармоя ва дасттоҳ камтар шуд. Бинобар он касби падарро ихтиёр намудам. Баъд аз чанд вақт аз тичорат гашта, дар хонаи хеш омадам ва ба хоби фарогат муқайид шудам. Аммо зани ман бағоят соҳибҷамол буд.

Ғуломи ҳабашии зархарид ба дари хонаи худ доштам ва зани ман бо он ғуломи ҳабашии девтальат дил дода, ба касди ҳалоки ман будааст. Дар ҳангоми хоб он нобакор вақти худро ғанимат ёфта, ин мехи тилисмиро бар сари ман кӯфт. Аз хоби ширин бедор шуда, худро ба сурати саг дидам.

Эй азизон, намедонам ин тилисмро худи он соҳта бошад ё ба дигаре созо-

[1] Афъол – корҳо, кирдорҳо.
[2] Залолат – гумроҳӣ.
[3] Парра – тараф, чониб.
[4] Тааммук кардан – дар фикр фурӯ рафтан.

нида бошад. Аз зўри дард ва озор гурехта баромадам ва ба ҳар ҷое, ки расидам, сагони шаҳр бегона дида, маро дар миёна гирифтанд ва заҳмҳою ҷароҳатҳое бар бадани ман андохтанд. Бинобар он роҳи биёбонро пеш гирифта гурехта меомадам, ки шуморо Худои оламиён ба сарвақти ман расонид. Ин хама шафқатҳо ва марҳаматҳо дар бораи ман кардед ва он мехи ҷодуе будааст, ки аз сари ман канда гирифтед.

Ва боз гуфт:

– Эй бузург, ҳақиқати кори ман ва асли мукаддимаи ман ин буд, ки ба шумо арз намудам.

Ҳотам аз шунидани ин сухан сар фурў карда, дар тафаккур рафт. Баъд аз соате сар бардошта гуфт:

– Эй ҷавон, шаҳри ту дар кучост?

Писари бозаргон гуфт:

– Эй азиз, аз ин ҷой то ба шаҳри ман серўза роҳ ҳаст ва номи он шаҳрро Шаҳри Шўр мегўянд.

Ҳотам ба дил гуфт: «Духтари бозаргон ҳам дар ин шаҳр аст, ки ман аз пайи ҷавоби саволи ў рафта будам.» Ва ба ў гуфт:

– Эй ҷавон, ин мехро нигоҳ дор, барои дафъи душман ба кори ту хоҳад омад. Ҳангоме ки дар хонаи худ бирасй вақтро ғанимат ёфта, ин мехро бар сари зани худ бизанй, модасаг шавад ва ба сари ғуломи худ бизанй, ба сурати нарсаг шавад.

Алкисса, он ҷавон аз ҷои худ бархоста, бо хамроҳии Ҳотам ба ҷониби Шаҳри Шўр равона шуд.

Манзилу марохил тай карда, баъд аз чанд рўзе аз дарвозаи он шаҳр дохил шуданд. Он ҷавон Ҳотамро дар хонаи худ бурд. Дарбонон ва мулозимон омада, дар зери кадами ў афтоданд ва гуфтанд:

– Эй хидеванд, дар ин мудлати чанд рўз дар кучо будед. Аз ҳарами мўҳтарами шумо мепурсидем, ки хидеванди моён кучо бошанд. Онҳо мегуфтанд, ки муддатест баромада рафта, ҳеч асаре ва нишоне намебошад.

Он ҷавон гуфт:

– Эй ёрон, хомўш бошед ва аз ин вақҳ напурсед ва касеро аз омадани ман воқиф насозед.

Мулозимон гуфтанд:

– Фармонбардорем.

Дарҳол фармуд, ки:

– Эй мулозимон, шамшери буррову тез оварда бар ман бидиҳед.

Дарҳол ходимон шамшери тезе оварда, ба дасти он ҷавон доданд ва шамшерро ба даст гирифта, – дар ҳарами хеш даромада буд, ки ҳамаи канизакон мавлои худҳоро дида, шодикунон мехостанд, ки бибии худҳоро аз ин ҳол воқиф созанд. Он ҷавон ишорат карда гуфт, ки: «Эй канизон, пеш оед.»

Ҳамаи онҳо давида омада дар пеши он ҷавон истода шуданд. Вай гуфт:

– Бибии шумоён дар кучост?

Онҳо гуфтанд:

– Бибй бо ҳамроҳии ғуломи ҳабашй ба айшу фарогат хобидааст.

Дарвоқеъ, дар хонаи ҳарандуд даромада дид, ки ҳанаш бо ҳамроҳии гуломи ҳабашӣ ба айшу фароғат хобидааст. Дарҳол он мехи оҳанинро бар сари ҳар фурӯ кӯфт. Зан ғалте зада, ба сурати модасаг шуд ва бо он шамшери бурро ба сари ғулом зад, ки сараш ҳамчун гӯй дар миёни хона ба ракс даромад. Сипас дар пеши Ҳотам баромад ва аз дасти ӯ гирифта оварда, бар болои маснади шоҳона бинишонд ва он маккораро ба сурати саг ва сари ғуломро оварда, дар пеши Ҳотам гузошт.

Ҳотам сурати ғуломи ҳабаширо дида, дар тааҷҷуб шуд. Ҳотам он мехро аз сари саг канда гирифт ва зан ба сурати аслӣ омада, тавбаву тазарруи бисёре карда, дар зери қадами шавҳари худ ғалтида ба мулозиқати ӯ гашт.

Алқисса, Ҳотамро чанд рӯз нигоҳ доштанд, эъзозу икром ба ҷой оварданд. Баъд аз чанд рӯз Ҳотам аз Хоҷа Музаффар рухсат гирифта, ба корвонсаро дар назди Наими бозаргон омад. Бозаргон аз ҷойи худ бархоста, бо Ҳотам мулоқот кард ва гуфт:

– Эй барно, чанд муддатест, ки он овоз ба гӯши духтари Ҳорис намерасад.

Ҳотам гуфт:

– Эй бозаргон, аз он овоз ва аз барҳам хӯрдани он хабар овардаам.

Дарҳол ҳарду аз ҷойи худҳо бархостанд ва ба дари қасри он духтар омаданд. Духтар парда дар миён андохта Ҳотамро андарун талабида гуфт:

– Эй Ҳотам, аз ҳақиқати он овоз ва аз барҳам хӯрдани он маро огоҳ гардон.

Ҳотам ҳаман кардаву дидаи худро як-як баён намуд.

Духтар гуфт:

– Рост гуфтӣ, алҳол он овоз намеояд. Акнун боят, ки шарти сеюми маро ба ҷо орӣ.

Ҳотам гуфт:

– Шарти сеюм кадом аст?

Духтар гуфт:

– Эй Ҳотам, боят, ки рафта мӯҳраи Моҳпариро гирифта, биёрӣ.

Дарҳол Ҳотам аз мулозимати духтар баромада, дар корвонсаро омад ва бозаргонро видоъ карда, ба ҷониби биёбон роҳӣ шуд.

Баъд аз чанд рӯз дар зери дарахте расида бинишаст ва бо худ фикр карда мегуфт: «Ба кучо равам?» Дарзамон ба хотираш расид, ки «дар пеши подшоҳи девон равам ва аз ӯ маконии Моҳпариро пурсам ва ӯ боят, ки донад.» – Ин бигуфт ва аз ҷойи худ бархоста, ба ҷониби накб равон шуд. Баъд аз соате аз сари накб даромада, манозилу мароҳил тай карда, баъди як ҳафта нигоҳ карда дид, ки ба канори ҳамон биёбон расидааст ва бо он роҳи рафта омадаи худ даромада роҳӣ шуд.

Баъд аз чанд вақт ба деҳае расид. Девон хабар ёфта омада тавозуи Ҳотамро ба ҷо оварданд.

Дарҳол омадани Ҳотамро ба Фуркосшоҳ расониданд. Фуркосшоҳ маа аркони давлат баромада, Ҳотамро дарёфт карда ва дар оғӯши пурҷӯши худ кашида аҳволпурсӣ менамуд. Дар ҳамон деҳа як шаб таваккуф карда, алассабоҳ девон Ҳотамро бар сари худҳо бардошта, ба боргоҳи шоҳ расониданд ва бар болои тахти подшоҳӣ бинишонданд ва чамеи аркони давлат омада

Ҳотамро мулозимат карданд. Баъд аз инҳо чандин қисм таом оварда, дар пеши Ҳотам гузоштанд. Баъд аз фароғи таом шоҳ гуфт:

– Эй бузург, ба кадом сабаб боз ба ин ҷониб қадам ранча фармудед?

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, барои мӯҳраи парӣ омадаам.

Шоҳ сари худро чунбонида дар фикр фурӯ рафт.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, мӯчиби сар фурӯ кардан чист?

Шоҳ сари худро бардошта гуфт:

– Эй бародар, он мӯҳраро аз дасти Моҳпарӣ гирифтан аз ҷумлаи маҳолот аст.

Ҳотам гуфт:

– Касе, ки маро дар ин ҷо расонидааст, мӯҳраро ба дасти ман хоҳад даровард. Ман донаму Моҳпарӣ.

Шоҳ гуфт:

– Эй ҷавон, ин хаёлро аз сари худ дур кун ва аз баҳри ин кор бигзар.

Ҳотам гуфт:

– Чӣ гуна бигзарам? Бо касе аҳд карда будам, чӣ гуна накси аҳд намоям?

Ноилоҷ Фуркосшоҳ чанде аз девонро фармуд, ки:

– Ҳотамро ба сарҳади макони Моҳпарӣ расонед.

Дарҳол чанде аз девон Ҳотамро бардошта, баъд аз як моҳ дар ҳадди мамлакати Моҳпарӣ расониданд.

Девон гуфтанд:

– Эй азиз, аз ин кӯҳ он тараф тааллуқ ба Моҳпарӣ дорад ва моёнро аз ин ҳадд пеш рафтан тоқат нест.– Ин гуфта ҳамаи девон аз он ҷо бозгаштанд.

Ҳотам аз девон ҷудо шуда, ба сарҳади мамлакати Моҳпарӣ қадам ниҳода, манзилу мароҳи: тай карда, ба доманаи кӯхе расида дид, ки он кӯҳ сар ба фалак кашида ва бар болои он кӯҳ ҷамоае аз паризодон истодаанд ва мегуфтанд, ки: «одамизоди хомтамаъ ба ин ҷониб меояд ва қасди баромадани ин кӯҳ дорад.» Дарҳол ҳамаи эшон аз кӯҳ фуруд омада Ҳотамро гирифта бар болои он кӯҳ бурда, ба ғулу заҳчир дасту гарданашро мустаҳкам намуданд ва гуфтанд:

– Эй махлуқ, аз кучо омадӣ ва ба кучо меравӣ ва туро дар ин маком кӣ оварда ва чӣ матлаб дорӣ?

Ҳотам гуфт:

– Маро дар ин ҷо Худо оварда ва ман аз Шаҳри Шӯр омадам.

Паризодон гуфтанд:

– Магар туро духтари Ҳорис фиристодааст ва ӯро рағбати мӯҳраи Моҳпарист?

Ҳотам дар дили худ гуфт: «Агар гӯям, барои мӯҳра омадаам, зинда нахоҳанд гузошт. Бехтар он ки хомӯш бошам.» Ҳотам ҳеч нагуфт.

Паризодон машварат карда гуфтанд:

– Ин одамизодро дар оташ андозем.

Ҳотам мӯҳраи паризодро дар дахони худ гирифта, муддати се рӯз дар даруни оташ истод.

Паризодон хотири худҳо ҷамъ карда, ба ҳар тараф рафтанд.

Баъд аз се рӯз Ҳотам аз оташ берун омад.

Паризодон диданд, ки он одамизод дар оташ насӯхта ва зинда берун омадааст. Дарҳол ӯро дар зери санги азиме ниҳоданд. То се рӯзи дигар Ҳотам дар зери он санг буд. Баъд аз се рӯз аз зери санг берун омад.

Паризодон диданд, ки одамизод дар зери он санг намурдааст, дарҳол бурда, ба дарёи Кулзум андохтанд ва худҳо бозгаштанд.

Ҳотам ба оби дарё гӯтазанон мерафт. Қазоро наҳанги азиме аз зери дарё расида, Ҳотамро дар коми худ кашид. Ҳотам дар пешгоҳи шиками наҳанг мадҳуш шуда афтод.

Баъд аз соате ба ҳуш омада, дар шиками он наҳанг давидан гирифт ва дилу чигари наҳангро помол карда, рӯдаҳои ӯро фурӯ кӯфт. Аз ин ҳаракату давидани Ҳотам шиками моҳӣ ба дард омада худро дар хушкӣ гирифт. Билохир, бетоқат шуда, Ҳотамро аз шиками худ берун андохт.

Ҳотам мурдавор аз коми наҳанг дар даруни лойи бисёр афтод. Баъд аз соате ба ҳуш омада, аз ҷойи худ барҳост ва ба канорае равона шуд. Чанд қадам роҳ рафта буд, ки заъф ва гуруснагӣ ғолиб омада, дар даруни тӯдаи реге афтод ва ба ҳар сӯ назар мекард. Ногоҳ хайле[1] аз паризодон ба сарвакти ӯ расида пурсиданд, ки:

– Эй ҷавон, туро ба ин маком кӣ овард?

Ҳотам гуфт:

– Маро дар ин маком Худои карим овард. Мудлати мадидест, ки маро наҳанг дар коми худ кашида ва ду рӯз аст, ки аз шиками худ маро дар ин макон андохтааст. Агар шумоёнро тавфик бошад, чизе хӯрданӣ бар ман бидиҳед ва маро аз меҳнати гуруснагӣ халос намоед. Имрӯз ҳафт рӯз аст, ки дар батни наҳанг гуруснаву бетӯъмае ҷой гирифта будам. Алҳол маро тоқати роҳ гаштан нест.

Паризодон гуфтанд:

– Эй одами ҳомтаман саргардон, чӣ гуна обу таом бар ту бидиҳем, ки подшоҳи моён ҳукм кардааст: «Агар одаме ё деве дар ин маконҳо биёяд, гирифта ӯро бикушед ва ё дар пеши ман биёред.» Алҳол ту дар ин макон омадай ва туро ба қатл ҳоҳем расонд.

Ин гуфта хостанд, ки Ҳотамро пора-пора созанд. Яке аз эшонро раҳм ба ҳоли Ҳотам омада гуфт:

– Эй паризодон, моён кучову шоҳ кучо. Ин бечора ба чандин машаққат аз шиками моҳӣ берун омада ва аз чинси одамист. Ин фиркаро Худои оламиён аз моён шарифтар офаридааст. Биёед ин мазлумро дар макони худҳо барем ва чандин рӯз парвариш намоем. Баъд аз он ба хизмати Моҳпарӣ расонем.

Дар ин гуфтугӯ буданд, яке аз мулозимони Ҳуснопариро гузор ба сарвакти Ҳотам афтод. Дарҳол рафта ба мулозимати Ҳуснопарӣ гуфт:

– Эй нозанини чаҳон, дар ин мамлакат одамизоде омада, осори шоҳӣ аз чини ӯ ҳувайдо. Рӯй ба мисли офтоби ховар ва он одамизодро нигаҳбонони Кулзум дастгир кардаанд.

---

[1] Хайл – гурӯҳ.

Аз шунидани ин хабари дилсӯз Ҳуснопариро шодӣ ҳосил шуд. Ҳамеша дар дили худ дидани одамизодро орзу мекард.

Ҳуснопарӣ духтари Муншопарӣ буд ва Муншопарӣ яке аз нӯкарони Моҳпарӣ буд.

Алқисса, Ҳуснопарӣ ба мулозимони худ гуфт:

– Эй ёрон, ман ҳамеша дар орзуи дидани одамизодам.

Онҳо гуфтанд:

– Эй ҷаҳонорой, албатта дар рӯҳ рафта вайро бояд дид.

Ҳуснопарӣ гуфт:

– Аз хона берун шудани ман маҳол аст.

Онҳо гуфтанд:

– Ба баҳонаи сайру шикор аз падару модар рухсат гирифта хоҳед рафтан.

Алқисса, Ҳуснопарӣ аз падару модар рухсат гирифта, ба баҳонаи шикор ба ҷониби Ҳотам равона шуд. Манзилу марооҳил тай карда, баъд аз се рӯз ба канори дарёи Қулзум расиданд ва диданд, ки лашкари бекарон ба канораи дарё фуруд омада. Дарҳол яке аз мулозимони худро фармуд, ки:

– Рафта аз ин лашкариён хабар гир, ки инҳо киёнанд.

Он мулозим омада ба таҳқиқ дид, ки нигаҳбонони дарёи Қулзум як одамизодеро дар миёна гирифта нишастаанд. Дарҳол гашта омада, ҳамаи дидагиҳои худро баён кард ва гуфт:

– Ӯро нигаҳбонони Қулзум дар назди Моҳпарӣ мебаранд ва дар бобати ҳусну ҷамол дар ин олам назир надорад.

Аз ин таърифи мулозим Ҳуснопарӣ ба сад дил ошиқу нигарони Ҳотам шуд ва ба мулозимони худ гуфт:

– Ин одамизодро ба кадом тадбир дида мешавад?

Паризодон гуфтанд:

– Эй фитнаангези олам, чун шаб шавад, ҳамаи нигаҳбонони Қулзум ба хоби фароғат муқайид хоҳанд шуд. Ба ҳангоми хоби эшон ин одамизодро ба дуздӣ хоҳем оварда.

Аз ин гуфтори паризодон Ҳуснопарӣ хушвақт шуда, ба ҷониби бӯстони худ равона шуд. Ба қадри як санг роҳ аз ҷаҳорбоғи худ ин ҷониб нузул фармуда, мунтазири шаб шуда истод. Чун рӯз гузашта, шаб бар сари ҷанг даромад, мулозимони худро талабида гуфт, ки:

– Рафта он одамизодро гирифта биёред.

Ҷанде аз айёрон байни замину осмон парвоз карда, ба канори дарё расида диданд, ки ҳамаи лашкариён ва нигаҳбонон одамизодро дар миёни худҳо гирифта нишастаанд.

Билохир, айёрон ба канорае худҳоро пинҳон карда истоданд. Ҳангоме ки нигаҳбонони Қулзумро хоб даррабуд, дар он вақт айёрон доруи мадҳӯшӣ дар димоғи Ҳотам заданд. Ҳотам ҳамчун мурда сарнагун афтод. Дарҳол кулӯла карда ва ба пардаи гилеми худ печонида, ба пушти худҳо бардоштанд. Манзилу марооҳил тай карда оварда, дар пеши Ҳуснопарӣ гузоштанд.

Дарҳол пардаи гилемро кушода, бар рӯи Ҳотам нигоҳ карда дид, ки рӯй ба мисли панҷаи офтоб. Тири зарандуди укобпаре аз камонхонаи Ҳотам ҷаста,

дар сандуки синаи Хусноларӣ зад, ки то пару пайкон ва неши синон дар чигараш ғарқ гардид.

Хусноларӣ дархол мадҳуш шуда афтод. Ҳамон замон мулозимон хушбӯй оварда дар димоғаш доштанд, дархол ба хуш омада ва гуфт:

– Доруи ҳикмат ба димоғи одамизод дошта ба хуш биёред.

Дархол хизматгорон ҳамчунон карданд. Ҳотам чашм кушода дид, ки боғи ачибе ва ӯ дар миёни як чамоа занони соҳибчамол истодааст. Аз паризодон пурсид:

– Шумоён кистед ва маро дар ин макон кӣ оварда?

Хусноларӣ гуфт:

– Ин боғ аз они Муншоларист ва ман духтари ӯям ва номи ман Хусноларист. Чун овозаи ту ба гӯши ман расид, маро орзуи дидани рӯи ту ғолиб омад. Билохир, аз дасти он чамоаи паризодон туро дуздида дар ин макон овардем.

Ҳотам гуфт:

– Боиси дуздида овардан чист? Ин кори шумоён мӯчиби таъхири кори ман хоҳад шуд.

Хусноларӣ гуфт:

– Туро чӣ кор буд?

Ҳотам гуфт:

– Эй парӣ, ман барои мӯҳраи Моҳларӣ омада будам.

Хусноларӣ гуфт:

– Эй барно, мӯҳраро аз дасти Моҳларӣ гирифтан маҳол аст. Акнун туро дида ошиқу мубталои рӯи ту шудам.

Ҳотам гуфт:

– Мӯҳраро аз дасти Моҳларӣ хоҳам гирифт ва муроди ту аз ман ҳосил нахоҳад шуд.

Парӣ гуфт:

– Агар муроди маро ҳосил созӣ, мӯҳраро ман хоҳам ба ту гирифта додан.

Ҳотам гуфт:

– Чӣ гуна ба даст меорӣ?

Парӣ гуфт:

– Ба хотири ту саъӣ хоҳам намуд, хотири худро чамъ дор.

Алкисса, Ҳотамро дар он боғ нигоҳ дошта рӯзу шаб ба айшу ишрат гузаро менамуд.

* * *

Акнун чанд калима аз паризодон шунавед:

Посе аз шаб гузашта буд, ки белор шуда диданд, Ҳотам дар миёнаи эшон нест. Дар ин боб мутаҳайир шуда, ба ҳар тараф медавиданд, аз ҳеч чо чизе ва асаре наёфтанд. Мутафаккир шуда, ба якдигар мегуфтанд, ки кадоме аз париён дида ва мубталои рӯи ӯ шуда, дуздида бурдааст. Агар подшоҳ аз ин кирдори бади он воқиф шавад пӯст аз косаҳонаи сараш хоҳад канд. Ба якдигар гуфтанд:

– Акнун маслиҳат чист?

Баъзеи онҳо гуфтанд:

– Гурехта бо як тарафе хохем рафт.

Баъзе гуфтанд:

– Ҳафт иқлим тараддуд бояд кард, шояд, ки аз ягон ҷой дараку нишон аз вай ёфта шавад.

Дар ин ҳин хабари ба даст афтодани Ҳотамро ба Моҳпарӣ расонида буданд, ки нигаҳбонони Қулзум одамизодеро гирифта меоваранд.

Аммо нигаҳбонон тамомии оламро тараддуд карда мегаштанд ва аз ҳеч ҷо асару нишони Ҳотамро намеёфтанд.

Алқисса, дар ин боб муддати як моҳ гузашт.

Рӯзе аз рӯзҳо Моҳпарӣ ба аркони давлати худ гуфт:

– Эй мулозимон, нигаҳбонони Қулзум одамизодро ҷаро наёварданд. Бояд, ки яке аз шумоён рафта хабари ӯро биёред.

Дарҳол яке аз париён парвоз карда, ба лаби дарёи Қулзум расида пурсид, ки:

– Эй нигаҳбонон, одамизодро гирифта чӣ кардед?

Онҳо гуфтанд:

– Муддатест, ки ӯро бо ҳамроҳии як фиркае аз париён ба хизмати шоҳи олампаноҳ фиристодаем.

Ин гуфта ҳамаи нигаҳбонон аз ғазаби подшоҳ тарсида мутаҳайир шуданд ва он косид гашта омада, ба хизмати шоҳ ҳамаи аҳволро арза намуд.

Моҳпарӣ дар ғазаб шуда гуфт:

– Эй ходимон, бояд, ки чанде аз шумоён рафта он одамизодро маа париён, ки ба ӯ ҳамроҳ бошанд, гирифта биёред, то маълум шавад, ки он ҳаромзодагон оламизодро ба кучо бурдаанд ва чӣ кардаанд!

Паризодон «фармонбардорем» гуфта миёни осмону замин дар парвоз даромаданд. Тамомии атрофи оламро мекофтанд. Ногоҳ гузори хайле аз париён дар боғи Муншопарӣ афтод. Диданд, ки овози суруду нағмаи чанг меояд.

Алқисса, аз як ғӯшаи боғ нигоҳе карда диданд, ки духтари Муншопарӣ даст ба даст, гардан ба гардани одамизодро гирфта, хиромон-хиромон масти бодаи ноб мехоҳад, ки аз боғ баромада, касби ҳавои биёбон кунад.

Ҳамаи ин ҳолро дида, ба якдигар гуфтанд, ки «дасти одамизодро духтари Муншопарӣ гирифта гаштааст.»

Алқисса, мулозимони Моҳпарӣ дар назди хизматгорони Ҳуснопарӣ омаданд ва гуфтанд:

– Эй париён, моён одамизодеро гирифта, ба хизмати шоҳ мебурдем. Дар арзи роҳ маликаи шумоён моёнро дар хоб дида, ин одамизодро дуздида оварданд. Бояд, ки ин одамизодро оварда бар моён бисупоред ва илло умед аз ҳаёти худҳо барканед, чаро ки аз ин кори шумоён ғазаб бар сари шоҳ муставлӣ[1] шудааст.

Мулозимони Ҳуснопарӣ омада гуфтанд:

– Эй малика, огоҳ бош, ҳамон паризодон, ки аз дасти онҳо одамизодро

[1] Муставлӣ – голиб.

дуздида оварда будем, филҳол хабар ёфта омадаанд ва ин одамизодро талаб мекунанд ва мегӯянд, ки ин одамизодро ба мо ба хубӣ чавоб бидиҳед ва илло ҳамаи шумоёнро бо амри шоҳи оличоҳ ба катл хоҳем расонид ва ин ҳама маконҳои шумоёнро харобу нобуд хоҳем гардонид. Муншопариро маа чамъи авлодонаш дар пеши шоҳ бурда хоҳем кушонид.

Чун Ҳуснопарӣ ин хабарро шунид, дар газаб шуд ва гуфт:

– Эй ҳочибон, бизанед ин нобакоронро, ки дар бистарғоҳи ман ба дуздӣ омадаанд.

Ҳочибон дарҳол шашпарҳову чӯбҳо ба дасти худҳо гирифта хез карда буданд, ки ҳамаи онҳо гурехта, яке аз эшон ба даст афтод ва ин бечораро чунон кӯфтанд, ки аз зӯри чӯбу шашпар худро ба монанди мурда сохта, бар замин афтод.

Ҳуснопарӣ фармуд, ки:

– Эй ходимон, мурдаи ин нобакорро аз ин боғ беруи андозед!

Мулозимон часади он бечораро аз боғ беруи андохтанд. Баъд аз соате ба худ омада ,дид, ки ҳеч кадом аз париён дар назди ӯ не. Вақтро ганимат дониста, фарёдкунон ва гирёну нолон ба дари боргоҳи шоҳ расид. Шоҳ пурсид, ки:

– Эй мулозимон, ин додхоҳ кист?

Дарҳол чанде аз дарбонон он бечораро дар назди шоҳ оварданд.

Шоҳ пурсид, ки:

– Эй маълум, туро кӣ ранҷонид ва аз дасти кӣ ин ҳама фарёду нола мекунӣ ва рӯйҳои худро чаро сиёҳ кардай?

Он парӣ гуфт:

– Ё қиблаи олам, аз дасти духтари Муншопарӣ ин хама нолаву фарёд мекунам.

Шоҳ гуфт:

– Сабаби ранҷонидани ӯ чист?

Он парӣ гуфт:

– Эй шоҳ, ман аз ҳамон париёнам, ки одамизодро гирифта, ба хизмати шумо меовардем. Дар ани рох мулозимони Ҳуснопарӣ он одамизодро дуздида, дар назди Ҳуснопарӣ бурдаанд. Ҳамаи моён дар тараддуди ёфтани ӯ будем. Қазоро гузори ман бар сари боғи Ҳуснопарӣ афтод. Ба рӯи ҳаво овози суруду нагма аз замин ба гӯши ман расид ва аз канораи он боғ назар карда дидам, ки дар дарунн боғ Ҳуснопарӣ масти шароби ноб он одамизодро гирифта сайркунон мегардад ва ба мулозимони ӯ гуфтам, ки Ҳуснопарӣ ин одамизодро ба ман бидиҳад, ман онро ба хизмати шоҳ мебарам. Аз ин гуфтори ман дар газаб шуд ва мулозимони ӯ маро зарбу ситами бисёре карда, ҳамчун мурда гардониданд. Акнун, эй шоҳи олампаноҳ, шумо сохибихтиёред.

Аз ин гуфтори парӣ шоҳ дар газаб даромада фармуд, ки:

– Эй Муҳайёпарӣ! Бо сӣ ҳазор лашкари ороставу чаррор рафта Муншопариро маа зану фарзандону мулозимонаш дасту гардан баста, бо ҳамроҳии он одамизод дар назди ман биёрӣ!

Дарҳол Муҳайё аз чойи худ барҳост ва одобу таслимоти шоҳро ба чо оварда, бо сӣ ҳазор лашкари ороставу чаррор ба тарафи Муншопарӣ равона шуд.

Манзилу мароҳил тай карда, баъд аз чанд рӯз ба мақоми Муншопарӣ расид.

Муншопарӣ ин ҳама лашкарро дида, мутаҳайир шуд ва гуфт: «Мӯчиби ғазаб кардани шоҳ бар ман чӣ бошад, ки бо ин ҳама лашкар Муҳайёро бар сари ман фиристода?» Ин бигуфту маа муқарработи худ баромада дар назди Муҳайё расид ва бо ӯ мулозимат карда гуфт:

– Эй Муҳайё, сабаби омадани ту дар ин мақом чист?

Муҳайё гуфт:

– Эй Муншо, духтари ту одамизодро аз дасти мулозимони шоҳ дуздида оварда, нигаҳбонони Қулзумро зарбу ситами бисёре кардааст.

Муншо гуфт:

– Эй Муҳайё, маро аз ин ҳодиса ҳеч хабаре нест ва огоҳе нест, бозрафта аз модари ӯ пурсам.

Дарҳол дар пеши зани худ рафта гуфт:

– Эй нобакор, духтар дар кучост?!

Зани ӯ гуфт:

– Аз он рӯзе, ки аз мову ту рухсат гирифта рафта буд, муддати се моҳ мешавад, ки ҳанӯз наёмадааст.

Ӯ дар ғазаб шуда гуфт, ки:

– Эй гесубурида, духтари ту одамизодро аз дасти нигаҳбонони Қулзум дуздида овардааст, шоҳ шунида ғазаб кардааст!

Аз шунидани ин калом рангу рӯи модари Ҳуснопарӣ зард шуда, ба заъфарон мубаддал гашт ва ба чониби боғ равона шуд. Аз дари боғ даромада дид, ки духтар масту бепарво дар айшу ишрат машғул шуда, бо ҳамроҳони Ҳотам нишастааст. Модараш давида омада ҳарду мушти худро гирех карда, ба сари духтар зад ва гуфт:

– Эй нобакор, падару модаратро харобу бадном кардӣ. Шоҳ барои ин одамизод Муҳайёро бо сӣ ҳазор лашкар бар сари моён фиристодааст!

Аз шунидани ин каломи бесаранҷом рангу рӯи Ҳуснопарӣ ба монанди гули заъфарон зард шуд, наздик буд, ки чони ширин ба чонофарин таслим намояд.

Дарҳол модари ӯ духтарро бо ҳамроҳони Ҳотам гирифта, дар хонаи худ овард. Муҳайёпарӣ ва Муншопарӣ ва зани ӯ духтарро бо Ҳотам гирифта ба мулозимати шоҳ равона шуданд.

Қатъи манзилу тайи мароҳил намуда, баъд аз чанд вақт ба дари боргоҳи шоҳ даррасиданд.

Дарҳол Муҳайё ба мулозимати шоҳ даромада ба арз расонид, ки:

– Эй шоҳ, инак, Муншопариро бо ҳамроҳии зану духтари ӯ ва одамизодро овардам.

Шоҳ гуфт:

– Дарҳол ҳозир созед!

Мулозимон Муншопариро гирифта дар пеши ӯ оварданд. Муншо одоби шоҳона ба ҷо оварда қадамбӯсӣ карда истод. Баъд аз соате Муншо ба арз расонид, ки:

– Эй муттакои ғарибон ва эй фарёдраси бечорагон, бандаро аз ин вачҳ ҳеч чизе ва иттилое набуд. Банда фармонбардорам. Чун моро бандагӣ ва хизмати

шоҳи олампаноҳ мусаллам аст, мулозим рафтан ҳамон мева зану фарзанду тобеон ба хизмат омадем. Ҳар чӣ ба хотири муборак шоҳи олампаноҳ мерасад, бандаро ҳеч ҳуҷҷат нест. Молу ҷону кабоил фидои ҳудуми шоҳи олиҷоҳ аст.

Шоҳ гуфт:

– Эй Муншо, ҳамаи кардаҳои туро муоф[1] кардам ва аз ҷамеи тақсироти шумоён даргузаштам – ва фармуд:

– Одамизодро биёред!

Дарҳол Ҳотамро дар назди шоҳ оварданд. Шоҳ ба ҷониби Ҳотам нигоҳ карда дид, ки ачоиб одамизоде: рӯй ба монанди офтоби ховар, аз шаъшаи ҷамолаш олами зулмоний мунаввар, дар синни бисту дусолагӣ, акнун хати райҳоний ба гирди орази чун моҳаш дамида. Дар дил гуфт, ки «ҳаҷ ба ҷониби духтари Муншо будааст, ки ошику фирефтаи ҷамоли ин шуда, аз сари ору номус гузаштааст.» – Ин гуфта Ҳотамро дар назди ҳуд талабида биншонд ва гуфт:

– Эй одамизод, ба кадом сабаб дар ин мамлакати мо афтодай? Аз саргузашти ҳуд ба ман чизе бигӯ.

Ҳотам гуфт:

– Авсофи шумову ачоиботи мамлакати шуморо аз Фурқосшоҳ шунида будам. Орзуи дидани ҷамоли шумо бар ман ғолиб шуд. Бинобар он худро ба ҳазор машаққат дар ин ҷо расонидам.

Шоҳ гуфт:

– Эй барно, туро дар ҳадди мулки мо кӣ расонид?

Ҳотам гуфт:

– Нӯкарони Фурқосшоҳ.

Моҳпарӣ боз гуфт:

– Эй одамӣ, ҳеч медонӣ, ки миёни банни одам табиби ҳозику доно ҳаст ё не?

Ҳотам гуфт:

– Шоҳро ба ҳаким чӣ кор? Магар дар миёни париён ҳакими донову ҳозиқ камтар аст?

Шоҳ гуфт:

– Шарофату каромат ва доноиро Худо бар ҷинси одамӣ арзонӣ фармудааст ва аз одамӣ донотар синфе дар миёнаи махлуқот нест, чунончи деву парию ҷинро дар қайди тасхири ҳуд мекунанд.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, аз ин пурсидан матлаб чист?

Шоҳ гуфт:

– Эй одамӣ, дар тамомии ҳашаму шавкати ҳуд маро як писарест, дар ҳусну ҷамол бебадал. Аммо дар чашми ӯ обила пайдо шуда, чашмҳои ӯ аз дидан бозмондааст ва ба ҳеч илоҷ чашмҳои ӯ кушода намешавад.

Ҳотам гуфт:

---

[1] Муоф – афв.

– Эй шоҳ, агар шоҳзодаро чашм кушода шавад, бар банда чӣ инъом хоҳанд кард?

Шоҳ гуфт:

– Эй азиз, ҳарчи ту хоҳӣ онро бидиҳам.

Ҳотам гуфт:

– Ба шарте, ки ахду паймон кунанд ва аз қавли худ нагарданд, иншоаллоҳ ман ӯро илоҷ хоҳам кард.

Дарҳол шоҳ даст дароз карда дасти Ҳотамро бигирифт ва гуфт:

– Агар ман аз қавли худ баргардам, ба Худои оламиён банда набуда бошам ва Худои таоло аз ман безор бошад ва ман аз ҷумлаи иблисон бошам.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, фардо дар илоҷи ӯ хоҳам кӯшид.

Чун шаб гузашт, алассабоҳ шоҳзодаро оварда бар болои тахт бинишонданд. Дарҳол Ҳотам мӯҳраи паризодро аз ҷайби худ баровард ва ба луоби даҳони худ соида, ба чашмҳои шоҳзода молид. Баъд аз як рӯз обила аз чашмҳои шаҳзода дур шуда аз омоси он ҳеч асаре боқӣ намонд.

Аммо нур ба чашмҳои шаҳзода пайдо нашуд, ки чизеро бубинад.

Шоҳ гуфт:

– Эй инсони некӯкор, чашмҳои шаҳзода сиҳат ёфта, омоси обила аз чашмҳои ӯ дур шуд, аммо чизеро намебинад.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, дар пардаи зулмот дарахтест ва он дарахтро нуррез мегӯянд. Агар аз он дарахт оварда, дар чашми шаҳзода чаконем, чашмҳои шаҳзода равшану мунаввар хоҳанд шуд.

Шоҳ гуфт:

– Эй париён, касе дар миёни шумоён бошад, ки ин хизматро ба ҷо орад?

Ҳамаи париён сар дар пеш андохта гуфтанд:

– Эй шоҳ, ҳеч кадоми моёнро ҳади он нест, ки рафта аз он дарахт қатраи об биёрем. Бинобар он ки роҳ зиёда пурхатар аст ва наррадевон дар роҳи он хобидаанд, ки оламро зеру забар мекунанд ва бӯи онҳо ба димоғи ҳар ҷондоре бирасад, аз ҳуш бехуш мешавад.

Ҳуснопарӣ ба монанди бандиён дар гӯшае истода буд. Дид, ки ҳамаи париён аз овардани оби дарахти нуррез оҷиз омаданд, дарҳол дар пеши тахти шоҳ омада истода шуд ва гуфт:

– Эй шоҳ, агар аз тақсироти ин шикаста даргузаранд ва ин одамизодро бо ин камина бахшанд, рафта об аз пардаи зулмот хоҳам овард.

Шоҳ гуфт:

– Эй Ҳусно, агар ин хизматро ба ҷо орӣ аз тамомии тақсироти ту даргузаштам ва он сарҳадро ба падару модари ту бахшидам, аммо ихтиёри одамизод бар ман нест ва худи ӯ мухтор аст.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, агар ӯ дар тамомии умр маро дар назди худ нигоҳ дорад, маро қавли ӯ дуруст нест. Аммо дар ҳузури шоҳ ахду паймон намояд, ки ихтиёр ба дасти ман бошад, хоҳ бинистам ва хоҳе биравам.

Хусноғарӣ гуфт:

– Маро бо ту кори дигар нест, мехоҳам, ки чанд рӯзе дар сӯҳбати ман бошӣ, туро серии боргбат бубинам ва чои худро ба ман бинамоӣ, ҳар гоҳе ки хоҳам, ба хизмати ту бирасам ва аз ман рӯй нагардонӣ ва бокӣ ихтиёр мар турост.

Ҳотам гуфт:

– Эй Хусно, ин ҳама суханҳои ту мақбули ман шуд. Боид, ки рафта об аз он дарахт биёрӣ.

Хусноғарӣ аз завки Ҳотам бо ҳамроҳии ҳафт ҳазор парӣ ба чониби пардаи зулмот равона шуд. Дар аснои роҳ ҳамаи париён аз тарси девон аз Хусноғарӣ як-як чудо шуда монданд. Худи ӯ яккаву танҳо дар миёни замину осмон муддати чиҳил шабу рӯз дар парвоз буд.

Алкисса, баъд аз чиҳил шабу рӯз дохили пардаи зулмот шуда дид, ки дарахти азиме сар ба фалак кашида ва қатра-қатра об аз танаи он мерезад. Шишаеро аз багали дилсӯзи худ бароварда, дар баробари он об дошта буд, ки баъд аз лаҳзае он шиша аз он об пур шуд. Даҳони шишаро мустаҳкам карда, дар багал эндохта, дар парвоз даромад.

Деви Ҳалкос, ки бо дувоздаҳ ҳазор дев нигаҳбони он дарахт буд, аз кардаву кирдори Хусноғарӣ хабардор шуда дид, ки паризоде об аз дарахти нуррез бурда истодааст. Дарҳол бо дувоздаҳ ҳазор дев аз таоқуби Хусноғарӣ пеш карда мехост, ки расида Хусноғариро дастгир созад.

Хусноғарӣ дар гурез шуд.

Алкисса, девон миқдори чаҳор фарсанг роҳ пеш карда расида натавонистанд ва аз рӯи ночорӣ аз он чо бозгаштанд.

Хусноғарӣ баъд аз чиҳил рӯз ба хизмати шоҳ ва Ҳотам худро расонид ва ҳаман саргузаштҳои худро як-як баён намуда, шишаи обро дар пеши подшоҳ гузошт.

Шоҳ Хусноғариро дар канор гирифта навозиш кард, аз чумлаи мукаррабон ва хосони худ гардонид. Дарҳол шишаи обро ба дасти Ҳотам дод. Ҳотам мӯҳраро бо он оби шиша соида, дар чашми шаҳзода кашид ва муддати ҳафт рӯз чашми шаҳзодаро баста монд. Баъд аз ҳафт рӯз кушода диданд, ки ба сабаби он мӯҳра ва он об чашми шаҳзода равшану мунаввар гаштааст, гӯё, ки аз модар нав таваллуд шуда бошад.

Дарҳол шаҳзода рӯи падару модарро бидид ва аз чойи худ барҳост ва дар зери қадами падару модар афтода заминбӯсӣ кард.

Шоҳ шаҳри худро оинабандӣ фармуд. Мулозимон ба фармоиши шоҳ шаҳрро оинабандӣ карданд.

Моҳпарӣ аз каламрави худ тамоми паризодонро талабида ва чашни ачибе ороста, ба аркони давлати худ фармуд, ки минбаъд одамизоде дар ин мамлакат оид, ҳеч аҳадеро бо ӯ коре набошад ва ҳар орзуе дар дили ӯ бошад, бигӯяд, ӯро хизмат кунанд.

Муддати чиҳил рӯз ба рӯи Ҳотам чашне ороста, хушҳол гардонид. Баъд аз фароғи сӯҳбат чандон зару чавоҳири беқиёс оварда дар назди Ҳотам гузоштанд, ки ба ҳисоб рост намеояд.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, ин зару чавоҳирҳо маро чӣ кор ояд. Магар маро ба кор ояд дар он вақт ки ба ҳадди ҳоки Фурқос расонида бидиҳанд ва Фурқосшоҳ ин зарҳову чавоҳирҳоро ба макони ман хоҳад расонид.

Моҳпарӣ мулозимони худро фармуд, ки ҳар гоҳ одамизод ба чониби ватани худ ирода орад, бояд шумоён ин ҳама зару чавоҳирҳоро то ҳадди мулки Фурқосшоҳ расонида бидиҳед.

Мулозимон гуфтанд:

– Фармонбардорем!

Ҳотам боз гуфт:

– Эй шоҳ, ин ҳама зару чавоҳирҳоро ба завқи худ мархамат кардед ва он аҳду паймоне, ки карда будед дар кучо шуд?

Шоҳ гуфт:

– Ҳар чӣ муроди ту бошад, ба он расонам.

Ҳотам гуфт:

– Мӯҳрае дар дасти туст, ба ман марҳамат намой.

Подшоҳ сари худро дар пеш афканда, баъд аз соате сар бардошта гуфт:

– Магар ин мӯҳраро духтари Ҳориси бозаргон талабидааст?

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, ман низ бо он духтар аҳду паймон карда будам.

Дарҳол мӯҳраро аз дасти худ бароварда, ба Ҳотам дод ва гуфт:

– Эй азиз, агар ин мӯҳраро ба духтари бозаргон бидиҳӣ, ба дасти ӯ нахоҳем гузошт.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, бигузор то ҳангоме ки ошики толиб ба муроди худ расида, мақсуд ба даст орад.

Шоҳ гуфт:

– Ошики ӯ кист?

Ҳотам ҳақиқати Наими бозаргонро дар назди шоҳ як-як баён намуд.

Шоҳ мутааҷҷиб шуда гуфт:

– Ту ошики ӯ нестӣ?

Ҳотам гуфт:

– Не, ин ҳама корҳоро аз барои ӯ кардаам.

Шоҳ гуфт:

– Эй бузурги асил, номи ту чист?

Ҳотам гуфт:

– Номи ман Ҳотам ибни Тай, подшоҳзодаи Яманам.

Шоҳ ба таҳқиқ номи Ҳотамро шунида, бо узри бисёре гуфт, ки агар тақсире аз ман гузашта бошад, даргузарӣ ва маоф намой.

Ҳотам мӯҳраро ба бозуи худ барбаст.

Ҳамин ки мӯҳраро ба даст гирифта буд, ганҷҳои зеризамини ҳама ба назараш бинамуд

Алқисса, Ҳотам аз шоҳ рухсат гирифта, ба чониби духтар равона шуд.

Шоҳ маа арконии давлат миқдори се манзил рох бо Ҳотам ҳамрохӣ кард.

Баъд аз он мулозимонро фармуд ва гуфт:

– Эй мулозимон, ин ҳама зару чавоҳирро бардошта, ин бузургро ба ҳадди мулки Фуркос расонед ва дар айни гаштан ба ин чониб хати расид аз ин одамизод гирифта биёред.

Мулозимон гуфтанд:

– Фармонбардорем.

Ин бигуфта шоҳ бо Ҳотам видоъ намуда, ба чониби боргоҳи худ бозгашт.

Ҳотам маа Ҳуснопарӣ ва чанде аз мулозимони Моҳпарӣ манзилу марохил тай карда роҳ мегаштанд.

Баъд аз чанд вакт ба карибии макоми Ҳуснопарӣ расиданд.

Ҳуснопарӣ Ҳотамро ба макони худ таклиф намуд.

Ҳотам муддати се моҳро дар макоми Ҳуснопарӣ ба айшу ишрат гузаронид.

Баъд аз се моҳ Ҳотам аз Ҳусно рухсат хост.

Ҳуснопарӣ маа паризодон ба Ҳотам рафоқат намуд, то он вакте ки ба сарҳадди Фуркосдев расиданд.

Баъд аз он паризодон маа Ҳуснопарӣ бо ҳазор ҳасрату надомат бо Ҳотам видоъ карда, ба чониби макоми худҳо бозгаштанд.

Фуркосшоҳ аз омадани Ҳотам вокиф шуда, маа аркони давлат Ҳотамро истиқбол карда, дар шаҳри худ даровард ва мехмондорихои ачибе барои Ҳотам намуд. Баъд аз чанд вакт Ҳотам аз шоҳ рухсат хост.

Дарҳол Фуркосшоҳ чанде аз девонро фармуд, ки:

– Эй девон, боял, ки ин азизро ба Шаҳри Шӯр расонида дар бозгашт хати расид аз ин бузург гирифта биёред.

Девон гуфтанд:

– Фармонбардорем!

Алкисса, девон ҳамаи хазоинро маа Ҳотам бардошта, катъи манзилу тайи марохил карда, баъд аз чанд вакт бар сари он накб оварда гузоштанд.

Ҳотам аз кисаи худ каламу давот бароварда, хати расид навишта, ба дасти девон дод.

Девон бо Ҳотам видоъ карда, хатро гирифта ва ба чониби макони худҳо бозгаштанд.

Ҳотам ҳамаи он зарҳоро гирифта, дар корвонсаро дохил шуда, бо Наими бозаргон мулокот кард.

Дарҳол бозаргон аз ҷойи худ барҳоста, дар зери кадами Ҳотам афтод. Ҳотам бозаргонро дар канори худ гирифта тасаллӣ дод ва гуфт:

– Эй бозаргон, ин ҳама чавоҳиру зарҳоро ба ту бахшидам.

Бозаргон хушҳол шуд.

Алкисса, шабро дар он ҷо гузаронид. Алассабоҳ ба дари касри духтар омад. Мулозимон ба духтар омадани Ҳотамро расониданд.

Духтар парда ба рӯи худ кашида, Ҳотамро андарун талабида ахвол пурсид.

Ҳотам ҳамаи саргузашти худро дар пеши духтар як-як баён намуд. Мӯҳраро аз бозуи худ кушода дар пеши духтар ниҳод ва гуфт:

– Эй оламсӯз, акнун чӣ матлаб дорӣ?

Духтар гуфт:

– Алҳол азони ту шудам, ҳар чӣ хоҳӣ бикун ва ба ҳар кӣ хоҳӣ бидеҳ.

Дарҳол падари духтарро оварда, ба асбоби кадхудой машғул шуданд.

Билохир ҳамаи лавозимоти кадхудоиро ба чо оварда, духтарро ба бозаргон акд карда супориданд.

Бозаргон дар шабистони духтар даромада коми дил ҳосил кард.

Алқисса, баъд аз гузаштани даҳ рӯз он мӯҳра аз дасти духтар ғоиб шуд, духтар дар гиря даромад.

Ҳотам шунида боз омад, духтарро дилосой дод ва гуфт:

– Эй духтар, чаро ғам мехӯрӣ, он ҳама зару ҷавоҳир ва матоъ ба шавҳари ту додаам, ки агар ҳафт пушти ту бихӯрад, адо нахоҳад шуд. Агар қабул надорӣ, бубин ҳамаи зару ҷавоҳирҳоро.

Дарҳол ҳамаи он зару ҷавоҳирҳоро оварда, дар пеши духтар биниҳоданд.

Духтар дид, ки ҳафтод пушти ӯ бихӯрад, адо нахоҳад шуд, аз гиря бозистод.

Баъд аз он Ҳотам бо эшон видоъ карда, ба талаби ҷавоби саволи малика Ҳуснбону рӯй ба саҳро ниҳода мерафт. Ногоҳ ба лаби дарё расида дид, ки иморати олие ороста ва музайян. Дар пештоқи қасри он навиштаанд, ки:

Ту некӣ мекуну дар дачла андоз,
Ки Эзид дар биёбонат диҳад боз.

Алқисса, Ҳотам дидан ҳамоно шукри Худои оламиёнро ба ҷо овард ва гуфт: «Алҳамдулиллоҳ, ба матлаби хеш восил шудам.» – Наздиқ рафта, аз дарвозаи он қаср садо карда буд, ки дарҳол чанде аз мулозимон баромада пурсиданд, ки:

– Кистӣ ва аз кучо омадӣ ва ба кӣ кор дорӣ?

Ҳотам гуфт:

– Ба хидматгории шумоён кор дорам.

Дарҳол мулозимон рафта гуфтанд:

– Эй бузург, ҷавони хушрӯи соҳибҷамол аз роҳи дур омада ва ба дари қаср истодааст.

Он бузург гуфт:

– Андарун биёред!

Дарзамон мулозимон Ҳотамро андарун бурданд.

Ҳотам наздиқ рафта дид, ки марди куҳансоле бар болои тахти мурассаъ нишастааст. Дарсоат таслим ва одоб ба ҷо оварда, ба он пир салом кард. Ва он бузург ҷавобаш салом дода, аз ҷойи худ барҳост ва Ҳотамро дар канор гирифта, бар сари тахти мурассаъ бинишонд. Рӯ ба ҷониби мулозимон назар карда гуфт:

– Обу таом биёред!

Дарҳол мулозимон чандин қисм таом оварда, дар пеши Ҳотам гузоштанд.

Он пири бузург бо ҳамроҳии Ҳотам ба хӯрдани таом машғул шуд. Баъд аз фароғи таом он бузург аз Ҳотам пурсид, ки:

– Эй ҷавон, чӣ ном дорӣ ва аз кучо омадӣ, ба кучо меравӣ ва сабаби омадани ту дар ин мақом чист?

Ҳотам гуфт:

– Эй пир, ман аз шаҳри Яманам ва номи ман Ҳотам ибни Тай ибни Каҳлон аст ва дар мулки Хуросон бозаргоне будааст Хоҷа Барзах ном ва ӯро малакаи Ҳусибону ном духтарест ва он духтар дар назди шаҳри Хуросон шаҳре бино карда ва худи ӯ бағоят соҳибҷамол ва босаҳоват аст.

Ҳотам ҳамаи қиссаи духтару шаҳзода ва саргузашти ҳудро дар пеши пир як-як баён намуд ва гуфт:

– Эй азиз, нишони як саволи онро дар қасри шумо ёфтам.

Пир гуфт:

– Эй ҷавон, бигӯ, ӯ кадом аст?

Ҳотам гуфт:

– Эй пир, бишнавед:

Ту некӣ мекуну дар дачла андоз,
Ки Эзид дар биёбонат диҳад боз.

Ва гуфт:

– Эй азиз, мехоҳам, ки ҳақиқати ин гуфтори дилсӯзро бар ман гӯед.

Пир гуфт:

– Эй Ҳотам, бидон ва огоҳ бош, ман дар ин олам марди роҳзан будам. Чун молу матои тоҷирон ва мусофиронро ба зӯр мегирифтам, дар рӯз ду нон аз моли дуздии худ пухта ба моҳиёни дарё меандохтам ва моҳиёни дарёро тамошо мекардам ва гоҳ дар дили худ мегуфтам, ки: «ин ҳама нонҳоро ба ин моҳиён аз барои Худо додаам, ҷазои ин кори ман чӣ мешуда бошад?» Рӯзе аз казои Илоҳӣ озоре дар бадани ман пайдо шуда, аҳволам ба ҷое расид, ки ҷони ширин ба ҷонофарин таслим намоям. Охируламр ҷон аз қолибам кашиданд. Муваккалони дӯзах хостанд, ки маро ба дӯзах гузаронанд. Ду ҷавони фариштаҳӯй дасти маро гирифта аз дӯзах баровардаанд. Муваккалон хостанд, ки боз маро ба дӯзах андозанд, он ду ҷавон гуфтанд:

– Ҷойи ин дар биҳишт аст.– Ва ҳар дуи эшон дасти маро гирифта ба дарвозаи ҷаннат бардаанд ва дар он ҳин азизе пайдо шуда омада гуфтанд, ки:

– Эй ҷавонон, ҷаро инро дар ин маҳом овардед. Аз умри ин ҳанӯз сад сол бокист. Дар ин ҷо меомадагӣ кас дигар аст, ӯро биёред ва инро бурда дар ҷояш гузоред.

Дарҳол аз он ду ҷавон пурсидам, ки:

– Эй ҷавонон, шумоён киёнед, маро аз дӯзах халос карда дар биҳишти анбарсиришт ҷоям додед?

Он ду ҷавон гуфтанд:

– Моён ду ионе, ки ба моҳиёни дарё андохта эҳсон мекардӣ.

– Чун ба ҳуш омадам, худро тандурусту сиҳат дидам ва шукри Худои оламиёнро ба ҷо овардам ва аз ҳамаи кирдору корҳои бади худ тавба кардам ва аз он рӯз то ба имрӯз ин касрро бино карда дар пештоқ ин байтро навишта мондаам, ки чизеро ба дарё андохтан фоидаи укбо[1] будааст.

Ва гуфт:

– Эй ҷавон, мурдан ҳақ аст ва маънии ин байт чунин ва чунон буд, ки баён кардам.

[1] Укбо – охират.

Ва он пир Ҳотамро се рӯз нигоҳ дошт. Баъд аз се рӯз Ҳотам аз пир рухсат гирифта, ба ҷониби Ҳуснобод роҳӣ шуд. Манзилу мароҳил тай карда, ба Ҳуснобод даррасид ва дар корвонсаро рафта, ба шаҳзода мулоқот намуд.

Чун рӯз гузашта шаб шуд, ҳамаи саргузашти худро дар назди шаҳзода як-як баён намуд.

Алқисса, шаб гузашт, офтоби ҷаҳонтоб дар ин олами зулмонӣ тулӯъ карда буд, ки мулозимон омада, Ҳотамро дар назди маликаи оламсӯз бурданд.

Малика парда ба рӯи худ кашида гуфт:

– Эй мулозимон, чизе хӯрданӣ дар пеши Ҳотам гузоред.

Дарҳол ходимон чандин қисм таом оварда, дар назди Ҳотам гузоштанд. Ҳотам тановулкунон аз аҷоиботу ғароибот ба малика ҳикоят мекард.

Алқисса, баъд аз фароғи таом ҳақиқати он саволи худро аз Ҳотам пурсид. Ҳақиқати он саволро Ҳотам ба маликаи дилором баён намуд.

Малика ва лоя таҳсину офаринҳо карданд ва мегуфтанд, ки:

– Ин ҷавон малоикасифат афтодааст, ҳар чӣ мегӯяд, рост мегӯяд.

Малика гуфт:

– Эй Ҳотам, чанд рӯзе дар ин ҷо ором гир, то ки кӯфти роҳ аз ту дур шавад. Баъд аз он саволи сеюмро бар ту хоҳам гуфт.

Дарҳол Ҳотам аз хизмати духтар баромада, дар пеши шаҳзода омад ва гуфт:

– Эй шаҳзода, хотири худро ҷамъ доред, ки оқибати кори шуморо ба инояти Аллоҳ саранҷом хоҳам намуд.

Алқисса, баъд аз чанд рӯз Ҳотам ба хизмати малика омаду гуфт:

– Эй малика, саволи сеюми худро бигӯй.

Малика гуфт:

– Эй Ҳотам, саволи сеюм ин ки дар биёбони Ҳумро марде мегӯяд, ки:

Ҳар кӣ бадӣ кард ба бад ёр шуд,
Ҳам ба бади хеш гирифтор шуд.

Бояд, ки аз ҳақиқати ин сухан маро огоҳ гардонӣ.

САФАРИ САВВУМ

Ҳотам аз духтар рухсат гирифта, ба ҷониби биёбони Ҳумро роҳӣ шуд ва намедонист, ки биёбони Ҳумро ба кадом тараф аст. Таваккал карда мерафт ва суроғи он ҷоро мепурсид. Ҳеч кас хабари биёбони Ҳумроро намедонист.

Алқисса, баъд аз як моҳ ба ҷое расида дид, ки кӯҳи бузурге сар ба фалак кашида. Аз болои он кӯҳ овозе меояд, пуршӯру дилсӯз:

Биё, биё, ки намондаст тоби маҳҷурӣ,
Кашидаем басе дардҳои ранҷурӣ.
Биё, илочи ман инак бикун, ки аз сари меҳр,
Ғаме, ки ҳаст ба ман, нест завқи масрурӣ.

Алқисса, Ҳотам бар болои он кӯҳ баромада дид, ки дар зери дарахте як ҷавони соҳибҷамол бо тани логар ва заифу шохи он дарахтро ба ду даст гирифта ва чашмҳои худро пӯшонида ҳамон мисраъҳоро мехонад.

Ҳотам мутаҳайир шуд ва дар пеши ӯ рафта пурсид, ки:

– Эй чавон, аз ин оҳи дилсӯзи ҳуд ба ман чизе бигӯй.

Он чавон ҳеч нагуфт ва чашми ҳудро ҳам накушод. Ва ба ҳондани он рубой мукайид буд.

Ҳотам гуфт:

– Эй чавон, чаро чашм намекушой ва бо ман сухан намекуний?

Ӯ чашми ҳудро кушода дид, ки як чавон омада нишастааст. Ва ӯ матлуб набуда. Боз чашм пӯшонида ҳеч нагуфт ва ба кори ҳуд машғул шуд.

Ҳотам боз гуфт:

– Эй чавон, магар гӯши шунаво надорй? Се маротиб аст, ки ахвол мепурсам, чавоб наметӯй!

Дарҳамон он чавон чашми ҳудро кушода гуфт:

– Эй азиз, чй ном дорй ва аз кучо омадй ва аз мани аламзада чй мепурсй? Бояд, ки бархезй ва ба роҳи омадан ҳуд биравй.

Ҳотам гуфт:

– Эй чавон, саргузашт ва муроди ҳудро ба ман бигӯй, шояд, ки мушкили ту аз дасти ман осон шавад.

Он чавон гуфт:

– Эй бузург, мисли ту касони бисёр дар ин ҷо омада аҳволпурсй карда рафтанд ва бозгашта наёмаданд ва ту ҳам яке аз онҳой. Бархез ва ба роҳи омадан ҳуд бирав ва маро ранча мадор.

Ҳотам боз гуфт:

– Эй чавон, ба ҳаки он Худое, ки марову туро офаридааст, аз аҳволи ҳуд ба ман чизе бигӯй, то маро орзу дар дил намонад.

Он чавон гуфт:

– Эй азиз, соате дар пеш бинишин ва аз рози дилсӯзи ҳуд ба ту чизе бигӯям.

Ҳотам бинишаст.

Он чавон гуфт:

– Эй азиз, ман марди савдогаре будам, бо ҳамроҳии кофила аз зери ин кӯҳ мегузаштам. Маро ҳаваси дидани куллаи кӯҳ ба хотир афтод. Чун наздики ин дарахт расидам, дидам, ки нозанине рӯй ба монанди панчаи офтоб дар зери ин дарахт нишастааст. Дарҳол тири ишки он нозанин дар чигари реши ман расида чой гирифт ва аз ҳуш рафта, дар ин маком афтодам.

Байт:

Дидам туро, зи даст бирафт ихтиёри дил,
Оре, зи дасти дила харобаст кори дил.

Алкисса, баъд аз соате чашм кушода дидам, ки он моҳрӯй сари маро бар болои зонуи ҳуд нихода, гулобу атр бар рӯи ман мезанад. Аз ин марҳамати он махрӯй шӯриши дили ман ҳазорон ҳазор зиёда шуд ва аз чои ҳуд барҳоста гуфтам:

– Эй оламсӯз, дар ин маком бо кадом сабаб омадай ва аз кадом синфй?

Он нозанин гуфт:

– Эй чавон, билон ва огоҳ бош, ман париям ва ин куллаи кӯҳ макони ман аст.

Боз гуфт:

– Чун ту одамизодеро мехостам. Солҳои сол орзу дар дил доштам. Имрӯз ба он орзу расидам.

Аз ин сӯзи дилсӯзи он моҳрӯй молу матоъ ва кофиларо фаромӯш карда, бо ҳамроҳии ӯ дар ин маком будам. Баъд аз чанд рӯз ба ӯ гуфтам:

– Эй барно, дар ин биёбон будан чӣ фоида дорад. Бояд, ки ба сӯдӣ рафта, дар миёни мардумон умр ба сар барем.

Он дилбар гуфт:

– Хуб аст, аммо рухсати падару модар даркор аст.

Ин бигуфта аз ҷойи худ бархост ва ба хизмати падару модараш озим шуд.

Боз гуфтам:

– Эй нозанин, кай хоҳӣ омадан?

Ӯ гуфт:

– Баъд аз як ҳафта дар ин ҷо хоҳам расид ва ту аз ин ҷо ба ҷойи дигар наравӣ ва дар ин макон мунтазир ба омадани ман бошӣ.

Ман гуфтам:

– Некӯ бошад.

Акнун аз он замон то ба ин ҳафт сол гузашта меравад, ҳеч нест, ки биёяд. Ман ба ҷое рафта наметавонам, мабодо ки биёяд, маро аз ин макон наёбад ва аз ман ранҷа шавад.

Акнун, эй азиз, маро тоқат намондааст, ки аз пайи ӯ рафта нишон ва асар аз ӯ биёбам. Ба қуввати ман барги ҳамин дарахт сабаб шуд. Об аз ин чашма менӯшам. Акнун ба ҳоли худ назар месозам, осмон баланду замин сахт. Чун ту касони бисёре омада аҳволпурсӣ карда рафтанд, гашта наёмаданд. Сабаб ин буд, ки бо ту такаллум накардам.

Ҳотам гуфт:

– Эй ҷавон, чӣ ном дорӣ?

Ҷавон гуфт:

– Тамими Хоразмист номи ман.

Ҳотам боз гуфт:

– Он парӣ номи худ ва қабоили худ ва макони худро гуфта бӯд ё не?

Ҷавон гуфт:

– Эй азиз, номи ӯ Алқанпарӣ ва қабоили ӯ Алқон аст ва аз макони ӯ намедонам, аммо ба ҷониби рост чанд қадам ниҳода буд.

Байт:

Ғоиб ту ҳастӣ аз назар, гулро тамошо чун кунам?
Чун лола дог аст дар чигар, гулгашти саҳро чун кунам?

Алқисса, Ҳотам гуфт:

– Эй ҷавон, ту ба кори худ машғул бош ва маро мисли дигарон мапиндор. Ман низ молу ҷони худро дар роҳи Худо бохтаам ва ба кори бандагони Ӯ чон фидо месозам. Инак, аз пайи маъшуқаи ту рафтам ва ту дар ин макон бошӣ.

Тамими Хоразмӣ гуфт:

– Некӯ бошад.

Алқисса, Ҳотам аз Тамими Хоразмӣ чудо шуда, ба ҳамон тарафе, ки парӣ рафта буд, роҳӣ шуд. Баъд аз чанд вақт аз куллаи ин кӯҳ гузашта, ба куллаи

кӯхи дигаре баромада дид, ки дарахтони бисёр сар ба фалак кашида ва дар миёни он дарахтон суффае ороста ва музайян. Бар болои он суффа баромада бинишаст. Баъд аз соате аз кӯлвори худ кулчарезае бароварда, ба кадри иштиҳо тановул намуда, ба хоби фарогат мукайяд шуд.

Ҳангоми шом буд, ки чаҳор паризоди мохрӯй омада диданд, ки бар болои суфа одамизоде хобидааст.

Ҳамаи эшон бар сари болини Ҳотам бинишастанд. Баъд аз чаҳор соат Ҳотам аз хоб бедор шуда дид, ки чаҳор паризоди офтобталъат бар болои маснадҳо рӯ ба рӯи ӯ нишастаанд. Дарҳол аз ҷойи худ барҳост ва бо он нозанинон салом кард. Паризодон чавоби салом дода пурсиданд, ки:

– Эй одамизод, дар ин ҷо чӣ гуна расидӣ ва ба кадом матлаб дар ин маком омадӣ?

Ҳотам гуфт:

– Эй нозанинон, маро дар ин ҷо Худованди олам оварда ва ман барои Алқанпарӣ ба кӯхи Алқон меравам. Паризодон гуфтанд:

– Алқанпарӣ духтари подшоҳи париёни кӯхи Алқон аст.

Ҳотам гуфт:

– Эй нозанинон, Тамими Хоразмӣ ном чавонеро ба худ гирифтор карда, ваъдаи васл дода рафтааст.

Паризодон гуфтанд:

– Ӯро чӣ афтодааст, ки ба одамизод ваъдаи висол дихад. Магар туро ҳуш рафтааст, ки ба ин роҳи пурбалову офат меравӣ? Агар ҳазор ҷон туро бувад, якеро нахоҳанд гузошт.

Ҳотам гуфт:

– Эй чаҳонсӯзон, алҳол бо ин бечора ваъда карда омадаам. Ҳар чӣ пеш ояд, хоҳам дид, банда ба ҳеч кас хилофи ваъда накардаам.

Париён гуфтанд:

– Эй одамизод, боят, ки чанд рӯз бо моён дар ин маком мусоҳиб бошӣ. Баъд аз он ба ту роҳи кӯхи Алқонро менамоем.

Ҳотам гуфт:

– Некӯ бошад.

Ҳотам чанд рӯзро дар ин маком бо паризодон ба айшу ишрат гузаронида гуфт:

– Эй паризодон, боят, ки факирро ба кӯхи Алқон расонед.

Паризодон гуфтанд:

– Хуб аст.

Алқисса, ҳамаи он паризодон бо ҳамроҳии Ҳотам ҳафт шабонарӯз ба тарафи кӯхи Алқон роҳ рафтанд. Баъд аз ҳафт шабонарӯз ба ҷое расида гуфтанд, ки:

– Эй одамизод, акнун моёнро рухсат фармо, ки ҳадди моён дар ҳамин маком аст ва аз ин пештар рафтан моёнро ҳад нест.

Боз гуфтанд:

– Эй одамӣ, боят, ки аз ин роҳи рост набарой. Баъд аз чанд рӯз ба доманаи кӯҳе хоҳӣ расид.

Ҳотам бо паризодон видоъ карда, ба тарафи кӯҳи Алқон равона шуд. Ба ҷое расида ду роҳ дид ва бар сари он дуроҳа қарор гирифт. Посе аз шаб гузашта буд, ки аз як ҷониби биёбон овози гиряву нола меояд. Дар дил гуфт: «Эй Ҳотам, чун камари хизмат ба роҳи Худо бастай, аз сохиби ин овоз хабар бигир, шояд, ки кори он бечора аз дасти ту барояд.»

Дарҳол аз ҷойи худ бархоста, ба ҷониби он овоз равона шуд. Шаби панҷум қариби саҳар буд, ки аз пайи он овоз ба сари манзиле расид. Дид, ки ҷавони соҳибҷамол сару по барахна зор-зор чун абри навбаҳор гиряву нола мекунад ва ҳар замон оҳи сард аз ҷигари пурдард мекашад. Тараҳҳум бар ҳоли ӯ карда пурсид, ки:

– Эй ҷавон, чаро ин ҳама нолаву зорӣ мекунӣ?

Он ҷавон ҳеч дам нозада, ба гиряи худ машғул шуд.

Ҳотам боз гуфт:

– Эй ҷавон, бигӯ чӣ матлаб дорӣ?

Он ҷавон гуфт:

– Эй азиз, аз ман чӣ пурсӣ? Ман марде сипоҳӣ будам. Барои коре аз шаҳр баромада роҳ гум карда ба ҳукми қазову қадар гузорам ба сарманзиле афтода дидам, ки аҷаб манзиле ороста. Дар ин ҳин шахсе маро мулоқӣ шуд. Аз он шахс пурсидам:

– Ин маконро чӣ ном аст ва волии ин макон кист?

Он шахс гуфт:

– Волии ин маконро Мусаххари ҷоду мегӯянд.

Тарсида аз он ҷо дуртар рафтам. Ба чое расида дидам, ки боғе олӣ. Ба дидани ин боғ маро дил моил шуд, наздик расида, аз асп фуруд омадам ва дар он боғ даромадам. Чанд қадам роҳ рафта будам, ки парирӯёни соҳибҷамол бинамуданд. Донистам, ки ин боғ аз они париён аст. Дарҳол аз он ҷо муроҷиат намудам.

Иттифоқо, яке аз эшон маро диду гуфт:

– Эй одамизод, ба кучо меравӣ, баргард!

Ҳангоме ки назарам афтод, мадҳуш шудам, аз нова гурехта ба новадон гирифтор шудам. Баъд аз соате ба ҳуш омадам, дасти маро гирифта, бар болои маснад дар назди худ бинишонд ва ба нозу карашма дилу ҳуш аз ман даррабуд ва ман ба сурати ӯ назаркунон мутаҳайир будам ва ӯ ба ман овезон. Дар ин ҳин падари ӯ даррасид, чӯшону хурӯшон ба чандин газаб хост, ки аз гардани духтар гирифта ба замин занад ва устухони ӯ нарм-нарм шавад.

Духтар гуфт:

– Ё падар, банда бегуноҳам. Аввал маро гуноҳ собит кун, баъд аз он ҳар чӣ хоҳӣ бикун.

Дарҳол он духтарро ба замин ниход.

Дояи он духтар дар он маҳом ҳозир буд.

Ӯ гуфт:

– Эй бузург, раво надорем, ки кори бечо аз ин духтар ба вуқӯъ ояд, боиси харобии мову шумо шавад, аммо харфе дорем, мехоҳем ба шумо арза намоем.

Падари духтар гуфт:

– Бигӯ!

Дов гуфт:

– Филҳол маълум мешавад, ки ин духтар ба ҳади булуғ расида ва аз чабҳаи ин чавон осори бузургӣ зоҳир мешавад ва аз рӯи шарму ҳаё ҳанӯз сухан нагуфтааст ва соҳиби ҳилму тамкин будааст ва муносиби домод шудан дорад.

Дархол падари духтар гуфт:

– Ба се шарт ин чавонро ба домодӣ қабул дорам.

Аркони давлати худро ҷамъ карда, се шарт дар миён андохт:

– Яке аз он се ин, ки як ҷуфт чонвари парӣ ба ман биёрӣ; дуюм, мӯҳраи мори сурхро биёрӣ; сеюм, дар деги рангани ҷӯшон дарой.

Ман ҳамаи шартҳоро аз камоли рағбат ва муҳаббат қабул намудам ва аз барои ин ҳама матлаб дар ин чо ҳайрону саргардон нолаву зорӣ мекунам, ҳеч кас нест, ки ба доди ман бирасад ва мақсуди маро ҳосил созад. Ва новаки мижгони ӯ дар ҷигар халида, дар ин парраи биёбон ҳайронам. – Ҳама саргузашти худро як-як баён намуда ин байтро мехонд:

Ман худ нашудам ба даст бисмил,
Зад новаки ӯ ба пахлуи дил.
Саргаштэ шудам дар ин биёбон,
Аз ғамзаи ҷоду мебарад дил.

Алқисса, боз гуфт:

– Эй чавон, муддати ду сол аст, ки дар ин биёбон ба ин ғами бепоён гирифторам.

Ҳотам гуфт:

– Хотири худро ҷамъ дор, ҳама он шартҳоро ба ҷо оварда, туро ба он нозанин восил гардонам.

Дархол ба дили худ гуфт:«Ҷуфти чонвари парӣ дар дашти Мозандарон хоҳад буд на ба ҷойи дигар.»

Алқисса, бо он чавони нолону гирён видоъ карда, ба ҷониби Мозандарон роҳӣ шуд.

Қатъи манзилу тайи мароҳил карда, ба чое расида дид, ки шаҳри азиме. Девори калъаи он сар ба фалак кашида, хандақи амиқ ба гирдогирди ӯ кандаанд ва мардумони он ҳеман[1] бисёреро оташ карда нишастаанд. Ҳотам дар дил гуфт: «Сабаби инро бояд пурсид.»

Наздики он калъа рафта гуфт:

– Эй ёрон, сабаби оташ кардан чист?

Он мардумон гуфтанд:

– Эй чавон, балои азиме меояд ва ӯ аз оташ метарсад ва илло ҳамаи моёнро харобу нобуд мекунад.

Ҳотам гуфт:

– Ӯй кисм балост?

Он мардум дархол сурати он балоро кашида ба Ҳотам бинамуданд.

Ҳотам дида шиноҳт ва гуфт:

[1] Ҳема –кавуч.

– Ин балоро Саҳмнок мегӯянд, хашт по дораду ҳафт сар. Як сари ӯ монанди фил аст ва шаш сари дигари ӯ монанди сари шер аст ва он саре, ки ба монанди фил аст, дар миёна аст ва се чашм дорад.

Ва боз гуфт:

– Эй мардумон, хотири худҳоро ҷамъ доред. Имшаб ин балоро аз сари шумоён дур хоҳам кард, валекин тиру камони бакувват маро бидиҳед.

Дарҳол чунин карданд.

Ҳотам тиру камонро ба даст гирифта, мунтазири шаб шуда истод. Чун рӯз гузашт, шаб бар сари чанг даромада посе аз он гузашта буд, ки ҷонвари Саҳмнок бо ҳазорон шӯру гавғо кариб расида биистод. Баъд аз соате ба ҳар тараф медавид, садои фил ва гавғои шер аз даҳонҳои хеш мебароварад. Аз ҳамаи мардумони шаҳр фарёду афғон баромад. Ҳамаи эшон аз тарси он ҷонвар чун кӯраи симоб дар ларза буданд.

Ҳотам тирро дар чиллаи камон пайваста аз миёнаи ду чашми ӯ чунон зад, ки наъраи муҳиб аз ҷигар бароварда, ба замин афтод. Аз зӯри наъраи он замину замон ва макину макон ҳамчун барги бедон дар ларза даромад. Баъд аз соате он ҷонвар аз ҷои худ бархост ва дар гурез шуда, ба ҷониби биёбон бадар рафт.

Ҳотам низ ба шаҳр даромада, бо мардум мулоқот кард.

Мардумон гуфтанд:

– Эй ҷавон, аз он бало ту чӣ гуна халос шудӣ?

Ҳотам гуфт:

– Эй мардум, агар бовар надоред ҳамаи шумоён баромада, бар болои бом хоб равед. Агар шаб наёд, донед, ки сухани ман рост аст. Мардумон ҳамчунон карданд. Ҳамаи шаб гузашт, он бало наёмад. Алассабоҳ ҳамаи мардумон омада, дар зери кадами Ҳотам афтоданд ва зари бисёр оварда, ба Ҳотам доданд. Андак аз он зарҳо гирифта, бокии онро ба мискинон ва мӯҳтоҷон бахшид ва бо эшон видоъ карда, ба ҷониби Мозандарон роҳӣ шуд ва дар айни рох гаштан ба ҷое расида дид, ки як мори сиёҳ ва як мори сафед ҷанг карда истодаанд. Тамошокунон наздики он морон расида биистод.Не мори сиёҳро зафар, не мори сафедро хатар.

Баъд аз соате Ҳотам бонг бар морон зада гуфт, ки:

– Морон, чаро ҷанг мекунед?

Мори сафед гуфт:

– Эй одамизод, ин падари маро кушта буд, мехоҳам, ки хуни падари худро аз ин ситонам.

Мори сиёҳ гуфт:

– Ин хӯроки ман аст, мехоҳам, ки кушта бихӯрам.

Ҳотам гуфт:

– Эй мори сиёҳ, инро бигузор, ман худро ба ҷои ӯ медиҳам, ҳар чӣ хоҳӣ бикун.

Морон ин суханро аз Ҳотам шунида аз ҷанг бозистоданд.

Дарҳол мори сиёҳ гуят:

– Эй одамизод, бояд, ки гӯшти худро бо ман бидиҳӣ ва ба ваъдаи худ вафо намой, то ин ки аз оташи гуруснагӣ халос ёбам.

Ҳотам гуфт:

– Аз кучои бадани ман мехоҳӣ?

Мор гуфт:

– Аз рухсораи худ бидеҳ.

Дархол ханчар аз наём бароварда, мехост, ки ба рухсораи худ тег ронад, мори сиёҳ гуфт:

– Бош, эй одамизод, моён аз барои озмоиш ҳилате карда чунину чунон гуфта будем. Офарин бод бар ҳиммату саховати ту.

Ҳотам мутаҳайир шуда гуфт:

– Эй махлуқон, ин чӣ сир аст?

Мори сиёҳ гуфт:

– Эй барно, моён аз кавми ҳабашем ва падари инро кушта будам ва ба хоҳараш ошиқ шуда. Мехоҳам, ки инро низ кушта хоҳарашро бигирам.

Ҳотам гуфт:

– Ҳар ду аз як чинс будаед, чаро хоҳари худро ба мори сиёҳ намедиҳӣ?

Мори сафед гуфт:

– Эй азиз, ин ҳам хоҳаре дорад, ба ман бидиҳад, ман низ хоҳари худро ба ин медиҳам.

Ҳотам гуфт:

– Салоҳ ҳамин аст, ки хоҳарони худҳоро ба якдигар бидиҳед. Дар миёни шумоён дӯстӣ падид хоҳад омад.

Мори сиёҳ гуфт:

– Падари ман зинда аст, бе рухсати падар ин корро наметавонам кард.

Ҳотам гуфт:

– Маро дар назди падари худ бубар, ман ӯро розӣ хоҳам кард.

Мори сиёҳ Ҳотамро гирифта равона шуд. Чанд масофат роҳ гашта, ба чое расида дид, ки шаҳри азиме. Мор гуфт:

– Эй бузург, ту фалон маҳалро пурсида, дар хонаи падари ман рав ва ман ба чойи дигар хоҳам рафт.

Ҳотам гуфт:

– Хуб аст.

Ҳотам аз мор чудо шуда, дар назди падари ӯ рафт ва номи падари ӯро Хурчин мепурсиданд ва ӯ подшоҳи чиниён буд.

Хотамро дида пурсид, ки:

– Эй одамизод, туро дар ин шаҳр чӣ кор аст?

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, барои некӣ омадаам.

Шоҳ гуфт:

– Одамизод ба чиниён чӣ некӣ мекунад, ки кори эшон ҳамеша чангу адоват аст?

Ҳотам гуфт:

– Ман чун ин нахоҳам кард.

Хурчин гуфт:

– Бигӯ, бо чӣ омадӣ?

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, туро писаре буда, аз ӯ даркорӣ дорӣ ё на?

Ҳурчин гуфт:

– Дар дунё маро як писар аст, бе ӯ зиндагӣ натавонам кард.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, чунин бошад, бояд, ки гуфтаи маро қабул намой ва илло рӯзе кушта хоҳад шуд.

Дарҳол Ҳурчин дасти Ҳотамро гирифта дар назди худ бинишонд ва гуфт:

– Эй одамизод, раҳмат бар падару модари ту бод, ки маро аз аҳволи писари хеш огоҳ гардонидӣ. Акнун бигӯ, ки чӣ ҳикоят аст?

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, писари ту падари чинеро куштааст ва писари ӯ дар пайи куштани писарат гаштааст ва ҳар дуи онҳо дар ҷанг будаанд, расида онҳоро аз ҷанг чудо карда, ба маслиҳати кори эшон омадам. Биё гуфтаи маро қабул бикун, духтари худро ба писари мақтули писарат бидеҳ ва хоҳари ӯро ба писари худ бигир ва илло қасосу адоват аз миёни эшон модомулҳаёт бартараф нахоҳад шуд.

Ҳурчин аз ин гуфтаи Ҳотам завқи ачибе карда таҳсину офарин гуфт.

Дарҳол ҳамаи чинони оламро ҷамъ карда, ба чандин шодӣ ҳар ду духтарро ба хостгории дода, сулҳи ачибе дар миёни онҳо воқеъ гардониданд.

Баъд аз он Ҳурчин гуфт:

– Эй одамизод, барои ин некӣ талаб аз ман чӣ металабӣ?

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, ман ин корҳоро ба ризои Аллоҳ кардаам, барои некӣ аз касе чизе нахоҳам гирифт.

Ҳурчин гуфт:

– Эй азиз, донистам, ки аз касе чизе намегирӣ, боре ин асову мӯҳраи маро бигир, шояд, ки дар ҷое туро ба кор ояд, хусусан дар пиёдагардӣ ҳтзмати аспро хоҳад кард. Хосияти ин мӯҳра зиёда бисёр аст: аввал он ки ба дорандаи ин мӯҳра захри мор таъсир намекунад; дуввум он ки сӯзиши оташ таъсир намекунад; сеюм он ки дорандаи ин ба дарё ғарқ намешавад; чаҳорум он ки сеҳри соҳирон ва макри маккорон таъсир намекунад; панҷум он ки бар болои дарё андозӣ, пул мешавад. Хусусан, захри мори сурх таъсир намекунад.

Ва боз гуфт:

– Эй одамизод, хангоме ки мори сурху сафед ва сиёҳу сабз дар назари ту дароянд, бояд, ки ин мӯҳраро ба даҳони худ бигирӣ, хеч осебе ва захме аз онҳо бар ту нахоҳад расид; шашум он ки ба даҳони худ дорӣ, ташнагӣ аз ту дур хоҳад шуд.

Алкисса, Ҳотам асову мӯҳраро аз шоҳи чинон гирифта, ба чонибӣ Мозандарон равона шуд. Баъд аз чанд вакт ба ҷое расида дид, ки дарёи азиме мавҷзанон меравад ва садои мавҷу гурриши он сар то сари биёбонро гирифта буд.

Ҳотам мутаҳайир шуда, ба ҳар тараф медавид ва илочи гузаштан намеёфт. Ногоҳ ба хаёлаш асои Ҳурчин расид. Дарҳол асои Ҳурчинро бар болои дарё андохта ва бар миёни он савор шуда мерафт. Ҳангоме ки дар миёни дарё расид, аз зери дарё наҳанги азиме пайдо шуда Ҳотамро маа асо фурӯ бурд ва

дар зери дарё даркашид. Миқдори ҳафт фарсанг роҳ рафта, дар чое расид ва он замон Ҳотамро аз шиками худ берун карда дар он чо гузошт ва гуфт:

– Эй одамизод, туро дар ин чо аз барои он овардаам, ки ба дади ман бирасй.

Ҳотам гуфт:

– Эй махлук, туро чй матлаб аст?

Гуфт:

– Ин чо макони ман буд, муддатест, ки ин маконро Саратон ном наҳанге аз ман ба зулму ҷабр гирифта. Боид, ки ин маконро аз он бедодгар гирифта бидиҳй ва зулми ӯро аз сари ман дур куни.

Ҳотам гуфт:

– Эй махлук, магар зӯри ту ба ӯ намерасад?

Наҳанг гуфт:

– Агар хоҳад, ки маро нобуд созад, дар миёни микроз гирифта ду пора мекунад.

Ҳотам гуфт:

– Ӯ дар кучост?

Наҳанг гуфт:

– Барои озук рафта, ҳамин замон хоҳад омад.

Дар ин гуфтугӯ буданд, ки он наҳанги Саратон расида омад ва наҳанги соҳиби макон гурехта дар чое пинҳон шуд.

Ҳотам дид, ки ду дандони ӯ ба монанди микроз ва чун манораи сар ба фалак кашида дароз. Агар кӯҳи оҳанро дар зери дандонҳо гирад, ҳамчу тӯтиё гард-гард хоҳад шуд.

Ҳотам гуфт: «Ҳак ба чониби он бечора будааст.» Тарсу ваҳме дар дили Ҳотам пайдо шуд ва гуфт: «Илоҳо, маро аз ин балои зердастй начот дех.»

Дарҳол Ҳотам асои Ҳурчинро ба чониби он дароз кард ва он наҳанг он асоро дида истода шуд. Ҳотам ба чониби Саратон нигоҳе карда гуфт:

– Эй махлук, чаро соҳиби ин маконро ранчонида макон аз вай гирифтай?

Наҳанг гуфт:

– Эй бузург, ману ӯ ба ин макон шарикем ва ӯро чй лозим, ки ин ҳама мубоҳиса кунад?

Ҳотам гуфт:

– Эй махлук, мову ту аз офариниши Худоем. Худой кай раво дорад, ки махлук ба махлук зарар расонад. Магар туро тарсе аз Худо нест, ки ватан аз он бечора ситуда ӯро бадрака кардай?

Саратон гуфт:

– Алҳол ба хотири ту бигузоштам, баъд аз ин замон туро аз кучо хоҳад ёфт? Пас ӯро дар дарунй ин дарё будан аст ва моро бо ӯ кор аст.

Ҳотам гуфт:

– Эй Саратон, магар ту муфсид[1] ва золимй ва аз тарси Худо ҳеч дар дил надорй? Биё ба хубии хуб аз баҳри ин макон гузар ва илло туро ба ҳамин асо зада дар барахи дӯзах хоҳам фиристод.

---

[1] Муфсид – бадтинат, шарирмор.

Он наҳанг гуфт:

– Аз ин макон нахоҳам рафт.

Ва инро гуфта, ба ҷониби Ҳотам хез карда мехост, ки дар миёни микрози дандон гирифта пора-пора созад.

Аз вай пештар Ҳотам хез карда, бо асои Ҳурҷин чунон зад, ки гулгулаи садои ӯ то ба тахти Сурайё рафт ва он наҳанги Саратон аз зарби дасти Ҳотам беҳушу ёд аз ин макон гурехта бадар рафт ва дар қаъри дарё ногадид шуд.

Байт:

Эй забардасти ҳеридастгозор,
Гарм то кай бимонад ин бозор?
Ба чӣ кор оядат ҷаҳондорӣ,
Мурданат бех, ки мардумозорӣ.

Алқисса, чун соҳиби макон дид, ки Саратонро тоқати ҳарб намонда гурехта меравад, хост, ки аз таоқуби ӯ рафта захме дар бадани ӯ андозад.

Ҳотам бонг бар ӯ зада гуфт:

– Эй номурод, акнун бо ӯ чӣ кор дорӣ, минбаъд ба ҷониби макони ту нахоҳад омад. Агар ту ӯро меранҷонӣ, ман туро аз ҷон сер хоҳам намуд.

Ва макони ӯро ба худи ӯ супорида, ба асои Ҳурҷин савор шуд ва ба андак ҳаракат аз қаъри дарё ба лаби об баромад ва роҳи Мозандаронро гирифта равона шуд.

Дар арзи роҳ ба ҷое расида дид, ки дарахти азиме сар ба фалак кашида ва дар зери он дарахт бинишаст. Ва озуқи резае аз миён бароварда тановул намуд ва бо худ фикр кард, ки ба кадом тадбир ҷонвари парӣ ба дасти ман ояд.

Дар ин ҳин ҷонварон аз чарогоҳи худҳо гашта омаданд ва бо якдигар мегуфтанд, ки:

– Одамизоде дар ин макон омада нишастааст.

Ва яке аз онҳо гуфт, ки:

– Ин одамизодро Ҳотам ибни Каҳлон мегӯянд.

Яке аз онҳо гуфт:

– Маслиҳат, ин одамизодро чӣ бояд кард?

Дигаре аз онҳо гуфт:

– Ин чавони некӯкор аст, нашояд, ки аз моён маҳрум гардад.

Пас ҳамаи ҷонварон ба як ҷо ҷамъ шуданд ва дар назди Ҳотам ба қонуни худҳо саф кашиданд.

Чун Ҳотам ба сурати ҳар яке мушоҳида мекард, мегуфт: «Чӣ кудрати комила аст, ки тани эшон ҳамчун товус ба ҳазор ранг метобад ва сари эшон ба монанди сари паризодон.»

Он ҷонварон мегуфтанд, ки:

– Аҷаб Ҳотаме, ба хотири дигаре худро бо ин ҳама ранҷҳову меҳнатҳо андохта гаштааст. Як одамизоде ба духтари Мусаххари ҷоду ошиқ шуда ва он ҷоду чуфти моёнро талаб аз ошики он духтар кардааст.

Боз яке аз онҳо гуфт:

– Эй Ҳотам, бинобар аҳде ба макони моён омадай?

Ҳотам гуфт:

– Оре, агар ҷуфти шумоён бо ман ҳамроҳ шавад, аз ҷумлаи эҳсони шумоён хоҳад шуд, ин ҳама ранҷу меҳнати ман ҳоҷ нахоҳад шуд ва он ошиқи бечора ба муроди худ хоҳад расид.

Алқисса, чонварон гуфтанд, ки:

– Калонтари моён унс нахоҳанд гирифт. Як ҷуфт хурдсолро ба ин чавонмард бояд дод, ки ба бачагони хурдсоли эшон унс хоҳад гирифт ва эшон бачагони хурдсолро ба монанди фарзанд тарбият хоҳанд кард.

Алқисса, бо иттифоқи кулл як ҷуфт хурдсол ба Ҳотам дсданд. Ҳотам дуои нек дар ҳаққи онҳо гуфта, бо онҳо видоъ карда, ҳар ду чонвари париро бағалкунон ба чониби Мусаххари ҷоду равона шуд.

Мансилу мароҳил тай карда, баъд аз чанд вақт ба сари мансили он ошиқи толиб даррасид ва он ошиқи бечора рӯйҳои худро ба қадамҳои Ҳотам мемолид.

Дарҳол Ҳотамро бо ҳамроҳии он ду чонвар гирифта дар назди ҷоду бурданй шуд.

Ҳотам гуфт:

– Эй бародар, аввал худи шумо рафта биёед, баъд аз он ман хоҳам рафт.

Дарҳол он ду чонварро бурда дар пеши Мусаххар ниҳод.

Мусаххар гуфт:

– Ин кори ту нест, рост бигӯ, ки инҳоро кӣ овардааст?

Он чавон гуфт:

– Эй бузург, инҳоро Ҳотам ном чавоне овардааст.– Ва ҳамаи саргузашти Ҳотамро дар назди Мусаххар як-як баён намуд.

Мусаххар гуфт:

– Акнун мӯҳраи мори сурхро биёрй.

Чавон гуфт:

– Эй бузург, як бор рӯи духтарро бинамой, баъд аз он аз пайи овардани мӯҳра саъй хоҳам намуд. Муддати сол аст, ки ин ҳама меҳнатҳо мекашам ва чандин балоҳоро дида, ба чандин уқубат як шарти туро ба ҷо овардаам. Акнун аз пайи мӯҳра дар маодини[1] балову офат меравам. Оё зинда меоям ва ё дар он роҳи пурофат ҳалок мешавам.

Дарҳол Мусаххар гуфт:

– Эй мулозимон, духтарро биёред, то он ки ошиқи бечора дида, аз пайи шарти дуюм равад ва бояи токати ин бечора шавад.

Дар ин гуфтугӯ буданд, ки мулозимон рафта духтарро хабар доданд.

Дарҳол он духтар аз дарича хонаи зарнигор сар барсварда ба чониби толиби хеш нигоҳе карда ва гуфт:

– Эй бечора, кора бош![2]

Дарҳол он чавон аз худ рафта ба замин афтод. Баъд аз соате оҳи сард аз дили пурдард баркашида гуфт, ки:

– Чандон сарй надидам.

Ҷоду гуфт:

---

[1] Маодин – маъданҳо; маодини балову офат – макони балову офат.

[2] Кора бош – ба маънии кӯшиш кун.

– Ачаб чавони бетокате мешавй. Шарти дуюм ва сеюмро бе чой ор, чй микдор хохй, бубин.

Дархол он чавон аз Мусаххар рухсат гирифта, дар назди Ҳотам омад ва хамаи шунидагиҳои худро дар пеши Ҳотам як-як баён намуд.

Ҳотам гуфт:

– Эй чавон, хотири худро чамъ дор, ба инояти Аллох он мӯхраро хохам овард.

Ҳотам макони мӯхраро эхтиётан аз Мусаххар пурсида буд. Мусаххар гуфта буд, ки он мӯхра дар навохии кӯхи Қоф аст.

* * *

Алкисса, Ҳотам ба он чавон видоъ карда, ба чониби кӯхи Қоф равона шуд. Манзилу мароҳил тай карда мерафт. Ногоҳ барои казои хочат ба чое нишаста буд, дид, ки каждуме бузурги хафтранг, калонии он баробари мурғ, бо шитоб дар биёбон роҳ меравад.

Ҳотам низ аз таокуби вай равона шуд ва бо худ мегуфт: «Инчунин каждуми бузург дар хеч чо надида будам, аз таокуби ин бояд рафт, ки макони ин дар кучост.»

Алкисса, тамоми рӯз роҳ рафта, ба дехае расид ва он каждум дар зери тахтасанге даромада пинҳон шуд.

Ҳотам низ наздиктари он карор гирифт ва гуфт: «Боре бинам, имшаб чй кор мекунад.»

Мардумони он деха диданд, ки чавони сохибчамоле омада дар гӯшае карор гирифтааст. Дархол хар кадоми онхо обу таом оварда, дар назди Ҳотам гузоштанд.

Чун шаб шуд, хамаи онхо ба хонаи худхо рафтанд.

Ҳотам яккаву танхо дар гӯшае нишаста ин байтро мехонд:

Намози шом шавад, хар касе ба хона равад.
Мане, ки хона надорам, кадом хона равам?

Мардумон чанде аз говону маркабонро дар он майдон баста монда буданд ва чанде аз эшон барои посбонй ба атрофи он хайвонон мехобиданд. Посе аз шаб гузашта буд, ки хамон каждум аз зери санг баромада, ба чониби галаву говон хезкунон бар сари хар маркабу хар хайвон неше мезад, дархол он маркабу он хайвон ба замин афтода чон медод.

Алкисса, хамаи он маркабону говонро неш зада, аз чони ширин бечон кард.

Ҳотам ин хама кардаи он каждумро дида, даст ба даст мезад ва мегуфт: «Илохо, ин санъат бе амри Ту нахохад шуд.»

Боз хамон каждум дар зери санг даромада пинхон шуд. Алассабоҳ мардумони деха омада диданд, ки говону маркабон маа нигахбонон чони ширин ба чонофарин таслим намуда ва аз баданхои эшон захроб мерезад ва тамоми гӯшти бадани онхоро замин фурӯ кашидааст.

Мардумон ин холро дида мутахайир шуданд ва мегуфтанд, ки газаби

илоҳӣ бар моён нозил шуда, молҳоро ҳалоқ карда, худи моён зинда мондаем.

Ҳотам гуфт:

– Эй ёрон, имшаб ачаб тамошое дидам, ки дар тамоми умри худ надида будам.

Ва тамомии кардаву кори каждумро ва бонси ҳалокати говону маркабону посбононро як-як баён кард ва ҳамаи он мардумон дар таъчуб шуданд ва мегуфтанд:

– Инчунин амри ачибро дар тамоми умри худ надида ва нашунида будем.

Дар ҳамин гуфтугӯ буданд, ки каждум аз зери санг баромада хез карда буд, ки мардумон бесаранчом шуда истоданд.

Каждум расида бар сари раиси деҳа чунон неш зад, ки дарҳол чони ширин ба чонофарин таслим намуд.

Аз мардумони он деҳа шӯру гавғое барҳост ва худи он каждум роҳи биёбонро пеш гирифта роҳӣ шуд.

Ҳотам низ пай гирифта, аз таъқуби он каждум равона шуд. Тамомии рӯз роҳ рафта, ҳангоми шом наздики шаҳре расид ва он каждум ҳилате карда ба сурати мори сиёҳи пурсалобат шуд. Ҳотам дар дил мегуфт: «Ин чӣ сир аст, ки чунон буд ва чунин шуд?»

Дарҳол он мор дар сӯрохе даромада аз назар ғоиб шуд.

Ҳотам гуфт: «Дар ин чо ҳам бояд истод.»

Посе аз шаб гузашта буд, ки мор аз сӯрохӣ баромада ба чониби шаҳр равона шуд. Ҳотам низ аз таъқуб мерафт. Ногоҳ рафта-рафта дар зери касре расида ва аз девори он қаср баромада, дохили шаҳр гардид. Кӯчаҳои шаҳрро тай карда, дар зери қасри подшоҳ расид. Аз девори қаср гузашта ва дохили ҳарами шоҳ шуда дид, ки шоҳ бар болои тахти мурассаъ хобида. Дарҳол расида дар айни хоби ширин шоҳро газида аз ҳарам берун шуд ва дар ҳарами шоҳ шӯре пайдо шуд ва худи он мор ба тарафи дигаре равси шуд.

Ҳотам низ мерафт, ногоҳ рафта дар қасри дигаре дохил шуд ва писари вазирро газида, боз ба ҳамон сӯрохӣ даромада пинҳон шуд.

Ҳангоми субҳ буд, ки шӯру ғавғои ачибе аз мардумони шаҳр барҳост ва ҳамаи мардумон мегуфтанд, ки подшоҳ ва писари вазир ҳалок шудаанд. Ҳамаи мардумон иттифоқ карда, писари подшоҳро ба ҷояш гузарониданд.

Алқисса, мор аз он сӯрохӣ баромада, ба тарафи дигаре равона шуд. Ҳотам низ аз пайи ӯ мерафт.

Ногоҳ ба канори дарё расида, ғалтае зада ба сурати шере шуд. Тамомии шаб гузашт, субҳ бидамид, мардумон барои об омаданд ва ҳайвонотро низ барои чаро оварданд. Дарзамон он шер аз чангал баромада, чанд одаму чанд ҳайвонро ҳалок карда, ба чониби биёбон бадар рафт.

Ҳотам низ аз таъқуби ӯ мерафт.

Ногоҳ дар арзи роҳ ғалтае зада, ба сурати зани соҳибчамоли дар синни чахордаҳсола шуда, дар зери дарахте бинишаст.

Ҳотам дар гӯшае нишаста тамошо мекард ва мегуфт: «Эзиҳӣ қудрати комилаи Ӯ, ки махлукеро ба навъе офарида.»

Баногоҳ ду савор ба сари манзили ӯ расиданд. Диданд, ки як чавонзани

соҳибҷамол дар зери дарахте гиря карда нишастааст. Дарҳол ҳар дуи онҳо гуфтанд, ки:

– Эй нозанин, чаро дар ин ҷо нишаста гиря мекунӣ?

Зан гуфт:

– Эй ҷавонон, шавҳари ҷавоне доштам, бо ҳамроҳии ӯ аз хона баромада, ба ҷониби хонаи падари худ мерафтам. Ногоҳ дар ин ҷо расида мехостам, ки аз ин макон бигзарем, аз парраи биёбон шере пайдо шуда расид ва шавҳари маро ҳалок кард. Ман гурехта ба чандин машаққат аз чанги ӯ халос шуда, дар ин ҷо нишастаам ва роҳи рафтан намеёбам, дар ин маком ҳайронам.

Дарҳол яке аз он ду савор гуфт:

– Эй нозанин, моён бародаронем, яке аз моёнро қабул кун.

Он зан гуфт:

– Қабул дорам ба шарте, ки дар хона зан надошта бошед, дуюм он ки машаққати хонаро аз ман нахоҳед, сеюм он ки аз ҳеч чиз маро наранҷонед.

Яке аз он ду гуфт:

– Эй барно, ман то ба ҳол кадхудо нашудаам, ҳар се шарти туро қабул намудам.

Алқисса, зан калони он дуро ихтиёр намуд. Дарҳол он занро бародари калонӣ бар пушти аспи худ гирифта, ба ҷониби хонаи худ равона шуд. Порае роҳ рафта буд, ки зан ба шавҳари худ гуфт:

– Эй мушфиқи ҷон, қариб аст, ки аз ғалабаи ташнагӣ ба ҳалокат бирасам, ба ман оби хӯрдан ёфта бидеҳ.

Он ҷавон аз асп фуруд омада ва он занро бо ҳамроҳии бародараш гузошта, барои об рафт.

Зан ба бародари хурдӣ гуфт:

– Дили ман туро мехоҳад, чӣ мешавад, ки маро ба занӣ қабул кунӣ?

Бародари хурдӣ гуфт:

– Акнун ту ба ҷойи модари ман шудӣ, инчунин сухани бадро бар ман нагӯй ва туро шайтон аз роҳ баровардааст.

Он зан гуфт:

– Агар маро қабул накунӣ, бар ту тӯҳмат хоҳам намуд ва ба бародарат ин маколотро хоҳам гуфт.

Боз бародари хурдӣ гуфт:

– Ҳар чӣ донӣ дар ҳаққи ман бикун, гуфтаи туро қабул нахоҳам кард.

Дар ин гуфтугӯ буданд, ки бародари калонӣ об ёфта омад. Дарҳол он зан мӯҳои худро канда шӯре бардошт.

Бародари калон гуфт:

– Ин чӣ мочарост?

Зан гуфт:

– Эй номард, бародари ту маро дастдарозӣ карда, ба хиёнат нигоҳ кард ва ман ба чандин уқубату машаққат аз дасти ӯ халосӣ ёфтам.

Он мард дар ғазаб шуда гуфт:

– Эй номард, ҳеч кас дар ҳаққи бародари худ инчунин феъли ношоистаро кардааст, ки ту мекунӣ?

Дарҳол он бечора касам ёд карда гуфт:

– Эй бародар, ин зан маро тўҳмат карда инчунин балғўй мекунад, боят, ки ту кавли ўро бовар надорй.

Бародари калонй кавли ўро қабул накарда, шамшер аз ниём бикашид ва ба сари бародараш чунон зад, ки ба магзи сараш фурў нишаст.

Дар айни талош бародари хурдй як ханчар ба рони калонй чунон зад, ки то магзи устухон фурў рафт.

Ҳар ду эшон захмдор шуда, ҳар кадом ба як чое афтоданд. Баъд аз соате ҳар ду чон ба чонофарин супориданд.

Ин ҳолро дида Ҳотам ашки хасрат аз дилагони худ фурў рехт ва мегуфт: «Ё Аллоҳ, ин чй мочарое буд?»

Дарҳол он зан галте зада, ба сурати чосусе шуда равонз шуд. Ҳотам низ аз таоқуби ў равона шуд ва дар дили худ мегуфт: «Боз хонаи кадом бечараро хароб мекарда бошад?»

Баъд аз чанд вақт кариби деҳае расид. Мардумони он деҳа садди роҳи ў шуданд. Хостанд , ки ўро гирифта бикушанд, чандеро ба лагад зада ва чандеро ба шох зада кушт, боз ба чониби биёбон равона шуд.

Ҳотам дар ақиби ў буд. Чанд масофа роҳ рафта буданд, ки боз галте зада ба сурати пирамарде шуд. Ҳотамро токат намонда рафта домани пирамардро гирифта гуфт:

– Эй Худованде, ин чй сир аст, ки бар бандагон ва бар ҳайвонот ин ҳама чабру ситам мекунй ва кардй, боят, ки ҳақиқати ин ҳама кардаву кирдори худро бар ман бигўй.

Пирамард гуфт:

– Эй Ҳотам, бигзор, ин кори ман шитоб аст.

Боз Ҳотам гуфт:

– Эй пири пуртадбир, чй донистй, ки ман Ҳотамам?

Пир гуфт:

– Эй чавон, ҳафт пушти туро ба мураттаб медонам.

Алкисса, Ҳотам ҳамаи дидагиҳои худро аз пири пуртадбир пурсид. Пир гуфт:

– Эй Ҳотам, туро ба ин чй кор, бирав ба кори худ машгул бош, окибат ин савдо бар сари ту низ хоҳад омад.

Ҳотам гуфт:

– Эй пир, маро пеш аз он огоҳ гардонй.

Пир гуфт:

– Эй Ҳотам, маро, ки мебинй, ачали ҳамаи махлуқонам. Чун рўзи аввал, ки дидй каждуми хафтранг будам, ҳукми Худованди чаҳон буд. Вучуди марги подшоҳу писари вазирро сабаб заҳри мор буд, ки ба сурати мор шуда, эшонро халок сохтам. Ба ҳукми илоҳй ачал ба ҳар кй расад, ба ҳар сурат шавад ба ҳамон сурет чони ҳамаи махлукотро кабз намоям.

Ҳотам гуфт:

– Эй пир, бигў, ачали ман ба кадом сурат хоҳад шуд ва маро ба кадом навъ халок хоҳй кард?

Пир гуфт:

– Эй Ҳотам, ҳангоме ки саду панҷоҳсола шавӣ, аз баландӣ хеҳӣ афтод ва аз димоғи ту хун ҷорӣ хоҳад шуд ва дар он вақт ҷон ба ҷонофарин хоҳӣ супурд. Алҳол умри туро бисёр аст ва ҳар чӣ аз дастат меояд, дар ҳаққи инсон ва ҳар ҳайвон дареғ мадор.

Дарҳол Ҳотам шукри Худоро ба ҷо оварда, сар ба саҷда ниҳод ва зорӣ мекард. Ҳангоме ки аз саҷда сар бардошт аҷалро надид ва аз он ҷо ба ҷониби кӯҳи Қоф равона шуд.

Чанд моҳ дар ободӣ роҳ рафт ва чанд моҳ дар биёбони ҳазову ҳадар саргардон буд. Лаби ташнаву шиками гурусна ба ҳар ҷониб медавид ва гоҳҳо барги гиёҳ мехӯрдӣ ва гоҳҳо ба замини регу санг хобидӣ.

Алкисса, муддати чанд рӯз роҳ рафта ба замини сиёҳ расид. Ҳангоми шом буд, ки морони сиёҳ аз ҳар тараф пайдо шуда омада Ҳотамро дар миён гирифтанд ва ҳасд ба ҷониби Ҳотам карданд. Ҳотам дарзамон асои Ҳурҷинро ба замин ҳалонида дар зери ӯ бинишаст ва морон гирдогирди Ҳотамро гирифта фаш-фаш мекарданд ва наздик намеомаданд ва тамоми шабро ба ин тариқа гузаронид. Чун рӯз шуд ҳамаи морон ба макони худҳо рафтанд ва шаби дуюм боз ба ҳамон қисм ба гирди Ҳотам ҷамъ шуданд ва ҳасд ба ҷониби ӯ мекарданд, аммо аз тарси асои Ҳурҷин наздикӣ карда наметавонистанд. Шаби дуюм низ гузашт. Алассабоҳ аз замини сиёҳ гузашта ба замини сафед расид ва он замин чунон сафед буд, ки ба монанди байзаи мурғ.

Муддати чанд вақт роҳ рафта, аз замини сафед баромад ва ба замини сабз расид. Боз морони он ҷо бӯи Ҳотамро гирифта, ба гирдогирдаш ҷамъ шуданд ва ба ҷониби ӯ нигоҳ карда фаш-фаш мекарданд.

Алғараз, ба чандин машаққат аз замини сабз баромада, ба замини сурх дохил шуда дид, ки ранги он замин ба монанди хун метобад, пой нихода равон шуд. Ва он замин чунон гарму сӯзон буд, ки ба шарҳ рост намеояд ва пойҳои Ҳотам обила карданд. Ташнагиву гуруснагӣ ғолиб омада, аз рафтор бозмонд ва худ ба худ гуфт, ки: «ҷойи мурдан ҳамин аст ва аз ин ҷо ҷунбидан муяссар нахоҳад шуд. Агар пештар меравам, ҳалок хоҳам шуд. Ба ҳар ҳол аз баргаштан мурдан беҳтар аст.» Ин бигуфт, қадам пештар ниҳод, боз як фарсанг роҳ рафт. Аз ҳад афзун ташнагӣ ғолиб омада, бар замин афтод ва беҳуш шуд. Дар он вақт ба сари манзили Ҳотам пирамарде расид, дасти Ҳотамро гирифта бардошт ва гуфт:

– Эй Ҳотам, чаро мӯҳраи паризодро ба дахони худ гирифта ба кори худ машғул намешавӣ?

Дарҳол он мӯҳраро ба дахони худ гирифт ва аз хосияти он мӯҳра дахонаш сероб шуд.

Ҳотам аз пирамард пурсид, ки:

– Ё бузург, ин ҳама гармӣ аз кадом сабаб аст?

Пир гуфт:

– Эй Ҳотам, ин гармӣ аз ҳарорати мори сурх аст ва ӯ захри дахони худ дар ин замин андохтааст ва илло ин замин ҳамеша сабзу хуррам буд.

Алғараз, Ҳотам аз пирамард рухсат гирифта равона шуд, то ба нисфи роҳ

рафта дид, ки мори азиме ба монанди кулаи кӯхе ва сари ӯ ба мисли гунбад, гардан тахминан яксаду понздах газ. Нек-нек назар кард, ки аз сӯрохи бинии он оташ ба монанди кӯра мерезад. Аммо харорату гармии ӯ чунон асар карда буд, ки аз он кариб устухонхои Хотам сӯхта хокистар шавад, аммо нишони мӯхраи сурх зохир намешуд. Хар замон мори сурх гармии нафас ва шарораи оташ ба сӯи Хотам меандохт, Хотам асои Хурчинро ба замин халонида, дар зери ӯ нишаста буд ва мори сурх наздик омада наметавонист.

Алкисса, мори сурх хар тилисме, ки аз дасташ меомад, кард. Ба хеч кадом аз тилисмот Хотамро нобуд карда натавонист. Дар ин мукаддима шаб гузашта буд. Рӯзи чахонафрӯз дар ин олами зулмонӣ тулӯъ кард ва дар ин хангом Хотам дар даххони мор гулӯлаи сурхе дид. Мор наздик расида ба як хамла онро аз даххони хеш берун андохт. Хотам асои Хурчинро аз замин канда, ба гирди сар дар чарх даровард. Мори сурх аз тарси он асо дар худ мепечид ва мӯхраро аз даххон берун андохта, ба чониби макони худ равона шуд. Хотам хост, ки наздик рафта мӯхраро бигирад, аз таъсири оташи ӯ метарсид.

Алкисса, баъд аз чанд соат ба машаккати бисёре он мӯхраро гирифт ва ба дастори худ барбаст. Дархол он замин ба асли кадим сабзу хуррам шуд.

Хосияти дигари он мӯхра ин буд, ки дар хар се соле як мӯхра аз шиками ӯ пайдо мешуд ва хукамои кадим чунон навишта буданд, ки дар ин мӯхра хазору як хосият аст.

Билохир, Хотам он мӯхраро гирифта, ба хизмати ошики мунтазир даррасид ва он бечора Хотамро дида пойбӯсӣ намуд.

Дархол Хотам мӯхраро ба дасти толиб дода гуфт:

– Бираэ, ин мӯхраро ба дасти Мусаххар бидех ва матлуби худро хосил кун.

Он чавон гуфт:

– Эй Хотам, биё бо ман дар назди Мусаххар рафокат вакун.

Хотам низ рафокат карда дар пеши чоду рафтанд ва он мӯхраро баровар да, дар назди Мусаххар гузоштанд.

Мусаххар гуфт:

– Инро озмоиш бояд кард, ки мӯхраи мори сурх аст ё не.

Он чавон гуфт:

– Ба хар тавре ки дилат мехохад, чунон кун.

Дархол чандин тилисм озмоиш карда фахмид, ки мӯхрач мори сурх буда аст, на чизи дигар.

Боз Мусаххар гуфт:

– Эй чавон, як шарти дигар бокӣ мондааст, онро низ ба чо орӣ.

Чавон гуфт:

– Бифармо, то ӯро ба чо орем.

Чоду гуфт:

– Эй чавон, акнун дар деги равгани чӯшон даро.

Чавон ба чониби Хотам нигохе карда гуфт:

– Эй бузург, ин корро тадбир хаст, ё не?

Хотам гуфт:

– Эй Мусаххар, равгану деги худро тайёр кун!

Дарҳол ҷоду ба мулозимони худ фармуд, ки ҳамон кӯзаи оҳанро пур аз равған карда биёред ва дар ҳамон деги оҳанин андохта шаш шабонарӯз дар зери он оташ карда ҳуб ҷӯшонед, ба ниҳояте, ки санг афтад дар даруни он об шавад ва он ошики бечора ин суханро шунида рангаш ба мисли заъфарон зард гашт ва дар назди Ҳотам омада гуфт:

– Ҷоду чуничу чунон мегӯяд.

Ҳотам гуфт:

– Эй ҷавон, гам махӯр ва ҳеч андеша дар дили худ рох мадеҳ ва ин мӯхраро ба ту медиҳам, дар даҳони худ гирифта дар деги равғани ҷӯшон даро ва санъати Худойро мушоҳида намой, ки ҳаргиз гармии равғану оташ таъсир нахоҳад кард.

Алқисса, ҷавон мӯхраро гирифта назди ҷоду рафт ва ҷӯшиди равғанро дида мутаҳайир шуд. Ҳама мардумон ҷамъ шуда омада буданд. Ҷавон ваҳшат хӯрда биистод.

Ҳотам гуфт:

– Эй номард, чаро истодай? Дами оташи ишқ аст, ки туро дар ин водӣ оварда; хоҳ сӯзӣ ва хоҳ бимонӣ ва як номи нек аз ту дар олам хоҳад монд. Мардон дар ин боб аз ҷон гузаштаанд.

Ҷавон дид, ки Ҳотам ба гӯшаи чашму абрӯ ишорат мекунад, дарҳол мӯхраро ба даҳони худ гирифта, чашмҳои худро пӯшонид ва дар деги ҷӯшон даромада, чанд гӯта зада ва соате дар даруни ӯ бинишаст, гӯё, ки он равған ба монанди оби ҳавз дар зимистон бошад.

Ҷоду дид, ки он ҷавон саломат ва оташу равған таъсир намекунад, дар андеша афтода харос кашид ва гуфт:

– Эй ҷавон, берун ой.

Дарҳол он бечора аз даруни дарёи оташ берун омад.

Ҷоду дар пайи сеҳр шуд. Чизе хонда ба чониби он ҷавон дам меандохт.

Ҳотам гуфт:

– Эй номард, акнун чӣ ҳуҷҷат дорӣ? Ҳар чӣ фармудӣ он бечора ба ҷо овард. Ба ваъдаи худ вафо накарда, дар пайи сеҳр шудӣ. Ва андеша намекунӣ, мабодо сеҳр ба худи ту мурочиат кунад, чаро ки он ҷавон мӯхраи дигар дорад, ин ҳама сеҳрҳои туро манъ хоҳад намуд.

Ҷодуро аз шунидани номи мӯхра ваҳме дар дил афтод. Дарҳол он ҷавонро дар назди худ талабида, навозиши бисёре кард ва гуфт:

– Ихтиёр мар турост.

Ҳотам фармуд:

– Акнун асбоби кадхудой саранҷом намоед.

Дарҳол он ҷавонро маа Ҳотам дар хонаи худ нигоҳ дошта, ачиб тӯйе ва тамошое бунёд кард, ки Ҳотам ва он ҷавон дида, мутаҳайир шуданд.

Духтарро акл намуда, ба он ҷавон супориданд. Он бечора дар шабистони духтар даромада комии дил ҳосил кард.

Ҳотам бо он ҷавон видоъ карда, ба чониби кӯҳи Алқон равона шуд. Манзилу мароҳил тай карда, баъд аз чанд рӯзе ба кӯҳи Алқон расид.

Соате дар он ҷо дам гирифта нишаста буд, ки баногоҳ хайли паризодонро

гузор аз болои Ҳотам афтод. Ҳотам дид, ки як села париён дар даруни гор даромада мераванд. Дархол шитобон худро ба дари он гор расонид. Дид, ки роҳи убур кардан[1] ва маконӣ пой ниҳодан нест.

Ожирламр, дароз кашида ба синаи худ роҳ мерафт ва мегуфт: «Он паризодон дар кучо рафта бошанд?» Пештар рафта дид, ки касри олӣ сар ба Сурайё кашида. Наздиктар расида буд, ки чанде аз паризодон хез карда омаданд ва гуфтанд:

– Эй одамизод, ин чойи ту нест. Туро дар ин ҷо кӣ овард?

Ҳотам гуфт:

– Эй пиряён, он Зоте, ки мову шумоёнро халк кардааст, маро дар ин ҷо овардааст.

Боз гуфт:

– Эй париён, бигӯед, ин кӯҳро чӣ ном аст ва ин боғи кист?

Паризодон гуфтанд:

– Ин кӯҳро кӯҳи Алкон мегӯянд ва соҳиби ин маконро Алканпарӣ мегӯянд ва моён нигаҳбонони ин богем. Фардо Алканпарӣ дар ин ҷо хоҳад омад ва истодани ту дар ин ҷо аз маслиҳат нест, ба ноҳақ кушта хоҳӣ шуд ва моён ин суханро ба ту аз рӯи мурувват мегӯем.

Ҳотам гуфт:

– Ҳар ҷотеро чон даркор бошад, ба ризои Аллоҳ хоҳам дод.

Паризодон аз ин гуфтаи Ҳотам ҳайрат карда, карибтар омаданд ва гуфтанд:

– Эй бечора, гардани нарм шамшер нахоҳад бурид, моён туро дар гӯшаи боғ пинҳон кунем, агар ҳайрати дидан дорӣ, маликаро аз гӯшаи ин боғ тамошо хоҳӣ кард.

Ҳотам гуфт:

– Ҳар чизе, ки ба хотири шумоён мерасад, муборак аст.

Рӯзи дуюм буд, ки малика барои сайри боғ маъа аркони давлат хиромон сайркунон омада, бар болои тахт бинишаст.

Дархол париён Ҳотамро оварда назди сӯрохе гузоштанд ва гуфтанд:

– Эй одамизод, аз ин сӯрохӣ маликаро тамошо хоҳӣ кард.

Дархол аз он сӯрохӣ нигоҳ карда, Алканпариро дид, ки рӯй ба монанди офтоби ховар, аз шаъшааи ҷамолаш олами зулмоний мунаввар. Дарсоат аз ҳуш рафта мурдавор афтод.

Баъд аз соате ба ҳуш омада, ба ҳусну ҷамоли Алканпарӣ тахсину офарин мекард, матлабҳо аз хотири Ҳотам фаромӯш шуда дар ҳасрат буд.

Шабе дар хоб дид, ки марди маҳосинсафеде мегӯяд:

– Эй Ҳотам, дар ин ҷо барои чӣ омада будӣ? Бархез, он коре, ки камар бастай саранҷом бикун, ба амонати касе хиёнат накун.

Дархол ларзида аз хоб бедор шуд, хеч касро дар назди худ надид.

Ҳотам ба паризодон гуфт:

– Эй паризодон, маро дар пеши малика баред, ки паёми он ошикро ба ӯ расонам.

---

[1] Убур кардан – гузаштан.

Мулозимон дарҳол ба арзи малика расониданд, ки:

– Эй маликаи олам, дар ин мақом одамизоде омада, чӣ ҳукм месозед?

Дарҳол, Алканпарӣ дар хотири ҳуд овард: «Шояд, ки ҳамон ҷавон омада бошад.»

Дарсоат фармуд, ки:

– Эй мулозимон, сару гардани ӯро баста биёред!

Дарзамон мулозимон сару гардани Ҳотамро баста, дар назди малика оварданд.

Вай гуфт:

– Эй мулозимон, сару гардани одамизодро кушода дар назди ман биёред!

Дарсоат чунин карданд ва бар болои маснади шоҳӣ аз дасти Ҳотам гирифта бинишонд.

Малика пурсид, ки:

– Эй ҷавон, аз куҷой ва чӣ ном дорӣ?

Ҳотам гуфт:

– Эй нозанин қиссаи ман дуру дароз аст, аз шаҳри Яман, Ҳотам ибни Тай ибни Каҳлонам.

Малика ин суханро шунида аз ҷойи ҳуд бархост ва аз болои тахт ҳудро ба замин гирифту гуфт:

– Эй Ҳотам, аз забони бузургон шунида будам, ки Ҳотам ном одамизоде ба вуҷуд омада, дар роҳи хайр корҳо хоҳад кард.

Боз гуфт:

– Эй Ҳотам, қадами сафо овардӣ ва ин кулбаи шикастаро равшану мунаввар сохтӣ.

Ва бар болои тахти подшоҳӣ бинишонд ва таому зиёфат фармуд. Аз аҳволоти ту гароиботи дунё гуфтушунуд мекарданд.

Малика ба чандин тавозуъ пурсид, ки:

– Эй ҷавон, боиси омадани ту дар ин ҷо чист?

Ҳотам гуфт:

– Эй малика, авсофи ҳамидаи туро шунида будам, ки отифати ту дар ҳақи бандагон бекарон аст, ба ҳазор забон шарҳи хубии туро адо наметавон кард. Ин гуфта ин байтро мехонд:

Дар олами даҳр як паризод туӣ,
Хушкомату сарви озод туӣ.
Мо бандаи лутфу эҳсони туем,
Дар хайли парӣ соҳибӣ иршод туӣ.

Алкисса, гуфт:

– Эй малика, банда ба тарафи дашти Ҳумро мерафтам. Дар аснои рох бар болои кӯҳ ҷавонеро дидам, дар зери дарахте нишаста ва чашм пӯшида, нолаву зорӣ мекард, ки ҷигари санг об мешуд. Оҳи сард аз дили пурдард мекашид ва ин байтро мехонд:

Биё, биё, ки намондаст тоби маҳҷурӣ,
Кашидаем басе дардҳои ранҷурӣ...

Аз он бечора пурсидам, ки:

– Эй чавон, холи худро бар ман маълум кун, аз чӣ сабаб ин хама нолаву зорӣ мекунӣ?

Он чавон хеч дам назад.

Боз пурсидам, он бечора гуфт:

– Муддати хафт сол аст дар ин чо бо ин алам гирифторам. Чун ту касон бисёр омада пурсиданд. Илочи дарди худро наёфтам, бинобар он дер чавоб додам, ки суханро бо касе гӯянд, ки муддао муяссар шавад ва илло чӣ хочат аст?

Охируламр, хамаи саргузашти худро як-як баён намуд. Ман ахду паймон карда гуфтам:

– Агар ба матлаб восил нагардонам, Ҳотам ибни Тай набуда бошам.

Малика гуфт:

– Дар хакикат он бечора аз хотири ман фаромӯш шудан буд, валекин ба хотири ту ӯро кабул мекунам, аммо бо ӯ мусоҳиб намешавам, чаро ки ӯ муносиби ман нест.

Ҳотам гуфт:

– Чанд вакт мусоҳиб шудед, ӯ муносиби ту буд, акнун чӣ шуд, ки ӯ муносиби ту нашуд?

Боз гуфт:

– Эй малика, агар ту ӯро кабул накунӣ, обу таоми туро нахӯрам ва дар ин макон ба хорӣ ва зорӣ чон хохам дод. Аммо замони[1] ман ба гардани ту хохад шуд. Ин мегуфт ва ин байтро мехонд:

Раво мадор чавоне бимирад аз гами ту
Ту хам чавониву аз худ умедхо дорӣ.

Дарҳол малика фармуд:

– Эй мулозимон, рафта он чавонро биёред!

Мулозимон рафта, баъд аз се шабонарӯз он чавонро ба хизмати малика оварданд. Валекин барои хотири он чавон хафт шабонарӯз Ҳотам чизе нахӯрда дар зери дарахте хобида буд. Дар хоби ширин шахсе ба Ҳотам гуфт:

– Ин пириро Алкаипарӣ мегӯянд, чӣ чавонон дар фироқи ишқи ӯ колабтиҳӣ шудаанд ва ин парӣ ба як кавл нахоҳад истод.

Боз гуфт:

– Эй Ҳотам, бояд, ки хамон мӯхраро соида, бо кадахи об ба он чавон бидихӣ ва он чавон гаргара карда даруни об андохта ба ӯ бидихад.

Баъд аз ин Ҳотам аз малика илтимос кард, ки ба ин бечора як бор чамоли худро нишон бидех.

Малика гуфт:

– Хуб аст, ӯро биёред.

Дарҳол оварданд. Чашми он бечора низ ба рӯи малика, ки афтод, то се шабонарӯз бехуш шуда афтод. Баъд аз он ба хуш омада, чашмони худро аз рӯи малика чудо намекард ва малика ба он бечора хеч илтифот намекард.

---

[1] Замон – заминӣ, кафил.

Ҳотам мӯҳрэи пириро ба кадре об соида, ба он ҷавон дод ва он ҷавон гарғара карда дар косаи об андохт.

Баногоҳ малика об хост. Дарҳол Ҳотам он обро ба дасти малика дод. Аз дасти Ҳотам гирифта лочуръа[1] даркашида буд, ки дилаш моил ба он ҷавон шуда аз ишки ӯ бекарору бетоқат шуд, гӯё сардие дар миён намонда бошад.

Ҳотам аз рӯи мутоиба ба ҷониби малика нигоҳе карда гуфт:

– Чӣ мешавад, ки ба он бечораи ҳичронкашида ба лутфу карам илтифот созӣ?

Малика гуфт:

– Эй Ҳотам, дарзамон ба ҳоли худ назар мекунам, ин ҳама фитна дар дили ман ангехтаст, аммо иттисоли[2] мо бо ӯ бе ичозати падар нахоҳад шуд.

Ҳотам гуфт:

– Хуб аст.

Дарҳол малика падару модари худро талабида, дар он мақом ҷашне орост. Падари ӯ ба Ҳотам дар як ҷо мусоҳиб шуда аҳволпурсӣ кард. Ҳотам таъзими ӯро ба ҷо оварда, ҳамаи саргузашти худро дар пеши ӯ як-як баён намуд.

Падари Алқанпарӣ ба ин ҳама корҳои Ҳотам таҳсину офарин гуфт ва ҷамеи пириён ва акобиру сарҳангонро талабида, ба чандин тамошову сурур духтарро акд карда, ба он ҷавон супориданд. Ва он ошиқи бечора дар шабистони Алқанпарӣ даромада коми дил ҳосил кард.

Ҳамаи он пириён Ҳотамро меҳмондорӣ карда хушҳол сохтанд. Баъд аз хафт рӯз Ҳотам аз ҳамаи онҳо рухсат гирифта ба ҷониби дашти Ҳумро равона шуд.

Чанде аз паризодонро малика фармуд, ки Ҳотамро ба кӯҳи Ҳумро бурда гузоранд. Дарҳол паризодон Ҳотамро бар дӯши худҳо бардошта ба ҳади кӯҳи Ҳумро бурда гузоштанд.

Дарзамон овозе ба гӯши Ҳотам расид:

Ҳар кӣ бадӣ кард, ба бад ёр шуд,
Ҳам ба бади хеш гирифтор шуд.

Ҳотам гуфт:

– Эй пириён, маро дар ин ҷо корест.

Онҳо гуфтанд:

– Хуб аст.

Ҳотам аз паризодон ҷудо шуда, аз пайи овоз роҳӣ шуд. Дар ҷое расида дид, ки дарахти азиме сар бар фалак кашида ва дар шохи он дарахт пирамардеро дар қафас андохта овезон гузоштаанд. Ва он пир бар шохи дарахт ва дар даруни қафас ин байтро хонда нишастааст.

Ҳотам гуфт:

– Эй пир, ба кадом сабаб ин каломи дилсӯзро гуфта, дар даруни ин қафас овоз мекунӣ?

Пир гуфт:

---

[1] Лочуръа – то катраи охирин.
[2] Иттисол – васл, ҷуфт шудан.

– Эй чавон, аз аҳволи ман чизе мапурс, агар мепурсӣ бо ман аҳде кун, то ман аҳволь худро бо ту арза намоям ва илло ба роҳи омадан худ бираи!

Ҳотам гуфт:

– Эй пир, касам ба ягонагии Ҳак, ки ба доди ту бирасам.

Пир гуфт:

– Эй чавон, асли ман савдогар будам ва номи ман Ҳумро буд. Чун ба хадди балоғат расидам, дар ин навоҳй падарам ба номи ман шаҳре бино карда, худи ӯ ба нияти тичорат бозрафт ва мани ноахл ба андак вакт ҳаман молҳоро исроф намудам ва аҳвол парешон шуд.

Билохир, дар ёфтани зарҳои мадфунан[1] падар шуда тараддуди бисёре кардам, ба ҳеч вачх ба даст наомад ва падарам дар он сафар вафот ёфт.

Баъд аз чанд муддат чавонеро ёфтам, ӯ метӯяд, ки касеро хазина гум шуда бошад, аз рӯи ҳикмат пайдо карда медиҳам ва ман дар назди ӯ рафтам. Аҳволи худро ба ӯ гуфтам.

Ӯ гуфт:

– Ба шарте, ки чаҳоряки он зари гумшударо бар ман бидиҳй.

Ман ҳам кабул карда, он чавонро дар хонаи худ овардам. Дарҳол аз рӯи ҳикмату фаросат ҳаман он зарҳоро ёфта ба ман дод ва ман дидам, ки зар бешумор – аз кавли худ баргаштам ва нукси ахд кардам.

Соате хомӯш монд, баъд аз соате бар ман муболига кард. Ду-се муште зада, аз хона берун кардам ва он чавон ноумед шуда бадар рафт.

Баъд аз дувоздах рӯз он чавон омада роҳи хизмат пеш гирифт. Чанд муддат бо ман ҳамроҳ буд. Ман ҳам ӯро хуб медидам.

Рӯзе гуфт, ки:

– Як хунаре дорам: дар хар чое зару ганчи гӯркарда бошад, дар назари ман даромада бар ман маълум хоҳад шуд.

Ман гуфтам:

– Ин ҳикматро бар ман биёмӯзон.

Чавон гуфт:

– Худ илме намебошад. Як таркиби сурма хаст, хар кй дар чашм кашад, ба тамомй зару ганчи зеризаминиро мебинад.

Ман гуфтам:

– Чй шавад, ки аз он сурма дар чашми ман ҳам кашй?

Чавон гуфт:

– Хуб аст.

Алкисса, хар ду рӯ ба сахро нихода, дар зери дарахте расида бинишастем. Дарҳол сурмае аз кисаи худ бароварда, андаке дар чашми ман кашид. Дарҳамон хар ду чашми ман кӯр шуда, аз дидан бозмондам.

Гуфтам:

– Эй бародар, чй коре буд, ки дар хаккй ман кардй?

Ӯ гуфт:

– Сазои бадахдй ҳамин аст. Агар мехоҳй, ки чашми ту равшан шавад, дар ин кафас даромада бинишин ва мисли зогон фарёд кун ва нидо бихон:

---

[1] Мадфуна – гӯр кардашуда, пинҳон кардашуда.

Ҳар кӣ бад кард, ба бад ёр шуд,
Ҳам ба бади хеш гирифтор шуд.

Маро дар ин қафас андохта бар шохи ин дарахт овехт.

Боз гуфтам:

– Эй чавон, маро дар ин ҳол андохтӣ, Худоро чӣ чавоб хоҳӣ дод?

Чавон гуфт:

– Он замоне, ки Худоро дар миён андохта аҳд кардӣ, боз он аҳдро шикастӣ, ин интиқоми нукси ҳамон аҳд хоҳад шуд.

Охируламр гуфтам:

– Тавба кардам.

Он чавон гуфт:

– Бош то вақте ки як чавоне омада, гиёҳе аз дашт оварда, дар чашми ту бикашад, чашмҳои ту равшан хоҳад шуд.

Ҳотам гуфт:

– Чанд вақт шуд?

Он пир гуфт:

– Надонистам.

Ҳотам боз гуфт:

– Чӣ гуна дар ин ҷо зинда мондӣ ва қути худро аз кучо мехӯрӣ?

Пир гуфт:

– Қути маро Худои таоло аз гайб мерасонад.

Дарҳол Ҳотам гуфт:

– Эй бечора, хотири худро чамъ дор, ман рафта ҳамон гиёҳро хохам овард. Ин гуфта рӯ ба роҳ ниҳод ва баъд аз чанд вақт он гиёҳро оварда, дар чашми пир кашид. Чашмҳои ӯ равшану мунаввар шуд ва он пир аз чойи худ барҳост ва дар зери қадами Ҳотам афтод.

Баъдаҳу, Ҳотам бо он пир видоъ карда, ба чониби Ҳуснобод роҳӣ шуд. Манзилу мароҳил тай карда, дар шаҳри Ҳуснобод дохил шуд ва дар корвонсаро даромада, шаҳзодаро мулокот кард ва ҳамаи саргузашти худро дар назди шаҳзода як-як баён намуд.

Алқисса, Ҳотам маа шаҳзода ба дари қасри малика омаданд.

Дарҳол малика хабар ёфта, дар паси парда бинишаст ва Ҳотамро маа шаҳзода андарун талабида гуфт:

– Эй Ҳотам, ҳамаи саргузашти худро баён соз!

Дарҳол Ҳотам ҳамаи дидаву кардаи худро дар назди малика як-як арза намуд.

Малика гуфт:

– Рост гуфтӣ.

Ҳотам гуфт:

– Эй малика, акнун саволи чахорумро бифармо, то ба талаби чавоби ӯ кӯшам.

Малика гуфт:

– Эй Ҳотам, шахсе ба дарвозаи худ навишта, ки: «Ростгӯро ҳамеша роҳат дар пеш аст.»

Байт:

Ростӣ овар, ки шавӣ растагор,
Ростӣ аз ту, зафар аз Кирдигор.

Мазмуни ин суханро ба зудӣ ёфта биёр, ки рост гуфта, чӣ роҳат ёфтааст?

САФАРИ ЧОРУМ

Ҳотам аз қасри малика баромада, ба чониби биёбон равона шуд. Баъд аз чанд вақт дар зери кӯхе расида, гузораш ба сарчашмаи обе афтод. Дид, ки тамомии оби он чашма ба монанди хун фаввора кашида меравад. Мутаҳайир шуд ва гуфт: «Ин қисм обро ҳеч надида будам.» Ин гуфта болорӯяи он об равона шуд, расида дид, ки дарахти азиме сар ба фалак кашида. Аз болои он дарахт оби сурх ба монанди хун мерезад. Нек назар карда дид, ки бар шоҳҳои он дарахт сарҳои одамиро бурида овехтаанд.

Соате дар он чо бинишаст. Дар он ҳин ҳаман сарҳо қоҳ-қоҳ ба ханда даромаданд. Ҳотам мутаҳайир шуда гуфт: «Ҳақиқатӣ ин сирро аз кӣ пурсам?»

Болотар нигоҳ кард, ки як сар аз ҳамаи сарҳо мукаддамтар. Ошику фирефтаи ӯ шуд, беҳуш афтод. Баъд аз соате ба ҳуш омада, дар фикр шуд: «Чунин нозанинеро сар буридаанд ва агар ба чое расида, ин ҳодисаро накл кунам, шунавандагон аз ҳақиқати ин пурсанд, чӣ чавоб хоҳам дод? Пас чанд рӯзе дар ин чо бошам, шояд, ки ҳақиқати ин сир бар мо маълум шавад.»

Чун тамомии рӯзро ба фикр гузаронд ва шаб бар сари даст даромад, дид, ки он сарҳо аз шоҳҳои дарахт чудо шуда, дар толоб фурӯ рафтанд. Ва дар миёни толоб нишемане буд. Ногоҳ он нозанин аз толоб баромада, бар нишеман дохил шуда, бар болои тахти подшоҳӣ бинишаст ва дигарон бар болои курсиҳои ҳарин бинишастанд. Ҳотам аз дидани он нозанини боз беҳуш шуда афтод. Баъд аз соате ба ҳуш омада дид, ки ҳаман нозанинон завқу тамошо карда нишастаанд. Ҳангоми ними шаб буд, ки чандин қисм таоми лазиз оварда, дар назди Ҳотам гузоштанд ва гуфтанд:

– Эй мусофир, ин ҳама таомҳоро малика ба ту фиристодааст.

Ҳотам гуфт:

– Эй мулозимон, маликаи шумоёнро чӣ ном аст?

Мулозимон гуфтанд:

– Туро ба ин чӣ кор?

Ҳотам гуфт:

– Эй ходимон, то номи маликаро нагӯед, таомро нахоҳам хӯрд.

Мулозимон омада ба малика гуфтанд.

Малика гуфт:

– Рафта бигӯед, аввал таом бихӯрад, баъд аз он ном хоҳам гуфт.

Мулозимон омада гуфтанд:

– Эй чавони мусофир, малика чунин ва чунон мегӯяд.

Ночор ба хӯрдани таом мукайид шуд, баъд аз фароғи таом гуфт:

– Эй мулозимон, акнун номи маликаи хешро бигӯед.

Мулозимон гуфтанд:

– Эй чавон, фардо хоҳем гуфт.

Ҳотам хост, ки яке аз онҳоро бигирад, дарҳол дар зери толоб ғӯтае зада рафтанд ва баъд аз соате аз об берун омада, рӯ ба рӯи малика даст баста истоданд.

Шаб гузашта хуршеди чаҳонафрӯз ба ин олами зулмонӣ тулӯъ карда буд, ки он нозанини тахтнишин бо ҳамроҳии он ҳодимон дар зери об ғӯта зада рафтанд. Баъд аз соате ҳамаи он сарҳо аз танҳои хеш чудо шуда, аз зери об берун шуданд ва дар шоҳҳои дарахт ба монанди рӯзи аввал овезон гардиданд. Баъд аз соате ҳамаи он сарҳо ба дастури собиқ қоҳ-қоҳ дар ханда шуданд. Рӯз гузашт. Чун шаб бар сари чанг даромад, боз ҳамон сарҳо аз шоҳҳои дарахт чудо шуда, дар зери толоб фурӯ рафтанд.

Баъд аз соате ҳамаи он сарҳо бо ҷасади худҳо пайваста аз он толоб берун шуданд ва он нозанин бар болои тахт нишаста, дигарон рӯ ба рӯи ӯ даст баста истоданд.

Ҳотам дар дил гуфт: «Имшаб ҳақиқати кори эшон маълум хоҳад шуд.»

Чун посе аз шаб гузашта буд, дар пеши он нозанин чандин қисм таом оварда ниҳоданд. Он нозанин маа тобеон ба хӯрдани таом муқайид шуд ва як хони пур аз таом дар назди Ҳотам фиристод. Мулозим оварда таомро дар назди Ҳотам гузошта буд, ки Ҳотам гуфт:

– Эй дилрабо, акнун ваъдаро вафо кун, то таоми туро бихӯрам.

Дарҳол он дилбар омада ба маликаи худ гуфт:

– Он ҷавон мегӯяд, ки то номи маликаро нагӯй, таом нахоҳам хӯрд.

Малика гуфт:

– Баъд аз фароғи таом номи хеш хоҳам гуфт.

Он мулозим омада гуфт:

– Эй ҷавон, баъд аз фароғи таом номи он дилором хоҳӣ шунуд.

Ҳотам хост, ки даст гирад, боз ба ҳамон толоб ғӯта зада, аз зери нишеман баромада, рӯ ба рӯи малика даст баста истод.

Ҳотам низ худро дар толоб андохта фурӯ рафт. Баъд аз соате пойҳои ӯ ба замин расид. Чашм кушода дид, ки не толоб ва не тахт ва не он нозанинон – дар як саҳрое афтодааст. Оҳи сард аз дили пурдард мекашид. Зор-зор чун абри навбаҳор мегирист ва дар он саҳро девонавор мегашт.

Алқисса, муддати ҳафт шабонарӯз дар биёбон ҳайрону сарсон медавид. Дар он ҳин Хочаи Хизр ба сарвақти Ҳотам расиданд. Дидан ҳамоно Ҳотам давида омада, дар зери қадами эшон афтод. Эшон дасти Ҳотамро гирифта гуфтанд:

– Эй ҷавон, дар ин саҳрои ҳирсу чоду чӣ кор мекунӣ ва аз барои чӣ кор дар ин ҷо омадӣ?

Ҳотам гуфт:

– Ё бузургвор, ба коре мерафтам, ба чое расида воқеаи ачибе дидам...

Ва ҳамаи дигагиҳои худро ба хизмати эшон арза намуд.

Эшон гуфтанд:

– Эй Ҳотам, худро дар миёни толоб андохтӣ ва он толобу он дарахт тилисмот буд ва аз ин ҷо то бар он толоб чаҳорсад фарсанг роҳ аст.

Ҳотам аз шунидани ин суҳан худро дар хоки мазаллат андохта, зор-зор чун абри навбаҳор гиря мекард ва мегуфт:

– Эй азиз, ба муроди худ нарасида, дар ин биёбон чон хоҳам дод.

Эшон пурсиданд, ки:

– Муроди ту чист?

Ҳотам гуфт:

– Муроди ман ин ки боз дар ҳамон толоб бирасам.

Эшон гуфтанд:

– Асои маро бигир ва чашми худро бипӯш.

Дарҳол Ҳотам чашмҳои худро пӯшонид ва асои мубораки эшонро гирифт. Баъд аз замоне чашм кушода, худро бар сари он толоб дид. Ин чӣ сир аст, гуфта ба чониби сарҳо назар мекард. Хусусан, сари маликаро дида афсӯс меҳӯрд. Хост, ки бар болои дарахт баромада, сари он нозанинро кушода бигирад, дарҳол ду дасти Ҳотам бар танаи он дарахт часпид. Ба машаккати бисёре дастҳои худро аз танаи он дарахт чудо кард. Болорӯяи дарахт равона шуд ва дар миёначӣ расида буд, ки дарҳол садои тараккӯ-турук пайдо шуд. Дар лаҳза он дарахт таркида Ҳотамро фурӯ кашидан гирифт. То камар фурӯ рафт, тарсе дар дили Ҳотам пайдо шуд ва гуфт: «Ин чӣ балое буд, ки пеш омад?» Ҳарчанд зӯр карда берун мекашид, дарунтар мерафт.

Алкисса, дар байни он дарахт чунон ҷой шуд, ки ҳеч нишоне ва асаре аз ӯ нанамуд.

Ҳамон замон ҳазрати Хизр ба сари вақти Ҳотам расида гуфтанд:

– Эй ҷавон, худро ба ин бало чаро мубтало кардӣ, магар аз ҳаёти худ сер шудай?

Ҳотамро ҳол дигаргун буд, ҷавоб надод.

Дарзамон Хизр алайҳиссалом бо асои муборак он дарахтро чунон заданд, ки он дарахт ҳамчун мум гашт. Даст дароз карда Ҳотамро аз даруни он дарахт кашида гирифтанд. Баъд аз дере Ҳотам ба худ омад. Эшон гуфтанд:

– Эй Ҳотам, туро бо ин саҳро чӣ кор аст, худро дар балоҳо меандозӣ?

Ҳотам гуфт:

– Эй бузургвор, вокеан ин сар маълуми ман шавад. Ва бо ин сари нозанин дил додаам, хоҳ одамӣ бошад ва хоҳ парӣ, дар кайди никоҳи худ дорорам.

Эшон гуфтанд:

– Эй Ҳотам, бидон ва огоҳ бош, ин сари нозанинро, ки мебинӣ, сари духтари Соми Аҳмари ҷодуст; дигарон хидматгорони ӯ. Ва маскани падару модари ӯ дар саҳрои кӯҳи Аҳмар аст.

Ҳотам гуфт:

– Ё бузургвор, чаро сарҳои эшон аз танаҳои хеш чудо шуда чунин мешаванд?

Эшон гуфтанд:

– Эй Ҳотам, огоҳ бош, рӯзе духтари Аҳмар ба падари хеш гуфт, ки: «Эй падар, ба балоғат расидаам, бояд, ки маро ба шавҳар биданӣ.» Аҳмари ҷоду аз шунидани ин суханн духтар дар газаб даромада тилисме сохта, аз он рӯз то ба имрӯз духтарро ва ҳодимонаш ба ин бало мубтало гардонидааст. Аз ин ҷо то ба макони ҷоду сад фарсанг роҳ аст, аммо аз куввати сеҳр аз ин ҷо то ба он ҷо дар як рӯз мерасад ва ӯ алҳол зинда аст ва ба даст афтодани ин духтар мушкил аст.

Ҳотам аз эшон ин суханро шунида гуфт:

– Ё бузургвор, маълум шуд, ки марги ман дар хамин ҷо будааст.

Эшон гуфтанд:

– Эй Ҳотам, ҳанӯз умри ту дароз аст, агар рағбати духтари ҷоду дорӣ, худро ба ин бало андоз вагарна баргард, ки дар ин роҳ хатар бисёр аст.

Ҳотам гуфт:

– Ё бузургвор, даст аз ҷон шустаам ва аз бахри хамаи чизҳо гузаштаам:

Даст аз талаб надорам то коми ман барояд,
Ё тан расад ба ҷонон, ё ҷон зи тан барояд.
Бикшой турбатамро баъд аз вафоту бингар,
К-аз оташи дарунам дуд аз кафан барояд.

Алқисса, Ҳотам гуфт:

– Ё бузургвор, аз бахри ҷон гузаштаам, ҳар чӣ бодо бод, то ин нозанин ба даст надарояд, аз ин роҳ бознагардам.

Ҳазрати Хизр гуфтанд:

– Муроди ту чист?

Ҳотам гуфт:

– Мехоҳам, ки сари ман дар баробари сарҳои эшон шуда, мусоҳиби ӯ бошам.

Ҳазрати Хизр гуфтанд:

– Парешон хоҳӣ шуд.

Ҳотам гуфт:

– Ҳар чӣ мухаддароти ман бошад, онро хоҳам дид.

Дарҳол асои муборак бар дарахт зада, аз назари Ҳотам ғоиб шуданд.

Дар он ҳин сари Ҳотам аз танаш ҷудо шуда бар шохи дарахт овезон шуд ва танааш дар толоб фурӯ рафт.

Ғирев аз хамаи саррҳо баромад, гӯё, ки олам зеру забар шуда бошад ва мегуфтанд:

– Ин ҷавон ҳам дар тилисмоти ҷоду гирифтор шуд.

Чун рӯз гузашта шаб расид, ҳамаи сарҳо маа сари Ҳотам дар толоб афтоданд. Баъд аз соате ҳама аз толоб баромада, ба дастури собиқ ба ҷойи худҳо истода шуданд.

Ҳотам низ дар гӯшаи рӯ ба рӯи малика даст ба сина истод. Чун посе аз шаб гузашта буд, ки чандин қисм таом оварда дар назди малика гузоштанд.

Дарҳол малика дасти Ҳотамро гирифта, дар назди худ нишонид ва ба хӯрдани таом мукайид шуданд. Баъд аз фароғи таом тамоми шабро ба айшу ишрат гузаро намуданд. Чун рӯз шуд, сари Ҳотам маа он сарҳо дар шоххои дарахт овехта шуд.

Ба хамин тариқа чанд вакт рӯз мурдаву шаб зинда гузашт. Ва боз ҳазрати Хизр ба мадади Ҳотам омаданд.

Дарҳол сари Ҳотамро ба асои муборак аз шохи дарахт гирифтанд ва Исми Аъзамро хонда дам андохта буданд, ки таркиби Ҳотам ба асли қадим омад.

Ҳотам гуфт:

– Ё бузургвор, ба чое расида худро дар бало андохтаам.

Эшон гуфтанд:

– Эй Ҳотам, то падари ин кушта нашавад, ин нозанин ба дасти ту нахоҳад омад.

Ҳотам гуфт:

– Ё бузургвор, акнун касди куштани падараш хоҳам кард.

Эшон гуфтанд:

– Эй Ҳотам, ба ҳеч вақт он ҷодуро ба даст натавонӣ овардан, магар он чӣ ба ту фармоям ва ба он амал кунӣ ва аз фармудаи ман берун наравӣ, шояд, ки мурода ту ҳосил шавад.

Дарҳол Ҳотам дар зери қадами эшон афтода гуфт:

– Иншоаллоҳ, аз фармудаи шумо берун нахоҳам рафт.

Хизр гуфтанд, ки:

– Туро Исми Аъзам биёмӯзам, бояд, ки одоби онро ба ҷой орӣ.

Шароити Исми Аъзам маа Исми Аъзам ба Ҳотам таълим намуданд ва худи эшон аз назари Ҳотам ғоиб шуданд.

Ҳотам ба кӯҳи Аҳмар равона шуд.

Баъд аз муддате ба кӯҳи Аҳмар расида дид, ки ачаб кӯҳи пуршукӯҳу лоазор аст.

Болои кӯҳ баромада хост, ки қадам ниҳода пештар равад, дарҳол сангҳои он кӯҳ қадами Ҳотамро гирифтанд.

Ҳотам дар обу арақ ғӯта хӯрда мегуфт: «Ин чӣ сирре буд, ки ҳарчанд қувват мекунам, пеш рафта наметавонам.» Донист, ки ин кӯҳи Аҳмар аст.

Дарҳол Исми Аъзамро хонда дамида буд, ки пояш кушода шуд ва ӯ ба ҷониби болорӯяи он кӯҳ равона шуд. Пештар рафта дид, ки чашмаи обе. Дар он чашма ғусл карда, ба хондани Исми Аъзам мукайид шуд. Аз хосияти Исми Аъзам ҳамаи дарандагону газандагон пароканда шуда, ба ҳар ҷониб рафтанд ва ин хабар ба самъи ҷоду расид, ки ҷонварони сеҳркарда кайҳо аз сеҳр халос шуда ба ҳар ҷониб рафтанд.

Ҷоду пештар ба қуръа даёфта буд, ки рӯзе Ҳотам ба ин кӯҳ хоҳад омад ва тамоми сеҳрҳоро ботил хоҳад кард.

Дарҳамон қуръа андохта дид, ки Ҳотам омада ва бар сари фалон чашма Исми Аъзам хонда нишастааст ва дар дил фикр карда мегуфт, ки: «Омадани Ҳотамро дар ин мақом чӣ сабаб бошад?» Боз ба ҷойи дигари китоби худ назар карда ёфт, ки Ҳотам ба духтари ӯ ошиқ шуда ба қасди куштани ӯ омадааст. Ҳазрати Хизр Исми Аъзамро ба ӯ ёд додаанд, ки сеҳри ҳамаи соҳиронро ботил хоҳад кард.

Ҷоду низ ба хондани афсун мукайид шуда, ба чахор тарафи худ медамид. Баъд аз соате хайли паризодон дар назди Ҳотам ҳозир шуданд ва дар миёни эшон маликаи Зарнигӯш суроҳӣ[1] ба даст гирифта , ба сӯи Ҳотам нигоҳи мухаббатомез кард. Дарлаҳза Ҳотам он сабӯро[2] аз дасти малика гирифта ҷӯръа даркашид ва бехуш шуда афтод ва он нозанин боз ба сеҳр худро ба сурати девӣ сиёҳ карда, дасту пои Ҳотамро барбаст ва бар пушти худ бардошта дар назди Аҳмари ҷоду овард.

---

[1] Суроҳӣ – кӯзаи май.

[2] Сабӯ – кӯза.

Ҷоду шаклу шамоили Ҳотамро дида гуфт:

– Инчунин ҷавонро куштан аз мурувват дур аст. Аммо чӣ кунам, ки маро душман аст.

Мулозимони худро фармуд, ки инро бурда дар чоҳи оташин андозед. Дархол мулозимон чунин карданд. Гармии оташ ба Ҳотам таъсир накард, чаро ки мӯҳраи пириро дар даҳони худ гирифта буд.

Ҷоду боз ба китобаш назар кард, ки ба Ҳотам ҳеч осебе нарасидааст ва ӯ зинда буда, мӯҳраи парӣ дар даҳон дорад. Ҷоду дар ишқи мӯҳра шуда гуфт, ки:

– Ҳотамро биёред.

Дарзамон шогирдон Ҳотамро оварданд.

Ҷоду фикр карда гуфт, ки: «Мӯҳраро аз дасти Ҳотам гирифтан маҳол аст, чӣ бояд кард. Магар ба тилисм мӯҳра аз дасти ин гирифта шавад.»

Боз фармуд, ки:

– Ҳотамро бурда бар сари ҳамон чашма гузоред ва ба сурати духтар шуда, аз дасташ мӯҳраро гирифта биёред.

Мулозимон дархол чунин карданд ва худи ҷоду ба хондани сеҳр мукайид шуд. Баъд аз соате аз кунвои сеҳр ҷамоаи паризодон аз сӯи боғ пайдо шуданд ва маликаи Зарнигӯш дар назди Ҳотам омада гуфт:

– Эй ёри ҷонӣ, туро аз дуртар хоҳам дид. Як бор дар пеши ту омада будам. Падарам деви сиёҳро фиристода туро бурда буд ва дар чоҳи оташи андохта ва махбус сохта. Худои таоло аз он балои оташ туро халосӣ дода. Мабодо ки дар пеши ту бинишинам, падарам воқиф шуда сеҳр бикунад. – Ин гуфта нишаст.

Ҳотам даст дароз карда аз банди дасти «малика» гирифт ва ба сӯи худ кашид ва зориву таваллоҳо мекард. Ва он сурати малика гуфт:

– Рост бигӯ, ки маро дӯст медорӣ, ё не?

Ҳотам гуфт:

– Эй малика, ин ҳама ҷонбозиҳо барои ту мекунам.

«Малика» гуфт:

– Ҷони ту дар амони Худо бошад, аз ту як чизе мехоҳам, бояд ки ӯро ба ман бидиҳӣ.

Ҳотам гуфт:

– Ҳазор чон фидои ту бод, ҳар чизе, ки аз ман талаб намоӣ, аз ту дареғ нахоҳам дошт.

Он сурати сеҳр гуфт:

– Дар назди ту мӯҳрае будааст, ҳамон мӯҳраро бар ман ато намоӣ, то падарам маро аз он ҷо халос созад.

Ҳотамро ҳиммат баландӣ карда гуфт, ки:

– Аз ту азизтар ва дӯсттар касе дар назди ман намебошад.

Хост мӯҳраро баровард таслим намояд, баногоҳ ҳазрати Хизр бонг бар Ҳотам зада гуфтанд:

– Эй Ҳотам, мӯҳраро аз даст мадеҳ, ки чон ба саломат нахоҳӣ бурд.

Ҳотам гуфт:

– Эй азиз, шумо кистед ва маро аз додани мӯҳра чаро манъ мекунед?

Эшон гуфтанд:

– Эй Ҳотам, то падари ин кушта нашавад, ин нозанин ба дасти ту нахоҳад омад.

Ҳотам гуфт:

– Ё бузургвор, акнун касди куштани падараш хоҳам кард.

Эшон гуфтанд:

– Эй Ҳотам, ба ҳеч вачҳ он ҷодуро ба даст натавонӣ овардан, магар он чӣ ба ту фармоям ва ба он амал кунӣ ва аз фармудаи ман берун наравӣ, шояд, ки муроди ту ҳосил шавад.

Дарҳол Ҳотам дар зери қадами эшон афтода гуфт:

– Иншоаллоҳ, аз фармудаи шумо берун нахоҳам рафт.

Хизр гуфтанд, ки:

– Туро Исми Аъзам биёмӯзам, бояд, ки одоби онро ба ҷой орӣ.

Шароити Исми Аъзам маа Исми Аъзам ба Ҳотам таълим намуданд ва худи эшон аз назари Ҳотам ғоиб шуданд.

Ҳотам ба кӯҳи Аҳмар равона шуд.

Баъд аз муддате ба кӯҳи Аҳмар расида дид, ки аҷаб кӯҳи пуршукӯҳу лолазор аст.

Болои кӯҳ баромада хост, ки қадам ниҳода пештар равад, дарҳол сангҳои он кӯҳ қадами Ҳотамро гирифтанд.

Ҳотам дар обу арақ ғӯта хӯрда мегуфт: «Ин чӣ сирре буд, ки ҳарчанд қувват мекунам, пеш рафта наметавонам.» Донист, ки ин кӯҳи Аҳмар аст.

Дарҳол Исми Аъзамро хонда дамида буд, ки пояш кушода шуд ва ӯ ба ҷониби болорӯяи он кӯҳ равона шуд. Пештар рафта дид, ки чашмаи обе. Дар он чашма ғусл карда, ба хондани Исми Аъзам мукайид шуд. Аз хосияти Исми Аъзам ҳамаи дарандагону газандагон пароканда шуда, ба ҳар ҷониб рафтанд ва ин хабар ба самъи ҷоду расид, ки ҷонварони сеҳркарда кайҳо аз сеҳр халос шуда ба ҳар ҷониб рафтанд.

Ҷоду пештар ба курьа даёфта буд, ки рӯзе Ҳотам ба ин кӯҳ хоҳад омад ва тамоми сеҳрҳоро ботил хоҳад кард.

Дарзамон курьа андохта дид, ки Ҳотам омада ва бар сари фалон чашма Исми Аъзам хонда нишастааст ва дар дил фикр карда мегуфт, ки: «Омадани Ҳотамро дар ин маком чӣ сабаб бошад?» Боз ба ҷойи дигари китоби худ назар карда ёфт, ки Ҳотам ба духтари ӯ ошиқ шуда ба қасди куштани ӯ омадааст. Ҳазрати Хизр Исми Аъзамро ба ӯ ёд доданд, ки сеҳри ҳамаи соҳиронро ботил хоҳад кард.

Ҷоду низ ба хондани афсун мукайид шуда, ба чахор тарафи худ медамид. Баъд аз соате хайли паризодон дар назди Ҳотам ҳозир шуданд ва дар миёни эшон маликаи Зарингӯш суроҳӣ[1] ба даст гирифта , ба сӯи Ҳотам нигоҳи мухаббатомез кард. Дарлаҳза Ҳотам он сабӯро[2] аз дасти малика гирифта ҷӯрьа даркашид ва бехуш шуда афтод ва он нозанин боз ба сеҳр худро ба сурати девҷ сиёҳ карда, дасту пои Ҳотамро барбаст ва бар пушти худ бардошта дар назди Аҳмари ҷоду овард.

---

[1] Суроҳӣ – кӯзаи май.

[2] Сабӯ – кӯза.

Ҷоду шаклу шамоили Ҳотамро дида гуфт:

– Инчунин ҷавонро куштан аз мурувват дур аст. Аммо чӣ кунам, ки маро душман аст.

Мулозимони худро фармуд, ки инро бурда дар чоҳи оташин андозед. Дарҳол мулозимон чунин карданд. Гармии оташ ба Ҳотам таъсир накард, чаро ки мӯҳраи пириро дар даҳони худ гирифта буд.

Ҷоду боз ба китобаш назар кард, ки ба Ҳотам хеч осебе нарасидааст ва ӯ зинда буда, мӯҳраи парӣ дар даҳон дорад. Ҷоду дар ишқи мӯҳра шуда гуфт, ки:

– Ҳотамро биёред.

Дарзамон шогирдон Ҳотамро оварданд.

Ҷоду фикр карда гуфт, ки: «Мӯҳраро аз дасти Ҳотам гирифтан маҳол аст, чӣ бояд кард. Магар ба тилисм мӯҳра аз дасти ин гирифта шавад.»

Боз фармуд, ки:

– Ҳотамро бурда бар сари ҳамон чашма гузоред ва ба сурати духтар шуда, аз дасташ мӯҳраро гирифта биёред.

Мулозимон дархол чунин карданд ва худи ҷоду ба хондани сеҳр муқайид шуд. Баъд аз соате аз кувваи сеҳр ҷамоаи паризодон аз сӯи боғ пайдо шуданд ва маликаи Зариншӯш дар назди Ҳотам омада гуфт:

– Эй ёри ҷонӣ, туро аз дуртар хоҳам дид. Як бор дар пеши ту омада будам. Падарам деви сиёҳро фиристода туро бурда буд ва дар чоҳи оташи андохта ва маҳбус сохта. Худои таоло аз он балои оташ туро халосӣ дода. Мабодо ки дар пеши ту бинишинам, падарам воқиф шуда сеҳр бикунад. – Ин гуфта нишаст.

Ҳотам даст дароз карда аз банди дасти «малика» гирифт ва ба сӯи худ кашид ва зориву таваллоҳо мекард. Ва он сурати малика гуфт:

– Рост бигӯ, ки маро дӯст медорӣ, ё не?

Ҳотам гуфт:

– Эй малика, ин ҳама ҷонбозиҳо барои ту мекунам.

«Малика» гуфт:

– Ҷони ту дар амони Худо бошад, аз ту як чизе мехоҳам, бояд ки ӯро ба ман бидиҳӣ.

Ҳотам гуфт:

– Ҳазор ҷон фидои ту бод, ҳар чизе, ки аз ман талаб намой, аз ту дареғ нахоҳам дошт.

Он сурати сеҳр гуфт:

– Дар назди ту мӯҳрае будааст, ҳамон мӯҳраро бар ман ато намой, то падарам маро аз он ҷо халос созад.

Ҳотамро ҳиммат баландӣ карда гуфт, ки:

– Аз ту азизтар ва дӯсттар касе дар назди ман намебошад.

Хост мӯҳраро бароварда таслим намояд, баногоҳ ҳазрати Хизр бонг бар Ҳотам зада гуфтанд:

– Эй Ҳотам, мӯҳраро аз даст мадеҳ, ки ҷои ба саломат нахоҳӣ бурд.

Ҳотам гуфт:

– Эй азиз, шумо кистед ва маро аз додани мӯҳра чаро манъ мекунед?

Эшон гуфтанд:

– Ман ҳамон касам, ки Исми Аъзамро ба ту омӯхтаам, ин сурат сурати малика нест, балки ин сеҳр аст ва туро фиреб медиҳад. Маликаи Заринпӯш алҳол дар тилисмоти ҷодуст.

Дарҳол Ҳотам дар зери каламашон афтод.

Ҳазрати Хизр гуфтанд:

– Эй нодон, ту чӣ андеша карда, ба ин сарчашма нишастай. Агар ҳаёт мехоҳӣ, бесабаб ин мӯҳраро ба ҳеч касе мадеҳ ва Исми Аъзамро хонда дамидан гир.

Ҳотам пои муборакаи эшонро бӯса дода, ба оби он чашма вузӯи тоза кард ва ба хондани Исми Аъзам мукайид шуд. Дарҳол аҳволи он ҷамоа дигаргун шуда, ларза дар андоми онҳо афтод. Сурати малика маа сурати он паризодон дандон ба дандон мезад, чунонки садои дандонҳои эшон ба фалак печида, оламро шӯре ва ғавғое пайдо шуда буд. Дарҳол ҳамаи он суратҳо чун ҳезуми хушк даргирифта хокистар шуданд. Ҳотам ин ҳолро дида афсӯс мехӯрд.

Ногоҳ хобаш дарабуд. Дид, ки ҷоду рафта дар пеши иблис даромада мегӯяд, ки сеҳрҳои маро фалон ном шахсе Исм хонда бетил гардонид.

Иблис Ҳотамро дар гафлат андохта, эҳтиломе[1] гардонид, то он ки дар хини нопокӣ мӯҳраро аз дасти ӯ бигирад. Ин гуфта ҷодуро хабардор гардонид.

Алкисса, ҷоду вакти худро ғанимат ёфта, дар афсуни сеҳр оғоз кард. Як деве аз замин пайдо шуда, ба ҷониби Ҳотам давида наздик расид.

Ҳотам девро дида дармонда шуд ва гуфт: «Ман дар хоб олуда шуда ғусл накардаам, чӣ гуна бо ин ҷоду муқобил шавам? Акнун дар ин ҷо кушта хоҳам шуд.» Ин гуфта аз ҷони худ умед канд. Дарҳол дев дасти Ҳотамро гирифта, ба пеши Ахмари ҷоду овард ва ҷоду гуфт: «Агар инро бикушам, мӯҳра ба даст нахоҳад омад. То ба ихтиёр надиҳад, хосият намедиҳад.» Ин суханро гуфта гуллу занчир ба гардани Ҳотам андохт ва дар зери ғахтасанги азиме биниҳод.

Ҳотам дар он дам лаб фурӯ баста, дар дил тазаррӯву зорӣ мекард.

Ҷоду бэз гуфт, ки ба гардани ин ҳалқа зада бохабар бошед, то он ки мӯҳраро ба дасти худ бидиҳад.

Алкисса, ҳафт шабонарӯз гуруснаву ташна умр ба сар бурд. Баъдаҳу ҷодувон пурсиданд, ки:

– Эй Ҳотам, чӣ ҳол дорӣ?

Ҳотам ҳеч нагуфт.

Боз гуфтанд, ки:

– Эй Ҳотам, мӯҳраро бидеҳ, то туро аз мурдан халос гардонем ва илло ба хории хор ҳалок хоҳӣ шуд.

Ҳотам гуфт:

– Рафта ба Соми Ахмар гӯед, агар духтари худро ба ман ақд карда бидиҳад, мӯҳраро ба ӯ хоҳам дод ва илло не!

Ҷодувон гуфтанд:

– Эй Ахмар, Ҳотам чунину чунон мегӯяд.

---

[1] Эҳтилом – дар хоб нопок шудан.

Ахмар аз шунидани ин сухан дар ғазаб даромада, наздики Ҳотам расид ва гуфт:

– Эй ҷавон мӯҳра аз ҷони ту азиз нест, мурданро ихтиёр макун!

Ҳарчанд ҷодувон ҳила карданд, мӯҳраро надод. Баъд аз он Ҳотамро бароварда, чунон сангборон карданд, ки ба шарҳ рост намеояд. Онҷунон сангҳо заданд, ки агар ба девори фӯлод мезаданд аз ҳам ҷудо мешуд. Аммо ҳар санге, ки назди Ҳотам меомад, аз сараш дур меафтод. Чунонки гирди сари Ҳотам аз сангҳо гунбади баланд монанди кӯҳ намудор гашт. Ҳама ҷодугарон ба дил гуфтанд, ки Ҳотам бимурд. Аммо Соми Ахмар бидонист, ки ҳанӯз зинда аст.

Ҷодугарон назди Соми Ахмар рафта гуфтанд, ки:

– Агар ӯ оҳантан бошад ҳам, ба хок баробар шуда бошад.

Соми Ахмар гуфт:

– Агар бовар надоред, сангҳоро аз болои ӯ дур карда бубинед.

Ҷодугарон сангҳоро дур карда диданд, ки Ҳотам саломат мочда. Ҳайрон шуданд ва боз ба сару рӯи ӯ сангҳо мезаданд. Дучанди собиқ санг заданд. Чун сангҳо боз карданд, диданд, ки зиёне ба Ҳотам нарасидааст.

Соми Ахмар ба ҷодугарон таъкид намуд, ки даст аз санг задан бозоред ва нигаҳбониҳо ба воқеӣ кунед ва хабардорӣ намоед. – Ин гуфта ба хонаи худ рафт ва дар ҷодуву сеҳри худ машғул шуд.

Ҷодугарон Ҳотамро зери тахтасанги гароне ниҳоданд. Ҳотам аз гурусна-гиву ташнагӣ забун шуда буд. Баъд аз соате ба ҷодугарон гуфт:

– Эй азизон! Хосияти ин мӯҳра бидонед, ки дар чоҳи оташин насӯхтам ва дар зери сангборон намурдам. Ҳоло он касро мӯҳра бидиҳам, ки ба сари он чашма, ки нишаста будам, расонад. Аҳмари ҷоду кадом сеҳр, ки бар ман накард ва ман аз хосияти ин мӯҳра дар сеҳр мубтало нашудам. Боз хосиятҳои бисёр дар ин мӯҳра аст. Агар касе хоҳад, ки Соми Аҳмарро бикушад ва подшоҳии ӯ бигирад, ба воситаи ин мӯҳра метавонад.

Ҷодугарон ба Ҳотам ҷавоб доданд, ки:

– Даркор нест!

Як ҷодугар, ки наздик нишаста буд, ишораи чашм кард, ки «чун шаб шавад, туро бар чашма барам, мӯҳраро бар ман хоҳӣ дод?»

Ҳотам низ ба ишораи чашм гуфт: «Бехтар.»

Чун ниме аз шаб гузашт, ҳама ҷодугарон, ки гирди Ҳотам нишаста буданд, ҷобаҷо хуспиданд. Ҳамон ҷодугар бедор монда буд. Оҳиста аз он ҷо бархоста наздики Ҳотам омада гуфт:

– Эй ҷавон, агар бигӯй, туро бар он чашма барам.

Ҳотам гуфт, ки:

– Маро токат нест, ки аз зери ин санг бароям.

Он ҷодугар гуфт:

– Ман туро берун хоҳам кард.

Боз Ҳотам гуфт:

– Чунин санг аз ту танҳо чӣ гуна бардошта шавад?

Ҷодугар гуфт, ки:

– Ман аз қуввати сеҳр бардорам.

Баъда афсун хонда буд, ки ду деви сиёҳ пайдо шуданд ва он тахтасанг, ки чун кӯҳ гарон буд, аз болои синаи Ҳотам бардоштанд.

Ҳотам бархост ва ҳамроҳи он ҷодугар равон шуд.Чун бар он чашма расид, ҷома аз тан бароварда гусл кард.

Ҷодугар гуфт:

– Эй чавон, акнун мӯҳра ба ман дех, ки барои рағбати мӯҳра туро аз зери санги гарон халос кардаам.

Ҳотам гуфт:

– Эй азиз, чун ту бо ман некӣ кардӣ, ман низ ивази он ба ту хоҳам кард.

Ҷоду гуфт:

– Чӣ иваз хоҳӣ дод?

Ҳотам гуфт:

– Эй ҷоду, агар Худо хоҳад Аҳмари ҷодуро кушта подшоҳии ӯро бар ту хоҳам бахшоид.

Ҷоду гуфт:

– Маро подшоҳӣ даркор нест, маро мӯҳра ба кор ояд.

Ҳотам гуфт:

– Ин нишонаи дӯст аст, аз худ ҷудо нахоҳам кард.

Боз гуфт:

– Эй ҷоду, барои чӣ мӯҳраро аз ман мехоҳӣ?

Ҷоду гуфт:

– Барои Соми Аҳмар мехоҳам.

Ҳотам гуфт:

– Эй аҳмақ агар барои Худову худ мехостӣ, медодам.

Ҷоду гуфт:

– Худои мо ҷодуи калон аст ва ӯ устоди Соми Аҳмар аст. Ба ҷуз ҷодуи калон офаридгор кист?

Ҳотам гуфт:

– Эй махлуқи малъун, махлукро Холиқ[1] мегӯй, бирав аз пеши ман ва илло туро пора-пора хоҳам намуд.

Ҷоду гуфт:

– Эй Ҳотам акнун маълум шуд, ки халос шудӣ ва ба таври худ мӯҳраро намедиҳӣ, мӯҳраро аз ту гирифтан мушкил нахоҳад буд. Туро ба ин оби чашма он миқдор гӯта бидиҳам, ки аз ҷон бечон шавӣ, биё он мӯҳраро ба хубии хуб ба ман бидех.

Ҳотам гуфт:

– Эй ҷоду, иншоаллох, Аҳмари ҷодуро маа устодаш сазовори ҷаҳаннам гардонам. Чун ту бар ман некӣ кардӣ, тавонам туро дар мамлакати ҷодуи калон подшоҳ кард.

Дар ин замон аз хосияти Исми Аъзам ларза дар андоми ҷоду афтод ва аз назди Ҳотам гурехта, пеши чамоаи худ рафт. Тамомии шаб дар миёни онхо хобид.

---

[1] Холик – халккунанда, офаранда.

Чун субҳ шуд, чодувон аз хоб бедор шуда, зери тахтасангро диданд, ки Ҳотам гоиб шуда. Аз тарс хок бар сари худҳо карда, пеши чоду рафтанд ва гуфтанд:

– Он чавон аз зери санг гоиб шудааст.

Аз шунидани ин хабар оҳи сард аз дили пурдард баркашид. Китоби худро дид, ки Ҳотамро Сармак аз зери санг раҳо карда ва ӯ бар сари чашма нишастааст.

Дархол Аҳмар дар газаб шуда гуфт:

– Эй Сармак, чаро ӯро халос намудӣ? Акнун туро зинда нахоҳам гузошт!

Сармак аз чон тарсида дар дили худ гуфт, ки аз ин чо гурехта назди Ҳотам равам, он чӣ аз сар гузашт, ба ӯ бигӯям, шояд, ки ӯ маро аз газаби Аҳмар халос созад.

Дарсоат назди Ҳотам омада, вокеаро ба Ҳотам гуфт.

Ҳотам гуфт:

– Эй Сармак, ту хотири худро чамъ дор, ман ба ту эҳсонҳо хоҳам кард.

Сомӣ Аҳмар дид, ки Сармак аз наздаш гурехта рафтааст, дархол афсун хонда, ба чониби Сармак дамидан гирифт. Сеҳри Аҳмар ба Сармак таъсир кард, фарёд баровард:

– Эй Ҳотам, сӯхтам.

Дархол Ҳотам ИсмиАъзамро хонда, ба чониби Сармак дам андохт. Оташи сеҳри Аҳмар ба Сармак таъсир накард.

Сармак гуфт:

– Эй Ҳотам, акнун яке аз мулозимони ту шудам, маро аз офати Сомӣ Аҳмар нигоҳ доштӣ.

Ҳотам аз чойи худ бархоста бо ҳамроҳии Сармак ба чониби чоду равона шуд.

Сомӣ Аҳмар бохабар шуда маа чамеи ходимони хеш аз шаҳр берун шуд.

Ҳамаи чодувон ба фармони Аҳмар ба сеҳр мукайид шуданд, чунонки ба гирдогирди он шаҳр соиқаи раъду барқ[1] пайдо шуда гирев аз ҳамаи олам баромад.

Сармак гуфт:

– Эй Ҳотам, ин хама барқу соиқа аз сеҳри Аҳмар аст, бохабар бош!

Ҳотам Исми Аъзамро хонда, ба чониби чодувон дам андохтан гирифт. Дарзамон ҳамаи он барқу соиқа бар сари худи чодувон расидан гирифт. Аҳмар донист, ки Ҳотам сеҳри эшонро рад кардааст. Боз чоду сеҳрро ба қисми дигаре хонда буд, ки як кӯҳи азим аз замин баромада хост, ки бар болои сари Ҳотам бияфтад.

Сармак гуфт:

– Ҳотам, хабардор бош, ки ин сеҳри дигар аст!

Ҳотам Исми Аъзамро хонда ба чониби он кӯх бидамид. Он кӯх пора-пора шуда, бар сари чодувон афтод. Қариб чаҳор ҳазор чоду дар зери сангҳои он кӯх монда чон ба моликони дӯзах супориданд. Ва он санг ҳавола ба чониби

[1] Соиқаи раъду барқ – оташаки раъду барқ.

Баъда афсун хонда буд, ки ду деви сиёҳ пайдо шуданд ва он тахтасанг, ки чун кӯҳ гарон буд, аз болои синаи Ҳотам бардоштанд.

Ҳотам барҳост ва ҳамроҳи он чодугар равон шуд.Чун бар он чашма расид, чома аз тан бароварда гусл кард.

Чодугар гуфт:

– Эй чавон, акнун мӯҳра ба ман деҳ, ки барои рағбати мӯҳра туро аз зери санги гарон халос кардаам.

Ҳотам гуфт:

– Эй азиз, чун ту бо ман некӣ кардӣ, ман низ ивази он ба ту хоҳам кард.

Чоду гуфт:

– Чӣ иваз хоҳӣ дод?

Ҳотам гуфт:

– Эй чоду, агар Худо хоҳад Аҳмари чодуро кушта подшоҳии ӯро бар ту хоҳам бахшоид.

Чоду гуфт:

– Маро подшоҳӣ даркор нест, маро мӯҳра ба кор ояд.

Ҳотам гуфт:

– Ин нишонаи дӯст аст, аз худ чудо нахоҳам кард.

Боз гуфт:

– Эй чоду, барои чӣ мӯҳраро аз ман мехоҳӣ?

Чоду гуфт:

– Барои Соми Аҳмар мехоҳам.

Ҳотам гуфт:

– Эй аҳмак агар барои Худову худ мехостӣ, медодам.

Чоду гуфт:

– Худои мо чодуи калон аст ва ӯ устоди Соми Аҳмар аст. Ба чуз чодуи калон офаридгор кист?

Ҳотам гуфт:

– Эй махлуки малъун, махлукро Холиқ[1] мегӯй, бирав аз пеши ман ва илло туро пора-пора хоҳам намуд.

Чоду гуфт:

– Эй Ҳотам акнун маълум шуд, ки халос шудӣ ва ба таври худ мӯҳраро намедиҳӣ, мӯҳраро аз ту гирифтан мушкил нахоҳад буд. Туро ба ин оби чашма он миқдор гӯта бидиҳам, ки аз чон бечон шавӣ, биё он мӯҳраро ба хубии хуб ба ман бидеҳ.

Ҳотам гуфт:

– Эй чоду, иншоаллоҳ, Аҳмари чодуро маа устодаш сазовори чаҳаннам гардонам. Чун ту бар ман некӣ кардӣ, тавонам туро дар мамлакати чодуи калон подшоҳ кард.

Дар ин замон аз хосияти Исми Аъзам ларза дар андоми чоду афтод ва аз назди Ҳотам гурехта, пеши чамоаи худ рафт. Тамомии шаб дар миёни онҳо хобид.

---

[1] Холиқ – халлоккунанда, офаранда.

Чун субҳ шуд, ҷодувон аз хоб бедор шуда, зери тахтасангро диданд, ки Ҳотам ғоиб шуда. Аз тарс хок бар сари худҳо карда, пеши ҷоду рафтанд ва гуфтанд:

– Он ҷавон аз зери санг ғоиб шудааст.

Аз шунидани ин хабар оҳи сард аз дили пурдард баркашид. Китоби худро дид, ки Ҳотамро Сармак аз зери санг раҳо карда ва ӯ бар сари чашма нишастааст.

Дарҳол Аҳмар дар ғазаб шуда гуфт:

– Эй Сармак, чаро ӯро халос намудӣ? Акнун туро зинда нахоҳам гузошт!

Сармак аз ҷон тарсида дар дили худ гуфт, ки аз ин ҷо гурехта назди Ҳотам равам, он чӣ аз сар гузашт, ба ӯ бигӯям, шояд, ки ӯ маро аз ғазаби Аҳмар халос созад.

Дарсоат назди Ҳотам омада, вокеаро ба Ҳотам гуфт.

Ҳотам гуфт:

– Эй Сармак, ту хотири худро ҷамъ дор, ман ба ту эҳсонҳо хоҳам кард.

Сомӣ Аҳмар дид, ки Сармак аз наздаш гурехта рафтааст, дарҳол афсун хонда, ба ҷониби Сармак дамидан гирифт. Сеҳри Аҳмар ба Сармак таъсир кард, фарёд баровард:

– Эй Ҳотам, сӯхтам.

Дарҳол Ҳотам ИсмиАъзамро хонда, ба ҷониби Сармак дам андохт. Оташи сеҳри Аҳмар ба Сармак таъсир накард.

Сармак гуфт:

– Эй Ҳотам, акнун яке аз мулозимони ту шудам, маро аз офати Сомӣ Аҳмар нигоҳ доштӣ.

Ҳотам аз ҷойи худ бархоста бо ҳамроҳии Сармак ба ҷониби ҷоду равона шуд.

Сомӣ Аҳмар бохабар шуда маа ҷамеи ходимони хеш аз шаҳр берун шуд. Ҳамаи ҷодувон ба фармони Аҳмар ба сеҳр мукайид шуданд, чунонки ба гирдогирди он шаҳр соиқаи раъду барқ[1] пайдо шуда ғирев аз ҳамаи олам баромад.

Сармак гуфт:

– Эй Ҳотам, ин ҳама барқу соиқа аз сеҳри Аҳмар аст, бохабар бош!

Ҳотам Исми Аъзамро хонда, ба ҷониби ҷодувон дам андохтан гирифт. Дарзамон ҳамаи он барқу соиқа бар сари худи ҷодувон расидан гирифт. Аҳмар донист, ки Ҳотам сеҳри эшонро рад кардааст. Боз ҷоду сеҳрро ба қисми дигаре хонда буд, ки як кӯҳи азим аз замин баромада хост, ки бар болои сари Ҳотам бияфтад.

Сармак гуфт:

– Ҳотам, хабардор бош, ки ин сеҳри дигар аст!

Ҳотам Исми Аъзамро хонда ба ҷониби он кӯҳ бидамид. Он кӯҳ пора-пора шуда, бар сари ҷодувон афтод. Қариб чаҳор ҳазор ҷоду дар зери сангҳои он кӯҳ монда ҷон ба моликони дӯзах супориданд. Ва он санг ҳавола ба ҷониби

---

[1] Соиқаи раъду барқ – оташаки раъду барқ.

– Ман ҳамон касам, ки Исми Аъзамро ба ту омӯхтаам, ин сурат сурати малика нест, балки ин сеҳр аст ва туро фиреб медиҳад. Маликаи Зариппӯш алҳол дар тилисмоти чодуст.

Дарҳол Ҳотам дар зери каламашон афтод.

Ҳазрати Хизр гуфтанд:

– Эй нодон, ту чӣ андеша карда, ба ин сарчашма нишастай. Агар ҳаёт мехоҳӣ, бесабаб ин мӯҳраро ба ҳеч касе мадеҳ ва Исми Аъзамро хонда дамидан гир.

Ҳотам пои мубораки эшонро бӯса дода, ба оби он чашма вузӯи тоза кард ва ба хондани Исми Аъзам мукайид шуд. Дарҳол аҳволи он чамоа дигаргун шуда, ларзи дар андоми онҳо афтод. Сурати малика маа сурати он паризодон дандон ба дандон мезад, чунонки садои дандонҳои эшон ба фалак печида, оламро шӯре ва гавғое пайдо шуда буд. Дарҳол ҳамаи он суратҳо чун ҳезуми хушк даргирифта хокистар шуданд. Ҳотам ин ҳолро дида афсӯс мехӯрд.

Ногоҳ хобаш дарабуд. Дид, ки чоду рафта дар пеши иблис даромада мегӯяд, ки сеҳрҳои маро фалон ном шахсе Исм хонда ботил гардонид.

Иблис Ҳотамро дар ғафлат андохта, эҳтиломе[1] гардонид, то он ки дар ҳини нопокӣ мӯҳраро аз дасти ӯ бигирад. Ин гуфта чодуро хабардор гардонид.

Алқисса, чоду вақти худро ғанимат ёфта, дар афсуни сеҳр оғоз кард. Як деве аз замин пайдо шуда, ба чониби Ҳотам давида наздик расид.

Ҳотам девро дида дармонда шуд ва гуфт: «Ман дар хоб олуда шуда гусл накардаам, чӣ гуна бо ин чоду муқобил шавам? Акнун дар ин ҷо кушта хоҳам шуд.» Ин гуфта аз чони худ умед канд. Дарҳол дев дасти Ҳотамро гирифта, ба пеши Аҳмари чоду овард ва чоду гуфт: «Агар инро бикушам, мӯҳра ба даст нахоҳад омад. То ба ихтиёр надиҳад, хосият намедиҳад.» Ин суханро гуфта гуллу занчир ба гардани Ҳотам андохт ва дар зери тахтасанги азиме биниҳод.

Ҳотам дар он дам лаб фурӯ баста, дар дил тазаррӯву зорӣ мекард.

Чоду бэз гуфт, ки ба гардани ин ҳалқа зада бохабар бошед, то он ки мӯҳраро ба дасти худ бидиҳад.

Алқисса, ҳафт шабонарӯз гуруснаву ташна умр ба сар бурд. Баъдаҳу чодувон пурсиданд, ки:

– Эй Ҳотам, чӣ ҳол дорӣ?

Ҳотам ҳеч нагуфт.

Боз гуфтанд, ки:

– Эй Ҳотам, мӯҳраро бидеҳ, то туро аз мурдан халос гардонем ва илло ба хории хор ҳалок хоҳӣ шуд.

Ҳотам гуфт:

– Рафта ба Соми Аҳмар гӯед, агар духтари худро ба ман ақд карда бидиҳад, мӯҳраро ба ӯ хоҳам дод ва илло не!

Чодувон гуфтанд:

– Эй Аҳмар, Ҳотам чунину чунон метӯяд.

---

[1] Эҳтилом – дар хоб нопок шудан.

Аҳмар аз шунидани ин суҳан дар ғазаб даромада, наздики Ҳотам расид ва гуфт:

– Эй ҷавон мӯҳра аз ҷони ту азиз нест, мурданро ихтиёр макун!

Ҳарчанд ҷодувон ҳила карданд, мӯҳраро надод. Баъд аз он Ҳотамро бароварда, чунон сангборон карданд, ки ба шарҳ рост намеояд. Онҷунон сангҳо заданд, ки агар ба девори фӯлод мезаданд аз ҳам ҷудо мешуд. Аммо ҳар сангe, ки назди Ҳотам меомад, аз сараш дур меафтод. Чунонки гирди сари Ҳотам аз сангҳо гунбади баланд монанди кӯҳ намудор гашт. Ҳама ҷодугарон ба дил гуфтанд, ки Ҳотам бимурд. Аммо Соми Аҳмар бидонист, ки ҳанӯз зинда аст.

Ҷодугарон назди Соми Аҳмар рафта гуфтанд, ки:

– Агар ӯ оҳантан бошад ҳам, ба хок баробар шуда бошад.

Соми Аҳмар гуфт:

– Агар бовар надоред, сангҳоро аз болои ӯ дур карда бубинед.

Ҷодугарон сангҳоро дур карда диданд, ки Ҳотам саломат мочда. Ҳайрон шуданд ва боз ба сару рӯи ӯ сангҳо мезаданд. Дучанди собиқ санг заданд. Чун сангҳо боз карданд, диданд, ки зиёне ба Ҳотам нарасидааст.

Соми Аҳмар ба ҷодугарон таъкид намуд, ки даст аз санг задан бозоред ва нигаҳбониҳо ба воқеӣ кунед ва хабардорӣ намоед. – Ин гуфта ба хонаи худ рафт ва дар ҷодуву сеҳри худ машғул шуд.

Ҷодугарон Ҳотамро зери тахтасанги гароне ниҳоданд. Ҳотам аз гурусна-гиву ташнагӣ забун шуда буд. Баъд аз соате ба ҷодугарон гуфт:

– Эй азизон! Хосияти ин мӯҳра бидонед, ки дар чоҳи оташин насӯхтам ва дар зери сангборон намурдам. Ҳоло он касро мӯҳра бидиҳам, ки ба сари он чашма, ки нишаста будам, расонад. Аҳмари ҷоду кадом сеҳр, ки бар ман накард ва ман аз хосияти ин мӯҳра дар сеҳр мубтало нашудам. Боз хосиятҳои бисёр дар ин мӯҳра аст. Агар касе хоҳад, ки Соми Аҳмарро бикушад ва подшоҳии ӯ бигирад, ба воситаи ин мӯҳра метавонад.

Ҷодугарон ба Ҳотам ҷавоб доданд, ки:

– Даркор нест!

Як ҷодугар, ки наздик нишаста буд, ишораи чашм кард, ки «чун шаб шавад, туро бар чашма барам, мӯҳраро бар ман хоҳӣ дод?»

Ҳотам низ ба ишораи чашм гуфт: «Бехтар.»

Чун ниме аз шаб гузашт, ҳама ҷодугарон, ки гирди Ҳотам нишаста буданд, ҷобаҷо хуспиданд. Ҳамон ҷодугар бедор монда буд. Охиста аз он ҷо бархоста наздики Ҳотам омада гуфт:

– Эй ҷавон, агар бигӯй, туро бар он чашма барам.

Ҳотам гуфт, ки:

– Маро тоқат нест, ки аз зери ин санг бароям.

Он ҷодугар гуфт:

– Ман туро берун хоҳам кард.

Боз Ҳотам гуфт:

– Чунин санг аз ту танҳо чӣ гуна бардошта шавад?

Ҷодугар гуфт, ки:

– Ман аз қуввати сеҳр бардорам.

Баъда афсун хонда буд, ки ду деви сиёҳ пайдо шуданд ва он тахтасанг, ки чун кӯҳ гарон буд, аз болои синаи Ҳотам бардоштанд.

Ҳотам барҳост ва ҳамроҳи он ҷодугар равон шуд.Чун бар он чашма расид, ҷома аз тан бароварда гусл кард.

Ҷодугар гуфт:

– Эй ҷавон, акнун мӯҳра ба ман деҳ, ки барои рағбати мӯҳра туро аз зери санги гарон халос кардаам.

Ҳотам гуфт:

– Эй азиз, чун ту бо ман некӣ кардӣ, ман низ ивази он ба ту хоҳам кард.

Ҷоду гуфт:

– Чӣ иваз хоҳӣ дод?

Ҳотам гуфт:

– Эй ҷоду, агар Худо хоҳад Аҳмари ҷодуро кушта подшоҳии ӯро бар ту хоҳам бахшоид.

Ҷоду гуфт:

– Маро подшоҳӣ даркор нест, маро мӯҳра ба кор ояд.

Ҳотам гуфт:

– Ин нишонаи дӯст аст, аз худ ҷудо нахоҳам кард.

Боз гуфт:

– Эй ҷоду, барои чӣ мӯҳраро аз ман мехоҳӣ?

Ҷоду гуфт:

– Барои Соми Аҳмар мехоҳам.

Ҳотам гуфт:

– Эй аҳмақ агар барои Худову худ мехостӣ, медодам.

Ҷоду гуфт:

– Худои мо ҷодуи калон аст ва ӯ устоди Соми Аҳмар аст. Ба ҷуз ҷодуи калон офаридгор кист?

Ҳотам гуфт:

– Эй махлуқи маъюн, махлукро Холиқ[1] мегӯй, бирав аз пеши ман ва илло туро пора-пора хоҳам намуд.

Ҷоду гуфт:

– Эй Ҳотам акнун маълум шуд, ки халос шудӣ ва ба таври худ мӯҳраро намедиҳӣ, мӯҳраро аз ту гирифтан мушкил нахоҳад буд. Туро ба ин оби чашма он миқдор ғӯта бидиҳам, ки аз ҷон бечон шавӣ, биё он мӯҳраро ба хубии хуб ба ман бидеҳ.

Ҳотам гуфт:

– Эй ҷоду, иншоаллоҳ, Аҳмари ҷодуро маа устодаш сазовори ҷаҳаннам гардонам. Чун ту бар ман некӣ кардӣ, тавонам туро дар мамлакати ҷодуи калон подшоҳ кард.

Дар ин замон аз хосияти Исми Аъзам ларза дар андоми ҷоду афтод ва аз назди Ҳотам гурехта, пеши ҷамоаи худ рафт. Тамомии шаб дар миёни онҳо хобид.

---

[1] Холиқ – халлоқкунанда, офаранда.

Чун субҳ шуд, ҷодувон аз хоб бедор шуда, зери тахтасангро диданд, ки Ҳотам ғоиб шуда. Аз тарс хок бар сари худҳо карда, пеши ҷоду рафтанд ва гуфтанд:

– Он ҷавон аз зери санг ғоиб шудааст.

Аз шунидани ин хабар оҳи сард аз дили пурдард баркашид. Китоби худро дид, ки Ҳотамро Сармак аз зери санг раҳо карда ва ӯ бар сари ҷашма нишастааст.

Дарҳол Аҳмар дар ғазаб шуда гуфт:

– Эй Сармак, ҷаро ӯро халос намудӣ? Акнун туро зинда нахоҳам гузошт!

Сармак аз чон тарсида дар дили худ гуфт, ки аз ин ҷо гурехта назди Ҳотам равам, он чӣ аз сар гузашт, ба ӯ бигӯям, шояд, ки ӯ маро аз ғазаби Аҳмар халос созад.

Дарсоат назди Ҳотам омада, вокеаро ба Ҳотам гуфт.

Ҳотам гуфт:

– Эй Сармак, ту хотири худро ҷамъ дор, ман ба ту эҳсонҳо хоҳам кард.

Сомӣ Аҳмар дид, ки Сармак аз наздаш гурехта рафтааст, дарҳол афсун хонда, ба ҷониби Сармак дамидан гирифт. Сехри Аҳмар ба Сармак таъсир кард, фарёд баровард:

– Эй Ҳотам, сӯхтам.

Дарҳол Ҳотам ИсмиАъзамро хонда, ба ҷониби Сармак дам андохт. Оташи сехри Аҳмар ба Сармак таъсир накард.

Сармак гуфт:

– Эй Ҳотам, акнун яке аз мулозимони ту шудам, маро аз офати Сомӣ Аҳмар нигоҳ доштӣ.

Ҳотам аз ҷойи худ бархоста бо ҳамроҳии Сармак ба ҷониби ҷоду равона шуд.

Сомӣ Аҳмар бохабар шуда маа ҷамеи ходимони хеш аз шаҳр берун шуд.

Ҳамаи ҷодувон ба фармони Аҳмар ба сеҳр мукайид шуданд, чунонки ба гирдогирди он шаҳр соиқаи раъду барқ[1] пайдо шуда ғирев аз ҳамаи олам баромад.

Сармак гуфт:

– Эй Ҳотам, ин хама барқу соиқа аз сеҳри Аҳмар аст, бохабар бош!

Ҳотам Исми Аъзамро хонда, ба ҷониби ҷодувон дам андохтан гирифт. Дарзамон ҳамаи он барқу соиқа бар сари худи ҷодувон расидан гирифт. Аҳмар донист, ки Ҳотам сеҳри эшонро рад кардааст. Боз ҷоду сеҳрро ба кисми дигаре хонда буд, ки як кӯҳи азим аз замин баромада хост, ки бар болои сари Ҳотам бияфтад.

Сармак гуфт:

– Ҳотам, хабардор бош, ки ин сеҳри дигар аст!

Ҳотам Исми Аъзамро хонда ба ҷониби он кӯҳ бидамид. Он кӯҳ пора-пора шуда, бар сари ҷодувон афтод. Қариб чаҳор ҳазор ҷоду дар зери санғҳои он кӯҳ монда ҷон ба моликони дӯзах супориданд. Ва он санг ҳаволя ба ҷониби

[1] Соиқаи раъду барқ – оташаки раъду барқ.

Аҳмар шуда меҳост, ки нарм-нарму гард-гард кунад. Ҷоду худро он сӯ кашид ва он санг аз як тарафи сари ӯ гузашта ба замин фурӯ рафт.

Ҳотам қадам пештар ниҳода, ба ҷониби Аҳмар роҳӣ шуд. Ҷоду дид, ки Ҳотам наздик расидааст, сеҳрро ба навъи дигар ҳонд. Чунонки аз чаҳор тараф аждаҳорон пайдо шуда, ба ҷониби Ҳотам ҳеҷ карданд.

Ҳотам дарҳол Исми Аъзамро хонда дамида буд, ки ҳамаи он аждаҳорон ба ҷониби худи ҷоду ҳавола шуданд.

Ҷоду худро аз аждаҳорон бозӯр халос кард.

Ба ҳамин минвол чанд тарика сеҳр огоз кард. Ҳотам ҳам сеҳрҳои ӯро рад карда ва он аждаҳорон панҷ ҳазор ҷодуро фурӯ бурданд. Аз дувоздаҳ ҳазор ҷоду се ҳазор боқӣ монда буд.

Аз ин корҳои Ҳотам тарсида ҳамаи онҳо дар назди Аҳмар рафта гуфтанд:

– Эй Сом, ин ҷавон сахт соҳир аст. Бигурез, ки ҷон ҳам ғанимат аст.

Аҳмар дид, ки ин гуфта ҳамаи ҷодувон гурехта мераванд дарҳол бонг бар онҳо зада гуфт, ки:

– Эй намакҳаромон, акнун гурехта кучо меравед, инак ин ҷавонро дар кайд хоҳам кашид.

Ҷодувон гуфтанд:

– Ин ҳарф ношуниданист.

Ва овози Аҳмарро гӯш накарда, ҳамаи онҳо дар гурез шуданд.

Аҳмар дид, ки ҳамаи онҳо гурехта рафта истодаанд, афсуне хонда, ба тарафи онҳо дамида буд, ки ҳамаи онҳо ба сурати дарахт даромаданд ва Аҳмари ҷоду танҳо монда мегуфт, ки «ҳарчанд бо ин ҷавон сеҳр мекунам, кор намекунад.» Ин гуфта афсуне хонд ва ба худ бидамид, дарҳол парвоз карда, ба рӯи ҳаво рафт ва аз назари Ҳотам ғоиб шуд.

Ҳотам аз Сармак пурсид, ки:

– Ҷоду кучо шуд?

Сармак гуфт:

– Аҳмар гурехта дар назди ҷодуи калон, устоди худ рафт.

Ҳотам гуфт:

– Маро кори азиме дар пеш аст, то Аҳмар ба даст наояд, кори ман тамом нахоҳад шуд.

Сармак гуфт:

– Аҳмарро аз пеши ҷодуи калон хоҳӣ ёфт, на аз ҷойи дигар.

Ҳотам гуфт:

– Ҷодуи калонро чӣ ном аст?

Сармак гуфт:

– Ӯро ном Камаллок мегӯянд, ҳамаи ҷодувон ӯро ба ҷойи Худо мепарастанд ва ватани ӯ дар кӯҳ аст ва дар он кӯҳ аз рӯи сеҳр осмоне дуруст карда ва бар он осмон офтобу моҳтоб ва ситорагон барпо кардааст. Ва дар зери он осмон аз сеҳр шаҳре соҳта бо сӣ ҳазор ҷоду дар он шаҳр мутаваттин аст.[1]

Ҳотам гуфт:

– Ту кӯҳи Камаллокро медонӣ, ки чанд фарсанг роҳ бошад?

[1] Яъне: ватан гирифтааст, макон кардааст.

Сармак гуфт:

– Аз ин ҷо то ба кӯҳи Қамаллоқ роҳ дур аст.

Боз Сармак гуфт:

– Чандон ки хосияти Исми Аъзамро дидам, ихлосам аз ин ҷодувон гашт ва ҳамаи корҳои онҳо ботил будааст. Аз ту илтимос дорам, ки маро ба хизматгорӣ қабул фармой.

Ҳотам гуфт:

– Бигӯ, ки лашкари ҷоду кучо шуд?

Сармак гуфт:

– Ин ҳама дарахтон, ки мебинӣ, ҳамаи лашкари Сими Аҳмар аст, ки ӯ сеҳр карда рафтааст; то ба қиёмат инҳо ба ҳамин сурати дарахт дар ин ҷо хоҳанд монд.

Боз гуфт:

– Эй Ҳотам, метавонӣ онҳоро ба сурати аслӣ оварда мутеи худ гардонӣ, бо мо ҳамроҳӣ карда хоҳанд рафт.

Дарсоат Ҳотам гуфт:

– Эй Сармак, як пиёла об биёр.

Сармак давида рафта, як пиёла об овард. Ҳотам ба он дам андохта ба дасти Сармак дода гуфт:

– Ин обро зери ҳар кадоми ин дарахтон бирез.

Сармак он обро дар зери ҳар кадоми он дарахтон рехт. Дарҳол се ҳазор ҷоду ба сурати аслии худҳо омаданд ва аз Сармак пурсиданд, ки:

– Сими Аҳмар кучост?

Сармак гуфт:

– Шумоёнро ба сурати дарахтон карда худи ӯ бадар рафт. Маълум мешавад, ки назди устоди худ – Қамаллоқи ҷоду рафтааст.

Сармак гуфт:

– Эй ҷодувон, шумоён аз аҳволи худхо хабар диҳед, ки ба чӣ кайф будед?

Онҳо гуфтанд:

– Моён дар як ҷо истода будем, аммо қудрати роҳ рафтан ва ҳаракат кардан надоштем ва тамомии аъзои моён холӣ аз ғаму андӯҳ набуд. Алҳол ба баракати ин ҷавонмард ба асли қадим омадем, аммо ин ҷавонмард аҷаб будааст, ки аз сеҳри Аҳмари ҷоду наҷот ёфта, ӯро пеш кардааст. Акнун моён аз ин ҷавонмард чудо нахоҳем шуд, – гуфта дар пеши Ҳотам омаданд ва дар зери қадами ӯ бандабор афтоданд.

Баъд аз соате гуфтанд:

– Эй хидеванд, акнун иродаи чӣ дорӣ ва кучо хоҳӣ рафт?

Ҳотам гуфт:

– Аз пайи Аҳмар хоҳам рафт ва ӯро ба даст хоҳам даровард. Бубинам, ки ба рағбати худ духтарро ба ман медиҳад ё не.

Ҷодувон гуфтанд, ки:

– Духтари Аҳмарро дар кучо дидӣ, ки мубталои ӯ шудӣ ва ба талаби ӯ мегардӣ?

– Дар саҳроӣ Харгӯшу Хурӯс дида будам ва дар талаби ӯ бисёр ранҷҳо

кашидам ва он чӣ чабру ситами Соми Аҳмар дар ҳаққи ман дарег надошт, шумоён ҳам дидед. Иншоаллоҳ, ӯро ба даст оварда, интиқом хоҳам ситонид.

Ҷодувон гуфтанд:

– Эй Ҳотам, бидон ва огоҳ бош, ки устоди ӯ Қамаллоқ баланд соҳир аст.

Ҳотам гуфт:

– Эй бародарон, агар завқи тамошо доред, бо ман биёед вагарна дар ҳамин ҷо бошед, ман донам.

Ҷодувон гуфтанд, ки:

– Эй Ҳотам, ту барои моён эҳсон кардӣ ва аз мурувват нест, ки назди Қамаллоқ ва Соми Аҳмар танҳо фиристонем. Агар сеҳри онҳоро рад кардӣ, бехтар бошад ва илло бо ту ҳамроҳ хоҳем мурд.

Ҳотам гуфт:

– Эй ҷодувон, биёед, ки ҷониби Аҳмару Қамаллоқ биравем.

Дарҳол ҳамаи ҷодувон бо ҳамроҳии Ҳотам ба ҷониби кӯҳи Қамаллоқ равона шуданд.

Ба чое расида диданд, ки толоби аҷибе.

Аз оби толоб нӯши ҷон карданд. Дарҳол то ба нофи худҳо фурӯ рафтанд.

Ҳотам гуфт:

– Эй ёрон, ин чӣ сир аст, ки чунин шудем?

Ҷодувон аз чавоб додан оҷиз буданд.

Ҳотам аз онҳо чудо намешуд ва афсӯс мехӯрд. Дарзамон ба хотири Ҳотам Номи Аъзам расид. Исми Аъзамро ҳонда дамида буд, ки оби нилгун аз бинияш нофи онҳо ҷорӣ шуд. Мартабаи сеюм, ки ҳонда буд, ҳамаи онҳо аз оби толоб берун омада, ба сурати аслӣ қоим шуданд ва Ҳотамро дуои хайр карданд.

Ҳотам пурсид, ки:

– Эй ёрон, чӣ ҳол буд, ки шумоён чунину чунон шудед?

Онҳо гуфтанд:

– Маълум шуд, ки Соми Аҳмар аз ин роҳ рафта ва оби толобро бо сеҳри худ дуруст кардааст.

Ва гуфтанд:

– Эй Ҳотам, ту аз баракати Номи Аъзам ҳамаи сеҳрҳои ӯро ночиз гардонидӣ ва ба шарофати ту моён ҳам аз балои сеҳри ӯ халос шудем.

Баъда Ҳотам дид, ки асари сеҳр дар оби толоб намонд, якеро амр кард, ки аз оби толоб кадре бинӯш. Дарҳол ӯ аз оби толоб кадре нӯшид. Соате биистод, диданд, ки ба ӯ ҳеч ҳодиса нашуд. Ҳотам ва дигар ҷодувон аз он об нӯшида гусл карданд. Сабукрӯҳ шуда, офият ёфтанд ва ҳамаи онҳо ба хизмати Ҳотам камари ҳиммат бар миёни худҳо баста буданд ва мегуфтанд:

– Эй ҷавонмард, акнун бубин чунон ҳикматҳо кунем, ки ба шарҳ рост наояд.

Алкисса, ҳамаи онҳо ба ҷониби Аҳмари ҷоду равона шуданд. Аҳмар хабар ёфта дар назди Қамаллоқ омад. Қамаллоқ гуфт:

– Эй Аҳмар, туро чӣ шуд, ки бо ин ҳол гурехта омадӣ?

Аҳмар гуфт:

– Эй устод, дар макони ман Ҳотам ном шахсе омада, тамоми сеҳрҳои маро ботил гардонид ва аксари лашкари маро кушта, баъзеи онҳоро мутеи худ кардааст.

Қамаллоқ дар ғазаб даромада гуфт:

– Эй Аҳмар, хотири худро ҷамъ дор, ман ӯро гуллу занҷир карда ба ту хоҳам дод.

Алқисса, Қамаллоқ сеҳре хонда ба гирди макони худ бидамид. Дарҳол ба гирди макони ӯ ҳисоре барпо шуд, ки ба гуфтан рост намеояд ва гирди он ҳисор оташ барзадан гирифт.

Баъд аз панҷ рӯз Ҳотам ба кӯҳи Қамаллоқ расида дид, ки ҳисори азиме ва гирдогирди он оташ фаввора мезанад.

Дарҳол Исми Аъзамро хонда, ба ҷониби он кӯҳи оташ бидамид, он кӯҳ бартараф шуд.

Мулозимон хабар ба Қамаллоқ расониданд, ки ҳамон ҷавон дар зери кӯҳ расида, ҳамаи оташҳоро барҳам зад.

Боз Қамаллоқ афсуни дигаре хонда, ба ҷониби Ҳотам дамид. Ногоҳ аз чаҳор тарафи Ҳотам ва тобеони ӯ дарёи азиме пайдо шуда мавҷзанон наздик расид. Ҳамаи рафиқон фарёд бароварданд, ки:

– Эй ҳидеванд, боҳабар бош, ки дарёи сеҳр меояд ва ҳамаи моёнро ғарқу ҳалок хоҳад гардонид.

Дарҳол Ҳотам Исми Аъзамро хонда, ба ҷониби он дарё дамид ва он дарёи пуршӯр баргашта, ба ҷониби Қамаллоқ равона шуд.

Қамаллоқ дид, ки дарёи сеҳр меояд, агар илоҷ накунад, тамоми шаҳру маконҳоро харсанг хоҳад гардонид. Дарзамон сеҳри дигаре хонда он дарёро ночиз кард. Аҳмар гуфт:

– Эй раҳнамо, Ҳотам қасди баромадани кӯҳ дорад.

Боз Қамаллоқ бо Аҳмар ба хондани сеҳр муқайид шуд. Дарзамон бар болои сари Ҳотам сангҳои даҳмаҳ ба монанди жола боридан гирифт. Ҳотам ба хондани Исми Аъзам муқайид шуд ва он борони санг ба Ҳотаму рафиқони ӯ нарасида, ба атрофи эшон ҷамъ мешуд.

Алқисса, шабонарӯз ба гирди эшон санг борида, ба мисли қалъа баланд шуд.

Ҳотам Исмро хонда пештар қадам ниҳод. Дид, ки не кӯҳ аст ва не Қамаллоқ. Мулозимон гуфтанд, ки:

– Эй Ҳотам, Қамаллоқ он кӯҳро аз назар ғоиб кардааст.

Ҳотам низ дар ҳамон ҷо нишаста, Исм хонда дамидан гирифт. Баъд аз се рӯз кӯҳ ба назари онҳо намудор шуд.

Ҳотам аз ҷойи худ бархоста маа рафиқон бар болои кӯҳ мерафт.

Мулозимони Қамаллоқ шӯру ғавго бардошта гуфтанд, ки:

– Он ҷавон маа ҳодимон аз болои кӯҳ омада истодааст.

Дарҳол Қамаллоқ илоҷ наёфта, аз сеҳр осмоне дуруст кард, ки баландии он ҳазор газ. Ба тобеони худ бар болои он осмон баромада бадар рафт.

Ҳотам бо тобеони худ дар даруни шаҳр даромада дид, ки чандин қисм таом пухта тайёр гузоштаанд. Дарҳол Ҳотам маа рафиқон аз он таомҳо хӯрдан гирифт. Ҳар кадоме, ки як лукма аз он таомҳо хӯрд, дарҳол хуни бинӣ аз ӯ ба монанди оби равон ҷорӣ шуд. Ҳотам донист, ки мальунон ба ҳамаи ин таомҳо сеҳр карда рафтаанд. Дарҳол Исми Аъзамро хонда дамид. Сеҳр аз ҳамаи он

таомҳо бартараф шуд ва рафиқони Ҳотам аз он таомҳо ишкамсерӣ хӯрданд. Ҳотам пурсид, ки:

– Эй рафиқон, осмони Қамаллоқ дар куҷост?

Рафиқон гуфтанд, ки:

– Бар рӯи ҳаво монанди гунбад менамояд, ҳамон аст.

Ҳотам гуслу вузӯи тоза карда, исми Аъзамро хонда ба ҷониби осмони Қамаллоқ дамид. Дарҳамон осмони Қамаллоқ пора-пора шуд. Ҳамаи ҷодувон аз болои он сарнагун афтода, ҷон ба молики дӯзах супурданд. Қамаллоқ маа Аҳмар ба зӯри сеҳр аз он ҷо низ дар гурез шуд.

Ҳотам мутаоқиб шуда[1] Исми Аъзамро хондан гирифт, то ба ҳангоме ки оташ аз зеҳи домони Қамаллоқ бархост. Дарҳамон сӯхта хокистар гашт.

Устоди ҳудро чунин дида, Сомӣ Аҳмар саросема шуда ва аз кӯҳ афтода, устухонҳои ӯ нарм-нарм ва гард-гард шуд.

Ҳотам шукр ба ҷо овард ва ҷамъи ҷодувон дар зери қадами ӯ афтода тахсину офаринҳо карданд. Ҳотам рӯ ба ҷониби Сармак карда гуфт:

– Эй Сармак, мо подшоҳии ҳамин мулкро ба ту додем, ба шарте, ки бар бандагони Худо зулму тааддӣ накунӣ ва ҳамаи раоёро аз ҳуд розӣ гардонӣ.

Баъд аз он рӯ ба ҷониби рафиқон карда гуфт, ки:

– Шумоён ҳам сардории Сармакро қабул намоед.

Онҳо гуфтанд, ки:

– Фармонбардорем.

Ҳотам боз гуфт:

– Эй дӯстон, акнун ман ба ҷониби маликаи Зарингӯш хоҳам рафт.

Ҷодувон гуфтанд:

– Эй ҳидеванд, моён низ бо шумо ҳамроҳ хоҳем рафт.

Ҳотам боз гуфт:

– Эй ёрон, ҳамаи насиҳатҳои маро қабул намоед ва маро танҳо гузоред.

Онҳо гуфтанд:

– Эй азиз, ҳаргиз аз гуфтаи ту ва Сармак берун наравем.

Ҳотам бо онҳо видоъ карда, ба ҷониби толоб равона шуд. Баъд аз чанд рӯз бар сари толоб расидадид, ки толоб нопадид шуда, он дарахт дар ҷояш истодааст. Аммо ба ҷойи толоб маҳаллае аз шиша ба назар менамояд. Дархол ба дарвоза расида дид, ки ҳамаи он моҳрӯён ба дарвозаи он маҳалла дарбон шуда нишастаанд. Чун Ҳотамро диданд, пурсиданд, ки:

– Ту кистӣ ва аз кучо меоӣ?

Ҳотам гуфт:

– Ман ҳамон шахсам, ки бо шумоён ба шохи дарахт овезон шуда, укубатҳо кашида будам. Бархезед, саломи маро ба маликаи Зарингӯш расонед, ки барои ӯ муждаҳо овардаам.

Дархол мулозим рафта гуфт:

– Эй маликаи ҷаҳон, ҷавоне омада ва мегӯяд, ки маликаро мулозимат менамоям.

---

[1] Яъне: таъқиб карда, таъқибкунон...

Малика соате сар фурӯ карда, баъд сар бардошта гуфт, ки:

– Рафта пурс, падарам чӣ гуна аст?

Дарзамон мулозим рафта гуфт:

– Малика аз ҳақиқати кори падари худ мепурсанд.

Ҳотам гуфт:

– Худ рафта ба хизмати малика аҳволи падари ӯро баён хоҳам намуд.

Дарзамон мулозим рафта гуфт:

– Ҷавон чунину чунон мегӯяд.

Малика фармуд:

– Дарҳол рафта ӯро биёред.

Мулозимон Ҳотамро дар назди малика оварданд. Назари Ҳотам ба рӯи малика афтод, дарҳол беҳуш шуда сарнагун афтод. Малика фармуд, ки:

– Хушбӯй ба димоғи ин ҷавон доред.

Мулозимон чунин карданд. Ҳотам ба хуш омада дид, ки малика бар болои сари ӯ истодааст.

Ҳотам шод шуда, дар дили худ гуфт: «Боре маъшуқ аз ҳоли аламзадагон хабар мегирифтааст.»

Малика ба ҳазор ноз карашма бар болои тахт гузашта биншаст ва гуфт:

– Эй мулозимон, барои Ҳотам курсии зарин биёред.

Мулозимон чунин карданд. Ҳотамро низ бар курсӣ нишониданд.

Малика ба забони ширин хитоб ба ҷониби Ҳотам карда гуфт:

– Эй азиз, саргузашти худро гӯй, то бишнавем.

Ҳотам ба чандин узру таъзим ҳаман саргузашти худро ва аҳволоти падари ӯро дар назди малика як-як баён намуд ва гуфт:

– Эй маликаи ҷаҳон, ин ҳама меҳнату машаққатҳоро барои ту кашидаам. Бояд, ки ин ҳама кулфатҳоро мубаддал ба роҳат гардонӣ ва дили ин мискини гирифторро дар кайди зулфи мушкбори худ ҳамеша дорӣ. Мурод ва орзуи ин бечора ҳамин аст.

Дарзамон мулозимон гуфтанд:

– Эй малика, Ҳотам подшоҳзодаи Яман аст, ин ҳама ранҷу машаққатро барои ту кашида омадааст. Акнун бояд саранҷоми шодӣ намой ва падарат ҷодуи золиме буд, аз ин олам бартараф шуда, дар пешгоҳи ҷаҳаннам ҷой гирифт.

Дарҳол малика аз болои тахти худ бархост ва андар ҳарами худ рафта, никоб бар рӯи худ кашида бинишаст.

Мулозимон дар саранҷоми шодӣ шуда, муддати ҳафт шабонарӯз ба созу нағма ва таомҳои гуногун ҷашне оростанд. Рӯзи ҳафтум ба расми обову аҷдоди худҳо маликаро акд карда ба Ҳотам супориданд.

Алқисса, малика бар болои бистарҳои зарин бо ҳамроҳии Ҳотам бинишаст. Ҳотам хост, ки чанд бӯса аз гули рӯи малика гирифта комҷ дил ҳосил кунад, дар ҳамон вақт ба назараш шоҳзода Мунир расид. Ларзону-ҳаросон бархост.

Малика мутаҳайир шуда ба худ гуфт: «Чӣ айб аз ман ёфт, ки дар айни висол даст аз ман бардошт? Маълум шуд, ки дили ин аз ман рамида фикри дигаре кард.»

Байт:

Ваъдаи васл чун расад наздик,
Оташи шавқ тезтар гардад.

Алқисса, малика боз ба хотир овард: «Ин сирро чй гуна пурсам?»

Дарзамон Ҳотам фаҳмид, ки ба хотири малика чизе омада, мутафаккир шудааст. Ин фикрро аз дили малика берун карданй шуда, ҳамаи саргузашти худ ва ҳикояти шоҳзода ва қиссаи малика Ҳуснбонуро дар пеши ӯ як-як баён намуд ва боз гуфт:

– Эй дилором, дар хотир ҳеч маёр, ки ман барои муҳимме омадаам. Дар ин вақт интизории он бечора ба хотирам расида, аз ҷойи худ бархостам. Эй малика, хотири муборақи худро ҷамъ дор. Ман аз висоли ту зиёда хуррам ва хурсандам.

Боз гуфт:

– Эй малика, се саволи ӯро ҷавоб ёфтам. Акнун дар тараддуди ҷавоби саволи чаҳоруми ӯям. Мехоҳам, ки барои ҳамин ҷавоб ба ҷониби Қулзум равам.

Малика гуфт:

– Пас маро дар кучо гузошта меравй?

Ҳотам гуфт:

– Эй дилором, туро дар ватани худ ва дар пеши падару модари худ хоҳам фиристод.

Алқисса, муддати ҳафт шабонарӯз саранҷоми кори худхоро карда, китобате ба хизмати падари худ навишт. Маликаро маа ҷамеи молу ашё ва канизони моҳрӯ ба ҷониби Яман равона намуд ва худи ӯ бо малика видоъ карда, ба ҷониби Қулзум равона шуд.

***

Манзилу марохил тай карда, баъд аз чанд рӯз дар навоҳии Қулзум расид. Аз мардумони он ҷо пурсид:

– Кадом шахсест ки мегӯяд: «Ростгӯро ҳамеша роҳат дар пеш аст.»

Онҳо гуфтанд:

– Инчунин суханро ҳеч касе дар ин ҷоҳо нагуфта ва намегӯяд, аммо марди кухансоле дар фалон калъа сокин буда ва ин суханро ба дарвозаи худ навишта мондааст. Аз ин ҷо то макони ӯ се фарсанг роҳ аст ва номи он калъаро Қурм мегӯянд. Ва мақсуди ту дар ҳамон ҷо хоҳад буд.

Дархол Ҳотам ба ҷониби Қурм равона шуд. Баъд аз муддате ба он ҷо расида дид, ки қасри баланде, ба дарвозаи он навиштаанд, ки: «Ростгӯро ҳамеша роҳат дар пеш аст.»

Байт:

Ростй овар, ки шавй растгор,
Ростй аз ту, зафар аз Кирдгор.

Алқисса, Ҳотам ба хизмати он пир расида дид, ки азизе бар болои маснади шоҳаншоҳй нишаста. Ба чандин адаб таъзимоти пирро ба ҷо оварда, салом дод ва он азиз аз ҷойи худ бархоста, Ҳотамро дар канор гирифт ва бар болои маснад биншонда, аз Ҳотам пурсид, ки:

– Эй писар, номи шарифи шумо чист ва аз кадом чониб омадед ва ба кадом тараф меравед ва чӣ матлаб доред, ки дар ин чохо то ба хол хеч касе наёмадааст.

Ҳотам саргузашти худ ва аҳволи шаҳзода Мунирро як-як баён намуд.

Он азиз ба ин хама корҳои Ҳотам таҳсину офаринҳо мекард.

Ҳотам гуфт:

– Эй азиз, шуморо марди куҳансол мегӯянд. Акнун, ки шуморо мебинам, тораи мӯе аз риши шумо сафед нашудааст ва аз ибтидои бинои ин шаҳр шумо ба олами вучуд буда. Ба кадом кайфият ин дарачаро ёфтед?

Он азиз гуфт:

– Эй чавони хумоюнкадам, аз замони обод ва бунёд шудани ин шаҳр ҳафтсад сол гузаштааст ва умри мани пир зиёда аз ҳафтсад соле буда. Чунонки дар аввали вақт марди қиморбозе будам ва дар шабонарӯзӣ қиморбозӣ мекардам. Рӯзе дар дасти ман чизе намонд. Чун шаб шуд, барои дуздӣ аз хона берун шуда, ба хотирам гузашт, ки дар хонаи раоё равам, чизе ёбам ё не, биё, ки дар боргохи подшоҳ равам.

Алқисса, дар зери қасри подшоҳ рафта, каманд андохта боло баромадам. Атрофу чониби он қаср гашт карда, ба чое расида дидам, ки духтари подшоҳ бар болои тахт хобида ва канизони ӯ бар атрофи он тахт низ хобидаанд. Як дона гавҳари шабчарог ба гардани он духтар будааст. Он замон кушода гирифтам ва аз қасри шоҳ берун шуда ба чое расидам. Дидам, ки дар он чо чамоаи дуздон молу матои бисёре дуздида оварда, дар қайди тақсим будаанд. Дарзамон назари онҳо ба ман афтод. Маро дар пеши худҳо хонда пурсиданд, ки ту кистӣ?

Ман аз рӯи ростӣ кору кирдори худро ба онҳо гуфтам. Дуздон хостанд, ки он гавҳарро аз ман биситонанд. Ногоҳ шахсе ба овози муҳиб бонг бар онҳо зад, ки аз зӯри овози ӯ тамомии шаҳру саҳро биларзид.

Дуздон тарсида, аз пеш гурехтанд ва он ҳамаи матоъ ва моли эшон дар назди ман монд.

Дарлаҳза он овоздиҳанда ҳозир шуда гуфт:

– Ту кистӣ? Рост бигӯ ва илло туро дар ин чо халок хоҳам кард.

Ман ҳамаи саргузашти худро баён намудам. Он мард гуфт:

– Чун ту рост гуфтӣ, туро гузоштам, – ва ҳамаи молу матои дуздонро бар ман бахшид.

Он шахс боз гуфт, ки:

– Эй бародар, аз қиморбозӣ тавба кун.

Дарҳол аз қиморбозӣ тавба кардам. Он шахс боз гуфт:

– Эй бародар, умри ту ба ҳафтсад сол хоҳад расид.

Дарҳол он молу матоъро бардошта дар хонаи худ овардам ва ин қасрро аз он молҳо бино кардам. Мардумоне, ки бар ман инод[1] доштанд, ғаммозӣ карда ба асаси[2] шаҳр гуфтанд, ки ин мард бисёр ифлос буд, ин миқдор молро аз кучо ёфта, ки ин ҳама қасру иморат месозад?

[1] Инод – ба маънии кина, бахилӣ.

[2] Асас – миршаб.

Асаси шаҳр маро талабида пурсид, ки:

– Ин ҳама молро аз кучо ёфтй?

Ман аз рӯи ростй ҳамаи саргузашти худро дар пеши ӯ як-як баён намудам. Ба шоҳ бурданд, низ рост гуфтам.

Шоҳ гуфт:

– Эй мардумон, инро ҳеч нагӯед, ки ростгӯ будааст ва ин қисм одамиро ҳеч кас надида, ки айби дуздии хешро дар пеши шоҳ изҳор созад.

Бинобар риояи ростй ҳамаи он зарҳоро шоҳ ба ман бахшид. Чандин сол аст, ки аз он зарҳо харҷ мекунам, ҳаргиз адо намешавад. Аз он замон то ба ин замон хосияти ростиро ба дарвозаи худ навишта мондаам, ки: «Ростгӯро ҳамеша роҳат дар пеш аст.» Ҳар кй бошад ба чуз ростй дигар сухан нагӯяд.

Чанд рӯз Ҳотамро нигоҳ дошта, меҳрубониҳои ачибе намуд. Баъд аз чанд рӯз Ҳотам рухсат хост ва он мард ӯро рухсат намуд. Дарҳол Ҳотам рӯ ба саҳро карда равона шуд.

Баъд аз чанд рӯз маликаи Заринпӯш ба хотири Ҳотам расида, ба чониби Яман роҳй шуд. Баъд аз чанд вакт ба ҳади Яман расида дид, ки чашмаи обе дар назари ӯ даромад. Ба сари он чашма рафта даме об нӯшида дид, ки чуфте бутемор[1] омада бар лаби об нишастанд ва бо якдигар дар гуфтугӯ шуданд. Ҳотам гӯш андохта шунавид, ки модаи он мегӯяд:

– Эй чуфти азиз, маро танҳо монда кучо меравй? Аз ин кори худ мамнӯъ шав.[2]

Нари ӯ гуфт:

– Эй зани нодон, барои хайр дар ин кор камари саъй бастаам ва аз ин кор маро манъ карда, ба монанди Иблис фиреб медиҳй ва ту маро чй кор хоҳй омад дар дунё, ки ман бо ту машгул бошам ва кори хайрро фаромӯш намоям. Бидон ва огоҳ бош, ки ҳаргиз гуфтаи туро қабул нанамоям. Акнун бишнав, ки туро ҳикояте ёд орам:

– Дар шаҳри Чобулко подшоҳе барои шикор баромада, дар биёбон бисёр гашт, ҳаргиз шикори ӯ барор накард ва аз аркони давлатч худ чудо шуда, ҳайрону сарсон мегашт. Ногоҳ богеро дид ва дар даруни он бог даромада сайр мекард. Ба чое расида дид, ки қасри баланде. Дар зери он қаср ҳавзи калоне пур аз оби соф. Аз дидани он оби ҳавз масрур шуда дар канори вай биншаст ва он обро ба дасти худ чунбонид. Ногоҳ занчире ба дасти шоҳ афтод ва он занчирро берун кашида дид, ки ба нӯки он садуқеро бастаанд ва қуфлу калид бо он сандуқ ҳамроҳ. Шоҳ он сандуқро кушода дид, ки як зани моҳрӯе дар даруни он сандуқ буда. Шоҳ аз ин кайф[3] мутаҳайир шуд.

Он зан гуфт:

– Эй чавон, мӯчиби ҳайрати ту чист, магар аз дидани ман тарсидй? Ман мисли ту одамам.

---

[1] Бутемор – мувофики акидаҳо мурге будааст, ки бар лаби об нишаста ташна бошад ҳам об намехӯрдааст, то ин ки об кам ё тамом нашавад.

[2] Яъне: баргард.

[3] Кайф – ҳол, ҳолат.

Ин гуфта аз сандуқ берун шуд ва ба тарафи қасри худ рафт. Баъд аз замоне як суроҳӣ[1] шароб маа кабоб оварда, дар назди шоҳ гузошт ва худаш рӯ ба рӯи ӯ биншаст.

Чун шоҳ дид, ки дар боби ҳусну ҷамол дар ин олами бозавол мисол надорад, даст дароз карда, аз дасти ӯ бигирифт ва ба ҷониби худ кашид. Чанд бӯсаи башавқ аз рухсори чун моҳаш гирифт. Баъд аз фароғи айш дар хотири шоҳ лашкар ва аркони давлат расида парешонҳол шуд. Дарзамон аз асти худ ангуштарии алмоспорае бароварда ба дасти он зан дод ва гуфт:

– Эй нозанин, ман аз лашкар ҷудо афтода дар ин ҷо расидам. Мехоҳам, ки худро ба лашкар расонам, то ба вақти гашта омадан ин ангуштарии алмос аз ман нишона ба дасти ту бошад.

Аз гуфтори шоҳ он зан қоҳ-қоҳ дар ханда даромад ва харитае[2] аз бағали худ берун карда, бар замин рехт. Шоҳ дид, ки қариб ҳафтсад ангуштарӣ, ҳамаи он аз алмоспора.

Ӯ гуфт:

– Эй шоҳ, шавҳари ғаюре дорам. Касбу кори ӯ хирочгирии туҷҷор[3] ва мусофирон аст, рӯз меравад ва шаб меояд. Аз камоли рашки худ маро оварда, дар ин сандуқи об гузошта. Аз қабили ту чандин шоҳон ва амирон ва бозаргонон дар ин мақом омада. Ҳар кадоми онҳо ба ман ҳамхоб шуда, нишона гӯён як ангуштарин-як ангуштарин дода рафта бознаёмаданд.

Боз гуфт:

– Эй шоҳ, инчунин ангуштарин фаромӯш хоҳад шуд.

Дарҳол шоҳ он занро дар сандуқ андохта, дар оби он ҳавз гузошта, худ роҳӣ шуд.

Баъд аз чанд муддат дохили шаҳр шуда, бар забари[4] тахт бинишаст ва ҳамаи дарбонону хочасароёнро аз атрофи ҳарами худ дур кард ва ҳамаи занони худро ба ҳифзи илоҳӣ супурд.

Вазирон аз ин ҳол воқиф шуда омаданд ва гуфтанд:

– Эй шоҳ, дарбонон чӣ гуноҳ кардаанд, ки ҳамаи эшонро мардуди[5] боргоҳ кардед?

Шоҳ тамомии дидаву кардаи худро дар назди онҳо як-як баён намуд.

Вазирон гуфтанд:

– Эй қиблаи олам, дар шаъни занон ҳар чӣ гӯянд, рост аст, аммо дар байни занон некон бисёранд. Ба ҳар тавр бошад, дарбононро боз ба мақоми хеш гузоранд, ки ба шаъну шавкати шоҳӣ сабаби зинат хоҳанд шуд.

Дарҳол шоҳ ба гуфтаи вазирон ҳамаи дарбонону хочибонро талабида, дар мақоми эшон гузошт.

Алқисса, бутемори нар гуфт:

– Эй ҷуфт, кори занон ба ҳамин тариқ буда, чунончи Ҳотамро мебинӣ, ки

---

[1] Суроҳӣ – шиша.
[2] Харита – киса, халта.
[3] Туҷҷор – савдогарон.
[4] Забар – боло.
[5] Мардуд – радшуда.

ба кори шоҳзода Мунир ҷонбозӣ мекунад. Алҳол он бечораро дар Ҳуснобод мунтазир гузошта, худ дар назди малика меравад. Занони ин замон мардони худро аз кори хайр бозмедоранд, харгиз гуфтаи туро дар ин боб қабул нанамоям.

Чун Ҳотам ин суханро аз бутемор шунид, аз раъйи худ бозгашт ва роҳи Яман гузошта, ба ҷониби Ҳуснобод роҳӣ шуд.

Баъд аз чанд муддат ба шаҳри Ҳуснобод расида, маликаро мулозимат кард. Малика аз паси парда пурсид, ки:

– Эй Ҳотам, чаро дар ин сафар таъхир варзидӣ? Акнун ҷавоби саволи маро бигӯ ва аз ҳақиқати он маро огоҳ гардон.

Ҳотам гуфт:

– Эй дилором, фақир дар шаҳри Курм рафта, он шахсеро ба чашми худ дидам ва аз забони ӯ сухани ростро шунида омадам. Алҳол умри ӯ аз ҳафтсад сол гузашта, ҳанӯз торае аз маҳосини[1] ӯ сафед нашуда.

Ва ҳамаи саргузашти худро дар пеши малика як-як баён намуд.

Малика ва доя гуфтанд:

– Эй Ҳотам, ҳар чӣ гуфтӣ, рост аст.

Дарҳол фармуд, ки:

– Эй мулозимон, обу таом дар назди Ҳотам биёред.

Ходимон чандин қисм таом оварда, дар назди Ҳотам гузоштанд.

Ҳотам гуфт:

– Ин таомҳоро бурда, бо ҳамроҳии шаҳзода тановул хоҳам намуд.

Он замон канизони малика таомҳоро бардошта дар корвонсаро оварда, дар назди Ҳотам ва шаҳзода гузоштанд.

Ҳотам бо ҳамроҳии шаҳзода дар як суфра таом хӯрда, аз саргузашти худ нақл мекард. Шаҳзода ба ин ҳама корҳои Ҳотам таҳсину офарин мекард.

Алқисса, як ҳафта дар он ҷо ором гирифт. Рӯзи ҳаштум ба хизмати малика расида гуфт:

– Эй моҳи олам, акнун саволи панҷумро гӯй, банда ба талаби он хоҳам рафт.

Малика гуфт:

– Эй Ҳотам, шунидаам кӯҳ нидо мезанад. Он кӯҳ дар кучост ва боиси ин нидои ӯ чист? Бояд, ки аз ҳақиқати он кӯҳ ва нидои он маро огоҳ гардонӣ.

Дарҳол Ҳотам аз хизмати малика баромада, дар пеши шаҳзода расид ва гуфт:

– Эй шаҳзода, банда ба талаби кӯҳи нидо меравам. Агар ҳаёт боқист, туро боз хоҳам дид ва илло аз ман розӣ бош. Ин гуфта рӯ ба биёбон оварда.

САФАРИ ПАНҶУМ

Ҳотам баъд аз чанд муддат ба шаҳре расида, аз мардумони он пурсид. Онҳо гуфтанд, ки:

– Моён бо ин ном кӯҳ нашнидаем.

Ҳотам боз ба роҳи худ равона шуд. Муддати чанд вақт аз шаҳрҳову вилоятҳо рафта мепурсид. Ҳама мегуфтанд, ки: «Моён бо ин ном кӯҳ нашнидаем.»

Алқисса, баъд аз як моҳ дар шаҳре расида дид, ки тамомии мардумони он шаҳр дар як ҷо ҷамъ шуда. Дарзамон аз онҳо пурсид, ки:

[1] Маҳосин – ришу мӯйлаб.

– Эй ёрон, боиси ҷамъ шудани шумоён чист?

Онҳо гуфтанд:

– Эй ҷавон, боиси ҷамъ шудан ин ки яке аз моён мурд. Расми мо ин аст, ки хоҷ ганӣ[1] ва хоҷ фақир аз мо мирад, дар як ҷо ҷамъ шуда, чандин қисм таом пухта, дар суфра мегузорем ва мурдаро дар миёна гирифта менишинем, то он вақте ки мусофире ояд. Баъд аз он ҳамаи таомҳоро бо ҳамроҳии он мусофир тановул менамоем. Баъда мурдаро дафн мекунем. Алҳол, ба толеи моён, ту омадай ва мо ба шарофати ту мурдаро дафн хоҳем кард.

Ҳотам гуфт:

– Эй мардумон, агар мусофире наёяд чӣ хоҳед кард?

Онҳо гуфтанд, ки:

– Албатта он замон мурдаро дафн хоҳем кард ва барои кафорати[2] он занон то мардон шаш моҳ рӯза хоҳем гирифт. Баъд тавбаву истиғфор[3] карда, таомҳои гуногун муҳайё карда, ба мардумони ин шаҳр хоҳем хӯронид ва ба сари қабри он мурда рафта, зар ба мискинону фақирон хоҳем дод.

Ҳотам тааҷҷуб мекард.

Алқисса, он мурдаро дар миёнаи хона ниҳода, ҳама ба даври ӯ нишастанд ва қадамҳои[4] он мурдаро ба чашмҳои хеш мемолиданд. Баъд аз соате ҳамаи он таомҳоро дар миёна гирифта мукайид ба хӯрдан шуданд ва Ҳотамро низ таклиф ба хӯрдани он таомҳо карданд. Ҳотам бо ҳамроҳии эшон ба хӯрдани таом мукайид шуд. Баъд аз фароғи таом ҳамаи онҳо либосҳои ҳарир ва тоза пӯшиданд ва он мурдаро ба сад эъзоз бурда дафн карда, ба ҷонибӣ шаҳр гаштанд ва гуфтанд:

– Эй ҷавони мусофир, бояд, ки чанд рӯзе дар ин шаҳр бошӣ.

Ҳотам гуфт:

– Некӯ бошад.

Дарҳол ҷое ороставу музайян барои Ҳотам тайёр намуда, Ҳотамро дар он ҷо гузоштанд. Баъд аз соате ду зани соҳибҷамолро оварда, дар пеши Ҳотам гузоштанд ва гуфтанд:

– Эй ҷавон, ин ҳам расми моён аст.

Ҳотам бо худ мегуфт: «Ин мардум аҷаб расме ва қоидае доштаанд.»

Чун дар ин мукаддима муддати ҳафт рӯз гузашт, занон ба сардорони худ хабар расониданд, ки ин ҷавон бисёр некбахт будааст, ки ҳаргиз дар ин муддати ҳафт шабонарӯз ба ҷониби моён майл накард ва аз завқ ба хотири худ ҳеҷ наёварад.

Ин рафтори Ҳотамро ба гӯши шоҳ расониданд. Дарҳол шоҳ Ҳотамро дар назди худ хонд ва бар болои маснади шоҳӣ биншонду гуфт:

– Ё бузургвор, чӣ мешавад, ки ҳамеша дар ин шаҳр бошӣ. Духтаре дорам дар паси парда, онро ба канизӣ қабул фармой.

Ҳотам гуфт:

---

[1] Ганӣ – давлатманд, бой.

[2] Кафорат – пӯшонидани гуноҳ ва чизе, ки барои пӯшонидани гуноҳ ба мардум диҳанд.

[3] Истиғфор – бахшиши гуноҳро дархост кардан.

[4] Қадам – кафи по. таги по.

– Эй шоҳ, раво надорам, ки касе ба меҳнати ман шарик шавад, чаро ки банда ба талаби кӯҳи Нидо баромадаам. Қариб ҳафт моҳ аст, ки ба талаби кӯҳи мазкур роҳ мепаймоям. Ҳеч касе нест, ки аз нишони он кӯҳ ба ман хабар гӯяд. Агар шуморо хабаре аз он кӯҳ бошад, маро огоҳ гардонед, гӯё, ки дар ин боб бо ман мувофикат карда бошед.

Шоҳ марди куҳансоле буд, аз бузургони худ шунидаги дошт, дарзамон гуфт:

– Эй азиз, кӯҳи Нидо кӯҳи азимест, чануби он тилисмот дорад, ки дар он чо шаҳре ба тилисмот обод аст ва дар он шаҳр ҳаргиз касе мурдани касеро надидааст ва дар он чо қабре ҳам нест. Шунидаи ман ин буд, ки ба ту баён намудам ва дар роҳи он балову офати бисёр аст, чӣ гуна дар он чо бирасӣ?

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, он Зоте, ки маро дар ин чо овардааст, дар он чо хоҳад расонид.

Шоҳ гуфт:

– Касеро ҳиммату эътиқод чунин бошад, ба ҳар чо қасд кунад, хоҳад расид.

Шоҳ фармуд, мулозимон зари бисёре оварда, дар назди Ҳотам гузоштаанд. Ӯ мувофики харчи роҳ аз он зарҳо гирифта, боқии онро ба фақирон эҳсон кард.

Ҳотам бо мардумони шаҳр видоъ карда равона шуд. Баъд аз муддати мадиде ба чое расида дид, ки шаҳри азиме ва дар атрофи он шаҳр ҳеч қабре нест. Ҳотам бо худ гуфт:

«Ин шаҳр ҳамон шаҳр аст, ки шоҳ гуфта буд» – ва шодикунон дар он шаҳр дохил шуд.

Мардумон пурсиданд, ки:

– Эй чавон, аз кадом ошёни баланд парвоз карда омадӣ ва ба кучо меравӣ?

Ҳотам гуфт:

– Аз шаҳри Ҳуснобод ва ба талаби кӯҳи Нидо меравам.

Мардумон гуфтанд, ки:

– Натавонӣ ба он кӯҳ рафтан, ҳазорон балову офат дар роҳ аст.

Ҳотам гуфт:

– Худо карим аст, бандаро ба мақсуд хоҳад расонид.

Он мардумон гуфтанд:

– Имшаб дар ин чо ором гир, фардо ихтиёр мар турост.

Ҳотам ҳамон шаб дар он чо ором гирифт. Қазоро, ҳамон шаб аз мардумони шаҳр яке бемор шудааст. Қабилаи ӯ омада он беморро забҳ карданд[1]. Баъд аз забҳ гӯшти ӯро таксим карда, ба қадри расамаи худҳо гирифта бурданд. Касе, ки Ҳотам дар хонаи ӯ буд, низ аз гӯшти он мурда оварда дар хонаи худ пухт. Баъд аз соате як табақ пур аз он гӯшт дар назди Ҳотам гузошт ва гуфт:

– Эй меҳмони ҳумоюнқадам, ба толеи ту гӯшти лазизе ба даст омада, гӯё, ки инчунин гӯшти хуб дар тамомии умри худ нахӯрда бошӣ, чаро ки бар моён дар солеву моҳе муяссар мешавад.

Ҳотам гуфт:

[1] Забҳ кардан – сар буридан.

– Ин чӣ гӯшт аст, ки ин ҳама таъриф мекунӣ?

Он мард гуфт:

–Ин гӯшти одамист.

Ҳотам мутаҳайир шуда бо худ гуфт: «Ин мардумон одамхӯр будаанд.» Боз пурсид, ки:

– Эй азиз, ин чӣ расм аст, ки дар ин шаҳр гӯшти одамиро меҳӯранд?

Он мард гуфт:

– Эй мусофир, тавба карда, истиғфор намой. Моён одамихор нестем, ки мусофиреро кушта гӯшти ӯро бихӯрем.

Ҳотам гуфт:

– Худ гуфтӣ, ки ин гӯшти одамист.

Он шахс гуфт:

– Эй ҷавон, ҳар гоҳ ки аз қабилаи моён касе бемор шавад, забҳ карда, гӯшти ӯро тақсим карда меҳӯрем. Ҳамин тариқа дар шаҳри мо рӯсм аст.

Ҳотам гуфт:

– Лаънати Худой бар шумоён ва расми шумо бод, ки беморҳоро ба дасти худҳо кушта гӯшти ӯро меҳӯред. Ҳазорон ҳазор одамиро ба ноҳақ кушта, асири лашкари аҷал кардаед, рӯи шумоёнро дидан дуруст нест.

Дарҳол аз ҷойи худ бархост ва дар роҳ даромада равона шуд. Ҳаман шаб роҳ рафта, аз ҳадди он шаҳр баромад ва дар он ҳин гуруснагӣ ғолиб омада, ҷонвареро ба тир сайд карда гӯшти онро пухта тановул намуд ва дар он ҷо бинишаст. Ногоҳ дид, ки аз парраи биёбон шери гуруснае пайдо шуда омад. Дарҳол порае аз он гӯшт дар пеши шер андохт ва он шер он гӯштро хӯрда, ба ҷониби беша бадар рафт. Ҳотам низ аз он ҷо гузашта равона шуд. Гоҳе аз ҷангал мева меҳӯрд, гоҳе ҷонвареро сайд карда, аз гӯшти он кабоб намуда тановул мекард. Рӯзе ташнагӣ ғолиб омад. Барои об хӯрдан ба ҳар тараф давида, аз дур дарахтеро дида расид. Дар зери он назар кард, ки дар он ҷо ҳам об набудааст. Аз камоли ташнагӣ дар он мақом бинишаст. Баъд аз соате укобе аз ҷониби ҳаво парвоз карда омада дуртар биншаст. Миқдори чанд қадам ба пастӣ фуруд омада ғоиб шуд. Баъд аз замоне аз он пастӣ ба баландӣ баромада худро афшурда буд, ки аз болу пари он укоб қатраҳои об чакидан гирифт. Дарҳол Ҳотам ба ҷониби пастӣ рафта дид, ки толобест пур аз об соф. Аз он об ба рағбати тамом хӯрда равона шуд. Баъд аз чанд рӯз ба ҷое расида дид, ки мардумон ҷамъ шуда, оташ афрӯхта истодаанд.

Ҳотам ба худ гуфт: «Инҳо таом мепухта бошанд?» – Наздик расида дид, ки тамоми он мардум ришу бурути худҳоро тарошида, баъзе гиря мекунанд ва баъзе гирдогирди оташ мегарданд. Ҳотам пурсид, ки:

– Эй мардумон, ин кадом мулк аст ва шумоён чӣ мардумед?

Онҳо гуфтанд:

– Эй ҷавони мусофир, ин мулкро Ҳиндустон мегӯянд ва моён аз қавми ҳиндуем, ки мурдаҳои худҳоро месӯзонем. Алҳол шахсе мурда. Ӯро бо ҳамроҳии занонаш дар ин ҷо ҳоҳем сӯзонид.

Ҳотам донист, ки инҳо бутпарастанд, бо худ гуфт, ки: «Зудтар аз ин ҷо рафтан бехтар аст.»

Равона шуд. Баъд аз чанд рӯз наздики деҳае расида об талабид. Дарзамон шахсе дар хонаи худ рафта, дар як зарф дӯғ ва дар як зарф ширу шакар оварда дар пеши Ҳотам гузошт. Ҳотам он дӯғро нӯшида дар он чо ором гирифт. Баъд аз замоне хост, ки ширро нӯшад, он кас гуфт:

– Эй чавон, биринчи пухтаи тайёр дар хона дорам, бифармой, онро дар пеши ту биёрам.

Ҳотам гуфт:

– Некӯ бошад.

Дарзамон он мард рафта биринчи пухта ва ширу шакар баровард. Ҳотам аз он таомҳо тановул намуда масрур гашт.

Он мард гуфт:

– Эй чавон, агар ду-се рӯзе дар ин чо бошӣ, хизмат хоҳам кард.

Ҳотам гуфт:

– Агар ризои ту дар ҳамин аст, чанд рӯз дар ин чо хоҳам истод.

Он мард аз ин гуфтаи Ҳотам бисёр хушвақт шуд. Дарҳол чомаи хоб оварда, дар зери қадами Ҳотам андохт ва гуфт:

– Эй чавон, муддатест, ки машаққат кашида дар ин чо омадай, ба хотирҷамъии тамом фароғат варзӣ.

Баъда чандин қисм таоми лазиз оварда, дар назди Ҳотам гузошт. Ҳар замон Ҳотам аз таомҳо тановулкунон мегуфт, ки:

– Ҳиндустон гулистоне будааст.

Баъд аз фароғи таом Ҳотам ба он мард гуфт:

– Дар ин мулки шумо ачаб расме будааст, ки зани зиндаро бо шавҳари мурда месӯзонанд.

Он мард гуфт:

– Эй чавон, дар миёни зану шӯй муҳаббати бисёр аст. Нисбати зану шӯйро ташбеҳ ба нисбати мобайни маъшуқу ошиқ кардаанд. Агар яке бимираду дигаре зинда монад, худро дар оташ меандозад. Агар дар ин шаҳр чанд рӯз бошӣ, туро бинамоям.

Ногоҳ, раиси деҳа бемор буд, чон ба чонофарин супурд ва ӯро чаҳор зан буд. Аз зани калони ӯ ду писар ва аз зани дуюми ӯ ду духтар буд. Зани сеюм ва чаҳоруми ӯро хеч фарзанд набуд. Дарзамон мурдаи раисро барои сӯзонидан беруи карда буданд. Ҳар чаҳор занаш низ аз акиби он ба порчаҳои рангину тамом зевар печида ва худро бо зебу зинат ороста ва чанбарҳои гул дар гардан овехта ва кашқа дар байни абрӯвон ниҳода ва барги танбул хӯрда ва мӯйҳоро парешон сохта баромаданд. Ҳама мардуми қабилаҳошон дар поҳои эшон меафтоданд ва аз сӯхтан боздоштанӣ мешуданд; онро гуфтаи касеро қабул намекарданд.

Ҳотам наздик расида гуфт:

– Эй парирӯён, ин чӣ равиш аст, ки шумоён аз сатр[1] бе сатр шудаед ва боз худҳоро ба оташ андохта месӯзонед?

Он занон қоҳ-қоҳ дар ханда даромаданд ва гуфтанд, ки:

---

[1] Сатр – парда, чодар.

– Эй ҷавон, туро шарм намеояд, ки чашмони номаҳрами худро ба рӯи занони бегона меандозӣ ва ҳамаи моён мурдагонем. Ҳидеванди моро аҷал дарёбад, чӣ мурувват аст, ки моён дар ин ҷо зинда бимонем ва доим дар фироқи ӯ гамгин бошем. Инчунин суханҳоро гуфта, зеварҳои худро аз гардан чудо карда гирифтанд ва чашмҳои худро пӯшонида, бо ҳамроҳии мурдаи шавҳар дар даруни анбори ҳезум рафтанд.

Ҳотам дид, ки яке аз он занон сари шавҳарро дар бағал гирифта, яке ба ҷониби рост ниҷаста, дигар ба ҷониби чап нишаста ва яке пойҳои шавҳарро дар бағал гирифта, бо завқи тамом бинишастанд. Ҳотам дар дил гуфт: «Инҳо чӣ хоҳанд кард?» Дарзамон рафта наздики он занон бинишаст.

Занону мардон гуфтанд:

– Эй ҷавон, берун ой, акнун оташ мефурӯзем.

Ҳотам гуфт:

– Берун нахоҳам шуд.

Мардумон гуфтанд:

– Эй ҷавон, ин занон барои шавҳари худҳо месӯзанд, магар ту ба ин занон ошиқ шудай?

Ҳотам гуфт:

– Эй мардум, шумоёнро бо ман чӣ кор?

Онҳо гуфтанд:

– Акнун замон[1] аз гардани моён соқит шуд.– Дарзамон аз ҳар тараф оташ гузоштанд.

Ҳотам дар дил мегуфт: «Ин занон аз ин оташ ҳамин замон хоҳанд гурехт.»

Он занон хандону шодмон бар болои шавҳари худҳо мисли ҳезум сӯхта хокистар шуданд.

Ҳотам ба сурати он занон афсӯс мехӯрд ва бар вафодории онҳо офарин мекард. Вай аз он ҷо гашта ба хонаи он ҳинду омад.

Ҳинду гуфт:

– Эй ҷавон, расми ин мулкро ба чашми худ дидӣ?

Ҳотам гуфт:

– Оре.

Чанд рӯз дар хонаи он ҳинду ором гирифта, рӯзе аз он ҳинду рухсат хост.

Ҳинду гуфт:

– Кучо хоҳӣ рафт?

Ҳотам гуфт:

– Ба ҷониби кӯҳи Нидо меравам.

Ҳинду гуфт:

– Роҳи кӯҳи Нидо зиёда дур аст.

Ҳотам гуфт:

– Аҳд кардаам, ки аз роҳи худ барнагардам.

Алқисса, Ҳотам бо ҳинду видоъ карда, ба ҷониби кӯҳи Нидо равона шуд. Баъд аз чанд рӯз ба канораи шаҳре расида дид, ки мардумони он шаҳр шӯру ғавғое барпо карда. Дархол пурсид, ки:

[1] З а м о н – зомин, кафолат.

– Эй ёрон, боиси ин шўру ғавғо чист?

Онхо гуфтанд, ки:

– Эй чавон, духтари подшоҳ мурдааст, мехоҳанд, ки шавҳари ӯро бо мурда дафн кунанд, ӯ қабул намекунад. Ин шўру ғавғо барои ҳамин аст.

Ҳотам наздики калони онхо рафта пурсид, ки:

– Ин чӣ расмест, ки шиндаро бо ҳамроҳии мурда дафн мекунанд? Бояд, ки ин бечораро раҳоӣ намоед.

Он сардор гуфт:

– Эй чавон, мисли ту мусофире дар ин шаҳр омада ба духтари раис ошиқ шуда. Дар байни мо расм аст, ки чун муҳаббати ёрон аз ҳад гузашта, ки аз барои якдигар чон медиҳанд, он замон аҳду паймон мекунем ва мепурсем, ки «яке аз шумоён пештар мурад, он дигар мувофиқат мекунад?» Ҳар гоҳ ин шартро қабул намоянд, ақд карда, духтарро ба ӯ месупорем. Ин чавон низ расми моёнро дида, ҳамаи шартҳоро қабул карда буд. Акнун нукси аҳду вафо мекунад. Ночор ӯро бо ҳамроҳии мурда дафн мекунем.

Ҳотам гуфт:

– Эй чавон, ҳудкардаро дармон нест, чаро дар кавли худ собитқадам намебошӣ? Рӯзе аз рӯзҳо шарбати ачалро хоҳӣ чашид.

Он мард гуфт:

– Эй чавон, расми мулки мо дигар аст.

Ҳотам гуфт:

– Ҳар шаҳреро расми дигар аст. Агар сари худро ба сангҳо занӣ, инҳо қабул нахоҳанд кард. Алҳол гуфтаи инҳоро қабул карда, дар гӯр бирав ва ман туро дар шаб беруи хоҳам кард.

Он мард гуфт:

– Эй чавони ҳамроз, то ба вакти баровардани ту чон аз бадани ман беруи хоҳад шуд.

Ҳотам рӯй ба чониби он мардумон карда гуфт:

– Ин мард мегӯяд, ки чаро гуфтаҳои инҳоро қабул насозам. Аммо инҳо гӯрро бисёр танг месозанд, дар мулки моён расмест, ки қабрро ба монанди ҳучрае мекунанд ва дигар дар пеши зинда ду-се рӯза ҳӯрданӣ мегузоранд. Агар ба расми вилояти ман гӯр созанд, гуфтаи инҳоро қабул хоҳам намуд.

Калонони он қавм гуфтанд, ки:

– Ин мукаддимаро ба подшоҳ бояд гуфтан.

Ҳамаи онхо рафта ба подшоҳ гуфтанд, ки:

– Фалонӣ чунин ва чунон мегӯяд.

Ҳоким пурсид, ки:

– Дар мулки шумоён қабрро чӣ тарика месозанд?

Ҳотам гуфт:

– Баробари хонаи калон месозанд.

Шоҳ гуфт:

– Ҳар чӣ ин чавон гӯяд, ҳамон кунед.

Дарҳол Ҳотам фармуд, гӯрро ба монанди хона канданд. Ҳар дуи эшонро дар гӯр андохта таом дар пеши он чавон гузоштанд ва дахони он қабрро мус-

таҳкам намуда, ба ҷониби шаҳр бозгаштанд. Ҳотам мунтазири шаб буд. Алқисса, рӯз гузашта шаб бар сари чанг даромад. Ҳотам аз чойи худ бархоста ба ҷониби гӯри он мард равона шуд ва ба сари гӯр расида дид, ки ҷамоае дар он ҷо нишаста. Аз яки онҳо пурсид, ки:

– Дар ин ҷо мардумон чӣ мекунанд?

Он шахс гуфт:

– Расми мардумони мо ин ки мурдаро дар гӯр ниҳанд, занони худҳоро нодида, се шабу рӯз бар сари қабри мурда бедорӣ мекашанд.

Ҳотам илоче наёфта, ба ҷои худ бозомад.

Он мард дар даруни қабр Ҳотамро дашномҳо мекард ва мегуфт: «Он ҷавони мусофир ба чандин дурӯғ маро дар ин қабр андохт ва худ бадар рафт. Мани нодон ба гуфтаи ӯ амал карда, ба ин бало мубтало шудам.» Ин гуфта аз ҳаёти худ умед канд ва сари худро печида, дар кунҷи он гӯр ба хоб мукайид шуд.

Алқисса, баъд аз се шабу рӯз Ҳотам омада фарёд кард, ки:

– Эй ҷавон барои ту омадаам.

Он мард ҳеҷ ҷавоб надод. Бори дуюм овоз кард, ҳеҷ ҷавоб надод. Бори сеюм бо овози баланд садо карда гуфт:

– Эй ҷавон, зиндай ё мурда? Агар зинда бошӣ, ҷавоб деҳ ва илло то ба қиёми қиёмат дар ин гӯр хоҳӣ монд. Ман баъд аз ин ҳеҷ хабар нахоҳам гирифт. Акнун аз сари худ соқит кардам, ту медонӣ...

Дар ин суҳан буд, ки он мард ба ҳуш омада шунид, ки касе овоз мекунад. Аз ҷои худ бархоста гуфт:

– Эй ҷавон, ту он мусофирӣ, ки бо ман аҳду паймон карда будӣ?

Ҳотам гуфт:

– Оре.

Дарҳол хоку кулӯхро кашида, дари он қабрро кушод ва он ҷавонро аз гӯр берун кард ва даҳони он қабрро мисли аввала мустаҳкам намуд. Баъд аз он гуфт:

– Эй ҷавон, ба ҳар тарафе, ки дилат мехоҳад, бирав, то он кӣ мардумони ин мулк аз ту воқиф нашаванд.

Ҷавон гуфт:

– Эй бародар, ба ҷон миннат гузоштӣ, ки маро зинда гардонидӣ, валекин харҷи роҳ надорам, ки аз ҳадди ин шаҳр бароям.

Дарҳол Ҳотам порае зари сурх аз чайби худ бароварда ба он мард дод ва он ҷавон бо Ҳотам видоъ карда, шабошаб бадар рафт.

Ҳотам омада дар ҷойи худ хобид. Чун рӯз шуд, аз мардумони он диёр рухсат гирифта, ба роҳ даромад.

Мардумон ҳангоми видоъ гуфтанд, ки:

– Эй Ҳотам, чун пештар рафтӣ, ду роҳ хоҳад омад; боят, ки ба роҳи дасти рост биравӣ, ки ба зудӣ ба ободӣ хоҳӣ расид.

Алқисса, Ҳотам манзилу марохил тай карда, баъд аз даҳ рӯз ба дуроҳае расид. Роҳи дасти ростро фаромӯш карда, ба роҳи дасти чап бирафт. Муддати чаҳор шабонарӯз роҳ гашта ба ҷое расид, дид, ки ҷонварон ва дарандагону хазандагон аз пеш гурехта меоянд. Ҳотам худро дар канори роҳ кашида дид,

ки шеру паланги филу хирс аз тарс тарки макони худхо кардаанд. Ҳотам худро бар болои дарахте гирифта нигоҳ кард, ки ҷонвари хурде ба сурати ҳайбатангез дум бар сари худ карда, хар чашм чун чароғи афрӯхта ҷамеи ҷонворонро пеш карда меояд. Ҳотам низ тарсида гуфт, ки: «Ачаб балои пурзӯре буда, ки ҳамаи ҷонварон аз салобати ӯ дар гурез шудаанд.» Пас тег аз наём баркашида нишаста буд, ки назари он ҷонвар ба ҷониби Ҳотам афтод, даркол ба Ҳотам хез карда, аз болои дарахт бар замин барфиканд. Бори дуввум хост, ки Ҳотамро гирифта даронад. Ҳотам бо ҳанчари захролуд ба дахони он чунон зад, ки ҳар ду чакаки ӯ қалам шуда бар замин галтид. Боз дар газаб шуда, ба ҷониби Ҳотам хез кард. Ҳотам низ тездастӣ карда ханчари дигар ба коми ӯ зад, ки тег ва дасти Ҳотам дар шиками он даранда фурӯ рафт. Ҳотам дасти худро гирифта буд, ки рӯдахои он даранда бар замин фурӯ рехт. Он замон думи худро бар замин зада бавл карда буд, ки тамоми дашту биёбонро оташ фурӯ гирифт ва дарахтхои хушк хама даргирифтанд ва либосхои Ҳотамро низ оташ афтод. Дарзамон Ҳотам худро дар ҷӯи об андохт. Баъд аз дере аз об берун шуда, дар пеши он ҷонвар омада бинишаст ва чаҳор дандони онро канда дид, ки ҳар кадом ба монанди ханчари обдоре ва ду гӯшро бо думи вай бурида гирифта, дар тиркаши худ андохта рохӣ шуд.Баъд аз чанд вақт ба чое расида, дид, ки қалъаи азиме сар ба фалак кашида. Аз дарвозаи он қалъа дохил шуд.

Ҷамеи ҳавлихои он қалъаро дид, ки ҳама анвои таоми пухтаву хом мавчуд ва муҳайё. Аммо аз чинси одамӣ ҳеч аҳаде нест ва дар гирди он шаҳр хандаки амике кандаанд. Подшоҳу вазир ва соири раоё дар тӯпхонаи қалъа банд шуда мондаанд.

Ногоҳ вазир сар бароварда дид, ки як чавони мусофире дар шаҳр даромад. Ба шоҳ хабар дод. Шоҳ фармуд, ки:

– Эй мулозимон, он мусофирро овоз кунед, ба ин ҷониб ояд, ки бехуда нобуд хоҳад шуд.

Яке аз мулозимон бо овози баланд гуфт, ки:

– Эй чавон, ба ин ҷониб биё.

Даркол Ҳотам дид, ки шахсе аз дарича сар бароварда овоз мекунад, омада дар зери дарича истода шуд.

Подшоҳ аз дарича сар бароварда пурсид, ки:

– Эй чавон, номи ту чист? Чӣ гуна зинда дар ин ҷо расидӣ?

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, номи ман Ҳотам ибни Тай, аз мулки Яманам. Аз Ҳуснобод омада ба ҷониби кӯҳи Нидо меравам.

Шоҳ гуфт:

– Эй Ҳотам, роҳи кӯҳи Нидоро галат кардӣ, ачал туро ба ин ҷо овардааст. Ҳамин замон рахти сафар аз ин чаҳони пурхатар хоҳӣ баст.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, хар чӣ пеш ояд, онро хоҳам дид. Эй шоҳ, акнун ҳақиқати ахволи худро маълум соз, ки чаро дар ин қалъа махбус мондай?

Шоҳ гуфт:

– Эй ҷавон, бидон ва огоҳ бош, ки волии ин шаҳр манам ва дар ин мамлакат балои азиме пайдо шуда; ҳеҷ кас ӯро илоҷ натавонист кард. Ҳамаи фукаро ва фузало[1] аз ман рӯйгардон шуданд ва ба ҳар тараф парешон шуда рафтанд ва ман аз рӯи номус бо вазирону фарзандон дар ин тӯпхонаи қалъа банд шуда мондаем. Не фикри ба ҷойи дигар рафтан ва не токати ӯро куштан аст. Муддати бисёрест, ки дар ин ҷо истодаем ва касони бисёреро аз ин шаҳр ночиз кардааст.[2]

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, он бало ба чӣ қисм аст? Ва таркиби[3] ӯро баён намо.

Шоҳ гуфт:

– Таркиби ӯ ба монанди шер аст, аз кӯҳи Қоф омада, рӯзе як бор сайди одамиён мекунад ва ба ҷониби ин тӯпхона хез мезанад. Ба як хез ба кунгураи ин тӯпхона мерасад. Азбаски ҷойи истодан нест, баргашта ба замин меафтад ва ҳар рӯз кори ӯ ҳамин аст.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, муборак бод! Бидон ва огоҳ бош, ки он балоро нопадид гардонидам.

Пас Ҳотам ҳамаи саргузашти худро як-як дар пеши шоҳ баён намуд. Дарҳол подшоҳу вазир аз тӯпхонаи қалъа фуруд омада, Ҳотамро дар ҳанор кашиданд ва аз дасти ӯ гирифта бар болои қалъа бароварда, ба макони шоҳӣ бинишониданд. Баъд аз ин шоҳ пурсид, ки:

– Эй ҷавон, он балоро ба чӣ тариқа куштӣ?

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, бидон ва огоҳ бош, нишони ӯро овардаам, – ин гуфта аз тиркаши худ чаҳор дандон, дум ва гӯши ӯро бароварда дар назди шоҳ гузошт. Дарҳол шоҳу вазир дар зери қадами Ҳотам афтоданд ва гуфтанд:

– Эй ҷавон, боракалло бар ҳиммату ғайрати ту, ки инчунин балои азимро кушта, аз ӯҳдаи ҷанги ӯ баромадай.

Шоҳ хотирҷамъ шуда, ба атрофу ҷавониб номаҳо фиристод, ки он балои азим ба дастиҲотам ном шахсе кушта шуда. Бояд, ки ҳамаи фукаро омада дар ин шаҳр сукунат варзанд.

Баъд аз чанд рӯз Ҳотам аз шоҳ рухсат хоста гуфт:

– Эй шоҳ, як одам бидеҳ, ки маро ба кӯҳи Нидо роҳбарӣ намояд.

Шоҳ гуфт:

– Эй Ҳотам, акнун ин шаҳрро аз худ дониста, сукунат ихтиёр намой, духтаре дорам дар паси пардаи исмат, ӯро ба ту бидиҳам.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, ман то кори одамонро ба анҷом нарасонам, ишрат нахоҳам варзид.

Шоҳ гуфт:

– Эй Ҳотам, магар бо касе аҳд кардай?

[1] Фузало – фозилон, доноён.
[2] Яъне: куштааст.
[3] Таркиб – ба маънии шакл.

Ҳотам саргузашти худ ва аҳволи шаҳзода Мунирро дар назди шоҳ баён намуд. Шоҳ ба ин ҳама корҳои Ҳотам таҳсину офарин карда мулозимеро фармуд, ки:

– Ин чавонро ба кӯҳи Нидо расонида хати расид биёр.

Мулозим гуфт:

– Фармонбардорам.

Шоҳ порае зари сурх ва чавоҳири қиматбаҳо оварда, дар назди Ҳотам гузошт. Ҳотам аз он зарҳо мувофиқи харчи роҳ гирифта, бо ҳамроҳии он мулозим равона шуд. Бад аз чанд рӯз бар сари дуроҳае расиданд. Он мулозим гуфт:

– Эй чавон, роҳи дасти рост ба кӯҳи Нидо мерасонад. Бояд, ки аз ин роҳ беруи нашавй.

Ҳотам бар сари он дуроҳа нишаста, чанд калима арзи ҳол навишт ва ба дасти он мулозим дода, ба чониби шоҳ фиристод ва худ ба тарафи кӯҳи Нидо равона шуд. Баъд аз чанд рӯз ба чое расида дид, ки шаҳри азиме, калъаи он сар ба фалак кашида. Аз дарвозаи шаҳр даромада хост, кч дар корвонсаро рафта фуруд ояд. Дарвозабонон расида ва дасти Ҳотамро гирифта, ба хизмати шоҳи он шаҳр равона шуданд. Баъд аз соате аз дари боргоҳ даромада, ба шоҳ салом кард. Шоҳ чавоби салом дода, аз чойи худ бархост ва аз дасти Ҳотам гирифта, ба чойи худ нишонд ва гуфт:

– Эй чавони мусофир, аз замони мулки Искандар то ба ин дам ҳеч мусофире дар ин шаҳр наёмада. Бояи омадани ту дар ин чо чй бошад?

Ҳотам саргузашти худ, шаҳзода ва саволи маликаро дар назди шоҳ як-як баён намуда гуфт:

– Эй шоҳ, каминаро аз асрори кӯҳи Нидо огоҳ гардонед.

Шоҳ гуфт:

– Эй чавон, алҳол хабар аз кӯҳи Нидо нашояд гуфт. Бояд, ки чанд рӯз дар ин чо бошй. Аз ҳакикати кӯҳ ва нидои ӯ вокиф шавй.

Ҳотам гуфт:

– Некӯ бошад.

Муддати чанд рӯз дар он чо истода, бо мардумон улфату ошной намуд. Рӯзе аз мардумони он шаҳр кариб дусад кас дар як чо нишаста буданд. Ҳотам гуфт:

– Эй ёрон, кӯҳи Нидо кадом аст?

Онҳо гуфтанд:

– Эй чавон, ҳамин куллае, ки рӯ ба рӯи туст, нидо аз он куллаи кӯҳ мебарояд.

Дар ин гуфтугӯ буданд, ки ногоҳ овозе аз он кӯҳ баромад: «Ё Ҳумро ибни Ҳорис, биё!»

Дархол чавоне аз миёнаи он чамоа бархоста, ба чониби он кӯҳ равона шуд.

Қабилаи ӯ хабардор шуда расиданд. Ҳарчанд ки манъ карданд, қабул накарда давон-давон бирафт.

Ҳотам гуфт:

– Эй ёрон, ин чавонро чй шуд, ки бо касе сухан накарда, девонавор мераваД?

Онҳо гуфтанд:

– Аз худи ӯ бояд пурсид.

Ҳотам расида ҳарчанд сухан кард, ҷавоб надода, чун бод бирафт ва ба зери он кӯҳ расида аз назар гоиб шуд. Дарҳол мардумон дар зери он кӯҳ ҷамъ шуда, саҷдае карда сари худҳоро ба он кӯҳ зада бозгаштанд. Чандин қисм таом пухта ба мардумон дода, ба кори худҳо машғул шуданд.

Ҳотам гуфт:

– Эй бародарон, маълум нест, ки он ҷавон ба кучо рафта бошад?

Онҳо гуфтанд:

– Эй ҷавон, он чӣ моён дидем, ту низ дидӣ. Акнун чӣ мепурсӣ?

Ҳотам ин ҳолро дида гирён шуд.

Мардумон гуфтанд:

– Эй ҷавон, расми ин мулкро дидӣ, ҳамин аст. Агар мехоҳӣ, ки чанд рӯз дар ин чо бошӣ, бояд, ки бо моён мувофиқат намой ва аз барои он ҷавон гиряву нола накунӣ за илло туро аз ин шаҳр бадар хоҳем кард.

Боз гуфтанд:

– Эй ҷавон, ҳабари кӯҳи Нидо ҳамин буд, ки дидӣ ва шунидӣ.

Ҳотам гуфт:

– Ҳанӯз асрори ин кӯҳ ва ҳақиқати нидои ӯ маълуми ман нашуд.

Алқисса, шаш рӯзи дигар дар он чо биистод. Дар он ҳин Ҷом ибни Сом ном шахсе ба Ҳотам бародархонд шуда, ошноии тамом пайдо карда буд. Шабу рӯз бо Ҳотам мусоҳиб шуда, авқотро ба хушӣ мегузаронид. Мардумони дигар ба гирди эшон ҷамъ шуда, ба суханҳои Ҳотам ҳандаҳо мекарданд. Дар он замон ногоҳ аз тарафи кӯҳ овозе баромад, ки: «Ё Ҷом ибни Сом, биё!»

Дарҳол он ҷавон аз ҷойи худ бархост ва ба тарафи он кӯҳ равона шуд. Қабилаи ӯ омада, атрофи ӯро гирифтанд. Ҳарчанд ки манъ карданд, Ҷом қабул накарда чун бод мерафт. Ҳотам донист, ки Ҷом низ рафта, ба он кӯҳ шарбати аҷалро хоҳад чашид. Афсӯси бисёре хӯрда дар дил мегуфт: «Ошноӣ ҷонӣ пайдо карда будам, ҳамин замон аз ин чудо хоҳам шуд ва бо ин ошно болои кӯҳ баромада, дар ин сафар бо ӯ ҳамроҳӣ кардан лозим аст, то ки ҳақиқати нидои ин кӯҳ маро маълум шавад.» – Ин гуфта аз ақиби Ҷом равона шуд ва дар арзи роҳ расида дасти Ҷомро бигирифт. Ғалтону хезон болорӯяи он кӯҳ бо Ҷом рафта, аз назарҳ мардумон гоиб шуд. Мардумон се маротиб он кӯҳро саҷда карда, ба тарафи шаҳр бозгаштанд ва аз барои Ҳотам афсӯс мехӯрданд. Рафтани Ҳотамро шоҳ шунида гуфт:

– Эй нодонон, то ба ин вақт ҳеч касе бе талаби он кӯҳ нарафта буд. Чаро он мусофирро гузоштед, ки бе талаб рафта аз ҷони ширини худ чудо шавад?

Мардумон гуфтанд:

– Эй шоҳ, ҳарчанд манъ кардем, қабул накард ва гуфт:

– Ҷом ҷони ман аст, кай раво дорам, ки дар ин роҳ танҳо равад.

Дарҳол шоҳ ҳамаи калонони он шаҳрро дар банд кашид. Ноилоҷ ҳамаи он калонон ҷурмона[1] ба шоҳ дода, худҳоро аз банд халос гардониданд.

---

[1] Ҷурмона – маблағе, ки барои афви гуноҳ диҳанд.

Алкисса, Ҳотам бо ҳамроҳии Ҷом бар болои кӯҳ рафта-рафта, ба ҷое расида дид, ки горе аниқи пурҳайбат ва дар даруни он ғор даромада роҳӣ шуд. Ба ҷое расида дид, ки майдони васеи сабзу хуррам. Миқдори се ғази он майдон холӣ аз сабза. Дархол Ҷом аз Ҳотам ҷудо шуда, дар он ҷойи холӣ рафта ғалтида ва дасту по задан гирифт. Баъд аз соате чашм пӯшида ҷон ба ҷонофарин супурд.

Ҳотам он ҳолро дида дар гиря шуд. Ногоҳ ҳамон ҷой шак[1] шуда Ҷомро фурӯ кашида, боз фароҳам омад. Баъд аз соате бар болои мадфани[2] Ҷом сабзаву гиёҳ рӯид. Ҳотам донист, ки марги мардумони ин шаҳр ба ин тариқ будааст ва ин кӯҳро Нидо аз ин вачҳ буда ва бо худ гуфт: «Ҳақиқат ва боиси нидои инро донистам, бояд, ки ба тарафи шаҳр ирода намоям.» Аз он ҷо бозгашта, тамоми он майдонро мегашт асаре ва нишоне аз он кӯҳ намеёфт, ба ҳар ҷониб давида мегуфт: «Дар ҳоли ачибе афтодаам, ки роҳи рафтан намеёбам.» Муддати ҳафт шабонарӯз гуруснаву ташна роҳ гашта, даст аз ҷон шуста буд. Дар ин ҳин дарёи азимеро дида, ба канори он бирасид ва фикр кард, ки аз ин дарё чӣ гуна бигзарам. Билохир дид, ки дар даруни дарё киштие ба ҷониби ӯ меояд. Наздик расид, дид, ки киштӣ холист. Дархол бар он киштӣ савор шуда, роҳӣ гардид ва ба атрофу ҷавониби он киштӣ назар карда дид, ки ду нону кабоби моҳӣ. Дар дил гуфт: «Ин нону кабобро маллоҳ аз барои худаш пухта бошад ва киштӣ аз дасти ӯ раҳо шуда, ба ин тараф омада. Ин нону кабобро набояд хӯрд, ки ҳаққи бегона аст.» Ногоҳ боде бархоста, киштиро чун тири паррон мебурд. Баъд аз се шабонарӯз ба як канора баромад. Дид, ки ачоибу гароиби билониҳоя ва дар дил мегуфт: «Роҳи шаҳрро аз кучо ёбам? Ҳақиқати кори он ҷавонро ба мардумони шаҳр мегуфтам, хуб мешуд.» Боз ҳафт шабонарӯз роҳ гашта дар зери кӯҳе расида дид, ки сангҳои он кӯҳ ба монанди нуқраи хом. Ба ҷониби он кӯҳ қадам ниҳода равона шуд. Пештар рафта дид, ки аз зери ҳар қадом сангҳои он кӯҳ хун ба мисли ҷӯи об ҷорӣ шуда меравад. Аз дидани ин ҳол мутааччиб шуда гуфт: «Ҳақиқати ин сунъро аз кӣ пурсам?»

Билохир, аз зери он кӯҳ боло рафта дид, ки ҳамаи хоки он кӯҳ ба манзалаи хун сурх буда. Миқдори ду фарсанг роҳ гашта дид, ки дарёи азиме пур аз хуни ҷӯшон. Аз гурриши он кӯҳу дашту биёбон ҳамчун кӯраи симоб дар ларза даромада. Ҳотам мутаҳайир шуда мегуфт: «Аз ин дарё чӣ гунг бигзарам?» – Ин гуфта ба тарафи ибтидои он дарё равона шуд. Муддати як моҳ роҳ рафта, ба ҷое расида дид, ки ҳеч паррандае пар намезанад ва дар дил мегуфт: «Эй Ҳотам, як моҳ меҳнат кашида пой аз рафтор мондй. Агар дах соли дигар роҳ равй, ғайр аз дарёи пурхун ҳеч чизе дар назари ту нахоҳад даромад.» Дар ин андеша буд, ки ногоҳ бар рӯи дарё чизе намудор шуд. Наздик расида дид, ки он чиз киштӣ будааст. Дархол бар он киштӣ савор шуда, муддати ҳафт шабонарӯз дар даруни он дарё роҳ рафт. Рӯзи ҳаштум ба ҷое расида дид, ки ачоиботе менамояд. Чун аз он ҷо гузашта, муддати ҳафт шабонарӯзи дигар роҳ рафт, ташнагй ғолиб омада, аз дур ба назараш чизе намуд. Расида дид, ки дарёи

[1] Шак – шикоф, сурох.
[2] Мадфан – кабр.

азиме. Аз ташнагӣ хост, ки қадре об аз он дарё бинӯшад, даст андохта дид, ки ҳамаи оби он дарё нуқра будааст ва дастҳои ӯ нуқрагин шуданд. Дар дилд гуфт: «Ачаб дарёе буда, агар дар ин дарё гӯта занам, тамоми баданам нуқра хоҳад шуд.» Бо чи ҳама андеша сар ба зону ниҳода фикр мекард ва гоҳо сар бардошта,ба ҷониби чапу рост назар мекард. Баъд аз дере киштие наздики Ҳотам расид ва дар он киштӣ даромада равона шуд. Баъд аз чаҳор рӯз дар зери кӯҳе расида дид, ки сангрезаҳо сабзу сурху сафед. Бештар назар кард, ки ҳама ҷавоҳир. Порчае аз он ҷавоҳирот бардошта роҳӣ шуд. Баъд аз чанд муддат бар сари чашмае расида дасти худро ба оби он чашма шуста буд, ки гӯшту пӯсти дастҳояш ба сурати аслӣ омада, аммо нохунҳои ӯ ба сурат нуқра монд ва бар сари он чашма қарор гирифт. Чун шаб бар сари даст қарор даромад, дид, ки ду касе аз даруни он чашма пайдо шуда, сари эшон ба монанди сари одамӣ ва пойҳои эшон ба монанди пои фил ва нохунҳои эшон ба монанди нохуни шер. Ҳотам тарсида аз ҷойи худ бархост ва гуфт: «Инҳо ачаб балоеанд» – ва ба ҷониби оиҳо тире биандохт. Он хар ду тири Ҳотамро дар даст гирифта гуфтанд, ки:

– Эй Ҳотам, аз тарси ҷони худ тир меандозӣ? Моён ҳам аз ҷумлаи махлуқоти ин оламем ва қасд бо ту надорем, хотири худро ҷамъ дор.

Ҳотам ин суханро шунида, тиру камонро аз дасти худ биандохт ва сари худро фурӯ карда гуфт:

– Шуморо бар ман чӣ кор аст?

Ҳар ду наздики Ҳотам омада гуфтанд:

– Эй Ҳотам, туро набояд тамаъ бар чизи дунё намудан. Ангуштнамои олам хоҳӣ шуд ва номи неки ту то ба қиёми қиёмат ба эҳсон хоҳад монд ва агар ба зару ҷавоҳир назар созӣ, номи нек дар олам нахоҳӣ баровард.

Ҳотам гуфт:

– Ман бар ҷавоҳири кадом кас тамаъ кардаам?

Онҳо гуфтанд, ки:

– Эй Ҳотам, ҷавоҳире, ки аз фалон кӯҳ овардӣ, магар азони туст?

Ҳотам гуфт:

– Дар замин афтода буд, аз ҳеч кас нахоҳад буд.

Онҳо гуфтанд:

– Эй Ҳотам, рост мегӯӣ, аммо он ҷавоҳирот ба номи фирқаи[1] дигаре халқ шуда.

Ҳотам гуфт:

– Кадом фирқа аз одамӣ шарифтар аст?

Онҳо гуфтанд:

– Эй Ҳотам. ин ҳама ҷавоҳирот аз париён аст, ки эшон бардошта мебаранд ва ба кори худҳо сарф менамоянд.

Ҳотам гуфт:

– Магар лоиқи ин ҷавоҳирот одамӣ набуда?

Онҳо гуфтанд, ки:

[1] Фирқа – қавм, гурӯҳ.

– Одамиёнро сарват дар кӯҳу рег ниҳон аст, аз ақл ба дасторанд.

Ҳотам гуфт:

– Чанд чавоҳир чиҳати намуна барои азизон бардошта будам.

Онҳо гуфтанд, ки:

– Эй Ҳотам, агар дар мулки худ қасди саломат рафтан дорӣ, ин ҳама чавоҳирҳоро биандоз. Мабодо ки бар ту нуксоне бирасад.

Ҳотам ноилоҷ шуда, он чавоҳирҳоро биандохт ва гуфт:

– Эй азизон, бар ман чабру ситам намудед, ман ин ҳама сангҳоро ба чандин машаққат аз роҳи дур бардошта оварда будам ва аз мулки касе надуздида будам.

Боз гуфтанд:

– Агар музд мехоҳӣ, ба ту музд диҳем.

Ҳотам хомӯш монд. Алғараз, андак чавоҳир ба Ҳотам дода гуфтанд:

– Инро бурда ба қавми худ бинамо.

Аз ин кирдори эшон Ҳотам шод шуда гуфт:

– Эй азизон, ба ман роҳ бинамоед, ки ба ватани худ бирасам. «»

Онҳо гуфтанд:

– Ба кори хайр дар ин чоҳо омада будӣ ва илло ҳеч касе дар ин маконҳо омада, чон ба саломат нахоҳад бурд ва умри ту дароз аст, аз ин ҷо саломат хоҳӣ рафт ва дар ин дунё корҳои нек карда, то ба қиёми қиёмат номи ту хоҳад монд ва туро ҳамаи аҳли олам хоҳанд ёд кард; аммо роҳ ҳамин аст ва дар пеш дарёи оташ аст; аз ин дарё, ки гузаштӣ, ба ватани худ хоҳӣ расид. – Ин гуфта дар ҳамон чашма пинҳон шуданд.

Ҳотам шабро дар ҳамон ҷо гузаронид. Ҳангоми субҳ роҳ тай карда, ба чое расид, дид, ки ҳама чоро об гирифта. Аз он об гузашта ба чое расид, дид, ки наҳри азиме. Бар лаби он абр дурри ятиме[1] баробари байзаи мурғ ва зиёе[2] он дурр чашмро хира мегардонд ва дар хазинаи ҳеч подшоҳе нахоҳад буд. Бар лаби он наҳр биншаст. Оби он наҳр аз асал ширинтар ва аз мушк хушбӯтар ва аз шир сафедтар буд. Ҳотам дар дили худ мегуфт: – «Агар ин об дар шаҳр бошад, катрае аз ин ба кас нахоҳад расид» – ва аз он наҳр гузашта равона шуд. Чанд рӯз роҳ рафта, ба зери кӯҳе расида дид, ки ҳамаи он кӯҳ аз тиллои аҳмар. Бар болои он кӯҳ баромада дид, ки дарахте аз тилло. Аз он ҷо гузашта муддати чаҳор шабонарӯз роҳ рафта ба чое расид васеъ. Пештар рафта дид, ки қасре аз тиллои аҳмар. Дарвозаи онро кушода дид, боғи фирдавсмонанд, чандин алвон мева ва дарахтони сабзу булбулони хушилҳон дар шохҳои он дарахтон машғули хонишанд. Аз ин ҷо гузашта пештар рафта дид, ки ҳавзи хуше, чаҳор ҳадди ӯро аз чавоҳиру марворид оростаанд. Бар лаби он ҳавз биншаст. Дар ин асно париён омада диданд, ки одамизоде бар лаби ҳавз нишаста. Ҳотам париёнро дида, мутаҳайир шуд ва гуфт:

– Эй раъноён, шумоён чӣ касонед ва ин макон аз они кист?

Париён гуфтанд:

– Ин макон азони маликаи Нӯшлаб аст. Малика аз ақиб хоҳад омад.

[1] Ятим – якка, танҳо.

[2] Зиё – шуъо.

Дар ин гуфтугӯ буданд, садои болзании кабӯтарон ба гӯши Ҳотам расид. Дарзамон маликаи Нӯшлаб маа понсад парӣ аз сӯи осмон нузул карда[1] ба чойи худ чарор гирифт. Ҳотам рӯи маликаро дида беҳуш афтод. Малика бар болои сари Ҳотам омада гуфт:

– Эй мулозимон, шишае аз атру гулоб биёред!

Дарҳол оварданд. Чанд миқкол атру гулоб бар рӯи Ҳотам пошида, ӯро ба ҳуш оварданд. Малика дасти Ҳотамро гирифта, ба чониби тахти худ равона шуд. Худ бар болои тахт биншасту Ҳотамро бар болои курсии зарин бинишонд.

Ҳотам пурсид, ки:

– Эй маликаи олам, ин маком тааллуқ ба кӣ дорад ва ин кӯхро ном чист?

Малика гуфт:

– Эй одамӣ, ин кӯхро Зарин мегӯянд ва ин макон ба подшоҳ Шаҳбол тааллуқ дорад ва ман яке аз хизматгорони ӯям.

Малика Ҳотамро чаҳор шабонарӯз нигоҳ дошт. Баъд аз чаҳор рӯз рухсат намуд, ки:

– Эй одамӣ, бирав, истодани ту дар ин ҷо хуб нест.

Ҳотам аъ онҳо гузашта равона шуд, муддати шонздаҳ шабонарӯз бар болои он кӯҳ роҳ рафт. Баъд ба канори дарёи Зарин расид. Дид, ки тамоми сангҳову регҳои дарё ҳама аз тилло ва оби он дарё чун тиллои гудохта мавҷзанон меравад ва гурриши он бар фалак печида. Ҳотам бар лаби он дарё нишаст ва фикр карда мегуфт: «Аз ин дарё чӣ гуна бигзарам?» Ногоҳ киштие аз болорӯяи он дарё ба канори он бирасид. Ҳотам ба он киштӣ савор шуда, муддати чиҳил шабу рӯз дар даруни он дарё роҳ рафта, ба канорае расид ва аз дарё берун шуда, муддати ҳафт шабонарӯз бар лаби он дарё роҳ гашта, ба регистоне расида дид, ки чунон гарму сӯзон, ки гӯё дар тахти он оташ карда бошанд. Чанд кадам роҳ рафта, аз гояти гармӣ беҳуш шуда бар он замин афтод. Қудрати он надошт, ки мӯхраро дар даҳани худ бигирад. Дар ҳамин вақт ҳамон ду касе, ки чавоҳирҳоро аз ҳотам гирифта буданд, расида чанд қатра об дар гулӯи Ҳотам чаконида ба ҳуш оварданд. Ҳотам чашм кушода дид, ки ҳамон ду кас бар сари ӯ истодаанд.

Ҳотам гуфт:

– Дар ҳамин вақти фурӯ мондагӣ мададгори ман шудед. Акнун гӯед, ки ба кадом роҳ равам?

Эшон гуфтанд:

– Роҳ ҳамин аст, аз ин пештар дарёи оташ аст ва гармии ин ҳудуд аз асароти он дарёст, агар аз ин дарёи оташ саломат бигзарӣ, ба ватани худ хоҳӣ расид ва илло роҳ намудан кори моён нест. – Ин гуфта мӯхрае ба дасти Ҳотам доданд ва гуфтанд:

– Эй Ҳотам, ин мӯхраро дар даҳони худ гирӣ, гармии дарёи оташ ба ту таъсир нахоҳад кард. Чун аз дарё бигзарӣ мӯхраро бар замин монда равӣ, ки туро зиён мерасад.

Ҳамаи шабро дар он ҷо гузаронид. Алассабоҳ мӯхраро дар даҳон андохта роҳ мерафт. Баъд аз се рӯз ба дарёи оташ расида дид, ки мавҷу шӯълаи оташи он дарё бар осмон печида. Ҳотамро хуш аз сар парида гуфт: – «Паноҳе

[1] Нузул кардан – фуруд омадан.

нест, чй бояд кард?» Дар ин хин киштие наздики Ҳотам расид. Дар он киштй савор шуда рохй шуд. Мавҷхои оташро дида, ваҳме дар дилаш афтода, дар он киштй дароз кашида чашмҳои худро намекушод. Баъд аз бисту як рӯз киштй дар миёни дарё чун санги осиё истода дар гардиш даромад. Ҳотамро яқин гардид, ки ғарқ хоҳад шуд. Дар он ҳин киштй дар даруни он дарё фурӯ рафт. Ҳотам дил аз зиндагонии худ канда, муддати чаҳор рӯз дар дарёи оташ маа он киштй мерафт. Баъд аз чаҳор рӯз ба замин расида чашм бикшод. Дид, ки не киштиву не дарё ва не оташ. Дарҳол мӯҳраро аз дахони худ андохта равон шуд. Қариб чаҳор фарсанг роҳ рафта дид, ки ба сарҳадди Яман расидааст. Пештар рафта дид, ки деҳқоне ироати худро об медиҳад. Пурсид, ки:

– Эй деҳқон, ин кадом навоҳй ва ин деҳаро чй ном аст?

Деҳқон ба тарафи Ҳотам нигоҳ карда мутаҳайир шуд.

Ҳотам гуфт:

– Магар гӯши ту кар аст, ки суханро ҷавоб намедиҳй?

Деҳқон гуфт:

– Ба суханони ту ҳайрону парешонам ва туро ба шоҳзодаи худ монанд кардаам.

Боз гуфт:

– Ин навоҳй ҳади Яман аст ва ин деҳа Сарҳин ном дорад ва моён ҳафт пушт раияти ҳамин мулкем, ки номи неки ӯ Ҳотам ибни Тай аст. Қариб нӯҳ сол аст, ки тарки подшоҳй карда, ба кори ҳайр рафтааст. Дар ин муддати нӯҳ сол як бор хабари худро ба маликаи Заринпӯш расонида. Аҳвол падару модари ӯ, хусусан маликаи Заринпӯш дар ғами ӯ мубтало шуда.

Ҳотам гуфт:

– Эй деҳқон, чизе хӯрданй дорй, ки биёрй, бисёр гуруснаам.

Деҳқон дарҳол таоме оварда, дар пеши Ҳотам гузошт. Ҳотам он таомро тановул карда гуфт:

– Худоро шукр, ба ватани худ расидаам.

Он деҳқон дар зери кадами Ҳотам афтода гуфт:

– Эй шоҳзода, чаро худро аз ман пӯшида медорй?

Ҳотам гуфт:

– Эй деҳқон, маро нек шинохтй, лекин аҳд карда будам, ки то рафта рӯи падару модарро набинам, аҳволи худро ба касе изҳор нанамоям.

Деҳқон гуфт:

– Эй шоҳ, ду-се рӯз дар ин ҷо осуда шав ва маро шод гардон. То падарат шунида, бо ман таарруз[1] нанамояд, ки хизмати шоҳзодаро ба ҷо наёвардй.

Ҳотам гуфт:

– Дар ин ҷо истодан аз маслиҳат нест. Онҳо хабар ёфта хоҳанд омад. Худ рафта падару модари маро хабар расонй, ки Ҳотам бандагй намуда, ба хонаи Хуснобод сиҳат ва саломат гузашта рафт.

Дарҳол деҳқон ба хонаи худ даромада, нонҳои равғанй бароварда, дар назди Ҳотам гузошт ва узри таксирот менамуд, ки ман хизмати бандагй ба ҷо наёвардам.

[1] Таарруз – хашм, итоб.

Ҳотам гуфт:

– Эй деҳқон, ман аз ту розй хастам.

Алғараз, бо деҳқон видоъ намуда, роҳи Ҳуснободро пеш гирифта роҳй шуд. Баъд аз як моҳ ба канори Ҳуснобод расид. Мулозимони малика Ҳотамро ба чандин таъзим ба дари боргоҳ бурданд. Малика фармуд, ки курсии зарин оварда, дар зери қадами Ҳотам ниҳанд. Дарҳол аз паси парда пурсид, ки:

Эй Ҳотам, хуш омадй, акнун маро аз асрори кӯҳи Нидо огоҳ гардон.

Ҳотам тамоми саргузашти худро маа вокеоти кӯҳи Нидо дар назди малика як-як баён намуд. Малика гуфт:

– Эй чавон, таҳсину офарин бод бар чурьати ҳиммати ту! Ҳар чй гуфтй рост аст, ки шунидан ман чунину чунон буд.

Ҳотам гуфт:

– Офарин бод бар ту ва бар омӯзгоре, ки инчунин чизҳои ғариб ба ту омӯхта будааст.

Малика гуфт:

– Эй Ҳотам, ҳеч нишонае аз кӯҳи Нидо овардй?

Ҳотам аввал нохуни дасти худро бинамуд, дуввум он чавоҳироте, ки аз кӯҳ гирифта буд, дар назди малика гузошт.

Малика бо ин ҳама корҳои Ҳотам таҳсину офарин мекард. Дар он ҳин мулозимони малика хони зарини пур аз таоми латиф оварда, дар назди Ҳотам гузоштанд.

Ҳотам гуфт:

– Ин таомро бурда, дар корвонсаро маа шаҳзода тановул хоҳам намуд.

Ин гуфта аз боргоҳи малика баромада, ба шаҳзода Мунир мулокот варзид. Хизматгорони малика чандин навъ таом оварда, дар назди Ҳотам ва шаҳзода гузоштанд. Ҳар дуи онҳо ба хӯрдани таом мукайид шуланд. Баъд аз фароғи таом Ҳотам тамомии саргузашти худро дар назди шаҳзода як-як баён намуд. Шаҳзода ба ин ҳама корҳои Ҳотам офарин карда, сари худро дар зери қадами Ҳотам гузошт. Ҳотам сари шаҳзодаро бардошта дар канор гирифт ва гуфт:

– Эй шаҳзода, ман тану чони худро дар роҳи хайр бохтаам.

– Алғараз, се рӯз дар ин чо ором гирифта, баъд ба хизмати малика рафт. Мулозимони малика хабар расонида гуфтанд, ки:

– Эй малика, Ҳотам ба хизмат ҳозир шуд.

Малика дар паси парда нишаста ва Ҳотамро бар болои курсии зарин шинонида гуфт:

– Эй Ҳотам, туро матлаб чист?

Ҳотам гуфт:

– Эй малика, акнун саволи шашумро бифармо, то ман ба талаби чавоби он биравам.

Малика гуфт:

– Эй Ҳотам, акнун хабари Ҳаммоми бодгард биёрй. Шунидаам, ки ҳамоме мегардад ва мардумон дар он ҳаммом чй гуна ғусл мекунанд ва сохти он ҳаммом ба кадом равиш аст ва бунёди ӯ ба кадом навъ аст?

Ҳотам гуфт:

– Эй малика, хеч медонй, ки он ба кадом тараф аст?

Малика гуфт:

– Шунидам, ки байни Ғарб ва Ҷануб аст, аммо намедснам, ки ба кадом роҳ мерафта бошанд.

Ҳотам аз хизмати малика баромада, дар назди шахзода омад. Шахзодаро видоъ намуда, рӯ ба биёбон ниҳод.

САФАРИ ШАШУМ

Ҳотам пас аз чанд рӯз бар сари чохе расида дид, ки мардумони бисёре чамъ шудаанд.

Пурсид, ки:

– Эй ёрон, дар ин чо чй ходиса аст?

Яке аз онҳо гуфт:

– Писари ҳоким ин чоҳро дида девона шуда ва дар ин чоҳ афтодааст, ҳарчанд ки мечӯянд, зинда ё мурдаи ӯро намеёбанд. Маълум нест, ки дар ин чоҳ чй бало бошад. Ҳеч кас аз тарси чон дар ин чоҳ намедарояд.

Ҳотам гуфт:

– Дар ин чоҳ сирре хоҳад буд.

Ин суханро шунида падару модари ӯ гиребонҳои худро то ба доман чок зада, нолону гирён дар назди Ҳотам омаданд.

Ҳотам гуфт:

– Эй аламрасидагон, сабр намоед, ки гиряи шумоён суде надорад.

Онҳо гуфтанд, ки:

– Эй чавон, рост мегӯй, аммо аз фироки фарзанд бекарорем ва ин хама нола мекунем. Касе нест, ки ба мо ёрй диҳад.

Ҳотам гуфт:

– Эй кулфатрасидагон, шумоён сабр намоед, ман дар ин чоҳ даромада, аз фарзанди шумо хабар хоҳам гирифт. Аммо шумоён бар сари ин чоҳ то як моҳ бошед. Агар дар ин муддати як моҳ берун омадам, бисёр хуб ва илло ба кори худҳо биравед.

Ин бигуфту худро дар он чоҳ андохт, нафас дарун гирифта дар зери он фурӯ рафт. Вакте буд, ки пойҳои Ҳотам бар замин расид чашм кушода дид, ки не об хасту не чоҳ, балки майдони васеъ ва равшане. Ҳотам пештар рафта боге дид. Дар даруни он бог даромада сайркунон мерафт. Ногоҳ айвоне намуд, наздик расида дид, ки чамоате паризодон дар миёни он айвон тахтҳои мурассаъ рӯ ба рӯи якдигар гузошта, бар болои он тахтҳо бо чандин нозу карашма нишастаанд. Аз хамаи он паризодон мукаддамтар бар болои як тахти олй чавони сохибчамоли некӯсурат ва бар болои як тахти дигар як нозанини офтобталъате ба чандин нозу истигно нишаста. Ҳамаи паризодон бар гирди тахти он нозанин саф кашида истодаанд. Дарҳол назари паризодон ба чониби Ҳотам афтода, шӯре бардошта ва ба он нозанини тахтнишин гуфтанд, ки:

– Эй чаҳонафрӯз, як одамизоде дар ин макон омадааст.

Он нозанини тахтнишин ба чониби он чавон нигохе карда гуфт:

– Эй ҷавони накӯҷехра, аз қавми шумо яке дар ин мақом омӯдааст, агар фармоед, ӯро талабида шарти меҳмондорӣ ба ҷой орем.

Ҷавон гуфт:

– Хуш бошад.

Дарҳол он паризод гуфт:

– Он ҷавонро биёред.

Хизматгорон Ҳотамро ба иззати тамом дар пеши он ҷавони нозанин оварданд. Ҳотам наздик расида буд, ки он ҷавон аз болои тахт фуруд омада тавозӯи бисёре ба ҷо оварда, Ҳотамро бар болои тахти олӣ бинишонд. Дарҳол фармуд, ки таом биёред.

Мулозимон чандин қисм таом оварда, дар наздиҲотам гузоштанд. Ҳотам мувофиқи иштиҳо аз он таомҳо тановул намуд. Баъд аз фароғи таом он ҷавон аз Ҳотам пурсид:

– Эй ҷавон, аз куҷой ва дар ин ҷо барои чӣ омадӣ ва чӣ ном дорӣ?

Ҳотам гуфт:

– Эй барно, бидон ва огоҳ бош, асл аз Яманам ва номи ман Ҳотам ибни Тай аст. Алҳол аз ҷониби Ҳуснобод омада, ба тарафи Ҳаммоми бодгард меравам ва дар ин мақом ҷамоаеро дидам, ки бар сари чоҳе истода гиря мекунанд...

Ва ҳамаи саргузашти худро як-як баён намуда буд, ки он ҷавон гуфт:

– Эй бародар, писари он подшоҳ манам. Рӯзе аз қазо бар сари чоҳ омада, ин нозанинро дидам. Тири ишқаш бар сафҳаи синаи ман расида, ошиқу мубталои ӯ гардидам. Билохир ихтиёр аз ман рафта девонавор худро дар зери ин чоҳ андохтам. Дарҳол ба зери он чоҳ расида, худро дар ин боғ дидам ва ин нозанин маро ба висоли худ шодмон гардонид. Акнун ба хотирҷамъии тамом ба висоли дилбари худ ишқбозӣ дорам.

Ҳотам гуфт:

– Эй шаҳзода, ту дар ин ҷо умри худро ба айшу ишрат мегузаронӣ, падару модари ту гирён ва дар оташи ҳаҷри ту синабирёнанд.

Ҷавон гуфт:

– Эй бародар, ихтиёр дар дасти ман нест, балки ихтиёри ман ба дасти малика аст. Агар маро рухсат бидиҳад, ба хизмати падару модар хоҳам рафт.

Ҳотам гуфт:

– Андаке сабр намой, арзи аҳволи падару модари туро ба хизмати малика бирасонам.

Ҳотам рӯ ба ҷониби малика карда гуфт:

– Эй моҳи олам, ин кор аз эҳсон дур аст, ки ту мекунӣ. Падару модари ин ҷавон дар фироқи ӯ кариб аст, ки ба ҳалокат бирасанд. Бояд, ки лутф намуда, ин ҷавонро рухсат фармой, то рафта падару модари худро хотирҷамъ намуда биёяд.

Паризод гуфт:

– Эй ҷавон, ман ӯро кай манъ кардаам? Худи ӯ мубталои ман шуда, худро дар ин чоҳ андохтааст. Акнун ҳар ҷо рафтанӣ бошад, биравад.

Ҳотам гуфт:

– Эй шаҳзода, паризод рухсат фармуд.

Шаҳзода гуфт:

– Эй бародар, ин калом пур маъние дорад. Ин ҷавоб нест, балки айни эътироз аст. Ҷавоби аҳсан ҳамин, ки бо ман аҳду паймон намояд. Дар ҳар ҳафтае ду шаб дар назди ин барно бошам.

Ҳотам гуфт:

– Эй маликаи хубон, меҳрубониро дар бораи ин ҷавони гирифтор дареғ надошта қабул фармой. Ман дар фалон кӯҳ рафта, фалон дарёро дида аз ҷамоати шумоён чандин қисм шафқату меҳрубонӣ дидаам, ки дар баини одам надидаам.

Он нозанин гуфт:

– Эй ҷавон, некӯ гуфтӣ, аммо ӯ нодон аст ва маро аз дилу ҷон дӯст намедорад.

Ҷавон гуфт:

– Эй раъно, ман туро аз ҷон дӯсттар дорам, барои ту аз падару модар ва аз ватан гузаштаа, худро дар ин ҷо андохтаам ва илло дар зери ин чӯҳ чӣ кор аст? Туро аз ҳама чизҳо дӯсттар медорам. Ва ин чӣ сухан аст, ки ту мегӯй?

Парӣ гуфт:

– Дӯст доштани ман чунин аст, ки ҳар чӣ гӯям, қабул намой, он замон медонам, ки маро дӯст медорӣ.

Шаҳзода гуфт:

– Бифармо, то ба ҷо оварам.

Паризод аз ҷойи худ бархоста паризодонро фармуд, ки як деги оҳанин оварда, бар болои дегдони пур аз оташ гузоред ва он дегро пур аз равған карда, хуб доғ кунед.

Дарҳол мулозимон ҳамчунон карданд. Парӣ дасти шаҳзодаро гирифта бар сари он деги пур аз равғани тафсон омада гуфт:

– Эй шаҳзода, агар маро дӯст медорӣ, дар ин деги ҷӯшон худро биандоз.

Ҷавон гуфтаи париро қабул намуда хост, ки дар деги равғани ҷӯшон дарояд.

Паризод дасти шаҳзодаро гирифта гуфт:

– Ҳар чӣ фармой қабул аст. Донистам, ки дар ишқ собитқадамӣ.

Билохир Ҳотамро маа шаҳзода дар он ҷо нигоҳ дошта, муддати як моҳ меҳмондориҳо намуд.

Мардумоне, ки бар сари чоҳ буданд, ваъдаи як моҳро мешумурданд ва мегуфтанд:

– Агар он ҷавон имрӯз аз ин чоҳ берун ояд, хуб аст ва илло фардо ҳама ба хонаҳои худҳо хоҳем рафт.

Алғарз, Ҳотам аз ҷойи худ бархоста гуфт:

– Эй барно, ваъдае, ки ба падару модари шоҳзода карда будам, имрӯз тамом хоҳад шуд. Ту низ меҳрубониро ба олами зуҳур оварда, ваъдаи худро ба таҳдим расонӣ. Берун шудани моён аз ин чоҳ зарур, зеро имрӯз ҳама чашми интизор бар моён хоҳанд дошт ва низ бо ин шаҳзода аҳд намуда қасами мехтари[1] Сулаймон дар миён орӣ, то он ки бовар созем.

[1] Мехтар – бузург.

Дарҳол парнзод аҳд баста қасами меҳтари Сулаймон дар забон оварда, аҳди худро мустаҳкам гардонид. Баъд аз он париёнро фармуд, ки ин ду ҷавонро аз чоҳ бароварда, дар пеши мунтазирон гузоред.

Паризодон дасти ҳар дуро гирифта, яке хез карда, бар сари чоҳ бароварда гузоштанд. Падару модар ва ҷамъи хизматгорон шаҳзодаро дар канор гирифта нолаву зорй мекарданд ва дар ҳаққи Ҳотам дуои хайр менамуданд.

Подшоҳ Ҳотамро маа писари худ дар шаҳр дароварда, меҳмондориҳо бинамуд.

Ҳотам дар назди шоҳзода ду ҳафта истода дид, ки он парй ба ваъдаи худ вафо карда, чаҳор маротиб омада шаҳзодаро аз коми васли худ шод гардонид, дар тааҷҷуб шуда мегуфт: «Худоё, агар дар миёни инсон инчунин вафову ростй мешуд, фариштаҳо мешуданд. Офарин бод бар қавме, ки ваъдаи худро вафо менамоянд.»

Алғараз Ҳотам аз шоҳ ва шоҳзода рухсат гирифта, аз пайи матлаби худ роҳй шуд. Тамсмии дашту саҳроро мегашт. Рӯзе дар ободие расида шаҳре дид. Дар берунн шаҳр пирамарде нишаста буд. Ҳотамро дида гуфт:

– Ассалому алайкум, эй ҷавон, хуш омадй ва қадами сафо овардй.

Ҳотам ҷавоби салом дод.

Пирамард гуфт:

– Эй ҷавон, меҳоҳам, ки имшаб дар кулбаи ман қадам ранҷа ҷамой ва бо ман ҳамнамак шавй.

Ҳотам гуфт:

– Хуй аст.

Он пирамард Ҳотамро дар хонаи худ бурда, шароити меҳмондорй ба ҷой овард ва пурсид, ки:

– Эй ҷавон, чй ном дорй ва ирода ба кадом тараф овардай?

Ҳотам гуфт:

– Эй азиз, номи ман Ҳотам ва ватани ман дар шаҳри Яман аст. Алҳол аз тарафи Ҳуснобсд омада, ба ҷониби Ҳаммоми бодгард қасди рафтан дорам.

Пир гуфт:

– Эй ҷавон, он кадом душмани ҷони ту будааст, ки туро ба талаби Ҳаммоми бодгард фиристода? Аввал он, ки нишони он маълум нест; сонй, шунидаам, ки ҳар кй ба талаби Ҳаммоми бодгард рафт, ба саломат бознаёмадааст. Ту кори бепоёнро иҳтиёр намудй.

Ҳотам гуфт:

– Эй бузург, ман ҷони худро фидои кори хайр кардаам. Ҳар кй хоҳад, сари худро дар пеши ӯ гузорам. Агар аз ҳақиқати Ҳаммоми бодгард шуморо огоҳй бошад, маро маълум намоед, то ҷон дорам, ба талаби вай хоҳам кӯшид.

Пир гуфт:

– Ин қадар дар хотир дорам, ки Қаттон ном шаҳрест ва Ҳорис подшоҳи он диёр буда ва дар навоҳии он мулк кӯҳистоне буда; устодон дар он кӯҳ тилисмоти Ҳаммоми бодгардро бино кардаанд. Касе дар он тилисмот рафта бознаёмадааст. Акнун: Ҳорисшоҳ чанде аз хизматгорони худро дар он ҷо посбон

гузоштааст. Агар касе дар он ҳад ба талаби Ҳаммоми бодгард бирасад, посбонон ба хидмати шоҳ мебаранд. Он ҳам маълум нест, ки шоҳ ӯро мегузорад ё мекушад.

Ҳотам гуфт:

– Эй азиз, ҳақиқати кори худро ба ту арз менамоям.

Пир гуфт:

– Эй ҷавон, бигӯ саргузашти худро.

Ҳотам вокеаи шоҳзода Мунир ва духтари бозаргонро дар назди он пир як-як баён намуда гуфт:

– Эй азиз, бинобар хотири он шоҳзода ин ҳама ранҷҳоро ба худ ихтиёр намудаам.

Пир гуфт:

– Эй ҷавон, аз ин роҳ баргард, ки Ҳаммоми бодгард дар тилисмоти пурхӯр аст.

Ҳотам гуфт:

– Эй пир, акнун чӣ гуна бозгардам, ки чандинсола меҳнатҳои ман зоеъ хоҳад гардид ва дар ин боб хилоф ба аҳди худ мекарда бошам.

Пир гуфт:

– Эй ҷавон, ба ҷони худ раҳм кун вагарна талаф хоҳӣ шуд. Чунончи, Сафдаъ сухани қавми худро қабул накарда пушаймон шуд.

Ҳотам гуфт:

– Эй азиз, боре бигӯ, ҳақиқати он чӣ гуна аст?

Пир гуфт:

– Эй Ҳотам, дар навоҳии Шом дашлаест ва дар он дашла Сафдаъ ном ҷонваре маскан карда буд. Рӯзе ба хотир гузаронид, ки «акнун ба дашлаи дигар рафта ватан бояд кард.» Аз ин ваҷҳ ба қавми худ машварат карда гуфт:

– Эй бародарон, мехоҳам, ки аз ин макон рафта ба ҷое дигар ватан намоем, чаро ки макони тоза нек хоҳад шуд ва дилҳоро равшан хоҳад гардонид ва муфлисонро[1] тавонгар созад. Дар ин ватан ҳаргиз рӯи давлатро надидам.

Қавми ӯ гуфтанд:

– Ин ҳавасро аз дили худ дур кун, ҳаргиз роҳат нахоҳӣ ёфт ва пушаймон хоҳӣ шуд. Бе ваҷҳ аз ватан гузаштан маънӣ надорад. Ҳар нас гуфтаи бузургонро ба гӯш нагирад, окибати кори ӯ ба расвой хоҳад кашид. Ин андешае, ки ту ба худ роҳ додай, маълум мешавад, ки парешоние туро пеш омадааст, бокӣ ихтиёр бо ту.

Сафдаъро бод бар димоғ ҷо шуда буд. Гуфтаи қавми худро қабул накард. Бо зану фарзандон аз дашла баромада, роҳи хушкиро пеш гирифт, ба хаёли дашлаи дигар хушхоӣ карда мерафт. Аммо ҷонварони обиро дар хушкӣ роҳ гаштан бисёр мушкил ва маҳол буд. Чаро ки дар хушкӣ офати ҷонварон бисёр аст. Сафдаъ шодикунон дар биёбон роҳ мерафт. Дар он дашла море буд, ки Сафдаъ бачагони он морро хӯрда буд. Қазоро он мор аз дашла баромада, ба хоки гарм ғалтида буд. Ташнаву гурусна дар миёни хок хобида буд, ки садои

[1] Муфлис – бечора,камбахал.

Сафдаъ ба гӯши ӯ расид. Сар аз хоб бардошта дид, ки Сафдаъ хушхонӣ карда рафта истодааст, ба умеди он ки ба дачлаи дигаре ватан созад. Сафдаи дигаре шунида, ба истиқбол баромада раксҳо мекард. Дар ин ҳин мор расида зану фарзандони он Сафдаъро як-як фурӯ мебурд. Сафдаъ дид, ки балои азиме пайдо шуда зану фарзандони ӯро як-як фурӯ бурд, ба сад ҳила худро дар як сӯрохии муш гирифта, зану фарзандонро аз даст дода, бо чандин машаққат аз дасти мор халосӣ ёфт. Ва шаб бар сари даст даромада буд, ки аз он ҷо гурехта ба ватани қадимии худ омад. Қавм онро дида сарзаниш карданд ва гуфтанд:

– Сухани моёнро қабул нокарда рафтӣ, зану фарзандони худро барбод додай, хонаи худро хароб кардай.

Ҳарчанд ки қавм ӯро сухан карданд, аз шармандагӣ сари худро боло намекард, эшонро чавоб намедод.

Пир гуфт:

– Эй Ҳотам, туро низ ҳамин мукаддима пеш омадааст, гуфтаи маро қабул намо ва аз ин роҳ баргард, ки ба Ҳаммоми бодгард касе нарасидааст ва аз ин роҳ мурод ҳосил накардааст.

Ҳотам гуфт:

– Эй пир, ҳар чӣ гуфтӣ, аз рӯи дӯстии ман мегӯӣ ва тимсоли нек баён намудӣ. Лекин муносиб нест, ки маро аз кори хайр манъ намой. Агар медонӣ, роҳи Ҳаммом ба ман бинамой, илло худ хоҳам рафт.

Пир узри бисёре пеш оварда гуфт:

– Эй ҷавон, маъзур медорӣ, ки ба хизмати ту пургӯй намудам. Маълумам шуд, ки ту ҷавонмардӣ. Имшаб дар ин мақом бош, туро фардо роҳбарӣ намоям.

Шаб гузашт, чун рӯз шуд, Ҳотам гуфт:

– Эй азиз, акнун маро роҳнамой кун.

Пир дид, ки Ҳотам дар ин роҳ собиткадам аст, ночор баромада порае роҳ рафта, бар сари дуроҳае расиданд.

Пир гуфт:

– Эй Ҳотам, ба роҳи дасти рост бирав, шаҳрест ва дар атрофи он шаҳр қарияҳост.[1]

Чун аз онҳо бигзарӣ, кӯҳи азиме бинамояд ва дар зери он кӯҳ аҷоиботи бисёре туро пеш хоҳад омад. Бояд, ки дил қавӣ дорӣ. Чун аз он ҷо бигзарӣ, биёбони азиме намояд ва дар он биёбон бирасӣ, қудратҳои Худойро мушоҳида хоҳӣ кард. Чун аз он биёбон бигзарӣ, ду роҳ пеш хоҳад омад, зинҳор бо роҳи дасти чап биравӣ, ки роҳи дасти рост хатарнок аст. Ҳар дуи он роҳҳо ба шаҳри Қаттон мерасанд, аммо роҳи рост наздик ва хатарнок аст ва роҳи чап дур ва бехатар.

Ҳотам гуфт:

– Чунин хоҳам кард. Валекин ҳеч кас бе аҷал намурдааст, бо роҳи наздик хоҳам рафт.

Пир гуфт:

[1] Қария – деҳа.

– Эй чавон, нашнидай, ки корафтодагон гуфтаанд:

Бо рохи дида рав, харчанд ки дур аст,
Зани мардум магир, харчанд ки хур аст.

– ва агар ба гуфтаи ман амал накунй, офату хатари бисёре хохй дид. Дигар ихтиёр мар турост.

Ин бигуфту видоъ карда бозгашт.

Хотам аз пир чудо шуда равона гардид. Алкисса, баъд аз як моҳ ба шаҳре расид, ки овози накораву сурной тамомии он шаҳрро фурӯ гирифта. Дар дил гуфт, ки: «Дар ин шаҳр тӯйе барпо кардаанд.» Наздик расида дид, ки харчохарчо хаймаҳо барпо карда, палосҳои шоҳона паҳн кардаанд ва ҳамаи мардумони он шаҳр чандин қисм нағмаву соз дар навозиш оварда нишастаанд ва таббохон дегҳои чаҳорӯшаву хаштӯша бар болои оташдонҳо ниҳода, чандин анвоъ таом пухта истодаанд.

Хотам пештар рафта пурсид, ки:

– Эй бародарон, дар ин шаҳр чй шодиест?

Онҳо гуфтанд:

– Эй бародар, хар сари чанд вакт мори азиме меояд ва ба сурати одамй мешавад ва як духтари соҳибчамол аз мо талаб менамояд. Чамъи духтарони ин шаҳрро беруи меорем, хоҳ аз шоҳ бошад ва хоҳ аз гадо ва бо ин тариқа дар ин маком хаймаҳоро ба маснадҳои шоҳй ороста мегардонем. Чандин қисм таом пухта, нағмаву созу сӯҳбат медорем ва он мор наздик расида гел мезанад, ба сурати чавони соҳибчамол шуда, дар ҳар хайма медарояд. Ҳар кадом аз ин духтарони хайманишин хубу маргуб намояд, гирифта мебарад. Бинобар он хар кадоми моён тӯи духтари худро такдим мерасонем ва илло хамаи вилоятро харобу ночиз мегардонад. Ночор ба фармудаи он амал менамоем. Маълум иест, ки имрӯз омада духтари кадоми моёнро мебурда бошад. Ин хама корхо барои арӯсии мор аст. Он замон ки мор духтарро мебарад, падару модар ва хешон то як хафта мотами он духтарро медоранд.

Хотам гуфт:

– Эй азизон, балои азиме бар шумоён нозил шуда, ин хама шодмонихо мукаддимаи мотам будааст.

Хамаи он мардумон гуфтанд:

– Чй чора созем? Илочи онро наметавонем кардан.

Хотам гуфт:

– Умед аст, ки он балоро аз сари шумоён дур хоҳам намуд, шумоён хотири худхоро чамъ доред.

Мардумон ин суханро аз дахони Хотам шунидан баробар дар пеши бузургони худ рафта гуфтанд, ки:

– Як чавони мусофир чунину чунон мегӯяд.

Дархол калонон рафта, ба хизмати подшоҳ арз намуда гуфтанд, ки:

– Эй шоҳ, мусофире омада, мегӯяд, ки он балои азимро аз сари шумоён дур хоҳам кард.

Шоҳ фармуд, ки:

– Он мусофирро дар назди ман биёред.

Ҳамон соат хочибон Ҳотамро дар пеши подшоҳ оварданд.

Ҳотам аз дари боргоҳ даромада, таъзиму тавозуи шоҳро ба ҷо оварда, ҳамаи саргузашти худро як-як арза намуд. Баъдаҳу шоҳ гуфт:

– Эй ҷавон, медонӣ, ки чӣ офату балост?

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, ин чин аст. Ҷиниён рӯ ба фасоду зулм ниҳода, дар озори мардумон кӯшида, халқро парешон месозанд.

Шоҳ гуфт:

– Эй ҷавон, агар ин бало чин аст ва ба сабаби ту аз сари моҷи дур хоҳад гардид, ту эҳсони беандоза дар бораи моён хоҳӣ кард.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, дар ин кор аз барои Ҳақ ва хайр қадам хоҳам ниҳод, ба шарти он ки ҳар чӣ ман гӯям ҳамаи онро қабул намоед.

Шоҳ гуфт:

– Бигӯ.

Ҳотам гуфт:

– Вақте ки он мор духтари ҳар кадоми ин мардумонро бурданӣ шавад, падару модари он духтар гӯянд, ки: «Бузургзодае доштем ва ӯ аз мо ҷудо шуда муддатест, ки ба ҷое рафта буд, алҳол он бузургзода омада мегӯяд, ки духтарҳои худҳоро бе изни[1] ман ба шавҳар надиҳед ва илло ҳамаи шумоёнро ба қатл расонида, ин ҳама макону манзилҳои шумоёнро харобу ночиз хоҳам гардонид. Агар бе изни ӯ духтарро ба ту бидиҳем, ҳамаи моёнро кушта ин мулкро хароб хоҳад кард.»

Ҳамаи он мардумон гуфтанд:

– Фармонбардорем, ин суханҳоро ба он бало хоҳем гуфт.

Шоҳ маа ҷамеи он мардумон он рӯзро ба айшу фароғат гузаронид. Ҳангоми шом буд, ки садои ҳаракати он мор ба гӯши мардумон расид. Ҳамаи мардумон ба ҷониби он мор нигоҳ карда диданд, ки мор сар бар фалак кашида меояд ва дарозии вай сар то сари биёбонро фаро гирифта. Деворҳову сангҳо, ки дар зери синаи ӯ мемонд, ҳамчун сурма нарм-нарм мегардид.

Ҳотам ин морро дида гуфт:

– Ин чин аст, ки ба тилисм ин ҳама корҳо мекунад.

Ҳамаи он мардумон мегуфтанд: «Ин ҷавон бо ин бало чӣ муомила мекарда бошад?»

Он мор наздик расида, думи худро яке ҷунбонида буд, ки ҳамаи он мардумон сар ба замин ниҳода, мадҳуш афтоданд ва он мор ба ҳар тараф нигоҳ карда ва ҳамаро мадҳуш дида, дарҳол ғалтe зада, ба сурати ҷавони некӯрӯй шуд ва ба ҷониби боргоҳи шоҳ роҳӣ гардид. Шоҳ ин ҳолро дида, сарупо барахна берун рафта он золимро аз даст гирифта оварда ва бар болои тахти худ нишонд. Соате гузашта буд, ки ҷавон-мор аз ҷойи худ бархоста гуфт:

– Акнун духтарҳои худро як-як ба ман бинамоед.

Шоҳ гуфт:

---

[1] Изн – рухсат, иҷозат.

– Ихтиёр мар туросг.

Дарҳол чин тамомии он духтаронро як-як дида, ҳеч кадоми онҳоро хуш накард. Охируламр, дар касри шоҳ даромада духтари подшоҳро хост ва гуфт:

– Эй подшоҳ, духтари ту маро хуш омада, акнун ӯро ба ман бидиҳӣ, ки гирифта ба макоми худ барам.

Шоҳ гуфт:

– Ҳарфе дорам, шунида чавоби ӯро гӯй, духтарро ба ту хоҳам дод.

Чин гуфт:

– Эй шоҳ, ҳарфи худро бигӯй.

Дарҳол шоҳ ҳамаи гуфтаҳои Ҳотамро як-як баён кард ва гуфт:

– Бе изни он бузургзода духтарро ба ту додан мӯчиби катли моён ва харобии ин мулк аст. Боят, ки дар ин боб ба ӯ машварат намоем.

Чин гуфт:

– Ӯ дар кучост? Дар ин макон ҳозир созед!

Дарҳол Ҳотамро дар назди чин ҳозир карданд.

Чин гуфт:

– Эй чавон, муддатест дар ин шаҳр рафтуомад дорам, туро ҳаргиз дар ин чоҳо надида будам, то ба ин вақт кучо рафта ва аз кучо омадӣ ва мардумонро чаро ваҳшат додӣ, ки аз додани духтари худро мамнӯъ шудаанд ва бе изни ту духтарҳои худҳоро ба касе намедиҳанд. Мехоҳӣ, ки ҳамаи эшонро гумроҳ карда, ин мулкро харобу ночиз гардонӣ?

Ҳотам гуфт:

– Эй чавон, калонон ва гузаштагони моён расму қоидае доштанд, ки инҳо онро гузошта, расми дигаре баровардаанд, ки туро ҳукм ба он чорист.

Чин рӯ ба чониби подшоҳ карда гуфт:

– Эй шоҳ, ҳар чизе, ки бузургони шумо карда бошанд, онро кардан бехтар аст.

Шоҳ рӯ ба чониби Ҳотам карда гуфт:

– Эй бузург, акнун шумо расми бузургон ва гузаштагонро дар ин боб чорӣ кунед.

Ҳотам гуфт:

– Эй чавони некӯрӯй ва некӯхӯй, бузургон ва гузаштагон ин мӯҳрае, ки дар дасти ман аст, ба об соида домоду духтарро ба он об гусл мекунониданд, ки хосияти неке дорад ва дар мобайни духтару домод мувофикат ва созгорӣ ҳосил мешавад.

Чин гуфт:

– Ҳамчунон боят кард.

Ҳотам мӯҳраро ба об соида, онро дар пеши чин ниҳод. Дарҳол рубъи[1] он обро чин лочуръа даркашид. Бакияи он обро Ҳотам дар хуми калоне, ки онҷо ҳозир буд, андохта гуфт:

– Эй домоди неккадам, дар ин хуми об даромада бадани худро хуб шӯед, ки хосияти неке дорад, баъд аз он духтари шоҳро ба шумо таслим хоҳем намуд. Вагарна ҳазор лаъл ва ҳазор дона алмоспора, ки дар зери нигини париён

[1] Рубъ – чорак.

аст ва ҳар кадом ба монанди байзаи мурге, ҷурмона дода духтарро хохӣ бурд ва илло не.

Аъбаски ҷин пурзӯр буд, ба худаш мағрур шуда, дар хуми об даромаданро қабул намуд ва гуфт:

– Некӯ бошад.

Дарҳол аз ҷойи худ барҳоста, либосҳоро аз бари худ кашида дар он хуми об бетаваққуф даромад ва дар замон тилисмоте, ки бо худ дошт, ҳама якбора аз дилаш маҳв шуд. Ҳотам сари хумро мустаҳкам намуда, ба хондани Исми Аъзам муқайид шуд. Исми Аъзамро чанд маротиба хонда дамида буд, ки сари он хум ба монанди Садди Искандари Зулқарнайн мазбуту мустаҳкам гардид. Ҳотам овоз дода гуфт, ки:

– Эй «домод» берун оед, ҳама мунтазири дидори шумоем.

Ҷин ҳарчанд зӯр кард, берун натавонист баромадан.

Ҳотам рӯ ба ҷониби мардумон карда гуфт, ки:

– Эй ёрон, ҳема[1] ҷамъ кунед, домод дар даруни об сард хӯрдаанд, гарм хоҳем намуд.

Мардумон ба фармудаи Ҳотам ҳамаи бисёре ҷамъ карда, аз атрофи он хум оташ ниҳоданд. Болову поёни он хум холӣ буд. Ҳарорати оташ аз болову поён таъсир карда, он хум ба монанди оҳан сурх шуда ва ҷин дар даруни он хум фарёду фигон мекард, ҳеч суде надошт.

Билохир, фарёд карда-фарёд карда, ба монанди саргин сӯхта бимурд.

Мардумон ба ҷониби Ҳотам нигоҳ карда гуфтанд:

– Эй бузург, акнун чӣ бояд кард?

Ҳотам гуфт:

– Эй бародарон, хотири худҳоро ҷамъ доред, ки бало аз сари шумоён дур шуд.

Ҳамаи мардумону подшоҳ дар қадами Ҳотам афтода офаринҳо мекарданд. Дарҳол зари бисёре ҷамъ карда ба хизмати Ҳотам оварданд.

Ҳотам гуфт:

– Эй бародарон, ин ҳама зару зевари шумоён маро даркор нест. Ҳар чӣ кардам, ба ризои Ҳақ кардам на аз барои зару моли дунё.

Дарзамон ҳамаи он мардумон дастҳои худҳоро ба дуо бардошта гуфтанд:

– Илоҳӣ ба умри ҷавони ҳамин бузургзода баракат ато куний ва ба матолиби дуҷаҳонӣ восил гардонӣ. Аммо ин зарҳо, агар даркори ту нест, ба дасти худ ба фақирону мискинон ато намо, ки онҳо туро ба дуои хайр ёд хоҳанд кард.

Ҳотам ҳамаи он зарҳоро ба худи онҳо таслим намуда гуфт:

– Худи шумоён ба фақирон ато намоед.

Дарҳол ҳамаи он зарҳоро ба мустаҳиқон таксим кардо доданд. Баъдуҳу шоҳ ва ҳамаи раоёи вай Ҳотамро ҳафт шабонарӯз нигоҳ дошта меҳмондориҳо намуданд. Баъд аз ҳафт рӯз Ҳотам аз шоҳ ва аз ҷамъи мардумон рухсат гирифта, ба тарафи Қаттон равон шуд.

---

[1] Ҳема – ҳезум.

Баъд аз ҳафт рӯз ба он кӯҳе, ки пир гуфта буд, расид ва аз он кӯҳ гузашта пештар рафта дид, ки биёбони азиме ва дар он биёбон ҳафт рӯз роҳ гашта, ачоиботу гароиботро тамошо карда мерафт. Билохир, бар сари дурохае расида фикр кард ва ба худ гуфт: «Ба фармудаи бузургон амал бояд намуд.» Ба роҳи дасти чап равона шуд, чаро ки пирамард роҳи дасти рострро пурхатар гуфта буд. Боз дар дил оварда: «Бо роҳи дасти чап чанд кадам гаштаам, акнун ба роҳи дасти рост рафтан бехтар аст.» Ин бигуфт ва ба роҳи дасти рост даромада равон шуд ва дар дил оварда, ки: «Ҳамаи балоҳову офатҳои ин роҳро бо хости Худо дур ва рафъ хоҳам гардонид ва аз мардумони он шаҳр низ дуои хайр хоҳам гирифт. Агар дар ин роҳ ба ҳалокат расам боке нест.» Ин андешахоро карда роҳ мерафт. Ногоҳ магелоне аз пеш баромад. Ба чандон машаккат аз он хористон гузашт ва дид, ки тамомии баданаш ва либосхояш пора-пора гашта. Дар дил оварда, ки «гуфтаи он пир рост будааст.» Боз чанд вакт роҳ гашта ба дашти чиҳилпоён расид. Ҳотам дид, ки ҳазорон-ҳазор чиҳилпоён ҳар кадом баробари паланге, касди хӯрдани ӯ карда расиданд. Тарсе дар дилаш пайдо шуда, ларза дар баданаш афтод ва дар кори худ дармонд. Дар ин ҳин рӯ ба чониби осмон карда менолид. Дарсоат ҳазрати Хизр расиданд ва гуфтанд:

– Эй Ҳотам, касе ба гуфтаи бузургон амал накунад, ин ҳол ӯро пеш ояд.

Ҳотам гуфт:

– Ё бузургвор, бад кардам.

Ҳазрати Хизр гуфтанд:

– Эй Ҳотам, ҳамон мӯҳрае, ки дар даст дорӣ, бар замин андоз.

Ҳотам он мӯҳраро аз миёни худ гирифта, бар замин андохт. Дид, ки замин аввал зард шуд, дуввум сиёҳ, саввум сабз, чаҳорум сурх гардид.

Эшон дар он ҳин аз назари Ҳотам гоиб шуданд ва он чиҳилпоён девонавор ба якдигар дарафтоданд ва ба чанг якдигарро пора-пора мекарданд. Ҳотам ин ҳолро дида мутааччиб мешуд.

Алкисса, чиҳилпоён се шабонарӯз бо якдигар дарафтоданд ва яке зинда намонд. Ҳотам хост, ки мӯҳраро аз замин бигирад, боз ба дил гуфт: «Мабодо ки боз зинда шаванд. Гузорам гӯшту пӯсти инҳо об шуда, ба хоки сиёҳ яксон гардад, он замон мӯҳраро аз замин хоҳам гирифт.» Дар он мақом се рӯз биистод. Пӯсту гӯшти чиҳилпоён пӯсида бар замин яксон шуд. Баъдаҳу мӯҳраро аз замин гирифта равона шуд. Муддате роҳ гашта буд, ки бешаи рӯин[1] пеш омад. Пештар рафта буд, ки рӯини бисёре дар наълайни[2] Ҳотам даромада, пойҳои ӯро мачрӯҳ кардан гирифтанд. Харчанд ки либосҳои худро пора карда мепечид, суде надошт. Билохир, рӯинон пойҳои Ҳотамро пора-пора карданд. Ҳотам дар дил гуфт: «Эй Ҳотам, мисли ту нокобиле дар тамоми олам набуд. Он пир дастгири ту шуда, роҳи рости бехатар намуда буд, хар офату меҳнате туро пеш ояд, равост, акнун пушаймонӣ суд надорад.»

Алкисса, дар даруни он беша лангон-лангон роҳ гашта, баъд аз чанд муд-

[1] Рӯин – охан, мис, биринчӣ ва гайра.

[2] Наълайн – кафш.

дат аз он беша гузашта наълайн аз пой берун карда дид, ки тамомии наълайн ва пойҳои ӯ ба монанди гирбол сӯрох-сӯрох шуда. Резаҳои рӯинро аз пойҳои худ кашида берун андохт ва ба ҷониби шаҳри Қаттон равона шуд. Дар дил мегуфт: «Аз ҳамаи балоҳо халос шуда, ба хотирҷамъӣ роҳ хоҳам гашт», аммо намедонист, ки балои азим дар пеш аст.

Алғараз, муддате роҳ гашта, дар биёбоне расид. Дид, ки он биёбон макони каждумон будааст. Бӯи Ҳотамро гирифта ҳамаи он каждумон аз замин сар бароварда, ба ҷониби Ҳотам давиданд. Ҳотам дид, ки калонии ҳар кадоми он каждумон монанди рӯбоҳ ва тахтаи пушти онҳо ба монанди санги осиё. Дидан баробар ларза дар андоми Ҳотам афтод ва ақлу ҳуш аз даст дода, ба ҷаҳор тарафи худ назар мекард. Ногоҳ он пир ба сарвақти Ҳотам даррасид ва гуфт:

– Эй Ҳотам мардона бош ва лаҷоми тоқат аз даст мадеҳ!

Ҳотам гуфт:

– Ё бузургвор, ин ҳама газандаҳоро дидан маро тоқат нест. Агар неши худҳоро ба фил зананд, тамомии бадани фил заҳроб хоҳад гардид.

Пир гуфт:

– Эй Ҳотам, ҳамон мӯҳраи худро бар замин андоз.

Ҳотам хост, ки мӯҳраро гирифта бар замин андозад, дасташ чандон қувват надод ва пир мӯҳраро гирифта бар замин андохт. Вақте ки мӯҳра бар замин афтод, ранги замин ба монанди биёбони чиҳилпоён шуда, каждумон ба якдигар дарафтоданд ва якдигарро неш мезаданд, шикам варам карда метаркиданд ва ҳалок мешуданд. Ҳотам се шабонарӯз дар он ҷо буд. Дид, ки аз каждумон яке зинда намонд ва ҳамаи онҳо ба хоки сиёҳ яксон шуданд, мӯҳраро гирифт ва ба ҷониби шаҳри Қаттон равона шуд.

Баъд аз чанд рӯз ба ҷое расида дид, ки шаҳри азиме. Мардумони он шаҳр Ҳотамро дида пурсиданд, ки:

– Эй ҷавони мусофир, аз кадом роҳ омадӣ?

Ҳотам гуфт:

– Аз фалон роҳ омадам.

Ҳамаи он мардумон ҳайрон шуданд ва гуфтанд:

– Эй ҷавон, чӣ гуна аз он роҳ ҷон ба саломат овардӣ ва он роҳ зиёда серофат ва пурбалост. Дар он роҳ чиҳилпоён, каждумон, рӯинон ва мағелонон буданд, аз онҳо ба кадом тадбир гузашта омадӣ?

Ҳотам гуфт:

– Эй бародарон, бо ҳамаи он балоҳо, ки шумо мегӯед мубтало шуда будам, бо хости Худо саломат ба ин ҷо расидам. Даранда ва газандаҳои ин роҳ ба ҳалокат расида ночиз гардиданд, аммо рӯинон ва мағелон ҳастанд.

Мусофирон ва точирон, ки дар ин шаҳр буданд, хостанд ба роҳи дур раванд. Чун аз Ҳотам ин суханро шуниданд, рафтан аз он роҳро ихтиёр намуданд. Аз забунии он роҳ шаҳр кариб ҳаробу вайрон шуда буд.

Алкисса, подшоҳи шаҳрро хабар шуд, ки як ҷавони мусофире аз он роҳи пурхатар омада мегӯяд, ки роҳ аз ҳамаи офату газандҳо[1] холӣ ва бехатар шудааст, бозаргонон ихтиёри рафтани бо он роҳ кардаанд.

[1] Газанд – ҳавф, зарар.

Шоҳ фармуд:

– Ҳеч кас бо он роҳ бетаҳқиқ наравад!

Шоҳ роҳдоронро фармуд, ки рафта аз он роҳи пурхатар хабар гиред, ки ҳамин муқаддима рост аст ё дурӯғ. Ҳотамро ба назди худ хонда гуфт:

– Эй чавон, ин ҳама ранҷи роҳ кашида омадӣ, дар ин шаҳри мо чанд рӯзе ором гир, то кӯфти роҳ аз ту дур шавад.

Шоҳро мақсуд аз истодани Ҳотам донистани ин буд, ки сухани ӯ рост аст ё дурӯғ. Агар рост бошад, бисёр хуб ва илло сар аз танаш ҷудо карда ба дор бикашад.

Чун мулозимон рафта он роҳро дида омаданд, гуфтанд:

– Эй шоҳ, ҳамаи дарандагону ҳазандагон аз он роҳи пурбало нопадид шудаанд.

Шоҳ аз шунидани ин сухан шодмон шуда, ба атрофу чавониб номаҳо фиристод, ки «роҳи пурбало ба амният табдил ёфтааст, ҳамаи офатҳо дур ва рафъ шудаанд. Албатта беҳарос ва бемулоҳиза тоҷирон ва ҳоҷатмандон омадурафт аз он роҳ намоянд.» Ҳотамро бар макони олӣ нишонида симу зар бахшид ва узри бисёре карда гуфт:

– Эй чавон, аз ман хатои бисёре ба вуқӯъ омада, онро афв намой.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, чӣ хато будааст? Аз он рӯзе, ки дар ин шаҳр доҳил шудам, тамоми авқоти худро ба хушвақтӣ гузаронидам. Маро маълум нест, ки ин ҳама узрҳоҳии туро сабаб чӣ бошад.

Шоҳ гуфт:

– Эй чавон, туро аз мӯҷиби узри ман хабар набуда. Ба зоҳир озод будӣ, аммо пиҳонӣ чанд нафарро ба ту нигаҳбон гузошта будам, ки чое наравӣ, то он ки роҳдорон рафта аз роҳ хабар биёранд. Агар сухани ту дурӯғ бошад, саратро ҷудо карда ба дор бикашам.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, ин ҳама андешаҳое, ки ту кардай, айни адолат аст, чаро ки дурӯғгӯйро ҷазо лозим аст, аммо ман дурӯғ нагуфта будам.

Боз гуфт:

– Эй шоҳ, ҳамаи он узри туро қабул намудам ва аз чамеи андешаҳои ту даргузаштам ва ин ҳама симу заре, ки дар пеши ман ниҳодай, маро чӣ кор ояд, касе надорам, ки бор карда барам.

– Туро борбардор низ хоҳам дод. Чанде аз мулозимонро фармоям, ин зарҳоро дар ватани ту расонанд.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, маро дар пеш корест, то ҳақиқати он кор маълуми ман нашавад, рӯ ба ватан наёрам.

Шоҳ гуфт:

– Эй чавон, бигӯ, туро чӣ пеш омадааст? Агар ҳамроҳ мехоҳӣ, бо ту рафокат намоем.

Ҳотам гуфт:

– Дар ин кор аз касе ёрӣ нахоҳам. Боят, ки маро роҳи шаҳри Қаттон намой.

Шоҳ гуфт:

– Магар туро дар шаҳри Қаттон корест?

Ҳотам гуфт:

– Шунидаам Ҳаммоми бодгард дар он ҳудуд будааст.

Шоҳ гуфт:

– Эй ҷавон, чандин шоҳону амирон ба талаби ӯ рафта наёфта, ҳичолатманд шуда омадаанд ва дигар касе, ки дохили Ҳаммоми бодгард шуд, аз тилисмоти он ҳаргиз набаромад ва ҳеч асаре аз он маълум не, ки аз сари эшон чӣ гузашта бошад ва ба кучо рафта бошанд.

Ҳотам гуфт:

– Бо вуҷуди ин ҳама балоҳову тилисмот, ин корро ихтиёр намудаам, ҳар чӣ бодо бод. Умед аз карами Худо дорам, ки ҳама мушкилоти маро осон гардонад ва ҳақиқати Ҳаммом маълуми ман шавад.

Ҳарчанд ки шоҳ насиҳат кард, Ҳотам қабул намекард. Шоҳ дид, ки Ҳотам беихтиёр шуда сухани ӯ таъсир нахоҳад кард, ноилоҷ чанде аз мулозимони худро фармуд, ки ба ин ҷавон роҳи шаҳри Қаттонро намуда бозоянд. Мулозимон гуфтанд:

– Фармонбардорем!

Алқисса, Ҳотам бо подшоҳ видоъ намуда, маа мулозимони шоҳ равона шуд. Баъд аз чанд рӯз ба ҷое расида дидаанд, ки гузаштан аз он ҷо маҳол буда.

Мулозимон гуфтанд:

– Эй ҷавон, моёнро рухсат фармо, ки аз ин мақом бозхоҳем гашт. Аз ин ҳад он ҷониб ҳадди Қаттон аст.

Ҳотам онҳоро рухсат намуда, худ роҳӣ шуд. Баъд аз ду рӯз ба деҳае расид. Мардумони он деҳа пурсиданд, ки:

– Эй ҷавон, аз кучой ва аз кадом рох омадӣ?

Ҳотам ҳама саргузашти худро баён карда буд, ки ҳамаи он мардумон аз ин суханҳои Ҳотам шод шуданд ва Ҳотамро дар он ҷо шаб нигоҳ дошта мехмондориҳо намуданд. Алассабоҳ аз ин деҳа баромада ба ҷониби шаҳри Қаттон равона шуд. Баъд аз чанд рӯз ба шаҳри Қаттон расида дохили корвонсаро гардид. Чанд рӯз дар он мақом қарор гирифта, кӯфти роҳро аз худ дур кард. Баъд аз чанд рӯз ду лаъл ва чанд алмоспора тӯҳфа гирифта, ба боргоҳи Ҳорисшоҳ рафт. Ҳоҷибон дида ба хидмати шоҳ расонданд, ки ҷавоне омада ба дари боргоҳ истода, рухсат мехоҳад. Шоҳро фармон чӣ бошад?

Шоҳ гуфт:

– Ӯро андарун биёред.

Дарҳол мулозимон Ҳотамро андарун расониданд. Ҳотам аз дари боргоҳ даромада забон ба васфи шоҳ кушода, таслимоту адаби шоҳона ба ҷой овард. Даст дароз карда ду лаъл ва алмоспорае, ки оварда буд, дар пеши шоҳ гузошт. Шоҳ ин тӯҳфаҳои Ҳотамро дида хушҳол шуд, чаро ки дар хазоини худ инчунин сангпораҳои қиматбаҳо надошт.

Шоҳ донист, ки ҷавон акобирзода аст. Дарҳол Ҳотамро ба курсии мурассаъ нишонда пурсид, ки:

– Эй ҷавон, аз кучой ва ба кадом сабаб дар ин ҷойҳо қадам овардӣ?

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, бидон ва огоҳ бош, муддатест, ки ихтиёри саёҳат карда шаҳр ба шаҳр мегардам. Аммо ватани фақир Яман аст. Алҳол аз мулки Хуросон ва аз шаҳри Ҳуснобод меоям. Чанд вақт аст, ки авсофи ҳамидаи ҷаҳонпаноҳро шунида, орзуи дидани ҷамоли бокамолашон дар дил ҷой гирифта.

Шоҳ аз шунидани ин калом Ҳотамро навозиши бисёре намуда гуфт:

– Эй ҷавон, хуш омадӣ ва қадами сафо овардӣ. Алҳол истиқомат дар кучо дорӣ?

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, алҳол дар корвонсаро қарор гирифтаам.

Шоҳ гуфт:

– Эй ҷавон, нездики ман ҳучраест, бояд, ки чанд рӯз он ҷо ором гирӣ.

Ҳотам гуфт:

– Фармон мар шуморост.

Алқисса, омада дар он ҳучра маскан карда, ҳар рӯз ба каломҳои рангин ва суханҳои ширин шоҳро ба худ мубтало карда буд. Агар шоҳ Ҳотамро як рӯз намедид, чанде аз мӯътабарони худро фиристода дар сӯҳбати худ меовард. Ба-д-ин минвол шаш моҳ гузашт. Шоҳ дар аксари авқот Ҳотамро дар назди нудамои худ таърифҳо менамуд ва мегуфт:

– Эй кубаро[1], ин ҷавон дар шаҳри мо муқим мешуд, чӣ хуб ва беҳтар буд.

Надимон гуфтанд, ки:

– Эй шоҳ, дар боби хубрӯй ва ширингӯй назир надорад ва аз ҳеч вақт ҳам кӯтоҳӣ надорад. Муҳаббати ин ҷавон дар дили моён низ ҷой шудааст.

Алғараз, рӯзе Ҳотам шоҳро шодмон дида, чанд ҷавоҳири қиматбаҳо дар назди шоҳ гузошт.

Шоҳ гуфт:

– Эй ҷавон, пеш аз ин маро бо эҳсони худ мамнун гардонида будӣ, ҳанӯз аз ӯҳдаи он берун намешавам. Муддатест, ки дар назди ман ҳастӣ, ҳеч чизе аз ман талаб наменамоӣ. Орзуе дар дил дорам, ки ҳар чӣ туро ба кор ояд, онро муҳайё намоям.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, аз айёми давлати шумо маро ба ҳеч чизе эҳтиёҷ набуда, ҷаро ки мардумони сайёҳ ба такаллуф коре надоранд.

Шоҳ гуфт:

– Эй ҷавон, ин мулкро аз худ дониста, ҳар чӣ марғуби табъи ту бошад, бифармо, то онро ҳозир созем ва ҳамаи хосону мутеони ман фармонбардари ту бошанд. Ҷаро ки туро ман ба ҳукумати ин мулк шарик кардаам.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, ҳамаи орзуҳои ин дунё аз ман рафта, магар як максуд то дами мурдан дар дили ман буда.

Шоҳ гуфт:

– Он кадом аст? Бигӯ, агар туро рағбат ба зан бошад, духтаре дорам дар паси парда, онро ба ту бидиҳам.

---

[1] Кубаро – кабирон, бузургон.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, духтари ту ба ҷойи хоҳари ман бошад, аммо орзуе дар дил дорам, ба хизмати шоҳ арза намоям, мақбул шавад, бисёр хуб ва илло шоҳ мухторанд.

Шоҳ гуфт:

– Эй ҷавон, агар тахти мамлакат даркор аст, инак туро арзонӣ намоям. Ва ҳар мақсуде, ки туро бошад, муяссар хоҳам намуд.

Ҳотам гуфт:

– Мамлакат насиби шоҳи олампаноҳ бод.

Шоҳ гуфт:

– Эй ҷавон, муроди худро ба зудӣ изҳор намой.

Ҳотам гуфт:

– Агар аҳду паймон ба ҷой оранд, орзуи худро арза хоҳам намуд.

Дарҳол шоҳ дасти Ҳотамро гирифта, қасам ёд кард ва гуфт:

– Эй ҷавон, ҳар чӣ муроди дили ту бошад, ба он расонам.

Ҳотам хотирҷамъ шуда гуфт:

– Эй шоҳ, каминаро дилани Ҳаммоми бодгард дар дил ҳаст. Агар фармой, ба дидани ӯ биравам.

Шоҳ аз шунидани ин калом сар дар ҷайби тафаккур фурӯ бурда, соате хомӯш монд.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, ин ҳама фикрро сабаб чист?

Шоҳ сар боло карда гуфт:

– Чандин фикр дар сари ман афтода. Аввал он ки аҳд баста қасам ёд кардаам, касеро ба тарафи Ҳаммоми бодгард рафтан изн надиҳам. Чаро ки рафта саломат бознаёмадааст. Дуввум он ки чун ту ҷавони доноро ба тарафи Ҳаммоми бодгард фиристодан камоли бемурувватист. Саввум он ки бо ту аҳду паймон бастаам. Шоҳонро аз қавли худ гаштан боиси безътиборӣ ва бадномӣ хоҳад шуд. Эй ҷавон, дар тахти эҳсони худ маро ба бозӣ даровардай. Илоҷи ин кор маро маҳол аст. Агар аҳди худро бишканам, дар тамомии олам муттаҳам ва бадном хоҳам гашт ва дар аҳди ман ҳеч кас эътимод нахоҳад кард.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, умед аз Худо дорам, ки тилисмоти Ҳаммоми бодгардро шикаста ба хизмати шумо ба саломат бозоям ва сабаби рафтани ман дар ин ҷо ин ки аҳде кардаам. – Ва ҳамаи саргузашти худ ва ошиқ шудани шоҳзода Мунирро ба маликаи Ҳуснбону як-як баён намуд.

Шоҳ аз шунидани ин каломи хайриятанҷом тахсину офаринҳо мекард ва мегуфт:

– Эй ҷавон, Худо ҳамеша ёру мададгори ту бод, ки худро ба ин балоҳо андохта, роҳати дигаронро мехоҳӣ.

Шоҳ боз гуфт:

– Эй ҷавон, ба ростӣ бигӯ, ки аз кадом диёрӣ ва аслу насаби ту ба кӣ мерасад ва туро чӣ ном аст?

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, бидон ва огоҳ бош, маро ном Ҳотам ибни Тай подшоҳзодаи Яманам.

Шоҳ ин суханро шунида аз чойи худ барҳост ва Ҳотамро дар канор гирифта гуфт:

– Фарри шоҳӣ ва шукӯҳи мардонагӣ аз чабини ту ҳувайдост ва номи нек дар ин чаҳон ҳоҳӣ баровард, чун ту дигаре дар ин олам нахоҳад омад.

Дарҳол шоҳ фармуд, ки ба номи посбонони роҳи Ҳаммоми бодгард номае нависанд. Мазмуни нома ин буд, ки «Ҳотам ибни Тай ба дидани Ҳаммоми бодгард меравад. Бояд, ки баъд аз расидан ба тарафи Ҳаммоми бодгард сиҳат ва саломат беруи оянд, ба иззати тамом дар назди ман биёред.»

Мунши ён номаро тамом карда оварда ба дасти шоҳ доданд. Шоҳ номаро ба дасти Ҳотам дода, ба ҳазор бедилӣ рухсат намуда, оҳи сард аз дили пурдард баркашид ва ашки ҳасрат аз дидагони худ чорӣ карда афсӯс меҳӯрд. Ҳотам аз боргоҳи шоҳ баромада маа рафиқон рӯ ба роҳ ниҳод. Он ҳангоме ки Ҳотам аз дари боргоҳ баромада рӯ ба роҳ ниҳод, шоҳ аз рӯи бетоқатӣ ва бедилӣ аз болои тахт нузул карда, дар хилватхонаҳ даромада дарро аз дарун мустаҳкам намуда буд.

Алқисса, Ҳотам баъд аз понздаҳ рӯз ба чое расида дид, ки дарвозаи баланде чун токи Кисро. Аз рафиқони худ пурсид, ки:

– Эй ёрон, ин дарвоза азони кист?

Онҳо гуфтанд, ки:

– Эй шоҳ, ин дарвозаи Ҳаммоми бодгард асти, ки аз ҳафтрӯза роҳ менамояд.

Алгараз, баъд аз ҳафт рӯз дар он чо расиданд. Ҳотам дид, ки кӯҳи азиме ва дар зери он кӯҳ лашкари бекарон фуруд омада. Аз рафиқон пурсид, ки:

– Ин лашкар азони кист?

Онҳо гуфтанд:

– Ин лашкар посбонони дарвозаи Ҳаммоми бодгарданд, ки бо амри шоҳ Ҳорис дар ин чо хоб кардаанд, касеро аз дарвоза даромадан намегузоранд.

Ҳотам дохили лашкар шуда номаро ба дасти сардори лашкар Идрок дод. Идрок номаро мутолиа карда Ҳотамро аз даромадан манъ намуд. Ҳотамро дар он чо нигоҳ дошта меҳмондориҳо менамуд. Алқисса, Ҳотам гуфт:

– Эй Идрок номаи шоҳро амал намуда, ба даромадани Ҳаммоми бодгард маро рухсат фармо, ки ман аз чони худ гузар карда ин чо омадаам. Монеъ шудани ту дар ин боб суде надорад.

Идрок ночор ва ноилоҷ шуда ба хидмати шоҳ Ҳорис бо ин мазмун ариза навишт, ки: «Ҳотам ибни Тайро харчанд ки аз даромадани Ҳаммоми бодгард манъ намудам, қабул намекунад. Дар ин боб шоҳро чӣ фармон бошад?»

Алқисса, номаи Идрок ба шоҳ расида, мафҳуми он ҳосил гардид. Дар чавоби он шоҳ низ бо ин мазмун нома фиристод, ки: «Эй Идрок, бигзор Ҳотам ибни Тайро, то ки аз пайи матлуби худ биравад.»

Номаи шоҳ ба Идрок расид, ӯ ба Ҳотам гуфт:

– Эй Ҳотам, ихтиёр мар турост, агар Оби ҳаёт меҳоҳӣ, аз ин роҳ баргард ва илло туро пушаймонӣ пеш хоҳад омад.

Ҳотам гуфт:

– Эй бародар, бигузор то аз пайи муроди худ биравам. – Ин бигуфту ба ҷониби дарвозаи Ҳаммоми бодгард роҳӣ шуд. Чанд қадам роҳ пештар рафта дид, ки ҳайҳот, дарвоза ҳамчун кӯҳ сар ба фалак кашида. Дар тамомии умри худ инчунин дарвозаи баланду босалобат надида буд. Бар пеши токи он навиштаанд, ки: «Аз замони Каюмарс ибни Одам то ба ин дам ҳар касе дар ин тилисмот даромада, зинда берун набаромадааст.» Ҳотам чун ин мактубро дид, дар дили худ гуфт, ки: «Даромадан дар ин маҳом суде надоштааст.» Хост, ки аз он ҷо бозгардад. Боз дар дил гуфт: «Аз ин ҷо муроҷиат намудан нуқси аҳд ва мӯҷиби шармандагист. Дар пеши шоҳ Ҳорис ва малика чӣ гуна хоҳам рафт ва аз қавли худ баргаштан феъли номардон аст» ва аз дили худ ин ҳама фикрҳоро гузаронда ин байт меҳонд:

Ҳама кори ҷаҳон ҳомусу ном аст
Вагарна ним нон – рӯзӣ тамом аст.

Ин байтро хонда, ба мулозимони шоҳ видоъ карда, қадам аз дарвоза дарун ниҳод ва равона шуд. Чанд қадам роҳ рафта бар ақиби худ назар кард. Дид, не мулозимон ҳастанд ва не дарвоза. Дар биёбони бепоён афтода ҳеҷ чизе дар назараш наменамуд ва ҳарос дар дилаш пайдо шуд. Гашта ба ҷониби дарвоза равона шуд, аз дарвоза ҳеҷ нишоне наёфт ва дар дил гуфт: «Аз барои ҳалокии ман Ҳаммоми бодгард сабабу боис будааст ва дар ин дашти бепоён ҳайрону саргардон ҷон хоҳам дод.» Ба ҳар тарафе, ки назар кард, роҳи баромадан наёфт. Ноилоҷ ба як тарафи он биёбон равона шуд. Баъд аз чанд вақт аз дур сурати одамӣ ба назараш бинамуд. Наздик расида буд, ки он сурат аз багали худ оинае бароварда ба дасти Ҳотам дод. Ҳотам оинаро аз дасти ӯ гирифта рӯи худро бидид.

Он сурат гуфт:

– Эй ҷавон, Ҳаммом дар гард аст.

Ҳотам гуфт:

– Эй мавҷуд, ту аз муваккалони Ҳаммоми бодгардӣ?

Он сурат гуфт:

– Оре.

Ҳотам гуфт:

– Дар ин ҷо чӣ хоҳӣ кард?

Он сурат гуфт:

– Ҳар касе, ки дар ин маҳом ояд, ӯро гирифта дар ҳаммом медарорам ва ӯро ғусл дода, хизмат менамоям ва аз он кас инъом мехоҳам. Агар дар ҳаммом дарой, туро хизмат ба ҷой орам.

Ҳотам гуфт:

– Некӯ бошад. Аз роҳи дур омадаам, мехоҳам, ки ғусл карда кӯфти роҳро аз худ дур созам.

Он сурат пеш-пеш Ҳотам аз ақиб мерафт. Қариб як фарсанг роҳ рафта буд, ки гунбаде бинамуд. Ҳотам пурсид:

– Ин гунбад ҷойи кист?

Он сурат гуфт:

– Хаммоми бодгард хамин аст.

Ҳотамро бар лаби ҳавзе расонид ва гуфт:

– Эй чавон, дарун дарой, ман туро об расонам.

Ҳотам гуфт:

– Бо ин хама либосҳои худ чй гуна дароям?

Дархол он сурат лўнгини покизае оварда ба Ҳотам дод. Ҳотам лўнгиро ба худ печида, дар оби он ҳавз даромад. Дархол он сурат оби гарм ба дасти Ҳотам дод. Ҳотам обро ба сари худ рехта буд, ки овози тарақо-турук аз он гунбаду равоқ баромада он сурат аз назари Ҳотам гоиб шуд ва он хаммом чунон торик шуд, ки Ҳотам ҳайрони он торикй буд. Баъд аз соате он хама торикй бартараф шуда Ҳотам дид, ки не хаммом хаст ва не гунбад. Тамомии саҳнро об фурў гирифта ҳар соат зиёда мешуд. Ҳотам ба худ мегуфт: «Ин чй сир аст, ки об дам ба дам зиёд мешавад. Аз ин чо берун рафтан беҳтар, мабодо ки ин об маро гарқ гардонад.» Ба ҳар тараф, ки рў ниҳод, ангези баромадан кард, муяссар намешуд. Вақте шуд, ки об аз сари Ҳотам даргузашт. Ҳотам шиноварй мекард ва мегуфт: «Сабаби халокати мардумон хамин об будааст. Эй Ҳотам, ту низ аз ин гирдоб берун натавонй баромадан. Ҳорисшоҳ бинобар ин манъ мекардааст.»

Ин хама фикрҳоро карда умед аз зиндагонии худ барканд ва гуфт: «Дар кори хайр қадам ниҳодаам, Худоё, дастгири ман ту бошй. Агар ризои Ту ба мурдани ман аст, сад ҳазор чонам фидо бод.»

Об ба ҳадде боло шуд, ки сари Ҳотам ба қуббаи хаммом расид. Ҳотам аз шиноварй монда шуда хост, ки ба девори хаммом часпида нафас рост кунад, боз овози тарақо-турук баромада худро дар биёбоне дид ва чониби он биёбон равона шуд. Дар дил мегуфт: «Аз он тўфон халос шудам, шояд, ки аз тилисм баромада бошам.»

Муддати се шабонарўз дар он биёбон роҳ рафт. Аз дур иморате дар назараш даромад. Донист, ки ободие хоҳад буд. Ба чониби он равона шуд. Наздик расида дид, ки боги олй. Аз дарвозаи он бог даромада пештар рафта, ба акиби худ назар карда дид, ки аз дари он бог ҳеч асару нишоне набуд. Мутаҳайир шуд ва мегуфт: «Ин чй балое буд, ки маро пеш омад, ҳанўз аз тилисмоти ин макон берун нашуда будаам.» Ноилоч дар он бог мегашт. Ногоҳ ба чое расида дид, ки дарахтони сар ба фалак кашида, меваи он дарахтон пухта ва бар замин рехта. Ҳотам гурусна буд, аз он меваҳо ҳарчанд ки мехўрд сер намешуд, аммо хурсандй дар дилаш ҳосил шуда буд. Пештар рафта дид, ки касри зарандуде. Бутҳоро ба гирдогирди он қаср овехтаанд. Ба як канори он қаср назар карда дид, ки арўси соҳибчамоле ҳамчун моҳи шаби чаҳордах. Лунгй дар синаи ў баста мондаанд, ки ў ҳам аз санг буда. Ҳотам гуфт: «Ин чй сир аст, ки ҳақиқаташ маълум набуда. Кайфияти ин хама асрорро аз кй пурсам?»

Дарзамон тўтие овоз дод, ки:

– Эй чавон, чаро истодай ва дар ин маконҳо чй гуна омадй ва ба кадом сабаб аз чони худ даст шустй?

Ҳотам он овозро шунида ба ҷониби болову поён назар кард. Ногоҳ бар тоқ даре дид ва бар болои он дар навиштаанд, ки: «Эй бандаи Худой, аз тилисмоти ин ҳаммом ҷон ба саломат нахоҳӣ бурд. Тилисмоти ин ҳаммом аз Каюмарс ибни Одам мондааст. Рӯзе Каюмарс ибни Одам ба шикор рафта буд. Алмоспорае аз шикоргоҳ ба дасти эшон афтод ва дар гаронӣ миқдори се мисқол буд. Аз ҳакимон ва надимон пурсид, ки:

– Монанди ин алмоспора мавҷуд мешуда бошад?

Ҳамон соат ҳукамо гуфтанд:

– Шунида нашудааст.

Каюмарс гуфт, ки:

– Эй ҳакимон, ин алмоспораро ба ҷое нигоҳ дорем, ки касе дасти тасарруф нарасонад.

Бинобар он ин тилисмро бино карда, Ҳаммоми бодгард ном ниҳодааст ва он алмоспораро дар батни ин тӯтӣ мазбут гузоштааст.

Эй бандаи Худой, бидон ва огоҳ бош, ин тиру камоне, ки дар болои курсӣ ниҳодаанд, бояд, ки ба даст гирифта дар шиками тӯтӣ тир андозӣ ва хато нашуда ба шиками тӯтӣ бирасад, ҳамон тилисмот шикаста, он алмоспора аз шиками ӯ берун хоҳад шуд ва он алмоспораро гирифта ба саломат берун хоҳӣ омад ва илло мисли ин бутон санг хоҳӣ гардид.»

Ҳотам ба ҷониби бутон нигоҳ карда афсӯс меҳӯрд. Ногоҳ аз ҷониби бутон овозе ба гӯши Ҳотам расид, ки:

– Эй Ҳотам, ту аз ин тилисмот берун нахоҳӣ шуд. Ҷони худро ба саргардонӣ андохта рафиқи моён хоҳӣ гардид.

Ҳотам шунидан баробар тиру камонро ба даст гирифт. Шаст карда ба ҷониби тӯтӣ андохт. Тири Ҳотам нарасид ва ӯ то зону санг гашт.

Тӯтӣ гуфт:

– Эй ҷавон, ин ҷойи ту нест.

Тири дигаре андохт, ӯ низ хато рафт. Ҳотам то миёни худ санг гашт.

Боз тӯтӣ гуфт:

– Эй ҷавон, ин ҷойи ту нест.

Ҳотам аз ҷойи худ ҷаста, миқдори сесад қадам роҳ аз пеши тӯтӣ дур афтод. Наздики он суратҳо расида миёни худро дид, ки санг гашта. Зор-зор чун абри навбаҳор мегирист, гӯё, ки маргро муоина дида бошад. Мартабаи сеюм чунон тире дар шиками тӯтӣ зад, ки тӯтӣ парида аз қафас берун афтод. Тамоми оламро соиқа гирифта, зулмот ва торикӣ пайдо шуд. Ҳотам аз худ рафта мурдавор беҳуш афтод. Баъд аз соате ба ҳуш омада дид, ки не қаср ҳасту не тиру камон ва не тӯтӣ. Ва он алмоспора ҳамчун офтоби дурахшон бар замин тофта истодааст.

Ҳотам зуд бархоста, он алмоспораро гирифта буд, ки ҳамаи он бутони сангин ба сурати аслии худҳо омада одам шуданд ва гуфтанд:

– Эй ҷавон, аз ин тилисмот чун саломат мондӣ?

Ҳотам ҳамаи саргузашти худро дар назди онҳо баён намуд. Ҳамаи он хурду калон бандавор дар зери қадами Ҳотам афтоданд ва ҳалқаи бандагӣ дар гӯши худҳо андохта, Ҳотамро дуои хайр мекарданд.

пораро дида, мутаҳайир шуд ва сар дар ҷайби тафаккур бурда андеша мекард.

Ҳотам гуфт:

– Эй малика, саволи ҳафтумро бигӯй, то ӯро низ ҷавоб гӯям.

Малика гуфт:

– Эй Ҳотам, рафта дар корвонсаро дар назди рафикони худ чанд рӯз ором гир ва ранҷи роҳро аз худ дур кун. Баъд аз он саволи ҳафтумро ба ту хоҳам гуфт.

Ҳотам дар корвонсаро рафта, дар назди шаҳзода қарор гирифт ва саргузашти худро дар назди шаҳзода баён намуда буд, ки шаҳзодаро ҳуш аз сар рафта дар зери қадами Ҳотам афтод. Ҳотам сари шаҳзодаро аз замин бардошта гуфт:

– Эй шоҳ, ҳамаи ин корҳоро дар роҳи хайр кардаам, дар бораи шумо ҳеч миннат нест.

Малика ҳар соат чандин қисм таом дар назди Ҳотам мефиристод. Ҳотам он таомҳоро бо мулозимони шоҳ Ҳорис тановул менамуд.

Баъд аз чанд рӯз Ҳотам мулозимони шоҳ Ҳорисро хилъати шоҳона ва сару пои мулукона бахшида, рухсат фармуда, худ ба дари боргоҳи малика омад.

Мулозимон рафта гуфтанд:

– Эй маликаи олам, инак Ҳотам омада ба дари боргоҳ истодааст.

Малика Ҳотамро ба даруни қасри худ талабида бар болои курсии зарин бинишонд ва аз паси парда пурсид, ки:

– Эй Ҳотам, чаро ором нагирифтӣ?

Ҳотам гуфт:

– Эй малика, ман он замон ором гирам, ки ҷавоби саволи ҳафтумро ба хизмати ту биёрам. – Боз гуфт:

– Эй малика, ба зудӣ саволи ҳафтумро бигӯй, ки ман барои ҷавоби ӯ хоҳам рафт.

Малика гуфт:

– Эй Ҳотам, дурре дорам, монанди ӯро пайдо кун.

Ҳотам гуфт:

– Эй малика, он дурро ба дуогӯй бинамой. Малика дарҳол хазинадорро фармуд:

– Он дурро аз хазина берун кун ва дар назди ин ҷавон ҳозир соз.

Дарҳол хазинадор он дурро оварда ба Ҳотам бинамуд. Ҳотам дид, ки он дурр ба монанди байзаи мурғобӣ. Ҳотам гуфт:

– Медонам, ки инро ҳаволаи ман нахоҳӣ кард. Аммо намунае мебояд, ки баробари он бошад.

Ҳусншбону заргаронро талаб кард, ки шакли он марворидро аз нуқра сохтанд. Ҳотам онро гирифта дар мехмонсаро омад.

Ҳотам ва шаҳзода бо якдигар мегуфтанд: «Ҳеч дурро бо ин бузургӣ надидаем ва нашунидаем.»

Шаҳзода гуфт:

– Эй Ҳотам, кучо равӣ ва мисли ин дурр аз кучо ба даст дарорӣ?

Ҳотам ҳамаи онҳоро бо худ гирифта, ба ҷониби дарвоза равон шуд. Аммо намедонист, ки дарвоза ба кадом ҷониб аст.

Алғараз, чанд рӯз роҳ гашта ба дарвоза расиданд ва аз дарвоза баромада, ба ҷониби Идрок равона шуданд. Идрок дид, ки Ҳотам бо чандин чавонони моҳрӯй аз дарвозаи Ҳаммоми бодгард баромада меояд. Дарҳол чанд қадам роҳ пеш рафта Ҳотамро дар канор гирифта, муборакбод намуд ва аз дасти ӯ гирифта дар боргоҳи худ даровард ва бар болои курсии зарин бинишонд. Чандин қисм таоми лазиз оварда, дар назди Ҳотам ва рафиқони ӯ гузошт. Баъд аз фароғи таом ҳамаи саргузаштро аз Ҳотам пурсид. Ҳотам ҳамаи дида ва кардаҳои худро дар назди Идрок ва лашкариён баён намуд. Идрок ва ҳамаи лашкариён ба ин ҳама корҳои Ҳотам таҳсину офаринҳо мекарданд. Дарҳол Идрок ин ҳама кору кардаи Ҳотамро навишта ба хизмати шоҳ Ҳорис фиристод.

Баъд аз як рӯз Ҳотам маа рафиқон роҳи шаҳри Қаттонро гирифта роҳй шуд. Номаи Идрок пештар расида, аз ҳама корҳои Ҳотам шоҳ огоҳ гардид. Аз рӯи хушвақтй вазири худро маа чанде мукаррабон ба истиқболи Ҳотам фиристод.

Вазир маа рафиқон дар айни роҳ ба Ҳотам мулоқй шуда дарёфт кард.

Алғараз, Ҳотам маа вазир дар шаҳри Қаттон даррасида ва аз дарвоза даромада дар боргоҳи шоҳ рафта шоҳро мулозимат намуд. Шоҳ Ҳорис Ҳотамро дар канор гирифта навозиш кард ва бар болои тахти худ биншонд ва чашни шоҳона ороста чандин қисм таоми лазиз оварда дар назди ӯ гузоштанд. Баъд аз он шоҳ ҳақиқати Ҳаммоми бодгардро аз Ҳотам пурсид. Ҳотам ҳамаи кардаву дидаи худро дар назди шоҳ баён намуд. Шоҳ ба ин ҳама корҳои Ҳотам офарину таҳсин мекард.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, касоне, ки аз тилисмот берун шуда омадаанд, боид, ки ҳар кадоми эшонро асп ва сару по марҳамат намой. Эшон ба ватанҳои хеш хоҳанд рафт.

Дарҳол шоҳ вазирро фармуда гуфт:

– Эй вазир, боид, ки ҳар кадоми ин чавонони мусофирро аспи шоҳона ва сару пои мулукона бидиҳй.

Вазир ҳамаи гуфтаҳои шоҳро камоянбағй ба ҷо оварда меҳмонҳоро ба ҷониби ватанҳои хеш рухсат намуд. Ҳотам чанд рӯз дар назди шоҳ буд ва баъд аз чанд рӯз рухсат талабид. Шоҳ фармуд, ки асбоби сафарро муҳайё намоянд. Хизматгорон ҳамаро тайёр карданд. Баъд аз он Ҳотам бо шоҳ видоъ намуда, ба ҷониби шаҳри Ҳуснобод равона шуда, баъд аз чанд вақт бо тачаммули бисёре ба шаҳри Ҳуснобод даррасид. Канизони малика Ҳотамро дида, мулоқот варзиданд ва ба даргоҳи малика оварданд.

Алқисса, малика Ҳотамро дар даруни қасри худ талабида пурсид, ки:

– Эй чавон, дер омадй, хуш омадй. Боид, ки аз ҳақиқати Ҳаммоми бодгард маро огоҳ гардонй.

Ҳотам таъзимоти маликаро ба ҷо оварда, тилисмоти Ҳаммоми бодгардро ва саргузашти худро дар назди малика як-як баён намуд ва алмоспорае, ки аз ин тилисмот берун кашида буд, дар пеши малика биниход. Малика он алмос-

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, Худо ҳамаи мушкилоти мову туро осон хоҳад гардонид.

Шаҳзода гуфт:

– Эй Ҳотам, чанд рӯзе дар ин ҷо бошӣ, то он ки ба дидори ту сер шуда бошам.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, корро ба охир расонида дар як ҷо нишаста мусоҳиб хоҳем шуд. Алҳол аз пайи ҷавоби саволи малика рафтан бехтар аст.

САФАРИ ҲАФТУМ

Ҳотам рӯ ба биёбон нихода мерафт. Баъд аз чанд рӯз ба чое расида, дид, ки тахтасанги азиме. Наздики он нишаста сар дар зонуи тафаккур монда андеша мекард: «Ҷӯраи ин дурро аз кучо ба даст хоҳам овард?» Дар назди он санг дарахте буд, сар ба фалак кашида. Ҳангоми шом буд, ки як чуфт ҷонвар аз канори дарёи Каҳрамон омада ба шохи он дарахт бинишастанд ва бо якдигар нутқ мекарданд.

Модааш гуфт:

– Эй мӯниси ҷон, ҳавои ин маком маро чандоне хуш намеояд, агарчанде ки куту дона дар ин ҷо бисёр аст.

Нараш гуфт:

– Эй ороми ҷон, рост ва некӯ гуфтӣ, касди истодан дар ин маком ба дил доштам, маро низ ҳавои ин навоҳӣ хуш наёмада. Фардо азми ватани худхо хоҳем намуд.

Модааш гуфт:

– Албатта салоҳ дар ҳамин аст.

Ин ҳама суханҳо гуфта хомӯш гардиданд. Баъд аз соате модааш гуфт:

– Эй шоҳи парандагон, ин кист, ки дар ин маком сар ба зону нихода гамгин нишастааст?

Нараш гуфт:

– Ин ҷавон Ҳотам ибни Тай аст, ки бар сараш гами азим афтода, саргардон мегардад.

Модааш гуфт:

– Гами ин шахсро сабаб чист?

Нараш гуфт:

– Эй роҳати ҷон, агар корҳои неки ин ҷавонро дар тамомии умри худ бигӯям, яке аз сади онро адо натавонам кард. Аммо мухтасари калом, ин ки шаш саволи духтарро ҷавоб гуфта барои ҷавоби саволи ҳафтум дар ин маком омада нишастааст. Саволи ҳафтуми духтар ин ки «дурри дигаре биёр ба монанди ин байзаи мургобӣ.»

Модааш гуфт:

– Ин ҷавон ҷӯраи он дурро аз кучо ба даст хоҳад овард?

Нараш гуфт:

– Эй мӯниси ҷон, бишнав, то туро тариқи ба даст овардани он дурро баён намоям.

Модааш гуфт:

– Гӯй, то бишнавам.

Нараш гуфт:

– Дар замони собиқ дар дарёи Қаҳрамон мурғонро ватан буда ва он мурғон дурре мисли дурри он духтар падид меовардаанд. Муддатест, ки он баракат аз олам барҳоста ва он ҳамаи дурррҳо миёни он қисм мурғон ба дарёи Қаҳрамон гарқ шуда. Лекин аз он дурррҳо як дурр ба дасти шоҳ Шамнон афтода буд. Шоҳ Шамнон он дурро бо чавоҳири бешумор ва зари бисёр дар зери дарахте мадфун сохта буд. Баъд аз чанд вақт шоҳ Шамнон фавтида мамлакати ӯ харобу нопайдо гардид ва ҷойи шаҳри шоҳ Шамнон ҳамчун саҳро шуда буд. Ва он ҳазинае, ки малика Ҳуснбону аз зери он дарахт ёфта ба даст оварда, хазинаи шоҳ Шамнон ва он дашт ҷойи шаҳри шоҳ Шамнон буд. Яке аз он дурррҳо ба дасти Бурҳоншоҳи Каёнӣ афтода. Баъд аз чанд вақт Бурҳоншоҳ низ фавтида, мулки ӯро харобӣ афтод. Ҳаман намаккорони Бурҳоншоҳ аз он мулк баромада, рӯ ба атрофи олам оварданд ва як зани соҳибҷамоли ӯ низ ҳамон дурррро гирифта аз он ҳад берун шуд. Муддате роҳ гашта хастагӣ ӯро ғолиб омад. Билохир ба ҷое нишаста, сар ба зонуи тафаккур ниҳод ва қазоро ба сарвақти он зан гузари савдогаре афтод. Дид, ки дар канори саҳро зани соҳибҷамоле ҳамчун маҳи шаби чаҳордаҳ нишастааст. Пурсид, ки:

– Эй бечора, туро дар ин мақом чӣ кор аст?

Зани Бурҳоншоҳ ҳамаи саргузашти худро дар назди бозаргон як-як гуфт.

Шамари бозаргон он занро духтар хонда, дар сарои худ овард ва он зан аз шоҳ дар шиками худ ҳамле дошт. Ба андак вақт фарзанди нарина аз адам ба вуҷуд овард. Он писар ба синни дувоздаҳсолагӣ бирасид ва он бозаргон низ шарбати ачалро бичашид. Раисии он диёр ба он писар расид. Аз моли бозаргон лашкари бисёре ҷамъ намуда, хазонаи шоҳонро дар тасарруфи худ овард ва аз ӯ фарзандон ба вуҷуд омада дар он мулк подшоҳӣ мекарданд. То бар замоне ки меҳтар Сулаймон ба вуҷуд омаданд. Ва ҳамаи билоди рӯизаминӣ ва зеризаминӣ ва ҳамаи девону париён ва тамомии навоҳии кӯҳи Қоф ва дарёи Қулзум ва ҳамаи зарҳову чавоҳирҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ ба он меҳтари ду ҷаҳон мутеъ ва фармонбардор шуданд.

Алғараз, он дурр аз дасти зани Бурҳоншоҳ ба маротиб ба дасти Ҳашоми Сурхкулоҳ афтод ва аз дасти Ҳашом ба дасти Меҳёри Сулаймон афтодааст. Ва Ҳашому Меҳёр аз қавми париёнанд. Меҳёршоҳ дар ҷазираи Барзах аст ва девони он ҳад ба ӯ ошноии тамом доранд ва ба ӯ фармонбардорӣ менамоянд. Меҳёршоҳ бо меҳтар Сулаймон ҳамном аст ва ӯро ду духтар аст, синни онҳо ба ҳафтдаҳсолагӣ расида.

Меҳёршоҳ аҳд кардааст, ки «ҳар касе замони пайдо шудани ин дурррро баён созад, ман духтарони худро ба ӯ бидиҳам.»

Аксар паризодон омада ҳеҷ кадоми эшон аз замони пайдо шудани он дурр вокиф набуда, мулзам ва маъюс гаштанд.

Меҳёршоҳ китобҳои мутақаддимонро хонда дониста буд, ки ин дурр дар фалон замон пайдо шудааст.

Боз гуфт:

– Эй ёри вафодор, замони пайдо шудани он дурр ин буд, ки туро баён намудам ва ин чавон муддатҳост, ки ранчи бепоён кашида мегардад. Бинобар он ин ҳама суханонро дар ин мақом ба забон овардам.

Модааш гуфт:

– Эй шоҳи биёбон, ин чавон чӣ гуна ба дарёи Қаҳрамон бирасад, ки роҳи ӯ зиёда пурбалост?

Нараш гуфт:

– Агар ин чавонро ҳаёт боқӣ бошад, бирасад ва илло, дар роҳи Қаҳрамон халок хоҳад шуд.

Боз гуфт:

– Агар ба чониби ҷанубрӯя равад ва аз парҳои моён бо худ барад, чун ба хадди кӯҳи Коф бирасад, бешаву дашти азим аз пеш хоҳад баромад ва он дашт зиёда пурофат аст, аммо дар вакти дохил шудан дар он беша парҳои сурхи моёнро сӯзонида хокистари ӯро дар об андохта ба тамоми аъзои худ бимолад, ба хотирчамъӣ рох хоҳад гашт. Тамомии дарандагон ва газандагон аз ӯ хоҳанд гурехт ва сурати ин чавон ба монанди наррадеве хоҳад шуд. Ва аз он чо, ки гузашт, парҳои сафеди моёнро сӯзонида хокистари ӯро дар об андохта ба тамомии бадани худ бимолад, боз ба сурати аслии худ хоҳад шуд. Чун ба чазираи Мехёри Сулаймон бирасад, кавми он беша ин чавонро гирифта ба назди Мехёршоҳ хоҳанд расонид ва ин чавон матлаби худро дар миён орад. Мехёршоҳ низ хамон хилаи худро дар миён хоҳад оварда ва хоҳад гуфт, ки «хар касе замони пайдо шудани ин дурро ба ман маълум намояд, духтари худро бо ин дурр ба ӯ хоҳам дод.» Ва боял, ки ин ҳама суханҳои маро ин чавон дар хотири худ нигоҳ дорад ва фаромӯш накунад, ки ба муроди худ хоҳад расид.

Боз модааш гуфт:

– Эй мӯниси чон, парҳои мо чӣ гуна ба дасти ин чавон дарояд?

Дарҳол нари он пари худро ҷунбонида буд, ки пари бисёре аз бадани ӯ бар замин афтод.

Ҳотам тамомии парҳоро аз замин чида бигирифт.

Боз модааш худро афшонд. Аз бадани ӯ низ пари бисёре бар замин бирехт. Ҳотам он парҳоро низ чида гирифт.

Боз модааш гуфт:

– Эй ёри чон, ту чӣ гуна донистӣ, ки ин чавон аз барои он дурр омада ихтиёри рафтани ин роҳи пурбало кардааст?

Нараш гуфт:

– Эй шоҳи парандагон, дар кавми моён хар наре, ки бошад, аз кайфияти тамоми олам аз ибтидо то ба интихо воқиф мебошанд. Модахоро ба чуз гӯёй, хеч чизе маълум набошад ва дар охирузамон ҳамаи кавми моён барҳам хӯрда, яке зинда намонад, он замон одамиёнро пардаи хичоб дар миён хоҳад афтод. Умри кавми моён дуру дароз аст.

Нутки парандагон то ба ин чо расида буд, ки субҳи оламафрӯз аз канори уфук дар ин маъдани зулмот сар баровард. Дарҳол хар дуи он парандагон аз шоҳи он дарахт парвоз карда, ба чониби макони худхо рафтанд. Ҳотам хамаи

он парҳоро гирифта, ба ҷониби ҷанубрӯяи он дашт равона шуд. Ба ҷое расида дид, ки рӯбоҳе дар ҷое афтода даступо мезанад ва фарёд мекунад.

Ҳотам пурсид, ки:

– Ба ту чӣ зулм расида, ки ин ҳама фарёду фиғон мекунӣ?

Рӯбоҳ гуфт:

– Эй ҷавон, саййёде шавҳари маро бо бачаҳо ба ҳила гирифта буд ва ман дар фироқи эшон нолаву зорӣ мекунам. Ҳеч кас нест, ки ба фарёди ман бирасад ва ту, ки ба сарвақти ман омадӣ, ба доди ман мерасида бошӣ?

Ҳотам гуфт:

– Эй мазлум, кавми инсонӣ ҳарчанд аҳли фироқ бошанд, баъзеи эшон ҳалиму хоҷатбароранд. Маро, агарчанде ки аз чинси инсонам, дар табиат инсофу мурувват бениҳоят аст. Бигӯ, ки шавҳар ва бачагони туро сайёд ба кадом ҷониб бурда, то ман рафта онҳоро аз дасти ӯ биёрам.

Рӯбоҳ гуфт:

– Эй азиз, аз ин ҷо то макони ӯ ду фарсанг роҳ аст ва ҳамеша кори ӯ ҳамин аст. Намедонам, ки дар махлуқозорӣ чӣ фоида ёфтааст ва аз қаҳру газаби Худо чаро натарсад?

Ҳотам гуфт:

– Танаи дарахтро аз афтодани мева чӣ ғам бошад ва он сайёдро аз мардумозорӣ чӣ андеша, ки ин корро пешаи худ сохтааст. Агар маро роҳбарӣ намой, пеши он сайёд рафта, шавҳару бачагони туро халос намоям.

Рӯбоҳ гуфт:

– Эй ҷавон, бо ту ҳамроҳ равам, мабодо ки бо сайёд иттифоқ карда, маро ҳам дар қайд кашед, ҳоли ман ҳамчун ҳоли маймун шавад.

Ҳотам гуфт:

– Эй бечора, ҳоли маймун чӣ гуна буд?

Рӯбоҳ гуфт:

– Ҷуфти маймун дар бешае ошён карда буданд ва бачагони хурдсоле доштанд. Рӯзе сайёде расида нарро бо бачагони онҳо ба ҳила дар қайди сайд кашид. Агарчанде ки маймун дар миёни ҳайвонот худро ҳаромзода[1] ва оқил мешуморад, чун рӯзи бад пеш ояд, гирифтори қайд мешавад.

Алғараз, он сайёд бачагони маймунро гирифта, ба шаҳр бибурд ва бифурӯхт. Модаи он дар фироқи бачагону шавҳари худ сар бар замин ниҳода нолаву зорӣ мекард ва аз ҷойи худ бархоста дар пеши раиси шаҳр рафт ва арза намуда гуфт:

– Эй бузург, бачагони маро сайёд гирифта оварда. Бояд, ки аз ҷониби илоҳӣ умеди хайрият карда, бачагони маро гирифта бидиҳед.

Раис аз мардумон пурсид, ки:

– Бачагони инро кӣ овардааст?

Мардумон гуфтанд, ки:

– Шавҳару бачагони инро фалон сайёд овардааст.

Раис мулозими худро фармуд, ки рафта шавҳару бачагони инро гирифта бидеҳ.

[1] Ҳаромзода – ба маънии ҳилагар.

Модари маймун хушдил шуда, бо мулозиму раис ба тарафи хонаи сайёд равона шуд ва мулозим ба дари хавлии сайёд расида овоз кард. Сайёд аз хона берун омад. Маймун дар фироки фарзандони худ бетоқатй мекард ва мегуфт: «Зуд бошанд!»

Мулозим гуфт:

– Эй маймун, лахзае сокит бош, то он ки додн туро аз сайёд бистонам.

Маймун хомўш шуд.

Мулозим гуфт:

– Эй сайёд, шавҳару фарзандони инро чй кардй?

Сайёд гуфт:

– Фалон рўз ба хизмати шумо бурда фурўхта будам. Агар бетоқатй мекунад, шумо шавҳару бачагони инро раҳо кунед ва он дурре, ки ба ман дода будед, аз ман биситонед.

Мулозим гуфт:

– Мушкиле пеш омад, ҳоло бар феълу бар бозии онҳо одат карда машгулй дорам ва маро дил намешавад онҳоро бигузорам. Илочи дигаре боид кард.

Сайёд гуфт:

– Инро низ дар қайд кашида дар назди шавҳару бачагонаш бигузорем.

Билохир чунин карданд. Раис ин ҳолро дониста дар газаб шуд, дигареро фармуд:

– Рафта он сайёдро маа бачагону шавҳари маймун гирифта биёр!

Дарҳол мулозим рафта сайёдро маа бачагон ва шавҳари маймун гирифта овард. Чун раис дид, ки бачагони маймун ачаб махлуке будаанд, гуфт:

– Бачагони маймунро нигоҳ доред.

Мулозимон ҳамчунон карданд. Ғами маймун садчунон аз аввал зиёда шуд ва дар дил мегуфт: «Аз борон гурехта ба новадон мубтало шудам.»

Алкисса, баъд аз чанд рўз бачагони маймун дар зери қайд бимурданд ва худи он дар фироки фарзандон нолаву зорикунон баъд аз чанд вакт ҷони ширин ба чонофарин таслим намуд.

– Эй чавон, мабодо ки мисли ҳамон маймун маро дар бало андозй.

Ҳотам гуфт:

– Эй бечора, хотири худро чамъ дор, ман аз кабили онҳо нестам, бархез маро роҳбарй намо ва ба он мавкеъ бирасон.

Рўбоҳ пеш-пешу Ҳотам аз акиби ў роҳ мерафтанд. Посе аз шаб гузашта буд, ки дар он мавкеъ расиданд. Ҳотам гуфт:

– Эй рўбоҳ, акнун ту худро дар чое пинҳон кун, то ман сайёдро бичўям.

Дарзамон рўбоҳ худро дар як чукурй пинҳон намуд.

Чунонки офтоби оламтоб сар аз даричаи зулмоний берун кард, Ҳотам аз чойи худ бархоста, ба даруни деҳа рафта хонаи сайёдро мечуст. Билохир ба дарвозаи сайёд омада тавакқуф кард. Марде аз хона сар бадар карда дид, ки чавони хубрўе дар беруни дар истодааст. Ба чониби Ҳотам нигоҳе карда гуфт:

– Эй чавон, туро дар ин чо чй кор аст? Мебинам, ки аз ин диёр нестй.

Ҳотам гуфт:

– Бале, ман аз Яман омадаам ва маро озоре[1] пеш омада. Ҳукамо фарму-

[1] Озор – дард, беморй.

дaанд, ки аз хуни рӯбоҳ тамомии бадани худро бишӯй, шифои комил хоҳӣ ёфт. Шунидам, ки ту рӯбоҳу шаголро шикор мекардай, бинобр ин дар ин ҷо омадам.

Сайёд гуфт:

– Эй ҷавон, чанде аз рӯбоҳ сайд кардаам, агар туро даркор аст, бигир.

Ҳотам гуфт:

– Дар назди ман биёр.

Дарҳол сайёд ҳамаи он рӯбоҳонро дар назди Ҳотам овард. Ҳотам дид, ки яке нар, дигарон бачагони вай. Дарзамон аз кисаи худ чанд динори сурх бароварда ба дасти сайёд дод ва он ҳафт рӯбоҳро гирифта аз он мавкеъ берун шуд. Дар гӯшаи саҳро расида буд, ки модаи рӯбоҳ давон-давон дар пеши Ҳотам омад. Шавҳару бачагони худро дида, рақсҳо мекард ва бачагони ӯ аз ҷойи худҳо бархоста модари худро дарёфт карда, ба канори худ бигирифтанд. Мода аз ҷойи худ бархоста дар назди ҷуфти худ омад. Дид, ки шавҳараш бадҳол шуда; бар сари худ хокҳоро кашида нолаву зорӣ мекард.

Ҳотам гуфт:

– Чаро худро дар нолаву зорӣ андохтӣ?

Рӯбоҳ гуфт:

– Эй ҷавон, тоҷ аз сари ман меравад.

Ҳотам гуфт:

– Туро тоҷ кадом аст?

Рӯбоҳ гуфт:

– Нашунидай, мардон тоҷи сари занонанд ва ин ҷуфти маро аз гуруснагиву ташнагӣ ҷон ба лаб расида ва рамаке дар бадани ин мондааст. Қариб аст, ки ба ҳалокат бирасад. Агар ҳамин замон илочи ӯро намоем, зинда бимонад ва илло аз ҳаёти дунё даст хоҳад шуст.

Ҳотам гуфт:

– Чӣ илоҷ бояд кард?

Рӯбоҳ сар тах карда дар фикр шуд.

Ҳотам гуфт:

– Эй рӯбоҳ, чаро сар фурӯ мекунӣ, бигӯ, ки инро илоҷ намоем, то туро тоҷ аз сар наравад.

Рӯбоҳ гуфт:

– Эй Ҳотам, бидон ва огоҳ бош, агар аз ин мавкеъ рафта яке одамиро биёрӣ ва кушта хуни гарми ӯро дар даҳони ин резӣ, зинда бимонад ва илло не.

Ҳотам гуфт:

– Туро бо мардуми ин деҳа чӣ душманӣ буда ва барои шавҳари ту одамиро куштан чӣ маънӣ дорад. Синфи одамӣ аз ҳамаи ҷонварон ба шарофат халқ шудааст, ин чӣ ҳарф аст, ки мегӯй? Агар туро яқин бошад, ки шавҳари ту ба он зинда шавад, дарҳол хуни гарми одамӣ пайдо кардахоҳам дод.

Рӯбоҳ гуфт:

– Албатта.

Ҳотам гуфт:

– Аз кадом узви одамӣ хун даркор аст?

Рӯбоҳ гуфт:

– Кадом узве, ки бошад.

Дархол Ҳотам нештарро аз тиркаш бароварда ба раги дасти чапи худ бизад. Хун ба монанди об равона шуд. Ҳотам гуфт:

– Эй рӯбоҳ, чандон ки хун даркор бошад, бигир.

Дарзамон рӯбоҳ нари худро кашола карда дар зери дасти Ҳотам оварда, хунро дар даҳони ӯ бирехт. Наррӯбоҳ хуни дасти Ҳотамро хӯрда буд, ки ба ҳол омад. Баъд аз он Ҳотам дасти худро баста гуфт:

– Эй рӯбоҳ, аз ман розй шудай ё не?

Рӯбоҳи нар худро бехтар дила маа фарзандон сари худро дар зери кадами Ҳотам гузошта дуои хайр мекард ва мегуфт:

– Эй Ҳотам, мақсади дучаҳонй туро муяссар бод.

Билохир, рӯбоҳ Ҳотамро видоъ карда ба чониби ватани худ роҳй шуд.

Ҳотам низ рӯ ба роҳ ниҳода мерафт, шабу рӯз роҳ мепаймуд. Рӯз роҳ мегашт ва шабро дар чойи бехавфе мегузаронид. Хӯроки вай меваҳои сахро буд. Баъд аз муддате ба даште расид. Чун офтоб гарм буд, дар талаби об ба ҳар сӯ нигарон буд, ки аз дур чашмае дар чашми Ҳотам намуд. Чониби он чашма қадам зад. Чун наздик расид, дид, ки чашма нест, балки морест, ки халқа баста хобидааст ва аз дур чун чашмаи об менамояд. Хост, ки баргардад, ки мор бо ӯ ба сухан даромад ва гуфт:

– Эй чавони яманй, чаро бозмегардй, ба чй кор омадай?

Ҳотам чун дид, ки мор дар сухан омад, гуфт:

– Ман ташна будам, дар талаби об омадаам. Чун туро дидам, бозгардидам.

Мор гуфт:

– Эй азиз, ҳама чиз дар ин чо мавчуд аст. Хотири худ чамъ дор. – Ва равона шуду гуфт: – Ҳамроҳи ман биё.

Ҳотам дар дили худ андешид, ки «ҳарчанд ин мор сухан мегӯяд, ҳамроҳи ӯ набояд рафт, ки зиёнкор аст.»

Мор чун дид, ки аз омадан дар андеша аст, гуфт:

– Эй чавон, хеч маяндеш ва моро ёр дон.

Ҳотам равона шуд. Мор Ҳотамро дар боғе овард. Ҳотам боғро дида шод шуд ва дар дил оварда, ки: «Ба чуз одамй богро кй ороя?» Чун андарун шуд, чунон боғе дид, ки гоҳе надида буд, магар дар мулки париён. Дарахтони меваи дору гулҳои рангоранг ва оби чӯи равон. Ҳотам шод шуд ва тамошокунон ба нишеман рафт.

Мор гуфт:

– Ин чо биншин.

Ҳотам дид, ки фарши подшоҳона андохта ва таккҳо ниҳода. Пеши нишеман хавзи калон сохта. Мор Ҳотамро бар он маснад нишонд ва гуфт:

– Замоне тавакқуф кун, ки боз оям – ва даруни хавз афтод.

Ҳотам мутааччиб шуда донист, ки макони ӯ дар хавз аст.

Ҳотам ба тамошои боғ рафта мегардид ва мунтазир буд, ки мор бозояд. Баъд аз соате парирӯён хонҳои мурассаъ дар даст гирифта аз хавз берун омаданд ва пеши Ҳотам истоданд. Ҳотам пурсид, ки:

– Шумо кистед?

Онҳо гуфтанд:

– Хидматгорони он касем, ки туро ҳамроҳи худ овардааст ва ин ҷо нишонида рафта.Ин ҳама назри ту фиристодааст. Онҳо пур аз ҷавоҳир аст, агар қабул фармой.

Ҳотам гуфт:

– Маро чӣ даркор? Одаме ҳамроҳ надорам, ки ба ӯ бидиҳам ва чандин матоъ чӣ гуна бардошта барам?

Дар ин гуфтугӯ буданд, ки дигарон хонҳо дар даст гирифта берун омаданд. Ҳотам эшонро пурсид, ки:

– Дар ин хонҳо чист?

Гуфтанд, ки:

– Тӯҳфае ҷавоҳир аст.

Ҳотам гуфт:

– Эй моҳрӯён, ин ҳам дар назари ман ҳеҷ аст, балки ба ҷаве намеарзад.

Моҳрӯёни дигар хонҳо дар даст гирифта баромаданд, Ҳотамро салом карданд.

Ҳотам пурсид, ки:

– Дар ин хонҳо чист?

Гуфтанд:

– Таом аст.

Ҳотам шод шуд ва гуфт:

– Меҳмон ҳозир аст, аммо мизбон куҷост?

Дар ин гуфтугӯ буданд, ки хел-хел парирӯён аз оби ҳавз берун шуданд. Ҳотам онҳоро дида мутаҳайир шуд ва аз ҷойи худ бархоста биистод. Яке аз он париён омада дасти Ҳотамро гирифта бар болои курсӣ нишонид. Баъд аз он гуфт, ки:

– Эй Ҳотам, маро мешиносӣ?

Ҳотам гуфт:

– Туро ҳаргиз надида будам.

Парӣ гуфт:

– Эй Ҳотам, ман ҳамон зотам, ки туро ҳамроҳи худ оварда будам.

Ҳотам гуфт:

– Эй парӣ, ин чӣ шакл аст, ки чунин гаштай? Кайфияти ҳоли худро ба ман маълум намой.

Парӣ гуфт:

– Эй Ҳотам, андаке сабр намо.

Дарҳол чандин қисм таом оварда, дар назди Ҳотам гузошт. Ҳотам ба хӯрдани таом мукайид шуд ва пурсид, ки:

– Эй паризод, ин чӣ сир аст, ки аввал ба сурати мор будӣ, алҳол ба ин сурат гашта аз оби ҳавз берун шудӣ?

Парӣ гуфт:

– Эй Ҳотам, ман дар асл паризодам. Шамсшоҳ ном маро падаре буд ва худ ном Афросшоҳ дорам. Дар аҳди меҳтари Сулаймон азми рӯи замин карда дар боғе фуруд омадам. Обу ҳавои он макон маро хуш омад. Дар хотирам

гузашт, ки «фардо бо тамоми лашкари худ омада чинси инсониро аз ин макон бех канда ба катл расонам ва ин мулкро аз худ созам» ва ба тамомии кавми худ фармудам, ки фардо тайёрии худхоро намоед. Алассабох бо кавми инсоний чанги каттол хохам намуд.

Ҳамаи кавм гуфтанд:

– Фармонбардорем.

Чун шаб шуд, дар хоб рафтам. Рӯи чахонафрӯз дар ин олами зулмонй сар бадар кард. Дидам, ки хамаи кавмро пар рехта ва маро сурат табдил ёфта, ба шакли мор гаштаам. Рӯз дар замин галтида, шаб овезон мешудам. Ҳарчанд тавбаву зорй менамудам, овозе ба гӯши ман мерасид, ки: «Касе аз ахду паймони худ баргардад, ӯро хамин хол пеш ояд.» Баъд аз дере овозе ба гӯши ман расид, ки: «Эй надоматкунанда, чанд рӯзе ба сабру тахаммул кӯшй, ки подшохзодаи Яманро гузар ба сарвакти ту афтад ва дуое дар хаккн ту хохад кард ва ба сабаби дуои он бузург ба сурати аслии худ хохй омад.» Муддати хаштод сол ба сурати мор будам ва муддати сй сол дар ин дашт ба рохи ту интизорй мекашидам. Худоро шукр, имрӯз ту ба сарвакти ман расидай. Донистам, ки ту Ҳотам, подшохзодаи Яманй, бинобар ин туро хизмат варзидам. Намедонам, ки туро макбул шуда бошад, ё не. Агар дуои хайр дар хаккн мани бечора намой ва маро аз хамаи гамхо озод гардонй, аз чумлаи мурувват ва саховат хохад буд. Агар кӯтохие аз ман ба зухур омада бошад, амр намо, ки ба маросими хизматгириву чонсупорй икдом намоям.

Ҳотам гуфт:

– Эй парй, ин ахд аз кадом вачх буд, ки нукси он намудай ва ба ин хол мубтало шудй?

Паризод гуфт:

– Эй азиз, дар замони мехтар Сулаймон обову аҷдоди моён ахду паймон карда буданд, ки моён ва авлоди моён то ба киёми киёмат аз одамиён касеро наранчонем ва агар аз чинси паризодон яке аз одамиёнро ранчонанд ва касли мулки эшон кунанд, сурати ӯ бадал шавад. Ва аз он рӯз то ба имрӯз аз кавми паризодон ҳеч одамеро наранчонидаанд. Ва мардумозорй накардаанд, магар мани рондаи даргох, ки дар хотир овардам озори одамиёнро. Ин хол маро пеш омад. Эй шох, дар хузури ту ба сидки дил тавба созам, минбаъд инчунин хаёли фосидро дар хотир наёрам. Эй азиз, дуои хайр дар хаккн ман ва кавми ман намо, ки маро сурати аслй ва кавмро пару бол баркарор гардад.

Ҳотам аз чойи худ бархост ва гусл карда сар ба сачда гуфт: «Илохо, тавбаи ин бандагонатро ичобат фармо, то аз даргохи Ту ноумед нараванд.» Дархол дуои Ҳотам макбул шуда он паризод ба сурати аслии худ омада хама кавми ӯро пару бол баромад. Алкисса паризод гуфт:

– Эй шох, маро рост бигӯ, ки касди кучо дорй?

Ҳотам гуфт:

– Эй парй, мехохам ба чазираи Барзах биравам.

Ва он сурати дурр, ки аз нукра сохта бо худ оварда буд, ба Афросиёх нишон дод.

Афросиёх гуфт:

– Монанди ин дурр дар ҷазираи Барзах ба дасти Мехёри Сулаймон аст, аммо шарте дар миён оварда, ки ҳар кас ибтидо ва замони пайдо шудани он дурро гӯяд, он дурро маа духтари худ ба он шахс бидиҳад. Ту дар он ҷо чӣ гуна хоҳӣ расид, дар роҳи ӯ балову офат бисёр аст ва инсоне нест, ки дар он ҷо ба саломат бирасад.

Ҳотам гуфт:

– Ҳар чӣ бодо бод, ихтиёри рафтани он ҷоро ҷазм кардам.

Афросиёб боз гуфт:

– Эй Ҳотам, дар роҳи ӯ девони одамхор бисёранд.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, Парвардигор нигоҳбони ман аст.

Шоҳи париён гуфт:

– Эй Ҳотам, хотир ҷамъ дор, ҷанде аз навкарони худро фармоям, туро ба ҷазираи Барзах раҳбарӣ намоянд.

Ин гуфта рӯ ба мулозимони худ карда гуфт:

– Эй қавм, ба шарофати ин ҷавон аз балои азим начот ёфтед ва ин ҷавонро кори мушкиле пеш омада, шумоёнро лозим аст, ки аз барои ин ҷавон ҷони худҳоро фидо намоед.

Парисодон гуфтанд:

– Эй шоҳ, фармонбардорем, аммо матлаби ин ҷавонро бигӯед, то маълуми моён шавад.

Шоҳ гуфт:

– Ин ҷавон иродае ба ҷониби ҷазираи Барзах дорад.

– Эй шоҳ, ба ҷазираи Барзах расидани моён аз ҳар чӣ мушкилтар аст, – гӯён парисодон сар фурӯ бурданд. Баъд аз соате сар боло карда гуфтанд:

– Эй шоҳ, агар худи шумо ба моён ирода намоед, бо девон ҷанг воқеъ шавад, ҳамаи моён ҷонбозӣ карда дар зери қадами шумо ҷон хоҳем дод. Лекин дар ин роҳ бе шумо ҳеч коре натавонем кард.

Шоҳ гуфт:

– Некӯ бошад. Аммо дар ин муддати мадид салтанату шоҳӣ барҳам хӯрда, маро рафтан осон нест. Шумоён бо ин ҷавон ҳамроҳ равед, агар дар роҳ бо девон ҷанг воқеъ шавад, ба ин ҷониб қосид фиристонед, албатта худро ба шумоён хоҳам расонид.

Дарсоат подшоҳ хазинадоронро фармуд, ки курсии зарандуде биёред. Мулозимон курсии зарандуде оварданд. Шоҳ фармуд, ки Ҳотамро бар болои курсии зарин нишонида чаҳор парисод курсиро дам ба дам бар ҳаво баранд.

Алқисса, чаҳор парисод курсиро бардошта ба рӯи осмон равона шуданд. Баъд аз чаҳор шабонарӯз курсиро дар чое фуруд оварданд, ки дар он маҳал деве буд. Парисодон аз он дев воқиф набуданд. Парисодон бо якдигар гуфтанд, ки:

– Муддати чаҳор шабонарӯз аст, ки чизе нахӯрдаем. Бояд, ки дар ин маҳал муддате ором гирифта чизе бихӯрем.

Ҳотам гуфт:

– Бехтар бошад.

Чанде аз эшон дар пеши Ҳотам нишаста дигарон барои хӯрданӣ рафтанд. Чанде аз девон ба шикор баромада буданд. Ногоҳ гузори эшон ба сарвакти Ҳотам афтод. Диданд, ки одамизоде бо як парӣ бар болои курсие нишастааст. Дарҳол ҳамаи он девон гирдогирди курсиро гирифта гавгое барпо карданд, ки дар ин мақом одамизод пайдо шудааст. Паризодон хостанд, ки Ҳотамро монда бигрезанд, роҳи гурез наёфта ба ҷанг пайвастанд. Чанде аз девонро кушта билохир ба дасти девон асир гаштанд. Дарзамон девон курсии Ҳотамро бардошта ба макони худҳо бурданд ва аз паризодон пурсиданд, ки:

– Ин одамизодро ба кучо мебаред?

Паризодон гуфтанд, ки:

– Эй девон, ин одамизод дӯсти Афросиёҳ аст, албатта инро маёзорад, ки ба балои бад гирифтор хоҳад шуд.

Девон гуфтанд:

– Афросиёҳ чанд вакт аст, ки аз миёни кавми худ гоиб шудааст.

Девон кавли паризодонро кабул накарда ҳамаи эшонро дар кайд кашиданд ва гуфтанд:

– Баъд аз хӯрдани таом ин одамизодро хохем хӯрд.

Он паризодон, ки барои хӯрданӣ рафта буданд, омада диданд, ки чанде аз девон Ҳотамро маа посбонон рабудаанд, бо якдигар гуфтанд, ки:

– Ба зудӣ ин корро ба таҳқиқ расонида, Афросиёҳро огоҳ гардонем.

Билохир наздики мурдани девон омада таҳқиқ карданд, як деверо чон дар рамақ монда. Дар гулӯи ӯ об чаконида буданд, ки ба худ омад. Аз вай пурсиданд:

– Ту кистӣ ва дар ин мақом чӣ ҳодиса шуд?

Дев гуфт:

– Эй париён, ман аз мулозимони Мақрасиёҳи девам. Чанде аз девон ба шикор баромада будем. Ногоҳ дар ин ҷо расидем, ки як одамизоде маа чанд паризод нишастааст. Қасди гирифтани эшон намуда будем, он паризодон бо моён дар ҷанг шуда чанде аз девонро ба катл расониданд. Билохир девон эшонро дар кайд кашида бурданд.

Дарҳол паризодон он деви захмдорро бардошта дар ду шабонарӯз ба дари боргоҳи Афросиёҳ расиданд ва фарёд кашиданд.

Шоҳ дид, ки чанде аз париён омала ба дари боргоҳ фарёд баровардаанд, фармуд, ки андарун биёред. Ҳочибон рафта эшонро дар пеши Афросиёҳ оварданд.

Шоҳ пурсид, ки:

– Шумоёнро чӣ зулм расида?

Паризодон он деви захминро манзури шоҳ карданд. Шоҳро газаб муставлӣ шуда фармуд, ки вазирон лашкар ороста гардонанд.

Дарҳол вазирон лашкари бисёре ороста гардониданд. Алассабоҳ шоҳ бо сӣ ҳазор лашкар савор шуда, баъд аз се рӯз дар он макон расид. Ҷосусонро фармуд, ки:

– Рафта аз девони нобакор хабар биёред.

Ҷосусон рафта хабар оварданд ва гуфтанд:

– Эй шоҳ, Макраси дев бо мулозимони худ дар шикор аст.

Афросиёб фармуд, ки:

– Эй мулозимон, сӣ ҳазор лашкар ба якбора маркаб барангезед, қасам ба номи меҳтар Сулаймон медиҳам, ки ба девон раҳм накунед ва илло пӯст аз косаҳонаи шумоён хоҳам кашид!

Аз ин фармони шоҳ дар ситез шуда, сӣ ҳазор лашкар якбора ҳудҳоро дар хайли девон зада дар кашокашӣ афтоданд. Девон саросема шуда, сарукори ҳудҳоро гум карда буданд. Паризодон чунон ба ҷанги девон пайвастанд, ки ҳамаи аҳли олам офаринҳо мекарданд. Сар чун гӯйе, даст чун чавгон дар маъракаи майдон аз зарби теғи диловарон раккунон афтодан гирифт. Охируламр девонро муҳаззим карда[1], баъзеро баста ба хизмати шоҳ оварданд. Дарҳол шоҳ фармуд, ки:

– Ҳамаи бандиёнро қатл намоед.

Худи Макрасро дар назди худ талабида гуфт:

– Эй малъун, намедонистӣ, ки Афрос зинда аст, ба мулозимонаш чӣ гуна озор расонам, ки ӯ маро касос карда интиқом хоҳад гирифт? Акнун бигӯ, ки одамизодро чӣ кардӣ?

Дев гуфт:

– Эй шоҳ, ҳамон замон ӯро хӯрда будам.

Афросиёб гуфт:

– Эй малъун, шумоён дар назди меҳтар Сулаймон аҳд накарда будед, ки то қиёмат ба ҷинси одамӣ зарар нарасонем ва аз ҷинси одамӣ ҳеч нахӯрем?

Дев гуфт:

– Сулаймон пайғамбар дар кучост, аз уммати ӯ ҳеч касе дар олам нест, ки моро сазо бидиҳад.

Афросиёб гуфт:

– Эй паризодон, ҳамаи бисёре ҷамъ карда ва ин малъунро дар оташ бисӯзонед. Паризодон дарҳол ҳамаи бисёре ҷамъ карда ва Макрасро дар миёни хирмани ҳезум гузошта аз чаҳор тараф оташ афрӯхтанд. Макраси дев дид, ки дар миёни хирмани оташ хоҳад сӯхт, дарзамон гуфт, ки:

– Эй паризодон, агар одамизодро бо он париён ҳозир гардонам, маро хоҳед гузошт?

Мулозимон чи каломи девро ба Афросиёб расониданд.

Шоҳ гуфт:

– Эй Макрас, мову ту аз як ҷинсем. Агар одамизодро бо он париён оварда бидиҳӣ, дар миёна ҳеч адовате наҳоҳад монд ва туро аз ин нори сӯзон наҷот хоҳем дод.

Макрас гуфт:

– Эй шоҳ, агар ба номи меҳтари Сулаймон қасам дар миён орӣ.

Афросиёб гуфт:

– Албатта!

Алкисса, Макрас гуфт:

---

[1] Яъне: гурезонда, мағлуб карда.

– Одамизод бо он паризодон дар фалон чох махбусанд.

Дархол паризодон рафта Хотамро бо он париён аз чох берун карда дар назди шох оварданд.

Афросиёб Хотамро дар канор гирифта навозишхо бинамуд ва бар болои тахти худ нишонда гуфт:

– Эй бародар, пештар туро маълум намуда будам. Дар ин рох девони одамхор бисёранд.

Хотам гуфт:

– Эй шох, фарманди одам сарнавишти Худо хохад дид.

Баъд аз он Афросиёб гуфт:

– Эй мулозимон, Макраси девро дар миёни анбори хема гузошта оташ дихед, ки ӯро рахо кардан аз хикмат нест ва ӯ мӯчиби озори ахли олам аст ва девони дигарро танбеху ибрат хохад шуд ва ишон ахди мехтар Сулаймонро нахоханд шикаст.

Макрас гуфт:

– Эй шохи паризодон, ахди мехтар Сулаймон дар миён овардй ва ахди худро кучо кардй?

Афросиёб гуфт:

– Эй нодон, ту дар хузури мехтар Сулаймон ахду паймон баста ва он ахдро кучо фиристодй ва ба забони худ икрор намудй, ки одамизодро хӯрдаам. Алхол бо зӯрии чӯбу оташ икрор намудй ва дар ботини худ нигох доштй ва ман низ нуксони ахд кардам, ки ту барин нобакори мардумозорро гузоштан ва амон додан айни хатост.

Ин гуфта фармуд, ки:

– Эй мулозимон, Макрасро маа навкарони ӯ дар миёни анбори хема гузошта оташ дихед.

Мулозимон дархол хамчунон карданд ва Макрасшох маа навкарон дар миёни хирмани оташ фарёдкунон чон ба молики дӯзах супориданд.

Баъд аз он Афросиёб мамлакати девонро ба яке аз париён тафвиз намуда[1] гуфт:

– Аз ин мулки девон бохабар бошй.

Афросиёб рӯ ба Хотам оварда гуфт:

– Эй Хотам, туро мурод чист?

Хотам гуфт:

– Эй шох, ба чониби чазираи Барзах хохам рафт.

Афросиёб ба чониби паризодон нигох карда гуфт, ки:

– Эй париён, миёни шумо кухансоле бошад, ки ин чавонро ба чазираи Барзах расонад?

Чахор паризод аз чойи худхо бархоста гуфтанд, ки:

– Агар илтифоти шохи олампанох шавад, ин хизматро моён ба чой хохем овард.

Афросиёб, «хуб аст» гуфта Хотамро бо он паризодон рухсат намуд ва он

[1] Тафвиз – супурдан, додан.

паризодон Ҳотамро бар болои курсие нишонида, бар рӯи ҳаво дар парвоз даромаданд.

Алғараз, ба-д-ин тартиб бисту як рӯз роҳ рафтанд. Баъд аз он бар болои кӯҳе фуруд омада диданд, ки як паризоди соҳибҷамол нишаста ва нолаву зорӣ мекунад. Овози гиряи ӯ ба гӯши Ҳотам расид.

Ҳотам гуфт:

– Эй париён, ин овози кист, ки дар ин маком нолаву зорӣ мекунад.

Париён гуфтанд:

– Моёнро аз ҳоли ӯ огоҳӣ нест.

Дарзамон Ҳотам аз ҷойи худ бархоста дар пайи он овоз равона шуд. Дар чое расида дид, ки ҷавони хубрӯе сар ба зону ниҳода нолаву зорӣ мекунад.

Ҳотам гуфт:

– Эй ҷавон, туро чӣ зулм расида, ки ин ҳама нолаву зорӣ мекунӣ?

Паризод сар аз зону бардошта дид, ки одамизоде ба сарвакти ӯ омада.

Гуфт:

– Эй ҷавон, чаро дар ин маконҳо омадай ва туро дар ин ҳад кӣ овард?

Ҳотам гуфт:

– Маро дар ин маконҳо Худои таоло овард.

Паризод гуфт:

– Бесабаб нахоҳад буд, бигӯ, ки мӯҷиби омадани ту дар ин ҷо чист?

Ҳотам гуфт:

– Эй паризод, ман барои дурри мурғобӣ омадаам ва он дурр дар назди подшоҳи ҷазираи Барзах будааст.

Паризод гуфт:

– Эй одамизод, ба даст овардани он дурр маҳол аст, чаро ки подшоҳи он ҷазира замони пайдо шудани он дурро савол мекунад. Дар ин олам ҳеч маҳлуке нест, ки замони пайдо шудани он дурро донад ва саволи подшоҳи ҷазираро ҷавоб гӯяд. Маро, ки мебинӣ, аз ҷинси паризодон, подшоҳзодаи ҷазираи Тумонам, аз тамомии олам хабар дорам, саволи подшоҳи он ҷазираро ҷавоб натавонистам гуфтан. Ту чӣ гуна ӯро ҷавоб мегуфта бошӣ?

Ҳотам гуфт:

– Эй паризод, бигӯ, ки туро чӣ алам расида, ки дар ин кӯҳ нолаву зорӣ мекунӣ?

Паризод гуфт:

– Эй ҷавони одамизод, ман ба духтари подшоҳи ҷазираи Барзах ошику мубтало шуда, аз фироқи ӯ нолаву зорӣ мекунам ва номи падари ман Шоҳмеҳр аст ва номи ман шаҳзода Меҳровар аст. Рӯзе дар маҷлиси умаро нишаста будам, баъзе аз эшон забон дар авсофи духтари шоҳи ҷазираи Барзах кушоданд, он ҳама тавсиф карданд, ки ғоибона ошиқи ҷамоли бокамоли ӯ гаштам. Алғараз, ирода ба ҷониби ҷазираи Барзах оварда, ба дари боргоҳи шоҳи он ҷазира расида, духтари ӯро хостам. Шоҳи ҷазира маро бар болои нимтахт нишонида, дар пеши ман дурреро биниҳод ва гуфт:

– Эй шоҳзода Меҳровар, замони пайдо шудани ин дурро бигӯ, ки ин дурр дар кадом дарё ва дар кадом замон пайдо шудааст?

Ман замони пайдо шудани он дурро намедонистам ва аз кайфияти он дурр огоҳ набудам, балки бузургони ман ҳам намедонистанд ва аз ҷавоби саволи шоҳи он ҷазира очиз омадам. Дарҳамон фармуд, мулозимони ӯ маро аз он мачлис дур карданд. Ҳангоме ки аз дари боргоҳи шоҳ берун шудам, дидам, ки он духтар бар болои қасри худ баромада оламро тамошо мекунад ва ин чашмони хунреи ман ба рӯи дилсӯзу ошиқкуши ӯ афтод ва новаки дилсӯзи ӯ бар ҷигарам халида мурдавор беҳуш афтодам. Баъд аз дере ба ҳуш омада дидам, ки он оламсӯзи фитнаангез худро дар паси парда кашидааст. Ночор аз он ҷо бархоста ва ин чониб омадам. Муддатест, ки дар ин мақом нолаву зорӣ мекунам, ки:

Ё чон расад бо чонон, ё чон зи тан барояд.

Ҳотам гуфт:

Эй чавон, хотири худро чамъ дор, иншоаллоҳ замони пайдо шудан ва кайфияти он дурро гуфта духтари шоҳи ҷазираро ба ту гирифта хоҳам дод.

Паризод хандида гуфт:

– Эй одамизод, чӣ мегӯй? Магар кӯдакам, ки маро бозӣ медорӣ.

Ҳотам гуфт:

– Эй паризод, ман кайфияту замони пайдо шудани он дурро бехтар медонам. Агар бо ман ҳамроҳ равӣ, хоҳӣ шунид. – Боз гуфт:

– Эй шоҳзода, он дурр аз батни садаф аст[1], балки байзаи мургобист ва он ҷазира аввал мақоми одамиён буд. Алҳол макони паризодон шуда. Эй паризод, бархез, бо ман рафокат намо, то туро ба матлаб расонам.

Парисэд андак нишоне шунида буд ва дар қадами Ҳотам афтод. Ҳотам рӯ ба чониби паризодон карда гуфт:

– Шумоёнро қуввати он хаст, ки хардуи моёнро бардоред?

Паризодон гуфтанд:

– Оре.

Билохир, Ҳотамро маа шаҳзода Меҳровар бар болои курсӣ нишонида, курсиро бардошта мерафтанд. Дар миёни роҳ мақоми девои буд. Дар димоғи эшон бӯи Ҳотам расида, сарҳанги[2] девон гуфт:

– Париён бар болои курсӣ шахсеро ниҳода мебаранд. Бояд, ки ҳамаи онҳоро гирифта дар назди ман биёред.

Дарҳамон девон рафта париёнро бо ҳамроҳии Ҳотам гирифта дар назди сарҳанг оварданд. Манколи дев дид, ки Ҳотам бо ҳамроҳии як парисод бар болои курсӣ нишастааст ва чаҳор парисоди дигар ҳаммолони он курсӣ. Пурсид, ки:

– Эй париён, рост гӯед, аз кучо омадед ва ин одамизодро ба кучо мебаред?

Париён гуфтанд:

– Эй Манкол, моён мулозимони Афросшоҳем.

Дев гуфт:

– Муддати мадид аст, ки Афросшоҳ аз миёни кавми худ гоиб гашта, парҳои кавми ӯ рехта буд.

---

[1] Яъне: аз садаф набаромадааст.

[2] Сарҳанг – сардашкар.

Париён гуфтанд:

– Моён аз қавми ӯем ва аз баракати дуои ин одамизод ба сурати аслӣ омадаем.

Манкол боз гуфт:

– Ин одамизодро кучо мебаред?

Париён гуфтанд:

– Ба қазираи Барзах мебарем.

Дев боз гуфт:

– Ин паризодро ном чист?

Шаҳзода гуфт:

– Эй дев, маро намешиносй ва фаромӯш кардай? Ман шаҳзода Меҳровар, подшоҳзодаи қазираи Тумонам.

Дев гуфт:

– Эй шаҳзода, ту ба ватани худ бирав, ин одамизодро хоҳам хӯрд.

Шаҳзода гуфт:

– Эй Манкол, гуфтаи мехтар Сулаймонро фаромӯш кардай ва мардумозорй дар хотир овардй?

Дев гуфт:

– Мехтар Сулаймон дар кучост? Ин одамизодро ҳаргиз магзорам, ки аз ин чо равад ва даҳони худро ба гӯшти ин намакин хоҳам кард.

Шаҳзода дид, ки дев пурчаҳл аст, гуфт:

– Эй Манкол, ба хӯрдани як одамӣ туро чӣ ҳосил ояд. Ба ивази ӯ туро дах одамизод оварда бидиҳам.

Дев гуфт:

– Хуб аст, гуфтаи туро қабул намудам.

Шаҳзода гуфт:

– Эй Манкол, боял, ки ин одамизодро ба чое нигоҳ дорй ва озор нарасонй, ки он дӯсти чони ман аст. Зуд рафта ивази инро хоҳам овард.

Манкол гуфт:

– Бидав ва ин одамиро дар чойи худ бигзор.

Дар макони девон чаҳорбоғе буд. Шаҳзода гуфт:

– Маро ин чаҳорбоғи ту хуш омадааст, ин дӯсти худро дар он чаҳорбоғ хоҳам гузошт.

Дев гуфт:

– Некӯ бошад.

Алқисса, Ҳотамро бо чанде аз девони посбон дар он чаҳорбоғ гузошта худ бо рафикон берун шуд ва парвозкунон ба сӯи ҳаво мерафт. Баъд аз соате ба чое фуруд омада, бо рафиқони худ машварат кард, ки:

– Агар ба вилоят равам ва лашкар биёрам, дер хохад шуд. Бехтар аст, ки мунтазир бошем ва нигаҳбононро ғофил ёфта, Ҳотамро аз ин макон берун орем. То ба вакти дамидани субҳ чанд фарсанг роҳ хохем рафт. Ин маслиҳат ба рафикон нек афтод ва гирдогирди он боғро гашта мепоиданд ва нигаҳбононро ҳеч хатар дар хотир набуд, ки париён Ҳотамро дуздида мебурда бошанд. Аксари эшон дар шикор, баъзеи эшон дар хоб, баъзеи онҳо гурғу хукро

сайд карда, дар гирди он боғ пухта ба хӯрдани гӯшту кабоб машғул буданд. Ба ҳадде, ки аз гӯшти гургу хук хӯрдан эшонро хоб голиб омада, ҳамчун мурда бар замин галтидан гирифтанд.

Парион вакти худро ганимат ёфта, Хотамро аз он боғ гирифта дар хаво шуданд.

Хотам гуфт:

– Эй парион, агар девон хабардор шаванд, чй бояд кард?

Парион гуфтанд:

– Эй Хотам, вакте ки мо дар хаво шавем, девон асари моёнро нахоҳанд дид. Чй чойи он ки девон аз пайи моён бирасанд.

Паризодон Хотамро бар болои курсй нишонида дар хаво шуданд. То ба вакти баромадани офтоб сад фарсанг роҳ рафтанд. Девон хабардор нашуданд, ки одамизодро паризодон бурдаанд. Девон богро нигаҳбонй менамуданд, паризодон курсии Хотамро бардошта роҳ тай менамуданд. Рӯзона дар чойҳои бехавф фуруд омада осоиш намуда обу таом мехӯрданд.

Инхоро дар рафтан гузошта чанд калима аз девон шунавем.

Манкол чун дид, ки мӯҳлати ваъда ба охир расиду шаҳзода наомад, ба мулозимон фармон дод, ки:

– Рафта одамизодро биёред, имрӯз нӯши чон хоҳам намуд.

Чанде аз мулозимони ӯ рафта диданд, ки одамизодро аз он чо парион гирифта бурдаанд. Дарҳамон ба Манкол расониданд, ки:

– Эй шоҳ, одамизод аз он боғ гоиб шудааст.

Манкол ба посбонон газаб карда гуфт, ки одамизодро худи шумоён хӯрдаед.

Девон гуфтанд, ки эй шоҳ, моёнро аз одамизод хеч хабар нест.

Манкол гуфт, ки:

– Эй мулозимон, хамаи ин сагонро дар кайд кашед.

Дарҳол мулозимон чунин карданд. Харчанд ки посбонон касами мехтар Сулаймон дар миён оварданд, Манкол бовар накард.

Алкисса, паризодон ба машаккати бисёре Хотамро гирифта ба канори дарёи Қаҳрамон расиданд. Яке аз мулозимони Манкол ба канори дарёи Манкол рафта буд, дид, ки паризодон одамизодро гирифта ба канори дарёи Қаҳрамон расиданд. Хост, ки Хотамро гирифта ба хаво шавад. Шаҳзода Мехровар аз ин ҳол огоҳ шуда теге аз наём бароварда ба дасти он дев чунон зад, ки аз китфи он калам шуда бар замин афтод ва дев мегуфт:

Аз барои як одамизод аз дасти худ чудо шудам ва девони ин чазираро хабар расонида мегӯям, ки парион одамизодро гирифта гурехта мераванд.

Шаҳзода гуфт:

– Эй дев, ту аз кадом пардай?

Дев гуфт:

– Аз пардаи Манкол.

Шаҳзода гуфт:

– Эй дев, рафта ба Манкол бигӯ, ки одамро ман овардам. Боз хавои одамхорй дар сар дошта бошад, пардаи ӯро тороҷ намуда, ба хеки сиёҳ яксон хоҳам кард. Чунонки Афросиёб дар хаккаи Макраси дев кард, ман низ хамон

кунам. Дев ин ҳама суханҳоро шунида ва дасти худро бой дода, дар ҳаво шуд. Паризодон низ аз он ҷо парвоз карда, ба ҷое расида Ҳотамро дар он ҷо гузоштанд ва гуфтанд:

Эй бузург, аз ин пеш рафтан моёнро ҳад нест. Бояд, ки аз ин ҷо моёнро рухсат фармуда худ биравӣ.

Ҳотам париёнро рухсат намуда буд, ки шаҳзода Меҳровар гуфт:

– Эй Ҳотам, ман дар ин рох бо ту ҳамроҳӣ хоҳам намуд. Ҳар чӣ туро пеш ояд, маро низ ҳамон шояд.

Ҳотам гуфт:

– Эй бародар, раво надорам, ки аз чиҳати ман ба ту ранҷе бирасад. Аммо медониста бошӣ, ки аз ин рох чӣ гуна гузашта мешавад?

Шаҳзода гуфт:

– Эй азиз, ғайр аз дев касеро ҳадди он нест, ки аз ин дашт бигзарад ва агар паризодонро аз ин дашт гузар афтад, девони ин биёбон эшонро барахнаву луч месозанд. Агар мард аст, мекушанд, агар зан аст, улфату рағбат мекунанд, паризод аз бӯи бади эшон ҷон медиҳад. Дар замони пеш як маротиб паризодон бо лашкари бекарон омада порае аз девони ин даштро ба қатл оварданд ва худҳои эшон кушта шуданд. Боз паризодон сулҳ дар миён оварданд ва гуфтанд, ки минбаъд якдигарро наранҷонем ва одамизоде, ки дар ин маконҳо ояд, зинда нагзорем.

– Боз гуфт:

– Эй Ҳотам, девони ин макон инчунин ҳаромзодагӣ дар хотир доранд.

Ҳотам гуфт:

– Эй шаҳзода, агар ба сурати деве шавам, аз ин биёбон саломат хоҳам гузашт ё не?

Шаҳзода гуфт:

– Саломат хоҳӣ гузашт.

Ҳотам парҳои сурхи ҷонваронро дар оташ сӯзонида хокистари онро дар об андохта, ба бадани худ молида буд, ки дарзамон омосе дар бадани ӯ пайдо шуда ҳамчун ангишт сиёҳ гашт. Баъд аз соате ғел зада ба сурати нарадеве шуда аз ду тарафи сараш ҳамчун манорае ду шохи пуртумтароқе баровард.

Шаҳзодаро дар дил ҳаросе афтод ва гуфт: «Ачаб одамизодест, ки агар хоҳад тамомии девони кӯҳи Қофро пора-пора гардонад ва бо ин сурат дар назди меҳтари Сулаймон равад, духтари худро бе саволу ҷавоб хоҳад дод.»

Алқисса, Ҳотам чанд қадам рох рафта буд, ки ҳаман дарандагону хазандагон ва паррандагон Ҳотамро дида дар гурез шуданд.

Шаҳзода Меҳровар гуфт:

– Эй бародар, инчунин парҳои бахосияти ҷонваронро аз кучо ёфтӣ ва боз ба сурати аслӣ чӣ гуна хоҳӣ шуд?

Ҳотам гуфт:

– Эй шаҳзода, ин ҳама парҳо пари он мургон аст, ки байзаи эшон дурр шуда, ба дасти Меҳёри Сулаймон ва малика Ҳуснбону афтода – ва ҳамаи ҳикояти худро ба шаҳзода баён намуд.

Шаҳзода гуфт:

– Эй Ҳотам, офарин бод! Ин ҳама корҳо, ки дар арсаи офоқ ту кардай, умед аст, ки кори маро низ ба субут расонй.

Аммо Ҳотам ҳақиқати пайдо шудани он дурро ба шаҳзода нагуфт, ки «мабодо пештар рафта кори худро ба итмом расонад ва ман аз пайдо кардани он дурр маҳрум бимонам ва ин ҳама меҳнатҳои ман зоеъ шаванд.»

Алқисса, рӯ ба роҳ ниҳода равона шуд. Шаҳзода низ дар миёни замину осмон дар парвоз буд. Тамомии чондорони он биёбон сурати Ҳотамро дида мегурехтанд ва девонро низ ҳарос дар дил афтода музоҳим намешуданд. Шаҳзода Меҳровар бар болои сари Ҳотам ҳамчун уқоби темпар мерафт. Ҳангоми шаб дар як чо мебуданд. Чун рӯз шавад, дар баробари якдигар роҳ мерафтанд. Алқисса, чанд рӯз бо ин тартиб роҳ гашта мондагй ғолиб омада дар ҳоби фарогат фурӯ монданд.

Ногоҳ аз девон яке бар сари эшон даргузар шуда дид, ки ду кас хобидаанд. Бо худ гуфт, ки: «Ҳар дуи инҳоро гирифта дар пеши шоҳ барам.» Деви дигаре он чо расид ва гуфт:

– Эй бародар, туро чй зарар расида, ки инҳоро озор медиҳй. Инҳо низ аз кавми моёнанд. Хоҳ дев бошаду хоҳ парй бошад, шояд, ки аз барои эҳтиёче дар ин мақом омада бошанд.

Шаҳзода бедор шуду гутугўи девонро шунид. Яке аз девон гуфт:

– Бедор карда пурсем, ки эшон аз кадом парда бошанд?

Дигаре гуфт:

– Туро бо пардаи эшон чй кор?

Он дев гуфт:

– Магар туро тарс аз Сулуксар нест, ки ин ҳама мучодала мекунй. Яке аз девон гўяд, ки дар фалон сахро як дев бо як парй хобида буд, фалон-фалон девон дар назди эшон рафта буданд. Он вақт чй ҷавоб хоҳй гуфт ва ҳоли моён дар он вақт чй хоҳад шуд?

Алқисса, девон ҳардуи онҳоро бедор карда буданд, ки Ҳотам аз чойи худ барҳоста ба забони девон бо онҳо такаллум кард ва гуфт:

– Эй девон, аз роҳи дур омада дар ин мақом хобидаам ва боиси бедор кардани шумоён чист?

Девон гуфтанд:

– Ту аз кадом пардай?

Ҳотам гуфт:

– Шумоён нашунидаед, ки Афросиёби паризод пайдо шуда Макрасро маа кавму кабоили ӯ дар оташ андохта сӯзонд ва мақону мамлакати ӯро дар тасарруфи худ дароварда, яке аз мулозимонро дар он чо гузоштааст.

Девон гуфтанд:

– Сабаби аловати ӯ кадом аст?

Ҳотам гуфт:

– Ба хотири як одамизод ин ҳама корҳо кардааст. – Боз гуфт:

– Эй девон, мулозимони Афросиёб одамизодеро ба курсй нишонида ба ин кад оварданд ва худи он мулозимон гашта рафтаанд. Шумоён он одамизодро ба хизмати шоҳ ёфта баред, мукарраби боргоҳи ӯ хоҳед шуд. Мани бечора

аз тарси ҷони худ гурехта дар ин ҷо омадаам. Шумоёнро бо ман чӣ кор, душмани худҳоро бичӯед.

Девон гуфтанд:

– Шумоён ором бошед, акнун моён аз пайи он одамизод хоҳем рафт.

Шаҳзода гуфт:

– Бархез, аз ин беша берун шавем.

Посе аз шаб монда буд, ки ҳарду аз он беша баромада равон шуданд. Рӯз рох рафта шаб меосуданд.

Алкисса, баъд аз се шабонарӯз бар лаби дарёе расиданд. Шаҳзода гуфт:

– Эй Ҳотам, дарёи Қаҳрамон ҳамин аст.

Ҳотам аз ҷӯшу хурӯши он дарё мутаҳайир шуд. Овози гурриши ӯ бар фалак печида, ҳамаи дашту биёбонро фурӯ гирифта буд.

Ҳотам гуфт:

– Эй шаҳзода, аз ин чӣ гуна хоҳем гузашт?

– Мурғро маҷоли гузаштан аз ин дарё нест, чаро ки аз ин ҳад то ба он ҳадди дарё ҳафтрӯза рох ҳаст.

Ҳотам гуфт:

– Ба ҷазираи Барзах расидан зиёда мушкил будааст.

Шаҳзода гуфт:

– Эй бародар, чанд рӯзе дар ин ҷо қарор гирӣ, илоҷи гузаштан аз ин дарё хоҳам намуд.

Ҳотам гуфт:

– Некӯ бошад.

Боз шаҳзода гуфт:

– Эй бародар, дар ин миён ҷазираест ва подшоҳи ӯро ном Шаҳмон аст ва ӯ аспоне дорад, ки дар ҷойи дигар пайдо намешавад. Ман рафта ду асп аз ӯ хоҳам овард.

Ҳотам гуфт:

– Некӯ бошад.

Дарзамон шаҳзода ба ҷониби шоҳ Шаҳмон равона шуд. Баъд аз як рӯз расида аз дари боргоҳи Шаҳмон дохил шуда бо шоҳ мулоқот кард.

Шоҳ гуфт:

– Эй шаҳзода, мӯҷиби омадани ту дар ин диёр чист?

Шаҳзода гуфт:

– Эй шоҳ, маро ду аспи тезпар даркор шудааст, агар марҳамат намоед, айни лутф хоҳад шуд.

Шоҳ гуфт:

– Падарро аз ин аҳволи ту хабар набуд, ки дар ин мақом танҳо омадӣ?

Шаҳзода гуфт:

– Чунин аст.

Шаҳзода боз гуфт:

– Эй шоҳ, ду аспи тезпар бидиҳед, ки дар тамомии умр дар таҳти эҳсони шумо бошам ва ҳар хидмате, ки фармоед таксир нанмоям.

Шаҳмон гуфт:

– Эй мулозимон, ду аспи тезпар бароварда ба шаҳзода бидиҳед.

Дарҳол мулозимон чунон карданд.

Дар ҳини бозгашт шоҳ аз ҷойи худ барҳост ва шаҳзодаро дар канор гирифта гуфт:

– Эй фарзанд, агар ҳазор асп гӯй, аз ту дареғ нахоҳам кард, ки ту бародарзодаи мо будай.

Алқисса, шаҳзодаро рухсат фармуда гуфт:

– Эй шаҳзода, меҳоҳам, ки чанде аз паризодонро бо ту ҳамроҳ намоям.

Шаҳзода гуфт:

– Эй шоҳ, ҳамроҳи кобиле дорам, маро дигар ҳамроҳе лозим нест.

Ва аз боргоҳи шоҳ баромада рӯ ба роҳ ниҳод. Муддате дар миёнаи замину осмон парвоз карда дар пеши Ҳотам расид.

Алқисса, дар болои аспон савор шуда, яке тозиёна бар сағрии оҳу кашиданд.

Ҳотам гуфт:

– Эй шаҳзода, магар ин аспон бар ҳаво мепаранд?

Шаҳзода гуфт:

– Оре, эй Ҳотам, лачоми таковари худро баланд дорй, ки болҳои худро кушода дар ҳаво ҳоҳад шуд.

Ҳотам ҳамчунон кард, дид, ки аспон болҳои худро кушода ҳамчун мурғи тезпар бар рӯи само мерафтанд. Муддати чаҳор шабонарӯз аспон дар миёни замину осмон дар парвоз буданд.

Ҳотам гуфт:

– Эй шаҳзода, маро ташнагй ва гуруснагй голиб омада, инро илоҷ чист?

Дарҳол шаҳзода аз бағали худ чанд меваи ширин ҳамчун асал бароварда ба дасти Ҳотам дода гуфт:

– Инҳо ташнагиву гуруснагии шуморо хоҳанд шикаст.

Ҳотам гуфт:

– Эй шаҳзода, ин меваҳоро аз кучо овардй?

Шаҳзода гуфт:

– Аз пардаи Шаҳмон овардам.

Алқисса, баъд аз чанд рӯз аз он дарёи пуршӯр гузаштанд.

Шаҳзода гуфт:

– Эй бародар, аспҳо сусттар гузоред, майл ба пастй намоянд.

Ҳотам гуфт:

– Эй шаҳзода, ман шунидаам, ки ҷазираи Барҳаҳ дар миёни дарёст.

Шаҳзода гуфт:

Ибтидои ин ҷазира аз ҳамин ҷост, ки ману ту нишастаем. Гумон набарй, ки аз дарёи Қаҳрамон гузаштаем. Ин канори дуюми он нест, балки ин ҳам аз ҷазираи мулҳақаи Барҳаҳ. Ҳамчунин бисёр ҷазоир ба он мулҳақанд.

Ҳотам гуфт:

– Эй шаҳзода, ин ҷо то ба ободй чй миқдор роҳ бошад?

Шаҳзода гуфт:

Баъд аз дах рӯз ҳоҳем расид – ва боз илова кард:

– Эй бародар, сухане дорам, мақбули шумо шавад ё не.

Ҳотам гуфт:

– Изҳори он лозим аст.

Шаҳзода гуфт:

– Рафта аз ҷазираи худ лашкар биёрам, то ин ки ба шаъну салтанат дохили ҷазираи Меҳёр Сулаймон шавем.

Ҳотам гуфт:

– Эй шаҳзода, магар шумо ба ҷанги Меҳёр меравед?

Шаҳзода гуфт:

Лашкар бо худ барои ҷангу қатл нест, балки мову ту танҳо равем, ба зудӣ дар мачлиси Меҳёр роҳ нахоҳем ёфт, чаро ки ӯ дар миёни пириён соҳиби шаъну таҷаммул аст ва ӯ подшоҳи азим аст. Ҳеч аҳадеро ҳадди он нест, ки хабари омадани мову шуморо ба ӯ расонад. Агар бо лашкар дохили шаҳри ӯ шавем, хабари моён ба зудӣ ба ӯ хоҳад расид.

Ҳотам гуфт:

– Эй шаҳзода, то чанд рӯз рафта хоҳӣ омад?

Шаҳзода гуфт:

– Ба як ҳафта меоям.

Ҳотам гуфт:

– Эй бародар, кайфияти ин беша ба шумо маълум аст, ки аҳволи ман дар ин ҷо чӣ хоҳад шуд?

Шаҳзода гуфт:

– Ин ҷазираро ҳеч офату бало нест, ки касе озор ёбад ва ин қавми пириён зараркунандаро дар ин ҷо намегузоранд.

Ин сухан гуфта ба ҷониби ҷазираи худ баромада рафт.

Алқисса, ба панҷ рӯз ба ҷазираи худ бирасид. Паризодон омада дар зери қадами шаҳзодаи худҳо афтоданд. Шӯру ғавғое дар он ҷазира пайдо шуда хабар ба падару модари шаҳзода расид. Шаҳзода дар шаҳри худ даромада, дар қадами падару модари худ афтода зор-зор мегирист. Падару модар шаҳзодаро дар оғӯш гирифта пурсиданд:

– Эй нури чашм, бо лашкари бекарон ба хизмати Меҳёр рафта боз аз лашкар ҷудо шуда, дар гӯшае ғоиб шудед ва тамомии лашкар дар талаби шумо хохону ҷӯён парешон ба атрофи олам гаштаанд.

Боз гуфтанд:

– Эй нури чашм, ин ҳама ташвишотро кашида, мақсуд ҳосил кардед ё не?

Шаҳзода сар таҳ карда гуфт:

– Эй падари бузургвор, гуфтаи шуморо гӯш накарда саргардону нолон мегаштам ва ҳеч бандаро инчунин рӯзи сахт пеш наёмада. Чун толеъ баланду бахт ёр будааст, бо мадади дуи шумоён Ҳотам ном одамизоде ба сарвақти ман расида, аҳду паймон бастааст ва мегӯяд, ки туро ба мурод расонида ҳамаи мушкилҳои туро осон хоҳам гардонид ва духтари Меҳёрро бе машаққат ба ту гирифта хоҳам дод.

Падару модари шаҳзода дар ҳанда шуда гуфтанд:

– Эй фарзанд, маълум мешавад, ки ту ҳанӯз ба дарачаи кӯдакӣ ҳастӣ.

Паризодони дино аз ӯҳдаи ҷавоби ӯ набаромаданд. Одамизоди бечора аз ӯҳдаи ҷавоби ӯ кай барояд ва ӯро чӣ гуна ҷавоб гӯяд. Туро ваъдаи хом кардаанд. Агар саволи Меҳёрро ҷавоб гӯяд, духтарро ба ту нахоҳад дод ва худи ӯ он духтарро дар ақд хоҳад дароварда ва ӯ аз роҳи дур ин ҳама ранҷҳо кашида омада, меҳнати худро зоеъ нахоҳад гардонид. Эй писар, хаёли фосидро аз сари худ дур кун.

Шаҳзода гуфт:

– Эй шоҳ, одамизоде, ки гуфтам, подшоҳзодаи Яман аст ва шоҳонро аз қавли худ гаштан мӯҷиби безътиборӣ хоҳад буд ва дигар ба навъе дидам, ки дар миёни инсон дар боби доной мисл надорад. Чунонки замони пайдо шудани он дурро аз забони мурғон шунида ва андаке бо ман изҳор намуд. Аз забони Меҳёри Сулаймон ҳар чизе, ки бишнида будам аз забони ин низ ҳамон тавр шунидам. Ба ин бовс маро бо ӯ эътиқод хаст. – Ва боз ибтидо намуд:

– Эй шоҳ, ӯ аҷаб одамизод, ки забони девону париён ва забони ҳамаи ҳайвонотро медонад.

Шоҳ гуфт:

– Одамизодро дар кучо гузоштӣ ва барои чӣ аз ӯ чудо шудӣ?

Шаҳзода гуфт:

– Эй падар, лашкари ин ҷазираро бо худ бурда, ба салтанат дохили ҷазираи Меҳёри Сулаймон шавам, аз ҳар чӣ маро беҳтар ва ҳубтар бошад ва одамизодро дар канори ҷазираи Қаҳрамон гузошта омадаам ва ӯ интизори ман аст.

Дарҳол шоҳ дувоздаҳ ҳазор лашкар ҷамъ карда, бо тачаммули бисёр фарзанди худро ба чониби ҷазираи Барзах роҳӣ гардонид.

Шоҳ гуфт:

– Эй фарзанд, ҳар гоҳ духтари Меҳёр муяссар шавад, моро хабар расонӣ, ки лавозимоти тӯйро саранҷом намуда низ хоҳем рафт.

Шаҳзода гуфт:

– Эй падар, албатта чунон хоҳам кард.

Шаҳзода бо падару модар видоъ карда, бо салтанати шоҳӣ баъд аз панҷ рӯз ба канори дарёи Қаҳрамон расида дид, ки Ҳотам дар чойи худ нест ва дар хотир оварда, ки гуфтаи падару модар рост буда, ки ваъдаи худро вафо нанамуд.

Дарҳамон фармуд, ки лашкариён ҳаман ҳаймаҳо ва боргоҳро дар он ҷо барпо гардонанд. Дар он вақт аз чойи худ бархоста дар боғ даромада ва мулозимони худро фармуд, ки одамизодро дарёбед.

Ҳаман паризодон атрофу чониби боғро мегаштанд. Ногоҳ яке аз париён ро назар ба Ҳотам афтод. Дид, ки Ҳотам сар ба зону ниҳода дар зери дарахте мутафаккир нишастааст.

Дарҳол давида омада гуфт:

– Эй шаҳзода, одамизод дар зери дарахте нишаста.

Дарҳамон шаҳзода аз чойи худ барчаста ба тарафи Ҳотам равона шуд. Наздик расида дид, ки Ҳотам сар ба зонуи тафаккур монда нишастааст. Меҳровар гуфт:

– Эй бародар, сар бардор, ки омадам.

Ҳотам аз чойи худ бархоста шаҳзодаро дар канор гирифт ва якдигарро пурсучӯ намуданд. Дарҳамон дар лашкаргоҳ омаданд.

Ҳотам дид, ки лашкари бисёре ва саропардаҳо барпо карда нишастаанд, гуфт:

– Эй шаҳзода, ин ҳама лашкар азони шумост?

Шаҳзода гуфт:

– Оре.

Ҳарду ба дари боргоҳ омаданд.

Ҳотам дид, ки ачаб боргоҳ ороста тахти мурассаъ дар миён ниҳодаанд. Ҳамаи онро аз тиллои аҳмар кардаанд.

Дархол шаҳзода дасти Ҳотамро гирифта бар болои он тахт нишонид ва худ низ дар паҳлуи Ҳотам карор гирифт.

Табболони[1] лашкарро фармуд, ҳамаи накораву таблҳоро дар навозиш даровардаанд, наздик буд, ки гӯши гардун ва шерозаи фалак пора-пора гардад. Чандин қисм таом пеш гирифта, ба хӯрдани таом мукайид шуданд. Баъд аз фарог мутрибони хушилҳон ва раққосон дар рақс даромада ачаб сӯҳбате ороста гардониданд.

Алқисса, тамомии шабро бо созу нагма гузаронида алассабоҳ накораву кӯсро дар садо даровардаанд ва ба тарафи Меҳёршоҳ равона шуданд. Тамомии даштро лашкар гирифт.

Баъзе паризодон, ки дар атрофи он дашт ватан доштанд, хабар ба Меҳёршоҳ расониданд ва гуфтанд:

– Эй шоҳ, лашкари бекарони паризодон бо таҷаммули бисёре меоянд. Маълум нест, ки эшонро чӣ матлуб бошад.

Меҳёр дар ғазаб шуда фармуд, ки чиҳил ҳазор паризод рафта ҳар кадоми эшонро дар кайду занҷиру банд кашида биёранд.

Дархол сарҳангон бо лашкари бекарон омада, садди роҳи лашкари шаҳзода шуданд.

Лашкари шаҳзода диданд, ки диловарон садди роҳи эшонро гирифта омодаи ҷанг шуданд.

Шаҳзода чанде аз сарҳангонро фиристода гуфт, ки эшон киёнанд ва чаро ихтиёри ҷанг доранд. Моёнро, ки мебинед, ба ҷанг наёмадаем ва ман шаҳзода, Меҳёршоҳро хизмат ба ҷо меорам.

Ин хабарро ба Меҳёршоҳ расониданд.

Шоҳ шунида хушҳол шуд ва фармуд, ки:

– Касе музоҳими эшон нашавад, шаҳзода Меҳроварро ба иззати тамом дар назди ман биёред.

Алғараз, сардорон рафта шаҳзодаро ба дари боргоҳи шоҳ оварданд ва пурсиданд, ки ин одамизод бо шумо чӣ гуна ҳамроҳ аст?

Шаҳзода гуфт:

– Эй сарҳангон, ин низ подшоҳзодаи Яман аст, ба мулозимати Меҳёршоҳ омада.

Сардорон омада ба хизмати Меҳёршоҳ ҳаман суханҳои шаҳзодаро як-як баён намуданд.

---

[1] Таббол – накорачӣ.

Шоҳ пурсид, ки:

– Эй сардорон, бойси омадани эшон чист?

Сардорон гуфтанд:

– Эй шоҳ, як одамизодро бо худ оварда, метўяд, ки ин низ подшоҳзодаи одамиён аст, ба хизмати шоҳ арзе дорад ва аз чониби шоҳи оличоҳ ҳочат мехоҳад.

Дарзамон шоҳ вазирро фармуд, ки рафта таҳқиқ намо, ки Мехроварро бойси омадан чист ва эшон чй мақсад доранд.

Дарзамон вазир саломи бопаёми шоҳро расонида гуфт:

– Эй шаҳзода, бойси омадани шумо чист ва чй мақсад доред?

Шаҳзода гуфт:

– Эй вазир, дар назди шоҳ изҳори матлуб хоҳем кард.

Вазир бозгашт карда омад ва гуфт:

– Эй шоҳ, Мехровар чунону чунин метўяд.

Алкисса, шаб гузашта чун рўз шуд, шоҳ низ вазирро фармуд, ки рафта Мехроварро бо ҳамроҳии одамизод биёрад. Вазир рафта шоҳзодаро бо ҳамроҳии Ҳотам ба чониби боргоҳ таклиф намуд. Шаҳзода бо Ҳотам ва бо муқаррабон ба чониби боргоҳи шоҳ равона шуд.

Паризодон дар кўчахову дар растаҳо баромада буданд, диданд, ки Ҳотам бо шаҳзода Мехровар рикоб ба рикоб омада ба дарборгоҳи шоҳ нузул фармуданд.

Дарзамон дарбонон Ҳотамро бо ҳамроҳии шаҳзода гирифта дар боргоҳи шоҳ даровардаид. Ҳотам наздики тахт расида ва замин бўсида, одоби шоҳона ба чой овард. Шоҳ чавоби салом дода Ҳотамро дар канор гирифт ва навозиши бисёре карда дар болои курсии зарин нишонида пурсид, ки:

– Эй одамизод, бойси омадани ту дар ин чо чист ва аз баъзи роҳи пуршўр чй гуна гузаштй? Ва туро матлаб чист?

Ҳотам дарҳол даст дар чайби худ карда ҳамон сурати дурре, ки аз нукра буд, бароварда дар пеши шоҳ гузошт ва гуфт:

– Эй шоҳ, духтарест дар мулки Хуросон, дурре дорад ба монанди ин. Чўраи он дурро аз ман талаб кардааст. Ва ў ҳафт шарт дар миён оварда буд, ҳамаи шартҳои ўро чавоб гуфтам, магар ёфтани чўраи ҳамон дурр. Аз тамоми олам пурсучў карда хабари чўраи ҳамон дурри ўро аз давлатхонзи шумо ёфтам.

Шоҳ гуфт:

– Эй одамизод, ба даст овардани чўраи он дурр аз ҳар чиз мушкилтар аст.

Ҳотам гуфт:

– Ин ҳама ранчҳо кашида омадаам, нахоҳад, ки шоҳ аз давлатхона навмеду хушк фиристонад, чаро ки эҳтиёчи гадоён аз шоҳон мебарояд, на аз ҳар кас.

Шоҳ донист, ки шоҳзодаи аслу доност, ноилоч гуфт:

– Эй одамизод, моро низ шарте буда. Агар он шартро ба чо орй, чўраи он дурро бо духтари худ ба ту хоҳам дод.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, маро дурр даркор аст ва духтарро ба ҳар кй хоҳам,бидиҳам?

Шоҳ гуфт:

– Чун шарти мо ба ҷо орӣ, ихтиёр мар турост. Хоҳ худ бигирӣ, хоҳ ба дигаре бахшӣ.

Ҳотам гуфт:

– Некӯ бошад. – Ва боз гуфт: – Шаҳзода Меҳроварро дар ин ҷо ҳозир кунанд.

Дарҳол шаҳзодаро оварда, бар болои курсии зарин нишониданд. Ҳотам ба шоҳ нигоҳ карда гуфт:

– Эй шоҳ, дурро дар ин ҷо ҳозир созанд, то саволи шуморо ҷавоб гӯям.

Шоҳ фармуд, хазинадорон дурро дар пеши шоҳ оварда бинҳоданд. Шоҳ гуфт:

– Эй одамзод, замони пайдо шудани ин дурро баён намо.

Ҳотам ҳар чӣ аз мурғон шунида буд, баён намуд. Шоҳ сар боло карда гуфт:

– Эй ҷавон, офарин бар доноии ту, ки ростиро пешаи худ кардай. Рост ва некӯ гуфтӣ. Акнун ин дурр азони туст ва ихтиёри духтар низ мар туро бошад, ба ҳар касе, ки хоҳӣ бидиҳӣ.

Ҳотам аз ҷойи худ бархоста, таъзиму одоби шоҳона ба ҷо оварда, он дурро аз замин гирифт ва дар ҷайби худ андохта гуфт:

– Эй шоҳ, духтари шумо ба ҷойи хоҳари ман бошад ва ӯро муносиби шаҳзода Меҳровар дидаам. Агар ҷаноби шоҳи олампаноҳ иҷозат диҳанд, маликаро ба шаҳзода бидиҳам, чаро ки ӯ ҳамҷинси малика аст ва мулозимати малика ба ҷаноби шоҳ ҳамеша муяссар хоҳад шуд.

Меҳёршоҳ аз ин гуфтори Ҳотам завқи ачибе карда вазиронро фармуд, ки саранҷоми кадхудой карда маликаро ба шаҳзода Меҳровар таслим намоянд.

Шаҳзода ин ҳама меҳрубониҳоро аз шоҳ дида, аз ҷойи худ барҳост ва дар поёни боргоҳ рафта бандавор истода шуд.

Меҳёршоҳ фармуд, сарупои мулукона оварда ба шаҳзода пӯшониданд. Ҳамаи сарҳангон муборакбодкунон ҷанд сад ҷавоҳирро бар болои сари шаҳзода нисор карданд. Баъда шоҳ ба гӯшаи абрӯ ишорат карда гуфт, ки:

– Эй шаҳзода, гузашта ба мақоми худ қарор гирӣ.

Шаҳзода ба чандин адаб гузашта дар ҷойи худ қарор гирифт.

Шоҳ фармуд, ки таббохон ва бакавулон таомҳои рангоранг биёранд.

Дарзамон шарбатдорон чандин қисм таоми лазиз оварда дар назди Ҳотам ва шаҳзода ва дар назди ҷамеи сарҳангон ниҳоданд. Баъд аз фароғи таом Ҳотам ва шаҳзода аз хизмати шоҳ баромада дар саропардаи худҳо омаданд.

Шаҳзода дар қадами Ҳотам сар монда мегуфт, ки:

– Эй бузург, эҳсоне, ки дар бораи ман намудед, модоме ки зинда бошам, талофии онро намоям.

Алқисса, Меҳровар ҳамаи саргузашт ва хусули мақосиди худро нома навишта, ба ҷониби падару модари худ равона намуд. Мазмуни нома ин буд, ки маро мақсуд ба туфайли одамизод ҳосил шуд. Бояд ба расидани нома саранҷоми тӯйро карда ба ин ҷониб озим шаванд.

Номаи шаҳзода расид. Дарҳол падару модари шаҳзода ҷамеи лавозимоти

тӯй ва арӯсиро тайёр карда, бо тачаммули бисёре ба хонаи чазираи Барвах равона шуданд.

Баъд аз чанд рӯз ба чазираи Барвах расиданд. Шаҳзода аз омадани падару модар хабар ёфта истиқбол намуд ва сари худро дар қадами падару модар монда узрҳо меҷуфт.

Падару модар сари шаҳзодаро аз замин бардошта бӯса аз гули рӯи ӯ карда, Ҳотамҷо мепурсиданд ва мегуфтанд:

– Эй нури чашм, он одамизод дар кучост?

Шаҳзода гуфт:

– Ӯ дар боргоҳ нишастааст.

Дарҳамон падару модари шаҳзода омада дар қадами Ҳотам афтоданд ва мегуфтанд:

– Эй бузург, ин ҳама некӣ, ки дар бораи фарзанди мо кардай, модоме ки зинда ҳастем, ғулому канизаки зархариди ту бошем.

Алқисса, хабари омадани падару модари шаҳзода ба гӯши шоҳ расид. Шоҳ вазири худро ба мулоқоти ҳамон фиристод.

Вазир омада, падару модари шаҳзодаро бандавор хизмат ба чо овард ва гуфт:

Қудуми шоҳ маа мутеонаш болои дида.

Шаҳзода ишорат ба хизматгорон карда буд, ки мулозимон хилъати шоҳона оварда вазирро пӯшониданд.

Шаҳзода гуфт:

– Эй вазир, фардо ба хидмати шоҳ хоҳем рафт.

Вазир аз боргоҳи шоҳзода баромада, ба хидмати подшоҳ расид ва ҳамаи арзи бандагии шаҳзодаву падару модари ӯро як-як баён кард.

Шоҳ гуфт:

– Некӯ бошад.

Алқисса, шаб гузашта рӯзи чаҳонафрӯз аз канораи уфуқ сар берун карда буд, ки табболон табли шодӣ ва накораи хурсандӣ дар садо даровардаанд. Падару модари шаҳзода омада шоҳро мулозимат намуданд. Муддати як ҳафта русум ва лавозимоти арӯсиро муҳайё намуда, тамомии умарову фуқароро хилъат бахшида, чандин алвон таом доданд. Баъд аз чан рӯз маликаро акд баста ба шаҳзода супурданд.

Алқисса, ошики бечора ба туфайли Ҳотам ба муроди хеш расид. Шаҳзода дар шабистони малика даромада коми дил ҳосил кард.

Тамомии паризодон мубталои сӯҳбати Ҳотам буданд. Меҳӣршоҳ мегуфт, ки:

– Сад дареғ, ин одамизод духтари маро нагирифт, ҳамеша дар пеши ман мешуд.

Баъд аз як моҳ шаҳзода ва Ҳотам ба дари боргоҳи шоҳ омада рухсат хостанд.

Меҳӣршоҳ ба чандин бедилӣ зару чавоҳири бисёре дода рухсат фармуд.

Ҳотам гуфт:

– Эй шоҳ, ин ҳама зару чавоҳир маро чӣ кор ояд ва ба ин роҳи дуру дароз худро бачӯр хоҳам бурд.

Шоҳ гуфт:

– Эй одамизод, ин ҳама зару ҷавоҳирро мулозимон дар мақоми ту хоҳанд расонид.

Дарҳол шоҳ фармуд:

– Эй мулозимон, Ҳотаму шаҳзодаро маа ин зарҳо ба мақоми эшон расонида бозоед.

Дарҳол мулозимон Ҳотамро маа он зарҳо ва падару модари шаҳзода бар лаби дарёи Қаҳрамон расониданд.

Ҳотам хост, ки аз шаҳзода ҷудо шуда рӯ ба роҳи омадаи хеш орад, шаҳзода гуфт:

– Эй бузург, ин чӣ расм аст, ки дар ватани ман норафта азми рафтан ба ҷониби ватани хеш кардай?

Ҳотам гуфт:

– Ҳар чӣ муроди шумоён бошад, ҳамон кунам.

Алқисса, шаҳзода Ҳотамро дар ҷазираи худ бурда меҳмондории шоҳона ва тавозӯи мулукона ба ҷо овард. Баъд аз чанд рӯз Ҳотам аз шоҳзода рухсат хост.

Дарзамон шаҳзода бо зару ҷавоҳири бисёре Ҳотамро бар болои курсии мурассаъ нишонида, бо дувоздаҳ ҳазор паризод рӯ ба роҳ овард. Баъд аз чанд рӯз аз дарёи Қаҳрамон гузашта, ба ҳадди макони девон расиданд. Девон хабардор шуда диданд, ки дар ҳадди мулки эшон лашкари бисёре омадааст.

Тамомии девон ҷамъ шуда садди роҳи паризодонро гирифтанд.

Дарҳол шаҳзода яке аз сарҳангони худро фиристода гуфт, ки:

– Эй девон, моён дар ин мақом аз барои ҷанг наёмадаем ва дар пеши Афросиёб аз барои муборакбодӣ меравем, ки ӯ ҳаҷинси мост ва аз офати саъбе халос шудааст.

Девон гуфтанд:

– Моён низ барои ҷанг наёмадаем, балки барои мулоқоти шаҳзода омадаем.

Сарҳангони девонро шаҳзода дар пеши худ талабида инъоми бисёре ато намуд.

Девон гуфтанд:

– Эй шаҳзода, як рӯз дар ин мақоми моён бошед, то ин ки шуморо хизмат ба ҷо орем.

Шаҳзода гуфт:

– Дар ин ҷо чӣ ҳарф аст, мову шуморо ҷудой нест.

Боз шаҳзода фармуд, бакавулон таом оварда бо девон тановул намуданд.

Девон гуфтанд:

– Эй азиз, агар ба мақоми моён қадам наёред, мӯҷиби шармандагии моён хоҳад шуд.

Шаҳзода гуфт:

– Эй девон, дар бозгашт ба мақоми шумоён нузул хоҳам фармуд.

Девон гуфтанд.

– Мӯҷиби сарафрозии моён хоҳад шуд.

Аммо шаҳзода Ҳотамро дар гӯшае пинҳон намуда буд.

Алқисса, девонро рухсат карда мулозимони худро фармуд, ки:

– Рӯ ба роҳ оред.

Мулозимон дар миёни замину осмон дар парвоз даромсада баъд аз чанд рӯз ба сарҳадди Макдас расиданд.

Яке аз паризодон воқиф шуда, ба арзи Афросиёб расонид ва гуфт:

– Эй шоҳ, шоҳзода Меҳровари тумоній бо лашкари бисёре омада, дар музофоти Макраси дев нузул фармудааст.

Афросиёб шунидан баробар дар газаб шуда бо лашкари ороста ба ҷанги шаҳзода Меҳровар рӯ овард. Баъд аз чанд рӯз наздик расида, ду лашкар дар мукобили якдигар қарор гирифт.

Шаҳзода Ҳотамро фармуд, ки:

– Эй бародар, шумо пештар рафта ҳақиқати ҳолро ба Афросиёб маълум намоед, мабодо ки аз ду тараф лашкариён дар ситез шаванд, кор ба ҷанг хоҳад анҷомид. Даркол Ҳотам пеши лашкари Афросиёб омад.

Лашкариён Ҳотамро шиносҳта рафта гуфтанд, ки:

– Эй шоҳ, ҳамон одамизоде, ки ба дуои ӯ моёнро пару бол ва шумороро сурати аслӣ омада буд, бо ин лашкар омадааст.

Шунидан баробар Афросиёб ба ҷониби Ҳотам равона шуд. Наздик расида аз тақозаи худ фуруд омад.

Ҳотам низ мулозимат намуда ва якдигарро дар канор гирифтанд.

Афросиёб аз Ҳотам аҳвол пурсид.

Ҳотам ҳаман саргузашти худро баён намуда буд, ки шоҳ ангушти ҳайрат ба дандони таҳсин газида офаринҳо мекард. Шоҳ бипурсид, ки:

– Шоҳзода Меҳровар дар кучост?

Ҳотам гуфт:

– Ӯ дар лашкари худ буда маро пештар фиристод, ки мабодо ду лашкар ситез шаванд, ман ҳам ба рикоббӯсии шоҳ аз пас хоҳам расид.

Шунидан баробар Далершоҳ ном писари худро бо вазир фармуд, ки рафта шаҳзода Меҳроварро дар фалон мавзеъ шаронти меҳмондорӣ камонбагӣ ба ҷой оред. Ва он мавзеъ ҳавои хуш дорад.

Дарҳамон ҳарду ба хизмати шаҳзода расиданд. Меҳровар Далершоҳро дар бағал кашида пурсуҷӯи бисёре намуд. Далершоҳ шаҳзодаро дар мавзее фуруд оварда меҳмондории ачибе намуд. Баъда ҳар дуи эшон ба хизмати Афросиёб равона шуданд. Наздик расида буд, ки Афросиёб аз ҷойи худ барҳоста шаҳзода Меҳроварро дар канори худ кашида гуфт:

– Эй шаҳзода, раҳмати Худо бар шумо бод, ки ин ҷавонро сиҳату саломат ба ман расонидед ва ман барои ин одамизод аладдавом дар андеша будам, ки оқибати кори ӯ чӣ шавад?

Мулозимону бакавулони Афросиёб чандин қисм таом оварда, дар назди шоҳон гузоштанд. Онҳо таомҳоро тановул намуда, ҳамон шабро дар он ҷо гузарониданд. Алассабоҳ ҳарду лашкар ба роҳ даромада, манзилу марҳил тай карда ба шаҳри Афросиёб расиданд. Дар он ҷое, ки Ҳотам омада буд, шаҳзодагон фуруд омаданд. Муддати чиҳил шабурӯз ба айшу ишрат гузарониданд. Баъд аз чиҳил рӯз Ҳотам аз шоҳон рухсат хоста буд, ки шоҳон бо якдигар гуфтанд:

– Ин одамизод эҳсоне, ки дар бораи моён карда буд ҳеч офарида нахоҳад кард. Мебояд, ки бо ин ҷавон рафоқат карда ба шукӯҳи тамом дар миёни одамиён расонем.

Ҳама гуфтанд, ки:

– Салоҳ дар ҳамин аст.

Алқисса, ҳамаи шоҳон Ҳотамро бар болои тахти мурассаъ нишониданд, ки баҳои он аз ҷиҳати ҳафт иқлим бештар буд. Бо зари бешумору ҷавоҳири бисёре ба ҷониби Ҳуснобод парвоз карда равона шуданд. Ҳар ҷо, ки ҳавои дилкаш ва макони фараҳбахш дидандӣ, нузул фармуда ва шабро бо айшу ишрат гузарониданд, алассабоҳ озими роҳ шудандӣ.

Алқисса, баъд аз даҳ рӯз миқдори чаҳор фарсанг кариби Ҳуснобод расида фуруд омаданд. Табболон ва меҳтаронро фармуданд, ки таблҳову нақораҳоро дар садо даровардаанд. Овози созу нағма тамоми биёбонро фурӯ гирифта буд. Мардумони он биёбон дар гурез шуда ба Курдоншоҳ хабар расониданд, ки:

– Эй шоҳ, лашкари бекарон пайдо шуда тамомии заминро фурӯ гирифта меояд. Маълум нест, ки чӣ тоифа бошанд ва аз кучо меомада бошанд.

Аз шунидани ин хабар шоҳ бекарор шуда фармуд, ки:

– Дарвозаҳои шаҳрро барбандед.

Вазирон ва сарҳангони худро талабида дар машварат шуда чосусеро фармуданд, ки:

– Рафта хабар гир, ки лашкариён аз кучоянд ва чӣ муддао доранд.

Ин хабар низ ба маликаи Ҳуснобод расид, ки лашкари бекарон бо ин шукӯҳ тамомии дашту биёбонро фурӯғ гирифта меояд. Маълум нест, ки барои чӣ омада бошад. Малика низ дарвозаҳои шаҳри худро баста буд.

Алқисса, шоҳон маа ҷамеи лашкар ва девони одамхор хаймаву саропардаҳоро барпо карданд, ки чашми бинанда надида буд. Мардумони Курдоншоҳ ва хизматгорони малика ҳамчун кӯраи симоб дар ларза буданд.

Алғараз, Ҳотам аз лашкари паризодон чудо шуда ба ҳазор салтанат ба дарвозаи шаҳри малика расида биистод. Мулозимони малика Ҳотамро шинохта гуфтанд, ки:

– Ин ҳамон ҷавонест, ки аз барои ҷавоби саволи ҳафтум рафта буд.

Дарзамон Ҳотам садои худро баланд карда гуфт:

– Чаро дарвозаҳои шаҳрро бастаед?

Мулозимон гуфтанд, ки:

– Аз биму ҳароси ин лашкариён.

Ҳотам гуфт:

– Ин лашкари бегона нест ва ошност.

Дарҳол мулозимон дарвозаҳоро кушода берун шуданд ва дар зери қадами Ҳотам афтоданд ва мегуфтанд:

– Эй шоҳ, умеди моён ин ки ин хонаро соҳиб мешуда бошед.

Дарсоат хизматгорон ба мулозимат рафта гуфтанд, ки:

– Эй маликаи олам, ҳамон ҷавоне, ки барои саволи ҳафтум рафта буд, ба дари боргоҳ омада истодааст. Ин ҳама лашкар аз вай будааст.

Маликаро аз касрати биму ғам не таиро тавоной ва не рухро зебой монда буд ва гули рухсораш ба заъфарони мубаддал шуда.

Малика фармуд, ки боргаҳро ороста карда, он чавонро ба дарун биёред. Мулозимон ҳамчунон карданд.

Малика пардае кашида, дар пеши парда худ бинишаст. Ҳотамро андарун талабида бар болои курсии зарин бинишонид ва гуфт:

– Эй чавон, дер омадай ва саргузашти худро баён намой ва чавоби саволи ҳафтуми маро бигӯй.

Ҳотам аз чойи худ барҳоста чун банда истода шуд ва гуфт:

– Эй малика, чашм аз мушоҳидаи чамоли ту нур ёфт ва аз файзи кавкаби толеъ димоғам ба авчи нишот расид ва давлати висол рӯ ниходаву айёми меҳнату машаққату муфорақат намонд.

Ва гуфт:

– Эй маълика, андӯҳе, ки дар ин сафар маро пеш омад, агар дар тамомии умри худ ба шарҳи он пардозам, яке аз ҳазори онро натавонам гуфтан.

Алқисса, Ҳотам ҳамаи саргузашти худро дар назди малика як-як баён намуд.

Малика ба ин ҳама корҳои Ҳотам таҳсину офаринҳо мекард.

Ҳотам гуфт:

– Эй малика, акнун ҳеч гуссаро ба худ роҳ надеҳ ва омодаи шодмонӣ бош. Субҳи иқбол аз уфуқи давлат дамида офтоби мурод аз машриқ тулӯъ намуда, рӯзи ҳичрон ба охир расид.

Ин ҳама суханҳоро гуфта Ҳотам ин байтро меҳонд:

Заданам фол, ки он охири кор охир шуд,
Окибат дар кадами ёр бахор охир шуд.

Ин байтро хонду чуфти дурро аз багали худ бароварда дар пеши малика бинҳод. Малика дурро дида, сар дар чайби тафаккур бурда хомӯш монд.

Ҳотам гуфт:

– Эй малика, акнун чойи он аст, ки ба ҳоли шаҳзода Мунир раҳм намой.

Малика бехичоб, дар пеши Ҳотам ниқоб аз рӯи худ баргирифт. Ҳотам бар рӯи малика назар карда дид, ки мисли моҳи шаби чаҳордах дар миёни инсону париёдон ба монанди ин маликаи чаҳон нахоҳад буд.Ҳотам дар дили худ гуфт: «Боракалло ба ин ҳусну чамол, малика. Инчунин оромичони чаҳонсӯз дар ин олам пайдо нахоҳад шуд.»

Алқисса, ин хабарро ба Курдоншоҳ расониданд, ки:

– Эй шоҳ, ин ҳама лашкариён тобеону мутеони Ҳотам будаанд.

Шоҳ шодмон шуда, мулозимати Ҳотамро вочиб донист.

Малика нигоҳе ба Ҳотам карда гуфт:

– Эй диловар, чуфти худро ҳамбистари гайр кардан расми кадом аст? Ва хирмани номуси хешро пок сӯхтан тариқаи ин аст, ки аз замзамаи мардон бадар афтӣ ва дар олам ба номардӣ алам гардӣ. Ин ҳаёли фосиду андешаи ботилро ба худ роҳ надеҳ, ки ба ҳеч вачҳ ба ҳусул напайвандад.

Ҳотам гуфт:

– Эй тозагули гулистони исмату навниҳоли боғи иффат, мани мачнуни бодияи муҳаббат, ки дар роҳи ошиқӣ қадам ниҳода ваъдаву паймон ба чо овардаам, меҳоҳӣ, ки дар назди Ҳаққу халқ ба беномусӣ муттаҳам гардонӣ? Ин аз мурувват дур аст. Бояд, ки ба маслиҳати Курдоншоҳ ҳамаи лавозимоти арӯсиву домодиро барпо дорӣ.

Алқисса, малика шаҳри худро оинабандӣ карда маа хосон ба мулозимати Курдоншоҳ равона шуд. Баъд аз чанд рӯз ба хидмати Курдоншоҳ расида кайфияти ҳолро арза дошт. Шоҳ гуфт:

– Эй фарзанд, бояд ҳар аҳде, ки бо Ҳотам намудай, ба он устувор бошӣ ва дар ин боб хилофу инҳироф наварзӣ. Агар нукси аҳд намоӣ, мӯчиби безътибории ту хоҳад шуд ва он ҳама меҳнату машаққат аз барои ту кашидаанд, нашояд, ки онро аз хони карами худ ноумед гардонӣ ва дар гуфторӣ худ собитқадам набошӣ. Эй малика, бархезу тамомии лавозимоти тӯйи худро муҳайё гардон ва он шаҳзодаро ба шавҳарӣ қабул бинмо.

Малика аз боргоҳи Курдоншоҳ баромада ба чониби шаҳри худ муроҷаат намуда расид. Мулозимонро фармуд, ки Ҳотамро биёред. Дарзамон мулозимон Ҳотамро дар пеши малика оварданд. Малика гуфт:

– Эй Ҳотам, бояд, ки асбоби табху тӯйро тайёр намуда шоҳону шоҳзодагонро ҳозир орӣ. Шаҳзодаро ба шавҳарӣ қабул хоҳам намуд.

Ҳотам гуфт:

– Эй малика, умри ту дароз бод ва давлати туро бақои абадӣ бод. Ҳар чӣ фармоӣ ба чону дил қабул намоям.

Алқисса, Ҳотам аз хидмати малика баромада дар назди шаҳзода омад ва ҳамаи гуфтаҳои маликаро як-як бигуфт. Шаҳзода гуфт:

– Эй бародар, ихтиёр мар шуморост. Ҳар чӣ лавозимоти арӯсиву меҳмондорист, ба расми мардумон ба чо ored.

Алқисса, Ҳотаму шаҳзода он чавоҳирҳо, ки паризодон дода буданд, ҳамаро ба асбоби тӯю арӯсӣ сарф намуда, муддати мадиде бар вай шоҳону париёну одамиён чашне ороста ҳафтод гуна таом кашиданд, чамеи фузалову фукароро таом медоданд. Раққосон дар ракс даромада мерақсиданд. Табболон табалу нақораҳоро дар навозиш даровардаа ачаб шӯре ва ғавғое барпо карда буданд, ки тамомии оламро овози созу наво фаро гирифта буд, ки малак дар боми фалак таҳсину офарин мекард.

Алқисса, чамъи шоҳонро хилъати мулукона пӯшонид. Тоҷ бар сари эшон ниҳоданд ва чамеи фузало ва фукароро сару по пӯшонда ачаб тӯе ва маъракае барпо карданд. Баъд аз фароғи созу сӯҳбат шаҳзода Мунирро дар ҳузури шоҳон оварда хилъати шоҳона пӯшонида тоҷи шоҳӣ бар сари ӯ биниходанд. Дарзамон малика Ҳуснбонуро аҳд карда ба шаҳзода таслим намуданд.

Шаҳзода баъд аз фароғи созу сӯҳбат қадам ба дари боргоҳи малика ниҳода, дохили ҳарами ӯ шуд. Дид, ки хонҳои мурассаъ ва бистарҳои чавоҳирдӯзӣ, ки инчунин фаршу каср дар ҳеч подшоҳе нахоҳад буд. Иштиёқи васл дар дили шоҳзода ҳосил шуда бар болои бистарҳои чавҳардӯзӣ баромада маликаро дар оғӯш кашид ва давлати васли ӯро дарёфт.

Алассабоҳ аз ҳарами малика баромада, ба хизмати шоҳон муроҷиат на-

муд. Ҳамаи шоҳон ба ҷониби шаҳзода нигоҳҳо карда муборакбод намуданд.

Шаҳзода таъзиму тавозўи шоҳонро ба ҷо оварда, бар болои тахти зарин қарор гирифт. Ҳамаи шоҳон бо якдигар видоъ карда маа лашкари худ ба ҷониби мамлакати худҳо мурочиат намуданд.

Баъд аз чанд рўз Ҳотам низ ба ҷониби Яман ихтиёри рафтан намуд. Дар замон малика ва шаҳзода чанде аз мукаррабони худро фармуданд, ки Ҳотамро ба иззати тамом бурда дар Яман гузоред.

Мулозимон гуфтанд:

– Фармонбардорем!

Алқисса, Ҳотам бо мулозимони малика аз Ҳуснобод баромада ба ҷониби Яман равона шуд. Манзилу мароҳил тай карда, баъд аз дере ба сарҳади Яман расид ва чанде аз мулозимонро ба ҷониби падару модари худ фиристод.

Қосидон расида падару модари Ҳотамро мулозимат намуданд ва гуфтанд:

– Эй шоҳ, инак нури чашми шумо Ҳотам ба мулозимат омад.

Дарҳол чанд сар чавоҳир ва зари бисёр ба мухбирон дода, худи шоҳ маа аркони давлат савор шуд.

Баъд аз мудлате расида Ҳотамро дар канори худ бигирифт. Чанд бўса аз гули рухсораш карда мегуфт:

– Эй нури дидан падар, то бевакт дар кучо будед?

Ҳотам ҳамаи саргузашти худро дар назди падар як-як баён намуд.

Алқисса, Ҳотам бо падар ва акобирону аркони давлат дар шаҳр даромад ва ҳамаи фузалову фукаро Ҳотамро мулозимат намуданд ва дар урдуи худ даромада бо модару завҷаи худ мулоқот карда, чандин рўз барои шодмонй тўйи сўзу сўҳбат карда, ҳамаи фузалову фукароро таом ва хилъат доданд. Баъд аз чанд рўз мулозимони маликаро хилъати шоҳона бахшида ба ҷониби Ҳуснобод рухсат фармуд.

Алқисса, баъд аз чанд муддат падари Ҳотам шарбати ачалро бичашид ва худи Ҳотам дар тахти падар нишаста дар мамлакати Яман подшоҳй мекард. Корҳои нек ва эҳсон карда оламро аз адлу инсоф равшану мунаввар гардонд, чунончи овозаи саховати ў аз Машриқ то Мағриб рафта. Ҳамаи одамиён орзуи эҳсону саховати ў мекарданд.

ТЎТИНОМА





ОҒОЗ

Баъд аз ҷинс-ҷинс сано ва сифати пайдокунандаи замину осмон, кайфият ва ҳақиқат ин аст, ки достону қиссаҳо ва ҳикоёт[ро] ҳазрати Наҳшабӣ... дар «Тӯтинома» ба иборати сахту дақиқ навишта буданд, онро муфассалу мубайян ба ҷиҳати маълум шудани ҳамаи мардумон Муҳаммад Худованди Қодирӣ... дар иборати салису осон, ки мисли иборати хутут бошад ва рӯзмарраи ҷавобу савол, ки давлатмандонро лоиқ бошад, навиштааст.

Яке аз достонҳо мастури ин аст, ки яке аз давлатмандони пешин, ки Аҳмадсултон ном дошт, бисёр молу манол ва бисёр лашкару аскару фавҷ ва сад ҳазор раъс асп ва як ҳазору понсад ҷанчир фил дошт ва нӯҳсад қатор шутури борбардор бар дари ӯ ҳозир буд, валекин писару фарзанд надошт. Ҳамеша дар хидмати худопарастон мерафт ва рӯзу шаб ва субҳу шом барои писар дуо мехост. Пас аз чанд рӯз офаринандаи осмону замин шоҳи мазкурро як писари хубсирати офтобчеҳраи моҳҷабин дод.

Аҳмадсултони мастур аз ин масаррату нишот мисли гул шукуфта гардид, чанд ҳазор рупия ва ҳунҳо ба дарвешону фақирон ато кард. То се моҳ амирону вазирон ва доноёну фозилон ва устодони шаҳрро зиёфат кард ва хилъатҳои гаронбаҳо дод. Вақте ки писари мазкур ба синни ҳафтсолагӣ расид, дар хидмати устоди ҳамадону комил гузошт. Дар чанд рӯз китоби «Алифбо» ва «Омаданнома» ва «Иншо»-и Ҳаркарн ва «Гулистон» ва «Бӯстон» ва «Ҷомеъ-ул-қавонин» ва «Иншо»-и Абулфазл ва Юсуфӣ ва «Руқаот»-и Ҷомӣ хонд ва китоби улуми арабӣ ва форсӣ, ки дар ӯ қоидаи нишасту бархости мачлиси шоҳӣ ва қонуни гуфтору рафтори шоҳаншоҳӣ буд, омӯхт, дар назари подшоҳ ва ҳамеи хосони боргоҳ писанд омад. Падараш номи ӯ Маймун ниҳод ва як зани моҳбадани хуршедрухсорро шодӣ карда, ба вай дод. Номи он зан Хучаста буд. Дар миёни Хучаста ва Маймун улфату муҳаббати зиёде шуд, чунончи ҳар рӯз дар айшу ишрат якчоҳ будандӣ ва якчоҳ хуфтандӣ ва якчоҳ нӯшидандӣ. Як рӯз Маймун болои полакӣ савор шуда, барои тамошои бозор рафт, дид, ки шахсе дар бозор қафаси тӯтӣ дар даст гирифта истода буд. Маймун тӯтиро дид, тӯтифурӯшро гуфт, ки қимати тӯтӣ чист? Бигӯ!

Тӯтифурӯш ҷавоб дод, ки қимати ин маблағи як ҳазор ҳун аст.

Маймун гуфт:

– Шахсе, ки барои як мушти пар ва ҷиҳати як наволаи гурба ин қадар зар бидиҳад, аблаҳу аҳмақ ва нодону бевуқуф аст.

Тӯтифурӯш чавоб додан натавонист. Дар он замон тӯтӣ пиндошт, ки агар ин давлатманди умда харид накард, мӯҳиби кабоҳат ва боиси надомат аст, аз он ҷо, ки сӯҳбати бузургон ва доноён сабаби тараққии ақлу хирад аст. Баъд аз он тӯтӣ чавоб дод, ки эй чавони хушҷамол ва эй давлатманди соҳибкамол, агарчи ман дар назарат мушти пар менамоям, аммо аз доноёну аҳл болои осмон мепарам, ки хушгӯёи ширинсухании маро шунида, ҳайрон мешаванд ва аҷаб мекунанд. Камина ҳунаре, ки дар ман аст, ки кори пешину оиндаро дарҳол мешиносам ва корҳои фардоро имрӯз медонам. Аз он ҷумла ин ки корвониёни Кобул барои харидани сунбул дар ин шаҳр хоҳанд омад. Ту ҳама сунбули ин шаҳрро харид бикун ва як ҷо ҷамъ дор. Пас аз омадани корвони мазкур бифурӯш, ту аз он савдогарӣ бисёр фоида хоҳӣ кард.

Маймун суҳани тӯтиро фаҳмид ва писандид ва маблағи як ҳазор ҳун қимати тӯтӣ ба фурӯшанда дод ва тӯтиро харид кард ва дар хонаи худ бурд ва сунбули ҳамаи шаҳрро талабид ва аз сунбулфурӯшон истифсор кард, ки қимати ин ҳама сунбул чӣ қадар хоҳад буд?

Сунбулфурӯшон дар ҳузури Маймун арз карданд, ки қимати он даҳ ҳазор ҳун аст.

Маймун дар ҳамон соат маблағи мазкур аз хизонаи худ дод ва онро харид карду дар як айвон нигаҳ дошт. Рӯзи саввум мутобиқи имони тӯтӣ корвониён расиданд ва аз туҷҷорону савдогарони шаҳр сунбули бисёр ҷустуҷӯ карданд, аммо наёфтанд. Чаро ки ҳаман сунбули шаҳрро Маймун харида буд. Баъд аз он дар ҳузури Маймун омаданд ва сунбули мазкурро ба маблағи панҷоҳ ҳазор ҳун харид карданд ва ҷониби шаҳри худ равона шуданд. Пас Маймун аз гӯёии тӯтӣ бисёр шодмону хурсанд гардид ва дигар ҷонвар, ки номи ӯ Шорак буд, харид кард бар ин маънӣ, ки агар Шоракро дар сӯҳбати тӯтӣ гузошта оянд, шояд ваҳшати танҳоии ӯ аз қалб рубояд, чунончи доноён фармудаанд. Байт:

Кунад ҳамчинс бо ҳамчинс парвоз,
Кабӯтар бо кабӯтар, боз бо боз.

Ғараз, Маймун Шоракро ҳамроҳи тӯтӣ дошт, то ин ду паранда аз мусоҳабати якдигар масрур хоҳанд буд.

Рӯзе Маймун Ҳучастаро изҳор кард, ки ман мехоҳам, ки баъд аз ин мусофират кунам ва ба мулки Рум равам ва сафари дарё ва сайри булдон намоям. Дар ҳине, ки туро коре дар пеш оянд ва муҳиме ориз гардад, бидуни маслиҳату салоҳи Шораку тӯтӣ ба амал наёрӣ ва бе рухсату ризо ва имои онҳо коре аз кувва ба феъл наёрӣ ва ба амсоли ин чанд суханҳо гуфту ихтиёри мусофират кард.

Баъд аз рафтани Маймун Ҳучаста чанде гамҳои мавфур ба амал оварда ва аз фироқи дилдор дар шаб намехуфт ва дар рӯз намехӯрд. Ғараз тӯтӣ аз гуфтани ширинҳиссаҳо гумуми дили Ҳучастаро бартараф мекард.

Баъд аз инкизои шаш моҳ, як рӯз Ҳучаста гусл кард ва чеҳраи худро ороста карда болои бом истод ва аз дарича тамошои кӯча мекард. Маликзодаи дигар шаҳр барои сайр дар он шаҳр расида буд, офтоби рухсораи Ҳучастаро дид ва мачнуну девона гардид. Ҳучаста низ маликзодаро дида, ошуфтаву фирефта гардид ва ҳамон вақт як зани мӯҳтоларо аз роҳи хуфия наздики Ху-

ҷаста пайғом фиристод, ки агар дар як шаб то чаҳор соат дар хонаи ман қадам ранҷа фармой, дар ивази он як ангуштарине, ки баҳои лакҳо ҳун аст, ба ту хоҳам дод. [Хучаста] агарчи дар аввал ба поси ҳурмат қабул накард, валекин аз бисёр варғалонидани мӯҳтола розӣ шуд ва ҷавобаш гуфта фиристод, ки рӯз пардадар аст ва шаб пардадор. Баъд аз ними шаб дар ҳузури маликзода хоҳам расид.

Вақте ки шаб шурӯъ шуд, Хучаста порчаҳои нафису беҳтар пӯшида, рӯ ба рӯи Шорак омад ва болои курсӣ нишаста ва дар дили худ тааммул кард, ки ман занам ва Шорак низ занест, дар ин кор, албатта, Шорак сухани ман хоҳад шунид ва барои рафтан дар ҳузури маликзода иҷозату рухсат хоҳад дод. Бо ин андеша ҳама ҳақиқат ва кайфиятро билмушофаҳа ба Шорак зоҳир кард. Шорак ваъз ба вай кард, ки чунин кор набояд кард, ки дар миёни қавми худ ин азимтарин айб ва комилтарин нанг аст.

Аз он ҷо, ки ишки маликзода Хучастаро ғолиб шуда буд, аз имтиноъ Шорак ғусса ӯро тугёне кард, Шоракро аз андаруни қафас ва панҷара берун кашида, ҳар ду пои Шоракро маҳкаму мазбут гирифта, чунон бар замин зад, ки чон аз бадани Шорак боло пириду Шорак мурд. Баъд аз он бо хашму газаб ва ғусса наздики тӯтӣ расид ва ҳама матлабро билмушофаҳа бар тӯтӣ зоҳир кард. Аз он ҷо, ки тӯтӣ донишманд буд, дар дили худ тааммул кард, ки агар ман мутобиқи Шорак манъ кунам ва мамониат намоям, ҳалок хоҳам шуд. Баъд аз андеша Хучастаро аз нармии тамом изҳор кард:

–...Ту алҳол хеҷ фикру васваса макун, то ки ҷони ман дар ҷисми ман аст, дар ин кори ту саъю кӯшиш хоҳам кард ва туро ба муроду муддаои ту хоҳам расонид. Худо нахоста, агар ин рози ту дар миёни мардумон зоҳир шавад ва ин хабарро шавҳари ту бишнавад, мисоли тӯтии Фаррухпайк дар миёни туву шавҳари ту сулҳу оштӣ хоҳам кард.

Хучаста гуфт, ки достони Фаррухпайк чӣ қисм бувад? Муфассал зоҳир кун, мамнуни ту хоҳам шуд.



БАЁН КАРДАНИ ТӮТИИ МАЙМУН ДОСТОНИ ТӮТИИ ФАРРУХПАЙКРО АЗ БАРОИ ХУҶАСТАБОНУ ДАР ШАБИ АВВАЛ

Тӯтӣ арз кард, ки дар як мулк як тоҷир буд, Фаррухпайк ном дошт. Дар хонаи ӯ як тӯтии зирак буд. Тоҷири мазкурро мусофират дар пеш омад. Ҳама молу матоъ ва асбобу ашё ва аҳлияи худро ҳаволаи тӯтӣ кард ва барои тиҷорату савдогарӣ ва сайри мулк рафт ва чанд рӯз дар муомилати тиҷорат монд. Аҳлияи мазкур баъд аз як моҳ бо як мугулзода ёрӣ кард ва дӯстӣ дошт. Ҳар шаб мугулзодаро дар хонаи худ овардӣ ва бо ӯ ҳамбистар шудӣ ва дар як айвон то субҳ будӣ. Ин ҳама афъоли ӯро тӯтӣ медид ва суханҳои ҳар дуро мешунид, аммо мисоли нодида ва ношунида мебуд. Пас, баъди якуним сол тоҷири мазкур тарафи хонаи худ муовадат ва мурочиат кард ва ҳамаи кайфияти хонаро аз тӯтӣ пурсид. Тӯтӣ ҳамаи ахбороти хонаро дар ҳузури тоҷири мазкур арз кард, аммо аҳволи зани ӯро зоҳир накард. Чаро ки мобайни шавҳару завҷа муфорақат хоҳад шуд.

Баъд аз инкизои ду ҳафта тоҷири мазкур аз забони одами хоричӣ ҳамаи аҳволи аҳлияи худ ва ахбори мугулзодаро дарёфт кард ва бисёр мутааҷҷиб гардид, аз он ҷо, ки хирадмандон фармудаанд: Мисраъ:

Ки ишқу мушкро натвон нуҳуфтан.

Тоҷири мазкур бар завҷаи худ бисёр ғазаб кард ва ғусса шуд ва аҳлияро танбеҳу таъдиб кард. Аз ин бонс занаш пиндошт, ки ҳама аҳволи ман дар ҳузури шавҳари ман ин тӯтӣ зоҳир кардааст. Пас тӯтиро хосили худ ангошт ва як рӯз дар ними шаб фурсат ва қобу ёфта, парҳои тӯтии мазкур биканд ва аз хонаи худ берун андохту шӯр кард ва гузомону канизакони хонаро гуфт, ки тӯтиро гурба бурда. Агарчи зани мастур дар дили худ пиндошт, ки тӯтӣ мурд, лекин андак чон дар тӯтӣ боқӣ монда буд ва [аз сабаби] аз бало афтодан, бисёр вомонда шуда буд. Баъд аз як соат дар чисми тӯтии мазкур андак ӯру қувват омад. Ва дар он ҷо як ғӯристон буд, тӯтӣ дар он ғӯристон рафт ва дар сӯроҳи як ғӯр чанд рӯз монд. Ва ҳама рӯз гурусна монда ва дар шаб аз сӯроҳи мазкур берун омадӣ. Чун дар он ғӯристон мусофирон фуруд омаданд ва дар шаб таом хӯрданд, пасхӯрдаро дар он ҷо андохтандӣ ва рафтандӣ. Тӯтӣ аз он таоми пасхӯрда хӯрдӣ ва оби он ҷоро нӯшидӣ ва боз ба вақти субҳ дар сӯроҳи мазкур рафтӣ. Баъд аз чанд рӯз ҳамаи парҳои тӯтӣ дамида шуданд ва баромаданд ва паридан андак-андак метавонист ва аз ғӯр болои дигар ғӯр мепариду менишаст ва донаҳоро мечиду мехӯрд.

Он шаб, ки тӯтӣ рафт, субҳаш тоҷири мазкур аз бистар бархосту ба наздики қафаси тӯтӣ омад, дид, ки тӯтӣ дар қафас нест, шӯр карду дастор бар замин зад ва бисёр мутараддидхотир гардид ва бар зан бисёр ғусса шуд. Балки аз он ғумум хобу хӯришро гузошт. Суханҳои занро эътибор ва бовар накард ва занро аз хона бадар кард.

Зани мазкур аз ин хаёл, ки шавҳар маро бадар кард, ҳамаи бошандагони шаҳр маро бад хоҳанд гуфт, гуфт: муносиби донист ин аст, ки ман дар ин гӯристон, ки муттасили хонаи ман аст, хоҳам рафт ва бидуни хӯрду хоб хоҳам мурд. Ҳосили калом, дар гӯристони мазкур рафт ва як рӯз фоқа монд. Вақте ки шаб шуд, тӯтӣ аз андаруни сӯрох гуфт:

–Эй зан, ҳамаи мӯе, ки дар сар дорӣ, аз устура битарош ва то чиҳил рӯз дар ин қабристон бидуни хӯрок бош, то ман гуноҳи ту, ки дар умри худ кардай, хоҳам бахшид ва фимобайни ту ва шавҳари ту оштӣ хоҳам кунонид.

Зан он овозро шунид ва мутааҷҷиб гардид ва дар дили худ пиндошт, ки дар ин гӯр одами худопарасту неккор ва ростбоз аст. Албатта, ӯ ҷурми ман хоҳад бахшид ва фимобайни ман ва шавҳари ман оштӣ ва сулҳ хоҳад кунонид. Пас он зан ҳамаи мӯи сар тарошид ва ҳанде дар он гӯристон буд.

Як рӯз тӯтӣ аз сӯрохи қабри мазкур бадар омаду гуфт, ки эй зан, будуни тақсир парҳои ман кандӣ ва маро сахт озор додӣ, хуб, ҳар чӣ дар толеи ман мақсум буд, ту кардӣ, лекин намаки ту хӯрдаам. Аз ин мамар дар хидмати ту некӣ ва хубӣ хоҳам кард,чаро ки ман тӯтии харидкардаи худованди туам ва ту хотуни ман ҳастӣ ва ин суҳан аз сӯрох ман гуфтам, ки туро бо шавҳари ту хоҳам омехт ва ту якин бидон, ки ман суҳане чунин нахоҳам гуфт ва бадхоҳи ту нестам, ки айби туро бо шавҳари ту гуфта бошам. Ман адаби ному намаки ту донистаам. Бубин, алҳол дар хонаи шавҳари ту меравам ва туро бо шавҳари ту мулҳақ мекунам.

Тӯтӣ ин бигуфт ва дар хонаи худ омада, дар ҳузури хоҷа салом кард ва дуо дод, ки умру давлати ту дароз бод!

Оқо гуфт:

–Ту кистӣ ва оқои ту кист ва аз кадом макон меоӣ ва чандин рӯз дар кадом ҳавелӣ будӣ? Ҳама аҳволи худро муфассал бигӯ.

Тӯтӣ арз кард, ки он тӯтии кӯҳнаи туам ва маро аз қафаси ту гурба бурда буд ва дар қафаси шиками худ дошта буд.

Хоҷа гуфт:

– Боз чӣ гуна зистӣ?

Тӯтӣ илтимос кард[1], ки ту зани худро бидуни гуноҳ аз хона берун андохтӣ. Аз ин мамар зани ту дар қабристон рафт ва чиҳил рӯз фоқа [нишаст] ва бисёр гиря ва зорӣ намуд. Ҳақсубҳонатаоло бар ҳоли зани ту мехрубон шуда, маро боз чон дод ва ҳукм кард, ки эй тӯтӣ, назди шавҳари ин зан бирав ва фимобайни ин зану шавҳар оштӣ бикун, балки ту дар ин мукаддима гувоҳ шав.

Оқои ӯ ин аҳволро маълум кард. Ҳосили калом, аз хонаи худ бархост ва болои асп савор шуда, назди завҷаи худ рафту гуфт, ки эй маъшуқ, ман бидуни тақсир туро ранҷ додам, афви таксири ман кунӣ. Пас аҳлия дар хона оварад

[1] Илтимос кардан – дар ин ҷо ба маънои бо тавозӯъ ва шикастанафсӣ суҳан гуфтан омадааст.

ва зану шавҳар бо сулҳу дӯстии тамом дар як хона мондаанд ва бисёр айшу ишратҳо карданд.

Тӯтии Маймун қиссаи тӯтӣ ва тоҷирро тамом карду Хучастаро гуфт, ки эй Хучаста, туд барвақту ба назди шоҳзода бирав, то ваъдаи ту дурӯғ нагардад ва агар худо нохоста ин хабар шавҳари ту бишнавад, ман мисоли тӯтии тоҷир барои сулҳу оштӣ кардан хозирам.

Хучаста аз ин суҳан масрур шуда хост, ки назди шоҳзода биравад, дар ин асно субҳ зоҳир шуда, рафтани Хучаста мавқуф гардид. Аз он ҷо, ки Хучаста ҳама шаб бедор буд, барои истироҳат рафт ва болои бистари заррӣ хуфт.

ҚИССАИ ШАБИ ДУВВУМ

ТӮТИИ МАЙМУН, КИ БА ҶИҲАТИ ХУҶАСТА БАЁН МЕКУНАД

Чун шом шуд ва моҳтоб аз чониби Машриқ баромад, канизакони Хучаста шамъҳо афрӯхтанд. Хучаста аз бистар барҳост ва рӯи худро шуст ва чеҳраи гулгуни худ ороста кард ва таому об хӯрд ва чанд пиёла шароб иҷӯш кард ва порчаҳои зарбофту зардӯзӣ пӯшида, ба зеварҳои мурассаъ, ҷавоҳир сару гӯшу гардан ва дасту пои худро зебу зинат дод ва оина талабиду руху чамол ва қомати хешро дид ва бар хубӣ ва равнақи ҳусну чамол ва сурати покизаи худ ошиқу масрур, хурсанду шодон ва хурраму хандон гашта, оҳиставу хиромон ва чамон назди тӯтӣ рафт. Тӯтии доно ва хирадманду оқил Хучастаро салом карду дуо дод, ки умру давлати ту дароз буд! Зоҳир кард, ки шоҳзода ҷавон аст, муҳаббату дӯстии туро фаромӯш хоҳад кард, чунончи муҳаббати рочаи Комруро тӯтӣ ёд накард.

Хучаста пурсид, ки қиссаи рочаи Комру чӣ гуна бувад? Муфассал, як ба як бигӯ.

Тӯтӣ арз кард қисса. ки дар шаҳри Комру болои як дарахти калон тӯтие ошёна дошт ва дар он ошёна нуздаҳ байза ниҳод ва чанд рӯз болои байза нишаст. Аз андаруни байзаҳо бачаҳое баромаданд. Тӯтӣ ҳар рӯз бачаҳои худро обу дона ва хӯрок медод. Ва дар зери дарахти мазкур як рӯбоҳ низ бачаҳо дода буд[1]. Вақте ки бачаҳои тӯтӣ ҷуруд омаданд, бо бачагони рӯбоҳ бозӣ мекарданд. Чун тӯтӣ доно буд, бачаҳои худро насиҳат кард, ки эй бачагон, моён аз чинси тоирем ва рӯбоҳ аз чинси чорпоён аст. Шумо бо бачагони рӯбоҳ бозӣ накунед, чаро ки бо гайричинс ошной доштан, хуб нест, бисёр бад аст. Чунончи, бӯзина бо писари кутвол дӯстӣ дошт, харобу шуд. Бачаҳо гуфтанд, ки қиссаи писари кутволу бӯзина чӣ гуна бувад?

Тӯтӣ гуфт, ки як бӯзина буд, бо писари кутвол дӯстӣ кард. Бӯзина ва писари кутвол ҳама рӯз шатранҷ мебохтанд. Як рӯз писари кутвол ҳаман бузургону умдаҳои шаҳрро даъват ва зиёфат кард. Ҳама бузургон ва мардумони калон дар хонаи кутвол омаданд ва бар бистари колин бо таккаҳои зарин нишастанд. Рӯ ба рӯи ҳама бузургон писари кутвол бо бӯзина шатранҷ бозӣ кард ва

[1] Бачаҳо дода буд – бачаҳо зоида буд.

писари кутвол як бор даст бар сари бӯзина дошт. Бӯзина рӯ ба рӯи ҳамаи бузургон даст бар сари писари кутвол зад. Писари кутвол гусса ва пурғазаб гашта, мӯҳраи шатранҷ бар сари бӯзина зад. Хун аз сари бӯзина чакид ва бисоти шатранҷ пурхун ва сурх гашт. Бӯзина низ аз бисёрии гусса ва нифок нохуни худро бар сари писари кутвол зад ба зӯр бихарошид ва захм намуду бигурехт. Рӯз ба рӯз захм бар сари писари кутвол афзуну зиёда ва калон мешуд. Ҳакимону табибон ва атиббои шаҳр якчоя шуданду захмро диданд ва мулоҳиза карданд, дар миёни худҳо машварат намуданд ва гуфтанд, ки бӯзинаи мазкурро биёранд ва бикушанду хуни ӯро бар ин чароҳат молиш ва тило кунанд, ки он вакт захм бехтар хоҳад шуд ва ором хоҳад ёфт ва хушк хоҳад гашт ва сихат хоҳад гардид.

Писари кутвол чавоб дод, ки бӯзинаи маркум ошно ва муҳибу дӯсти ман аст, ӯро набояд кушт ва ҳалок набояд сохт. Чун чароҳати писари кутвол зиёдатару бисёртар шуд, дар шаб хоб намеомад. Ночор аз сабаби дарду сӯзиш ва бекарориҳои хеш писари кутвол барои куштану хун кардани бӯзина розй шуд. Пиёдаҳо ва навкарону чокарон дарҳол ва филфавру зуд ва ҷалд ва шитобу таъҷил бӯзинаи мазкурро оварданд ва забх карданд ва хуни ӯро бар захм молиданд. Рӯз ба рӯз чароҳат хушку наҳиф [мешуд] ва баробару илтиём мегирифт. Дар андак муддат хуб шифо ёфт.

Пас тӯтӣ бачаҳои худро гуфт, ки агар бӯзинаро ошноии писари кутвол вафо мекард, харгиз ӯро намекушт ва ҳалок намесохт.

Бачаҳои тӯтӣ насиҳату ваъз ва панди тӯтиро нашуниданд ва ҳамаи вакт бо бачаҳои рӯбоҳ бозй ва лаъб мекарданд.

Як рӯз чанд кӯдакон чиҳати шикор дар чангалу биёбон омаданд, бачаҳои рӯбоҳро диданду гирифтанд ва тарафи шаҳр бо худ бурданд. Баъд аз андак соате рӯбоҳ омад ва бачаҳои худро надид, бисёр парешону дардманд ва пурмалол шуд ва аз дарди дил гуфт, ки аз сабаби бачаҳои тӯтӣ бачаҳои ман кайд ва гирифтор шуданд. Чаро ки одамиёни шаҳр барои гирифтани бачаҳои тӯтӣ омада буданд. Бачаҳои тӯтӣ одамонро дида париданд ва болои дарахт нишастанд. Пас одамиёни мазкур бачаҳои маро гирифта бурданд. Пас рӯбоҳ аз макр пои худро ланг карда пеши як шикорӣ лангон рафт. Шикории мазкур дар дили худ андешид, ки ин рӯбоҳ ланг аст, агар ман дар паси ин рӯбоҳ андак ва кадре хоҳам давид, ин рӯбоҳ дар дасти ман хоҳад омад. Ба ҳамин тасаввур шикорӣ дар паси рӯбоҳ давид. Рӯбоҳи мастур аз макр оҳиста-оҳиста медавид. Чун шикорӣ наздик бирасид, боз ба макдури қуввати хеш медавид. Ба ҳамин тавр, боз зери дарахти мазкур, ки бачаҳои тӯтӣ буданд, омада истод. Шикорӣ низ таокуби пайи рӯбоҳ кард ва зери дарахти маркум истода шуд. Пас рӯбоҳ дар паноҳи дарахтони ҷангал рафт ва пинҳону нопадид гардид. Шикорӣ дар он ҷо рӯбоҳро бисёр талошу тафаххус ва ҷустуҷӯ кард, наёфт. Шикории мазбур дар ҳолати талоши рӯбоҳ болои дарахти мазкур нигоҳ кард, тӯтиро бо бачаҳои худ дар ошёна нишаста дид ва болои дарахт дом андохт ва тӯтиро бо бачаҳо муқайяду гирифтор кард. Вакте ки тӯтӣ ба дому дасти шикорӣ гирифтор гардид, бачаҳои худро гуфт, ки шумо пештар сухани маро нашунидед, ки бо бачаҳои рӯбоҳ ошной кардед. Аз ошноии гайричинс дар домӣ бало фито-

дид. Алқол як суҳан, ки бояси халосӣ ва раҳоӣ бошад, ба шумо бигӯям, бишунавед ва мувофиқи он кор бикунед, то шумо аз ин дом начот хоҳед ёфт. Суҳан ин аст, ки шумо дамҳои ҳудро банд бикунед ва баробари мурда бошед. Дар он вақт сайёд хоҳад ангошт, ки инҳо аз тарсу дахшат ва ҳаросу хавфи ман мурдаанд ва фавт шудаанд ва ҳалок гардидаанд. Пас шуморо хоҳад гузошт. Дар он вақт шумо болои шохи дарахтони чангалу беша бипаред. Ман пиру доно ҳастам, ба ҳар қисм, ки бошад, аз дасти сайёд маҳлас хоҳам дод ва бо шумо хоҳам пайваст ва шомилу якчо хоҳем шуд. Бачаҳо «бале» гуфтанд ва нафасҳои ҳудро банду масдуд ва ҳабс карданд ва баробари мурда шуданд. Сайёд пиндошт ва қиёс кард, ки ин бачагон аз биму ҳарос мурдаанд, ҳамаро аз дом берун андохту афганд ва гузошт ва бачаҳои мазкур ҳамон вақт бар шоҳу фаръи ашчор парвоз карда нишастанд ва тӯтӣ дар дом буд. Шикорӣ аз мурдани бачаҳо бо тӯтӣ бисёр гусса ва ҳашм карда, хост, ки ҳар ду пои тӯтиро дар даст гирифта болои замин бизанад. Дар ин миён [тӯтӣ] овоз дод ва сайёдро гуфт, ки ба чӣ маънӣ бар ман гусса ва ҳашм кардӣ ва маро бар замин мезанӣ?! Ман туро бисёр зар ҳоҳам дихонид. Ту он зарҳо ба ҳамин умр ҳоҳӣ хӯрд ва аввоти ҳудро аз он сарф ҳоҳӣ кард. Ҳакимам ва озори одамиёнро хуб мешиносам ва дарёфт кардан метавонам. Бисёр одамӣ аз даво ва муолиҷаи ман сиҳат ва шифову ором ёфтаанд.

Шикорӣ гуфт, ки ман навкари роҷаи Комруям.

Роҷаи мазкур бисёр бемору касалманд ва сақимулбадан аст. Бисёр ҳакимону табибони ин шаҳр давову муолиҷа ва адвияву чораҳо карданд, аммо давои ҳеҷ кас фоида набахшид ва сиҳативу тандурустӣ ҳосил нагардид.

Тӯтӣ гуфт:

– Агар ман роҷаро даво ҳоҳам дод ва ҳоҳам дид, албатта аз авву фазл ва тафаззулоти илоҳӣ ӯро ҳоби ором ва сиҳатӣ ҳоҳад шуд.

Шикорӣ ҳарфҳои тӯтиро шунид ва тӯтиро аз дом берун овард ва дар қафас андохту ба хизмати роҷаи мушорунилайҳ бурд ва гуфт:

– Ин тӯтӣ бисёр доно ва ҳакимпеша аст. Аввал озори шуморо ҳуб маълум ҳоҳад сохт, баъд аз он мувофиқи озор даво ҳоҳад ва озори шумо дур ҳоҳад кард.

Роҷаи мумоилайҳ тӯтиро назар карда дид ва гуфт, ки эй тӯтӣ, марази маро тафовут[1] кардан тавонӣ?

Тӯтӣ ҷавоб дод, ки ба мадади илоҳӣ дур кардан метавонам ва ҳоло ки чеҳраи туро дидам, ҳамаи маразро маълум кардам ва донистам ва шинохтам ва дарёфт кардам. Алҳол давои ин озор тавонам кард. Якин, ки дар андак рӯз туро тандуруст тавонам кард.

Роча суханҳои тӯтиро эътибор карда, маблағи се ҳазор ҳун ба шикорӣ дода, тӯтиро харид ва дар қафаси мурассаъ дошт. Чанд рӯз мутобиқи гуфтаи тӯтӣ роча даво хӯрда ва шарбатҳои муолиҷаро нӯшид, ними заҳмат ва нисфи марази роча дафъ шуд. Роча бар тӯтӣ фаровон меҳрубон шуд ва хуш гардид. Ҳар чӣ тӯтӣ арз мекард, ҳамон вақт роча мешунид ва ба мучиби он кор мекард. Пас тӯтӣ дар дили худ машварат карда, ки акнун фикри ҳалосӣ ва озодии

[1] Тафовут – дар ин ҷо ба маънои дур ва бартараф омадааст.

худ бояд кард ва наздики роча ба ҳамин тавр арз бояд кард, ки эй роча, аз давои ман марази ту нисф бартараф шуда, боқии маразро даво бояд кард. Маро мисли гунаҳгорону дуздон дар банди хона доштан хуб нест. Лозим, ки аз панчараву қафас берун куни ва ман дар чангалу беша ва дашту саҳро барои ашчори муолича хоҳам рафт. Чаро ки дар чангал як дарахт аст, ки гулу гунча ва беху баргу шохи он дарахт хоҳам овард. Онро дар об андохта, чӯш карда, то се рӯз пеш аз хӯрдани таом хоҳам нӯшонид. Баъд аз нӯшидани он оби чӯшонда боз ту чавон хоҳй шуд, мӯи сафеди ту сиёҳ хоҳад шуд ва равшании [чашми ту] зиёда ва афзун хоҳад буд ва дар рӯз ситорахои осмонро тавоне дид ва бисёр чавонмард хоҳй шуд ва ранги ту ки акнун зард аст, сурх хоҳад гардид ва чисми ту, ки лоғар аст, фарбеҳу часим хоҳад шуд ва ҳоло [ки] сухани наздикро наметавонй шунид аз хӯрдани даво сухани дур хоҳй шунид...

Роча бар суханони тӯтй бисёр хуш шуда, маҷнун шуд ва девона гардид ва дарёфт накарда, ки суханони тӯтй ҳама макру ҳила ва саросар галату кизб аст. Роча хидматгори худро гуфт, ки тӯтиро аз андаруни қафас берун ор ва бигузор. Хидматгор мувофики ҳукми роча дарҳол ва чалд гузошт. Тӯтй бисёр масрур гардид ва аз болои хонаву қаср ва айвону иморат ва бому кохи роча бипарид ва дар биёбону дашт рафт ва бо бачаҳои худ омехт ва шомил шуд. Лиҳозо, кори давои роча нотамому беанҷом монд.

Тӯтии Маймун афсонаи рочаи Комруро анчому тамом кард ва бо Хучаста гуфт, ки шоҳзода навчавон аст ва муҳаббати туро фаромӯш ва нисён хоҳад кард, чунончи тӯтй муҳаббату мавадлати рочаи Комруро фаромӯш кард.

Хучаста гуфт, ки росту вокеист. Дар ин асно субҳи содиқ пайдо ва зоҳир шуд ва рафтани Хучаста таъхиру таваққуф ва мавқуфу дарангу дер гардид. Хучаста, ки ҳама шаб барои шунидани қисса бехобу бедор буд, барои хуфтан рафт ва болои бистари подшоҳона ва хусравона хуфт.

ДОСТОНИ ШАБИ САВВУМ

Чун рӯзи равшан гузашта шаб торик шуд, Хучаста аз бистари хоб бархост ва худро орост ва порчаи зарй пӯшиду таом ва нон, хӯришҳои бодинчону хиёри чанбара ва кадуи сабзу турб ва даббаи сурх бо хӯришҳои мутанаввиа талабиду хӯрд ва меваи кишмишу ангуру бодом ва пиставу чормағзу анчир ва анбаву чалғӯза ва фундуқу мавизу ношпотй ва анору ҳиндувона ва харбузаву тарбуз ва гулобй ва мураббои чавзи бӯя ва шафтолуву бихй ва чанд навъ ширинй ва халво ва гулқанду фолуда ва фирий талабида хӯрд ва назди тӯтй омаду иҷозат талабид.

Тӯтй арз кард, ки зуд бархезу бирав ба суръату шитоб ва чалду зуд ба таъчил кори худ бикун! Дар ин боб чунин макун, ки амирзодае аз зани сипоҳй шарманда шуд, ту ҳам аз шавҳари худ хичилу пушаймон шавй.

Хучаста пурсид, ки достони зани сипоҳй чй кисм ва чй сон бувад? Бигӯ!

ҲИКОЯТ

Тӯтй илтимос кард, ки донишмандону хонандагони нахустин ва хирадмандони пешин чунин фармудаанд, ки дар як шаҳр як сипоҳй буд аз бошан-

дагони лашкар ва ӯ як зан дошт хубшаклу хубсурат ва ҳасину моҳпора ва солиҳаву неҳбахт. Сипоҳии мазкур шабу рӯз дар назди зани мазкура ҳозир мебуд, як соат аз аҳлияи худ дур наметонд. Лайлу наҳор посбонии завча мекард ва дар дили худ тасаввур мекард, ки зани ман хубшаклу хушторҳ аст, агар ман барои навкарӣ ва чокарӣ назднаи амир биравам, каси дигар завчаи маро хоҳад бурд. Сипоҳии мастур аз ин бойс ва иллату сабаб ва мамару рахгузар ба чое намерафт.

Чун барои харҷ дар дасти ӯ як дом намонд, аҳлияи ӯ бо ӯ зоҳир кард, ки эй шавҳар, билъиштийи ва-л-ишрок назди ман ҳозир мебошӣ ва аз сабаби ишку шавки ман навкарӣ ва чокариро гузоштӣ. Барои ман хӯришу хӯрок, нон бояд ва порчаи шила ва пагтола ва танбонҳои кутиӣ ва бофта ва авранг-эбӣ ва мушаччар ва бонот ва махмал барои пӯшок мебояд ва чокарону хидматгорон ва пиёдахову каҳҳорон ва ҳалолхӯру хокрӯбу гозур ва хайёти обкаш ва боварчӣ ва чорӯбкашро моҳиёнаи мох ба мох бояд дод. Ҳоло назди амир бирав ва чокар шав, илло бидуни харчи зар ошуфтаву саросема ва парешону хайрон хохем шуд.

[Сипохӣ] чавоб дод, ки дили ман намехохад, ки туро дар ин чо гузошта, барои навкарӣ ба дигар шахр биравам.

Завчаш чавоб дод, ки ин андеша ва тачвизу машварат, [ки] дар хотири ту мегузарад, муносибу маъкул ва лоиқ нест. Зани бадро шавҳараш то кай посбонӣ хоҳад кард ва зани бад харгиз зани нек нахоҳад шуд. Достони ялеро шунидай? Шавҳараш гуфт:

– Достони мастур чӣ тавру тарз буда, муфассалан шарҳ бикун.

Занаш гуфт, ки дар як шаҳр яле буд бисёр кувватманду зӯровар. Дар вакти чанг сад касро ба як даст мекушт. Вакте ки ӯ мушт бар санги хора мезад, санги хора пора мешуд ва андаруни сафи чанг шамшеру ханчар ва тиру камони чангкунандагон мегирифт ва мекушт. Яли мазкур як зане дошт бисёр зебо ва хубсурат. Аммо зани худро даруни хона намедошт ва берун мегузошт. Аёнон чиниси ӯ ба ӯ зоҳир карданд: « – Ту аҳлияи худро чаро намепӯшӣ?» Яли мазкур чавоб дод, ки як рӯз дар бешае як фил дидам баробари кӯҳ, бар пушти фили мазкур аморӣ буд. Ман бисёр мутааччиб шудам ва тасаввур кардам, ки дар беша ва дашт аксар фил мебошад, аммо андаруни беша бар пушти ин фил аморие тоза кадом кас гузошт?! Баъд аз саҳму тарси фили мазкур болои як дарахти калону баланд савор шудам. Фили мазкур зери дарахти мастур омад ва аморӣ бо хартум аз пушти худ бардошта, болои замин гузошт ва худ барои чаридан рафт. Ва дар аморие мазкур як аврати хушчамол буд, берун омад. Ман сурати ӯро дидам, бисёр масруру хуш гардидам ва беихтиёр зери дарахт омадам. Вакте ки зани мазкур маро дид аз ман хушгабъй кард ва ман ҳам бо ӯ зарофат кардам. Ӯ бо ман дар паноҳи дарахтон ҳамбистар [шуд].

Баъд аз он зан як ресмони тобдода аз киса чома берун оварду як гирех дод.

Ман ӯро пурсидам, ки эй аврати хушшаклу ситорачашм, ин чӣ ресмон ва ин чӣ гирех аст? Ин ҳакикат ва кайфиятро муфассал бигӯ!

Зани мазкур гуфт, ки шӯи ман бисёр соҳиру чодугар аст ва бисёр ғайрату ҳанг дорад ва зани худро ба дигар кас наменамояд. Аз ин бойс ва сабаб дар

миёни шаҳр намебошад ва лайлу наҳор дар биёбон мебошад ва худро аз чоду баробари сурати фил карда ва маро болои пушти худ гузошта, дар саҳро мегардад ва аз тарси ӯ хеҷ ҷонвару ҳайвон назди ман, балки гирдогирди ман намегардад. Ман низ аз аксу ҳасад ва душманиву хусумат ва адовати ӯ бо наваду нӯҳ кас наздикӣ кардаам. Имрӯз бо ту сад кас тамом шуданд, аз ин дар ресмон гирех омадааст...

Аз он рӯз яли мазкур зани худро дар хона намепӯшид ва берун медошт.

Зани сипоҳии мазкур қиссаи паҳлавонро тамом кард ва гуфт:

– Эй шавҳар, зани нек ҳаргиз бад нахоҳад шуд. Пас сипоҳӣ гуфт:

– Эй маъшуқ ва маҳбуби ман, ҳарчӣ ту хоҳӣ фармуд, мутобиқи он ман хоҳам кард.

Зан гуфт:

– Маслиҳат ин аст, ки ту аз боиси ман хотирчамъ бош ва аз чониби ман хеҷ андеша макун. Дар ҳузури як амирзода бирав ва чокар шав. Ман як даста гул туро хоҳам дод, то ки ин гулдаста пажмурда ва хушк хоҳад шуд, ту яқин бишинос, ки ман гуноҳ кардам. Зани мазкур ин бигуфт ва як даста гул бар дасти шавҳар дод ва рухсат кард.

Пас шавҳар дар дигар шаҳр рафту наздики амирзода чокар шуд ва ҳар рӯз гулдастаро дар мачлису базму амирзода мебурд. Баъд аз чанд ҳангоми зимистон ва айёми хазону мавсими шабнам ва замони барф даррасиду дар ҳама баситин гулу гунча пажмурда гардид. Як рӯз амирзода бо ҳамнишинони худ гуфт, ки ин айёми барф ва зимистони сард аст, аз бобати боридани барф дар хеҷ боғу бӯстон гулу ғунча нест ва намонд. Пас ин марди сипоҳӣ дар ин ҳин ин гули тоза аз кучо меорад?

Ҳамнишинон ҷавоб доданд, ки мо низ тааҷҷубот медорем.

Пас амирзода аз сипоҳӣ пурсид. Сипоҳӣ ҷавоб дод, ки аврати ман дар замони омадани ман ин гулдастан тоза ба ман доду гуфт:

– То ин гулдаста тоза хоҳад буд, ман покам ва аз гуноҳ дурам. Вақте ки ин гулдаста пажмурда хоҳад шуд, ман нопоку осӣ ва гунаҳгор хоҳам гардид.

Амирзода ин фаҳворо донисту шиноҳт ва дар дил андешид, ки зани сипоҳӣ соҳира ва афсунгар аст ва аз фусуни сеҳр гулдаста сохта, ба дасти шавҳар дода, худ аз ҷавонони дигари хушшакл шод мебошад. Пас ҳар рӯз амирзода бо сипоҳӣ хуштабъй мекард, аммо гоҳе табиати сипоҳии мазкур дар хашму ғусса нарасид ва дар дили худ тасаввур мекард, ки зани ман ҳаргиз кори бад нахоҳад кард.

Пас амирзода ду нафар матбахӣ дошт раъно ва зебо ва хушранг. Аз он ду нафар якеро моли бисёр дода, дар шаҳри сипоҳии мазкур фиристод ва гуфт, ки ту дар мулки ин сипоҳӣ бирав ва занашро дар банди ғулот ҳамбистар шав.

Пас боварчии маркум бо амри амирзода дар вилояти сипоҳии мазкур рафт ва дар он ҷо як болохона ба кироя гирифт. Дар он хона монд ва як даллоларо наздики он зан фиристод. Чун даллола пеши зани сипоҳии мазкур омад, гуфт, ки як шахси давлатманд дар ин шаҳр расидааст ва ӯ бар ҳусну ҷамоли ту ошиқ ва мафтуну фирефта ва шефта шудааст. Ту ӯро як рӯз маҳзуз бикун, албатта, ӯ туро молу матоъ хоҳад дод.

Зан гуфт:

–Ӯро дар хузури ман биёр. Агар ӯ лонку шоиста ва дархӯри ман аст, ман бо ӯ ин кор хоҳам кард.

Пас он даллола боварчиро дар хонаи зани сипоҳӣ овард ва зани сипоҳӣ боварчиро диду гуфт, ки ин даллоларо аз миёни ману худ дафъ ва дур бикун, чаро ки кори маро бо дигарон изҳор хоҳад кард. Ту дар ин ҷо ва овон аз ин ҷо бирав ва бо даллола изҳор кун, ки ин зани сипоҳӣ хушчамол нест, маро аз дидани ӯ кароҳат меояд. Ин тавр бо даллола фиреб карда, даллоларо рухсат ва чавоб дех. Баъд аз рухсат додани ӯ ҳаман молу асбоби худро дар хонаи ман ирсолу иблоғ дор ва ту лайлу наҳор дар хонаи ман бош. Баъд аз он ману ту ҳама вақт якчо хоҳем буд.

Боварчии мазкур қабул карда, «бале» гуфт ва дар хонаву ҳавелӣ ва иморати худ омад, даллоларо чанд рупия дода, ризо дод[1] ва ҳама манолу асбобро дар хонаи зани сипоҳӣ иблоғу ирсол дошт. Зани сипоҳӣ як гор ва гаве барои чоҳе амиқ биканд ва як чорпояро аз риштаи хоми пунбабоф болои гави мазкур густурда ва болои чорпояи мазбур палангпӯши рангину борик густурд. Боварчиро гуфт, ки болои ин паланг бинишин! Ҳамон вақт боварчӣ мувофиқи ҳукми зани сипоҳӣ болои паланг нишаст ва дар гави мазкур афтод ва фарёд карду бисёр шӯр намуд.

Зани сипоҳӣ гуфт:

–Ту шӯр макун ва рост бигӯ: Ту кистӣ ва аз кучо омадӣ ва кадом шахсе туро ин чо фиристод ва иблоғ дошт? Ҳама хабарро бо ман шарҳ кун!

Боварчӣ [чун] хабари рост ва таҳқиқ гуфтан, андеша ва фикр надид, хабари гулдастан сипоҳӣ ва фахвои амирзода зоҳир кард.

Аҳлиаи сипоҳӣ чавоб дод:

–Ту хостӣ, ки маро дар гуноҳу маъсият ва хато андозӣ, худои таоло туро дар гору гави амиқ андохт.

Амирзодаи мазбур пас аз чанд рӯз бо донишмандон ва ҳамнишинони дарбори худ гуфт. ки ман як нафар боварчӣ дар мулки аҳлиаи сипоҳӣ ирсолу иблоғ доштам, то ҳол иттифоқи омадани ӯ нашуд. Шумо, ҳаман доноён машварат бикунед, то мутобиқи тадбири шумоён ба амал хоҳам овард.

Ҳама доноён зоҳир карданд, ки маслиҳат ин аст, ки шумо дигар боварчӣ боз ирсол доред, ки дар вилояти завчаи сипоҳӣ рафта, хабари боварчии собиқ хоҳад овард.

Амирзода мувофиқи амри донишмандон дигар як нафар боварчиро сӯи вилояти сипоҳӣ иблоғ дошт ва равона кард. Чунончи мисли боварчии собиқ ин ҳам дар гор афтод ва амирзода то муддати ҳафт моҳ роҳи ҳар ду боварчиро дида, гуфт, ки ман ҳар ду матбахиро фиристодам, лекин яке наёмад. Пас худ барои рафтани вилояти завчаи сипоҳии мазкур мустаид шуд ва сипоҳиро ба ҳамроҳии хеш гирифт ва аз шаҳри худ кӯч карду дар вилояти зани сипоҳӣ омад ва дар як болохонаи калон фуруд омад ва сипоҳиро амр кард, ки ту ба хонаи худ бирав!

---

[1] Ризо дод – розӣ шуданд.

Сипоҳӣ ҳасбулҳукми амирзода дар хонаи худ рафт ва зани худро дар бисёр ибтиҳочу нишот ва инбисот ёфт ва кайфияти навкарии амирзода зоҳир кард. Зан гуфт, ки ту назди амирзода бирав ва бигӯй, ки фардо дар хонаи ман меҳмонӣ ҳаст, ба вақти дупос бо чанд нафар хосони худ ташрифи шариф биёранд.

Пас сипоҳӣ дар ҳузури карематмаъмури амирзода расид, даъват кард. Амирзода даъватро қабул кард. Баъд аз он сипоҳӣ дар хонаи худ омад ва гулдаста [ро, ки] тоза ва шукуфта буд, дар дасти аҳлияи худ дод.

Занаш гуфт:

– То ин муддат аз авни илоҳӣ ҳеҷ гуноҳу исён накардаам, аз ин иллат ва сабаб гулдастаи ман тару тоза монда ва хушк нагардида.

Шавҳараш гуфт:

– Рост аст.

Баъд аз он занаш кайфияти ҳар ду боварчиро муфассал бо шавҳар арз кард. Шавҳараш аз шунидани ин хабар мутааҷҷибу мутаҳайир гардид. Дувум рӯз амирзода дар ҳавелии сипоҳӣ расид ва бар маснади зариву махмал нишаст. Зани сипоҳӣ ҳар ду боварчиро гуфт, ки шумоён як тараф бошед, ман нардбони калон дар гавӣ ва ҳуфра барои шумоён истода мекунам, бар он савор шуда, берун биёед. Чунончи ҳар ду боварчӣ бар нардбон савор шуда, берун омаданд. Лекин аз гармии ҳуфра мӯи сару риш ва буруту абрӯву мижаи ҳар ду боварчӣ рехта буд.

Зани сипоҳӣ бо онҳо зоҳир кард, ки ман як амирзодаро имрӯз даъват кардаам ва барои ӯ гуногун неъматҳо тазондаам. Бояд ки шумо дар ҳузури амирзода биравед ва суфра бигустаронед ва рикобиҳои таом бар суфра нихед. Баъд аз таом хӯрдани ӯ шуморо озод мекунам ва барои худо мегузорам. Лекин дар умри худ боз чунин макунед ва зани ҳеч мардро фиреб мадиҳед.

Ҳар ду боварчӣ сухани зан қабул карданд ва гуфтанд, ки агар аз иноятӣ илоҳӣ зинда хоҳем буд, то зисти худ инчунин кор нахоҳем кард. Охираш, зани сипоҳӣ ҳар ду боварчиро либоси канизакон пӯшонда ва ҳончаҳои таоми тӯҳфа бар сари эшон ниҳод ва дар мачлиси амирзода фиристод. Амирзода ҳар ду канизаконро дида гуфт, ки ин канизакон чӣ таксиру маъсият карданд, ки мӯи сару абрӯ ва мижаи эшон тарошидаанд?

Сипоҳӣ чавоб дод, ки ин канизакон гуноҳу маъсияти азим кардаанд. Шумо кайфияти маъсиятро аз эшон пурсед, албатта, ба ҷаноби файзмаоб муфассал арз хоҳанд кард.

Пас амирзода бар рӯи эшон хуб нигоҳ карда дид ва фаҳмид ва эшон низ амирзодаро шинохтанд ва дар пои амирзода афтоданд, бисёр гиристанд ва гуфтанд, ки ин зан солиҳа ва нек аст ва шаббедор ва ҳама шаб Қуръони мачид ва Фуркони ҳамид мехонад ва намоз мегузорад ва ҳама рӯз чуз ба ёди ҳақ... намебошад.

Баъд аз он зани сипоҳӣ аз паси девори хона овоз доду гуфт, ки эй амирзода, ман он авратам, ки ту маро ҷодугар ном ниҳодай ва бар гулдастаи ман мутаҳайир гардидӣ.

Ту надонӣ, ки дар каломи мачид ҳақ таъоло чӣ фармудааст, ки эй бандагони ман, агар ҷаннат мехоҳед ва раҳмат металабед, бар шумо лозим аст, ки

дурўғ нагўед ва дузлй накунед ва сехру чолу накунед ва мисгиноиро озор надиҳед ва бомдаб бошед ва дили ҳеч касро озурда макунед ва дар ёди ман бошед ва кор коре, ки сахт дар пеш оид, аз ман мадад биҳохед, ман корҳои шумороаз осонй зуд хоҳам кард. Ва ман ҳама вакт Куръони мачид мехонам, пас чй гуна корҳои маъсият хоҳам кард?!

Ту намедонй, ки бандахои худои таоло чанд неку чанд бад ва чанд пиру чанд нопок ва чанд осиву чанд ночинанд?! Ҳамаро ту омехта макун ва бад магў ва шикояту шикоа ва гилаи эшон макун! Агар инчунин кор хоҳй кард, дар азоби дўзах гирифтор хоҳй шуд! Агар дар ин вакт як ох бизанам, ту хоҳй сўхт, балки хоҳй мурд!

Вакте ки амирзода ин суханхоро шунид, бисёр ларзид ва шармандаву хичил гардид ва гуфт:

– Эй сипоҳй, аз ман гуноҳи сахт зоҳир шуда, шумо муоф бикунед.

Ва сипоҳиро дар хузури худ талабида, молу давлати бисёр доду гуфт, ки то ҳаёти худ ва зисти худ ту навкарии ҳеч кас макун ва ҳама умр дар хонаи худ бо зани хеш бош! Амирзода ин бигуфт ва тарафи шаҳри худ равона гардид.

Чун тўтй киссаи сипоҳиро тамом кард, субҳ зоҳир шуд.

Хучаста, ки ҳама шаб барои истимои киссаи бедор буд, барои хуфтан рафт ва болои бистари нарм хуфт.

ДОСТОНИ ШАБИ ЧАҲОРУМ

Чун офтоб аз мулки Машриқ ба доруссалтанати Магриб рафт ва ҳама ситораҳо болои осмон тобон шуданд ва оинаи моҳ дар сипеҳри лочувард дурахшон гардид, Хучаста аз бистари хоб барҳост ва офтобаву ташт талабид ва рўйро шуст ва зевари алмосу ҳамоили ёкут ва зумурраду марворидри бешкимат дар гулў андохт ва порчаи зарбофту гаронмоя дар бар кард, рўи худро ороишу орост кард ва ҳўришҳои лазизу мевахои латиф ва хушбўҳои маъкул талабид ва хўрду наздики тўтй омад ва болои курсии мурассаъ нишаст. Тўтй таслимот ва курнишот ба чо оварда, арз кард, ки умр ва давлату ҷамъияти ту мудом ва мустадом бод! Ҳеч ғаму андеша ва васвасаву тараддуд бар дили ту мабод!

Хучаста гуфт, ки бидуни андешаи ифои ваъдаи маликзода дигар фикру тараддуд дар хотир ва дилу калб надорам.

Тўтй чавоб дод, ки рафтани ту билфеъл дар хузури маликзода муносиб ва маъкул аст, лекин бо ин ҳама зевари гаронмоя ва либоси фохира дар хузури шахзода рафтан аз они акли дурбин дур аст. Агар маликзода таман зевари гаронмоя ту кунад ва ҳамоили марвориди бешбахову икди мурассаи гаронбарки ту бигирад, ту мутобики заргар дар миёни нимшаб назди кадом хонум мустагоси хоҳй шуд ва хоҳй кард?

Хучаста фармуд:

–Достони заргар чй навъ буд? Бигў!

Тўтй арз кард, ки доноёни собик ва бузургони салаф чунин фармудаанд, ки дар як балда ва вилояту мулк ва кишвар, ки номаш Самарқанд аст, як

заргар буд, ошноии ӯ ба як наччор буд. Дар миёни заргару наччор фаровон иртибот ва иттиҳоду ихлос буд. Мардуми умда-умдаи он шаҳр мувофиқати мурофақати эшонро дида мегуфтанд, ки ин ду кас мисли ду ошно наменамоянд, балки ба тариқи ду бародари ҳақиқӣ мебошанд.

Чун як рӯз заргари мазкур барои мусофирати дигар кишвар мустаиду тайёр гашт, наччор бо заргар зоҳир кард, ки ман бидуни ту як дам дар ин ҷо нахоҳам буд, ҳамроҳи ту хоҳам омад. Пас ин ду кас муттафиқу рафиқ шуда, дар кишвари Ҳинд рафтанд. Заргар кори заргарӣ ва наччор кори наччорӣ огоз кард, аммо ҳеҷ кас аз бошандагону сокинони он шаҳр дар кори эшон майлу рағбат накард. Пас эшон бидун аз харҷ ошуфта ва саросема шуданд ва ду рӯз бидуни хӯроку хӯриш гурусна монданд. Баъд аз он заргару наччор фимобайни худ машварат карданд. ки дар ин кишвар як бутхонаи калон аст, дар он бутхона бутони калон заррину симинанд, болои бутон зевару алмос ва ёқуту лаъл аст ва дар гулӯи бутон ҳамоили зумуррад ва ниламу марворид аст ва дар гӯши бутон зевари нилам ва дар дасти бутон ангуштарини бешкимат аст ва барои бутпарастон ҳазор тасбеҳи марҷону марворид аст. Бояд ки ҳар ду кас баробари бутпарастон ҳозир бошем ва шабу рӯз дар бутпарастӣ бошем. Вақте ки фурсат ҳосил шавад, бутҳоро аз бутхона берун орем, бутон ва зару зевари бутонро бифурӯшем ва тамоми умр дар хонаву иморат ва ҳавелии худ бошем ва хӯришҳои лазиз бихӯрем ва порчаву пӯшоку либоси гаронмоя бипӯшем ва канизакони сияҳчашми сарвқаду парипайкар ва гуландому шакаргуфтор ва мушкбӯю суманрӯ ва мӯйкамару ширинсухан хоҳем харид ва дар хидмат хоҳем дошт.

Чун он ду кас ин машварату тачвиз ва тадбиру маслиҳат карданд, дар бутхонаи мазкур рафтанд ва тамоми рӯзу шаб дар бутхона дар бутпарастӣ ҳозир буданд ва ҳама бутпарастони он бутхона эшонро дида, шармандаву хичил гардиданд ва гуфтанд, ки парастиши бут баробари ин ду кас бояд кард. Пас ҳамаи бутпарастон ин ду касро сардори он бутхона карданд ва ҳама бутони тиллову нуқра ва зевари бутонро ҳавола ва супурди ин ду кас карданд. То шаш моҳ заргару наччор тамоми вақт дар бутпарастӣ ҳозир буданд.

Паси шаш моҳ як рӯз заргару наччор ба назди бузургони он шаҳр рафтанд ва гуфтанд, ки мо ҳамеша дар парастиш ҳозир мебошем, лиҳозо бутон бар мо меҳрубон шуда, гуфтанд, ки сокинону саканаи ин шаҳр баробари шумо дар парастиши мо ҳозир намебошанд. Аз ин иллат мо дар дигар балда ва иқлим хоҳем рафт.

Сокинон ин суханон шуниданд ва тарсида изҳор карданд, ки дигар бор бутон агар бо шумо ҳамкалом шаванд, шумо изҳор намоед, ки сокинони ин иқлим аёлу атфол ва занону бачагон доранд, барои харҷи ҳама вобастагону мутааллиқон зар мебояд ва зар бидуни касбу машаққат ва муомилат ба даст намеояд. Аз ин боис эшон шабу рӯз дар машаққат ва касби тиҷорат ва дар миҳани хидмату навкарӣ ва чокарӣ ва кору бори хариду фурӯхти ачнос машғул мебошанд. Аз ин мамар, инҳо мутобиқи мо парастиш кардан наметавонанд. Шумо бар бошандагони ин шаҳр меҳру шафқат кунед ва ба дигар шаҳр меравед.

Заргару наччор ҷавоб доданд, ки албатта, моён хоҳем гуфт, агар гуфтан моёнро бишунаванд, бисёр бехтар, вагарна хомӯш хоҳем шуд. Ин зохир карданд ва боз дар бутхона рафтанд ва чанд рӯз дар бутхона парастиш карданд. Як шаб дар бутхона хеч кас аз раъоё ва сокинони мулк хозир набуданд ва бутхона холӣ буд. Дар он шаб заргару наччор фурсат ёфта, ҳаман бутони симин ва зару эзвари дар девор мурассаъ ва гайра аз бутхона берун оварданд. Ва дар он чо як қалъаи кӯхна ва шикаста буд, дар зери девори қалъаи мазкур гор ва хуфра намуданд, ҳама бутон ва эзвари бешумматро дафн карданд ва дар бомдод пеши бузургон рафтанд ва гуфтанд, ки имшаб бутон аз бутхона чои дигар ва кишвари дигар рафтанд. Аввуи чанд рӯз дар ин бутхонаи холӣ хоҳем монд ва барои бутон хоҳем гирист. Агар бутон бар навҳаи мо шавкату алтоф ва иштоқу мехрубонӣ ва талаттуф сохта, боз дар бутхона биёянд бисёр хуб аст, вагарна мо дар ин бутхонаи холӣ чӣ хоҳем кард?! Ва пас чое, ки бутон бошанд, мо дар он чо хоҳем рафт.

Як рӯз заргару наччор дар ними шаб баъд аз машваратҳои бисёр аз бутхона берун омаданд, бутону эзвари бутон аз зери қалъаи мазкур берун оварданд ва харитаҳои калон аз карбосу палос ва порчаҳо канда дӯхта, бутону эзвари он бутонро андаруни харитаҳо андохтанд ва сарҳои харитаҳоро аз ресмони мазбуту мустаҳкам баста, як харита наччор бар сари худ бардошт ва дигар харита заргар бар сари худ бурд. Ҳар ду кас тариқу сабили шаҳри худ гирифтанд ва рафтанд. Вакте ки наздики кишвару иқлими худ расиданд, бутони зарину симин ва эзвару ҷавоҳирро зери як дарахт дафн карданд ва андак эзворро, ки мувофики харҷи яксола бошад, аз он бигирифтанд ва дар бозор пеши сарроф рафта фурӯхтанд ва ду хиссаи баробар қисмат карда, як тақсим наччор гирифт ва як тақсим заргар гирифт ва ҳар ду кас зари мазкурро харҷу сарф карданд ва шодиву биринч ва порчаву пӯшоҳҳои рангину борик ва аҳсан харид карданд.

Аз он ҷо, ки доноён фармудаанд, ки заргар бисёр томеъ ва ҳарис аст, бидуни огоҳӣ ва иттилои наччор зери он дарахт рафт ва аз бел он ҷои мадфунро канд ва он ҳамаро аз замин берун овард ва дар хонаи худ бурд ва меъморону наччорон ва оҳангарону сангтарошон ва муздурону ҳаммолон ва борбардоронро талабида, чӯбҳои сандалӣ ва сутунҳои чанданӣ харид кард ва иморати баланду болохонаи калон соҳт ва баъди ду моҳ наздики наччор рафту зоҳир кард, ки эй наччор, бидуни иттилои ман чаро эзвару бутони симину нукраро дар хонаи худ бурдӣ ва дӯстии дувоздаҳсоларо гузоштӣ ва маро қисмату ҳиссаи надодӣ?! Он заррро то чанд сол хоҳӣ хӯрд ва охир як рӯз хоҳӣ мурд ва дар он ҷаҳон ивази ин неӣ худои таоло туро дар дӯзах хоҳад андохт!

Наччор, вакте ки суханҳои заргарро шунид, бисёр мутааҷҷиб шуд ва дар дили худ ангошт, ки заргар худ дуздӣ карда, бар ман тӯҳмат андохтааст. Пас бо заргар гуфт, ки гараз ва ҳосили каломи ман ин аст, ки ман дӯстии туро гузоштам ва тарк кардам. Вакте ки толеи ман хуб шавад ва худо хоҳад ман хиссаи худро хоҳам гирифт. Ҳар ду кас ба хонаҳои худ рафтанд.

Баъд аз чанд рӯз наччор дар дили худ як машварат сохт ва мисоли он ин аст, ки як лӯъбатро баробари сурати заргар аз чӯб тарошида ва дастору чома

ва камарбанду шол баробари заргар он лўъбатро пўшонида ва ду хирсбачаро аз чангал талабида, хўришҳои эшон дар дасту пои он лўъбати чўб ниход. Вақте ки хирсҳои мазкур гурусна мешуданд, дар дасту пои он лўъбат сари худро мениҳоданд ва мечастанду хўрокро мехўрданд. Баъд аз хўрок хўрдан, наччор хирсҳои мазкур аз лўъбати мастур дароварда, дар як сутун мебаст. Пас дар миёни чанд рўз фимобайни хирсҳои мазкур ва лўъбати мазкур [ин] мутакосир гардид. Наччор ҳар вақте ки хирсҳоро мегузошт, онҳо бидуни лўъбати мазкур дигар тараф намедиданд ва наздики лўъбат меоманд ва сарҳои худро дар дасту пои он сурати чўб мениҳоданд. Ва наччор дар он вақт андешид, ки кори ман хуб шуд ва ҳиссаи ман, ки заргар дуздидааст, ба ман хоҳад расид.

Як рўз наччор зиёфат кард ва зану бачаҳо ва аёлу атфол ва ҳамаи ошноёну дўстон ва хешону азизонро даъват кард ва аёлу атфол ва заргарро низ талабид ва таомҳои гуногун хўронид. Дар миёни ҷамъияти мардумон бидуни итилои хеч кас аз роҳи пинҳон ду писари заргарро дар иморате, ки бачаҳои хирсро дошта буд, пинҳон кард ва бачагони хирсро берун оварду гуфт, ки якояк бачагони заргар баробари шакли хирсбачаҳо гардиданд. Мардумоне, ки барои зиёфат расида буданд, ин суханро шунида, мутааччиб шуданд ва заргар низ шунид, бо наччор бисёр казия карду аз наччор куштй кард ва риши наччорро канд ва наччор низ буруту сиблати заргарро гирифт, ҳама мўи бурутро канд. Пас ҳар ду кас казиякунон дар ҳузури ҳокими шаҳр омаданд. Ҳоким ин қазияро шунид ва аҷаб карда, ба-д-ў гуфт, ки эй наччор, ҳама ҳақиқату кайфият ва матолиб рост бигў ва дар ҳузури ман кизбу дурўғ магў!

Наччор одобу таслимот ба ҷо овард ва арз кард, ки бачагони заргар дар саҳни хонаи ман бозй мекарданд, дар аснои бозй иогоҳ мувофиқи сурати бачаҳои хирс гардиданд. Чунончи ман дар китоби таворих дидаам, ки дар айёми ҳазрати Исо чанд мардум гуноҳи сахт карда буданд, аз ин боис тасовири аслии онҳо масх гардида, мутобиқи шакли хуку сагу хирс ва бўзинаву харгўшу сияҳгўш ва кафтору шағол ва рўбоҳу гург гардидаанд. Имрўз атфоли заргар низ мувофиқи шакли хирс гардидаанд.

Ҳоким китоби таворихро талабида дид, ки дар он китоб мувофиқи наччор гуфторро зоҳир кард, [гуфт], ки мувофиқи имои ту дар таворих дидам ва маълум кардам ва донистаму фаҳмидам ва дарёфтам, аммо бо ту мегўям: агар онҳо рост атфоли заргар хоҳанд буд, албатта, заргарро хоҳанд шинохт.

Наччор арз кард, ки ин суҳани соҳиб бисёр бар мавкеъ аст, чаро ки дилнишин мешавад. Ҳоло мувофиқи ҳукми соҳиб ба хона меравам ва хирсбачаҳоро меоварам ва дар миёни издиҳоми мардумони дарбор мегузорам. Агар дар ин ҳама мардумон издиҳомро гузошта ва тарафи ҳеч кас моил ва роғиб нагардида, заргарро бишиносанд ва дасту пои ўро бигиранд, рост бачагони ўянд ва агар ўро надонанд, суҳани ман дурўғ аст.

Ҳамнишинони ҳоким ин суҳани наччорро бисёр писанд карданд..Баъд аз он наччор ба хонаи худ рафта, бачагони хирсро дар ҳузури ҳоким оварда ва [онҳо] дар миёни издиҳоми мардумони дарбор омаданд ва ба тарафи ҳеч кас майлу рағбат накарданд. Дар миёни ҳама кас вақте ки сурати заргарро диданд, давиданд ва наздики заргар расиданд ва бар дасту пои заргар афто-

дand. Заргар чандон ки онҳоро дур меронд, харгиз дур намерафтанд. Ҳоким ва соҳибони дарбор дар миёни худ гуфтанд, ки рост бачагони заргаранд, дар ин сухан ҳеч шак ва шубҳа нест. Ҳоким заргарро бо гусса дар ҳузури худ талабид ва фармуд, ки бачагони туанд. Агар ту гуноҳ [дар назди] наччор карда бошй, бар пои наччор афтода, пои ӯро бибўс ва маъзарат кун. Вакте ки гуноҳи туро хоҳад бахшид, албатта, бачаҳои ту миспи шакли аввал хоҳанд шуд.

Заргар ин суханро аз хокиму соҳибони мачлис вакте ки шунид, бисёр ноумеду маъюс ва маҳрум гардид ва дар хонаи наччор омаду сари худро дар пои наччор гузошт ва гуфт, ки хиссаи ту амонат хаст ва меорам, писарони маро бидеҳ.

Наччор гуфт, ки хиссаи ман бидуни иттилои ман бурдй, аввал хиссаи маро биёр ва бирасон, дар ин сурат, албатта, бачагон мутобики сурати одам ва мардуму инсон хоҳанд шуд. Аз он чо, ки заргар маҳаббат ва дўстии тифлон дар дил бисёр дошт, аз ин маъний шодмон шуда, зуд ба хона рафт ва хиссаи наччор оварда, дар ҳузури ӯ гузошт ва тавбаву истигфор намуд, ки бори дигар инчунин кор бо ту нахоҳам кард. Баъд аз он наччор бачаҳои хирсро андаруни хонаи худ бурд ва атфоли заргарро беруи овард ва дар ҳузури заргар истода кард. Заргару наччор фимобайни худро сулху оштй карданд.

Вакте кисса ба итмом ва анчом расид, тўтй дар хидмати Хучаста арз кард, ки фимобайни заргару наччор дўстй ва иттиходи дувоздаҳсола буд, [заргар] аз биси зар шарманда шуд ва ҳирсу тамаи моли дунё вокеъ шуд, ту бо ин эвари бешкимат наздики шаҳзода марав. Хучаста писанд кард ва барои хоб рафту бар бистари нарм хуфт.

ДОСТОНИ ШАБИ ПАНҶУМ

Чун рўз тамом гардид ва шаб расид, Хучаста аз бистар барҳост ва таомҳои гуногуну меваҳои букаламун талабиду хўрд ва рўй орост ва ороиш кард ва порчаи зарбофт пўшида, наздики тўтй омад ва рухсату ичозат хост.

Тўтй арз кард, ки шодмон бош, ҳеч тааммулу андеша макун, чаро ки ман дар кори ту [чохид] ва сой хоҳам буд ва туро дар ҳузури шоҳзода хоҳам расонид. Аммо, эй Хучаста, ту дўстиву муҳаббат ва шавку ишки шаҳзода дар дили худ дор, чунончи посбони баиродату акидати шоҳи Табаристон, ки дар калби худ дошт ва дар ивази он давлат ёфта.

Хучаста пурсид, ки достони шоҳи Табаристон чй ҳисм ва чй гуна бувад? Муфассал бигў!

Тўтй арз кард, ки мардони нахустин ва бузургони пешин фармудаанд, ки як рўз шоҳи Табаристон базме баробари бихишту фирдавсу чаннат ороста кард ва таомҳои лазизу хўришҳои латиф ва шароби мутаяввина ва кабобҳои гуногун дар базм медошт. Ҳамаи аркону амирон ва вазирону ҳакимон ва устодон ҳозир шуданд ва таомҳои лазиз тановул фармуданд ва шарбатҳову шаробҳо нўшиданд. Дар он чо ногоҳ ва якояк як мард омад. Ҳочибони боргоҳи шоҳ ӯро фармуданд, ки ту кистй ва аз кучо омадй?

Гуфт, ки ман шергиру шерзанам ва ҳунари тирандозӣ медонам ва чунон тирандозӣ мекунам, ки тири ман аз санги хора берун меравад ва сивои ин бисёр ҳикмат медонам ва пеш аз ин назди амири Хуҷанд будам. Чун қадр ва санъати ман нашнохт, аз ин мамар ва иллат навкарии ӯро гузоштам ва назди шоҳи Табаристон омадам.

Шоҳи Табаристон суханони ӯро шунид ва корпардозони худро ҳукм кард, ки ӯро хидмати посбонӣ ва кори нигаҳбонӣ биспоранд. Ҳамон вақт корпардозон навкар доштанд. Посбон ҳама шаб аз як пой истода нигоҳи худро чониби қасри шоҳ гузошт.

Як шаб подшоҳ баъди ними шаб болои қаср мегардид ва сайр мекард ва ҳар тараф медид ва зери қаср нигарист, дид, ки як шахс аз як пой истодааст. Подшоҳ ӯро фармуд, ки ту кистӣ ва дар ними шаб чаро истодай?

Гуфт:– Ман посбону ҳорис ва нигаҳбонам ва ҳаросати қасри подшоҳ мекунам ва аз чанд рӯз болои як пой истода, мунтазири дидору муштоқи ликои подшоҳ ҳастам. Имшаб аз муовинату ионати бахт ва толеи маймуни худ ҷамоли подшоҳро дидам ва бисёр шодмон шудам.

Дар аснои ин гуфтушунид аз тарафи бодия ва дашт як овоз дар гӯши подшоҳ расид, ки «ман меравам, кадом одам маро хоҳад баргардонид?»

Подшоҳ аз истимои ин овоз ба садову нидо аҷаб монд ва ҳориси мазкурро фармуд, ки эй ҳорис, ту ин овозро самоат кардӣ?

Посбон арз кард, ки аз чанд шаб ин овоз шунида мешавад, лекин хизмати посбонӣ дорам. Аз ин боис истифсори ин хизмат накардам, ки ин нидои кист? Алҳол агар подшоҳ ҳукм бидиҳад, ман ба суръати сареа ҳоҳам рафт ва ин овозро таҳқиқ ҳоҳам кард ва дар ҳузури файзмаъмури бандагони ақдас[1] машрӯҳан ва муфассалан арз хоҳам кард.

Шоҳ ҳукм кард, ки бирав ва ин овоз дарёфт карда бигӯ!

Посбон ҳамон вақту замон берун рафт. Баъди андаки рафтани ӯ подшоҳ низ ба гилеми сиёҳ ҳама бадану рӯйро пӯшонида ва аз андак тафовут дар паси посбон рафта дид, ки дар роҳ як аврати хубсурат истода, мегӯяд, ки «ман меравам, кадом одам хоҳад буд, ки маро боз хоҳад гардонид?»

Посбон пурсид, ки эй аврати зебо, ту кистӣ ва ин суханро чӣ боис мегӯй?

Аврати мазкур зоҳир кард, ки ман сурати тасвири умри подшоҳи Табаристонам. Умри подшоҳи мазкур ба анҷом расид, алҳол ман хоҳам рафт.

Посбони мазкур гуфт, ки эй умри подшоҳ, алҳол ту чӣ гуна боз хоҳӣ омад ва муроҷиату мувоадат хоҳӣ кард?

Тасвири мазкур гуфт, ки эй посбон, агар ту писари худро дар ивази умри подшоҳи мазкур бикушӣ, албатта, муовадату муроҷиат хоҳам кард ва шоҳи мазкур дар дунё ва ҷаҳон чанд рӯз хоҳад зист ва нахоҳад мурд.

Посбон ин суханро самоат кард ва шодмон гардида ҷавоб дод, ки умри ман ва умри писари ман бар подшоҳ фидо ва нисор ва тасаддуқ хоҳам кард. Эй тасвир, қалиле даранг ва таъхир кун, то ман дар хона рафта писари худро оварда забҳ [кунам].

---

[1]Ҳузури файзмаъмури бандагони ақдас – назди хидматгорони карини подшоҳ.

Посбон тарафи хонаи худ муовадат карда, хама кайфиятро бо писар зохир кард. Аз он чо, ки писараш бовафо буд, чавоб дод, ки подшох муносифу одил ва раиятпарвару гарибнавоз ва солиху неккор ва хушахлок аст, мисли ин дар чахон будан мучиби ободонии мулк ва рафохияти ахволи халоику бошандагони фалак аст ва хохад буд. Ман аз устод... шунидам, ки хама тифлони дабистон ва мактабро мефармуд, ки агар дар ивази дафъи халоки подшохи одил корпардозони салтанат яке аз одами раоёро бикушанд, мучиби гуноху исён нест. Чаро ки агар подшохи одил аз халокй рахой ёфта, саломат бошад, хазорон раоёи мулкро дар ором хохад дошт. Худо нахоста, агар ин одил бимираду дигар золим пайдо шавад, хазорон одам аз бойси зулму ситами ў хоханд мурд ва хама мулк вайрон хохад гардид. Пас маслихат ва салох ин аст, ки маро зуд барй ва бикушй.

Баъд аз он посбон писарро дар хузури тасвири мазкур оварда, дасту пои ўро аз ресмон баста, корди тез дар даст барои буридани гулў ва забхи халкуми писар хам шуд. Дар ин асно тасвир дасти посбонро бигирифту гуфт:

– Гулўи писарро мабур, хак... бар химмат ва неккории ту хурсанд ва мехрубон гардид ва бо маро то будани шаст сол хукм дод.

Вакте ки посбон ин мужда ва башорату навид шунид, бисёр масаррату ишшот, фаровон ишрат ва инбисот ёфт. Чун ин хама хорубор ва муомилати посбонро подшох аз дур дид, аз [ў] иртиёх ва ибтихоч ёфт ва пеш аз омадани посбон худ тарафи болохонаи худ мурочиат ва муовадат ва бозгашт намуд ва ба кисми аввал дар болохона мегардид.

Посбон баъд аз соат дар хузури файзганчури шохи чахон расид ва одобу таслимот ва курнишот ба чо оварда, дуо дод, ки умру давлат ва чоху чамъияти шохи чахон дароз бод!

Подшох пурсид, ки он чй овоз буд? Шархи он муфассал бигў!

Посбон арз кард, ки як зан бо шавхари худ нохуш ва озурда гардида, аз хонаи шавхари худ берун баромада, дар рох истода, ин кисм нидо мекард. Ман дар хидмати он зан расида, суханони нарму мулоим ва оштй бо ў зохир карда, дар миёни ў ва шавхари ў сулх кардам. Алхол он зан миод кард, ки то муддати шаст сол берун дарнахохам рафт.

Подшох накўкорй ва донони ўро фахмид ва писандид ва масрур гардид ва зохир кард, ки дар вакте ки ту аз ин хона берун рафтй, ман таоқуби ту омадам ва хама чавобу саволи зани мазкуру ту ва писари ту ва мухаббату иродат ва акидати ту ва писари ту ман шунидаам ва дарёфт кардаам. Гараз, дар айёми мозй мискину мўхточ ва ошуфтахотиру хайрондил будй, иншоаллохи таоло дар замони оянда ва мустакбал хотирчамъ ва хуш хохй шуд ва ман туро аз авни илохй давлатманд ва умда хохам кард.

Шох барои хобидан рафт ва болои бистар хуфт. Чун субхи содик равшан шуд, подшох корпардозони салтанатро хукм дод, ки хамаи амирону вазирон ва доноёни мулкро хозир кунанд. Охираш, дар хузури хамаи мардумони умда посбони мазкурро валиахди хеш гардонид ва калидхо ва куфлхои хизона хаволаи ў кард.

Вакте ки тўтй хикояти султони Табаристон тамом кард, субхи содик зохир

шуд ва офтоб тобон гардид. Аз он боис рафтани Хуҷаста мавқуф ва муаттал гардид. Аз он ҷо, ки Хуҷаста ҳама шаб бедор буд, барои хоб рафт ва болои маснади зарӣ ва махмалӣ истироҳат намуд.

ДОСТОНИ ШАБИ ШАШУМ

Чун шоҳи ховар аз доруссалтанати чарх бар тахтгоҳи мағриб шитофт ва моҳи ҷаҳонафрӯз дар сафҳаи зарнигори осмон мунаввар шуд, Хуҷаста аз хобгоҳ барҳост ва об талабид. Канизакон зуд об дар пеши ӯ ҳозир карданд. Хуҷаста даҳан ва рӯйро шуст ва мӯи сар аз шона ороста намуд ва сурма дар чашм кашид ва холи сиёҳ ба рухсора ва чеҳраи худ дод ва зевару ҳиляҳои гаронбаҳо ва порчаҳои бешқимат дар бадан кард ва наздики тӯтӣ омад, бар курсии зарин биншаст ва иҷозат хост.

Тӯтӣ арз кард, ки ту офтоб ҳастӣ, лекин туро аз ишқу муҳаббати шоҳзода хабар нест, ки ӯ шабу рӯз барои висоли ту ниҳоят музтариб аст. Зуд барҳезу шоҳзодаро аз ликои фарҳатафзои худ масруру шодмон кун. Агар дар ин вило шавҳари ту аз сафар ба хона дарояд, албатта, баробари ҳафт марди ошиқ ноумеду маҳрум ва маъюс хоҳӣ шуд.

Хуҷаста пурсид, ки қиссаи ҳафт марди ошиқ чӣ қисм ва чӣ тарз бувад? Бояд гуфт.

Тӯтӣ муҷиби ҳукми Хуҷаста арз кард ва илтимос кард, ки дар шаҳре як хайёт ва зоҳид ва наҷҷор ва заргар буд. Фимобайни инҳо бисёр муҳаббат ва маваддат буд. Як рӯз ин чаҳор дӯст барои сайр аз мулки худ ба тарафи дигар равона шуданд. Ба вақти шом дар як майдон расиданд, ки гирд ба гирди он майдон қария ва мавзеъ ва деҳа набуд. Дар ин маънӣ ночор гардида, дар миёни саҳро ҳама шаб монданд ва дар миёни худҳо маслиҳат ва тадбир карданд, ки дар ин макон ва мақом ва маҳалу ҷо бидуни нигаҳбоне ва посбоне мондан мушкил аст. Лозим ва муносиб он аст, ки моён мутобиқи боре як поси шаб чавкӣ бидиҳем.[1] Чаҳор кас ин машваратро писанд намуданд.

Аввал наҷҷор як поси шаб зимаи худ кард ва дар дили худ андешид, ки то як поси шаб хобро дафъ ва дур бояд кард ва бедор мондан зарур аст ва кор чунон бояд кард, ки хоб дар чашм наёяд. Пас инҳо дар хоб монданд ва наҷҷор сотур дар даст гирифт, як шохи калон аз дарахти ҷангал бурид ва аз чӯбу ҳезуми он шох як лӯъбат ба сурати зан ва аврат тарошида, чунон шакли хушторҳу хушандом тайёр кард, ки таърифу тавсифи он лӯъбати чӯбин аз ҳади гуфтан берун буд. Дар поси аввал сохтани он лӯъбати чӯбро тамом кард. Баъд аз он наздики бистари заргар рафту ӯро аз хоб бедор кард ва худ барои хуфтан рафт.

Заргар он шакли чӯбинро дида, пиндошт, ки ин хушшакл дар саҳро ба ин шаби торик аз куҷо расида ва кадом кас оварда? Пас заргар наздики он лӯъбат рафта дид ва фаҳмид, ки ин шаклро наҷҷор аз чӯб тарошидааст. Чун тасвири чӯбин хушнамо буд, аз он сабаб заргар дар хотири худ тасаввур кард, ки наҷ-

---

[1] Бидиҳем – дар ин ҷо ба маънои «бикунем» омадааст.

чор ҳирфату ҳикмат ва донони худро зоҳир карда, дар вақту навбати посдории кеш онир кард. Пас маро бонд, ки ҳирфат ва донони худро зоҳир кунам. Заргар ҳамон соат як харита зар аз миёни бутчаи худ берун овард. Аз он харита тилло ва нукра ва симу зар гирифта, ҳилляҳо ва пироҳҳо ва зеваҳати мурассаъ тайёр карда, дар гардану гӯш ва дасту пои он лӯъбати чӯбин пӯшонида, зебу зинат дод. Баъд аз он хайётро бедор карда, худ барои хуфтан рафт. Ва хайёт чиҳати посбонӣ бархост, он лӯъбатро дида мутааҷҷиб ва мутаҳайир гардид. Гуфт, ки дар ин ними шаб ин зани хушрӯ бо зевар аз кучо омад? Наздикаш рафт ва дарёфт кард, ки ин лӯъбати чӯбинро наҷҷор тайёр карда ва заргар зевар тайёр карда пӯшонидааст. Ин ба гайри пӯшок бараҳна аст. Маро лозим ва вочиб, ки ӯро порчаи хуби арӯсона бипӯшонам. Хайёт порчаи зарӣ ва абрешимӣ аз бутчаи худ [берун] овард ва ҷомаву пойҷома, он чӣ, ки муносиб буд, дӯхта пӯшонд ва назди зоҳид рафт. Зоҳид аз рафтани ӯ аз хобгоҳ зуд ва ҷалд барҳост ва ёди худо кард. Ва хайёт чун дид, ки зоҳид бедор гардида [аст], аз посбонӣ фориғ шуда, барои хуфтан рафт.

Зоҳид вузӯъ карда, порчаи пок пӯшида ва саҷҷодаву мусалло дар чои пок густурда, намоз хонд, дар муноҷот даст бардошта ба вакти муноҷот назари зоҳид бар он тасвири чӯбин афтод ва мутаҳайир шуда гуфт, ки дар ин саҳро ин зани хушпайкар бо либосу зевар аз кадом ҷо расида? Баъд аз он наздики ӯ рафта дид ва маълум кард ва дар дили худ тасаввур кард, ки наҷҷору заргар ва хайёт фитрату фиросати худҳоро зоҳир овардаанд ва маро низ лоику шоиста он аст, ки зоҳидии худро аён кунам. Пас зоҳид бар мусалло омаду ду даст бар осмон бардошт ва гуфт, ки эй холики халқ ва пайдокунандаи оламиён, ту мурдаро зинда кардан метавонӣ ва зиндаро мурда кардан, ман, ки бандаи каминаи туам, агар назари карам ва ҷонбахше бар муноҷот ва дуои ин осӣ дошта, ҷони ин лӯъбати чӯбинро бидиҳӣ, бас обрӯ ва ҳурмат назди дӯстон бошад. Аллоҳтаоло дуои ӯро қабул ва ичобат ва пазиро карда, он лӯъбатро ҷон дод ва рӯху равон бахшид, чунончи шакли он зан дар сухан омад ва сухаланои ширини оламфиреб мегуфт. Ҳар кӣ сухани ӯ мешунидӣ мафтуну маҷнуни ӯ мегардидӣ. Ва тасвири чӯб дар ҳузури зоҳид расиду салом кард. Зоҳид ба чавоби ӯ бархост. Ва чун зоҳид ӯро дид, гӯянда ва бинанда ва раванда, ҳазорон ҳазор ҳамду шукр ба даргоҳи ҷаҳонофарин ба ҷо овард ва пешониву ҷабинро ба саҷдоти раббуланоламин бар замин молид.

Чун рӯз равшан шуд ва шаби торик рафт, се рафики зоҳид, ки хуфта буданд, аз тӯлӯъ шудани офтоб бедор шуданд ва он ҳарфо дида, ошиқ гардиданд ва гуфтанд, ки ин зан мисоли хуршеду балри шаби чаҳордаҳум аст.

Гараз, чаҳор дӯст ҳар як бар зан фиреҳта гаштанд. Чунончи аввал наҷҷор гуфт, ки ин моҳи гулбадан хос маҳбуб ва маъшуқи ман аст. Чаро ки дар аввал бисёр меҳнату машаққат кашида, аз чӯби дарахт ман ӯро тарошидаам. Ошиқи ӯям, ӯ маъшуқи ман аст.

Заргар наҷҷорро ҷавоб дод, ки шамърухсор арӯси ман аст. Аз он ҷо пештар шумо тасвири ин зан аз чӯб карда ва ман тиллову нукра ва ҷавоҳиру зеварот тайёр карда пӯшонидаам, албатта, ман [ӯро] хоҳам гирифт.

Ва хайёт гуфт, ки гулруҳ хос аҳлия ва зевҷаи ман аст. Ҳар чӣ порчаҳои

маъқулу ҳуб дар дасти ман буд. Ӯро пӯшонида, айбҳо пӯшида кардаам.

Зоҳид баъди се ёр чавоб дод, ки кори шумоҳо баробари кори ман нест, кори ман бехтар ва афзалтар аст. Чаро ки ҳазор бадан ва шакли хушнамо чун чон набошад, аз он хеч кор наёяд ва ин чон, ки дар бадани чўбинлўъбат омадааст, аз сабаби дуои ман ҳақтаоло Ӯро каромат фармудааст ва ин зани ҳурфиреб ба ман расад.

Дар ин маънй он [чаҳор] ёр барои зан бисёр казия ва фасод намуданд. Бар як зан чаҳор кас ошиқ гардиданд ва ҳар як аз чаҳор дўст бар як шамъ парвона шуданд. Наччор мегуфт, ки Ӯ маъшуқи ман аст ва заргар даъво намуд, ки Ӯ маҳбуби ман аст ва хайёт зоҳир кард, ки Ӯ чони ман аст ва зоҳид гуфт, ки Ӯ дилу қалби ман аст.

Пас ин тавр дар миёни худҳо чангу фасод ва фитна мекарданд ва рох мерафтанд ва дар вакти нимрўз дар як деҳава қария ва мавзеъ расиданд ва гуфтанд:

– Мо чаҳор кас дар ҳузури сардори қария хоҳем рафт ва хоҳем пурсид. Ӯ ҳар чй ҳукм кард, мо чаҳор кас қабул хоҳем намуд. Пас чаҳор мард бар ин сухан розй шуданд ва назднки сардори қария рафтанд ва ҳама кайфияти тасвири чўбинро дар пеш ва рў ба рўи Ӯ зоҳир карданд ва ҳама матолиброи амири қария шунид ва он моҳрўйро дид.

Ӯ ҳам гуфт, ки ин зан завчаи ман аст. Шумо чаҳор кас дузд ҳастед! Ҳама якмаслиҳат шуда, зани маро аз хона беруи карда будед. Акнун ман шуморо ҳаргиз наҳоҳам гузошт.

Ва назди кутвол рафтанд ва ҳама кавоиф дар ҳузури кутвол зоҳир карданд. Кутвол баъд аз дарёфти ҳакикат он занро дида, оҳу афсўс кард, ки ин зан завчаи бародари ман аст. Як рўз бародари ман маа зани бародарамро бурда буданд. Зеваротy асбоб, маболиги кулле ҳамроҳи бародарам буд. Кучо хаст? Онро бидиҳед ва бародарамро кушта кучо дафн кардед, бар ман ошкоро кунед вагарна ман шумоёнро пеши ҳокими ин шаҳр хоҳам бурд ва ҳамагй зару зеварот ва гайраи бародарам хоҳам гирифт.

Панч кас кутволро чавоб доданд, ки моён дузд нестам, чавоби моён назди ҳоким аст, албатта, хоҳем рафт. Пас шаш мардум дар ҳузури ҳокими шаҳр рафтанд, ҳама ҳакикати худро як-як муфассалан зоҳир карданд. Ҳоким ба забони инҳо як-як таври кавоифҳо шунид ва он зани парирухсорро дида, гуфт, ки шумоён кистед? Муддатест, ки шумоёнро талош ва ҷустуҷў менамоям. Ин канизак як рўз ба боварчихона таомҳову нон, хўришиҳо пазонидан натавониста, дар ин сурат хотуни ман газабнок шуда, чанд чобуку тозиёна Ӯро зада буд. Аз он сабаб канизак гурехта буд. Шумоҳо канизаки маро варгалонида бурда будед, алҳол ба фазли илоҳй ба ман расид.

Он шаш кас чун диданд, ки ҳоким хеч инсоф накарда, даъвои он зан кард, лочор назди ҳокими дигар ҳафт кас рафтанд ва ҳама кайфият ва ҳақиқат ба ҳузури ҳоким изҳор намуданд. Доноён ва ҳирадмандони он шаҳр аз шунидани он мочаро тааччуб карданд ва фармуданд:

– Агар дар миёни ду кас казия ва фасод мешавад, пеши кутвол ва ҳоким мераванд ва зоҳир мекунанд. Кутвол ва ҳоким он казияро хуб дарёфт намуда,

рафъи инфисол мекунанд. Ин бисёр таваҷҷубу кабоҳат ва мушкил, ки кутволу ҳокими қазия ва фасол мекунанд. Инро ҳалли файсал ва рафъ хоҳад кард.

Пас дар миёни мардуми дино як пирамард буд, ки умри ӯ аксаду бисту-каштсола буд. Лекин он мард бисёр бунёрг ва хирадманду ростгӯ ва неккору обид ва солиҳу худотарс буд. Гуфт, ки беруни шаҳр як дарахти калону соядор аст. Ҳар қазияро, ки ҳоким файсал кардан наметавонад, мардуми ин шаҳр пеши он дарахт рафта, он қазияро ҳозир мекунанд. Пас аз он дарахт овоз меояд, ки фалон ростгӯст ва фалон кас дурӯғгӯст.

Пас он ҳафт ошиқ зери он дарахт рафтанд ва моҳрӯро ҳамроҳ бурданд ва ҳама ҳақиқатро дар зери дарахт истода, зоҳир намуданд. Дар он вақт дарахти мазкур аз худ шикоф шуд ва зевару порчаи тасвир бар замин афтоданд ва он зан бо ҳама чиз дар шикофи дарахти мазбур рафт ва зуд шикофи дарахти мазбур банд ва масдуд шуд ва аз ҳар як шоҳ овоз баромад, ки зевар заргарро расад ва порча хайётро расад ва чӯби дарахт ба дарахт пайваст ва шомил гардид. Алҳол шумо ҳафт мард чаро истодаед? Ба хонаи худхо бираведʼ!

Пас ҳафт кас аз зери дарахт маъюсу маҳрум гардида, ба тарафи хонаи худхо мурочиат ва муовадат карданд. Оҳу афсӯс ва нола намуда, мегуфтанд, ки моён ӯро чаро дар миёни худхо нишонида надидем? Ҳамчунин ҳасрату афсӯс намуда, ба хона расиданд.

Тӯтӣ киссаро тамом кард, Хучастаро гуфт, ки зуд бархез бирав ва агар дар ин вақт шавҳари ту бирасад, ҳеҷ кори ту ҳаргиз наҳоҳад шуд. Дар ин асно субҳ зоҳир шуд, Хучаста, [ки] ҳама шаб бедор буд, барои ҳуфтан рафт.

ДОСТОНИ ШАБИ ҲАФТУМ

Чун офтоб дар хонаи магриб рафт ва оинаи тобони бадр аз тарафи машриқ болои осмон расид, канизони Хучаста шамъҳои кофурӣ дар тобдони булӯрини тиллокорӣ равшан карданд ва бистару колини зардӯзӣ густурданд ва таккҳо болои масандҳо ниҳоданд. Хучаста аз бистари лебо барҳост ва дар пойхона рафт ва боз дар ҳаммом рафту гусл кард ва бар маснади заррӣ нишаст ва оинаи тиллоии мурассаъ талабиду рӯи худро орост ва наздики тӯтӣ омад. Тӯтӣ одоби убудият ба ҷой оварда, дуо дод, ки ҷамъияти зоҳирӣ ва маънавӣ насиби ту бодʼ! Ман, албатта, туро ба висоли шаҳзода хоҳам расонид, чунончи ройи роёнӣ[ки сардори] мамолики мулки Ҳинд буд, барои иттисоли як дарвеши мискин бо духтари рочаи Бақлистон, ки маъшуқи дарвеши мазкур буд, бисёр тасдеъ ва тақлиф кашид, балки барои додани сари худ розӣ шуд.

Хучаста пурсид, ки достони он чӣ қисм буд? Шарҳ бикунʼ!

Тӯтӣ арз кард, ки доноёни пешин фармудаанд, ки ба мулки Ҳиндустон як роча буд, духтаре дошт шакил. Чунон сурӯу сафед буд, ки ҳар кӣ ӯро медид, шефта ва фирефтаи ӯ мегардид. Як рӯз як дарвеш ҷамоли духтари мазкурро дида, фирефта шуд. Лайлу наҳор пешгоҳи дарвозаи рочаи мазкур менишод ва ҳама шаб намехуфт ва ҳама шабу рӯз таом тановул намекард ва ҳар даму ҳар лаҳза духтари рочаро ёд мекард ва гиряву зорӣ менамуд. Дарбонон ва чӯбдорон ӯро танбеҳ мекарданд ва мегуфтанд, ки аз ин чо бирав ва харчанд ки оиро

мезаданд, аммо аз он ҷой ӯ мисоли хок аз замин ҷудо намешуд ва ҳамон ҷо мемонд.

Чӯбдорони роҷа дарвешро гуфтанд, ки гадоро бо подошоҳ чӣ муносибат?!

Дарвеш изҳор кард, ки дар роҳи ишқу муҳаббат шоҳ бо дарвеш баробар аст.

Баъд аз чанд меҳнату машаққат кашидан, як рӯз дар хотири дарвеш расид, ки дар ин боб як рисола ба роҷа ирсол бояд дошт. Чунончи намика дар хизмати роҷа таҳрир ва тастир сохта, дар ҳузури файзганҷури роҷа иблоғ дошт. Мазмуни саҳифа ин буд, ки «ин дарвеши хеҷмадон бо духтари роҷа якдилӣ ва якҷиҳатӣ ва ягонагии бисёр дорад. Роҷаро муносиб он аст, ки аз иттисоли духтари ҳуд ин дарвеши мискинро ҷон бахшад, ки дар даргоҳи ҳаққтаоло савоби азим хоҳад шуд ва илло зисти фақир муҳол аст».

Роҷа, вақте ки мулоҳиза кард, озурда ва мутағайир шуд ва хост, ки ҳамон вақт дарвешро ҳалок созад ва таъзиб расонад, ки як вазири некхӯ ва солеҳу худотарс ҳозир буд, ба пешгоҳи тахти подшоҳ расид ва одоб ба ҷо овард, ки умри давлати шоҳ дароз бод ва бо одоби тамом ва мулоимиву нармии бисёр арз кард, ки подшоҳони одилу роҷаҳои мунсиф ва сардорони худотарс дарвешонро маҷрӯҳу мақтул намесозанд. Агар бандаро ҳукм шавад, ӯро ба таври хуб ва оини беҳтар аз ин дарвоза дур гардонад.

Роҷа ҳукм дод, ки ба тадбири шоиста ӯро аз ин ҷо дафъ бояд кард.

Вазири мазкур дар ҳузури дарвеш расид ва гуфт, ки эй дарвеш, агар ту як филбор зару ашрафӣ хоҳӣ овард ва ҳаволаи ман хоҳӣ намуд, дар он вақт ман дар хидмати роҷа арз карда, саранҷом шодии туро бо духтари роҷа хоҳам кард.

Аз он ҷо, ки дарвеши мазкур бори як пашша овардан тавоной ва қудрат намедошт, дар фикри таклифот ва тасдеоти пайдо кардани зари филбор афтод ва кӯча ба кӯча ва дар ва хонаҳои мардумони шаҳр мегардид ва суол мекард ва ҳар одами умда ва мӯътабар, ки суоли ӯро мешуниданд, тааҷҷуб мекарданд ва ҳайрон мешуданд ва мегуфтанд, ки ин дарвеш суоли ғайри маъқул мекунад. Ғараз, дар он шаҳр касе карим чунон набуд, ки суоли ӯро қабул кунад. Як шахси некрой ӯро гуфт, ки дар ин шаҳр ҳеҷ мард чунон ҳиммат ва саховат надорад, ки туро як филбор зар барои худо бидиҳад.

Дарвеш ҷавоб дод, ки чӣ фикр бояд кард?

Он шахс гуфт, ки сардори мулки Ҳинд ройи роён аст, соҳиби ҷуду сахост. Ӯ суоли ҳеҷ касро холӣ нагузошт. Дар ҳузури файзмаъмури ӯ бирав. Ӯ албатта, як филбор ашрафӣ ва зар туро хоҳад дод.

Дарвеш гуфт, ки ту як хидматгори худро бо харҷи рох ҳамроҳи ман кун. Он шахс ду кас ҳамроҳи дарвеш дода, равона кард. Дарвеш наздики ройи роён расида ҳамаи ҳақиқатро зоҳир кард. Ройи роён баъд аз шунидани моҷарои дарвеш як филбори зар ба дарвеш дод, чунончи ҳама молро бо фил овард ва дар пешгоҳ ва ҳузури роҷа гузаронид. Роҷаи мазкур аз муояқаи филбори зар [дар] тааҷҷуб моид, вазирро гуфт, ки дарвеши ҳақир ин қадар мол ва фил аз кучо овард ва кадом соҳибҳиммат ӯро дод? Ғараз, боз як ҳила бикун ва ӯро аз ин ҷо мундафеъ ва муртафеъ соз! Вазир боз дар ҳузури фақир расид ва фили

мазкуру молро мастурро гирифт ва гуфт, ки ройи роён мунофиқ ва муғлиди рочаи мост. Агар ту сари ӯро хоҳӣ овард, албатта, духтари худро бо ту мансуб хоҳад кард ва шодии қадхудой бо ту хоҳад намуд ва туро домоди худ хоҳад намуд.

Дувум дафъа дарвеш бори ранҷу таабии сафар бар худ қабул кард ва дар ҳузури ройи роён расид ва ҳама қайфиятро арз кард.

Ройи роён гуфт, ки эй дарвеш, ту хотир ҷамъ дор, барои сари ман ҳеҷ андеша макун, ҳама молу асбоб, балки подшоҳӣ ва сари худро барои худо доштаам. То ин муддат касе арз накард, ки ин сари маро бояд дод, имрӯз ту гуфтӣ. Аз ин сабаб бисёр хуш шудам, ки сари ман барои худо ба кор ояд. Лекин ман агар билфеъл сари худро бибурам ва дар дасти ту бидиҳам, рочаи мазкур гӯяд: «– Ту макрӯҳ кардай». Ту он макр дур кардан натавонӣ. Пас ту аз ин ҳалокӣ хоҳӣ мурд. Пас ту як ресмони абрешим биёр ва дар гулӯи ман андозу дар ҳузури рочаи мазкур бибар ва бигӯ: – Сари мазкурро, ки хоста будӣ, ман бо тан овардаам. Агар ту розӣ шавӣ ва духтари худро бо ман шодӣ ва қадхудой карда хоҳӣ дод, албатта, ин сарро, ки бо тан сварданам, ҳавола ту мекунам.

Хосили калом, дарвеш як ресмони абрешим мувофиқи ҳукми ройи роён дар гулӯи ӯ андохт ва дар ҳузури рочаи мазкур овард. Вақте ки роча ройи роёнро ба ин ҳолӣ бо вуҷуди давлату салтанат дид, аҷаб шуд, дар пои ройи роён афтоду гуфт, ки дар ин қайҳон ва дайр мисли ту олиҳиммат надидам, ки барои додани сар ҷиҳати кори мискин дареғ накардӣ.

Пас духтари худро дар пои ройи роён афканд ва арз кард, ки ин канизаки туст, ҳар киро хоҳӣ бидеҳ, ман аз ҷон розиам.

Ғараз, ройи роён дарвешро бо ҷононе дарвеш омехт ва ба мулки худ рафт.

Пас тӯтӣ Хучастаро гуфт, ки подшоҳони аввал мулкро ободон мекарданд ва вайрон намекарданд ва ҳамаи раоё ва ғурабо ва навкарону чокарон ва ҳамсояғону дӯстон ва ягонагонро бо рафоқу ҷамъият ва тумаънинату истимолат медоштанд ва дили ҳеҷ касро озор намедоданд. Бубин, ки ройи роён подшоҳи мулки Ҳиндустон буд, барои иттисолу мувосалат ва мулоқоти дарвеш бо духтари роча, ки маъшуқааш буд, чӣ машаққату меҳнат кард. Ман низ барои омезиши ту бо шаҳзода бисёр таабу ранҷ хоҳам кашид.

Дар асноъ ин суханон субҳи содиқ содир шуд ва рафтани Хучаста мавқуф гашт. Аз он ҷо, ки Хучаста ҳама шаб бедор буд, барои истироҳату ором рафт, хуфт.

ДОСТОНИ ШАБИ ҲАШТУМ

ЗАНИ ТОҶИР, КИ БА МАКРУ КАЙД ШАВҲАРИ ХУДРО ҲИҶИЛ СОХТА ҶОНИ ХЕШ БА САЛОМАТ БУРД

Чун мири кофилаи фалак, аъний хуршеди ҷаҳонгард ба сарои мағриб шитофт ва молҳи гетинаварда маа кофилаи нуҷум рахти зуҳур бар манзили чарх андохта, оламро мунаввар сохт, Хучаста аз хоб бедор гашта, дар ҳолати бекарорӣ ва оҳу зорӣ барои хусули рухсат пеши тӯтӣ рафт.

Тӯтӣ осори ранҷу малол аз чеҳрааш дарёфта, пурсид, ки эй хотун, ҷонам фидоят бод, имшаб чунин мағмуму малул чарои ва чун домани сабру шикеб аз каф медиҳӣ?! Байт:

Мушкиле нест, ки осон нашавад,
Мард бояд, ки ҳаросон нашавад.

Назар бар фазли кирдигор карда, ҳаблулматини истиқлол ба даст ор, ки анқариб мушкилоти туро саҳлу осон менамояд.

Хуҷаста гуфт;

– Эй марҳами роз ва мӯниси дамсоз, ман ҳар шаб пеши ту меоям ва ҳоли пурмалоли хеш зоҳир карда, мунтазири иҷозат мебошам ва он вақти саъид кай хоҳад буд, ки зулоли висоли ҷонон ба коми таманно баркашам?! Имрӯз, агар иҷозат диҳӣ, беҳтар, вагарна домани сабр фароҳам гирам.

Тӯтӣ гуфт:

– Эй хотун, филвоқеъ ту ҳар рӯз назди ман меоӣ ва ба шунидани достонҳо худ шаб охир мекунӣ. Имшаб мехоҳам, ки зуд биравӣ ва қиссаи мухтасаре гӯш кунӣ, то аҳёнан агар шавҳарат мулоқӣ шавад, пеши он шармсор нашавӣ ва мисли зани тоҷир зиракӣ ва фатонатро ба кор фармуда, онро мунфаил созӣ ва худ бообрӯ ва сурхрӯ монӣ.

Хуҷаста гуфт:

– Он чӣ гуна бувад? Тӯтӣ баён кард.

ҲИКОЯТ

Овардаанд, ки дар шаҳре тоҷире соҳиби давлату мол завҷаи меҳрталъати паритимсол дошт ва лайлу наҳор бо вай нарди муҳаббат мебохт. Иттифоқан, ҳасби зарурати тиҷорат ба сафар рафт. Зани вай баъди рафтанаш пардаи исмат ва иффат дарида, ниқоби расвоӣ ва беҳаёӣ бар рух кашид. Ҳатто ки ҳар шаб базми айшу нишотро равнақ додӣ ва оғӯши ҳар касу нокас гарм сохтӣ.

Баъди чанде чун шавҳараш аз сафар муроҷиат намуда, ба ҷое дар шаҳри худ рахти иқомат андохта хост, ки шабе бо симтане рӯз карда, сабоҳ ба хонаи хеш равад. Зане даллоларо ба умеди зари касир мутаваққеъ сохта ба овардани ҳурпайкаре имо кард. Даллола ба тамаи зар ба талоши мақсудаш равон гашта, то маскани тоҷири мастур расид ва бетакаллуфона андаруни хонааш омада, баъди калимоти чарбу ширин аз занаш изҳор кард, ки имрӯз аз диёре тоҷире зимоли соҳиби ҳусну ҷамол вориди шаҳри ҳозо шуда, барои дафъи касали сафар ва ҳаззи нафсонӣ мехоҳад, ки бо ҳамчу ту зӯҳраҷабини ҳурхисол ҳамоғӯш гардида, лутфи зиндагонӣ бардорад. Агар хотират майл намояд, ҳамроҳам рафта кори дилаш барор. Зани мазкур ба гуфтугӯи солусонаи даллола розӣ шуда, ба маъияташ назди тоҷири мазкур расид. Чун сурататаш дид, шинохта, ба дил андешид, ки ин шавҳари ман аст. Ҳоло чӣ тадбир кунам ва чӣ чора созам, то боиси ҳифзи обрӯ ва муҷиби ихфои рози ман бошад? Пас бесохта фарёду фиғон бардошт ва гуфт:

– Эй ҳамсоягон, барои худо бар доди мани нотавон бирасед ва инсоф фармоед ва агар додрасӣ шумо намекунед, ман пеши қозӣ рафта, инсоф металабам ва аз ин кас тафриқ мехоҳам. Мардумони ҳамсоя ба шӯру фиғонаш гирд

омада, истиқсори ҳол кардаанд. [Зан] зоҳир сохт, ки ин шаккари ман аз урфа маро танҳо гузошта, барои тичорат ба сафар рафта буд. Аммол ки сахеку солим аз сафар муовадат сохт, хонаи худ ва ҳамчу ман заъчаи эфиқаи сохибиматро гузошта, ба дигарон ҳаззи нафсонӣ мекоҳад. Пас ин хабар шунида, омадаам, ҳоло инсоф ба дасти шумост.

Аммосил, ҳама мардумони ҳамсоя ба фаҳмонишу насиҳат шаккаршро ҳамроҳаш карда доданд ва асло каре бар асли ҳаққиқати омаданаш иттилое наёфт. Факкат[1] дидӣ, ки он зани тичир ба вачҳи забондарозӣ ва ҳилаву фаҳми худ чӣ сон ҳифзи ҳурмату обрӯи хеш сохта, шаккаршро ба хонаш бурд ва ба айшу ишрат масруф шуд.

Тӯтӣ ин достон хатм карда, ба Ҳучаста гуфт, ки эй бармеъу роҳи манзили мақсуд пеш гир ва таъхир макун. Ҳучаста хост, ки назди чунон рафта, гулхои орзу барчинад, ногоҳ хурӯси субҳ ба хурӯш омад ва моҳтоб бо сипоҳи худ рӯпӯш шуд, ночор оҳи сард аз дили пурдард баркашид ва он шаб ҳам аз давлати висол маҳрум монд.

ДОСТОНИ ШАБИ НУҲУМ

ЗАНИ ДЕҲҚОН, КИ БАР ШАҲСЕ ОШИҚ ШУД ВА ҲУСУРИ ХУДРО ШАРМАНДА КАРД

Чун офтоб гуруб шуд ва моҳу ситораҳову сайёраҳо баромаданд,Ҳучаста урёну гирён пеши тӯтӣ омад ва гуфт:

–Эй маҳрами рози ман ва эй гамхори ман, имрӯз барои мулоқот ва дидани муштоқи худ бисёр шавқ ва камоли орзу дорам ва басо бетобу ранҷурам. Агар маслиҳат бинӣ, маро чалд рухсат дех, то пеши дилбари худ бираванам, вагарна сабр кунам. Агарчи медонам, ки ҳар кӣ ошиқ аст, ӯро сабр намебошад.

Тӯтӣ гуфт, ки эй кадбону, ту ки ҳар шаб пеши ман барои рухсат хостану машварат кардан меой, аз машварат ҳеҷ туро ҳеҷ наҳоҳад расид, чунончи зани деҳқон ба сабаби машварату маслиҳат ҳеҷ ҳеҷ надид.

Ҳучаста пурсид, ки ҳикояти зани деҳқон чӣ гуна аст ва чун аст? Тӯтӣ гуфтан оғоз кард.

ҲИКОЯТ

Овардаанд, ки рӯзе зани деҳқоне бар бом нишаста буд, чавоне ӯро дид ва ошиқ шуд. Зан дарёфт, ки ин чавон бар ман ошиқ шудааст, ӯро талабида гуфт, ки баъди ними шаб пеши ман биё ва дар зери дарахте, ки дар ҳавлии ман аст, бинишин. Чавон баъди ду посе шаб дар хонаи ӯ рафт. Зан низ аз бистар барҳосту назди ӯ рафт ва ба зери дарахт бо ӯ хамбистар шуд. Иттифоқан, падари деҳқон дар он вақт барои коре барҳоста хост, ки аз хона берун равад. Ногоҳ зани писари худро бо марди бегона якчо хуфта дид ва халқол аз пои зан баркашида, назди худ дошт ва бо худ гуфт, ки вақти субҳ занро сиёсат хоҳам намуд.

Зан чавонро рухсат намуд ва назди шаккари худ рафт ва ӯро бедор карда гуфт, ки хона бисёр гарм аст, биё, ба зери дарахт бихуспем. Алкисса, зан дар хамон чо, ки бо чавон хуспида буд, бо шаккар хуфт.

[1] Факкат – дар ин чо ба маъноии «инчоп, «ханӯз, «ин тавр» омадааст.

Чун шавҳар дар хоб рафт, боз ӯро бедор карду гуфт:

– Падари ту ин вақт дар ин ҷо омад ва халхол аз пои ман кашида бурд. Он марди пир маро ҳамчу падар аст, дар чунин вақт, ки бо шӯи худ хуспидаам, чаро назди ман омад ва халхол аз пои ман баркашиду бурд?!

Чун субҳ зоҳир шуд, шавҳари ӯ аз падар гусса шуд.

Падараш аҳволи шаб, ки бо марди бегона дида буд, зоҳир намуд. Писараш суханони сахт бо падар гуфтан гирифт, ки ба вақти ними шаб ба сабаби гармо ман бо зани худ ба зери дарахт хуфта будам, ту омадӣ ва халхоли зани ман аз пой кашида бурдӣ. Зан маро ҳамон вақт бедор кард ва хабар дод.

Бинобар ин, падари ӯ ниҳоят шарманда шуд. Зан, ки ба муҷиби машварат ҳила кард, ӯро ҳеҷ зиён нарасид.

Тӯтӣ чун ин ҳикояти зани деҳқон тамом кард, Хуҷастаро гуфт, ки ҳоло бархезу назди дилрабои худ бирав. Хуҷаста ҳамон вақт хост, ки биравад, хурӯс овоз дод ва рафтани ӯ мавқуф гашт.

ДОСТОНИ ШАБИ ДАҲУМ
ДУХТАРИ ТОҶИР ВА ШАҒОЛ

Чун офтоб гуруб шуд ва шаб даромад, Хуҷаста бо синаи пурсӯз ба талаби рухсат назди тӯтӣ рафт ва гуфт:

– Бар ақли ту бисёр эътимод дорам, аз ин сабаб ҳар шаб пеши ту меоям. Агар дар ин вақт маро маслиҳат наҳоҳӣ дод, пас кай хоҳӣ дод ва агар алҳол маро мадад нахоҳӣ кард, пас кай хоҳӣ кард?!

Тӯтӣ гуфт:

– Эй Хуҷаста, барои ту ин ғам дар дил аст ва ман то чон дорам, ҳаргиз аз ин бегам нахоҳам шуд. Туро ҳар шаб мегӯям, ки пеши маҳбуби худ бирав, лекин тавакқуф мекуни ва ҳикоёти ман мешунавӣ. Мабодо рози ту дар миёни мардумон фош шавад, туро ҳикмате хоҳам омӯхт, ки аз ҳама балову расвой дур хоҳӣ монд, чунончи духтари тоҷирро як шагол ҳикмат омӯзонида буд ва маслиҳат дода.

Хуҷаста пурсид, ки он ҳикояти духтари тоҷир ва шагол чун аст? Муфассал бигӯ!

ҲИКОЯТ

Тӯтӣ огоз кард, ки овардаанд, ки дар шаҳре аз шаҳрҳо амире буд, писаре дошт кареҳсурату бадсират ва бас аҳмак. Чун писар болиг гардид, бо духтари тоҷире шодӣ карда дод ва ӯ зани бисёр хубсурат буд ва илми мусиқӣ хуб медонист. Шабе занаш бар боми ҳавелии худ нишаста буд, ҷавоне зери девор суруд месароид. Зан овози ӯ шунида, бар ӯ ошиқ шуд ва аз болохона фуруд омад ва назди он ҷавон рафт ва гуфт, ки эй ҷавон, шавҳаре дорам аҳмақу бадсурат, метавонӣ, ки маро бо худ барӣ.

Ҷавон қабул кард. Ҳар ду филфавр бо ҳам равона шуданд ва бар канораи толоб зери дарахте хуфтанд. Зан чун ба хоб рафт, мард зевари ӯ дуздида, аз он ҷо гурехт. Чун зан бедор шуд, зеварро бар тан ва мардро дар бистар надид, ба яқин пиндошт, ки мард бо мо даға кард ва гурехт. Чун офтоб аз Машриқ баромад, зан бар канораи толоб мутафаккир истода шуд. Дар он асно шаголе ус-

тухои дар даҳан гирифта, он чо расид ва бар канораи толоб моҳӣ дид ва устухонро аз даҳан андохт ва тарафи моҳӣ давид. Моҳӣ дар об рафт. Шагол боз устухонро чуст, ки бигирад, наёфт. Омро саге бурда буд. Зан чун ин тамошо дид, хандид.

Шагол пурсид, ки эй зан, ту кистӣ ва дар ин чо танхо чаро истодай?

Зан ҳама аҳволи худ бо шагол тақрир намуд.

Шагол гуфт:

– Маслиҳат он аст, ки алҳол ту худро девона созӣ ва ҳамчун девонагон хандону гирён ба хона биравӣ. Ҳар кас, ки туро хоҳад дид, маъзур хоҳад дошт.

Зан ҳамчунон кард ва аз сабаби ин ҳила касе ӯро бад гуфтан натавонист.

Тӯтӣ чун ин ҳикоят тамом кард, Хучастаро гуфт, ки холо вақти хуб аст, бармегу пеши дилдори худ бирав. Ҳеч андеша макун, агар туро мушкиле пеш ояд, ҳила хоҳам омӯхт. Хучаста хост, ки биравад, дархол хурӯс овоз карду субҳ зоҳир шуд ва рафтани Хучаста мавкуф монд.

ДОСТОНИ ШАБИ ЁЗДАҲУМ

ШЕР ВА БАРАҲМАН, КИ ТАМАЪ КАРДА, ҶОНИ ХУД ДОД

Чун офтоб гуруб шуд ва моҳ баромад, Хучаста ба талаби рухсат назди тӯтӣ рафт ва гуфт, ки мелонам, ки туро аз дарди ман хабаре нест, аз ин сабаб маро рухсат намекунӣ ва ҳикоят дар миён меорӣ.

Тӯтӣ гуфт:

– Эй Хучаста, аз худо мехоҳам, ки ту чалдтар ба маъшуки худ бирасӣ, ту худ таваккуф мекунӣ. Тақсири ман хеч нест. Имшаб чалд бирав, лекин бояд ки чалд мурочиат кунӣ ва дар он чо хеч тамаъ нанамоӣ. Зеро ки тамаъ намудан бисёр бад аст ва ҳар кӣ тамаъ намуд, ҳамон дид, ки барахман дид.

Хучаста пурсид, ки ҳикояти он чӣ гуна аст? Бигӯ!

ҲИКОЯТ

Тӯтӣ огоз кард, ки дар шахре барахмане буд, моллор. Иттифокан муфлис гардид, ночор ба сафар рафт. Рӯе дар биёбоне расид, дид, ки шере бар канораи толоб ғалтидааст ва рӯбоҳу оҳу пеши ӯ истода. Барахман мутафаккир гардид ва тарсон истода шуд. Ногоҳ назари оҳу ва рӯбоҳ бар барахман афтод. Оҳҳо бо ҳадигар гуфтанд, ки агар шер хоҳад дид, ин бечораи мискинро хоҳад кушт. Маслиҳат он аст, ки ҳикмате созем, то шер накушад ва чизе ингьом бидиҳад. Оҳу ва рӯбоҳ шерро дуо кардан гирифтанд, ки саховати ту чунон маш-хур шудааст, ки имрӯз барахмане омадааст ва умедвори ингьом истода.

Шер бар барахман назар кард ва ӯро назди худ талабиду бисёр мехрубонӣ намуд. Он мардумонро, ки пештар кушта буд, зару эвароти онҳо афтода буд, ба барахман бахшид ва рухсат намуд. Барахман ба хонаи худ омад.

Баъди чанд рӯз барахман ба таъми зар боз пеши шери мазкур рафт. Он рӯз гурӯ сагони пеши шер ҳозир буданд. Чун барахманро диданд, арз кардаид, ки ин одам ниҳоят густох аст, ки пайи талаб назди шумо омадааст. Шер гусса шуд ва барчасту барахманро пора-пора кард.

Тӯтӣ чун ин ҳикоят тамом кард, Хучастаро гуфт, ки бараҳман агар тамаъ накардӣ, кушта нашудӣ ва ҳар кӣ тамаъ мекунад, дар балоҳо меафтад. Ҳоло як поси шаб бокист, эй Хучаста, чалд бираву бо маъшуқ мулокот карда биё. Хучаста бархосту азми рафтан кард, ҳамон дам хурӯс овоз карду субҳ зоҳир шуд ва рафтани ӯ мавкуф гашт.

ДОСТОНИ ШАБИ ДУВОЗДАҲУМ
ШЕРИ ПИР ВА ГУРБА

Чун офтоб ғуруб шуд ва моҳ тулӯъ намуд, Хучаста ба талаби рухсат бари тӯтӣ рафт, ӯро мутафаккир диду пурсид, ки чаро мутафаккир гаштай?

Ҷавоб дод, ки ҳеч фикре надорам, лекин ғами ту маро дар ғам андохтааст. Ту тамоми шаб ҳикояти ман мешунавӣ, метарсам, ки шояд шавҳари ту ногоҳ бирасад ва аз сабаби нарафтан пушаймон шавӣ, чуноки гурба аз куштани мушон пушаймон шуда буд.

Хучаста пурсид, ки чаро ончунон шуд? Бас тааҷҷуб аст, зеро ки муш луқмаи гурба аст, [гурба] аз куштани мушон чӣ гуна пушаймон гардид?

ҲИКОЯТ

Тӯтӣ гуфтан огоз кард, ки дар биёбоне шере мемонд[1] бисёр пиру кӯҳна. Аз сабаби пирӣ рахнаҳо дар дандони шер зоҳир шуда буд. Шер ҳар гоҳ ки гӯшт мехӯрд, решаи гӯшт дар миёни дандони ӯ мемонд. Ва дар он биёбон мушон бисёр буданд. Чун шер ба хоб мерафт, мушон гӯшт аз дандони ӯ мекашиданд. Аз ин сабаб хоби ширин бар шер талх мешуд. Шер барои дафъ кардани мушон бо дигар ҷонварон, ки мусоҳиби ӯ буданд, машварат кард. Рӯбоҳ арз намуд, ки гурба раияти шумост, ӯро бифармоед, ки тамоми шаб ин ҷо посбонӣ кунад.

Шер маслиҳати рӯбоҳ писандид ва гурбаро талаб намуд. Чун гурба ҳозир шуд, шер хидмати кутволӣ ӯро фармуд. Гурба ба кори посбонӣ машғул шуд. Мушон чун гурбаро диданд, гурехтанд. Шер ба хотирҷамъӣ хоб мекард ва дар вақти хоб ҳеҷ тасдеъ намерасид. Шер бар гурба бисёр меҳрубонӣ намуд ва мартабаи ӯ зиёда намуд. Гурба мушонро метарсонид, лекин гоҳе гурба мушеро намекушт. Донист, ки агар мушонро хоҳам кушт, шерро бо ман ҳеҷ кор нахоҳад монд, хидмат аз ман хоҳад гирифт.

Рӯзе гурба бачаи худро пеши шер оварду гуфт, ки имрӯз барои кор ҷое рафтан мехоҳам, агар ҳукм шавад, бачаи худро дар ҷои худ бигузорам ва ман биравам, фардо боз ба хидмат хоҳам расид.

Шер рухсат фармуд. Гурба бачаи худро он ҷо гузошта, худ ҷои дигар рафт. Бачаи гурба ҳар муш, ки дид, онро кушт ва дар як рӯзу шаб ҳама мушон кушта шуданд. Рӯзи дигар гурба расид ва мушонро кушта дид, бачаи худро маломат кардан гирифт, ки чӣ кардӣ, мушонро чаро куштӣ?!

Бачааш гуфт, ки ту вақти рафтани худ чаро ба ман нагуфтӣ ва имтиноъ ба куштани мушон накардӣ. Алқисса, ҳар ду пушаймон шуданд. Баъди чанд рӯз шер гурбаро ҷавоб дод ва аз хидмати кутволӣ ӯро маъзул намуд.

[1] Мемонд – дар ин ҷо ба маънои «мезист», «зиндагӣ мекарда» омадааст.

Тӯтӣ чун ин ҳикоят мушу гурба ва шер тамом кард, Хучастаро гуфт, ки туро бисёр хоҳил мебинам, зеро ки ҳар шаб таваққуф мекунӣ. Метарсам, ки мабодо шавқари ту бирасад ва ту чун гурба пушаймон шавӣ. Хучаста бархост ва нахли ёр рафтан хост, ҳамон дам хурӯши хурӯси субҳ ба гӯш хӯрд ва субҳ зоҳир шуд ва рафтани ӯ мавқуф гардид.

ДОСТОНИ ШАБИ СЕЗДАҲУМ
ШОПУР – САРДОРИ ГУҲ [ОН] ВА МОР

Чун офтоб гуруб шуд ва моҳ баромад, Хучаста анвои зеварот пӯшида, ба талаби ичозат пеши тӯтӣ рафт ва гуфт:

– Туро бас оқил мепиндорам ва насиҳати ту ҳар шаб мешунавам, лекин маро аз насиҳати ту ҳеч фоида намерасад ва ба мақсуд намерасам.

Тӯтӣ гуфт:

– Агарчи дар ин кор бисёр даранг шуд, лекин хотир ҷамъ дор, туро ба маъшуқи ту ҳоҳам расонид. Эй Хучаста, оқил онро гӯянд, ки дар оқибати кор назар мекунад ва ҳар кӣ анҷоми кор намебинад, пушаймон мешавад, чунончи Шопур пушаймон шуд.

Хучаста пурсид, ки Шопур кадом аст ва достони ӯ чӣ қисм бувад?

ҲИКОЯТ

Тӯтӣ гуфт, ки дар мулки Араб ҳоҳе амиқ буд. Дар он ҳоҳ гуҳон бисёр буданд. Гуҳе буд, Шопур ном дошт. Ӯ сардори гуҳон буд. Шопур бар ҳамаи гуҳон бисёр зулму ситам кардан гирифт. Чун гуҳон аз дасти ӯ оҷиз шуданд, бо якдигар машварат карданд, ки моён аз дасти Шопур ба ҷон омадаем, дигар якеро аз моён сардор мукаррар бояд кард.

Пас гуҳон дигар як гуҳро сардор намуданд ва Шопурро аз он ҷо ҳориҷ карданд. Шопур ҳочор шуда, нахлики сӯроҳи мор рафт ва оҳиста-оҳиста овоз кард. Мор аз сӯроҳи худ сар бароварда ва чун гуҳро дид, бисёр хандиду гуфт:

– Ту, ки лукмаи мо ҳастӣ, чаро бароҳи додани ҷони худ пеши мо омадаӣ?

Ӯ гуфт:

– Барои ҷалоҳу бехбуд нахлики ту омадаам.

Мор гуфт:

– Бигӯ, то чӣ арз дорӣ?

Гуҳ ҳамаи аҳволи худ пеши мор боз намуд ва тақрир кард, ки аз ту мадад меҳоҳам.

Мор бисёр хушҳол шуда, бар гуҳ меҳрубонӣ намуд ва гуфт, ки он ҷоҳ ба ман намо, ки интиқоми ту аз гуҳон бигирам. Алқисса, мору гуҳ бо ҳам равона шуданд ва бар он ҷоҳ, ки гуҳон буданд, расиданд ва андаруни он ҷоҳ рафтанд. Мор ба арсаи ҳамаи рӯҳо гуҳонро хӯрд ва тамом кард. Рӯҳ Шопурро мор гуфт, ки дар ҷоҳ як гуҳ боқӣ намонд, ҳоло бисёр гурусиаам, ҳалд талбири хӯроки ман кун ва маро гурусна магузор.

Шопур ба мор гуфт:

– Бар ман меҳрубонӣ карда, интиқоми ман аз гуҳон гирифтӣ, акнун ба ҳонаи худ бирав.

Мор гуфт:

– Туро танҳо нахоҳам гузошт.

Шопур бисёр тарсид ва пушаймон гардид, ки чаро аз мор мадад хостам. Алкисса, морро гуфт:

– Чохе дигар аз ин чо бисёр наздик аст, дар он чо гукон бисёранд. Агар фармой, онҳоро аз ҳилаву фиреб дар ин чо биёрам.

Мор ӯро рухсат дод. Шопур аз ин фиреб аз чоҳ баромаду гурехт ва дар толоби бузург худро пинҳон кард. Мор чанд рӯз интизор кард ва пас аз чоҳ баромаду роҳи худ пеш гирифт.

Тӯтӣ чун ин ҳикоят тамом кард, бо Хучаста гуфт:

– Ҳоло бирав ва дер макун!

Хучаста хост, ки биравад, дар он асно чонвароне субҳ овоз намуданд ва субҳ зоҳир шуд ва рафтани Хучаста мавкуф гардид.

ДОСТОНИ ШАБИ ЧАҲОРДАҲУМ
ШЕРЕ, КИ ЯК СИЁҲГӮШ ЧОИ Ӯ ГИРИФТ

Чун офтоб ба Магриб рафт ва моҳ тобон гардид, Хучаста гирён пеши тӯтӣ рафт ва гуфт, ки ҳар шаб пеши ту меоям барои рухсат, на чиҳати шунидани ҳикоёт, ки ту кисса мегӯй.

Тӯтӣ гуфт, ки туро аз насиҳати ман хеч зарар нахоҳад шуд, балки фоида хохй ёфт. Имшаб зуд бирав ва бо маъшуки худ мулокот кун ва агар касе душмани ту он чо бирасад, ҳамчун сиёҳгӯш ҳила огоз кунй.

Хучаста пурсид, ки ҳикояти сиёҳгӯш чй гуна аст?

ҲИКОЯТ

Тӯтӣ гуфт, ки дар биёбоне шере мемонд[1], бӯзина мусоҳиби ӯ буд. Иттифокан шер чое барои сайр рафт ва бӯзинаро чои худ супурду равона шуд. Дар гайбати шер сиёҳгӯш макони шер бигирифт. Бинобар ин ки чои хуб буд, бисёр писандид ва дар он чо маскан гузид.

Бӯзина гуфт:

– Эй сиёҳгӯш, ин чои шер аст, туро чй кудрат, ки бе ҳукми ӯ дар ин чо макон кардй?!

Сиёҳгӯш чавоб дод, ки ин чой аз мероси падар ёфтаам, туро чй хабар аст?!

Бӯзина хомӯш монд ва модаи сиёҳгӯш бо сиёҳгӯш гуфт, ки ин чо мондан маслиҳат нест. Зеро ки бо шер баробарй кардан, ба хуни худ кӯшидан аст.

Нар гуфт:

– Эй мода, ҳар гоҳ шер хоҳад омад, аз ҳила ӯро дафъ хоҳам намуд.

Алкисса, баъд аз чанд рӯз хабари омадани шер расид, бӯзина истикбол кард ва аҳволи сиёҳгӯш тамом бо шер изҳор кард ва гуфт, ки мутаарриз шуда будам, сиёҳгӯш чавоб дод, ки ин чо аз мероси падар ёфтаам.

Шер гуфт:

– Эй бӯзина, он сиёҳгӯш нест. Сиёҳгӯшро чй кудрат, ки чои ман ситонад. Маълум мешавад, ки чонваре аз ман кавитар хоҳад буд.

[1] Мемонд – ин чо ба маънии «буд»-ан аст.

Бӯзина гуфт, ки аз ту кавитар нест.

Шер гуфт, ки ин чӣ сухан аст, бисёр ҷонваронанд, ки аз мо кавитаранд.

Шер тарсон тарафи чои худ равона шуд ва муттасили чои худ расид. Сиёҳгӯш кабл аз расидани [шер] бо модари худ гуфт ва маслиҳат кард, ки чун шер наздики хона бирасад, ту бачагони худро гирён кун ва агар ман пурсам, ки бачагон чаро мегирянд, бигӯй, ки имрӯз гӯшти шери тоза мехоҳанд ва шабина намехӯранд.

Алкисса, шер наздики хона расид, бачагон гиристан огоз кардаид.

Сиёҳгӯш гуфт, ки бачагон чаро мегирянд?

Мода чавоб дод, ки гуруснa хастанд.

Сиёҳгӯш гуфт, ки дирӯз чандин гӯшти шеру одам додам, аз он ҳеҷ боқӣ намондааст?

Мода гуфт, ки гӯшти шабина намехӯранд, тоза мехоҳанд.

Сиёҳгӯш бачагонро гуфт:

– Хотиҷ чамъ доред ва андак сабр бикунед, шунидаам, ки шери ин ҷо имрӯз дар ин ҷо омадааст. Агар ин сухан рост аст, иншоаллоҳ тзоло бисёр гӯшти тоза хоҳам хӯронид.

Шер чун ин сухани сиёҳгӯш шунид, тарсид ва надонист, ки ин сиёҳгӯш аст. Пас аз ин ҷо гурехт ва бӯзинаро гуфт, ки туро нагуфтам, ки дар хонаи ман ҷонвари зӯровар аст.

Бӯзина гуфт, ки матарс, ки он ҷонвари бисёр заифу хурд аст ва ин суханони фиреб мегӯяд.

Шер боз назди хонаи худ рафт. Мода бачагонро боз гирён намуд. Сиёҳгӯш гуфт, ки эй мода, бачагонро хомӯш кун, имрӯз гӯшти шер, албатта, хоҳам ёфт. Зеро ки бӯзина дӯсти ман аст, ӯ бо ман ваъда карда ва савганд хӯрдааст, ки имрӯз шерро аз ҳилаву фиреб хоҳад овард. Ту чанде таваккуф кун ва бачагонро хомӯш гардон, овоз макун, хомӯш шав! Агар овози моён хоҳад шунид, ин ҷо нахоҳад омад.

Шер чун ин сухан бишунид, дарҳол бӯзинаро гирифт ва пора-пора карду гурехт ва боз он ҷо наёмад.

Тӯтӣ чун ин ҳикояти сиёҳгӯшро тамом кард, Хучастаро гуфт, ки бархез пеши маъшуқи худ бирав! Хучаста хост, ки биравад, ҳамон вақт мургони субҳ овоз кардаид ва субҳ падид омад ва рафтани Хучаста мавқуф гашт.

ДОСТОНИ ШАБИ ПОНЗДАҲУМ

ЗАРИРИ ПОРЧАБОФ ВА НОЁРӢ КАРДАНИ БАХТИ Ӯ

Чун офтоб фурӯ рафт ва шаб даромад, Хучаста баъди як посе шаб порчаи некӯ пӯшид ва назди тӯтӣ рафту гуфт, ки эй дӯст, ман замоне туро озмудам, суханони бисёрат шунидам, аммо аз дӯстии ту маро ҳеҷ фоидае нест.

Тӯтӣ гуфт:

– Эй кадбону, чаро бар ман гусса мешавӣ?

Ман туро ҳар шаб тарғиб медиҳам, маро чӣ гунох аст?

Бахти ту хуб нест, чунон ки бахти Зарир бо ӯ мувофиқат накард.

Хучаста пурсид, ки ҳикояти Зарир чӣ гуна аст?

Тӯтӣ огоз намуд, ки дар шаҳре аз шаҳрҳо Зарир ном марде буд, ҳамеша порчаи абрешимӣ бофтӣ ва як дам ором накардӣ, лекин ӯро ҳеҷ фоида нашуд. Зарирро дӯсте буд, порчаи ганда мебофт. Рӯзе Зарир ба хонаи дӯст рафт. Хонаи ӯро пур аз зару асбоб ҳамчу хонаи тавонгарон дид. Зарир бо худ гуфт, ки ман порчаи тавонгарон ва хилъати поншоҳона мебофам, чаро намак бо нони ман нест? Ин гандабоф чандин мол аз кучо ёфт?

Зарир чун дар хонаи худ рафт, бо зани худ гуфт, ки дар ин шаҳр қадри ман касе намедонад ва касби маро ҳеҷ намешуморанд. Маро ба шаҳри дигар бояд рафт,зеро ки ба ҷои дигар ҳурмати ман бисёр хоҳад шуд ва иззати ман афзун хоҳад гардид.

Занаш гуфт, ки ҳар чӣ дар насиби туст, ҳамин ҷо хоҳад шуд, рӯзии зиёда аз насиб чизе дар дасти ту нахоҳад омад.

Алқисса, Зарир нашунид ва ба сафар рафт ва дар шаҳре расида, муддате дар он ҷо бимонд ва касб намуд. Чун маблағи бисёр дар кисаи ӯ ҷамъ шуд, ба хонаи худ равона гашт ва ба вақти шаб дар ҷое маком кард ва то ними шаб бедор монд. Чун ба хоб рафт, дузде кисаи зари ӯро баркашиду бурд ва аз он ҷо гурехта рафт. Зарир бедор шуда, дунболи дузд давид ва ӯро гирифта натавонист, лочор боз дар он шаҳр рафт ва боз чанд сол дар он ҷо касб кард. Чун накди бисёр ҷамъ шуд, боз роҳи хонаи худ пеш гирифт ва ба шаб ҷое нузул кард. Ҳарчанд эҳтиёт намуд, лекин накди ӯро дузд бурд. Мискин бо худ гуфт, ки дар насиби ман давлат нест, аз ин сабаб дузд мебарад. Пас тихидаст ба хона расид ва аҳволи худ бо зан гуфт.

Зан ҷавоб дод, ки аввал ман туро нагуфта будам, ки зиёда аз насиб касе ҷоҳ нахоҳад ёфт, сухани ман нашунидӣ ва ба сафар рафтӣ. Бигӯ, ки алҳол чӣ ёфтӣ? Зарир шарманда гардид.

Тӯтӣ чун ин ҳикояти Зарир тамом кард, Хучастаро гуфт:

– Бархезу пеши дилбари худ бирав ва таваққуф чоиз мадор!

Хучаста бархост ва қасди рафтани он ҷо намуд, хурӯс бол бикушоду овоз намуд ва субҳ зоҳир шуд, рафтани ӯ мавқуф гардид.

ДОСТОНИ ШАБИ ШОНЗДАҲУМ

ЧАҲОР КАСИ МОЛДОР ВА МУФЛИС ШУДАНИ ОНҲО

Чун офтоб бақаъри Мағриб фурӯ рафт ва моҳ аз Машриқ баромад, Хучаста синабирёну чашмгирён пеши тӯтӣ рафт ва гуфт:

– Эй сабзпӯш, ғами ишқ бар ман гарон аст. Ту ҳар шаб аз насиҳат ва гуфтугӯи вақти ман зоеъ мекунӣ. Ману ошиқи маро бо насиҳат чӣ кор?

Тӯтӣ гуфт:

– Эй кадбону, ин чӣ сухан аст? Лекин сухани дӯстон бояд шунид, зеро ки ҳар кас, ки сухани дӯстон нашунавад, ӯ пушаймон мешавад, чунон ки шахсе пушаймон шуда буд.

Хучаста пурсид, ки он ҳикоят чӣ гуна бувад?

Тӯтӣ гуфт, ки вақте дар шаҳри Балх чаҳор ёр буданд. Ҳар чаҳор кас мол-дор ва соҳибмоло буданд ва бо ҳам дӯстӣ медоштанд. Иттьфоқан ҳама муф-лис гардиданд ва ҳар чаҳор кас пеши файласуфе рафтанд ва аҳволи муфли-сии худро баён намуданд. Файласуф бар онҳо раҳм овард ва ҳар якро як-як мӯҳраи ҳикмат доду фармуд, ки ин мӯҳра [ро] бар сари худро ниҳад ва равона шавад. Ҳар чӣ, ки мӯҳраи шумоён аз сар бияфтад, ҳамон ҷо биҳобед ва ҳар чӣ аз насиби шумоён аз замин барояд, бигиред.

Ҳар чаҳор ёр мучиби фармудаи ҳаким равона шуданд. Чун чанд курӯҳ рафтанд, мӯҳраи яке аз сар афтод, он ҷо ҳобид, мис зоҳир шуд, дигар ёронро гуфт, ки ман ин мисро аз зар бехтар мепиндорам. Агар шумоён биҳобед, ин ҷо бошед. Онҳо қабул накарданд ва пештар равона шуданд. Чун қадре роҳ рафтанд, мӯҳраи дуюм шахс аз сар афтод ва он ҷо ҳобид, кони нуқра зоҳир шуд. Ӯ гуфт:

– Агар биҳобед, ин ҷо бошед, ин сим аз шумост.

Онҳо розӣ нашуданд.

Чун пештар рафтанд, мӯҳраи дигар кас аз сар афтод ва он ҷо ҳобид, кони зар пайдо шуд. Ёри чаҳорумро гуфт:

– Ҳеҷ нақд ҳубтар аз зар нест, мехоҳам, ки ману ту ин ҷо бошем.

Ӯ гуфт, ки пештар кони чавҳар хоҳад буд, чаро ин ҷо хоҳам буд.

Чун як курӯҳ роҳ рафт, мӯҳраи ӯ аз сар афтод. Чун он заминро ҳобид, кони оҳан дид, пушаймон гардид, ки чаро кони зарро гузоштам ва сухани дӯст нашунидам. Алқисса, аз он ҷо боз рафт, на он дӯстро дид, на кони зарро ёфт. Бо худ гуфт, ки зиёда аз насиб касе намеёбад. Боз ба тарафи кони оҳан равона шуд ва ҳарчанд ҷуст, наёфт. Лочор ноздики файласуф рафт, ӯро он ҷо надид. Мискин ниҳоят пушаймон гардид ва ҳайрон шуд.

Тӯтӣ чун ин суҳан тамом намуд, Ҳучастаро гуфт, ки ҳар кӣ сухани дӯстон нашунавад, ҳамон бинад чунон ки он бадбахт дид, ҳоло барвеу ҷониби дӯсти худ бирав, ки ин соат нек аст.

Ҳучаста хост ки биравад, дархол хурӯси субҳ бонг бичад ва субҳ зоҳир шуд, рафтани ӯ мавқуф гардид.

ДОСТОНИ ШАБИ ҲАФТДАҲУМ
ПОДШОҲ ШУДАНИ ШАҒОЛ ВА КУШТА ШУДАНИ Ӯ

Чун офтоб ба Мағриб рафт ва моҳ аз Машриқ баромад, Ҳучаста ба тала-би ичозат бари тӯтӣ рафт ва дид, ки тӯтӣ мутафаккир нишаста. Пурсид, ки эй соҳибақл, чаро мутафаккир нишастай?

Тӯтӣ гуфт:

– Ту олиҳимадон хастӣ, намедонам, ки маъшуқи ту низ аз олиҳимадон аст ё камина. Агар ҳамчу ту бузургвор аст, бо ӯ дӯстӣ кардан муҳояқа надорад, балки бехтар аст, вагарна маслиҳат нест.

Ҳучаста гуфт:

– Эй маҳрами рози ман, ту рост мегӯй! Пас чӣ гуна аҳволи ӯ маълум кунам?

Тӯтӣ гуфт:

– Айбу ҳунари одамӣ аз забони ӯ маълум мешавад. Магар ҳикояти он шағол нашунидай?

Ҳучаста пурсид:

– Он чӣ гуна аст?

ҲИКОЯТ

Тӯтӣ гуфт, ки шағоле ҳамеша дар шаҳр мерафту дар зуруфи мардумон даҳан меандохт. Шабе ба одати маъҳуд ба хонаи нилгаре рафт ва даруни ҳуми нил сар андохт. Иттифоқан ҳама тани ӯ дар ҳум афтод ва аз меҳнати бисёр берун омад ва тамоми андомаш нилгун гардид. Чун дар биёбон рафт ҳамаи ҷонварон [ӯро] ба шакли ачиб диданд, донистанд, ки ин калон ҷонвар аст. Ҳамаи шағолон ӯро сардори худ карданд ва дар ҳукми ӯ маҳкум гардиданд. Шағол аз барои он ки ӯро касе аз овоз нашиносад, дигар ҷонварони заифро назди худ истода мекард. Чунончи вақти дарбор шағолон дар сафи аввал истода мешуданд ва рӯбоҳ дар сафи дуввум ва оҳувону бӯзина дар сафари саввум ва гургон дар сафи чаҳорум ва шерон дар сафи панҷум ва филон дар сафи шашум. Ҳар гоҳ ки шоғолон бонг мекарданд, сардор ҳам ҳамроҳи онҳо овоз менамуд, касе инро маълум намекард.

Баъди чанд рӯз он шағоли сардор аз шағолони дигар нанг кардан гирифт ва онҳоро аз назди худ дур кард ва наздики худ шеру пилро ҷо дод.

Чун вақти шаб шуд, шағолон бонг оғоз карданд, сардор ҳам овоз кардан гирифт. Ҷонварон, ки назди ӯ истода буданд, донистанд, ки ӯ кист, дар дили худҳо шарманда шуданд ва сардорро гирифта, шиками ӯ чок карданд.

Тӯтӣ чун ин ҳикоят тамом кард, Ҳучастаро гуфт, ки эй кадбону, айбу ҳунари ҳар кадом аз забони ӯ маълум мешавад. Ҳоло пеши маъшуқи худ бираву бо ӯ гуфтугӯ кун, айбу ҳунари ӯ маълум хоҳад шуд. Ҳучаста рафтан хост, дарҳол хурӯс овоз кард, субҳ зоҳир шуд, рафтани ӯ мавқуф гардид.

ДОСТОНИ ШАБИ ҲАЖДАҲУМ
БАШИР, КИ БО ЗАНЕ ЧАНДАР НОМ ДӮСТӢ КАРДА БУД

Чун офтоб ба мағриб рафт ва моҳ аз машриқ баромад, Ҳучаста бо дили ғамолуда пеши тӯтӣ рафту гуфт:

– Эй тӯтӣ, ҳар шаб ба талаби рухсат назди ту меоям, на барои шунидани насиҳат.

Тӯтӣ гуфт:

– Эй Ҳучаста, хотир ҷамъ дор, ки ҳоло ҷалд бо дӯст хоҳӣ пайваст, чунон ки аъробӣ аввал меҳнат кашид, охир роҳат ёфт.

Ҳучаста пурсид, ки ҳикояти ӯ чӣ гуна аст?

ҲИКОЯТ

Тӯтӣ оғоз кард, ки дар шаҳре ҷавоне буд Башир ном дошт. [Ӯ] бо зане Чандар ном дӯстӣ кард. Баъди чанд рӯз рози эшон фош шуда, шавҳари Чандар ӯро ба ҷои дигар бурд. Башир аз муфорақати ӯ рӯзу шаб мегиристи. Рӯзе бо як аъробӣ, ки дӯсти қадими ӯ буд гуфт:

– Меҳоҳам, ки наздики Чандар биравам, лекин ту ҳамроҳи ман биё.

Аъробӣ қабул кард.

Алкисса, хар ду бо хам равона шуданд. Чун муттасили дарахи Чандар расиданд, мери дарахте нузул кардаид. Башир аъробиро назди Чандар фиристод. Аъробй ба хонаи ӯ рафт ва саломи Башир ба Чандар расонд. Чандар гуфт, ки вакти шаб мери он дарахт хохам омад. Чун шаб шуд, он чо рафт ва Башир Чандарро дар канор гирифт, ошик ба маъшук пайваст. Башир гуфт:

– Метавонй, ки имшаб ин чо бошй?

Гуфт:

– Не, лекин агар аъробй коре бикунад, то метавонам.

Аъробй гуфт:

– Он чист?

Чандар гуфт, ки чоман ман бипӯшу дар хонаи ман бирав ва дар сахни хона бинишин. Чун шавхари ман биёяд ва кадахи шир биёрад ва туро бидихаду бигӯяд, ки бихӯр, ту он кадахро магиру рӯи худ макушой. Хар гох ӯ кадахи шир назди ту хохад ниход ва берун хохад рафт, пас онро бихӯр.

Аъробй кабул кард ва дар хонаи ӯ рафт. Чун шавхари Чандар расид ва кадахи шир овард, харчанд ки барои хӯрдан муболига намуд, аъробй даб накушод ва кадахро аз дасти ӯ нагирифт. Шавхар гусса кард ва аз тозиёна ӯро задан огоз кард ва гуфт:

– Харчанд ки бо ту лутф менамоям, ту дахани худ намекушой ва чавоби сухани ман намедихй.

Алкисса, ончунон тозиёна зад, ки пушти ӯ кабуд гардид.

Чун шавхари Чандар рафт, аъробй мегирист ва механдид. Дар ин асно модари Чандар омаду гуфт, ки туро хамеша насихат мекунам, чаро шӯи худро дӯст намедорй ? Агар барои Башир дар гам хастй, боз рӯи шавхар нахохй дид? Модари Чандар рафту хохари Чандарро гуфт, ки ту назди Чандар бинишин ва ӯро насихат кун, ки бо шавхар чаро намесозад? Хохари Чандар назди аъробй рафт. Аъробй рӯи хохари Чандар бидид, дарди зану кӯби худ фаромӯш кард ва сар аз чодар баровард бо ӯ гуфт, ки эй зан, хохари ту имшаб назди Башир рафта ва мехро ба чои худ фиристодааст. Бубин, ки барои ӯ чй тозиёна хӯрдам. Холо туро бояд ки бо ман бихуспй ва рози ман фош накунй, вагарна ману хохари ту хар ду расво хохем шуд. Хохари Чандар хандид ва бо аъробй хуфт.

Чун андаки шаб бокй монд, аъробй назди Чандар рафт. Чандар аъробиро пурсид, ки шаб туро чй гуна гузашт? Аъробй хама ахволи шавхар такрир кард ва пушти худ ба ӯ намуд. Чандар нихоят шарманда шуд ва надонист, ки хама шаб бо хохари ӯ айш кард.

Тӯтй чун ин сухан тамом кард, Хучастаро гуфт, ки холо бархез пеши маъшуки худ бирав. Ӯ хост, ки биравад, хурӯс овоз кард, субх зохир шуд, рафтани Хучаста мавкуф гардид [ва ӯ] за барои хуфтан рафт.

ДОСТОНИ ШАБИ НУЗДАХУМ

ТОҶИР ВА КУШТА ШУДАНИ АСПИ МОДАИ ШАХСЕ АЗ АСПИ ТОҶИР

Чун офтоб ба Магриб рафт ва мох аз Машрик баромад, Хучаста порчаи некӯ пӯшида, бари тӯтй рафт ва гуфт:

– Эй тӯтӣ, агарчи метавонам , ки пеши маҳбуби ҳуд биравам, лекин бе рухсати ту маслиҳати ҳуд намебинам, зеро ки бар акли ту эътимод дорам. Имшаб маро ҷалд рухсат кун!

Тӯтӣ гуфт:

– Эй кадбону, оқилон бидуни маслиҳат коре намекунанд. Ту ҳуд оқил ҳастӣ, аз ин сабаб бе машварат ту ҳеҷ коре намекунӣ. Яқин медонам, агар мабодо касе бо ту душманӣ ҳоҳад намуд, ту чунон тадбир хоҳӣ кард, ки ҳеҷ бало ба ту нарасад, чунон ки тоҷире ҳикмат ва ҳила намуд. Ҳуҷаста пурсид, ки ҳикояти ӯ чӣ гуна аст?

ҲИКОЯТ

Тӯтӣ огоз кард, ки дар замонаи пешин тоҷире буд оқил, аспе дошт бадҳӯй. Рӯзе тоҷир таом меҳӯрд. Дар аснои он шахсе бар аспи мода он ҷо расид ва аз асп фуруд омада, онро назди аспи тоҷир бастан хост. Тоҷир бо ӯ гуфт, ки назди аспи ман мабанд! Он шахс нашунид ва аспи модаи ҳудро назди аспи тоҷир баст ва бо тоҷир таом хӯрдан гирифт.

Тоҷир гуфт:

– Ту кистӣ ва чӣ касӣ, ки бе ҳукми ман бо ман таом меҳӯрӣ?!

Он шахс ҳудро кар сохт ва ҳеҷ ҷавоб надод.

Тоҷир пиндошт, ки ин мард кар аст ё гунг, лочор хомӯш гардид. Баъди як лаҳза аспи он тоҷир модаро чунон лагад зад, ки шиками ӯ чок гардид ва мурд. Он шахс бо тоҷир қазия огоз кард ва гуфт, ки аспи ту аспи модаи маро кушт, қимати он, албатти аз ту хоҳам гирифт.

Алқисса, он шахс пеши қозӣ рафту нолиш намуд. Қозӣ тоҷирро талабид. Тоҷир пеши қозӣ рафту ҳудро гунг сохт. Ҳар сухан, ки қозӣ аз ӯ пурсид, ҳеҷ ҷавоб надод.

Қозӣ гуфт:

– Ин тоҷир гунг аст, таксири ӯ ҳеҷ нест. Муддай қозиро гуфт, ки чӣ гуна донистӣ, ки ӯ гунг аст?! Он вақт, ки ман назди аспи ӯ аспи модаи ҳудро бастан мехостам, маро гуфт, ки мабанд, ҳоло ҳудро гунг сохтааст.

Қозӣ гуфт, ки агар туро манъ карда буд, пас тақсири ӯ чист? Ту аз ин ҷо бирав! Бисёр ҳаромзода ҳастӣ ва аҳмақ, ки аз забони ҳуд иқрор кардӣ!

Тӯтӣ чун ин ҳикоят тамом кард, Ҳуҷастаро гуфт:

– Ҳоло пеши маҳбуби ҳуд бирав.

Ҳуҷаста рафтан хост, ҳамон вақт хурӯс овоз кард ва субҳ зоҳир шуд, рафтани ӯ мавқуф монд.

ДОСТОНИ ШАБИ БИСТУМ
ЗАНЕ, КИ БА ҲИЛА АЗ ДАСТИ ШЕР ҲАЛОС ШУДА БУД

Чун офтоб ба мағриб рафт ва моҳ аз машриқ баромад, Ҳуҷаста ба талаби рухсат бари тӯтӣ рафт ва гуфт.

– Эй маҳрами роз, бар ман раҳм кун ва имшаб маро ҷалд рухсат деҳ ва ҳар чӣ ту бо ман гуфтан мехоҳӣ, зуд бигӯ.

Тӯтӣ гуфт:

– Эй Хучаста, борҳо туро озмудам, аммо туро оқил ёфтам. Насиҳати ман ба ту ҳеҷ даркор нест. Лекин мабодо агар ҳодисае дар пеши ту ояд, ҳила ангез кунӣ, чунон ки зане дар биёбони бо шер ҳила намуд, ҳеҷ офат ба ӯ нарасид.

Хучаста пурсид, ки он ҳикоят чӣ гуна аст?

ҲИКОЯТ

Тӯтӣ гуфтан огоз кард, ки дар шаҳре марде буд, зане дошт ниҳоят бадҳислату забондароз.

Рӯзе мард барои тақсире ӯро тозиёна зад. Зан бо ду тифли худ роҳи биёбон гирифт. Иттифоқан шереро дид. Зан тарсид ва бо худ гуфт, ки бисёр бад кардам, ки бе ҳукми шӯй беруни омадам. Агар аз ин шер ҳеҷ офат ба ман нарасад, боз ба хона рафта, фармонбардории ӯ бикунам.

Алқисса, зан ҳила огоз кард, бо шер гуфт, ки эй шер, назди ман ой ва сухани маро бишунав. Шер мутааҷҷиб шуд ва пурсид, ки кадом сухан аст? Бигӯ!

Зан гуфт, ки дар ин биёбон шерест бузург, ҳаман мардумон ва чорпоён аз вай метарсанд. Подшоҳ ҳар рӯз се-чаҳор мардумонро барои хӯроки ӯ мефиристад. Имрӯз навбати ман ва ин ду тифл аст. Агар мехоҳӣ, аз ман тифлаконро бигиру бихӯр ва аз ин дашт бигурез. Ман низ мучарраду танҳо шавам ва бигурезам.

Шер гуфт:

– Хуб, чун ту ҳамаи аҳволи худ ба ман гуфтӣ, маро маслиҳат нест, ки туро бихӯрам ё тифлони туро. Зеро ки маро ҷои гурехтан нест.

Алқисса, шер тарафи дигар рафт ва зан роҳи шаҳри хуш пеш гирифт ва бокии умр дар фармонбардории шавҳари худ сипарӣ сохт.

Тӯтӣ чун ин ҳикоят тамом намуд, Хучастаро гуфт, ки эй кадбону, баркасу тавакқуф макун, чониби маъшуқи худ бирав.

Хучаста барҳост ва касди рафтан кард, дархол хурӯс овоз карду субҳ зоҳир шуд, рафтани Хучаста мавқуф монд.

ДОСТОНИ ШАБИ БИСТУ ЯКУМ

ПОДШОҲЕ ВА ПИСАРИ Ӯ ВА ЯК ГУКУ МОР

Чун офтоб ба Мағриб рафт ва моҳ аз Машриқ баромад, Хучаста ба талаби ҳочагат барӣ тӯтӣ рафт ва гуфт:

– Эй тутӣ, кадом вақт хоҳад буд, ки ба маҳбуби худ хоҳам расид?! Мехоҳам, ки бипарвам, лекин наметавонам рафт. Намедонам, ки бахти ман чӣ гуна аст?

Тӯтӣ гуфт:

– Эй кадбону, холо дили ман гувоҳӣ медиҳад, ки чалд ту ба дӯст хоҳӣ пайваст, лекин агар ба маъшуқи худ расӣ, шароити дӯстӣ ҳама ба ҷой орӣ ва ҳеҷ фурӯ нагузорӣ, чунон ки Холиқу Муҳлис ҳиматти шоҳзода ба ҷой овардаанд ва шароити дӯстӣ фурӯ нагузоштаанд.

Хучаста пурсид, ки ҳикояти онҳо чӣ гуна аст?

Тӯтӣ гуфтан огоз кард, ки вақте подшоҳе буд бузург, ду писар дошт. Чун подшоҳ аз ин ҷаҳон кӯч кард, тоҷу тахти ӯро писари калон гирифт ва бародари хурдро хост, ки бикушад. Он бечора танҳо аз он шаҳру мулк берун рафт. Рӯзе бар толобе расид, дид, ки ғукеро море гирифта буд ва ғук шӯр мекард. Шоҳзода бонг бар мор зад ва ӯро (яъне ғукро) гузошт. Ғук дар об рафт ва мор истода монд. Шоҳзода аз мор шарманда гардид, ки тӯъмаи ӯ аз даҳани ӯ чудо кардам.

Алкисса, қадре гӯшт аз андоми худ тарошида пеши мор андохт. Мор он музғаи гӯшт дар даҳан гирифта, назди модаи худ рафт. Мода чун онро тановвул кард, бо мор гуфт, ки ин гӯшти мазадору лазиз аз кучо овардай?

Мор ҳама аҳвол бо мода тақрир кард. Мода гуфт:

– Он шахс, ки бо ту чунин меҳрубонӣ намуд, туро бояд ки шукри ӯ адо кунӣ.

Мор ба сурати одамӣ шуда, назди шоҳзода рафт ва гуфт, ки номи ман Холис аст. Мехскам, ки дар хидмати ту ҳозир бошам.

Шоҳзода қабул намуд.

Ғук чун аз даҳани мор ҷаст, хунолуда бари модаи худ рафт ва ҳамаи аҳвол бо мода гуфт. Модаи ӯ гуфт, ки ҳоло дар хидмати он шахс ҳозир бош!

Ғук низ ба сурати одамӣ мутамассил гардида, ба хидмати шоҳзода рафт ва гуфт, ки номи ман Мухлис аст. Мехоҳам, ки ҳамчун бандагон хидмати ту кунам.

Шоҳзода ӯро ҳам ба хидмат гирифт.

Ҳар се кас аз он чо равона шуданд ва дар шаҳре расиданд. Дар он шаҳр подшоҳе буд. Шоҳзода пеши ӯ рафт ва гуфт:

– Ман чунон шучоам, ки бо сад мардум танҳо тавонам ҷангид. Агар ҳазор рупия рӯзинаи маро бидиҳӣ, то дар хидмати ту бошам ва ҳар гоҳ коре, ки бифармоӣ, анҷом кунам.

Подшоҳ ӯро навкар дошт ва ҳазор рупия рӯзина мукаррар намуд.

Шоҳзода ҳар рӯз ҳазор рупия мегирифт. Сад рупия худ харҷ мекард ва дусад рупия ҳамроҳони худро медод ва бокӣ хайрот мекард.

Рӯзе подшоҳ барои шикори моҳӣ рафт. Иттифокан ангуштарии подшоҳ дар дарё афтод. Ҳарчанд ки ҷуст, наёфт. Шоҳзодаро фармуд, ки ангуштарии ман аз дарё барор!

Шоҳзода ҳамроҳони худро гуфт. Онҳо гуфтанд, ки ин чӣ кор аст, ки малик шуморо фармудааст?

Мухлис гуфт.

–Хотир ҷамъ дор, ки ин кор ман хоҳам кард. Мухлис ба сурати ғук шуда, дар дарё ғӯта зада дарҳол ангуштарӣ бароварда. Шоҳзода ангуштариро назди шоҳ бурд. Подшоҳ зиёда бар ӯ меҳрубонӣ намуд.

Баъд аз чанд рӯз духтари маликро мор газид. Ҳакимон ҳарчанд даво карданд, фоида нашуд. Подшоҳ шоҳзодаро фармуд, ки духтарамро некӯ кун!

Шоҳзода мутафаккир шуд ва бо худ гуфт, ки ин кори ман нест.

Холис арз кард, ки маро назди он духтар бибар ва дар хилвати ӯ бинишон.

– Эй Хучаста, борҳо туро озмудам, аммо туро оқил ёфтам. Насиҳати ман ба ту ҳеч даркор нест. Лекин мабодо агар ҳодисае дар пеши ту ояд, ҳила оғоз куй, чуноч ки зане дар биёбоне бо шер ҳила намуд, ҳеч офат ба ӯ нарасид.

Хучаста пурсид, ки он ҳикоят чӣ гуна аст?

ҲИКОЯТ

Тӯтӣ гуфтан оғоз кард, ки дар шаҳре марде буд, зане дошт ниҳоят бадхислату забондароз.

Рӯе мард барои таксире ӯро тозиёна зад. Зан бо ду тифли худ роҳи биёбон гирифт. Иттифоқан шереро дид. Зан тарсид ва бо худ гуфт, ки бисёр бад кардам, ки бе ҳукми шӯй берун омадам. Агар аз ин шер ҳеч офат ба ман нарасад, боз ба хона рафта, фармонбардории ӯ бикунам.

Алқисса, зан ҳила оғоз кард, бо шер гуфт. ки эй шер, назди ман ой ва сухани маро бишунав. Шер мутааҷҷиб шуд ва пурсид, ки кадом сухан аст? Бигӯ!

Зан гуфт, ки дар ин биёбон шерест бузург, ҳамаи мардумон ва чорпоён аз вай метарсанд. Подшоҳ ҳар рӯз се-чаҳор мардумонро барои хӯроки ӯ мефиристад. Имрӯз навбати ман ва ин ду тифл аст. Агар мехоҳӣ, аз ман тифлаконро бигиру бихӯр ва аз ин дашт бигурез. Ман низ мучарраду танҳо шавам ва бигурезам.

Шер гуфт:

– Хуб, чун ту ҳамаи аҳволи худ ба ман гуфтӣ, маро маслиҳат нест, ки туро бихӯрам ё тифлони туро. Зеро ки маро ҷои гурехтан нест.

Алқисса, шер тарафи дигар рафт ва зан роҳи шаҳри хуш пеш гирифт ва бокии умр дар фармонбардории шавҳари худ сипарӣ сохт.

Тӯтӣ чун ин ҳикоят тамом намуд, Хучастаро гуфт, ки эй кадбону, бархезу таваккуф макун, чониби маъшуки худ бирав.

Хучаста бархост ва касди рафтан кард, дарҳол хурӯс овоз карду субҳ зоҳир шуд, рафтани Хучаста мавқуф монд.

ДОСТОНИ ШАБИ БИСТУ ЯКУМ

ПОДШОҲЕ ВА ПИСАРИ Ӯ ВА ЯК ҒУКУ МОР

Чун офтоб ба Магриб рафт ва моҳ аз Машриқ баромад, Хучаста ба талаби ичозат бари тӯтӣ рафт ва гуфт:

– Эй тутӣ, кадом вақт хоҳад буд, ки ба маҳбуби худ хоҳам расид?! Мехоҳам, ки биравам, лекин наметавонам рафт. Намедонам, ки бахти ман чӣ гуна аст?

Тӯтӣ гуфт:

– Эй кадбону, ҳоло дили ман гувоҳӣ медиҳад, ки ҷалд ту ба дӯст хоҳӣ пайваст, лекин агар ба маъшуки худ расӣ, шароити дӯстӣ ҳама ба чой орӣ ва ҳеч фурӯ нагузорӣ, чунон ки Холису Мухлис хизмати шоҳзода ба чой оварданд ва шароити дӯстӣ фурӯ нагузоштанд.

Хучаста пурсид, ки ҳикояти онҳо чӣ гуна аст?

Тӯтӣ гуфтан оғоз кард, ки вақте подшоҳе буд бузург, ду писар дошт. Чун подшоҳ аз ин ҷаҳон кӯч кард, тоҷу тахти ӯро писари калон гирифт ва бародари хурдро хост, ки бикушад. Он бечора таҳо аз он шаҳру мулк берун рафт. Рӯзе бар толобе расид, дид, ки гукеро море гирифта буд ва гук шӯр мекард. Шоҳзода бонг бар мор зад ва ӯро (яъне гукро) гузошт. Гук дар об рафт ва мор истода монд. Шоҳзода аз мор шарманда гардид, ки тӯъмаи ӯ аз даҳани ӯ чудо кардам.

Алқисса, кадре гӯшт аз андоми худ тарошида пеши мор андохт. Мор он музғаи гӯшт дар даҳан гирифта, назди модаи худ рафт. Мода чун онро тановул кард, бо мор гуфт, ки ин гӯшти мазадору лазиз аз кучо овардай?

Мор ҳама аҳвол бо мода тақрир кард. Мода гуфт:

– Он шахс, ки бо ту чунин меҳрубонӣ намуд, туро бояд ки шукри ӯ адо кунӣ.

Мор ба сурати одамӣ шуда, назди шоҳзода рафт ва гуфт, ки номи ман Холис аст. Мехоҳам, ки дар хидмати ту хозир бошам.

Шоҳзода қабул намуд.

Гук чун аз даҳани мор ҷаст, хунолуда бари модаи худ рафт ва ҳаман аҳвол бо мода гуфт. Модаи ӯ гуфт, ки ҳоло дар хидмати он шахс ҳозир бош!

Гук низ ба сурати одамӣ мутамассил гардида, ба хидмати шоҳзода рафт ва гуфт, ки номи ман Мухлис аст. Мехоҳам, ки ҳамчун бандагон хидмати ту кунам.

Шоҳзода ӯро ҳам ба хидмат гирифт.

Ҳар се кас аз он ҷо равона шуданд ва дар шаҳре расиданд. Дар он шаҳр подшоҳе буд. Шоҳзода пеши ӯ рафт ва гуфт:

– Ман чунон шунӯам, ки бо сад мардум танҳо тавонам ҷангид. Агар ҳазор рупия рӯзинаи маро бидиҳӣ, то дар хидмати ту бошам ва ҳар гоҳ коре, ки бифармой, анҷом кунам.

Подшоҳ ӯро навкар дошт ва ҳазор рупия рӯзина муқаррар намуд.

Шоҳзода ҳар рӯз ҳазор рупия мегирифт. Сад рупия худ харҷ мекард ва дусад рупия ҳамроҳони худро медод ва боқӣ хайрот мекард.

Рӯзе подшоҳ барои шикори моҳӣ рафт. Иттифоқан ангуштарии подшоҳ дар дарё афтод. Ҳарчанд ки ҷуст, наёфт. Шоҳзодаро фармуд, ки ангуштарии ман аз дарё барор!

Шоҳзода ҳамроҳони худро гуфт. Онҳо гуфтанд, ки ин чӣ кор аст, ки малик шуморо фармудааст?

Мухлис гуфт.

–Хотир ҷамъ дор, ки ин кор ман хоҳам кард. Мухлис ба сурати гук шуда, дар дарё гӯта зада дарҳол ангуштарӣ баровард. Шоҳзода ангуштариро назди шоҳ бурд. Подшоҳ зиёда бар ӯ меҳрубонӣ намуд.

Баъд аз чанд рӯз духтари маликро мор газид. Ҳакимон ҳарчанд даво карданд, фоида нашуд. Подшоҳ шоҳзодаро фармуд, ки духтарамро некӯ кун!

Шоҳзода мутафаккир шуд ва бо худ гуфт, ки ин кори ман нест.

Холис арз кард, ки маро назди он духтар бибар ва дар хилватъ ӯ бинишон.

Ман ӯро некӯ хоҳам кард.

Ӯ ҳамчунон кард. Холис даҳани худро бар захми мор ниҳод ва макиду ҳамаи заҳрро дар даҳани худ кашид. Духтар филҳол ором ёфт.

Подшоҳ хушнуд шуд ва шодии духтар бо шоҳзода кард ва [ӯро] ноиби худ гардонид. Холису Мухлис ҳар ду арз карданд, ки ҳоло рухсат мехоҳем.

Шоҳзода гуфт:

– Ин чӣ вақти рухсат аст?

Холис гуфт, ки ман он морам , ки маро гӯшти худ дода будӣ.

Мухлис гуфт, ки ман он гукам, ки маро аз даҳани мор ҳалос карда будӣ. Ҳоло мехоҳем, ки ба чои худхо биравем.

Шоҳзода ҳар дуро рухсат намуд.

Тӯтӣ чун ин ҳикоят тамом кард, бо Хучаста гуфт:

– Ҳоло бирав ва тавакқуф макун.

Хучаста бархост, ки биравад, дарҳол хурӯс овоз кард ва субҳ зоҳир шуд, рафтани Хучаста мавқуф гашт [ва ӯ] аз барои хуфтан рафт.

ДОСТОНИ ШАБИ БИСТУ ДУВВУМ
ҚИССАИ ЯК ТОҶИР ВА ДУХТАРИ Ӯ ВА ГУМ ШУДАНИ Ӯ

Чун офтоб баМагриб рафт ва моҳ аз Машриқ баромад, Хучаста бари тӯтӣ рафт ва мутафаккир нишаст.

Тӯтӣ пурсид:

– Эй кадбону, чаро имшаб мутафаккир ҳастӣ?

Хучаста гуфт, ки дишаб дар дили ман ин сухан омад, ки маъшуқи ман доност ё нодон, ё олим,ё чоҳил аст. Агар нодон аст, сӯҳбати ӯ маро ҳамчун марг хоҳад шуд.

Тӯтӣ гуфт:

– Эй калбону, ин вакт дар хонаи маҳбуби худ бирав ва ҳикояти тоҷир бо ӯ бигӯй ва ақли ӯ биёзмой. Агар чавоби хуб бидиҳад, бидон, ки доност.

Хучаста пурсид: – Ҳикояти он чӣ гуна аст?

ҲИКОЯТ

Тӯтӣ огоз кард, ки дар Кобул тоҷире буд моллор, духтаре дошт хубрӯй, Зӯҳра ном. Тавонгарони ҳар шаҳр хоҳиши ӯ медоштанд. Духтар касеро кабул намекард ва падарро мегуфт, ки ман бо он мард шодӣ хоҳам кард, ки доништманди комил хоҳад буд ё ҳунарманди бисёр.

Ин сухан дар ҳама билоду мулк машҳур гардид. Дар шаҳре се чавон буданд ва ҳар як ҳунари хуб медоштанд. Ҳар се чавон дар Кобул рафтанд ва тоҷири мазкурро гуфтанд, ки агар духтарат шавҳари ҳунарманд мехоҳад, мо ҳар се кас ҳастем. Яке гуфт:

– Ҳунари ман ин аст, ки ҳар чӣ гум шавад, медонам, ки кучост ва аҳволи оянда мешиносам.

Дуввум гуфт, ки аз чӯб чунон асп месозам, ки ҳар кӣ бар он савор шавад, чун тахти Сулаймон бар ҳаво меравад.

Саввум шахс гуфт, ки ман тирандоз ҳастам. Бар ҳар кӣ тир мезанам, ӯро медӯзам.

Тоҷир аҳволи ҳар се кас бо духтари худ гуфт.

Духтараш ҷавоб дод, ки ман бо худ машварат карда, фардо ҷавоби ин хоҳам дод ва аз ин ҳар се кас якеро қабул хоҳам кард.

Вақти шаб духтар аз хона гум шуд. Субҳ ҳарчанд ӯро ҷустанд, наёфтанд. Ҳеҷ маълум нашуд, ки куҷо рафтааст.

Тоҷир пеши он ҷавон, ки аҳволи гум шудан медонист, рафт ва пурсид, ки эй ҷавон, бигӯ, то духтари мо куҷост?

Ҷавон соате тааммул карду гуфт:

– Он духтарро парӣ бурдааст ва бар фалон кӯҳ дошта. Одам болои он кӯҳ рафтан наметавонад.

Тоҷир дигар ҷавонро гуфт, ки ту аспе аз чӯб бисозу он ҷавони тирандозро бидеҳ, то бар вай савор шавад ва бар кӯҳ бираваду аз тир париро бикушад ва духтарро биёрад.

Ҷавон аспе аз чӯб сохт ва ҷавони тирандоз бар аспи чӯбин савор шуда, бар кӯҳ рафт ва ба як тир париро кушт. Чун духтарро овард, ҳар се ҷавон он духтарро хостанд, ки бигиранд ва қазия оғоз карданд.

Тӯтӣ чун ин сухан то ин ҷо расонд, Хуҷастаро гуфт, ки ин ҳикоят бо маҳбуби худ бигӯ ва бипурс, ки он духтар [ро] ба кадом ҷавон додан маслиҳат аст? Агар ҷавоби хуб бидиҳад, бидон, ки оқил аст.

Хуҷаста гуфт, ки эй тӯтӣ, аввал ту маро бигӯ, ки мустаҳақи он духтар кист?

Тӯтӣ гуфт:

– Он шахс, ки париро кушт ва духтарро овард. Зеро ки дигар ҷавонон ҳунарҳои худ намуданд ва ӯ дар ҷои хавф рафту меҳнати бисёр бар худ гирифт ва аз ҷони худ натарсид.

Тӯтӣ чун ин ҳикоят тамом кард, Хуҷастаро гуфт, ки зуд бошу пеши маҳбуби худ бирав!

Хуҷаста бархосту иродаи рафтан намуд, хурӯс овоз кард, субҳ зоҳир шуд, рафтани ӯ мавқуф монд [ва ӯ] хуфтан рафт.

ДОСТОНИ ШАБИ БИСТУ САББУМ
ҚИССАИ БАРАҲМАН, КИ БАР ДУХТАРИ РОЙИ БОБУЛ ОШИҚ ШУДА БУД

Чун офтоб ба Мағриб рафт ва моҳ аз Машриқ баромад, Хуҷаста ба талаби рухсат бари тӯтӣ рафт ва гуфт. ки эй мурғи доно ва маслиҳатандеш ва эй дӯсти вафокеш, имрӯз агар [маслиҳат] бубинӣ, маро ҷалд рухсат деҳ, вагарна соф[1] бигӯ, то сабр кунам ва гӯшае ихтиёр намоям.

Тӯтӣ гуфт, ки ман ҳар шаб туро рухсат медиҳам, лекин намедонам, ки бахти ту чӣ гуна аст, чаро ёр намешавад? Лозим аст, ки имрӯз ҷалд биравӣ ва ба маъшуқи худ мулоқот кунӣ, лекин насиҳати ман шунав [ва] ин кор чунон

[1] Соф – дар ин ҷо ба маънои қатъӣ, рӯирост ва тамоман омадааст.

кун, ки хеҷ офат ба ту нарасад, балки фоида ёбй. Чунон ки барахман бар духтари ройи Бобул ошик гардид, хам маъшук ва хам молу асбоб ба дасти ӯ омада ва хеҷ офат бад-ӯ нарасид. Хучаста пурсид, ки хикояти ӯ чй гуна аст?

ХИКОЯТ

Тӯтй огоз кард, ки вакте барахмани хубсурату зебо ва доно аз шахру ватани худ инфикок гузида, ба шахри Бобул рафт. Рӯзе барахмани мазкур дар боге мегардид ва соир буд ва духтари ройи Бобул низ дар он боғ барои сайру тамошои гулҳо рафта буд. Ногоҳ назари барахман бар духтари мазкура афтод ва назари духтар хам бар барахман афтод. Хар ду ошик гардиданд. Чун [духтар] дар хонаи худ рафт, девона гардид ва барахман низ дар хонаи худ рафта, бемор шуд.

Алкисса, барахман пеши ҷодугаре рафта хидмати ӯ кардан гирифт. Ҷодугар паси мудлате аз бисёр ҷонфишонй ва хидмати ӯ шарманда гардид. Рӯзе аз ӯ пурсид, ки ту, агар аз ман чизе мехоҳй, хоҳам дод ва он чй даркор бошад, изҳор кун ва бигӯ.

Барахман хама ахволи худ бо ҷодугар гуфт.

Ӯ гуфт:

– Пиндошта будам, ки аз ман кони зар хоҳй хост ва одамиро ба одамй расонидан чй кадар кор аст?!

Ҷодугар филфавр мӯхраи хикмат сохт ва ба барахман доду гуфт, ки агар ин мӯхраро мард дар даҳан дорад, хар кй ӯро бубинад, пиндорад, ки зан аст ва агар зан дар даҳан бидорад, хар кй [ӯро] бубинад, пиндорад, ки мард аст.

Рӯзи дигар ҷодугар худро ба сурати барахман сохт ва барахман он мӯхраро дар даҳони худ гирифт ва мисли зан гардида, пеши ройи Бобул рафту гуфт, ки ман барахман хастам. Писаре доштам, ногоҳ девона гардиду ба сафар рафт. Ин зани ӯст. Агар инро чанд рӯз дар хонаи худ ҷо дихй, то ман барои ҷустани писари худ равам.

Ройи мазкур мултамаси барахманро кабул намуд, балки чизе харҷ дод ва он занро назди духтари худ фиристод.

Ҷодугари мазкур барахманро аз ин хикмат пеши духтари рой фиристод ва худ хам зари хуб ба даст овард. Ва духтар бар он зан, яъне барахман бисёр мехрубонй намуд

Алкисса, рӯзе барахман духтари ройро гуфт, ки рӯз ба рӯз ранги рӯи ту чаро зард мешавад ва табдил мегардад ва ту бас заиф маълум мешавй?

Духтари рой рози худ аз барахман пинҳон кардан хост. Барахман чустй ба кор бурда, ба ӯ гуфт, ки мепиндорам, ки ту бар касе ошик хастй. Бехтар аст, ки агар рози худ бо ман бигӯй ва пӯшида надорй. Албатта, чораи кори ту хоҳам намуд.

Духтар хама ахволи худ бо барахман гуфт.

Барахман гуфт, ки агар ту ин вакт он барахман бубинй, шинохтан тавонй?

Духтар гуфт:

– Бале, шинохтан тавонам.

Бараҳман дарҳол мӯҳраро аз даҳони худ берун кард ва духтар бараҳманро шиноҳт ва якдигарро бо ҳам дар канор гирифтанд.

Баъди чанд рӯз духтари рой бо бараҳман машварат кард, ки бехтар он аст, ки мову шумо аз ин ҷо берун рафта, ба мулки дигар бошем ва маскан гузинем ва ҳасби дилҳоҳ ба кори дил пардозем.

Пас ҳар ду ин машваратро писанд намуданд. Духтари рой бисёр зару чавоҳир, ки то буду зист онҳоро ба кор ояд, аз хизонаи падари худ дуздй кард ва ба вақти шаб ба рафоқати бараҳман аз хона берун рафт ва дар як шабонарӯз мулки сарҳади падари худ тай кард ва тамом намуд ва ба мулки дигар мақом муайян сохт ва ҳасби таманнои дил бе музоҳамати агёр ба матлаб расида, истиоби лаззоти шаҳвонӣ намуданд ва ба-д-ин унвон ба хушӣ ва хуррамӣ дарсохтанд.

Рой аз ин моҷаро бисёр ҳайратандӯз гардид ва ҳарчанд сурог ва тафаҳҳуси духтар намуд, наёфт, чунки онҳо аз сарҳади мулки рой берун рафта буданд.

Тӯтӣ чун ин ҳикоят тамом намуд, Хучастаро гуфт:

– Ҳоло бархез чониби маъшуқи худ бирав.

Дарҳол Хучаста хост, ки биравад, хурӯс овоз карду субҳ зоҳир шуд, рафтани ӯ мавқуф гашт.

ДОСТОНИ ШАБИ БИСТУ ЧАҲОРУМ

ПИСАРИ РОЙИ БОБУЛ ВА ОШИҚ ШУДАНИ Ӯ БАР ДУХТАРЕ

Чун офтоб ба Мағриб рафт ва моҳ аз Машриқ баромад, Хучаста ба талаби ичозат бари тӯтӣ рафт ва гуфт:

– Мехоҳам, ки ҳар гоҳ пеши махбуб биравам, аввал ақли ӯро озмоям. Агар ӯро оқил бинам, дӯстӣ бо ӯ мазбут кунам, вагарна сабр намоям. Зеро ки хирадмандон гуфтаанд, ки бар дӯстии се кас эътимод набояд кард: аввал дӯстии занон, дуввум дӯстӣ ва ихлоси тифлон, саввум рафоқати аҳмақон.

Тӯтӣ гуфт:

– Эй кадбону, ҳар чӣ мефармой, рост аст. Мебояд, ки имшаб ҳикояте бо махбуби худ бигӯй ва аз ӯ бипурсй ва суол намой. Агар чавоби писандида диҳад, ӯро оқил пиндор ва агар ношоиста, бидонй, ки аҳмак аст.

Хучаста пурсид, ки кадом ҳикоят аст, ки аз ӯ пурсида шавад?

ҲИКОЯТ

Тӯтӣ огоз кард, ки вақте писари рой Бобул дар бутхона рафт ва он ҷо духтареро дид, ки рӯи ҳамчу моҳи духафта ва зулфи чун шаби дайҷур сиёҳ дошт ва қади ӯ ҳамчу сарв ва рафтор монанди тазарв. Ногоҳ писари рой бар ӯ ошиқ гардид ва бар пои бути он бутхона сар ниҳод ва ба ачзу илҳоҳ гуфт, ки агар ин духтар бо ман шодй кунад, сари худ пеши ту чудо созам ва қурбон кунам.

Алқисса, писари рой барои он духтар пеши падари ӯ паём фиристод. Дархости ӯ падари духтар қабул кард ва ба мучиби дастуру оини ҳамқавмони худ духтарро бо писари рой никоҳ карда дод. Алқисса, ошиқ ба маъшуқ пайваст. Баъди чанд рӯз падари духтар домодро ба хонаи худ талабид.

Писари рой маа зани худ тарафи хонаи хусури худ равона шуд ва барахмане, ки мусоҳиби писари рой буд, ӯ ҳам ба ҳамроҳи онҳо шуд.

Чун писари рой назди он бутхона, ки он духтарро дида буд, расид ва он корридор, ки аз бутони он бутхона кард буд, ба ёлаш омад, ба чиҳати ифои ваъда дарунн бутхонаи мазкур танҳо рафт ва сари худро тарошида[1] дар пои бут ниҳод. Ва ба акиби он чун дар бутхонаи мазкур барахман низ рафт, писари ройро кушта дид, тарсид. Чун донист, ки агар ман зинда хоҳам монд, мардумон хоҳанд пиндошт, ки ман ӯро кушта бошам. Инчунин андеша дар дили худ бисёр намуд ва гуфт:

– Бехтар он аст, ки сари худро ҳам тарошида, дар пои бут ниҳам.

Пас барахман низ сари худ пеши бут тарошида, дар пои он афтод.

Баъди як лаҳза он зан низ дарунн бутхона рафт ва ҳар ду касро кушта дида, мутаажҷиб шуд, ки ин чӣ ҳодиса воқеъ шудааст? Зан ҳам хост, ки сари худро аз тан ҷудо кунад ва бисӯзад. Дар он асно овозе аз бутхона баромад, ки эй зан, сари куштагон бар тани эшон бинеҳ, зинда хоҳанд шуд. Зан аз ин овоз хушнуд шуда, ҷалд сари шӯй бар тани барахман ва сари барахман бар тани шӯй ниҳод. Дарҳол ҳар ду зинда гардиданд ва пеши зан истода шуданд. Бо тани писари рой ва сари писари рой қазия оғоз шуд. Сар гуфтан гирифт, ки ин зани ман аст, тан мегуфт, ки ин қабилаи[2] ман аст.

Тӯтӣ чун ин қадари ҳикоят тақрир кард, бо Хучаста гуфт, ки агар ақли ӯро озмудан мехоҳӣ, аз ӯ бипурс, ки мустаҳақи он зан кист: сари шӯй ё тани шӯй?

Хучаста гуфт:

– Эй тӯтӣ, аввал маро бигӯ, ки мустаҳақи он зан кист?

Тӯтӣ гуфт:

– Мустаҳақи он зан сари шӯй ӯст. Зеро ки бар чои ақл аст ва сардори ҳамаи бадан аст. Хучаста чун қисса тамом шунид, ба азми рафтан пеши маҳбуб барҳост. Дарҳол хурӯс овоз кард ва субҳ зоҳир шуд, рафтани Хучаста мавқуф гардид, [вай] бар бистар хуфт.

ДОСТОНИ ШАБИ БИСТУ ПАНҶУМ

ЗАНЕ, КИ ЧИҲАТИ ХАРИДАНИ ШАКАР РАФТА БО БАҚҚОЛ ҲАМБИСТАР ШУД

Чун офтоб гуруб гардид ва моҳ тулӯъ кард, Хучаста пеши тӯтӣ рафт ва гуфт:

– Метарсам ва дар дили худ бисёр шармандаам, ки чун ба маъшуқ ҳоҳам пайваст, ӯ аз сабаби дер рафтан бар ман гусса хоҳад кард. Намедонам, ки он вақт чӣ узр бикунам.

Тӯтӣ гуфт:

– Эй кадбону, ҳеч фикру андеша макун. Зеро ки занон бисёр узр кардан метавонанд ва ниҳоят ҳозирҷавоб мешаванд. Узрҳои занон бисёр шунидаам ва писанд кардаам. Агар андаке таваққуф куни, ҳикояте мухтасар, ки зане бо

[1] Тарошида – дар ин ҷо ба маънои бурида кор фармуда шудааст.

[2] Қабила – зан, занҷа.

шавҳари худ чӣ узри некӯ намуда, айёрӣ ба кор бурда буд, бо ту бигӯям. Хучаста пурсид, ки он ҳикоят чӣ гуна аст?

ҲИКОЯТ

Тӯтӣ гуфт, ки вақте марде ба зани худ чанд фулус дод. Занаш барои харидани шакар ба бозор рафт ва дар дукони баққоле омад. Баққол чун занро дид, бар ӯ моил шуд. Зан як осор шакар харид ва дар гӯшаи чодари худ баст. Баққол ба ӯ суханони мутояба гуфтан гирифт. Зан розӣ шуд. Алқисса, баққол ӯро даруни хонаи худ бурд ва ӯ чодари худро бар дукони баққол гузошта. Ноиби баққол шакар аз чодари зан гирифт ва ҳамон кадар рег дар гӯшаи чодари ӯ баст. Зан чун аз андарун баромад, чодар бардошта, ба хонаи худ равона шуд. Чун назди шӯй расид, шӯй чодар кушода дид, ки рег аст, бо зан гуфт, ки ин чӣ ханда аст, ки бо ман мекунӣ?! Барои шакар фиристода будам, рег барои ман овардай!

Зан бе тааммул гуфт, ки ҳар гоҳ аз хона берун рафтам, гове паси ман давид. Аз он сабаб гурехтам ва бар замин афтодам. Фулус аз дасти ман афтод. Дар он ҷо ҷустан маро аз мардумон шарм омад. Аз ин бойс рег он замин бардошта овардам. Фулус дар ин рег хоҳад буд.

Мард сару рӯи ӯ бӯсид ва гуфт:

– Агар фулус гум шуда, ҳеҷ музояқа нест, чаро рег баста овардӣ?

Алқисса, зан чунон бе тааммул шӯйро ҷавоб дод, ки шавҳараш бар ӯ ғусса нашуд, балки раҳм намуд.

Чун тӯтӣ ин ҳикоят тамом кард, Хучастаро гуфт, ки ҳоло пеши махбуби худ бирав. Мабодо агар бар ту ғусса шавад, албатта, он вақт туро ҷавоби хуб ёд хоҳад омад.

Хучастаро аз суханони тӯтӣ тасалло шуд. Чун попӯш дар по карда хост, ки бархезад, ҳамон дам хурӯс овоз карду субҳ зоҳир шуд, рафтани ӯ мавқуф гашт.

ДОСТОНИ ШАБИ БИСТУ ШАШУМ
ДУХТАРИ ТОҶИР ВА ҚАБУЛ НАКАРДАНИ ПОДШОҲ ӮРО

Чун офтоб гуруб шуд ва мох тулӯъ кард, Хучаста шармандасурат бари тӯтӣ рафт ва гуфт:

– Эй махрами рози ман, хирадмандон гуфтаанд, ки зани бешарм аз ҳамаи занон бадтар аст. Ҳоло махоҳам, ки назди марди бегона наравам ва дар хонаи худ бинишинаму сабр кунам.

Тӯтӣ гуфт:

– Эй кадбону, ҳар чӣ мефармой, рост аст. Лекин метарсам, ки агар сабр кунӣ, ҳоли ту чун он подшоҳ завол хоҳад гардид. Хучаста пурсид, ки ҳикояти ӯ чӣ гуна аст?

ҲИКОЯТ

Тӯтӣ оғоз кард, ки дар шаҳре бозаргоне бисёр молу ашё ва аспу фил пеши худ медошт. Ӯро духтаре буд ниҳоят хубрӯй. Овозаи ҳусни ӯ дар мулкҳо ва шаҳрҳо рафта. Ҳарчанд бозаргонон ва точирони он мулк бо духтари точир шодӣ кардан хостанд, лекин бозаргон қабул накард. Вақте ки духтари мазку-

ра лоиқи шодӣ кардан шуд, рӯзе бозаргон хате ба подшоҳи он мулк навишта фиристод ба-д-ин мазмун, ки: « Ман духтаре дорам ҳамчун моҳ сурат дорад ва рафтор ҳамчу тазарви кӯҳсор ва гуфтор чун булбули ҳазордостон. Ҷонварони паранда ба заваки шунидани суханҳои ӯ аз ҳаво медароянд ва масту бехуш мешаванд. Умед, ки агар подшоҳ қабул фармоянд, лоиқи ҳазрат аст ва қадри ман зиёда гардад.»

Подшоҳ чун хати ӯ хонд, бисёр хурраму хурсанд гардид ва бо худ гуфт, ки ҳар кӣ бахти некӯ медорад, ҳар чиз аз худ пеши ӯ мерасад. Подшоҳ ҳазор вазир дошт, ҳар ҳазорро фармуд, ки ба хонаи бозаргон бираведа ва духтари ӯро бубинед. Агар лоиқи ман бошад, дарҳол биёред.

Вазирон дар хонаи бозаргон рафтанд ва чун рӯи духтари ӯро диданд, беҳуш гардиданд ва бо якдигар машварат карданд ва гуфтанд, ки агар подшоҳ чунин зани хубсуратро ҳоҳад дид, девона ҳоҳад гардид ва шабу рӯз назди ӯ ҳоҳад монд, ба кори мулк таваҷҷуҳ нахоҳад кард ва ҳама умурот табоҳ ҳоҳад шуд.

Пас ҳар ҳазор вазир пеши подшоҳ рафтанд ва арз карданд, ки он духтар ҳусни ҳуб надорад. Ҳамчу ӯ дар хонаи воло бисёр ҳастанд.

Подшоҳ гуфт:

– Агар чунин аст, чунон ки шумо мегӯед, пас ӯро намехоҳам

Алқисса, подшоҳ духтари тоҷирро ба зании худ нахост. Тоҷир маъюс шуд, духтарро бо кутволи он шаҳр шодӣ карда дод.

Рӯзе он духтар бо худ гуфт, ки ман чунин хубрӯ ҳастам, ачаб аст, ки подшоҳ маро қабул накард, рӯзе худро ба подшоҳ хоҳам намуд. Алқисса, як рӯз подшоҳ тарафи хонаи кутвол мерафт. Он зан бар болохона истода шуд ва худро ба подшоҳ намуд. Подшоҳ чун ӯро дид ошиқ шуд, вазиронро талаб карда гуфт:

– Чаре фалон суҳан бо ман дурӯғ гуфтед?

Онҳо арз карданд, ки миёни худҳо машварат кардем, ки агар подшоҳ ин занро хоҳад дид, аз кори мулк ғофил хоҳад шуд.

Подшоҳ узри вазиронро писандид ва аз ишқи он зан бемор шуд.

Аркони давлат подшоҳро маслиҳат доданд, ки он занро аз кутвол бихоҳед, агар ба хушӣ надиҳад, ба зӯрӣ бигиред.

Подшоҳ гуфт, ки ман подшоҳи ин мулк ҳастам, зинҳор инчунин нахоҳам кард. Зеро ки ин кор аз инсоф дур аст. Подшоҳонро набояд ки инчунин зулм бар раоё ва навкарон бикунанд.

Алқисса, подшоҳ баъди чанд рӯз дар гами он зан бемору ҳакир гардид ва аз он ғам чон дод ва мурд.

Тӯтӣ чун ин ҳикоят тамом кард, Хучастаро гуфт:

– Туро маслиҳат нест, ки сабр кунӣ, бархезу бо маъшуқи худ мулоқот кун, вагарна ҳоли туро чун шоҳ завол хоҳад шуд. Хучаста хост, ки биравад, дар-ҳол хурӯс овоз карду субҳ зоҳир шуд, рафтани ӯ мавқуф гардид [ва ӯ] хуфтан рафт.

ДОСТОНИ ШАБИ БИСТУ ҲАФТУМ

ЯК КУЛОЛ ВА НАВКАР ШУДАНИ Ӯ ПЕШИ ПОДШОҲЕ ВА НАМУДАНИ ШОҲ СОЛОРИ ФАВҶ ЎРО.

Чун хуршед ба самти Мағриб рафт, Хучаста бо чашми гирёну дили бирён бари тӯтӣ рафт ва гуфт, ки аъробие пеши тавонгаре рафту гуфт, ки ман ба Макка хоҳам рафт.

Тавонгар фармуд, ки бирав!

Ӯ гуфт, ки зод надорам.

Тавонгар гуфт, ки ту агар зод надорӣ, ба Макка рафтан раво нест. Зеро ки худо муфлисро ба Макка рафтан нафармудааст.

Аъробӣ гуфт, ки ман пеши шумо барои хостани чизе зар омадаам, на барои пурсидани фатво.

– Эй тӯтӣ, ман ҳар шаб пеши ту меоям ва ту калимоту ҳикоёт бо ман тақрир мекунӣ. Сирф ба талаби рухсат меоям, на барои шунидани насиҳату ҳикоят.

Тӯтӣ гуфт, ки аз сухани насиҳати ман дилтанг машав, зеро ки дар ҳар ду ҷаҳон суханони насиҳати носехон ба кор меояд.

Хучаста гуфт, ки эй тӯтӣ, ҳар насиҳат, ки маро мегӯӣ, мешунавам. Имшаб, ки торик аст, аз танҳо рафтан метарсам. Мехоҳам, ки гуломи худро ҳамроҳи худ бибарам.

Тӯтӣ гуфт, ки ғулом камина аст, лоиқи ҳамроҳ бурдан нест. Зеро ки хирадмандон гуфтаанд, ки бар қавми камина эътимод набояд кард. Ҳикояти он кулол нашунидай? Хучаста пурсид, ки он ҳикоят чӣ гуна аст?

ҲИКОЯТ

Тӯтӣ гуфт, ки рӯзе кулоле майи бисёр нӯшида ва маст шуда, бар кӯза ва каробаҳои сафолинаи май дарафтод ва рӯю андоми ӯ мачрӯҳ гардида. Баъд аз муддате он захмҳо рӯ ба бехӣ овард, лекин захмҳое, ки бар бадан шуда буд, нишонаҳои ӯ чунон мафҳуму маълум мешуд, ки захми шамшер аст ё тир. Иттифоқан қаҳтӣ дар шаҳри кулол афтод. Аз он сабаб кулол ба сафар рафту навкарӣ хост ва ба шаҳри дигар расид. Чун подшоҳи он мулк ба-д-он қисм захмҳо бар бадачи кулол бидид, пиндошт, ки ин мард бисёр шучоъ аст, аз ин боис чунин захмҳо бар худ гирифтааст.

Пас подшоҳ ӯро навкар дошт ва мартабаи ӯ зиёда фармуд. Баъд аз чанд рӯз подшоҳро муҳиме пеш омад. Подшоҳ он кулолро сардори фавҷи худ сохт ва хост, ки ӯро барои ҷанги душман бифиристад. Кулол тарсид ва бемор гардид ва ба подшоҳ арз кард, ки ман кулол ҳастам, аз ман анҷоми кори ҷанг нахоҳад шуд.

Подшоҳ бисёр хандид ва дар дили худ шарманда шуд ва дар он муҳим дигареро фиристод.

Тӯтӣ чун ин ҳикоят тамом кард, Хучастаро гуфт, ки гуломро ҳамроҳ мабар, балки танҳо бирав. Зеро ки аз каминақавм хеҷ кор хуб нашояд.

Хучаста хост, ки танҳо биравад, дархол хурӯс овоз карду субҳ зоҳир шуд, рафтани ӯ мавқуф гардид.

ДОСТОНИ ШАБИ БИСТУ ҲАШТУМ

ШЕРУ БАЧАГОНИ Ӯ ВА ПАРВАРИШ КАРДАНИ Ӯ БАЧАИ ШАҒОЛРО

Чун хуршед самти магриб рафт, Хучаста либоси мардона пӯшида, ба талаби ичозат бари тӯтӣ рафт.

Тӯтӣ чун Хучастаро ба либоси мардона дид, бисёр хандид ва бо ӯ гуфтан гирифт, ки имшаб тория аст, хуб кардай, ки либоси мардона пӯшидай ва танҳо омадай ва гуломро ҳамроҳ наовардай. Имрӯз як тӯтии дӯсти қадими ман мепарид ва чун маро дар қафас дид, назди ман омад. Ҳикояте аз ӯ шунидам ҳамчун он ҳикояте, ки дишаб бо ту такрир кардам.

Хучаста пурсид:

– Чӣ гуна аст?

ҲИКОЯТ

Тӯтӣ гуфтан гирифт, ки вакте дар биёбоне шере бо мода ва ду бачаи худ мемонд. Рӯзе шер дар атрофи водӣ ва чангал барои шикор мегардид. Ҳарчанд талош намуду меҳнати бисёр кашид, ҳеч шикор наёфт. Чун тарафи хонаи худ мурочиат намуд, бачаи шаголи чанд [рӯза] дар роҳ афтода дид, онро бардошт ва пеши модари худ оварду гуфт:

– Имрӯз ҳамин шикор ёфтаам. Дили ман инро хӯрдан намехоҳад ва ман якду рӯз гурусна метавонам монд, лекин ту наметавонӣ, ҳоло инро тановул кун.

Мода гуфт:

– Ту нар ҳастӣ ва сахтдилу берахм, ӯро намехӯрӣ, ман, ки модараму ду бача медорам ва нармдил ҳастам, инро чӣ гуна хӯрам?! Лекин агар фармой, ин ятимро парвариш кунам ва ин бемодарро ҳамчу модарон бидорам.

Шер гуфт:

– Накӯст.

Баъди як-ду моҳ бачагони шеру бачаи шагол ҳар се андак бузургу калон шуданд. Шербачагон бачаи шаголро бародари бузурги худ мепиндоштанд ва ҳамчу бародарон бо ҳам бозӣ мекарданд.

Рӯзе ҳар се бачагон ба шикор рафтанд ва пилеро дидачд. Бачагони шер тарафи пил давиданд ва бачаи шагол аз он чо гурехту зери дарахте пинҳон шуд. Шербачагон чун бародари бузургро гурезон диданд, онхо хам гурехтанд. Баъди як соат ҳама бачагон ба хона омаданд, аҳволи худхо бо модар гуфтанд.

Модар гуфт, ки ӯ бачаи шагол аст, баҳодур чӣ гуна шавад ва кори чанг чӣ донад?

Тӯтӣ чун ин ҳикоят тамом кард, Хучастаро гуфт:

– Ҳоло бархез пеши маҳбуби худ бирав.

Хучаста хост, ки биравад, дарҳол хурӯс овоз карду субх зоҳир шуд, рафтани ӯ мавкуф гардид.

ДОСТОНИ ШАБИ БИСТУ НЎҲУМ

ЯК АМИР ВА ПИНҲОН ДОШТАНИ Ў МОРРО ДАР ОСТИНИ ХУД

Чун хуршед самти Магриб рафт ва моҳ аз уфуқи Машриқ баромад, Хучаста чашм пур аз ашк бари тўтӣ рафт ва гуфт, ки аз оташи ишқ дили ман кабоб шудааст. Имшаб ба ҳар сурат, ки бошад, назди маҳбуб хоҳам рафт.

Тўтӣ чун Хучастаро дид, ки имшаб барои рафтан бисёр изтироб дорад, тарсид ва бо худ андешиду гуфт, ки эй кадбону, ман аз худо мехоҳам, ки ту зуд ба маъшуқи худ бирасӣ ва ҳар шаб туро рухсат медиҳам, лекин ту ҳуд таваққуф мекунӣ ва рафтан наметавонӣ. Намедонам, ки бахти ту чӣ гуна аст? Ҳоло бархезу ҷонибиаъшуқи худ бирав. Лекин бояд ки бар душман эътимод макунӣ вагарна ҳамон хоҳӣ дид, ки амире аз мор дид. Хучаста пурсид, ки он ҳикоят чӣ гуна аст?

ҲИКОЯТ

Тўтӣ огоз кард, ки рўзе амире ба шикор рафт. Ногоҳ море тарсон пеши ў расид ва гуфт:

– Эй амир, маро ҷой бидеҳ, ки пинҳон шавам.

Амир гуфт:

– Чаро тарсон ҳастӣ?

Мор гуфт, ки душман барои куштани ман чўбе гирифта, дунболи ман меояд. Амир бар мор раҳм намуд ва дар остини худ ўро ҷой дод. Мор дар остини амир пинҳон шуд. Баъди як лаҳза марде бо чўб он ҷо расид, гуфт, ки мори сиёҳ аз пеши ман гурехта омадааст, ин ҷо касе ўро дидааст?

Амир гуфт:

– Не.

Он мард бар чап ва рост назар кард, морро надид, роҳи худ пеш гирифт.

Амир гуфт:

– Эй мор, душмани ту рафт, акнун ту низ роҳи худ пеш гир.

Мор гуфт, ки туро хоҳам газид ва хоҳам кушт. Баъд аз он хоҳам рафт. Намедонӣ, ки ман душмани туам. Ту сахт аҳмақ ҳастӣ, ки бар ман эътимод кардӣ ва раҳм намудӣ, маро ба остини худ ҷой додӣ.

Амир гуфт:

– Эй мор, бо ту некӣ кардаам, чаро бо ман бадӣ кардан мехоҳӣ?

Мор гуфт:

– Хирадмандон гуфтаанд, ки бо ҳар кас некӣ кардан хуб нест.

Амир дар дили худ тарсид ва пушаймон гардид ва дар дили худ андешид, ки алҳол чӣ гуна аз дасти ў ҷон бадар барам ва инро аз остин берун кунам? Чустӣ ба кор бурд ва морро гуфт:

– Эй мор, море дигар меояд. Ману ту ин сухан пеши ин мор изҳор кунем. Агар ин сухани ту писанд кунад, пас ҳар чӣ хоҳӣ, бо ман бикун.

Мор чун рўи худ гардонид ва ба тарафи мори дигар дид, филҳол амир фурсат ёфта, санге ба сараш зад ва онро кушт.

Хучастэ чун ин ҳикоят тамом шунид, тӯтиро гуфт, ки пасиҳати ту кабул кардам ва ҳикояти ту шунидам. Ҳоло як сухани ман бишунав:

– Ту маро ба хушии худ рухсат кун!

Тӯтӣ гуфт:

– Барҳезу таваккуф макун ва ба маъшуки худ бирас, ки хушии ман ҳамин аст.

Хучаста барҳост ва равона шуд, ки дарҳол хурӯс овоз кард. Хучаста хурӯсро дашном:ӯён боз назди тӯтӣ омаду гуфт:

– Ҳоло субҳ зоҳир шуд ва вакти рафтан нест.

Алкисса, он шаб ҳам рафтани Хучаста мавкуф гардид.

ДОСТОНИ ШАБИ СИЮМ

ЯК СИПОҲӢ ВА ЗАРГАР ВА КУШТА ШУДАНИ ЗАРГАР ЧИҲАТИ МОЛУ АМВОЛИ КАСИР.

Чун хуршед ба самти Магриб рафт ва шом гардиду ситора баромад, Хучаста кадре мева бихӯрду мӯйро шона кард ва сурма дар чашм кашида, пӯшоки хуб пӯшида, аз зару зевар гӯшу гардан ороста, ба талаби ичозат пеши тӯтӣ рафту гуфт:

– Эй махрами роз, ишорат кун, то биравам.

Тӯтӣ гуфт, ки як насиҳати ман ёд дор, ки бо касе рози худ магӯй, вагарна рози ту фош хоҳад шуд, чунон ки рози заргаре фош шуд.

– Хучаста пурсид, ки ҳикояти ӯ чӣ гунааст?

ҲИКОЯТ

Тӯтӣ огоз кард, ки дар шаҳре заргаре буд молдор. Як сипоҳӣ ӯро дӯсти худ мепиндошт ва ба дӯстии ӯ эътимод дошт. Рӯзе сипоҳии мазкур дар роҳ кисаи пур аз зар ёфт, ӯро кушоду шумурд, дусаду панҷоҳ ашрафӣ буд. Сипоҳӣ маа ашрафӣ пеши заргар шодон рафт ва гуфт:

– Бахти некӯ дорам, ки бе меҳнат ин кадар зар дар роҳ ёфтам.

Пас он ҳама зар ба заргар супурд. Баъди чанд рӯз сипоҳӣ зари худро хост. Заргар гуфт:

– Дурӯғ мегӯй! Маро кай ҳавола кардй? Туро дӯсти худ донистам ва намедонистам, ки инчунин душман ҳастӣ! Мехоҳӣ, ки ба дурӯғ зар аз ман бигирӣ?!

Сипоҳӣ лочор шуда, назди коӣ рафт ва аҳволи худ зоҳир кард.

Коӣ пурсид, ки касе гувоҳ дорӣ?

Гуфт:

– Не.

Коӣ бо дили худ гуфт, ки ҳамчи заргарон бисёр бенамоӯ дузд мешаванд, хеч ачаб нест, ки ӯ дуздида бошад.

Алкисса, коӣ заргару зани заргарро талабид ва харчанд пурсид, онҳо инкор накарданд. Коӣ ӯро гуфт, ки ман хуб медонам, ки зари ӯ гирифтӣ. Агар намедиҳӣ, туро ба чаханнам хоҳам фиристод!

Пас коӣ даруни хона рафт ва дар сандуке ду шахс нишонд ва он сандук-

ро дар як ҳуҷра ниҳод. Баъд аз он берун омаду боз заргарро гуфт, ки агар зари ӯ додан қабул намекунӣ, фардо туро хоҳам кушт. Пас ӯро бо зани ӯ дар он ҳуҷра банд фармуд. Зан ба вақти нимишаб заргарро гуфт, ки ту, агар зари ӯ гирифтай, маро бигӯ, ки кучо ниходай?

Заргар гуфт:

– Дар фалон ҷой зери замин ниҳодаам.

Алқисса, чун шаб гузашту офтоб баромад, ҳозӣ заргар ва зани ӯро талабиду рӯ ба рӯи ӯ аз он ду шахс, ки дар сандуқ буданд, пурсид, ки заргар бо зани худ ба шаб чӣ гуфт?

Онҳо ҳар чӣ шунида буданд, бо ҳозӣ гуфтанд.

Ҳозӣ мардумони худро ба хонаи заргар фиристод ва он ҷое, ки кисаи зар ниҳода буд, нишон дод. Чун заминро канданд, кисаи зар ёфтанд ва пеши ҳозӣ бурданд. Ҳозӣ он кисаи зарро ба сипоҳӣ дод ва заргарро бар дор кашид.

Тӯтӣ чун ин ҳикоят тамом кард, Ҳуҷастаро гуфт, ки агар заргар бо зани худ роз нагуфтӣ, рози ӯ фош намешудӣ. Ҳоло бархезу пеши маъшуқ бирав. Ҳуҷаста хост, ки биравад, дарҳол хурӯс овоз карду субҳ намудор шуд ва рафтани ӯ мавкуф монд.

ДОСТОНИ ШАБИ СИВУ ЯКУМ

ЯК ТОҶИР ВА ЗАДАНИ ҲАҶҶОМ БАРАҲМАНОНРО

Чун хуршед самти магриб рафт ва мох тулӯъ карду ситорагон баромаданд, Ҳуҷаста порчаи зарбафт пӯшид ва гӯшу гардан ва зару зевар биёрост ва ба талаби иҷозат бари тӯтӣ рафт ва гуфт:

– Мехоҳам, ки вақти нимшаб пеши махбуб равам. Ин вақт ҳикояти мухтасар бигӯ.

ҲИКОЯТ

Тӯтӣ гуфт, ки дар шаҳре бозаргоне буд молдор, фарзанде надошт.

Рӯзе бо худ гуфт, ки ман дар чаҳон моли бисёр ҷамъ кардаам, аммо фарзанде надорам, ки баъди мурдани ман [ин] давлат бигирад. Маслиҳат он аст, ки ҳамаи моли худ ба дарвешону муфлисон ва ятимон диҳам.

Алқисса, ҳамаи мол хайрот кард. Ҳамон шаб шахсеро ба хоб дида, пурсид:

– Кистӣ?

Ӯ гуфт:

– Ман сурати асли бахти туам. Чун имрӯз ҳама моли худ ба дарвешон додӣ ва ҳеҷ барои худ надоштӣ, ман фардо ба сурати бараҳман пеши ту хоҳам рафт. Он вақт чанд бор чӯб бар сари ман хоҳӣ зад, бар замин хоҳам афтод ва зар хоҳам шуд. Ҳар узве, ки бихоҳӣ, тарошӣ, дарҳол узве дигар си чо дуруст хоҳад шуд.

Рӯзи дигар ҳаҷҷоме дарвеш бозаргон [ро] ҳаҷомат мекард, он вақт бараҳман расид. Бозаргон бархост ва чанд бор чӯб бар сари бараҳман зад. Ӯ бар замин афтоду зар гардид. Бозаргон ҳаҷҷомро чанд рупия дод ва гуфт:

– Ин бо касе магӯ.

Ҳаҷҷом пиндошт, ки ҳар кӣ бараҳманро чӯб мезанад, бараҳман зар мегардад. Ҳаҷҷом дар хонаи худ рафт ва чанд бараҳманро ба хонаи худ талаби-

ду зиёфат кард. Баъд аз он чўбе гарон баргирифт ва барахмононро чунон зад, ки сарҳои онҳо шикаст ва хун равон шуд. Барахманон шўру фарёд огоз карданд. Мардумон бисёр чамъ шуданд ва хаччомро пеши хоким бурданд.

Хоким ўро пурсид, ки чаро барахманонро задй?

Гуфт, ки ман дар хонаи фалон бозаргон рафта будам. Барахмане пеши ў омад. Бозаргон чанд чўб бар сари ў зад, барахман зар гардид. Пиндошта будам, ки агар касе барахманро чўб бизанад, барахман зар мешавад. Аз ин тамаъ ман низ барахманонро задам, касе зар нагардид, балки фитна вокеъ шуд.

Хоким он бозаргонро талабид ва гуфт:

– Ин хаччом чй мегўяд?

Бозаргон гуфт:

– Ин навкари ман буд, аз чанд рўз девона гардид.

Хоким сухани бозаргонро бовар кард ва хаччомро ронд.

Тўтй чун ин киссаро тамом кард, Хучастаро гуфт:

–Холо баркезу бирав!

Хучаста барҳост ва азми рафтан намуд, дархол хурўс овоз кард ва субҳ зоҳир шуд, рафтани ў мавкуф гардид.

ДОСТОНИ ШАБИ СИВУ ДУВВУМ
ЯК ГУК ВА ЗАНБЎРУ МУРҒ, КИ ПИЛРО КУШТА БУДАНД

Чун офтоб дар Магриб рафт ва моҳтоб зоҳир шуд, Хучаста бари тўтй рафту рухсат хост. Тўтй гуфт:

– Эй кадбону, шод бошу хеч фикр макун, дар кори ту, албатта, саъй хоҳам кард ва туро ба маҳбуби ту хоҳам расонд.

Хучастэ гуфт, ки эй сабиптўш, харчанд ману ту якдил шуда, кўшишу чахд мекунем, лекин хеч кор барнамеояд, надонам, ки бахти ман чаро инчунин нахс шуда.

Тўтй гуфт, ки эй хотуни ман, намедонй, ки вакте гуке ва занбўре ва мурғе якдил шуда буданд ва пилеро, ки муҳибтарини чонварон аст, аз по даровардаид, чй гуна ва чун аст, ки аз ману ту коре барнамеояд?

Хучаста пурсид, ки он ҳикоят чй гуна аст? Зуд бигў!

Ҳикоят

Тўтй гуфтан огоз кард, ки дар шаҳре дарахте буд чун чатр мудаввар ва дар он дарахт саъваи заиф байза ниҳода буд.

Рўже пиле дар он чо расид ва тани худро бо танаи дарахт хоридан гирифт ва аз осеби зўри он байза аз дарахт бияфтод. Саъваи бечора аз гояти изтироб мепарид ва худро бал-он шоҳ мезад ва мегирист, лекин пашша бо пил чй кунад? Саъва бо худ гуфт, ки душмани қавиро ба макру хила дафъ бояд кард.

Саъваро дўсте буд, ки ўро мурғи даровинўк гуфтандй, бари ў рафту киссаи худ боз намуд ва гуфт, ки пиле бар ман тааддй кардааст, хилае бикуну тадбире бисоз ва интиқоми ман аз ў бихоҳ, ки дўстон ба мусибат ба кор оянд.

Мурғ гуфт:

– Муҳими пил саҳт корест, аз танҳо рост наёяд. Маро дўстест занбўр, бигоят доно, бо ў машварат бикунам.

Пас онҳо пеши занбӯр рафтанд ва аҳвол зоҳир намуданд.

Занбӯр чун ин қисса шунид, тарсиду гуфт, ки муддатест, ки дар кори дӯстон камар бастаам. Аммо маро дӯстест, сардори лашкари гук, ин қисса ба ӯ боз бояд кард.

Пас саъва ва занбӯр ва мурғи дарознӯк ҳар се бари гук рафтанд ва аҳвол боз намуданд ва аз ӯ мадад хостанд.

Гук бар шикастани байза бисёр таассуф карда гуфт, ки хотир ҷамъ доред, ба ҳила кӯҳро паст тавон сохт. Пас гук гуфт, ки барои дафъи пил ҳилае дар хотир мегузарад. Он ин аст, ки занбӯр наздики гӯши пил равад ва ӯро аз овози нарми худ маст кунад. Чун пил маст шавад, мурғи дарознӯк ба нӯки минкори худ ҳар ду чашми ӯ барканад ва ҷаҳони равшан бар ӯ торик созад. Чун ҷанд рӯз бигузарад ва ташнагӣ бар ӯ ғолиб шавад, ман биёяму пеши ӯ овоз кунам. Ӯ овози ман бишиносад ва дар дили худ гӯяд, ки гук дар ҷое бувад, ки он ҷо об бошад, дунболи ман равон шавад. Ман ӯро ба ҷое афганам, ки ӯ аз он ҷо бархостан натаъонад ва овози ӯ касе нашунавад ва ҷанд рӯз фоқа кашида, худ аз худ ҳалок шавад.

Пас онҳо ҳамчунон карданд, пилро ба ҳилаву фиреб ҳалок сохтанд.

Чун тӯтӣ ин ҳикоят то ин ҷо расонд, Хучастаро гуфт, ки ду-се ҷонвари заиф камари ҳиммат бастанд ва ончунон пилро ҳалок намуданд. Мо ду кас ҳиммат мебандем, чи аст, ки гараз ҳосил нашавад? Ва ҳоло зуд бархезу ҷониби маъшуқ бирав!

Хучаста хост, ки биравад, ҳамон дам хурӯс овоз карду субҳ зоҳир шуд ва рафтани ӯ мавқуф монд. Хучаста дар бистар хоб рафт.

ДОСТОНИ ШАБИ СИВУ САВВУМ
ФАҒФУРИ ЧИН ВА ОШИҚ ШУДАНИ Ӯ
БА ХОБ БАР МАЛИКАИ РУМ

Чун офтоб гуруб шуду мох тулӯъ намуд, Хучаста мутафаккир бари тӯтӣ рафт ва гуфт:

– Эй рафиқ, шунидаам, ки яке аз бузурге пурсид, ки ишқ чист?

Гуфт:

« – Ишқ маргест дар зист».

Акнун ин ишқ кори ман ба ҷое расонда, ки оянда тарки ишқ мехоҳам, ки бигирам ва номи ишқ набарам.

Тӯтӣ гуфт:

– Эй Хучастэ, аз гуфтан ва кардан бисёр тафовут аст. Ишқро бо сабр чӣ нисбат ва ошиқ бе маъшуқ чӣ гуна зияд? Агар зан бе мард мондӣ, малика бе шӯй будӣ. Ҳарчанд ки солҳо аз мард эҳтироз карда буд, охир шӯй кард.

Хучаста пурсид: – Ҳикояти ӯ чӣ гуна аст?

ҲИКОЯТ

Тӯтӣ гуфт:

– Чунин гӯянд, ки вақте фағфури Чинро вазире буд доно. Рӯзе фағфури Чин дар хоб буд. Он вақт вазир барои маслиҳати мулкӣ биёмад ва фағфурро

бедор кард. Фағфур чун бедор шуд, тез баркашид ва дунболи вазир кард. Вазир аз пеши ӯ гурехт ва худро дар хонаи дигар афканд. Фағфур даст бизаду чома бидарид ва гавго кард. Аркони давлат гуфтанд, ки туро чӣ шудааст?

Гуфт, ки маро ин лаҳза дар хоб чое намуд, дар он чо занеро дидам, ки гохе чунин зани хубсурат надида будам. Гохе ӯ бар дасти ман бӯса медод ва гохе ман сари худ дар пои ӯ мениҳодам. Дар ин асно вазир маро аз хоб бедор кард.

Алқисса, фағфур ҳама вақт он суратро ёд мекард. Ӯро вазире дигар накқошпеша буд. Фағфур чунончи сурати он зан тақрир кард, вазир тасвири он кашид ва дар рох савмаа сохт ва ҳама рӯз дар он чо будӣ ва ҳар кӣ аз роҳи дур расидӣ, он тасвир бад-ӯ намудӣ ва гуфтӣ, ки шумо мисли ин тасвир зане дидаед ё шунидаед? Аммо ҳеч кас [чизе] намегуфт. Баъди муддате сайёҳе дар он савмаа даромад. Вазир он тасвир ба-д-ӯ намуд ва аз ӯ нишони ӯ пурсид. Сайёҳ гуфт:

– Ман ин суратро хуб медонам. Ин сурати маликаи Рум аст.

Баъдаҳу таърифи ӯ бисёр кард ва гуфт, ки бо ин ҳама ҳуси номи шавҳар намегирад.

Вазир гуфт:

– Ҳеч медонӣ, ки ӯ чаро шавҳар намехоҳад?

Гуфт:

– Медонам ва ӯ он аст, ки вақте малика бар манзаре нишаста буд. Ҳам дар он манзар боғе дошт. Дар он боғ болои дарахте товус байза нихода буд. Ногоҳ дар он боғ оташ афтод, ҳама дарахт сӯхтан гирифт. Чун оташ наздики он дарахт расид, нари товус тоби оташ наёварда, бешафқатовар аз ошёна берун шуд. Мода аз муҳаббати байза наздики байза монд ва сӯхт. Малика чун он бедардии нар дид, гуфт, ки мардон бисёр бевафоанд. Ман бо худ аҳд кардам, ки номи мард ҳаргиз нагирам. Чунончи солҳо шуда, ки номи мард намегирад.

Вазир чун ин сухан бишунид, наздики фағфур рафт ва гуфт:

– Аз он рӯз, ки подшоҳ суратро хоб дид, тасвири он бар тоғаз накш карда, дар роҳ ниҳаста будам. Ҳар кӣ аз дур мерасид, аз ӯ нишони он сурат мепурсидам. Имрӯз сайёҳе расид ва тасвири он сурат бад-ӯ намудам. Ӯ гуфт, ки ин тасвири маликаи Рум аст.

Фағфур аз ин сухан бисёр хуш шуд ва гуфт, ки имрӯз касеро ба тарафи Рум бояд фиристод, ки маликаро барои мо бихоҳад.

Вазир гуфт, ки малика бо худ аҳд кардааст, ки ҳаргиз шӯй нахоҳад кард.

Фағфур гуфт:

– Маликаро дар ин чӣ роз аст?

Вазир он чӣ аз он сайёҳ киссаи товус шунида буд, баён намуд.

Фағфур гуфт:

– Чӣ бояд кард?

Вазир гуфт:

– Агар ҳукм шавад, ман равам ва тасвири ту ба ӯ намоям. Чунон ки дар хоб ту бар сурати ӯ ошиқ шудӣ, ӯ дар бедорӣ ба ту ошиқ шавад.

Фағфур гуфт:

– Неқӯ бошад.

Вазир дарҳол рухсат шуд ва ба тарафи Рум рафт ва худро ба накқоши машҳур кард. Чун малика хабари ҳунари ӯ шунид, фармуд, ки ӯро биёред, то

дар хонаи ман нақшбандӣ кунад ва ҳар сурате, ки тавонад, дар айвони ман нигорад.

Вазир дар айвони малика рафт ва тасвири фағфуру ҷонварон дар кӯшке нақш кард. Малика чун он тасвир дид, мутааҷҷиб шуд ва пурсид, ки ин тасвири кист ва ин ҷой кадом аст?

Вазир гуфт:

– Тасвири фағфури Чин аст ва ин кӯшки ӯ ва ин ҷонварон оҳувону бачагони ӯанд. Рӯзе фағфур бар болохона нишаста буд, зери манзар оҳуе бача оварда. Иттифоқан, сели дарё даррасид. Модаи оҳу тоби он об наёварда, монанди бедард аз бачагон ҷудо шуд ва он сурати мода аст, ки мегурезад. Лекин нар аз ниҳояти дард наздики бачагон монд ва бо бачагон ғарқ шуд. Эй малика, аз он рӯз, ки фағфур аз он мода инчунин бедардӣ дид, номи зан намегирад.

Малика чун ин ҳикоят бишунид ва қиссаи фағфур ҳамчу қиссаи худ дид, гуфт:

– Эй нақкош, аҳволи подшоҳ ҳамчу ҳоли ман менамояд. Ман бераҳмии товуси нар дида, тарки мард кардам ва ӯ бедардии модаи оҳу дида, номи занон намегирад. Агар миёни мову ӯ муноқаҳат шавад, чӣ хуш бошад.

Алқисса, рӯзи дигар малика расуле бари фағфури Чин фиристод ва худро дар никоҳи ӯ ризо дод.

Тӯтӣ чун ин ҳикоят то ин ҷо расонид, бо Хуҷаста гуфт, ки эй кадбону, ту мегӯй, ки ман тарки дӯст кунам, агар касеро ин даъвӣ мустақим шудӣ, маликаи Рум бо фағфури Чин шодӣ накардӣ. Ту низ бархезу ҷониби дӯсти худ равон шав.

Хуҷаста хост, ки ҳамчунон равон шавад, дарҳол хурӯс овоз карду субҳ зоҳир шуд, рафтани ӯ мавқуф гардид, дар бистар хуфт.

ДОСТОНИ ШАБИ СИВУ ЧАҲОРУМ
ГАВАЗНУ ЯК ДАРОЗГӮШ ВА ГИРИФТОР ШУДАНИ ОНҲО

Чун офтоб гуруб шуд ва моҳ баромад, Хуҷаста ба талаби иҷозат бари тӯтӣ рафт ва гуфт:

– Эй маҳрами роз, ман чунин шунидаам, ки Умар ибни Абдулазиз на дар шаб хуфтӣ, на дар рӯз. Ӯро гуфтандӣ, ки чаро вақте нахуспӣ?

Гуфт: – Агар дар шаб хуспам, ибодати худо нашавад ва агар дар рӯз хуспам, раият хароб шавад, бинобар он намехуспам.

– Эй тӯтӣ, ман низ метарсам, ки агар фармонбардории дӯст кунам, шӯй аз даст равад ва агар дар ахди шавҳар бошам, дӯст озурда ва ранҷида шавад ва мехоҳам, ки тарки ҳар ду кунам ва дар пардаи исмат бошам.

Тӯтӣ гуфт:

– Эй Хуҷаста, исмат матлуб аст, аммо ҳар чизеро вақтест. Дар ин вақт [он] ҳамчунон нохуш менамояд, ки аз он дарозгӯш суруд нохуш намуда буд.

Хуҷаста пурсид, ки он қисса чӣ гуна будааст?

ҲИКОЯТ

Тӯтӣ гуфт:

– Чунин гӯянд, ки вақте дарозгӯш бо гавазне дӯстӣ дошт ва дар чарогоҳ

якчоя будандй. Шабе дарозгўшу гавази дар замони рабеъ мечариданд. Ногоҳ дарозгўш хуш шуд ва гуфт:

– Эй гавази, дар чунин шаби хуш, ки боғ атрбез аст ва хаво мушкрез аст, агар ман суруд намоям, чй хуш бошад?

Гавази гуфт:

– Эй дарозгўш, ин чй сухан аст, ки ту мегўй? Ту сухан аз полону гозур бигў. Ҳеч овоз аз овози ту дурушттар нест. Харро бо суруд чй кор? Ману ту дар ин боғ ба дуздй омадаем. Агар ту ин дам дар ин боғ дар бонг ойй, боғбон бедор шавад ва мардумони дигарро овоз дихад, пас ману ту гирифтор шавем. Ва ин бад-он монанд аст, ки вакте дузде чанд дар хонаи давлатманде рафтанду дар гўшаи хона як каробаи пур аз шароб ёфтанд ва оиро гирифта пеши худхо ниҳоданд ва гуфтанд: «– То вакти дуздй шавад, ҳоло шароб бихўрем». Чун бихўрданд, гавго карданд ва суруд намуданд. Худованди хона бедор шуда, ходимони худро чамъ кард ва дуздонро гирифту баст.

Дарозгўш гуфт:

– Ман шаҳриам ва ту биёбонй ва кадри суруд чй донй? Ман суруд хоҳам кард ва туро ба шунидан чй мешавад?

Алкисса, дарозгўш суруд огоз кард ва боғбону соҳиби хона бедор шуд ва хар дуро баст.

Тўтй чун ин сухан тамом кард, Хучастаро гуфт, ки эй кадбону, хар кй мувофики вакт кор накунад, чунин бинад. Ту хама [вакт] вактро нигоҳ дор ва бархезу зуд чониби дўсти худ бирав.

Хучаста хост, ки биравад, ҳамон дам хурўс овоз карду субҳ зоҳир шуд ва рафтани Хучаста мавкуф гардид.

ДОСТОНИ ШАБИ СИВУ ПАНҶУМ
ЯК ПОДШОҲУ ОШИҚ ШУДАНИ Ў ВА КУШТА ШУДАНИ ХУҶАСТА АЗ ДАСТИ МАЙМУН

Чун офтоб ба Магриб рафт ва моҳ аз Машриқ баромад, Хучаста бари тўтй рафт ва гуфт:

– Эй тўтй, чанд шаб аст, ки пеши ту меоям ва бе мурод меравам. Ҳаки намаки ман нигоҳ дор ва чандин намак дар реши ман марез, чалд маро ичозат дех!

Тўтй гуфт:

– Эй кадбону, имшаб ба хар тавре ки тавонй, чониби дўст худро расон. Лекин агар гайре аз ман бар рози [ту] хабардор шавад, он тадбир бикун, ки духтари кайсари Рум бо он пиздомании худро зоҳир сохт. Хучаста пурсид, ки он чй гуна бувад?

ҲИКОЯТ

Тўтй огоз кард, ки вакте подшоҳе буд наздики вилояти Рум. Рўзе вазир ба подшоҳ гуфт, ки кайсари Рум духтаре дорад моҳрў. Агар он духтар ба подшоҳ бидихад, хуб аст.

Подшоҳ сухани хуши вазир биписандид, дарҳол расуле бе тўҳфа назди кайсари Рум фиристод ва дархости духтар намуд. Кайсари Румро ин сухан хуш

наёмад. Расул бе мақсад бозгашт. Подшоҳ бо лашкари бисёр тарафи Рум рафт ва мулкро хароб сохт. Чун қайсари Рум очиз шуд, духтари худро ба подшоҳ дод. Духтарро аз шўи аввал писаре буд. Қайсари Рум бо духтари худ гуфт:

– Ту ҳаргиз ин зикр пеши подшоҳ накунй.

Духтар чун ба хонаи подшоҳ омад, ҳамеша аз чудоии фарзанд дар ғам мебуд ва мехост, ки ба касе тавре зикри фарзанд ба ҳузури подшоҳ намояд

Иттифокан подшоҳ рўзе пур аз чавоҳир дурче ба ў бахшид.

Зан гуфт:

– Назди падари ман ғуломест, илми шинохтани чавоҳир хуб донад. Агар ў ин лаҳза ин чо мешуд, аз неку бади чавоҳир ба тафсил мегуфт.

Подшоҳ гуфт:

– Агар аз падари ту он ғуломро бихоҳам, маро бидиҳад?

Зан гуфт:

– Не, зеро ки: ўро ба чои писар парвардааст. Агар подшоҳро орзуи ўст, то ман бозаргоне тарафи ў фиристам ва нишони худ ба-д-ў бидиҳам ва ба ваъдаи бехтаре ўро умедвор намоям, шояд биёяд.

Пас подшоҳ бозаргони доно маа моли тичорат чониби Рум фиристод. Духтари кайсар бо бозаргон гуфт, ки ў ғулом нест, фарзанди ман аст. Барои маслиҳате бо подшоҳ гуфтаам, ки ғулом аст. Бояд ки ўро чун ғулом наёрй.

Алқисса, бозаргон баъди чанд рўз ўро ба ҳазрати подшоҳ овард. Подшоҳ чун рўи ўро дид ва ҳунари ўро мушоҳида кард, бисёр хуш шуд ва бозаргонро хилъату инъом дод. Модари ў аз дур ўро медид ва ба саломе ва паёме хуш мебуд.

Иттифокан рўзе подшоҳ барои шикор рафт. Зан фарзанди худро андарун талабида, сару рўи ў бибўсид ва ғами гузашта ба ў гуфт. Дарбон ба-д-ин асрор мутталеъ шуд. Ўро гумон бад шуд.

Подшоҳ чун бозомад, пурсид. [Ў] он чй дида буд, ҳама бигуфт. Подшоҳ барошуфта дар дили худ гуфт, ки ин зан ба макр маҳбуби худро ил чо талабидааст. Дарҳол даруни ҳарам рафт. Зан ба фаросат дарёфт, ки аҳволи дўшина подшоҳро маълум шуда, гуфт:

– Чаро мутафаккир ҳастй?

Подшоҳ гуфт:

– Чаро мутафаккир нашавам, ки ту ба макр маъшуқи худро аз Рум ин чо талабидй ва бо ў ҳамбистар шудй?! Ин чй шўҳй ва бешармй буд?!

Хост, ки ўро сиёсат кунад, лекин чун бар ў ошиқ буд, сиёсат накард. Бо худ гуфт, ки кинаи худ аз кўдак бояд кашид. Пас якеро фармуд, ки ин ғуломро дар як гўшае бибару дарҳол сарашро аз бадан чудо кун!

Он мард чун ўро аз он чо бурд, ба ў гуфт:

– Эй кўдак, туро маълум набуд, ки [ў] зани подшоҳ аст? Чаро андарун рафтй?!

Гуфт:

– Ман фарзанди хиқиқии он зан аз шўи дигар ҳастам ва ў модари ман аст, аз шарм ба подшоҳ нагуфт. Агар бикушй ва гар накушй, ихтиёри туст, он чй рост буд, ман гуфтам.

Кушанда чун ин сухан бишунид, меҳрубонӣ бар ӯ ғолиб шуд, бо худ гуфт, ки шояд рӯе ин роз ба подшоҳ зоҳир шавад ва кӯдак аз ман бихоҳад, он вақт пушаймон гардад. Бехтар он аст, ки чанд рӯз кӯдакро набояд кушт. Алкисса, онро накушт ва рӯи дигар пеши подшоҳ рафту гуфт, ки кӯдакро куштам.

Подшоҳро андаке гусса кам шуд, лекин эътимоди зан намонд. Духтари кайсар ҳайрон шуд, ки ин чӣ пеш омад: писар кушта шуд ва шӯй аз даст рафт.

Дарунӣ хона зане буд пир. Рӯе бо духтари кайсар гуфт, ки туро мутафаккир мебинам. Ӯ тамоми қиссаи худ бо зани пир гуфт. Зани мазкур гуфт:

– Хотир ҷамъ дор, чунон ҳила хоҳам кард, ки дили подшоҳ аз ту хуш хоҳад шуд.

Духтари кайсар гуфт:

– Эй модар, ин дарди маро давое кун, ман доману ҷайби ту пур аз ҷавоҳир хоҳам кард.

Алкисса, рӯзе пиразол подшоҳро танҳо дида, пурсид ки подшоҳро мутафаккир мебинам. Подшоҳ гуфт:

– Эй модар, маро дардест ногуфтанӣ ва он ин аст, ки зани ман гуломеро, ки ошиқи ӯ буд, аз Рум талабид. Ман он гуломро куштам, аммо дили ман намехоҳад, ки занро бикушам. Зеро ки рост аст ё дурӯғ [маълум нест].

Зани пир гуфт:

– Ман таъвизе дорам. Чун зани ту хоб шавад, бар синаи ӯ бинеҳ, ҳар чӣ хоҳад буд, дар хоб рост хоҳад гуфт.

Подшоҳ гуфт:

– Зуд он таъвизро биёр.

Зани пир дарҳол таъвиз бар подшоҳ дод ва назди духтари кайсари Рум рафту гуфт:

– Подшоҳ чун таъвизро бар синаи ту ниҳад, ту худро дар хоб сӯзу он қисса тамом рост бигӯй.

Чун посе аз шаб бигузашт, подшоҳ он таъвизро бар синаи зан ниҳод. Зан қиссаи шӯи собиқ ва писари худ як-як гуфт. Подшоҳ чун қисса бишунид, рӯй ва мӯи зан бибӯсид ва гуфт:

– Чаро ин роз ба ман нагуфтӣ?

Зан гуфт:

– Маро шарм омад.

Подшоҳ дарҳол кушандаи кӯдакро талабид ва гуфт:

– Кӯдакро, [ки] ту куштӣ, гӯри ӯ кучост?

Он мард гуфт, ки ӯро то ҳанӯз накуштаам, ӯ зинда аст. Пас подшоҳ бисёр хуш шуд, дарҳол кӯдакро талабид ва биёварда ва модараш чун писарро дид, дар канор гирифт ва шукри худо гуфт.

Чун тӯтӣ сухани он ин чо расонид, бо Хучаста гуфт, ки эй кадбону, туро низ агар ҳеҷ мушкил пеш ояд, ба чунин ҳила покии худ зоҳир кун. Аммо барҳазу чониби дӯсти худ бирав. Хучаста хост, ки биравад, дарҳол хурӯс овоз кард, субҳ зоҳир шуд, рафтани ӯ мавқуф гардид. Иттифокан ҳамон рӯз Маймун аз сафар боз омад.



ЛУҒОТ

А

Абиои чинс – ҳамчинсон, ҳаннавъон, ҳамнишинон, ҳамсӯҳбатон.
Аби – ёри, мададгорӣ.
Авразгзебӣ – як навъ порча.
Адвия – ҷамъи даво, дорухо.
Алтоф – ҷамъи лутф.
Аник – чукур.
Аморӣ – качова, тахти равон.
Амсол – ҷамъи мисл, масал.
Анба – навъи меваест, ки дар Ҳиндустон мерӯяд.
Анвоъ – ҷамъи навъ.
Анҳариб – ба қариби, ба зудӣ, ба наздикӣ.
Аркон – ҷамъи рукн – сутунҳо, пояҳо; мачозан бузургон, сардорон.
Арса – муддат.
Атиббо – ҷамъи табиб – табибон.
Атфол – ҷамъи тифл – кӯдакон.
Афифа – покдоман, боҳаё, шармгин.
Ашрафӣ – як навъ пули тиллой.
Ашчор – ҷамъи шачара – дарахтон.
Аъиё – аъне.
Аъробӣ – араби бодиянишин.
Агёр – ҷамъи гайр – бегонагон.
Акдас – мукаддас, поктар, покизатар.
Аксом – ҷамъи қисм.
Ахлия – зан, оила.
Ахёнан – баъзан, гоҳо, иттифокан, тасодуфан.
Ачнос – ҷамъи чинс; чизу чорахо, молҳо.

Б

Балр – моҳи пурра, моҳи чахордахшаба.
Балсират – бадахлок, аблах, бемаънй.
Байза – тухм.
Балх – номи шахре, ки дар қисми шимолии Афғонистон вокеъ гардидааст.
Барахман – ҳаким ва донишманди ҳиндй, начиб ва асилзодаи ҳиндувон, пир ва пешвои бутпарастон.
Бард – сармо, сардй, хунукй.
Басотин – ҷамъи бӯстон – богҳо.
Бевукуф – нодон, бефикр, бетачриба.
Билмушофаха – рӯ ба рӯй, шахсан.
Билод – ҷамъи балад (балда), яъне шахрҳо, мамлакатҳо, кишварҳо.
Билфеъл – дар ҳақиқат, дар айни замон, дар вокеъ.
Билъшшйи ва-л-шрок – шому сахар, доиман, ҳамеша.
Бобул – номи шаҳри кадимае, ки дар Ирок вокеъ гардида будааст.
Боварчй – ошпаз.
Боварчихона – ошпазхона.
Бозаргон – савдогар.
Бонот – матои пашмй, либоси зебо.
Бофта – як навъ матои пахтагй.
Булдон – ҷамъи балад, яъне шахрҳо, кишварҳо.
Букаламун – рангоранг, гуногун.
Бӯзина – маймун.
Бҳилистон – шояд шакли точикй кардашудаи Бҳилсо ном мавзеи Ҳиндустон бошад.

В

Варгалонидан – гумроҳ кардан, барангехтан, даъват кардан.
Вило – наздикй, айём, вакт, муддат.
Вомонда – очизмонда, заифшуда, нотавон.

Г

Гав – чукурй, чох.
Ганчур – хазинадор, сохиби ганч.
Гетиявард – чахонгард, сайёх.
Гозур (гозар) – чомашӯй, либосшӯй.
Гузидан – интихоб кардан, писандидан, ихтиёр намудан.
Гулобй – навъе аз мурул, нок.
Густох – бедаб, бепарво, бебок, часур.

Ғ

Ғулот – ҷамъи голй – нархҳои гарон, киматҳои зиёд; никоят кимат.
Ғумум – ҷамъи гам.
Ғурабо – ҷамъи гариб.
Ғуруб – ғурӯ рафтан, аз назар гоиб шудан.

Д

Дабба – зарфи чармй ё филизй, занбил.
Дайр – киноя аз дунё, чахон.
Дайчур – торикй, сиёхй, торикии шаб; шаби

дайёур – шабеҳ шиканат тормк.
Дахмола – зичи мейнправу маккор.
Дағч – фиребгарй, нороствй, макру хила.
Дебо – порчаи нафиси абрешимй, харир.
Дера – хона, манзил, хайма, чодир.
Деҳ – пули майдани Хиндй, ки баробари чоряки рупия будааст.
Дорусалтанат – шахри марказй, пойтахт.
Дурч – синдучак, ки дар он чавохиротро нигох медоранд.
Душанба – шанбе гузаштя, дишанба.

З

Забх – сар буридан.
Завол – камй, зиён, зарар, нуксон, охир; рӯ ба харобй никодан.
Зимол – сохибмол, молдор, давлатманд.
Зиҳ – тӯша, хӯрок.
Зуруф – чамъи зарф.

И

Ибтидоч – шодй, хурсандй.
Илло – магар, ба чуз, гайр аз, магар ин ки...
Илтиём – сиҳат шудан, дуруствшавй, ба ҳам омадан.
Илхоҳ – зорй кардан, илтичо намудан; илтимос ва дархост.
Имтиноъ – манъ кардан, рад кардан, ҳудорй кардан, накостан.
Инбисот – шодй, хуррамй.
Инос – чамъи унс, ҳъне занон.
Инсоф – нигоҳдорй, мададгорй, дасттирй.
Инфиком – чудо шудан; чудой, дурй.
Инфисол – аз ҳам чудо шудан; чудой.
Инқиёз – ба охир расидан, анчом ёфтан: охир, поён.
Ионат – кӯмак кардан, ёрй намудан: ёрмандй, ёрй.
Ирсол – фиристодан.
Иртибот – робита, алока, муносибат, пайвастагй.
Иртиҳч – шод шудан, хурсанд шудан, ором гардидан.
Исмат – покдоманй, бегуноҳй.
Исо – номи вологузори дини насроний.
Истиолат – ҳоил кунонидан, дилчӯй кардан, ба тарафи худ чалб намудан.
Истимоъ – шунидан, гӯш додан.
Истиоб – фаро гирифтан, дар бар гирифтан, аз худ кардан.
Истифсор – чустучӯ кардан, пурсидан.
Истиғфор – тавба кардан, афв хостан, бахшоиш гуноҳро хостан.
Иъён – нофармонй, саркашй, гунох.
Иттисол – ба ҳам расидан, пайвастагй, иттиҳод, якдилй.
Ифо – вафо кардан, ичро намудани ахду паймон.
Иффат – покдоманй, порсой, парҳезгорй.
Ихфо – махфй доштан, пинхон кардан, пӯшида доштан.
Ишфоқ – шафкат, меҳрубонй.
Ичобат – кабул кардан, пазируфтан.

К

Каноф – кайфиятҳо, ахволо.
Кадхудо – сохиби хонаву чой, сардори ома, хонадор, ҳиндор.
Кайд – макр, хила, фиреб.
Карекурат – зиштсурат, бадшакл, бекеб.
Карин – сахй, чавонмард, баландҳиммат.
Карохат – нафрат, бад омадан.
Касир – зиёд, бисёр.
Кафтор – як навъ хайвони вахшии сагмонанди зоилахӯр.
Каххор – тоифае аз табакаи поёни мардуми Хинд.
Кизб – дурӯг, фиреб.
Комру – номи шахре дар Хиндустон, ки дар наздикии Бангола чойгир шудааст.
Кофур – моддаи хушбӯи сафедтоб, ки дар тиб кор фармуда мешавад: сафед, сафедранг.
Кох – каср, иморат.
Курниш – сачда ва таъзим, ситоишу ибодат.
Курӯҳ – сеяки фарсанг, 2 км.
Кутвол – калъабон, сардори миршабхо.
Куштй – гуштия, гуштингирй.
Кӯшк – каср, бинои балаиду бохашамат.

К

Кабохат – зиштй, бадй.
Казия – хукм, фармон, хабар, вокеа; чангу чидол.
Кайсар – подшохи Рум, лакаби подшохони империя Рим ва Юнони Кадим.
Калил – камтар, андак.
Карроба – шиша, суроҳй, чом.
Кария – деҳа, ободй.
Кобу – фурсат, вакти муносиб.
Кофила – гурӯҳи одамони саворияу пиёда, ки якчоя ба сафар мераванд, корвон.
Кутий – як навъ матоъ, ки аз пахта ва абрешим тайёр мекунанд.

Л

Лаъл – бозй, хушй.
Лайлу нахор – шабу рӯз.
Лак – сад хазор.
Лико – рӯй, симо, мулокот, вохӯрй.
Лихозо – барои ин, ба чихати ин, аз ин сабаб.
Лочор – ночор, ноилоч.
Лутбат – лутфхо.

М

Маа – бо, ҳамроҳи...
Маболиғ – ҷамъи маблағ, пули зиёд.
Мавадцат – дӯстӣ, муҳаббат.
Мавфур – фаровон,бисёр, зиёд.
Мавқуф – боздошташуда, пасгузошта, ба вақти дигар монондашуда.
Мадфун – дафнкардашуда, гӯронидашуда.
Мазбур – навишташуда, дар боло номбаршуда.
Мазбут – мустаҳкам, сахт, басташуда.
Маймун – муборак, хучаста, нек.
Мамар – восита, роҳ, хусус, бобат: аз ин мамар – аз ин ҷиҳат, аз ин хусус.
Мамолик – ҷамъи мамлакат.
Манзар – тамошогоҳ: даричаи болохона, ҷойгоҳи баланд.
Манол – бойгарӣ.
Маркум – навишташуда, зикр кардашуда.
Масаррат – шодӣ, хурсандӣ.
Масдуд – басташуда, бастан, банд кардан, банд.
Маснад – чойгоҳ, нишастангоҳ.
Масрур – шоду хурсанд, хушҳол.
Мастур – навишташуда, кайдшуда, тасвиргардида.
Масх – дигар шудани сурат ба шакли зиштгар, табдил ёфтани шакл.
Матбахӣ – ошпаз.
Матолиб – ҷамъи матлаб.
Махлас – халосӣ, раҳоӣ, начот.
Машрӯҳ – шарҳ додашуда, баён кардашуда: машрӯҳан – ботафсил.
Маъзул – бекор кардашуда, аз кору мансаб дур кардашуда.
Маънит – ҳамроҳӣ, якчоягӣ; меҳрубонӣ, тарафдорӣ.
Маъсият – гуноҳ, кори ношоиста.
Маъҳуд – расмшуда, пештара, маъмул.
Магмум – гамгин, андӯҳгин.
Мақдур – мувофики қудрату имкон, ба қадри тавоной.
Мақсум – қисмат кардашуда, тақдир кардашуда.
Мақтул – кушташуда.
Маҳзуз – бахраманд, хурсанд.
Маҳибтарин – сахмноктарин, даҳшатноктарин, боҳайбаттарин.
Маҳкум – тобеъ, фармонбардор.
Мачнун – девона.
Меҳтаљьат – офтобчеҳра, хушрӯй.
Монд – ваъда, аҳд.
Михан – ҷамъи меҳнат- азоб, ранҷ, машаққат,- мусибат, бало.
Мозӣ – гузашта.
Муаннас – чинси занона, мода.
Муаттал – бекор, бекоршуда.
Мубайин – баён ва равшан кардашуда; ошкор, возеҳ.
Мувосалат – бо ҳам васл кардан, бо ҳам пайвастан.
Мудаввар – доирамоманд, гирд.
Музоика – душворӣ, сахтӣ, тангӣ, дарегдорӣ.
Музоҳамат – заҳматрасонӣ, иҷроҳат кардан, ҳалал расонидан.
Мутаҳриб – ошуфта, парешон, бекарор.
Музға – гизо, пора, лукма.
Мулоқӣ – мулокоткунанда, воҳӯранда.
Мултамас – илтимос, хоҳиш, талаб.
Мулҳақ – пайваста, ҳамроҳ, якчоя.
Мумонлайҳ – дар боло ишорашуда, пештар зикрёфта.
Мундафеъ – дафъшуда, дур кардашуда.
Мунокаҳат – никоҳ, никоҳ кардан, зану шӯй шудан.
Мунофиқ – одами дурӯя.
Мунсиф – боинсоф, одил, бовичдон.
Мунфаил – шарманда, хичил.
Муовадат – баргаштан, бозгашт, бозомадан.
Муованат – ёрӣ, кӯмак, дастгирӣ, мададгорӣ.
Муонна – бо чашми худ дидан, рӯ ба рӯ дидан; аён, ошкоро.
Муонид – душман, бадхоҳ.
Муоф – афв кардашуда, бахшидашуда.
Мурассаъ – бо сангҳои қиматбаҳо ороставшуда, зинат додашуда.
Мурофақат – бо ҳамдигар дӯсту рафиқ шудан; ҳамроҳӣ, рафокат.
Муртафеъ – аз миён бардошташаванда, бартарафкардашаванда; дафъ.
Мусалло – ҷойнамоз.
Мустадом – давомнок, ҳамешагӣ, доимӣ.
Мустанд – омада, тайёр, хозир.
Мустагосӣ – додхох, ёриҷӯй.
Мустақбал – оянда.
Мустақим – рост, устувор, дуруст, сахех.
Мустаҳақ – сазовор, лоиқ.
Мутаарриз – эътирозкунанда, мукобилаткунанда, диккаткунанда.
Мутаваккеъ – умедвор, хоҳишманд.
Мутакосир – бисёр, фаровон, такрор.
Мутамассил – гувоҳун, ҳарҳела.
Мутарадлидхотир – парешонхотир, бетокат, андешаманд.
Мутоъба – ҳазл, шӯхӣ, хушгӯй.
Мутталеъ – хабардор, огох.
Муттасил – пайваст, ҳампаҳлӯ; пай дар пай.
Муттафиқ – иттифоккарда, якдилу якзабон.
Муфлис – камбагал, бенаво.
Муфоракат – аз ҳам чудо шудан, чудой, фирок.
Мушаччар – навъе аз матои абрешимӣ, ки на-

кашонид ба шакли дарахт кашида шудаанд.
Мушоруҳайбат – ишора кардашуда, зикргардида, шакли зикршуда; одами мўътабир.
Мухайиз – пойгоҳ, гирифтор.
Мучаррад – танҳо, ожид.
Мучиб – тарз, равиш; ба мучиби – дар асоси, мувофиқи.
Мухтоҷ – ҳиҷлагар, маккор.

Н

Надомат – пушаймонӣ, афсўс, таассуф.
Начиса – номақ, мактуб.
Накд – пули навқуда; пул ва тиллои холис.
Нахлф – заиф, суст, кам.
Наччор – дурадгор, чўбтарош.
Нилам – навъе аз чавоҳир.
Нисбӣ – фаромўш кардан, аз ёд баровардан.
Носих – насихаткунанда, панддиҳанда.
Ночӣ – начотёфта, начотёбанда.
Нузул – фуруд омадан, поин омадан.
Нучум – чамъи нақм, яъне ситорагон.

О

Обид – ибодаткунанда.
Ориз – гиштан – реша омадан, рўй додан, пайдо гардидан.
Осор – вохиди вазн.

П

Паланг – мачозан тахти хоб, кат ё чорпоя чўбин.
Паланҷўш – чодар, палос ё рўпўши рангоранг.
Паритмсол – парисурат, мисли пари зебо.
Пергола – мотои пахтагини сафедиокарда.
Пойкона – хочатхона.
Полакӣ – качова, тахти равоне, ки хокимону давлатмандони Ҳиндустон ба он савор мешаванд.

Р

Рабеъ – баҳор.
Раоё – чамъи райят – марзумон, тобеон.
Рафохият (рафоҳат) – осудагӣ, хушҳолӣ,осоиш.
Рафъ – бардоштан, бартараф кардан.
Рахе – сир.
Рикоби – табак, лаълӣ.
Рисола – номе, хат, мактуб.
Рой (роча) – ҳоким, подшоҳ, лақаби подшоҳону фармонравоёни Ҳиндустон.
Ройи ройон – сардори ройён, шохи шоҳон, шоҳаншоҳ.
Ротиб – номаи хокин.
Рум – номи қадими империяи Рум, номи қисмати хирўнии Осиёи Хурд.
Рузнома – мудди кори якрўза, маошн якрўза.

С

Сабоҳ – рох.
Саломиа – ибодаткунанда, хучраи барои ибодат

Саид – хушбахт, хушҳолеъ, бахтиёр.
Сакина – сокинон, бошандагони.
Салаф – гузашта, пешгузашта.
Самоат – шунидан, гўш кардан.
Сандал – як навъ чўби хушбўй ва рангин.
Сарея – зуд, теғу тунд.
Сарроф – заршинос.
Сахимулбадан – саҳил, очиқ, ноткавон.
Сахи – ҳайбат, тарс, бим.
Саччода – чойнамоз.
Сиблат – бурут, мўйлаб.
Сивои ин – ғайр аз ин, ғуз ин.
Сипарй – ба поён расида; тамомшуда: сипарй
Сохтан – ба охир расонидан.
Сонр – сайркунанда, раванда.
Салор-сардор, сарлашкар, фармондеҳ, пешво.
Салусона – маккорона, фиребгарона.
Сотур – табарча, теша, кэрди калон.
Сойй – саъйкунанда, кўшишкунанда.
Сохибколо – сохиби молу матоъ ва бойгарй.
Сулаймон – номи яке аз пайғамбарони банй Исроил, ки мувофиқи ривоятҳои динй ғўё тамоми девону парйён дар зери фармони ў будаанд ва тахти ў бар ҳаво мерафтааст.
Сумбул – гиёҳи сабзинбарге, ки гулаш хушбўй ва халқа-халқа буда, дар тиб барои муолиҷаи баъзе касалиҳо истифода бурда мешавад.

Т

Тааб – ранч, азоб, сахтй.
Тааддй – чабру ситам, ўрйгарй, зулм.
Табаристон – яке аз вилоятҳои Эрон, ки дар қисмати ҷанубии баҳри Каспий, вокеъ гардида буд.
Табех – харобй, вайрон.
Таворих – чамъи таърих.
Тахаррй – мурғи дашт.
Тахлиф – кулфат, азоб, чабр.
Талаттуф – лутф, мехрубонй.
Таокуб – таъкиб намудан, дунболагирй, дунбол.
Тариқ – рох, равиш.
Тасаъ – ташвиш, дарди сар.
Таслиф – ранчу азоб кашидан.
Тасовир – чамъи тасвир.
Тастир – ситрпуша, пинҳонтан, ба қалам овардан.
Тафаззулот – лутфу мехрубонихо.
Тафаххус – чустучў кардан, пурсидан; кофтуков, чустучў.
Тафриқ – фарқ кардан, чудо кардан, чудой.
Таҷаммб – адаболмўзй; адаб додан, чизо додан.
Таҷаммб – азоб додан, озор додан.
Таҷчиз – шитоб.
Таҳқир – хато, кўтоҳй, нуқсон, гунох.

Тачвиз – чоиз донистан, раво доштан, озмоиш.
Тило кардан – молидан, марҳам кардан.
Тихдаст – дастхолӣ, камбағал, нодор.
Тичорат – савдогарӣ.
Тобдон – чарогдон, шамъдон, сокин.
Тонр – паранда, мурғ.
Толоб – ҳавз ё кӯли калон.
Томеъ – тамаъкор, ҳарис.
Точир – савдогар.
Тулӯъ – баромадан, баланд шудан.
Тумаъвинат – осоиш, қарор, оромиш.
Туччор – чамъи точир, яъне савдогарон.

У

Убудият – бандагӣ, хидматгузорӣ, садоқат ва эҳтиром.
Умар ибни Абдулазиз – халифаи ҳаштуми Умавӣ, ки солҳои 717 – 720 дар Димишқ ҳукмроний кардааст. Мувофиқи маълумоти ривоятҳо ӯ ҳукмрони адолатпеша ва ниҳоят диндор будааст.
Умда – бузург, асосӣ, калон, боэътимод.
Умур – чамъи амр – корҳо, амалҳо: фармонҳо, шуғлҳо; умурот – чамъи умур.
Урза – ҳиммат, лаёқат: ҳила.
Устура – тег.

Ф

Фавҷ – даста, гурӯҳи мардум, дастаи муайяни лашкар.
Файзгавчур – неку бобаракат, фаровонбахш.
Файзмаоб – мӯҳтарам, бузургвор, оликадр.
Файзмаъмур – бисёр ободу нек.
Файсал – ба анҷом расонидан, ҳал кардан, катъ кардан.
Фаръ – шоҳ, шохи дарахт.
Фархатафзо – фараҳафзо, хурсандибахш.
Фатонат – зиракӣ, доноӣ, ҳушёрӣ.
Фағфур – лақаби подшоҳони қадими Хитой.
Фаҳво – маънӣ, мазмун, мақсад.
Фаҳмонш – панду насиҳат, тарбият.
Филвоқеъ – дар воқеъ, дар ҳақиқат.
Филфавр – дарҳол, ба зудӣ.
Филҳол – дарҳол, ба зудӣ, фавран.
Фимобайн – дар байн, дар миёна.
Фирӯй – як навъ хӯрданиҳе, ки бо орди биринҷ ва ширу шакар луқмаҳо мекунанд.
Фитрат – ақлу заковат.
Фолуда (полуда) – як навъ ҳалвое, ки аз орд, қанд, асал ва нишоста мепазанд.
Фохира – бошукӯҳ, қиматбаҳо.
Фоқа – мӯҳтоҷӣ, нодорӣ, гуруснагӣ.
Фулус – як навъ пули сиёҳ, тангаи хурди мисӣ.
Фундук – як навъ чормағз, ки донаи хурди гирд дорад.

Х

Хайёт – либосдӯз, дӯзанда.
Халҳол – ҳалқаи тилло ё нукра, ки занон барои зинат ба соқи пой меандозанд.
Хуфия – махфӣ, пинҳон, пӯшида.
Хиёри чанбара – як навъ бодиринг, ки доирашакл аст.
Хизона – ҳазина.
Хон – дастарҳон.
Худованд – соҳиб, худо.
Хусравона – подшоҳона.
Хутут – чамъи хат, яъне мактубҳо, номаҳо; иборати хутут – услуби номанигорӣ.

Ҳ

Ҳаблулматин – ресмони маҳкам.
Ҳавелӣ – ҳавлӣ, хонаю чой, маскан.
Ҳаз(з) – баҳра, лаззат, хушӣ.
Ҳазрат – ҳузур, даргоҳ.
Ҳалолхӯр – намояндаи табақаи поёни аҳволии Ҳиндустон, ки ба корҳои паст машғуланд ва хӯрдани ҳама чизро раво мешуморанд.
Ҳаммол – борбардор, боркаш. . .
Ҳаросат – посбонӣ, нигоҳбонӣ.
Ҳасб (ҳасаб) – мувофиқ, мутобиқ, андоза, миқдор, равиш.
Ҳасбулҳукм – мувофиқи ҳукм, ба арм, ба фармон.
Ҳасин – соҳибҳусн, соҳибчамол, зебо, хушрӯй.
Ҳақир – хор, паст, нотавон, назарногир.
Ҳаччом – хунгир, чарроҳ, сартарош.
Ҳачомат – хунгирӣ; сартарошӣ.
Ҳиля – асбоби ороиш, зебу зинат, эсвар.
Ҳин – вақт, айём, ҳангом.
Ҳиндувона – тарбуз.
Ҳирфат – пеша, касб, ҳунар.
Ҳозо – ин, он.
Ҳорис – посбон, нигоҳбон.
Ҳосид – ҳасадбар, ҳасадхӯр, бадхоҳ.
Ҳочиб – дарбон, пардадор.
Ҳун – зар, як навъ пули тиллоӣ.
Ҳусул – ҳосил кардан, ба даст даровардан.
Ҳуфра – чоҳ, гор.

Ч

Чавкӣ – нигоҳбонӣ, посбонӣ.
Чавкидор – сардори посбонони шаб, сардори миршабҳо.
Чамон – бо нозу карашма роҳ рафтан, хиромон, хироманда.
Чандан – ниг: сандал.
Чарб – нарму мулоим, ширин.
Чобук – тозиёна, камчин.
Чӯбдор – посбон.

Ч

Чанги бўй – ях нахъ чормагзи хиндй.
Чалд – чибук, чуту чилик, туд.
Чалғўза – меваи писташакли дарахте, ки бо сеязбар монанд аст.
Часм – бахувват, калон.
Чах – мақом, мартаба, қадру шараф, эътибор.
Чоҳид – чаҳдкунанда, кўшишкунанда.
Чуд – бахшид, сиҳоват.
Чурм – гунох, хатой, айб.

Ш

Шакил – хушандом, зебо, кушруй.
Шасиб – сабр, токат, орсм.
Шаъа – нахъе аз матои хиндй.
Шодй – хурсандй; дар матн ба маъноп тўи арўсй ва тўи хонадоршавй омадааст.
Шоиъа – фарогиранда, дарбаргиранда, ягона ва ҳимрох шудан.

Э, Я

Эстироз – худдорй кардан, парҳез намудан, рўй гардонидан, канорагирй.
Яхмк – ногахон, бамохосг.

МУНДАРИҶА

АХЛОҚИ МӮҲСИНӢ

Дар шукр.....7
Дар сабр.....8
Дар хаё.....9
Дар иффат (порсой).....11
Дар адаб.....12
Дар олиҳиммати.....13
Дар азм.....14
Дар ҷидду ҷаҳд.....15
Дар субот ва истиқомат.....17
Дар адолат.....18
Дар афв.....26
Дар ҳилм.....28
Дар хулқу рифқ.....30
Дар шафқат ва марҳамат.....31
Дар хайрот ва мубаррот.....34
Дар саховату эҳсон.....35
Дар тавозӯъ ва эҳтиром.....44
Дар амонату диёнат.....46
Дар вафо ба аҳд.....48
Дар сидқ.....51
Дар инчоҳи ҳочат.....53
Дар таанни ва тааммул.....54
Дар машварат ва тадбир.....56
Дар ҳазму дурандеши.....58
Дар шучоат.....59
Дар ғайрат.....64
Дар сиёсат.....66
Дар таяққуз ва ҳибрат.....69
Дар фаросат.....72
Дар китмони асрор.....74
Дар иғтиноми фурсат ва талаби некномӣ.....75
Дар риояти ҳуқуқ.....79
Дар сӯҳбати аҳёр.....84
Дар дафъи ашрор.....87
Дар тарбияти хадам ва ҳашам(қисми аввал).....98
Қисми дуввум.....107

САРГУЗАШТИ ҲОТАМ

Огоз.....130
Ҳикояти подшоҳи хуросон ва духтари барзахи бозаргон.....133
Сафари якум.....158
Сафари дуввум.....174
Сафари саввум.....215
Сафари чорум.....240
Сафари панҷум.....260
Сафари шашум.....278
Сафари ҳафтум.....300

ТӮТИНОМА

Оғоз 235
Баён кардани тӯтии маймун достони тӯтии фаррухпайкро аз барои Хучастабону дар шаби аввал 338
Қиссаи шаби дуввум. Тӯтии маймун, ки ба чиҳати Хучаста баён мекунад 340
Достони шаби саввум 343
Достони шаби чаҳорум 348
Достони шаби панҷум 352
Достони шаби шашум 355
Достони шаби ҳафтум 358
Достони шаби ҳаштум. Зани тоҷир, ки ба макру кайд шавҳари худро ҳиҷил сохта чони хеш ба саломат бурд 360
Достони шаби нуҳум. Зани деҳқон, ки бар шахсе ошиқ шуд ва хусури худро шарманда кард 362
Достони шаби даҳум. Духтари тоҷир ва шағол 363
Достони шаби ёздаҳум. Шер ва барахман, ки тамаъ карда, чони худ дод 364
Достони шаби дувоздаҳум. Шери пир ва гурба 365
Достони шаби сездаҳум. Шопур - сардори гук [он] ва мор 366
Достони шаби чаҳордаҳум. Шере, ки як сиёҳгӯш чон ӯ гирифт 367
Достони шаби понздаҳум. Зарири порчабоф ва ноёрӣ кардани бахти ӯ 368
Достони шаби шонздаҳум. Чаҳор каси молдор ва муфлис шудани онҳо 369
Достони шаби ҳафтдаҳум. Подшоҳ шудани шағол ва кушта шудани ӯ 370
Достони шаби ҳаждаҳум. Башир, ки бо зане Чандар ном дӯстӣ карда буд 371
Достони шаби нуздаҳум. Тоҷир ва кушта шудани аспи модаи шахсе аз аспи тоҷир 372
Достони шаби бистум. Зане, ки ба ҳила аз дасти шер халос шуда буд 373
Достони шаби бисту якум. Подшоҳе ва писари ӯ ва як гуку мор 374
Достони шаби бисту дуввум. Қиссаи як тоҷир ва духтари ӯ ва гум шудани ӯ 376
Достони шаби бисту саввум. Қиссаи барахман, ки бар духтари ройи бобул ошиқ шуда буд 377
Достони шаби бисту чаҳорум. Писари ройи бобул ва ошиқ шудани ӯ бар духтаре 379
Достони шаби бисту панҷум. зане, ки чиҳати харидани шакар рафта бо баккол ҳамбистар шуд 380
Достони шаби бисту шашум. Духтари тоҷир ва кабул накардани подшоҳ ӯро 381
Достони шаби бисту ҳафтум. Як кулол ва навкар шудани ӯ пеши подшоҳе ва намудани шоҳ солори фавҷ ӯро 383
Достони шаби бисту ҳаштум. Шеру бачагони ӯ ва парвариш кардани ӯ бачаи шағолро 384
Достони шаби бисту нӯҳум. Як амир ва пиҳкои доштани ӯ морро дар остини худ 385
Достони шаби сиюм. Як сипоҳӣ ва заргар ва кушта шудани заргар чиҳати молу амволи касир 386
Достони шаби сиву якум. Як тоҷир ва задани ҳаччом барахманонро 387
Достони шаби сиву дуввум. Як гук ва замбӯру мурғ, ки пилро кушта буданд 388
Достони шаби сиву саввум. Фағфури чин ва ошиқ шудани ӯ ба хоб бар маликаи Рум 389
Достони шаби сиву чаҳорум. Гавазну як дарозгӯш ва гирифтор шудани онҳо 391
Достони шаби сиву панҷум. Як подшоҳу ошиқ шудани ӯ ва кушта шудани хучаста аз дасти маймун 392

ЭНСИКЛОПЕДИЯИ НАСРИ ТОҶИКУ ФОРС
(*«Ахлоқи Мӯҳсинӣ», «Саргузашти Ҳотам», «Тӯтинома»*)

Муҳаррири масъул
Б. Раҳматов

Таррох
А. Қурбонов

Ҳуруфчинии компютерии
Р. Мукаррамова ва *М. Диловаров*

Ороиши
П. Назаров

Мусаҳҳеҳон
М. Диловаров, А. Тошев ва *Н. Шарипов*

Ба матбаа 1. 12. 2009 супурда шуд. Ба чопаш 10. 12. 2009 имзо шуд. Коғази офсетии №1. Андозаи коғаз 70x100 1/16. Гарнитураи Times New Roman Tj. Чопи офсет. Чузъи чопии аслӣ 25, 25. Адади нашр 2000 нусха.
Нархи китоб шартномавист.

Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Каробоев 17

Матбааи «Шарқи Озод»
734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16

ISBN 978-99947-33-24-8



© САРРЕДАКСИЯИ ИЛМИИ ЭНСИКЛОПЕДИЯИ МИЛЛИИ ТОҶИК